# МУҲАҚҚИҚИ ҶАВОН

**ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН**

2023. №3

# МОЛОДОЙ ИССЛЕДОВАТЕЛЬ

**ТАДЖИКСКИЙ**
**НАЦИОНАЛЬНЫЙ УНИВЕРСИТЕТ**

2023. №3

# YOUNG RESEARCHER

**TAJIK NATIONAL UNIVERSITY**

2023. No3

**МАРКАЗИ**
**ТАБЪУ НАШР, БАРГАРДОН ВА ТАРҶУМА**
**ДУШАНБЕ – 2023**

**ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН**
**МАҶАЛЛАИ ИЛМИИ «МУҲАҚҚИҚИ ҶАВОН»**
**Муассиси маҷалла:**
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

***САРМУҲАРРИР:***

| | |
|---|---|
| **Хушвахтзода Қобилҷон Хушвахт** | *Доктори илмҳои иқтисодӣ, ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон* |

***МУОВИНИ САРМУҲАРРИР:***

| | |
|---|---|
| **Сафармамадов Сафармамад Муборакшоевич** | *Доктори илмҳои химия, профессор, муовини ректор оид ба илми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон* |

***МУОВИНИ САРМУҲАРРИР:***

| | |
|---|---|
| **Исмонов Кароматулло Бадридинович** | *Номзади илмҳои филологӣ, дотсент, директори Маркази табъу нашр, баргардон ва тарҷумаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон* |

**ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ**

| | |
|---|---|
| **Шерматов Нурмаҳмад** | *Доктори илмҳои техникӣ, профессор* |
| **Солиҳов Давлат Қуватович** | *Доктори илмҳои физикаю математика, профессор* |
| **Сатторов Абдуманон** | *Доктори илмҳои физикаю математика, профессор* |
| **Файзуллоев Эркин Фатхуллоевич** | *Номзади илмҳои химия, дотсент декани факултети химия* |
| **Валиев Шариф Файзуллоевич** | *Доктори илмҳои геологӣ-минералогӣ, и.в. профессор, декани факултети геологии ДМТ* |
| **Расулиён Қаҳҳор** | *Доктори илмҳои таърих, профессор* |
| **Кучаров Аламхон** | *Доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи назария ва адабиёти навини форсии тоҷикии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон* |
| **Дӯстов Ҳамрохон Ҷумаевич** | *Номзади илмҳои филологӣ, дотсент, мудири кафедраи забони адабии муосири тоҷикии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон* |
| **Нағзибекова Меҳриниссо Бозоровна** | *Доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи забоншиносии умумӣ ва типологияи муқоисавии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон* |
| **Муродов Мурод** | *Доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи матбуоти ДМТ* |
| **Низомова Тухфамо Давлатовна** | *Доктори илмҳои иқтисодӣ,профессор* |
| **Одинаев Фуркат Фарҳодович** | *Номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент* |
| **Сотиволдиев Рустам Шарофович** | *Доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор* |
| **Сафарализода Хучамурод Қуддус** | *Номзади илмҳои сиёсатшиносӣ, дотсенти кафедраи сиёсатшиносӣ* |
| **Раҷабов Имомиддин Ширинович** | *Номзади илмҳои сиёсатшиносӣ, дотсенти кафедраи сиёсатшиносӣ* |
| **Нуриддин Парвин Раймалихон** | *Номзади илмҳои сиёсӣ, дотсент* |
| **Хоҷиматова Гулчеҳра Масаидовна** | *Доктори илмҳои педагогӣ, профессор* |
| **Устоев Мирзо Бобоҷонович** | *Доктори илмҳои биологӣ, профессори кафедраи физиологияи одам ва ҳайвонҳо, факултети биологияи ДМТ* |

Маҷалла дар Маркази табъу нашр, баргардон
ва тарҷумаи ДМТ барои нашр таҳия мегардад.
Нишонии Марказ:
734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17.
**E-mail**: molodoy.issledovatel@mail.ru
Тел.: (+992 37) 227-74-41
ДМТ, 2023©

**ТАДЖИКСКИЙ НАЦИОНАЛЬНЫЙ УНИВЕРСИТЕТ**
**НАУЧНЫЙ ЖУРНАЛ «МОЛОДОЙ ИССЛЕДОВАТЕЛЬ»**
**Учредитель журнала:**
Таджикский национальный университет

***ГЛАВНЫЙ РЕДАКТОР ЖУРНАЛА:***

| | |
|---|---|
| **Хушвахтзода Кобилджон Хушвахт** | *Доктор экономических наук, ректор Таджикского национального университета (Душанбе, Таджикистан)* |

***ЗАМЕСТИТЕЛЬ ГЛАВНОГО РЕДАКТОРА:***

| | |
|---|---|
| **Сафармамадов Сафармамад Муборакшоевич** | *Доктор химических наук, профессор, проректор по науке Таджикского национального университета (Душанбе, Таджикистан)* |

***ЗАМЕСТИТЕЛЬ ГЛАВНОГО РЕДАКТОРА:***

| | |
|---|---|
| **Исмонов Кароматулло Бадридинович** | *Кандидат филологических наук, доцент, директор Издательского центра Таджикского национального университета* |

***РЕДАКЦИОННАЯ КОЛЛЕГИЯ:***

| | |
|---|---|
| **Шерматов Нурмахмад** | *Доктор технических наук, профессор* |
| **Солихов Давлат Кувватович** | *Доктор физико-математических наук, профессор* |
| **Сатторов Абдуманнон** | *Доктор физико-математических наук, профессор* |
| **Валиев Шариф Нарзуллоевич** | *Доктор геолого-минералогических наук, и.о.профессора* |
| **Файзуллоев Эркин Фатхуллоевич** | *Кандидат химических наук, декан факультета химии ТНУ* |
| **Расулиён Каххор** | *Доктор исторических наук, профессор* |
| **Кучаров Аламхон** | *Доктор филологических наук, профессор* |
| **Дустов Хамрохон** | *Кандидат филологических наук, доцент* |
| **Муродов Мурод** | *Доктор филологических наук, профессор* |
| **Нагзибекова Мехриниссо Бозоровна** | *Доктор филологических наук, профессор* |
| **Абдусатторов Абдушукур** | *Доктор филологических наук, профессор* |
| **Одинаев Фуркат Фарходович** | *Кандидат экономических наук, доцент* |
| **Сотиволдиев Рустам Шарофович** | *Доктор юридических наук, профессор* |
| **Сафарзода Бахтовар Амирали** | *Доктор юридических наук, профессор* |
| **Раджабов Имомиддин Ширинович** | *Кандидат политических наук, доцент кафедры политологии* |
| **Сафарализода Хучамурод Куддус** | *Кандидат политических наук, доцент кафедры политологии* |
| **Нуриддин Парвин Раймалихон** | *Кандидат политических наук, доцент* |
| **Ходжиматова Гулчехра Масаидовна** | *Доктор педагогических наук, доцент* |
| **Устоев Мирзо Боботжонович** | *Доктор биологических наук, профессор* |

**Адрес Издательского центра:**
734025, Республика Таджикистан,
г. Душанбе, проспект Рудаки, 17.
**E-mail**: molodoy.issledovatel@mail.ru
Тел.: (+992 37) 227-74-41

© ТНУ, 2023

**TAJIK NATIONAL UNIVERSITY**
**SCIENTIFIC JOURNAL "YOUNG RESEARCHER"**
**Founder of journal:**
**TAJIK NATIONAL UNIVERSITY**

***CHIEF EDITOR:***

| | |
|---|---|
| **Khushvakhtzoda Qobiljon Khushvakht** | *Doctor of Economics, Rector of the Tajik National University (Dushanbe, Tajikistan)* |

***DEPUTY CHIEF EDITOR:***

| | |
|---|---|
| **Safarmamadov Safarmamad Muborakshoevich** | *Doctor of Chemical Sciences, Professor, Vice-Rector for Science of the Tajik National University* |

***DEPUTY CHIEF EDITOR:***

| | |
|---|---|
| **Ismonov Karomatullo Badridinovich** | *Candidate of philological sciences, associate professor, director of the Publishing Center of the Tajik National University* |

***EDITORIAL BOARD:***

| | |
|---|---|
| **Shermatov Nurmahmad** | *Doctor of technical sciences,* Professor |
| **Solihov Davlat Quvatovich** | *Doctor of physical and mathematical sciences* |
| **Sattorov Abdumannon** | *Doctor of physical and mathematical sciences* |
| **Fayzulloev Erkin Fathulloevich** | *Candidate of chemical sciences, dean of the chemical faculty* |
| **Valiev Sharif Fayzulloevich** | *Doctor of geological and mineralogical sciences, Professor* |
| **Rasuliyon Qahhor** | *Doctor of historical Sciences, Professor* |
| **Kucharov Alamkhon** | *Doctor of Philology, Professor of the Department of Theory and New Persian-Tajik Literature of the Tajik National University* |
| **Dustov Hamrokhon Dzhumaevich** | *Candidate of philological sciences,* |
| **Murodov Murod** | *Doctor of Philology, Professor of the Department of Printing of the Tajik National University* |
| **Nagzibekova Mekhrinisso Bozorovna** | *Doctor of Philology, Professor of the Department of General Linguistics and Comparative Typology of the Tajik National University* |
| **Nizomova Tuhfamo Davlatovna** | *Doctor of Economics, Professor* |
| **Odinaev Furqar Farhodovich** | *Candidate of Economics, assistant professor* |
| **Safaralizoda Khudzhamurod Kuddusi** | *Candidate of Politics, assistant professor of the department of the political science* |
| **Sotivoldiev Rustam Sharofovich** | *Doctor of law, Professor* |
| **Safarzoda Bakhtovar Amirali** | *Doctor of law, Professor* |
| **Rajabov Imomiddin Shirinovich** | *Candidate of Politics, assistant professor of the department of the political science* |
| **Nuriddin Parvin Raymalikhon** | *Candidate of Politics, assistant professor* |
| **Hojimatova Gulchehra Masaidovna** | *Doctor of pedagogical sciences, Professor* |
| **Ustoev Mirzo Bobojonovich** | *Doctor of Biological sciences, Professor* |


Address of the Publishing center:
734025, Republic of Tajikistan,
Rudaki Avenue, 17. Dushanbe.
**E-mail:** molodoy.issledovatel@mail.ru
**Phone:** (+992 37) 227-74-41
© TNU, 2023

# ТАЪРИХ – ИСТОРИЯ

## ТАВСИФ ВА СОХТОРИ “БАҲР-УЛ-АСРОР ФИ МАНОҚИБ-АЛ-АХЁР”

***Исмоилов М. Ҳ.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

«Баҳр-ул-асрор фи маноқиб-ал-ахёр»-и Маҳмуд ибни Валӣ яке аз манбаъҳои бузурги таърихии асри XVII буда, маълумоти зиёди илмиро дар бар мегирад, ки он аввалин сарчашмае дар таърих мебошад, ки доир ба ҳаводиси оғози асри XVII маълумот медиҳад. “Ба ғайр аз «Баҳр-ул-асрор фи маноқиб-ал-ахёр» ӯ якчанд асарҳои дигар, девони калони ашъор, ки иборат аз 50 ҳазор байт будааст, эҷод намудааст”[1.с.5]

Ҷилди аввали асар хусусияти космографӣ (тасвири олам) дошта, роҷеъ ба илмҳои гуногуни асримиёнагӣ ба мисли ситорашиносӣ, ҷуғрофияи таърихӣ, минерология, набототшиносӣ маълумот медиҳад. “Қимати илмии асар дар он аст, ки қисми сеюму чоруми ҷилди аввал маълумотҳои зиёдеро оид ба халқу мамлакатҳои мухталиф, урфу одат, ҳайвоноту растаниҳо ва канданиҳои фоиданоки зеризаминӣ дар бар гирифтааст” [1.с.6].

Гаршоспнома асари қаҳрамонӣ буда, дар он тамоми корнамоиҳои Гаршосп, авлоди Манучеҳр аз сулолаи Пешдодиёни форси қадим тасвир ёфтааст. “Муаллифи Гаршоспнома шоири бузурги асри XI Абумансур Алӣ ибни Аҳмад мебошад” [3.с.240].

Роҷеъ ба номгузории “Таърихи гургониён” (сулолаи Темуриён) ягон маълумот вуҷуд надошта, танҳо дар қисми чаҳоруми ҷилди шашуми «Баҳр-ул-асрор фи маноқиб ал-ахёр» иқтибосҳо оварда шудааст, ки чунин мебошанд: “Амир Темур аз сайид Бурҳониддини Қилич манфиати зиёде ба даст овард, ки дар “Таърихи гургониён” навишта шудааст, “Сулолаи Гургониён аз Темур оғоз меёбад”, “Тукай Темуриҳо Мовароуннаҳрро аз Гургониҳо гирифта, ки айни ҳол дар Ҳинд салтанат меронанд”[7.с.7]. Аз ин иқтибосҳо ба хулосае омадан мумкин аст, ки дар зери мафҳуми “гургониён” муаллиф сулолаи Темуриёнро дар назар доштааст, ки аввал дар Мовароуннаҳру Хуросон ( асрҳои XIV-XV) ва аз давраи Зоҳириддини Бобур (солҳои 1494-1530), асрҳои XVI-XVIII дар Шимоли Ҳиндустон салтанат меронданд. Маҳмуд ибни Валӣ аксарияти иқтибосҳоро оид ба салтанати Темуриён аз “Таърихи гургониён” дар асари “Баҳр-ал-асрор фи маноқиб ал-ахёр” нишон дода аст.

Маҳмуд ибни Валӣ оид ба “Таърихи Хуросон” қисми алоҳидаи таҳлилнамудаи “Ҳабиб-ус-сияр”- и Хондамирро мавриди истифода қарор додааст. ““Ҳабиб-ус-сияр”- и Хондамир (1475-1531) бо номи “Таърихи Султон Ҳусайн Мирзо” истифода намудааст” [4]. Ҷилди шашуми «Баҳр-ул-асрор фи маноқиб ал-ахёр»-и Маҳмуд ибни Валӣ таърихи хонҳои муғулро аз аҳди салтанати Чингизхон, Ҷӯҷихон, Шайбониён, Аштархониён то замони ҳукмронии Нодир Муҳаммадхони аштархонӣ дар бар мегирад. “Асар зиёда аз 1000 варақро дар бар гирифта, дар айни ҳол ба миқдори чор нусха маҳфуз мондааст. Қимати илмии асар дар он аст, ки муаллиф сарчашмаҳои нодири таърихию ҷуғрофиро мавриди таълиф истифода намудааст, ки чунинад: “Манобеъ ат-толибин”, “Тӯҳфат ал-ғароиб”, “Баҳр ул-ҳақоиқ”, “Махзан ал-ахбор”, “Ҷавоҳир ул-асрор”, “Баҳр ул ҷавоҳир”, “Девон аз-забарҷад ва ал араб аз-зумрад”, “Рисолаи Маликшоҳӣ”, “Фарҳанги Иброҳимшоҳӣ”, “Қомус ар-роқим”, “Қомус ал-фиқҳ” ва ғайраҳо мебошанд” [1.с.8].

Дар баробари ин муаллиф дар рафти таълифи асари пурқимати ҷуғрофию таърихиаш «Баҳр-ул-асрор фи маноқиб ал-ахёр» як қатор маводҳои ҷуғрофии классикии юнониву арабиро истифода намудааст. “Олим дар рафти таълиф оид ба баҳру дарёҳо, шаҳру мамлакатҳо, асарҳои назариявии файласуфони Юнони қадим Фалес, Анаксимандр, Анаксимен, Гераклитро истифода намуда, дар асоси он маводҳо мабдаи асосии ҳаётро аз чор унсур оташ, ҳаво, об ва хок ҳисоб намудааст” [4].

Ҷилди аввали «Баҳр-ул-асрор фи маноқиб ал-ахёр» то замони мо пурра нарасида, имрӯз дар захираи Институти Шарқшиносии Академияи илмҳои Ҷумҳурии Ӯзбекистон

(дастхати № 2372 ва дастнависи № 7418) ин қисми асар маҳфуз нигоҳ дошта шудааст. “Китоб аз пешгуфтор, ҳафт боб ва хотима иборат буда, ҳар боб чаҳор фасл дорад. Пешгуфтор дар бораи зот, сифатҳо ва номҳои Худованд, боби якум дар зикри аввалин махлуқот, боби дуюм дар аҳволи паёмбарон, подшоҳони Аҷам ва дигар мамолики тоисломӣ, боби сеюм дар аҳволи ҳазрати Муҳаммад (с), боби чаҳорум дар аҳволи хулафои рошидин, халифаҳои Банӣ Аббос, фармонравоёни ислом, боби панҷум дар бораи ҳукумати исломӣ дар кишварҳои мухталифи олам, боби шашум дар бораи подшоҳони муғул, боби ҳафтум дар бораи аҳволи подшоҳони чағатоӣ то салтанати Шоҳҷаҳони Гургонӣ иншо шудааст. Арзиши аслии ин китоб дар баёни сафарҳои муаллиф ба сарзаминҳои ҷануби Осиё мебошад [6]. Дар дастхат санаи таърихӣ нишон дода нашуда, аммо аз рӯйи варақаҳо муайян намудан мумкин аст, ки дар охири асри XVIII – XIX китобат шудааст.

Мундариҷаи асар оид ба замин, ҳаракати ҷирмҳои осмонӣ, мабдаҳои асосии пайдоиши оламу одам, яъне, ҳақиқати ғоявии унсурҳои асосӣ об, ҳаво, оташ, хок маълумот медиҳад. Маълумоти бештар оид ба об ва хок дода шудааст.

Дар қисми “Унсури об” маълумоти асосӣ дар бораи уқёнусҳо, бахрҳо, дарё ва бандарҳо дода шуда, тавассути алифбо ва тартиби муайян роҷеъ ба онҳо пай дар пай қайд гардидааст. Муаллиф обро мабдаи асосии ҳастии ҳаёти зинда шуморидааст. “Маҳмуд ибни Валӣ маълумотҳои муфидро роҷеъ ба захираи обҳои минералӣ, оби чашмаҳо, аҳаммияти дарёҳоро дар обёрикунии заминҳо, аз ҷумла бахши «Дарёи Ҷайҳун»), аҳаммияти дарёҳоро барои обёрӣ нишон медиҳад, дарёҳои Ҷайҳун қисматҳои «Дарёи Балҳоб», «Дарёи Херӣ», «Дарёи Буй») ва хосиятҳои шифобахш нишон додааст” [1.с.9].

Қисми “Унсури хок” дар асоси назарияи мактабҳои классикии ҷуғрофии Юнону Араб роҷеъ ба ҳафт иқлим, чор қутб, тул кашидани хати экватор аз ҷануб ба шимол ахбор медиҳад.

Дар қисми аввал маълумот роҷеъ ба мулкҳои Мовароуннаҳр, Хуросони Шарқӣ ва Афғонистон дода шуда, инчунин оид ба хусусиятҳои таърихӣ-этнографӣ ва иқтисодиёти ин халқҳо маълумот ба даст овардан мумкин аст. Дар асари мазкур маълумот дар бораи урфу одат, ҳунармандӣ, касбу кор, молҳои истеҳсолнамудаи ин мулкҳо дода шудааст.

Қимати дигари илмии «Бахр-ул-асрор фи маноқиб ал-ахёр» дар он мебошад, ки муаллиф ҳангоми сафарҳояш ба шаҳрҳои Мовароуннаҳр, Эрону Афғонистон ва Ҳинд дар роҳ бо тоҷирону сайёҳони аз Балх ба Ҳинд, Қошғар, Россия, Бухоро рафтаистода вохӯрӣ намуда, ҳангоми суҳбатҳояш бо чунин ашхосон ахборот пайдо намудааст. Вобаста ба ин ахборотҳо Маҳмуд ибни Валӣ дар бораи шаҳрҳои Балосағун, Банокаш, Булғор, Туркистон, Хоразм, Тирмиз, Қошғар, Андиҷон, ва Ош маълумот пайдо намудааст. Муаллиф қайд намудааст, ки дар Банокаш пештар афғонҳо ҳукмронӣ намуда, дар давраи салтанати Ҳумоюншоҳ ба ҳайати Ҳиндустон ҳамроҳ гардида, барои қушуни чағатоиҳо мавқеи таваққуфгоҳро иҷро мекард. Ҳумоюн ҳудуди онро аз дарёи Атток то ағбаи Ҳиндукуш расонид ва Кобул дар тобеати Банокаш қарор дошт [7.с.10].

Маҳмуд ибни Валӣ дар бораи Хоразм қайд менамояд , ки ин сарзамин аз тарафи авлодони Туқай Темурхон, писари Ҷуҷихон, идора шуда, асоси қушуни онро узбекҳо, ки аз авлоди қабилаи ғуззҳо буданд, онҳоро бака (туркман) меномиданд, ташкил медоданд.

Дар қисми дуюми асар баъди муқаддимаи на он қадар зиёд, маълумоти умумӣ дар бораи кӯҳҳо ва накши онҳо дар ҳаёти инсон, инчунин кӯҳҳои бузургтарин дода шудааст. Пас аз сарсухани кутоҳ, ки дар он дар бораи пайдоиши кӯҳҳо ва нақши онҳо дар ҳаёт мухтасар шарҳ дода мешавад. Муаллиф тавсифи кӯҳҳоои машҳури қитъаҳои ҷаҳонро медиҳад

“Дар қисми сеюми асар (л. 265 а - 329 б) муаллиф оид ба металлҳои қиматбаҳо, хӯлаҳои гуногун ва зиёда дар бораи 180 намуд сангҳои қиматбаҳо маълумот додааст. Оид ба минералогия дар ин қисми асар маълумоти муфассал дода шудааст, ки дар оянда таҳқиқоти алоҳидаи илмиро талаб менамояд” [5.с.147].

“Ниҳоят, қисми чорум (л 329 б - 532 б) дар бораи дарахтони ороишӣ ва мевадиҳанда, ғалладона ва сабзавоти зинда накл мекунад” [2].

Дар қисми таърихии «Баҳр-ул-асрор фи маноқиб ал-ахёр»-и Маҳмуд ибни Валӣ муқаддима ва ҷилди аввали он меистад, ки муаллиф мақсади худро дар асоси муқоиса,

услуби маҷозӣ, муболиға, истифода аз мисраҳои шеърӣ баён менамояд. Дар қисми ҷуғрофӣ бошад, муаллиф аз маводҳои бо забони содда таълифгардида истифода намудааст. Дар асар истилоҳоти ҷуғрофӣ ба монанди "Мамлакат, вилоят (арабӣ), кишвар, сарзамин (форсӣ), кура (туркӣ), олка (ӯзбекии қадим) истифода шудааст, ки ба маънои умумӣ мафҳуми вилоят, кишвар ва округро ифода менамоянд. Мафҳуми касаба (арабӣ) ба маънои деҳот тарҷума шудааст. Дар асар истилоҳоти иқтаъ, суюрғол, хироҷ, булук, туман, сада, ҳоқон, шайхулислом, раис, қозӣ, зира, ҷоруб, фарсанг, мадраса, хонақоҳ истифода бурда шудааст, ки аз адабиёти шарқшиносӣ гирифта шуда, мафҳуми муайянро ифода менамоянд" [1.с.12].

Маҳмуд ибни Валӣ дар тавзеҳоти манбаъҳо, мафҳумҳои ҷудогонаеро мавриди истифода қорор додааст, ки роҷеъ ба ҳаёти иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва этникӣ маълумот медиҳад, ки сарчашмаҳои дигари таърихиву ҷуғрофӣ камтар ба назар мерасанд. Дар вақти тартиб додани замима муаллиф порчаҳои ҷудогонаи дорои хусусиятҳои космографӣ (тасвири олам), адабиётҳо бо забонҳои хориҷӣ ва махсусро истифода намудааст.

## АДАБИЁТ


1. Ахмедов Б. А. Махмуд ибн Вали. Бахр ал-асрар фи манакиб ал-ахйар (извлечения из «Бахр ал- асрар / Б.А. Ахмедов. - 1977.
2. Академия наук Узбекской ССР Институт востоковеденеяим. Абураиҳана Беруни. Издателство«ФАН» Узбекской ССР. Ташкент-1977.
3.Бертельс Е. Э. История персидско-таджикской литературы / Е.Э. Бертельс - Москва. 1960.
4. Бахр ал-асрар, рук. ИВ АН УзССР, № 2372 л.35 б, 37 а, 57 а, 88 а, 147 б, 163 а, 247 а, 259 а, 274 а.
5. Краткие сведения о ней см.: Б. А. Ахмедов, Среднеазиатские последователи Беруни, стр. 147— 153.
6. Манбаи электронӣ 9tg.wikipedia.org› Баҳр-ул-асрор фӣ маърифат-ил-ахер
7. Материалы по истории Средней и Центральной Азии X-X1X вв. -Ташкент, 1988.


## ТАВСИФ ВА СОХТОРИ "БАҲР-УЛ-АСРОР ФИ МАНОҚИБ-АЛ-АХЁР"


Мақолаи мазкур доир ба таҳқиқи илмҳои асри XVII аз рӯйи асари "Баҳр-ул-асрор фи маноқиб–ал-ахёр"-и Маҳмуд ибни Валӣ таҳия шуда, доир ба воқеаҳои гузашта дар асри XVII ҳикоят мекунад. Маҳмуд ибни Валӣ мароқи худро бештар ба омӯзиши илмҳои замони худ равона намуда, дар ин росто натиҷаи таҳқиқоти муаллиф исбот намуд, ки як зумра муҳаққиқон аз рӯйӣ асари ӯ дар самтҳои мухталифи равияи илмӣ, аз ҷумла таъриху этнография, ҷуғрофия, геологияву набототшиносӣ ва тиб таҳқиқотӣ илмӣ мебаранд.



**КАЛИДВОЖАҲО**: тиб, таърих, этнография, муҳаққиқ, натиҷа.


## ОПИСАНИЕ И СТРУКТУРА " БАХР-УЛ-АСРОР ФИ МАНОКИБ-АЛЬ-АХЁР "


Эта статья была разработана для изучения наук семнадцатого века по произведению "Бахр-ул-асрор фи манокиб-аль-ахёр" Махмуда ибн Вали и рассказывает о прошлых событиях в семнадцатом веке. Махмуд ибн Вали проявил интерес к изучению наук своего времени, в связи с этим результаты исследования автора доказали, что многие ученые из его работ проводят научные исследования в различных областях научного направления, включая историю, этнографию, геологию, флору, фауну и медицину.



**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА:** медицина, история, этнография, исследователь, результат.


## DESCRIPTION AND STRUCTURE OF "BAHR-UL-ASROR FI MANOKIB-AL-AHOR"


This article was designed to study the sciences of the seventeenth century based on the work "Bahr-ul-asror fi manoqib-al-aher" by Mahmud ibn Wali and talks about past events in the seventeenth century. Mahmoud ibn Wali showed interest in studying the sciences of his time, in connection with this, the results of the author's research proved that many scientists from his works conduct scientific research in various fields of scientific direction, including history, ethnography, geology, flora, fauna and medicine.



**KEYWORDS:** medicine, history, ethnography, researcher, result.



**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Исмоилов Мусулмон Ҳасановоич*** **–** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, магистранти курси дуюми факултети таърих. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рудакӣ, 17. Телефон **(+992) 930555698.**

**Сведения об авторе:** ***Исмоилов Мусулман Хасанович*** – Таджикский национальный университет, магистрант 2 курса факультета истории. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 17. Телефон **(+992) 930555698.**

**Information about the author:** ***Ismoilov Musulman Khasanovich*** – Tajik National University, second-year master`s student of the Faculty of History. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. Phone **(+992) 930555698.**

# НАҚШИ АБДУЛАҲАД ҚАҲҲОРОВ ДАР РУШДУ ИНКИШОФИ СОҲАИ КИШОВАРЗИИ МАМЛАКАТ

***Назарова М.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Абдулаҳад Қаҳҳоров ҳамчун роҳбари ҳукумат ҳамеша кӯшиш мекард, ки кори кишоварзӣ пеш равад, маҳсулот зиёд шавад, барои ин дар шароити ҷумҳуриямон қазияи зиёд намудани замин, обёрии он масъалаи якумдараҷа ба шумор мерафт. Бешубҳа, дар ҳалли ин масъала Абдулаҳад Қаҳҳоров ҳиссаи арзанда мегузошт. Бисёр заминҳои навкорам, ташналаб, доманкӯҳҳо, чарогоҳҳо азхуд ва обёрӣ карда шудаанд. Ин ҷо мо обёрии Ёвону Обикиик, заминҳои ташналаби Дилварзин, Зафаробод, Қара-ланг, Сомғар, Хоҷабоқирғон, Окғозӣ, Ботуробод, Ӯртабоз, Гулистон, Тошработ, Қумсангир, Лаур, Данғара ва боз чанд ҷойи дигарро дар назар дорем. Аз ҳисоби корам гардонидани заминҳои бекорхобида, майдонҳои кишт зиёд шуд ва ҳазорон нафар деҳқонон ҷои кор ва рӯзгор пайдо намуданд. Дар натиҷа дар ноҳияҳои кӯҳистон истеҳсоли маҳсулоти сабзавот махсусан картошка, боғдорӣ ва дигар зироатҳо зиёд шуд ва пояи моддии техники ноҳияҳои кӯҳӣ мустаҳкам гардид.

Абдулаҳад Қаҳҳоров дар давоми кору фаъолияти худ ҳамеша кӯшиш мекард, ки шогирдону ҳамкоронаш дар роҳи меҳнати ҳалол, қадршиносӣ, инсондӯстӣ ҳалолкорӣ ҷаҳду талош варзанд. Аз ин рӯ, садоқат ба халқу Ватанро ба онҳо илқо мекард. Маданияти баланд ва услуби роҳбарии ӯ барои мо ибратомӯз буд.

«Ман ҳамчун раиси комиҷроияи райони Орҷоникидзеобод (ҳозира «Ваҳдат») аз соли 1962 то соли 1967, аз сабаби ба пойтахт наздик будани ноҳия тез-тез бо маҷлисҳои ҳукумат даъват мешудам. Дар ҷаласаи Шурои Вазирон асосан масъалаҳои ҳаётан муҳимми хоҷагии халқ, тараққиёти ояндаи ҷумҳурӣ ҳаматарафа муҳокима гардида, қарори дахлдор қабул мешуд. Маҷлис бо роҳбарии раис Абдулаҳад Қаҳҳоров басо пурмазмун мегузашт. Агар то маҷлис ба Абдулаҳад Қаҳҳоров вохӯред, одатан суханаш аз аҳволпурсии шахс, аҳли оила ва мардуми ноҳия сар мешуд. Суҳбат аз зиндагии мардум, чӣ ҳасту чӣ нест, чӣ намерасад, вазъи сохтмон, саноат ва дигар соҳаҳои кишоварзӣ ҳамеша ғамхорона ва фаҳмо мегузашт.

Дар маҷлиси ҳукумат масъалаҳо ҳамеша мухтасар, ботартиб, ором ва ба нафъи кор ҳал мешуд. Фикру дархости рафиқон озодона ба ҳисоб гирифта мешуд. Абдулаҳад Қаҳҳоров вақти бурдани маҷлис аз ҳоли иштирокчиён, вазирону раисони кумитаҳо ва дигар сардорони идораҳо бо эҳтиром пурсон шуда, ба ҳар як роҳбар ғамхорона муносибат менамуд. Ӯ мисли баъзе роҳбарон бо овози баланд, сахт, беҷо гап задан, ё ранҷондани иштирокчиёни маҷлисро раво намедид, суханрониаш пурмазмун, бурро, фаҳмо буд, дили одамро ба зиндагӣ, ба кор, ба муҳит гарм месохт.

Хизмати Абдулаҳад Қаҳҳоров дар ҷо ба ҷо гузоштани кадрҳо, тарбия кардан ва ба камол расондани онҳо хеле калон аст. Бисёр коргароне, ки бо ӯ паҳлӯ ба паҳлӯ кор кардаанд, минбаъд ба вазифаҳои баланди роҳбарӣ расиданд. Инҳо вазирон, раисони кумитаҳо ва дигар сардорони идораҳо мебошанд. Шахсоне, ки бо роҳбарии Абдулаҳад Қаҳҳоров кор кардаанд, аз супоришу маслиҳатҳояш руҳбаланд гашта, ҳамеша хурсандӣ изҳор менамоянд. Ҳамроҳи чунин роҳбари бомаърифат кор кардан хушбахтии бузург буд.

Абдулаҳад Қаҳҳоров сардорони хоҷагиҳо ва мутахассисонро ҳаматарафа дастгирӣ намуда ба ҳалолкорӣ, эҳтиёткорӣ даъват карда, маслиҳатҳои пухтаю мушаххас дода, мекӯшиданд, ки ба пойи касе хоре нахалад. Он кас саркоронро даъват мекарданд, ки тоннаю килоҳои маҳсулотро ба қавле «ҳафт бор чен карда, як бор бурида» имзо кунанд. Аз дигар тараф, дар шароити он солҳо котибони райком ва ҳукумати ноҳияҳо аз бозсозиҳои Никита Хрушев сарҳисоби корро гум карда мегуфтанд: «Худоё! Ин худаш чӣ гап? Аҷаб давру!».

“Як лаҳзаи дигари хотирмон ин буд, ки соли 1971 ман, ки дар вазифаи мудири шӯъбаи кишоварзии КМ ҲК Тоҷикистон ифои вазифа доштам, дар ҳайати вакилони давлатии ИҶШС ба Сурия рафтам. Пеш аз сафарам Абдулаҳад Қаҳҳоров занг зада гуфт:

– Муҳиддинҷон, илтимос, агар илоҷаш бошад, як туҳфачаи хоксоронаи маро ба рафиқ

Нуриддин Муҳиддинов баред ва саломи маро расонед.

– Бо ҷону дил, раис, – гуфтам дар ҷавоб.

Он вақт Нуриддин Акрамович Муҳиддинов сафири ИҶШС дар Сурия буд. Баъди ба шаҳри Димишқ – пойтахти Сурия расидан бо ӯ вохӯрдам. Вай маро бо камоли эҳтиром пазирой карда, ба унвони Абдулаҳад Қаҳҳоров чунин суханони самимӣ гуфт:

– Абдулаҳад Қаҳҳоров бисёр инсони бофарҳанг, дурандеш, шахси муътабар аст. Эшонро қадр кардани ман маънои мустаҳкам намудани риштаҳои дӯстию бародарии халқҳои Ӯзбакистон, Сурия, Тоҷикистон ва ИҶШС-ро дорад.

Бузургмарди Осиёи Марказӣ, арбоби сиёсиву давлатӣ, собиқ муншии аввали КМ ҲК Ӯзбекистон ва Сафири ИҶШС дар Сурия Нуриддин Акрамович Муҳиддинов нисбат ба халқи тоҷик таваҷҷуҳи бепоён дошт. Ҳадяи А.Қаҳҳоров ба ӯ ҷомаю рӯймол ва тоқии тоҷикӣ буд, ки онро дар ҳузури маъмурони сафоратхона ва аҳли оилаашон пӯшонидам. Ҳадя ба Н.А.Муҳиддинов чунон зебид, ки гӯё дубора ҷавон шуд. Ӯ эҳсоси шодмониашро ба тоҷикӣ изҳор кард.

– Дӯсти гиромӣ, Муҳиддин Зоҳиров!

– Ман аз роҳбарони ҷумҳуриатон Ҷаббор Расулов, Маҳмадулло Холов, шахсан аз муҳтарам Абдулаҳад Қаҳҳоров дар симои онҳо аз халқи заҳматкаш ва қадршиноси Тоҷикистон мамнуну муташаккирам! Ба онҳо ҳамеша комёбию сарбаландӣ таманно дорам. Ба дӯсти арҷмандам Абдулаҳад Қаҳҳорович ташаккурҳои маро расонед ва бигӯед, ки аз ин тӯҳфаашон ба машоми ман бӯйи дӯстӣ, накҳати меҳру бародарӣ расид. Ман он касро ба саёҳати Сурия даъват мекунам…

Ба ҳамин тариқ дигарҳо ҳам пурсон мешуданд. Ба фикри ман, ин ҳурмату эҳтиром, қадршиносӣ на танҳо дар ҳаққи Абдулаҳад Қаҳҳоров, балки ба тамоми халқи тоҷик буд».

Корманди шоистаи кишоварзии Тоҷикистон, ходими намоёни ҳизбию давлатӣ Шаҳобиддин Нуриддинов оғози солҳои 50-уми қарни бист некии марди фозилу бохирад, раиси комиҷроияи вилояти Ленинобод Абдулаҳад Қаҳҳоровро дидааст. Он вақт Ш.Нуриддинов раиси хоҷагии ба номи В.И.Ленини ноҳияи Исфарaро ба уҳда дошт. Роҳбари ҳукумати вилоят бо котиби райкоми ноҳия дар сари боғҳои зардолузор вомехӯранд. Зардолу саросар пухта, ба замин рехта мехобид. Дар боғҳои заминаш наму сероб меваи чун асал ширин пӯсида нобуд ҳам мешуд. Бадии кор дар он буд, ки касе ба зардолучинӣ машғул набуд. Нозу неъмати тайёр аз беэътиноӣ талаф меёфт.

Аз мушоҳидаи ин ҳолу аҳвол фиғони роҳбари вилоят А.Қаҳҳоров баромад. Охир бисёр воқеъ шудааст, ки ин меваи шифобахши серғизо ҷойи нонро гирифтаасту одамонро аз гуруснагӣ наҷот додааст. Наход Шаҳобиддин Нуриддинов инро надонад? Бо вуҷуди сахт ошуфта шудан ӯ худро дошта, бо як тамкини бо худ хос гуфт. Шарофиддин намонед, ки зардолу рехта талаф ёбад. Ин ризқу рӯзии халқ аст, дар бисёр кишварҳо одамон ба як донаи он зор мебошанд!

Шаҳобиддин Нуриддинов ҳам гӯё чунин як лаҳзаи мувофиқро интизор буд, чизеро пинҳон накарда росташро гуфт:

– Роҳбари ноҳия Деҳқонбой Шарифов дигар ҳамаи корҳо, аз ҷумла чида гирифтани зардолуро манъ кард. Вай мегӯяд, ки ба давлат фақат пахта даркор аст, супориши сахт додааст, ки ғайри нигоҳубини пахта ба ягон кори дигар машғул нашавед. Касе ки ин супоришро иҷро намекунад, ӯ зидди сиёсати давлат ҳисобида мешавад. Мо аввали баҳор камтар сабзии пагоҳӣ кошта будем. Аз фурӯши сабзии барвақтӣ ҳам колхоз фоида мебинаду ҳам таъминоти халқ беҳтар мешавад. Ин роҳбари пахтапараст бохабар шуда монду шӯру валвала бардошт. Маҷбур кард, ки киштзори яксара сабзидаро шудгор карда, ба ҷойи сабзӣ пахта корем. Агар ҳамин тавр намекардем, моро ба ҷавобгарӣ кашониданаш ҳам мумкин буд.

Ин роҳбар дур намеравад, – гуфт оромона Қаҳҳоров, – лекин шумо дониста кор кунед, мустақил шавед, итоаткорию фармонбардорӣ ҳам андоза дорад. Фаромӯш накунед, ки барои молу мулк, нозу неъмат, ҳосили боғу киштзор, даромаднокӣ ва музди кори меҳнаткашон раис ҷавобгар аст. Фардо дар охири сол аз шумо мепурсанд, ки чаро ҳосил кам шуд, даромад кам, аъзои хоҷагӣ барои чӣ бар ивази меҳнаткашон музди ночиз мегиранд. Ба ин саволҳо раис ҷавоб медиҳад на каси дигар".

Ин гуфтугӯйи ҷиддии А.Қаҳҳоров ба раиси ҷавони колхоз Шаҳобиддин Нуриддинов

ҷуръати ғайрат бахшид. Ҳисси масъулият муносибаташ ба иҷрои вазифа тамоман дигар шуд. Тавонист, нигоҳубини пахтаро хуб ба роҳ монда, шумораи зиёди чинакчиёнро ба зардолуғундорӣ барорад. Анборҳо пури меваи хушк шуданд ва онро ба рӯзи меҳнати аъзоён дар охири сол тақсим карда доданд. Хоҷагӣ дар бобати ҳосилнокии пахта дар Тоҷикистон нишондиҳандаи беҳтарин ба даст меовард. Хирмани умумии он то ба 2500 тонна расонида шуд. Кӯшиш мекарданд, ки ҳамаи соҳаҳо пешрав бошанд.

Пешгӯии А.Қаҳҳоров дар бораи роҳбари ноҳия дуруст баромад. Бесалоҳият ва ноуҳдабаро буданашро ҳаёт нишон дод. Ҳамагӣ ёздаҳ моҳ кор карду ӯро аз сари вазифа дур карданд.

Соли 1952 бо ҳидояти Абдулаҳад Қаҳҳоров, Мирзоқосим Рустамов, ки он вақт котиби якуми комитети партиявии вилояти Ленинобод буданд, ба вазифаи котиби якуми комитети партиявии ноҳияи Исфара Ш.Нуриддинов пешбарӣ карда мешавад ва ба ҷои Д.Шарифов тасдиқ мешавад. Дар ин вазифа то нимаи соли 1955 кор мекунад. Хеле рамзист, ки Ш.Нуриддинов аз моҳи сентябри соли 1955 то соли 1957 якҷоя бо А.Қаҳҳоров ҳамчун шунавандаи Мактаби олии партиявии назди КМ КПСС дар Маскав таҳсил мекунанд. Ш.Нуриддинов аз он хурсанд буд, ки ӯ дар Маскав на танҳо илму дониш ба бар мекунад, балки сатҳи маърифаташ баланд мешавад. Шаҳри азим бо тараққиёту пешрафти босуръат ҷаҳонбиниашро васеъ гардонд. «Аз ҳама муҳимаш, – мегӯяд Шаҳобиддин Нуриддинов, – якҷоя бо Абдулаҳад Қаҳҳоров таҳсил кардан бароям мактаби ҳаётӣ гардид. Аз одамияти баланду донишу хиради он кас ман ҳамарӯза сабақ меомӯхтам. Як панду андарзи нав мегирифтам».

Он солҳо дар Маскав дар баробари Абдулаҳад Қаҳҳоров, Шаҳобиддин Нуриддинов собиқ раиси комиҷроияи вилояти Ленинобод Мирзоқосим Рустамов низ таҳсил мекард. Ӯ дар китоби «Ёддоштҳо»-и хеш номи шарифи Абдулаҳад Қаҳҳоровро бо як самимият ёдрас намуда, мегӯяд: «Моҳи январи соли 1956 ман барои хондан ба мактаби олии ҳизбии назди КМ ҲКИШ ба Москва рафтам. Таҳсил дар ин мактаб орзуи деринаи ман буд. Дар он ҷо, мо, фиристодагони Тоҷикистон аз шунавандаи мактаб Абдулаҳад Қаҳҳоров, ки дар байни мо аз ҳама калонсол буданд, бисёр чизҳоро омӯхтем. Он кас барои мо ҳам маслиҳатгару машваратчӣ, ҳам насиҳатгару панддиҳанда буданд. Абдулаҳад Қаҳҳоров аз зумраи шахсони ниҳоят ботамкин буд ва дар куҷое кор карда бошад, дар атрофии хеш аҳли хирадро ҷамъ менамуд. Ман ҳанӯз солҳои 50-ум дар вазифаи раиси комиҷроияи вилоят буданам, аз рӯйи зарурат борҳо ба ноҳияи Панҷакенту Колхозчиён меомадам. Дар ин сафарҳои кории худ пай бурдам, ки А.Қаҳҳоров дар байни ин мардум хеле обрӯйи калон доштааст. Ӯ ҳанӯз соли 1935 ба Панҷакент омада, дар комитети ноҳиявии комсомол кор кардааст. Сипас дар комитети ҳизбии ноҳияи Панҷакент мудири бахши тарғиботу ташвиқот шуда кор кард. Солҳои минбаъда ӯ дар вазифаи котиби якуми комитети ҳизбии ноҳияҳои Колхозчиёну Новро ба уҳда дошт.

“Инак, шарафи калон насибам гардид, ки дар Маскав, дар мактаби олии ҳизбии назди КМ КПСС якҷоя бо Ҳотам Солеҳбоев, Ҷумъа Ҳасанов, Қаҳҳор Ҳасанов, Шаҳобиддин Нуриддинов, Холмурод Шарифов ва дигарон таҳсил карда, дар сари дастархони хоксоронаи худ ҷамъ меомадем. Суҳбаторои мо маҳз Абдулаҳад Қаҳҳоров буданд. Айёми тифлӣ ва ҷавонии Абдулаҳад дар шаҳри Конибодом гузаштааст. Ин шаҳр макони азизон ва марзи ниёгон аст. Пӯшида нест, ки шаҳри Конибодом дар муҳити ҷуғрофии муҳим – чорроҳаи ҷумҳуриҳои Ӯзбекистону Қирғизистон қарор гирифта, ба шаҳри Тошканду Хуҷанд, Қӯқанду Исфараву Истаравшан, Намангону Марғелон ва дигарон асрҳои аср муносибати мустаҳками иҷтимоиву иқтисодӣ ва фарҳангӣ дошт».

Бо ҳукми тақдир рост омад, ки дар шаҳру ноҳияи Конибодом кор кунам. Баъд аз интихоб шудан дар конференсияи партиявӣ рӯзҳои аввали фаъолияти худро ба шинос шудан бо хоҷагиҳои шаҳру ноҳия бахшидам. Ин аввалҳои моҳи декабри соли 1959 буд. Роҳбарони колхозҳо диққатамонро ба хеле бад шудани ҳолати мелиоративии киштзорҳо ва ҳатто деҳаҳо ҷалб намуданд. Махсусан, аҳвол дар қишлоқи Кӯчкаки колхози ба номи К.Маркс бад буд. Бори аввал дар умрам заҳбури хонагию ҳавлигиро дар ҳамин ҷо дидам. Баъзе оилаҳо дар хонаҳояшон чойлобчаҳо сохта, дар рӯи он шишту хез мекарданд. Зеро оби зеризаминӣ хеле баланд шуда фарши хонаҳоро сернам карда буд.

Мутахассисон ва роҳбарони колхозҳо сабаби баланд шудани оби зери заминро дар он

медиданд, ки то ба вуҷуд омадани обанбори Қайроққум худи дарёи Сир роли коллектори табииро иҷро мекард. Обҳои зери замин, ки дар натиҷаи обёрии киштзорҳо ва аз канали калони Фарғона ба вуҷуд меомаданд, шорида ба дарё мерафтанд. Оби баҳр пеши роҳи обҳои зери заминро гирифт. Дар натиҷа об ба рӯйи заминҳо баромад. Дар деҳаи Маҳрам бо деҳқоне вохӯрдам, ки дар назди бодомзори хушкшудаистодаи таъминан 6-8 гектара оби дида мерезонд. Ба деҳқон наздик омада, ӯро шинохтам. Номашон Мирзоалӣ буд. Дар колхози «Якуми Май»-и ноҳияи Орҷоникидзеобод (Ваҳдати ҳозира) сардори бригада шуда кор мекард. Баъд ба зодгоҳаш баргашта буд. Дастамро ба китфаш гузошта гуфтам:

– Мирзоалӣ-ака, худро ба даст гиред. Дар заминҳои нав бодомзори нав бунёд мекунед.

– Солҳои пеш ман ба ин заминҳо яхоб медодам. Акнун илоҷи нест кардани ин обро намеёбам. Бодомзори нав бунёд хоҳем кард. Вале ин боғи ҳосилдиҳанда буд. Барои ҳамин ҳам дилам месӯзад. Ҳоло истед, ки шумо номи маро аз куҷо медонед?

Баъди фаҳмондани он, ки мо шиноси дерина ҳастем, мо ҳар ду якдигарро ба оғӯш гирифтем.

Кумитаи шаҳрии ҳизб ва комиҷроия ба Комитети Марказӣ ва Шурои Вазирони ҷумҳурӣ мактуб навишта хоҳиш карданд, ки комиссияи салоҳиятнок ба шаҳру ноҳия омада, бо ҳолати мелиоративии нуқтаҳои аҳолинишин ва киштзорҳо шинос шуда, чораҳои амалӣ бинанд. Комиссия бо сардории яке аз ҷонишинони раиси Шурои Вазирон омада, бевосита бо вазъият шинос шуд ва чораҳои таъҷилӣ пешниҳод намуд, ки иҷрои онҳо техникаи нав, ба монанди экскаватор ва булдозер, инчунин семент, арматура ва бисёр дигар масолеҳи бинокориро талаб мекард. Зарур омад, ки бо раиси комиҷроия Исмоил Султонов ба назди Абдулаҳад Қаҳҳоров равем. Вай хоҳиши моро дастгирӣ кард. Дар натиҷаи корҳои гузаронидашуда дар байни ду сол ҳолати мелиоративии заминҳо хеле беҳтар шуд. Пеш аз ҳама аз байни роҳи марказии деҳаи Кучкак хандак кофта, қубурҳо хобонда шуд, ки сабаби муътадил шудани ҳолати мелиоративии деҳа гардид. Як қисм деҳаҳои колхозҳои «Коммунизм», «Маданият», ба номи Неъмат Қарабоев ба ҷойҳои хушк кӯчонда шуданд.

Ман фахр мекунам, ки соли 1973 муддати кутоҳ бошад ҳам таҳти роҳбарии Абдулаҳад Қаҳҳоров, ки раиси Шурои Вазирони ҷумҳурӣ буданд, дар вазифаи мудири корҳои Шурои Вазирон кор кардам ва аз ӯ бисёр омӯхтаам.

Вақте ки ман ба собиқ вазири кишоварзии Тоҷикистон, Корманди шоистаи кишоварзии Тоҷикистон Муҳиддин Зоҳиров доир ба ҳаёти Абдулаҳад Қаҳҳоров сӯҳбат кардам, бо як мамнуният қабул карданд. Дар аввал маро бо ин кори хайр, навиштани зиндагиномаи А.Қаҳҳоров аҳсан гуфта, орзуҳи нек талабида, аз ҷумла гуфтанд: «Омӯхтани роҳи ҳаёту фаъолияти Абдулаҳад Қаҳҳоров барин шахсони бузург барои тарбияи наслҳои ҷавон барои пешрафти имрӯзу фардои Тоҷикистон хеле зарур аст ва аҳамияти бузурге дорад. Зеро ки он кас дар фаъолияти меҳнатиаш ҳамаи зинаҳои пасту баланди зиндагиро тай намуда, ба мансабҳои баланд расиданд, барои пешравию тараққиёти ҷумҳуриамон ҳиссаи арзанда гузоштанд. Ҳаёт ва фаъолияти А.Қаҳҳоров ин як мактаби ҳаёт, як китоби таърихӣ аст. Аз ин ҷиҳат шумо кори хуб кардед, ки дар бораи Абдулаҳад Қаҳҳоров барин инсонҳои бузург асар менависед»”.

**АДАБИЁТ**


1 Аҳмадов Р. Роҳбари соҳибмаърифат. – Ҷумҳурият. – 2003, 27 сентябр.
2 Шукуров И. Симои дурахшони роҳбари меҳрубон. – «Садои мардум». – 2003, 7 ноябр.
3 Рустамов М. «Ёддоштҳо» / М. Рустамов. – Хуҷанд: 1995.
4 Бекматов М. «Ёддоштҳо» / М. Бекматов. – Душанбе: «Ирфон», 2000.
5 Пӯлодзода М. Зиндагиномаи марди хирад / М. Пӯлодзода. - Хуҷанд: «Хуросон», 2003.
6 Қаҳҳорова Назира. Афрӯзандаи чароғи дилҳо. – Дар маҷмӯаи: Равшангари дилҳо. – Душанбе: «Маориф», 1982.


**НАҚШИ АБДУЛАҲАД ҚАҲҲОРОВ ДАР РУШДУ ИНКИШОФИ СОҲАИ КИШОВАРЗИИ МАМЛАКАТ**


Дар мақолаи мазкур накши Абдулаҳад Қаҳҳоров дар рушду инкишофи соҳаи кишоварзии мамлакат мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Абдулаҳад Қаҳҳоров ҳамчун роҳбари ҳукумат ҳамеша кӯшиш мекард, ки кори кишоварзӣ пеш равад, маҳсулот зиёд шавад, барои ин дар шароити ҷумҳуриямон қазияи зиёд намудани замин, обёрии он масъалаи якумдараҷа ба шумор мерафт. Бешубҳа, дар ҳалли ин масъала Абдулаҳад Қаҳҳоров ҳиссаи арзанда мегузошт. Бисёр заминҳои навкорам, ташналаб, доманкӯҳҳо, чарогоҳҳо азхуд ва обёрӣ карда шудаанд.

**КАЛИДВОЖАҲО:** соҳаи кишоварзӣ, маҳсулот, заминҳои навкорам, ҷумҳурӣ.

**РОЛЬ АБДУЛАХАДА КАХАРОВА В РАЗВИТИИ СЕЛЬСКОХОЗЯЙСТВЕННОГО СЕКТОРА СТРАНЫ**

В данной статье рассматривается роль Абдулахада Каххарова в развитии аграрного сектора страны. Абдулахад Кахоров, как глава правительства, всегда стремился продвигать сельскохозяйственные работы, увеличивать производство, поэтому в условиях нашей республики вопрос увеличения земель и их орошения считался первоочередным вопросом. Несомненно, Абдулахад Кахоров сыграл значительную роль в решении этой проблемы. Освоено и орошено много новых земель, полей, предгорий, пастбищ.

**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА**: аграрный сектор, продукция, новые пашни, республика.

**THE ROLE OF ABDULAHAD KAKHAROV IN THE DEVELOPMENT OF THE AGRICULTURAL SECTOR OF THE COUNTRY**

This article examines the role of Abdulahad Kakhkharov in the development of the country's agricultural sector. Abdulahad Kakhorov, as the head of government, has always sought to promote agricultural work, increase production, therefore, in the conditions of our republic, the issue of increasing land and irrigating it was considered a priority issue. Undoubtedly, Abdulahad Kakhorov played a significant role in solving this problem. Many new lands, fields, foothills, and pastures have been developed and irrigated.

**KEYWORDS:** agricultural sector, products, new arable land, republic.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Назарова Малика –*** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, магистранти курси дуюми факултети таърих. **Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17.

**Сведения об авторе:** ***Назарова Малика*** – Таджикский национальный университет, магистрант второго курса факультета истории. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 17.

**Information about the author:** ***Nazarova Malika*** – Tajik National University, second-year master`s student of Faculty of History. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17.

# ТАЪРИХИ АСРҲОИ МИЁНАИ БАРВАҚТИИ МИНТАҚАИ КӮЛОБ АЗ РӮЙИ МАВОДИ СИККАШИНОСӢ

***Давлатзода Ф.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Дар як давра дар сарчашмаҳои хаттӣ низ номи ин вилоят Хатлон аст, яъне маълумоти ин ду намуд сарчашма дар робита ба ин масъла бо ҳам мувофиқанд. Аммо баръакси сарчашмаҳои хаттӣ номи Кӯлоб дар сиккаҳо то ҳол пайдо карда нашуда буд.

Хушбахтона ба мо муяссар шуд, ки бори нахуст номи Кӯлобро дар сиккаҳои як ганҷина кашф намоем. Ин ганҷина с. 2017 дар ноҳияи Ш. Шоҳин (собиқ Шӯробод) тасодуфан ёфт шудааст. Аз ин дақиқтар ҷойи бозёфти он маълум нест. Ганҷина 1223 сиккачаи хурди мисиро дар бар мегирад. Аксари сиккачаҳо дарозрӯя мебошанд. Танҳо 13 сиккача шакли наздик ба чоркунҷаро доранд ва 4 сикка мудаввар мебошанд. Сари якчанд сиккача шакли симро дошта, дар бораи тарзи сохтани онҳо маълумот медиҳанд. Маълум мешавад, ки мисро дар шакли сими доирааш 2-3 мм тайёр карда, баъд онро эҳтимол бо асбоби исканамонанд ба воситаи задан бурида, ба порчаҳои хурд тақсим мекарданд ва онҳоро аз боло аз тарафи дарозиашон бо болға зада тунук мекарданд. Маҳз бинобар истифодаи ҳамин усул сиккачаҳо дарозрӯя мешуданд. Дарозии бештари сиккачаҳои дарозрӯя 11-13 мм, паҳниашон 5-7 мм, ғафсиашон 0,8 мм мебошад. Андозаи як сиккачаи чоркунҷа 10-12мм ва боқимонда 12 сиккачаи чоркунҷанамо 10-10 мм аст. Аз 65 сиккачаи дарозрӯйя вазни 2 донааш 1,0 гр., аз 3 донааш 0,7 гр., аз 14 донааш 0,9 гр. ва аз 56 донааш 0,8 гр. мебошад. Мутаносибан сиккачаҳои вазнашон 1,0 гр. аз миқдори умумӣ 3%, сиккачаҳои вазнашон 0,7 гр. – 0,4 %, сиккачаҳои вазнашон 0,9 гр. – 21,5% ва сиккачаҳои вазнашон 0,8 гр. – 81,1% ташкил мекунанд. Аз ин рақамҳо бармеояд, ки аксари сиккачаҳои дарозрӯя 0,8 гр. вазн доранд. Агар дар назар гирем, ки вазни сиккаҳои калони мисии асри 15-16 як мисқол, яъне 4,8 гр. буд, пас сиккачаҳои дарозрӯя аз шаш як ҳиссаи онро ташкил мекарданд ва шаш сиккачаи дарозрӯя ба як сиккаи калони якмисқолаи мисӣ баробар буд.

Дар Ганҷинаи Шоҳин 15 сиккачаи чоркунҷа низ ҳаст. Аз онҳо андозаи 8 донааш 10x10мм ва як донааш 11x11 мм ва вазнашон дар ҳудуди 1,3-1,5 гр. ва вазни миёнаашон 1,4

гр. мебошад. Ин сиккачаҳо аз як се ё чор ҳиссаи як мисқолро ташкил мекунанд. Шаш сиккачаи чоркунҷа хурдтар буда, андозаашон 0,8x0,8 мм ва вазнашон дар ҳудуди 0,6 – 1,1 гр ва вазни миёнаашон 0,8 гр. мебошад. Вазни ин сиккачаҳои чоркунҷа монанди сиккачаҳои дарозрӯя 0,8 гр. буда, онҳо як фирқаро ташкил мекунанд ва аз як шаш ҳиссаи мисқол мебошанд. Аз вазни сиккачаҳо бармеояд, ки дар Ганҷинаи Шоҳин ду фирқа сиккачаҳо мавҷуданд ва онҳо на танҳо аз рӯйи вазнашон, балки аз рӯйи шаклашон низ аз якдигар фарқ мекарданд. Шакли фирқаи дуюми сиккачаҳо махсус чоркунҷа карда шуда буд, то ки ҳини хариду фурӯш онҳо аз фирқаи хурд ба осонӣ фарқ карда шаванд.

Бояд қайд кард, ки дар асоси санъати сикказании Сосониён минбаъд сикказании хилофати араб ва сулолаву давлатҳои миллии тоҷикони даврони исломӣ - Бармакиён, Тоҳириён, Саффориён, Сомониён ва Ғуриён бунёд ёфта, такмил меёбад. Арабҳо сикказаниро аз Сосониён омӯхтанд. Аз ин ҷост, ки дар аввалин сиккаҳои дар Хуросони бузург зарбзадаи арабҳо сужаи Сосонӣ ва катибаи паҳлавии онҳо баръало намудор аст ва чунин сиккаҳо сиккаҳои арабӣ - сосонӣ номида мешаванд. Убайдуллоҳ ибни Зиёд аввалин сарлашкари араб аст, ки дар асри VII дарёи Омуро гузашта, ба забти Варазруд мепардозад ва дар сиккаҳои нуқрагии ӯ рамзи дини зардуштӣ - тасвири моҳу ситора, ҳамчунин шоҳаншоҳи Сосонӣ, оташи муқаддас бо ду коҳин ва навиштаҳои паҳлавӣ баръало намудор мебошанд. Минбаъд дар чунин сиккаҳо ба ҷойи оташи муқаддасу коҳинони зардуштӣ намозгузорон тасвир карда мешаванд. Аз халифаҳои Уммавӣ Абдулмалик ибни Марвон кӯшиш менамояд, ки дар сиккаҳои исломӣ сужа ва катибаҳои ғайр роҳ дода нашавад.

Машҳуртарин сиккаҳои даврони исломии тоҷикон ба замони давлатдории Сомониён (асрҳои IX-X) рост меояд. Сомониён худро аз дудмони Сосониён медонистанд. Вале дар сикказанӣ ба Аббосиён тақлид менамуданд. Сиккаҳои Сомонӣ аз тилло (динор), нуқра (дирҳам) ва мис (филс) бароварда мешуданд. Аз ҷиҳати иттилоотӣ сиккаҳои Сомонӣ ҳатто аз сиккаҳои қадими юнонӣ низ бартарӣ доштанд. Масалан, аз мазмуни катибаҳои сиккаҳои Сомонӣ маълум мешавад, ки дар онҳо номи сикка, номи зарробхона, таърихи зарб, ному насаб ва лақаби амири замон, дараҷаи мустақилияти он аз хилофати араб дарҷ мегашт. Сиккаҳои Сомонӣ дар шаҳрҳои Бухоро, Самарқанд, Уструшана, Узканд, Айлоқ, Омул, Астаробод, Нишопур, Шероз, Чағониён, Толиқон, Фароҳ, Фарғона, Қазвин, Қум, Марғинон, Марв, Ҳирот, Ҳамадон, Бомиён, Панҷҳир, Тирмиз, Хуттал, Зомин, Сова, Бадахшон, Рашт, Античароғ, Ахсекат, Бинкат, Шош ва дигар шаҳрҳо бароварда мешуданд. Дар замони Сомониён савдои дохилию хориҷӣ ва муносибатҳои молию пулӣ ба авҷи аъло расида буд. Дирҳамҳои Сомонӣ ба як воситаи боэътимоди тиҷорати байналмилалӣ табдил ёфта буданд. Аз ин ҷост, ки нисбати ватани таърихии Сомониён дида берун аз ҳудуди он сиккаҳои Сомонӣ зиёдтар ёфт мешаванд. Хат ва забони сиккаҳои Сомонӣ ба арабӣ буд. Сиккаҳои Сомонӣ аз рӯйи вазнашон истифода мешуданд ва меъёри вазни сиккаҳоро аксар вақт қозиюлқузоти (суди олии) шаҳрҳо муайян мекард. Дар давраи баъди Сомониён шаҳрҳои бунёдкардаи тоҷикон ба мисли Бухоро, Самарқанд, Балх, Тирмиз ва садҳо шаҳрҳои дигар чун маркази муомилоти молию пулӣ ва сиккабарорӣ боқӣ монданд. Дар давраи Қарахониёни турк сифати сиккаҳо паст ва дар замони муғулҳо аз ин ҳам пасттар гашт. Дар асри чордаҳ сикказанӣ дар Осиёи Миёна эҳё шуд. Мисли пештара шаҳрҳои тоҷикон боз ба марказҳои сиккабарорӣ табдил ёфтанд. Бо юриши муғулҳо дар Осиёи Миёна зарби сиккаҳо бо тасвири мавҷудоти зинда эҳё гашт. Анъанаи сикказании тоҷикон то Инқилоби Октябр дар дараҷаи гуногун идома ёфт. Дар солҳои аввали инқилоби мазкур навиштаҷоти сикка ва пулҳои коғазии шаҳрҳои маркази Осиёи Миёна (аз ҷумла Бухоро, Хоразм) ба забони тоҷикӣ навишта мешуд. Баъди инқилоби мазкур забони пулҳои Бухоро туркӣ гардонида шуданд. Дар замони Шуравӣ тоҷикон ба низоми пули умумишуравӣ дохил шуданд ва пулҳои замони шуравӣ сужаҳои миллӣ надоштанд ва навиштаҳои онҳо аслан русӣ буд.

Дар рӯйи аксари сиккаҳои Ганҷинаи Шоҳин навиштаҷот ва дар пушташон нақшҳои наботӣ дида мешавад. Аммо рӯй ва пушти 308 сикка суфта буда, дар онҳо осори ягон хел навиштаҷот ё нақш дида намешавад. Ба андешаи мо суфтагии болои ин сиккаҳо натиҷаи суда шудани онҳо ҳангоми гардиши зиёд ва бардавом намебошад. Сабаби аслӣ дар он аст, ки ин сиккачаҳо дар ҷараёни сиккасозӣ мухр нахӯрда, аз беэҳтиётии устоҳо ва ёварони онҳо бо сиккаҳои муҳрхӯрда омехта шуда, ба муомилот баромадаанд. Бинобар бо сиккачаҳои

муҳрхӯрда шакл, вазн ва мутаносибан арзиши якхела доштани сиккачаҳои суфта онҳо озодона дар муомилот иштирок мекарданд ва мардум ба суфтагии онҳо чандон аҳамият намедод.

Тавре ки ёдовар шудем, дар рӯйи аксари сиккаҳо навиштаҷот бо ҳуруфи арабӣ ва дар пушташон нақшҳои гул ва ҳандасӣ дида мешавад. Мутаассифона, дар ягон сикка нақшҳо ва навиштаҷот пурра нестанд. Сабаб дар он аст, ки муҳр нисбат ба андозаи сиккаҳо калонтар будааст ва биноан бахши ками онҳо дар сиккаҳо баромада, қисми зиёдашон берун мондаанд. Ин ҳолат хондани навиштаҷот ва муайян кардани нақшҳоро душвор мегардонад. Танҳо муқоисаи нақшҳои якхела дар шумораи зиёди сиккаҳо имконият медиҳад, ки сохти онҳоро муайян кунем. Дар бештари сиккаҳо нақши гиреҳ ҷойгир аст. Асоси онро чор нақши дилмонанди дар чор тараф дар муқобили якдигар ҷойгир буда ва бо ҳам гиреҳ хӯрда, ташкил мекунанд. Дар сиккаҳо намудҳои гуногуни ин нақш дида мешаванд, ки аз якдигар бо баъзе ҷузъиёташон фарқ мекунанд.

Навиштаҷот низ дар сиккаҳо қисм-қисм ғунҷидааст ва танҳо муқоисаи қисматҳои гуногуни он дар шумораи зиёди сиккаҳо, имконият медиҳад, ки шакли пурраи он хонда шавад. Омӯзиш нишон дод, ки дар аксари сиккаҳо навиштаҷот якхела буда, аз ду калима иборат аст. Калимаи якуми он ضرب “зарб” буда, дар бисёр сиккаҳо хуб дида мешавад ва нисбатан ба осонӣ хонда шуд. Аммо аз вожаи дуюм дар бисёр сиккаҳо танҳо ҳарфҳои ҷудогонааш намоёнанд ва хонданаш хеле душвор буд. Ҳарфи аввали ин калима дар бисёр маврид берун аз сикка мондааст ва ин ҳолат хондани калимаро душвор мегардонд. Бо вуҷуди ҳамаи ин душвориҳо ба мо муяссар шуд, ки шакли пурраи ин калимаро барқарор намуда, онро хонем. Дар ҷараёни таҳқиқ мо ба хулосае омадем, ки бо эҳтимоли зиёд дар ин сиккаҳо номи Кӯлоб навишта шудааст. Дар бисёр сиккаҳо ҳарфи و намоён буд, аммо ҳарфи пеш аз он истода берун аз сикка монда, дида намешуд. Аммо вақте ки дар чанд сикка ин ҳарф намоён шуд ва коф ک буд, боварии мо дар бораи номи Кӯлоб будани ин калима бештар шуд. Баъдан дар як миқдор сиккаҳо баъди ҳарфи вов و ҳарфи ломро ل мушоҳида кардем, ки ин боварии моро боз ҳам қавитар намуд. Баъдтар дар як теъдоди сиккаҳо дар болои ҳарфҳои کول мо ҳарфи алиф ا ва бе ب –ро, ки дароз кашида шудааст, мушоҳида намудем ва ба хулосае омадем, ки калимаи дуюм, бо эҳтимоли зиёд номи Кӯлоб аст (Тасвири 2). Аммо шубҳаҳои мо ҳамон вақт пурра аз байн рафтанд, ки дар байни 1223 сикка як сиккаеро пайдо кардем, ки дар он номи Кӯлоб کولاب пурра, равшан ва хеле хоно навишта шудааст (Тасвири 2-а.) Ҳаминтавр ба мо муяссар шуд муайян кунем, ки дар ин сиккаҳо калимаи “зарб” ва номи “Кӯлоб” ضرب کولاب навишта шудааст. Ин бори нахуст аст, ки номи Кӯлоб дар сиккаҳо пайдо карда шуд. Аз мазмуни ин навиштаҷот аён аст, ки ин сиккачаҳои хурди мисӣ дар шаҳри Кӯлоб зада шуда буданд. Аммо инҷо саволе ба миён меояд, ки ин шаҳри Кӯлоб дар куҷо ҷойгир буд, дар ҳудуди шаҳри имрӯзаи Кӯлоб ё дар ҷойи дигар? Саволи дигар он аст, ки ин сиккачаҳо кай зада шудаанд? Мушкили ҳалли ин масъала дар он аст, ки дар худи сиккаҳо соли зарби онҳо навишта нашудааст. Биноан ин масъаларо мо метавонем танҳо дар асоси санадҳои дигар ва ғайримустақим ҳал намоем.

Яке аз далелҳои муҳим барои муайян кардани макони зарби сиккаҳои бе сол ин ҷойи ёфт шудани онҳо мебошад. Маъмулан сиккаҳои мисӣ барои савдо ва мубодилаи хурди дарунӣ пешбинӣ шуда буданд. Дар ин асос фарз кардан мумкин аст, ки онҳо бояд бештар дар макони зарбашон ва деҳаҳои гирду атрофи он ёфт шаванд. Агар чунин аст, пас ҷойи зарби ин сиккаҳо бояд дар ноҳияи Ш. Шоҳин ё наздикии он бошад. Шарти дуюм он аст, ки дар ин мавзеъ бояд харобаҳои шаҳри қадим вуҷуд дошта бошанд. Хушбахтона ҳардуи ин нишонаҳоро мо дар ноҳияи Ш. Шоҳин пайдо кардем.

Дар қисмати шимолии ноҳияи Ш. Шоҳин (собиқ Шӯрообод) дар рӯ ба рӯйи деҳаи Шаҳри Барбар зери хок харобаҳои шаҳри калоне ҷойгиранд. Ин мавзеъро сокинони маҳаллӣ Искӯлоб меноманд. Шакли пурраи ин ном бояд Искикӯлоб бошад. Ин ном метавонад узбакӣ бошад, ба маънои Кӯлоби куҳна ё тоҷикӣ бошад ба маънои Кӯлоби боло. Кадоме аз ин ду маъно бартар аст, гуфтан душвор аст. Ин шаҳр аз Кӯлоби имрӯза хеле болотар ва баландтар ҷойгир аст ва қадим аст, яъне ба ҳарду маъно рост меояд.

Дар ин бостоншаҳр ҳафриёт гузаронда нашудааст. Мо ҳамроҳи бостоншиноси номдори тоҷик, устод Ю. Яъқубов бо роҳнамоии шоир ва кишваршиноси кӯлобӣ,

шодравон А. Зарифӣ соли 2003 рафта ин бостоншаҳрро аз назар гузарондем ва аз рӯйи замин як миқдор сафолпораҳоро ҷамъ карда таҳқиқи аввалия намудем. Дар асоси ин сафолпораҳо мо фарз карда будем, ки ин ёдгорӣ тақрибан ба асрҳои 16-19 тааллуқ дорад.

### АДАБИЁТ


1. Ахбори Осорхонаи миллии Тоҷикистон. – Душанбе: “ЭР-граф”, 2021.
2. Абӯалӣ Балъамӣ. Таърихи Табарӣ. Ҷ.2. Теҳрон: “Алҳудо”, 1380-2001.
3. Асрориён Дж.О. Впитав дым лампы тайну слов постиг. Таджикистан.// - 1991. -№3. –С.32-34;
4. Бартольд В.В. Сочинение, т. I. / В.В. Бартольд - М., 1963.
5. Бабелон Э. Сиккаҳои Эрон дар даврони Ҳахоманишӣ /Тарҷумаи Б. Маликзода ва Х. Баёнӣ-Теҳрон, 1357;
6. Беленицкий А.М. Историко-географический очерк Хутталя с древнейших времён до X в. н.э. // МИА, № 15. М – Л., 1950, с.10 9-110;
7. Боғбедӣ Ҳ.Р. Сиккаҳои Эрон дар давраи исломӣ. Аз оғоз то баромадани Салҷуқиён / Ҳ.Р. Боғбедӣ. - Теҳрон, 1393;
8. Гередот. История/ Перевод Г.А. Стратановского. – Ленинград, 1972;


### ТАЪРИХИ АСРҲОИ МИЁНАИ БАРВАҚТИИ МИНТАҚАИ КӮЛОБ АЗ РӮЙИ МАВОДИ СИККАШИНОСӢ


Дар мақолаи мазкур мавзуи таърихи асрҳои миёнаи барвақтии минтақаи Кӯлоб аз рӯйи маводи сиккашиносӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Муаллиф қайд кардааст, ки яке аз далелҳои муҳим барои муайян кардани макони зарби сиккаҳои бе сол ин ҷойи ёфт шудани онҳо мебошад. Маъмулан сиккаҳои мисӣ барои савдо ва мубодилаи хурди дарунӣ пешбинӣ шуда буданд. Дар ин асос фарз кардан мумкин аст, ки онҳо бояд бештар дар макони зарбашон ва деҳаҳои гирду атрофи он ёфт шаванд.



**КАЛИДВОЖАҲО**: сикка, минтақа, савдо, далелҳои муҳим, макон.


### ИСТОРИЯ ПЕРВЫХ СРЕДНИХ ВЕКОВ КУЛЯБСКОГО КРАЯ ПО НУМИЗМИЧЕСКИМ МАТЕРИАЛАМ


В данной статье на нумизматических материалах рассматривается тема истории раннего средневековья Кулябского края. Автор отметил, что одним из важных фактов для определения места чеканки монет без учета годов является место, где они были найдены. Медные монеты обычно предназначались для мелкой внутренней торговли и обмена. Исходя из этого, можно предположить, что их следует искать в основном в месте попадания и селах вокруг него.



**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА**: чеканка, регион, торговля, важные свидетельства, местонахождение.


### HISTORY OF THE FIRST MIDDLE AGES OF THE KULYAB REGION ACCORDING TO NUMISMIC MATERIALS


In this article, on the basis of numismatic materials, the topic of the history of the early Middle Ages of the Kulyab region is discussed. The author noted that one of the important facts for determining the place where coins were minted, excluding years, is the place where they were found. Copper coins were usually intended for small-scale domestic trade and exchange. Based on this, it can be assumed that they should be looked for mainly in the place of impact and the villages around it.



**KEYWORDS:** coinage, region, trade, important evidence, location.



**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Давлатзода Фотима*** **–** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, магистранти курси дуюми факултети таърих. **Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17.

**Сведения об авторе:** ***Давлатзода Фотима*** – Таджикский национальный университет, магистрант второго курса факультета истории. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 17.

**Information about the author:** ***Davlatzoda Fotima*** – Tajik National University, second-year master`s student of Faculty of History. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17.

# ФАЛСАФА, ПСИХОЛОГИЯ ВА ПЕДАГОГИКА – ФИЛОСОФИЯ, ПСИХОЛОГИЯ И ПЕДАГОГИКА

## ЗУҲУРОТИ ИҶТИМОӢ-ПСИХОЛОГИИ БУЛЛИНГ ВА КИБЕРБУЛЛИНГ ДАР НАВРАСОН

***Сафарова М. Р.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Дар айни замон оид ба синну соли наврасӣ мутахассисони соҳаҳои гуногуни илм вобаста ба самти тадқиқотии худ корҳои зиёди илмиеро ба анҷом расонидаанд, ки ҳар яке аз онҳо ин синнусолро бо хусусиятҳои ба худ хос шарҳ медиҳанд. Яке аз хусусиятҳои психологии наврасон ин бавуҷудоии "ҳисси кунҷкобист". Наврасон кӯшиш мекунанд, ки ба тамоми ҳодисаҳои атроф сарфаҳм раванд ва аз ҳамин сабаб ба гурӯҳҳои гуногуни ҳамсолон ва калонсолон ҳамроҳ мешаванд. Хусусиятҳои ҷоришавӣ ва давомнокии синну соли наврасӣ асосан ба сатҳи инкишофёбии ҷомеа вобаста аст ва ҷомеа дар навбати худ ба ташаккулёбии хусусиятҳои психологии наврасон таъсир мерасонад.

Қайд кардан бамаврид аст, ки синни наврасӣ дар адабиётҳои психологӣ, ҳамчун давраи гузариш аз кӯдакӣ ба калонсолӣ ва ҳамчун марҳилаи пурҷушу хурӯши ҳаёт тавсиф дода мешавад. Инкишофёбии тези организм кӯдакро водор мекунад, ки ба намуди зоҳирии худ эътибор медодагӣ шавад. Образи нави «Ман» пайдо мешавад. Кӯдаке, ки инкишофи организмашон то як андоза ақиб аст ин бухронро ба осонӣ аз сар мегузаронад [8,с. 90].

Синни наврасӣ - ин давраи кунҷкобии ақл, кӯшиш ба донистагирӣ, синни қувваи пурҷушу хурӯш ва фаъоли организм мебошад. Дар ин синну сол тафаккур бештар мустақилу фаъол ва эҷодӣ мешавад. Сифатҳои иродавӣ тараққӣ ёфта, дар шакли: ноустуворӣ, қатъият дар бамақсадрасӣ, бартараф карда тавонистани монеаҳо ва мушкилиҳо хуб аён мешаванд. Тағйиротҳои куллии биологӣ, ки дар ин синну сол ба амал меоянд, дар узвҳои дохилӣ, яъне ғадудҳои секретсияи дарунӣ, аз ҷумла ғадудҳои сипаршакл ва ғадудҳои таносули ҷинсӣ ба амал омада, мубодилаи модаҳоро ба вуҷуд меоваранд [4. саҳ. 195].

Мутаассифона, солҳои охир дар муҳити хонавода нисбати тарбияи насли наврас, хусусан дар синну соли наврасӣ кам аҳаммият дода мешавад ва аз ин рӯ наврасон ба мушкилотҳои гуногуни иҷтимоию психологӣ гирифтор мешаванд. Яке аз мушкилотҳои асосӣ, ки ба инкишофи шахсияти наврас ва раванди фаъолияти таълимӣ таъсири манфии худро мерасонад бо истилоҳи буллинг - зӯроварии наврасон шарҳ дода мешавад. Буллинг калимаи англисӣ (bullying, аз англ. bully) буда, маънои ҷангҷӯӣ, зӯроварӣ, зулм ва тазоҳурро дорад. Аввалин шуда ин истилоҳро соли 1993 олими норвегиягӣ Дан Олвеус (Dan Olweus) дар китоби машҳури худ "Буллинг дар мактаб: мо чиро медонем ва мо чӣ кор карда метавонем?" истифода бурдааст [6]. Баъди нашри ин китоб калимаи "буллинг" ба гардиши илмӣ ворид шудааст. Истилоҳи "буллинг" аз тарафи олимон бо мафҳумҳои гуногун навишта шудаанд. Дар асарҳои муҳаққиқон истилоҳи "буллинг" бо ибораҳои "рафтори девиантии деструктивӣ", "рафтори агрессивӣ" ва "зуроварӣ" ҳаммаъно истифода шудааст.

Инчунин, ҳамин намуди зуроварӣ, ки тавассути шабакаҳои иҷтимоӣ сурат мегирад, бо истилоҳ кибербуллинг низ дар байни наврасон хеле зиёд ба назар мерасад.

Кибербуллинг як шакли зӯроварии равонӣ нисбати шахс, таҳқир ва зӯроварии мубталои дар шабакаҳои иҷтимоӣ ва дигар манбаъҳои интернетӣ мебошад. Агар қабл аз пайдо шудан ва паҳн шудани Шабакаи Глобалӣ, бачаҳо дар ҳавлӣ якдигарро таҳқир мекарданд, акнун ин ҳама дар интернет рух медиҳад. Ҳамин тавр, масалан, бадхоҳони шахс (аксар вақт шиносҳо ё ҳамсинфон мешаванд), метавонанд дар дастгоҳҳои мобилии худ афтодани бемаънигии ӯ ва ё як бозии номуваффақро дар як бозии мактабӣ ба навор гиранд, ҳамаашро дар видео ва шабаки YouTube ҷойгир кунанд, истинодро ба одамони дигар

фиристанд ва масхара кардани қурбонии худро оғоз кунанд. Танҳо як пахши тугмача ва аксҳои таҳқиромез, видеоҳои хона, ки барои бегонагон пешбинӣ нашудаанд, шумораи зиёди бинандагонро фаро мегиранд. Тибқи маълумотҳои омории солҳои охир 78% кӯдакони аз 6 то 18-сола ҳамарӯза аз интернет истифода мебаранд. Маъруфияти шабакаҳои иҷтимоӣ ба монанди «Facebook», «Instagram», «Одноклассники», «Twitter», «Periscope», «Telegram», «Ask», «Tik-Tok» меафзояд.

Истилоҳи "кибеобуллинг (таҳдид)" англисӣ буда, онро ба ду қисм "кибер" ва "буллинг" тақсим кардан мумкин аст. Агар қисми якуми он ба шарҳ ниёз надошта бошад, пас қисми дуввум - авбошӣ аз калимаи "булл - барзагов" сарчашма мегирад, ки дар тарҷума маънои онро дорад. Барзагов ҳайвони бадхашм ва хатарнок аст, ки амали он бо амалҳои ҷангҷӯйи, дағалӣ ва иғвогарӣ алоқаманд аст. Кибербуллинг аксар вақт аз воқеияти виртуалӣ ба воқеияти реалӣ мегузарад. Дар ин ҳолат, ҳамлаҳо ва таҳдидҳои зуровар танҳо бо фиристодани акси хандаовари ҷабрдида ба қуттиҳои почтаи электронии дӯстон маҳдуд намешавад, он метавонад ба амалҳои зӯроварӣ мубаддал гардад.

Кибербуллинг то кунун яке аз намудҳои харобиовари ҳамлаҳои интернетӣ ба ҳисоб меравад, ки чӣ гуна ҳамлагарон баъзан номуайянии ҷабрдидаро бераҳмона истифода мебаранд, то ба онҳо зарбаҳои шадиди равонӣ ва таҳқир расонанд. Кибербуллинг одатан дар фиристодани паёмҳои таҳдидомез ба ҷабрдида ё ҷойгир кардани аксҳо ва видеоҳои таҳқиромез дар шабакаҳои иҷтимоӣ, ё ҳатто сохтани вебсайтҳои қалбакӣ бо иттилооте, ки барои ҷабрдида таҳқиромез мебошанд, зоҳир мешавад. Оқибатҳои фишори киберӣ аксар вақт ғамангез ё ҳатто марговар мебошанд.

Кибербуллинг ё зӯроварии онлайн дар ҳамон самтҳои психологияи инсонӣ реша мегирад, зеро дар ҳолати зӯроварии мунтазам, ки таҷовузкор воситаи паҳн кардани нуфуз ё қудрати худро бо таҳқири ҷабрдида интихоб мекунад (алалхусус агар вай дидаву дониста заифтар бошад ва посух дода натавонад), ва бо ин мақоми иҷтимоии худро баланд мебардорад. Аксарияти кибербуллингон қодиранд, ки танҳо дар интернет овоз баланд кунанд; дар ҳаёти воқеӣ онҳо ҷуръати гуфтани чизе дар назди ҷабрдида надоранд.

Ҳар почтаи электронии таҳқиромез ва таҳдидомез, ки ба тариқи электронӣ фиристода мешавад, ба кибербуллинг дохил мешавад. Инчунин, аксҳо ё видеоҳои таҳқиромезро дар шабакаҳои иҷтимоии Facebook ё YouTube бидуни розигии ҷабрдида нашр мекунад. Профилҳои қалбакии васоити ахбори иҷтимоӣ ё вебсайтҳое, ки барои бадном кардани ҷабрдида тарҳрезӣ шудаанд, низ ҳамчун таҳдидҳои киберӣ баромад мекунанд. Мутаассифона, зӯроварии киберӣ ба монанди бадгӯии баъзе одамон ба назар ногузир менамояд. Ҳатто агар он муваффақ шавад ҳам, эҳтимолан аллакай нусхаҳои маводи нашршуда мавҷуданд, ки пурра ва бебозгашт аз шабака берун кардани онҳоро тақрибан номумкин мекунад.

Аммо, таҳқиқоти тулонӣ нишон медиҳанд, ки хашмгинии дар кӯдакӣ ташаккулёфта ҳамчун хислати устувор боқӣ мемонад ва дар тамоми ҳаёти баъдинаи инсон изи худро мегузорад. Ин тадқиқотҳо сатҳи рафтори хашмгинона ва омилҳои ба онҳо таъсиррасонро муайян мекунанд ва тавсиф медиҳанд. Илова бар ин, мо метавонем омилҳои тарбияи оилавӣ ва намунаҳои рафтори хашмгин, ки наврас онҳоро дар оинаи нилгун, дар бозии компютерӣ тамошо мекунад, сатҳи стрессу рӯҳафтодагиро низ илова намоем.

Аз ин рӯ, хушунати мактабӣ ин як шакли афзоиши бадхашмӣ ба ҳамсолон, рафтори комилан манфиест, ки ҳадафи он осеб расонидан ба ҷабрдида ба ин ё он тарз ё осеби равонӣ мебошад [2, 3, 4]. Зуҳуроти кӯҳна аст, аммо таҳқиқоти он нисбатан ҷавон аст. Соли 1997 аввалин омӯзиши ҷиддии ин мушкилот дар Иёлоти Муттаҳидаи Амрико оғоз гардид. Он замон танҳо дар чор минтақа қоидаҳои расмии зидди хушунати мактабӣ мавҷуд буданд.

Муҳаққиқон далел овардаанд, ки зӯроварии анъанавӣ дар байни ҷавонон нисбат ба таҳдидҳои киберӣ бештар паҳн шудааст [7].

Одатан, таърифҳои зӯроварӣ нишон медиҳанд, ки онро гурӯҳ ё шахси алоҳида иҷро карда метавонад. Баъзе муҳаққиқон бар он ақидаанд, ки ин падида, аз рӯйи таъриф, раванди гурӯҳӣ аст [10]. Аммо бо вуҷуди ин, аксари олимон, чӣ дар дохили кишвар ва чӣ дар хориҷ аз он бар он ақидаанд, ки зӯроварӣ метавонад ҳамчун зуҳуроти амали номатлуби як шахс бошад. Таърифҳое, ки дар адабиёт оварда шудаанд, инчунин хусусияти муназзами амалҳоро нишон медиҳанд, яъне такрори мунтазами онҳо дар муддати тулонӣ (аксарияти

ҷинояткорони зӯроварӣ ҷинояткорони такрорӣ мебошанд) ҷой дорад. “Зуровариро ҳамчун амали манфии дар вақти муайяншуда нисбат ба ҷабрдида муайян мекунам", "Зуроварӣ дар байни наврасон одатан дар тарафи ҳамсабақонашон қасдан муайян карда мешавад ва амалҳои такрорӣ, суханони бадгӯйӣ ё рафтори дигар, аз қабили таҳдид, бо як шахс нисбат ба шахси дигар ва ин амалҳои манфӣ метавонанд нохост аз ҷониби ҷабрдида ба амал оянд” [8, с.9].

Аз рӯйи натиҷаҳои тадқиқоти дигар, ки дар сомонаи “буллинг-статистик” қайд шудааст, бештар аз ҳама дар мактаб ва байни наврасон буллинги шифоҳӣ, мисли дашном кардан, фишангҳои зӯроварӣ бо воситаи таҳқири шахсӣ, паст задани шахс аз рӯйи мавқеи ҷинсӣ, динӣ, миллӣ ва нажодӣ тақрибан 77% -ро ташкил медиҳад. Дар 14%-и наврасоне, ки ҷабрдидаи буллинг ҳастанд, мушкилоти ҷиддии психологӣ вуҷуд дорад, мисли худбаҳодиҳии номувофиқ, депрессия, хоҳиши ба мактаб нарафтан ва ҳатто қасди худкушӣ низ ба назар мерасад [12].

Психологҳо ғайр аз омилҳои фардӣ, инчунин муносибати байни буллинг ва виктимизатсияро омӯхта, онро ба омилҳои иҷтимоӣ ва фарҳангӣ низ алоқаманд медонанд. Тадқиқотҳои буллинг ва виктимизатсия нишон додаанд, ки ба рушди ин зуҳурот омилҳои иҷтимоӣ ва фарҳангӣ низ таъсири назаррас мерасонанд.

Мушкилоти иҷтимоии ин мавзуъ дар он аст, ки таҳдидҳои кибербулинг ҳамчун падидаи иҷтимоӣ рӯз аз рӯз шиддат мегирад. Аз ин ҷо бармеояд, ки кибербуллинг ин аз як тараф як муҳити интернетӣ мебошад, аз тарафи дигар арзишҳо ва пешрафти иштироки фаъолонаи шахс дар он аст.

Кибербуллингро ҳамчун як намуди зӯроварии интернетӣ шарҳ медиҳанд. Он метавонад дар шабакаҳои иҷтимоӣ, барномаҳои паёмнависӣ, платформаҳои бозӣ ва телефонҳои мобилӣ сурат гирад. Инҳо эпизодҳои такроршаванда мебошанд, ки ҳадафи онҳо тарсондан, хашм овардан ё беобрӯ кардани шахсони таъқибшаванда мебошад, яъне:

- ✓ паҳн кардани маълумоти бардурӯғ ё дар шабакаҳои иҷтимоӣ ҷойгир кардани аксҳои фатҳ нисбати шахс;
- ✓ фиристодани паёмакҳои таҳқиромез ё таҳдид тавассути платформаҳои паёмнависӣ;
- ✓ худро муаррифӣ кардани шахси дигар ва фиристодани паёмҳои қабеҳ аз номи ӯ.

Вақте ки зӯроварӣ дар интернет рух медиҳад, он метавонад боиси таваҷҷуҳи номатлуби доираи васеи одамон, аз ҷумла одамони ношинос гардад. Дар ҳар куҷое, ки чунин рафтор рух диҳад, агар он боиси норозигии шахс шавад бояд чунин вазъият сатҳи назар нашавад. Мубориза бар зидди киберҷазо на танҳо барои боздоштани таъқибгарон, балки ба мардум хотиррасон кардан лозим аст, ки ҳама сазовори эҳтироми интернетӣ мебошанд.

Вақте ки одамро ба воситаи шабака таҳқир мекунанд, ба ӯ чунин менамояд, ки ӯро дар ҳама ҷо таҳдид карда истодаанд, ҳатто агар ӯ дар хона қарор дошта бошад ҳам. Ба назари ӯ чунин менамояд, ки ӯ аз ҷинояткорон ҷойи пинҳон меҷуста бошад. Чунин амалҳо метавонад тасиррасонии дарозмуддатро дошта бошанд ва аз ҳама муҳим дар байни таъсиррасонии кибербуллинг чунин намудҳоро ҷудо мекунанд:

**Кибербулинги психологӣ** - шахс ғамгин, нороҳат, ба худ аҳаммият намедиҳад ё хашмгин менамояд;

**Кибербулинги эмотсионалӣ** - шахс аз дӯст доштан шарм медорад ё таваҷҷуҳро ба шахс гум мекунад;

**Кибербулинги ҷисмонӣ** - хастагӣ (мушкилоти хоб) ё нишонаҳо, аз қабили дарди шикам ва дарди сар.

Вақте ки шахс дар ҳолати тарс ва таъқиби дигарон қарор мегирад, дар бораи мушкилот ё кӯшиши ҳалли душворӣ фикр менамояд баъзан вақт роҳи ҳалро дар худкушӣ мебинад. Зӯроварии интернетӣ ба ҷанбаҳои гуногуни ҳаёти мо таъсир мерасонад, аммо ҳамаи ин мушкилотро метавон бартараф кард ва эътимод ба худ барқарор хоҳад шуд. Агар шахс фикр кунад, ки ӯро дар интернет таҳқир мекунанд, қадами аввал ин аст, ки аз одамоне, ки ба онҳо эътимод доранд, кумак пурсидан зарур аст, масалан, волидайн, хешовандони наздик ё шахси дигари калонсоли боэътимоди оила.

Боз як ҳолати дигар ин аст, ки агар шахс ба фишори кибербуллинг гирифтор шавад, вале тарсад, ки бо волидон дар ин бора суҳбат кунад ва чӣ кор карданашонро надонад, пеш аз ҳама шахсро зарур аст, ки новобаста аз фишори кибербуллингӣ дар назди худ мақсад гузораду бо онҳо муошират намояд. Агар шахсро таҳқир кунанд, муошират бо калонсоли боэътимод, ки худро бехатар ҳис мекунед, яке аз қадамҳои муҳимтарини шахс мебошад. Барои ҳамин барои на ҳамаи наврасон муошират кардан бо волидайнашон осон аст. Аммо ҳолатҳое ҳастанд, ки метавонанд барои сӯҳбат шароити мусоид фароҳам оваранд. Пеш аз ҳама бояд вақти суҳбат интихоб карда шавад, вақте ки волидон таваҷҷуҳи худро ба шахс бевосита равона карда метавонанд. Фаҳмонидан зарур аст, ки мушкилот барои шахс то чӣ андоза ҷиддӣ аст. Дар хотир бояд дошт, ки волидон метавонанд дар соҳаи технология моҳир набошанд ва ба онҳо кумак зарур меояд, то ки воқеиятро дуруст фаҳмида тавонанд. Аз ин сабаб, бисёр кишварҳо қонунҳои гуногуни каҷрафторӣ ва таҳқирро барои ҷазо додани ҷинояткорон истифода мебаранд.

Ҳаминро бояд қайд кард, ки дар кишварҳое, ки қонунҳои мушаххаси интернетӣ вуҷуд дорад, рафтори интернетӣ, ки ба ташвиши ҷиддии эмотсионалӣ равона шудааст, амали ҷиноятӣ ба ҳисоб меравад. Дар баъзе аз ин кишварҳо, ҷабрдидагони таҳдидҳои кибериро метавонанд муҳофизат кунанд, муошириати зӯроварро бо онҳо манъ кунанд ё зӯровариро аз истифодаи дастгоҳҳои электроние, ки барои содир кардани киберҷиноятҳо истифода мешаванд, муваққатан ё доимӣ маҳдуд кунанд. Аммо, дар хотир доштан лозим аст, ки ҷазо на ҳамавақт роҳи самараноктарини ислоҳи рафтори ҷинояткорон мебошад.

## АДАБИЁТ


1. Беспалов Е.И. Результаты онлайн-исследования «Юный интернетпользователь» в 2010 году [Электронный ресурс]. URL:http://www.friendlyrunet.ru/files/ (санаи назардид: 11.02.2022).
2. В России может появиться закон о запрете травли в социальных сетях [Электронный ресурс]: // АО «Телерадиокомпания (санаи назардид: 12.02.2022).
3. Психология развития и возрастная психология / С.И. Самыгин, И.Н. Алексеенко, В.И. Бондин [и др.]. – Ростов-на-Дону: Общество с ограниченной ответственностью «Феникс», 2021.
4. Проблемы насилия над детьми и пути их преодоления / Под. ред. Е.Н. Волковой. – СПб.: Питер, 2008.
5. Психология развития и возрастная психология: учебник и практикум для вузов / Л. А. Головей [и др.]; под общей редакцией Л. А. Головей. – 2-е изд., испр. – Москва: Издательство Юрайт, 2021.
6. Руководство практического психолога. Психолог в школе: практическое пособие / И. В. Дубровина [и др.]; под редакцией И. В. Дубровиной. – 2-е изд., испр. и доп. – Москва: Издательство Юрайт, 2021.
7. Руланн Э.Г. Как остановить травлю в школе. Психология моббинга / Э.Г. Руланн. – М.: Генезис, 2012.
8. Стрельбицкая А.А. Динамика школьного буллинга в коллективах старшего звена / А.А. Стрельбицкая // Педагогическая диагностика. – 2010. – № 2. – С. 104–124.
9. Склярова, Т. В. Общая, возрастная и педагогическая психология: учебник и практикум для вузов / Т.В. Склярова, Н.В. Носкова; под общей редакцией Т. В. Скляровой. – Москва: Издательство Юрайт, 2021.
10. Солдатова Е.Л. Психология развития и возрастная психология. Онтогенез и дизонтогенез: учебник для вузов / Е.Л. Солдатова, Г. Н. Лаврова. – 2-е изд., перераб. и доп. – Москва: Издательство Юрайт, 2021.


## ЗУҲУРОТИ ИҶТИМОӢ-ПСИХОЛОГИИ БУЛЛИНГ ВА КИБЕРБУЛЛИНГ ДАР НАВРАСОН


Дар мақолаи мазкур масъалаи буллинг ва кибербуллинг миёни наврасон баррасӣ мешавад. Буллинг ва кибербуллинг ҳамчун зуҳуроти иҷтимоӣ-психологӣ бештар дар муҳити муассисаҳои таълимӣ ва миёни наврасон вомехӯрад. Ин зуҳуроте мебошад, ки муҳиммияти омӯзиши он бинобар таъсири манфи ба психика ва инкишофи наврасон доштанаш, дар мақола оварда шудааст. Ҳамчунин, дар чаҳорчӯбаи мақола натиҷаҳои таҳқиқот оварда шуда, таҳлил ва муқоиса карда шудааст. Барои пешгирии буллинг ва кибербуллинг миёни наврасон дар ҳамкории волидайну муаллимон бо наврасони ба буллинг дучоршуда, як қатор тавсияҳо пешниҳод шудааст.



**КАЛИВОЖАҲО:** наврас, буллинг, кибербуллинг, иҷтимоӣ-психологӣ, мушкилоти психологи, волидайну муалимон.


## СОЦИАЛЬНО-ПСИХОЛОГИЧЕСКИЕ ПРОЯВЛЕНИЯ БУЛЛИНГА И КИБЕРБУЛЛИНГА У МОЛОДЕЖИ


В данной статье рассматривается проблема буллинга и кибербуллинга среди подростков. Буллинг и кибербуллинг как социально-психологическое явление более распространены в среде образовательных учреждений и среди подростков. Это феномен, важность его изучения в связи с его негативным влиянием на психику и развитие подростков представлена в статье. Также в рамках статьи представлены, проанализированы и сопоставлены результаты исследования. В целях профилактики буллинга и кибербуллинга среди подростков предложен ряд рекомендаций в сотрудничестве родителей и педагогов с подростками, подвергающимися буллингу.

**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА:** подросток, буллинг, кибербуллинг, социально-психологические, психологические проблемы, родители и педагоги.

**SOCIO-PSYCHOLOGICAL MANIFESTATIONS OF BULLYING AND CYBER-BULLYING IN YOUTH**

This article deals with the problem of bullying and cyberbullying among teenagers. Bullying and cyberbullying as a socio-psychological phenomenon are more common among educational institutions and among adolescents. This is a phenomenon, the importance of its study in connection with its negative impact on the psyche and development of adolescents is presented in the article. Also within the framework of the article, the results of the study are presented, analyzed and compared. In order to prevent bullying and cyberbullying among adolescents, a number of recommendations have been proposed in the cooperation of parents and teachers with adolescents who are bullied.

**KEYWORDS:** teenager, bullying, cyberbullying, socio-psychological, psychological problems, parents and teachers.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Сафарова Мафтуна Раҷабовна*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, магистранти курси дуюми ихтисоси психология. **Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **(+992) 009229942.** E-mail: **maftuna.safarova.2019@ bk.ru**

**Сведения об авторе:** ***Сафарова Мафтуна Раджабовна*** – Таджикский национальный университет, магистрант второго курса по специальности психологии. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: **(+992) 009229942.** E-mail**: maftuna.safarova.2019@ bk.ru**

**Information about the author:** ***Safarova Maftuna Radjabovna*** – Tajik National University, second-year master`s student in psychology. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. Phone: **(+992) 009229942.** E-mail: **maftuna.safarova.2019@ bk.ru**

# ЗУҲУРОТИ АФСУРДАГИИ КАСБӢ ДАР МУАЛЛИМОН

***Мирзошарипова Р.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Имрӯз дар баробари ба даст овардани истиқлолият як қатор дастовардҳо дар соҳаи маориф ба чашм мерасанд, вале аз сабаби он, ки фаъолияти педагогӣ ниҳоят пурмашаққат асту сарфи зиёди неруи руҳиро металабад, муаллимони мо чӣ дар оила, чӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва олӣ, инчунин чӣ дар ҷойҳои ҷамъиятӣ бо сабаби надоштани дониш ва малакаҳои кофии психологию мавҷуд набудани хадамоти психологӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва олӣ ҳолати афсурдагии худро ба таври бояду шояд бартараф карда наметавонанд.

Омӯзишҳо нишон медиҳанд, ки афсурдагӣ ҳамчун ҳолати афтодаруҳӣ дар натиҷаи азсаргузаронии стресси давомдор, кори ҷории педагогии асабхаробкунанда ва мавҷуд набудани водоркунандаҳои кофӣ мушоҳида мешавад. Ба ақидаи Маслак ва Лейтер (1997), муҳити носолими оила ва муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва олӣ ба густаришёбии афсурдагӣ ҳамчун ҳолати афтодаруҳии эмотсионалӣ нақши калон мебозад. Ин психологони маъруф дар асарҳои илмии худ нақши чунин эмотсияҳои манфиро чун фрустратсия, хашму ғазаб, тарс ва стресс дар густаришёбии афсурдагӣ ва коҳишёбии эмотсияҳои мусбӣ қайд намудаанд [7, с.201-222].

Воқеаҳои ҳаётӣ ва мушоҳидаи мутахассисон нишон медиҳад, ки чунин омилҳо ба рушди афсурдагӣ дар муаллимони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва олӣ мусоидат мекунанд:

- эҳтиёҷоти аз ҳад зиёд ва мушкилӣ дар таълиму тарбияи насли наврас дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва олӣ;
- эҳтиёҷоти аз имконият берун аз тарафи роҳбарони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва олӣ. Дар натиҷаи фишори давомдор дар муаллимони ҷавон нишонаҳои стресси ҷамъшаванда (кумулятивӣ) пайдо шуда, баъдан афсурдагӣ ҳамчун ҳолати афтодаруҳии эмотсионалӣ ба чашм мерасад;
- номуайянии комёбиҳои ояндаи ҳаётӣ дар кишваре, ки мушкилоти иқтисодиро аз сар мегузаронад ва дар он имконияти ёфтани ҷойи кори қаноаткунандаи талаботҳои моддӣ мушкил аст [7, с.135-136].

Ҳаминро ба асос гирифта, лозим донистем, ки ин масъаларо ба сифати мавзуи тадқиқотӣ интихоб намоем. Инчунин тасмим гирифтем, ки сабабҳои асосӣ ва омилҳое, ки сабаби пайдоиши тағйиротҳои афсурдагӣ ҳамчун ҳолати афтодаруҳии муаллимон мегарданд, кушода диҳем. Албатта, ин омилҳо сабабҳои объективӣ ва субъективии худро доранд, ки роҳи ҳал ва пешгирии он масъалаи асосии мо психологони оянда ба ҳисоб меравад.

Боиси қайд аст, ки барои омӯзиши ҳолати эмлтсионалии муаллимони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва олӣ, пеш аз ҳама бояд худи ҳолати руҳии фард омӯхта шавад ва инро танҳо тавассути ташхиси психологӣ ташкил намудан мумкин аст. Барои ташхис намудани ҳолати афсурдагии муаллимони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва олӣ, ҳамчун ҳолати афтодаруҳӣ саволномаҳои гуногун аз тарафи психологҳо корнамуд шудааст. Бо мақсади истифода бурдани саволнома барои ташхиси ҳолати афсурдагии муаллимони чавон ҳамчун ҳолати афтодаруҳӣ мо аз саволномаи афсурдагии Бек истифода бурдем [3, с.156-157]. Саволномаи мазкур ба забон ва фарҳанги тоҷикӣ мутобиқ карда шудаасту натиҷаҳои бадастовардашуда аз нигоҳи илмӣ боваринок ва эътимоднок ҳисобида мешаванд.

Аз маводҳои ҷамъовардаамон маълум мешавад, ки аз 25 нафар муаллимони дар таҳқиқот иштироknamуда 4 нафараш дар ҳолати афсурдагӣ ҳамчун ҳолати афтодаруҳии муътадил, 12 нафар дар ҳолати афсурдагӣ ҳамчун ҳолати афтодаруҳии сабук ва 9 нафар афсурдагӣ ҳамчун ҳолати афтодаруҳӣ надоранд мебошад. Агар мо ҷиҳати ҷинсии муаллимони озмудашударо ба инобат гирем, маълум мешавад, ки аз 4 нафараш дар ҳолати афсурдагӣ ҳамчун ҳолати афтодаруҳии муътадил қарор дошта, се нафараш зан асту фақат як нафараш мард. Инчунин, аз 12 нафар дар ҳолати афсурдагӣ ҳамчун ҳолати афтодаруҳии сабук қарордошта 7 нафараш зан ва 5 нафараш мард аст. Ин маълумотҳо нишон медиҳанд, ки дар занҳои ба фаъолияти педагогӣ машғулбуда, бештар ҳолати афсурдагӣ мушоҳида мегардад. Пас, маълум мешавад, ки 4 нафар дар ҳолати афсурдагӣ ҳамчун ҳолати афтодаруҳии муътадил қарор доранду психологи муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ бояд тавассути услубҳои равондармонӣ бо онҳо ҳамкорӣ намуда, сатҳи ҳолати афсурдагии ин муаллимони ҷавонро паст намояд.

Умуман, дар асоси омӯзиши психологии ҳолати афсурдагӣ ҳамчун ҳолати афтодаруҳӣ дар муаллимон ба чунин хулосаҳои даркорӣ омадем:

- афсурдагӣ ба гуруҳи ҳолатҳои эмотсионалии одам дохил мешавад ва ифодакунандаи ҳолати яъсу ноумедӣ мебошад.

- афсурдагӣ ҳолати аффективие ба шумор рафта метавонад, ки тобиши хоси манфии эмотсионалиро дошта, ба соҳаи маромҳои рафтор, тасаввуротҳои маърифатӣ ва иродавии фард бетаъсир намемонад;

- омӯзиши психологии муаллимони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва олӣ нишон дод, ки онҳо низ гирифтори афсурдагӣ буда метавонанд ва ба ёрии бевоситаи психологӣ ниёз доранд;

- барои ташкил намудани ёрии психологӣ зарурати ташхиси ҳолати руҳии муаллимон ба миён меояд. Аз ин рӯ, дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва олӣ ба роҳ мондани хадамоти психологӣ барои муаллимон аз аҳаммият холӣ нест;

- бо ин мақсад тайёр намудани психологон барои ташкил намудани хадамоти психологӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва олӣ зарур мебошад.

Дар поён баъзе тавсияҳо барои муаллимони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва олие, ки гирифтори афсурдагӣ ҳамчун ҳолати афтодаруҳӣ гардидаанд, оварда мешавад:

- дар бораи ҳиссиётҳо ҳамчун инъикоси муносибатҳои одам ба олами иҳотакарда бо наздикони худ суҳбат кунед, эмотсияҳои худро бояд ифода намуд ва онҳоро нашояд дар дарун нигоҳ дошт. Баровардани эмотсия ҳамчун ҳиссиёти тарбиянаёфта барои баромадан аз доираи маҳдуди бемадорӣ кумак менамояд;

- дар фаъолияти педагогӣ танаффус намудан – барои барқарор намудани қувва танаффус ва истироҳатро бояд қаблан ба нақша гирифт;

- кафолати дастгирӣ аз тарафи оила ва дӯстон - бояд дар алоқа бо наздикони худ монд, зеро дастгирии онҳо барои барқарор намудани қувва ивазнашаванда мебошад;

- маҳдуд намудани сарбории педагогӣ ва дар маҷмуъ маҳсулнокӣ. Бояд ҳаҷми мувофиқи кори педагогиро барои як рӯз, як ҳафта ё як моҳ муайян намуд;

- вақти дар танҳоӣ гузаронидашуда – ин омил ҳам барои ҳимоя ва ҳам барои барқароршавӣ муҳим мебошад;

- рушди муносибат барои муаллим ивазнашаванда мебошад. Муаллим бояд вақти кофиро барои муносибат бо одамони наздик (ҳамсар, бародару хоҳар, ҳамсолон ва дӯстон) ҷудо кунад;

- идора намудани худ, ки маънои муайян намудани лаҳзаҳои маҳсулнокии рӯз ва бахшидани ин лаҳзаҳоро ба иҷрои корҳои муҳим дошта метавонад;

- барқароркунии тадриҷии қувваи ҷисмонӣ ва руҳӣ. Муаллимони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва олӣ бояд шуғле ёбанд, ки қобилиятҳоро густариш дода метавонанд ва ҳолати руҳиро беҳтар мегардонанд. Масалан, мусиқӣ, рақс, варзиш, расмкашӣ, хондани китоби бадей ва монанди инҳо;

- муроҷиат ба мутахассиси соҳаи кумаки психологӣ дар ҳолати зарурӣ;

- эътироф намудани нокомӣ ҳамчун ҷузъи муқаррарии ҳаёт. Муаллими муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва олӣ бояд на танҳо нокомиҳоро ба эътибор гирад, балки аз хатогиҳои худ сабақ гирифтанро омӯзад.

### АДАБИЁТ


1. Алмазов Б.Н. Психологическая средовая дезадаптация / Б.Н. Алмазов. – М., 1986.
2. Дастури психологияи амалӣ /Зери таҳрири Н. М. Юнусова. – Душанбе: Сино, 2004
3. Дружинин В. Н. Экспериментальная психология / В.Н. Дружинин. – Спб.: Питер, 2007
4. Қодиров Б.Қ., Давлатов М., Расулов С. Вожаномаи тафсирии истилоҳоти психологӣ ва педагогӣ / Б.Қ. Қодиров, М. Давлатов, С. Расулов. – Душанбе: Ирфон, 2008
5. Крутецкий В.А. Психология / В.А. Крутецкий. – М., 1986.
6. Нарзуллоева М. Равоншиноси муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва самтҳои фаъолияти ӯ / М. Нарзуллоева. - Душанбе, 2008
7. Сопов В.Ф. Психологические состояния в напреженной профессиональной деятельности / В.Ф. Сопов. – М., 2005.


### ЗУҲУРОТИ АФСУРДАГИИ КАСБӢ ДАР МУАЛЛИМОН


Дар мақолаи мазкур сухан дар бораи зуҳуроти афсурдагии касбии муаллимон ва тадқиқи он меравад. Мушоҳидаҳои мо ва таҳлили маводҳои бадастоварда нишон медиҳанд, ки аз 25 нафар муаллимони дар таҳқиқот иштироккнамуда 4 нафараш дар ҳолати афсурдагии муътадил, 12 нафар дар ҳолати афсурдагии сабук ва 9 нафар афсурдагӣ надоранд, мебошад. Агар мо ҷиҳати ҷинсии муаллимони озмудашударо ба инобат гирем, маълум мешавад, ки аз 4 нафари дар ҳолати афсурдагии муътадил қарор дошта, се нафараш зан асту фақат як нафараш мард. Инчунин, аз 12 нафари дар ҳолати афсурдагии сабук қарордошта 7 нафараш зан ва 5 нафараш мард аст. Ин маълумотҳо нишон медиҳанд, ки дар занҳои ба фаъолияти педагогӣ машғулбуда, бештар ҳолати афсурдагӣ мушоҳида мегардад.



**КАЛИДВОЖАҲО:** тадқиқоти психологӣ, фаъолияти педагогӣ, муаллимон, афсурдагӣ, мактаб, ташхис, пешгирӣ.


### ПРОЯВЛЕНИЯ ПРОФЕССИОНАЛЬНОЙ ДЕПРЕССИИ У УЧИТЕЛЕЙ


В данной статье речь идет о проявлении профессиональной депрессии педагогов и ее исследовании. Наши наблюдения и анализ полученных материалов показывают, что из 25 учителей, принявших участие в исследовании, 4 находятся в состоянии умеренной депрессии, 12 - в состоянии легкой депрессии, 9 - не имеют депрессии. Если учесть пол тестируемых педагогов, то получается, что из 4 человек, находящихся в состоянии умеренной депрессии, трое женщины и только один мужчина. Также из 12 человек, находящихся в состоянии легкой депрессии, 7 женщины и 5 мужчины. Эти данные показывают, что женщины, занимающиеся педагогической деятельностью, чаще подвержены депрессивным состояниям.



**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА:** психологическое исследование, педагогическая деятельность, учителя, депрессия, школа, диагностика, профилактика.


### MANIFESTATION OF PROFESSIONAL DEPRESSION IN TEACHERS


This article deals with the manifestation of professional depression of teachers and its study. Our observations and analysis of the materials obtained show that out of 25 teachers who participated in the study, 4 are in a state of moderate depression, 12 are in a state of mild depression, and 9 are not depressed. If we take into account the gender of the tested teachers, it turns out that out of 4 people who are in a state of moderate depression, there are three women and only one man. Also, out of 12 people who are in a state of mild depression, 7 are women and 5 are men. These data show that women who are engaged in pedagogical activity are more prone to depressive states.

**KEYWORDS:** psychological research, pedagogical activity, teachers, depression, school, diagnostics, prevention.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Мирзошарипова Рухшона*** **–** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, магистранти ихтисоси психология. **Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17.

**Сведения об авторе:** ***Мирзошарипова Рухшона*** – Таджикский национальный университет, магистрант по специальности психологии. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 17.

**Information about the author:** ***Mirzosharipova Rukhshona*** – Tajik National University, master`s student in psychology. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17.

## ТАҲҚИҚИ ТАҲАММУЛПАЗИРӢ ДАР ВАРЗИШГАРОНИ ҶАВОН

***Филина О.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Мафҳуми таҳаммулпазирӣ, пеш аз ҳама, истилоҳи иҷтимоӣ - маданӣ буда, дар илмҳои гуногун тобишу маънои гуногун пайдо карда метавонад. Бо вуҷуди ин таҳаммулпазирӣ категорияи коммуникативӣ ба ҳисоб меравад, чунки барои муносибат ва муошироти байнифардӣ ва иҷтимоӣ хизмат менамояд.

Таҳаммулпазирӣ ҳамчун феномен дар илми психология таърихи начандон калон дорад. Муҳаққиқон ҳам мафҳуми таҳаммулпазириро гуногун шарҳ медиҳанд. Масалан, аз нигоҳи А.А. Реан ҳангоми баррасии робитаи мутақобилаи мафҳумҳои «сабру тоқатнамоӣ» ва «таҳаммулпазирӣ» баръакси андешаҳои болост. А.А. Реан андеша дорад, ки таҳаммулпазирӣ мафҳуми психофизиологист ва маънои суст шудани эътино ба кадом як омили ногувор дар натиҷаи паст шудани ҳассосӣ ба таъсири он мебошад. Мувофиқи ақидаи А.А.Реан мафҳуми «тоқатпазирӣ» фарогири таҳаммулпазирӣ буда, мафҳуми нисбатан васеъ мебошад.

Психологи дигари рус Ю.А. Ишенко таҳаммулпазириро ҳамчун «меъёри амалии муносибат ва муошират» меҳисобад [5, с.48-51]. Мувофиқи ақидаи В.О. Тишков бошад, таҳаммулпазирӣ бо худмуайяннамоии шахсият, ягонагии ӯ дар фаъолият ва муносибат ва муошират алоқаманд аст. Он ҳамчун тавсифдиҳандаи шахсиятӣ ва ҷамъиятӣ ифодакунандаи «дарки он мебошад, ки олам ва муҳити иҷтимоӣ бисёрченака аст» ва ифодаёбиаш тавассути ду муҳити асосӣ сурат гирифта метавонад: «дар сатҳи психологӣ – ҳамчун мақсадгузории ботинӣ ва муносибати шахсу коллектив, дар сатҳи сиёсӣ бошад, - ҳамчун амал ва ё меъёри иҷтимоии тавассути қонун ё анъанаҳо амалишаванда». Дар тадқиқотҳои худ бо номи «Доир ба таҳаммулпазирӣ» В.О. Тишков кӯшиш менамояд, ки субъекти таҳаммулпазириро шарҳу эзоҳ диҳад. Мувофиқи ақидаи муҳаққиқ ин хусусият барои субекти таҳаммулпазирӣ «на хусусияти модарзодии гурӯҳӣ ё инфиродӣ, балки хусусияти доимӣ ва кӯшиши ба сохтану амалӣ намудани арзишҳо ва меъёрҳои муайяни шахсӣ ва иҷтимоӣ равонагардида» мебошад, ки ӯ онро барои худ ҳамчун худмаҳдудкунӣ қадр мекунад.

Доир ба ҷанбаи амалии таҳаммулпазирӣ Байбородова Л.В. қайд менамояд, ки шахс бояд бо намунаи шахсӣ нишон диҳад, ки чи гуна бояд ба муҳокимаронииҳои дигарон муносибат намуд, бо дигарон чи гуна бояд суҳбат намуд ва онҳоро шунида, сипас нуқтаи назари худро саҳеҳан пешниҳод кард [2, с.37-38].

Ба андешаи С.Л. Братченко бошад, чунин таҳаммулпазирӣ ба автоматизм, ба амалҳои соддаи қолабӣ оварда намерасонад, ин арзиш ва мавқеи ҳаётист, ки амалинамоии он дар ҳар як вазъияти мушаххас маънои муайян дошта, аз субекти таҳаммулпазирӣ ҷустуҷӯйи ин маъно ва ҳалли масъулиятнокро тақозо мекунад [3, с.201-202].

Таҳаммулпазириро набояд ба маънои гузаштнамоӣ, илтифот, тамаллуққорӣ ва чашмпӯшӣ ба кирдори ношоям ташбеҳ дод. Таҳаммулпазирӣ пеш аз ҳама муносибати фаъол аст, ки дар асоси эътирофи ҳуқуққҳои универсалӣ ва озодиҳои асосии инсон ташаккул хоҳад ёфт.

Масъалаи зоҳир намудани таҳаммулпазирӣ дар ҷараёни муносибат ва муошират то ҳол предмети тадқиқоти ҷиддии психологияи иҷтимоӣ ва педагогӣ нашуда буд. Бояд қайд кард, ки сохти умумии таҳаммулпазириро дар муносибат ва муошират ба ду намуд ҷудо намудан мумкин аст: 1) таҳаммулпазирии сенсуалӣ (ҳиссӣ)-и шахс ва 2) таҳаммулпазирии диспозитсионӣ (мувофиқи мақсад ва мавқеъ рафтор намудан)-и шахс (Реан А.А.).

Таҳаммулпазирии сенсуалӣ аз пуртоқатии шахс ба таъсири ангезанда вобаста буда, аз ҳисоби пастшавии ҳассосӣ сустшавии мутаассиршавӣ ба ягон омили манфӣ мебошад. Таҳаммулпазирии сенсуалӣ, ҳамин тавр, бо таҳаммулпазирии классикӣ, бо баландшавии зинаи ҳассосӣ ба ҳар гуна таъсири ангезанда ва инчунин таъсири субъектҳои муносибатҳои байнишахсӣ алоқаманд аст. Дар асоси таҳаммулпазирии диспозитсионӣ механизми тамоман дигар мавҷуд аст, ки дар ҳамкорӣ бо муҳит пуртоқатии шахсро таъмин менамояд. Дар ин ҳолат сухан дар бораи омодагӣ ба таъсири ангезанда меравад, яъне шахс пеш аз оғози таъсири ангезанда худро ба он тайёр менамояд. Ин омодагӣ дар заминаи когнитивӣ, аффективӣ ва рафторӣ зоҳир мешавад. Таҳти таҳаммулпазирии диспозитсионӣ гузориши мақсадҳои мушаххаси шахс бо ҷамъи муносибатҳои ӯ ба ҳақиқат меистад: ба одамони дигар, ба рафтори онҳо, ба худ, ба таъсири дигарон ба худ ва умуман ба ҳаёт. Ба ин мақсадҳои гузошташуда ва мавқеи ишғолкардаи шахс мисол шуда метавонад: «Ҳамаи одамон ягон вақт хато менамоянд», «Ҳар чӣ қадар нуқтаи назар бисёртар бошад, ҳамон қадар хубтар аст», «Бадхашмӣ ва таҷовуз бисёр вақт аз лаҳзаи воқеият вобаста мебошаду моҳиятан ботини шахсро зоҳир наменамоянд» ва ғайра. Нақшаи рафтор, ки аз рӯйи мақсади гузошташудаю мавқеи ишғолкардаи шахс дар ҷараёни муносибат ва муошират амалӣ мегардад, ба баландшавии таҳаммулпазирии шахсӣ оварда мерасонад. Ин мисоли овардашуда, албатта, ба таҳаммулпазирии диспозитсионӣ тааллуқ дораду мисоли таҳаммулпазирии сенсуалӣ шуда наметавонад. Ба таври дигар гӯем, таҳаммулпазирии диспозитсионӣ – ин таҳаммулпазирии мавқеи ишғолкарда дар муносибат ва муошират, таҳаммулпазирии мувофиқи мақсади гузошташуда муносибат ва муошират намудан ва таҳаммулпазирии дарки олам мебошад. Таҳаммулпазирии диспозитсионӣ бо таҳаммулпазирии психофизиологӣ вобаста нест. Дар ин маъно, дорои таҳаммулпазирии баланди диспозитсионӣ шахсе шуда метавонад, ки ниҳоят ҳассос бошад.

Чи тавре қайд карда будем, дар наврасону ҷавонон ду намуди таҳаммулпазирӣ: сенсуалӣ ва диспозитсионӣ мушоҳида карда мешавад. Таҳаммулпазирии сенсуалӣ характери физиологӣ дорад. Масалан, дар одамони мизоҷи флегматикӣ ва меланхоликӣ дошта, таҳаммулпазирии сенсуалӣ бештар мушоҳида мешавад. Сабаби дар одамони мизоҷи флегматикӣ ва меланхоликӣ дошта, таҳаммулпазирии сенсуалӣ бештар мушоҳида шуданаш дар он аст, ки дар онҳо қувваи ҳаяҷон пасттар аст ва онҳо оҳиста-оҳиста ба ҳаяҷон меоянд. Барои қаҳру ғазабашон баланд шавад, вақти бисёр лозим мешавад. Аз тарафи дигар, қувваи боздориашон қодир аст, ки ҳаяҷони пайдошуда истодаро нобуд месозад. Ҳамин тавр, онҳо табиатан пурсабру тоқат ва таҳаммулпазир мешаванд.

Дар одамони мизоҷи холерикӣ ва сангвиникӣ дошта, афсӯс, ки ҳамин намуди таҳаммулпазирӣ, яъне сенсуалӣ камтар дида мешавад, зеро дар онҳо қувваи ҳаяҷон зӯртар аст ва онҳо тез ба ҳаяҷон меоянд. Барои қаҳру ғазабашон баланд шавад, вақти кам ва сабаби ночиз кифоя мешавад. Аз тарафи дигар, қувваи боздориашон на ҳама вақт қодир аст, ки ҳаяҷони пайдошуда истодаро хомӯш созад. Бинобар ин, дар ин гурӯҳи одамон зарурати ташаккул додани таҳаммулпазирии диспозитсионӣ пайдо мешавад.

Барои муайян кардани он, ки дар кадом варзишгар, кадом намуди таҳаммулпазириро ташаккул додан мувофиқи мақсад аст, зарурати истифодабарии методикаи ташхисии типҳои мизоҷ пайдо мешавад. Ҳамин тавр, дар рафти тадқиқоти худ, мо аз методи ташхиси типҳои мизоҷ истифода намудем. Барои фаҳмидани он, ки варзишгари ҷавон дорои кадом типи мизоҷ асту кадом намуди таҳаммулпазирӣ барои ташаккул додан беҳтар аст.

Дар асоси гуфтаҳои боло амал карда, мо тадқиқоти худро бо гурӯҳи донишҷӯён-варзишгарони бахши якум гузаронида, чунин натиҷаҳои мушаххасро ба даст овардем, ки аз 25 нафари варзишгарони ҷавони озмудашуда 10 нафарашон табиатан дорои таҳаммулпазирии сенсуалӣ (яъне, мизоҷи меланхолокӣ ва флегматикӣ) мебошанд. Дар 15 нафари дигари варзишгарони ҷавони озмудашуда таҳаммулпазирии табиӣ камтар дида

мешавад (яъне, мизоҷи сангвиникӣ ва холерикӣ доранд) ва мо ба онҳо маслиҳат додем, ки тавассути таҳаммулпазирии диспозитсионӣ дар худ ин хусусияти муҳимро ташаккул диҳанд.

Дар асоси таҳлилҳои кардашуда, ба хулоса омадан мумкин аст, ки аксари варзишгарони ҷавони мо мизоҷи сангвиникӣ ва холерикӣ доранд ва барои ин гурӯҳи варзишгарони ҷавон ташаккули маҳорати эътибор надодан ба таъсири ангезандаи манфии диспозтисионӣ мувофиқи мақсад аст. Умуман, маълумотҳои ба дастовардаи мо аз он шаҳодат медиҳанд, ки маҳорати эътибор надодан ба таъсири ангезандаи манфии диспозитсионӣ мисоли маҳорати эътибор надодан ба таъсири ангезандаи манфии этникии варзишгарони ҷавони Тоҷикстон шуда метавонад, зеро аксари мардуми Тоҷикистон типи мизоҷи сангвиникӣ ва холерикӣ доранду дар онҳо ташаккул додани маҳорати эътибор надодан ба таъсири ангезандаи манфии диспозитсионӣ мувофиқи мақсад мебошад.

## АДАБИЁТ


1. Адорно Т. Исследования авторитарной личности / Т. Адорно. – М., 2001.
2. Байбородова Л.В., Паладьев С.Л., Степанов Е.Н. Изучение эффективности воспитательной системы школы // Учебно-методическое пособие. – Псков, 1994. – 94 с.
3. Братченко С.Л. Межличностный диалог и его основные атрибуты // Психология с человеческим лицом: гуманистическая перспектива в постсоветской психологии. – М., 1997.
4. Декларация принципов толерантности. Утверждена резолюцией 5.61 Генеральной конференции ЮНЕСКО от 16 ноября 1995 года // Век толерантности: Научно-публицистический вестник. М.: МГУ, 2001.
5. Ищенко Ю.А. Толерантность как философско-мировоззренческая проблема // Философская и социологическая мысль. Киев, 1990. – №4. – 184с.
6. Кристалл Г. Аффективная толерантность // Журнал практической психологии и психоанализа, 2001. – №3. – С. 76-88.
7. Морозова О. П. Педагогическая толерантность учителя начальных классов //Ярославский педагогический вестник– 2013 – №2 – Том II (Психолого-педагогические науки). - 247с.
8. Нурлигаянова О.Б. Психологическое содержание педагогической толерантности как профессионально важного качества учителя: дис. … канд. психол. наук. – Ярославль, 2006. – 188 с.


## ТАҲҚИҚИ ТАҲАММУЛПАЗИРӢ ДАР ВАРЗИШГАРОНИ ҶАВОН


Дар мақолаи мазкур сухан оид ба масъалаи зоҳир намудани таҳаммулпазирӣ дар варзишгарони ҷавон, ки то ҳол предмети тадқиқоти ҷиддии психологӣ нашуда буданд, меравад. Таҳаммулпазирӣ – ин пастшавии ҳассосӣ ба таъсири омили манфӣ буда, дар натиҷаи он сустшавии фаъолнокии шуур ба вуҷуд меояд. Барои муайян кардани он, ки дар кадом варзишгари ҷавон, кадом намуди таҳаммулпазириро ташаккул додан мувофиқи мақсад аст, зарурати истифодабарии методикаи ташхисии типҳои мизоҷ пайдо мешавад. Ҳамин тавр, дар рафти тадқиқоти худ, мо аз методи ташхиси типҳои мизоҷ истифода намудем.



**КАЛИДВОЖАҲО:** таҳаммулпазирӣ, варзишгари ҷавон, мусобиқа, ташаккул, сенсуалӣ, диспозитсионӣ, мизоҷ.


## ИССЛЕДОВАНИЕ ТОЛЕРАННОСТИ У МОЛОДЫХ СПОРТСМЕНОВ


В данной статье рассматривается проблема толерантности у молодых спортсменов, которая до сих пор не была предметом серьезных психологических исследований. Толерантность – это снижение чувствительности к влиянию негативного фактора, в результате чего происходит снижение активности сознания. Для того чтобы определить, у какого спортсмена, какой тип толерантности следует развивать, необходимо использовать методы диагностики типов темперасента. Таким образом, в ходе нашего исследования мы использовали метод диагностики типов темперамента.



**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА:** толеранность, молодой спортсмен, соревнование, формирование, сенсуальный, диспозитсионый, темперамент.


## STUDY OF TOLERANCE IN YOUNG ATHLETES


This article deals with the problem of tolerance in young athletes, which has not yet been the subject of serious psychological research. Tolerance is a decrease in sensitivity to the influence of a negative factor, resulting in a decrease in the activity of consciousness. In order to determine which athlete, what type of tolerance should be developed, it is necessary to use methods for diagnosing temperament types. Thus, in the course of our study, we used the method of diagnosing types of temperament.



**KEYWORDS:** tolerance, young sportsman, competition, formation, sensual, dispositional, temperament.



**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Филина Ольга*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, магистранти курси дуюми факултети фалсафа. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. **Телефон: 935553635.**

**Сведения об авторе**: ***Филина Ольга*** – Таджикский национальный университет, магистр второго курса факультета философии. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: **935553635.**

**Information about the author**: ***Filina Olga*** – Tajik National University, second-year master`s student of Faculty of Philosophy. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. Phone: **935553635.**

# МАВҚЕИ ХУДШИНОСИИ МИЛЛӢ ВА ХУДБАҲОДИҲӢ ДАР ТАШАККУЛЁБИИ ШАХСИЯТ

***Зайдуллоев А.Ҳ.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Яке аз аломатҳои асосии бақои миллат мавҷуд будани ҳисси худшиносии миллӣ дар ҳар як фарди ҷомеа мебошад. Худшиносии миллӣ мавқеи миллатро ҳамчун субъекти таърих муайян намуда, дар раванди шаклгирии миллат, тавассути аз тарафи намояндагони халқият дарк кардани асли хеш ва алоқаи худ бо решаҳои фарҳангию миллӣ, эътирофи фарҳанг, забон, минталитети миллии худ ва ҳисси ҳувияти миллӣ ташаккул меёбад.

Худшиносии миллӣ бояд маҷмуи тасаввуроти миллат доир ба худ, шавқу ҳавасҳою арзишҳои худ ва тамоюл ба муайянкунии муносибат бо дигар миллатҳо фаҳмида шавад. Аммо ба ақидаи муҳаққиқи рус А.К. Уледов бошад «Худшиносии миллӣ ҳамчун маҷмуи идеяҳо, андешаҳо, ҳиссиёт зоҳир мешавад, ки аввалан бо худмуайянкунии умумияти миллӣ, муайян кардани мавқеи худ дар байни дигар миллатҳо ва дуввум бо фаҳмидани арзишҳои иҷтимоӣ-сиёсӣ алоқамандӣ дорад».

Қайд кардан бамаврид аст, ки омӯзиши худшиносии миллӣ ҳамчун падида хусусияти байниилмӣ дорад ва намояндагони илмҳои гуногун аз қабили файласуфон, сиёсатшиносон, равоншиносон, ҷомеашиносон ва ғайра шарҳи онро ба таври худ мавриди омӯзиш қарор медиҳанд.

Аз нуқтаи назари этнопсихология худшиносии миллӣ - ин аз тарафи одамон дарк кардани мансубияти худ ба умумияти муайяни иҷтимоӣ - этникӣ ва мавқеи он дар системаи муносибатҳои иҷтимоӣ мебошад.

Худшиносии миллӣ унсури таркибии психологияи миллат аст, ки ба таркиби психологии иҷтимоӣ дохил шуда, дар дараҷаи шуури ҳаётӣ зоҳир мешавад. Қонунияти муҳимтарини рушди худшиносии миллӣ вобастагии он ба сабабҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва шароитҳои таърихӣ мебошад. Раванди ташаккулёбии худшиносии миллӣ раванди душвор ва пуртазод аст.

Мувофиқи ақидаи аксар муҳаққиқон унсури муҳими худшиносии миллӣ ин ҳисси миллӣ ва ҳуввияти миллист. Онҳо тобиши эмотсионалии муносибати одамонро ба умумияти этникии худ, ба шавқу ҳавас, бо дигар халқиятҳо ва арзишҳо ташкил медиҳанд. Ин унсури муҳимми худшиносии миллӣ инчунин эътиноҳои гуногуни эмотсионалиро ба ин ё он зуҳурот ё падидаи беруна дар бар мегирад. Ҳамин тариқ, дар ҳисси миллӣ муносибати арзишноки субъект ба объект инъикос мешавад, яъне баҳодиҳии эмотсионалӣ-психикии ин ё он раванди иҷтимоӣ, ҳолат, далел, идея аз рӯйи принсипи «ба фаҳмиши худ» сурат мегирад.

Худшиносӣ яке аз асоситарин нишонаҳои инсонии ҳар як фард буда, барои дарки моҳият, зарурат, масъулият ва мавҷудият нақши хеле муҳим дорад. Инсонҳои ба сатҳи волои афкор расида чунин дармеёбанд, ки мақсади асосии рушди маънавӣ, руҳонӣ ва камоли одамӣ дар худшиносист. Фарқи инсон аз дигар мавҷудот маҳз дар ҳамин мебошад. Худшиносии миллӣ бояд дарки таърихи миллати хеш, кор, дастовардҳои фарҳангии он, эҳёи беҳтарин саннату анъанаҳо, корбасти амалии фазоилеро, ки барои пешрафту беҳбудии имрӯзи миллат ва инсоният муфид аст, фарогир бошад [5].

Пас, барои расидан ба худшиносии миллӣ мо бояд пеш аз ҳама ба дарку шинохти худ бипардозем. Он ҳастии ҷамъиятие, ки мо дорем, сарчашма аз фардҳои алоҳида мегирад ва миллат аз афрод таркиб меёбад. Дар навбати худ агар миллате собиқаи бузурги таърихию фарҳангӣ дошта бошад, расидан ба худшиносии фардӣ ба маротиб

осонтар хоҳад шуд. Аз ин нуқтаи назар худшиносии миллӣ барои мо нақшу аҳаммияти хосае дорад.

Худшиносӣ сарчашмаи шинохти арзишҳои маънавӣ, моддӣ ва умумифарҳангии миллат, арҷгузорӣ ва эҳтиром ба таърих, забон, фарҳанг, адабиёт, дин, расму оин, ҷашнвораҳо, анъанаҳо ва тамаддуни он аст. Худшиносӣ эҳсоси масъулияти инсонӣ ва виҷдонии шахс дар роҳи беҳдошти асолати миллӣ, дӯст доштани миллат ва Ватани худ, пос доштани шараф ва номуси миллӣ мебошад. Худшиносӣ манбаи асосии ташаккул ва рушди ҷавҳари инсонии шахсият, камолоти маънавии он ва бунёди сохтори шахсият ва манбаи инсонгароии ӯ маҳсуб мешавад. Яке аз роҳҳои расидан ба худшиносӣ тарбияи ҳаматарафаи насли наврас дар заминаи тарбияи миллӣ мебошад.

Дар кишвари соҳибистиқлоли мо Консепсияи миллии тарбия қабул гардида аст, ки сиёсати кунунӣ ба дурномаи давлат дар соҳаи тарбияи миллӣ оммаи васеи аҳолӣ, махсусан насли наврас мебошад. Асоси тарбияи миллӣ дар шаҳрванд парвариши сифатҳои баланди ахлоқӣ, ҳувияти миллӣ, худшиносӣ, худогоҳӣ мебошад. Мусаллам аст, ки инсони худшинос ҳимоякунандаи манфиатҳои миллӣ, соҳиби тафаккури миллӣ ва посдори тамаддуни миллӣ аст. Тарбияи миллӣ воситаи асосии ташаккули инсони комил, соҳиби Ватан, нангу номуси миллӣ, ифодагари симои зеҳнию маънавӣ, ахлоқӣ, фарҳангӣ ва арзишҳои дигари инсонӣ ба шумор меравад. Унсурҳои таркибии тарбияи миллӣ: тарбияи ғоявӣ, тарбияи хештаншиносӣ ва худогоҳии миллӣ, тарбияи ватанпарастӣ, тарбияи ахлоқӣ ва маънавӣ, тарбияи маърифат, тарбияи ҳуқуқӣ, тарбияи гуманистӣ, тарбияи меҳнатӣ, тарбияи сиёсӣ, тарбияи ҷисмонӣ, тарбияи тафаккури интиқодӣ, тарбияи таҳаммулпазирӣ ва тоқатпазирӣ, тарбияи масъулиятшиносӣ ва тарбияи ҳаёти солимро ташкил медиҳад.

Чуноне ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қайд намудаанд: “Ҷавҳари худшиносии миллӣ аз дӯст доштани Ватан, модар, забон, таърих ва арзишҳои таърихиву фарҳангӣ сарчашма гирифта, ба ташаккули шахсиятҳои дорои ҷаҳонбинии васеъ ва солиму пешрафта боис мегардад. Аз ин рӯ, дар шароити соҳибистиқлолии кишвари азизамон моро лозим аст, ки аз диди нав ба арзишҳои фарҳангиву маънавии меросии тамаддуни оламгири худ назар афканем ва онҳоро аз нигоҳи муосир ҳаматарафа мавриди омӯзиш ва бахрабардорӣ қарор диҳем. Фарҳанге, ки на фақат аҳли тамаддун аст, балки аз фарҳангҳои камшуморест, ки тамаддунро офаридааст”.

Ҳадафи асосии худшиносии миллӣ ин дар насли наврас ташаккул додани шинохти фалсафӣ ва фарҳанги миллӣ дар заминаи аслӣ ва азалии он аст, ки маҳз аслу асолати худшиносиро дар бар гирифта, ҳамин тариқ шинохту қадр кардани тамаддуни умумибашарӣ дар онҳо сурат мегирад. Дар илми равоншиносии ватанӣ худбаҳодиҳӣ ҳамчун ҷузъи сохтори шахсият баррасӣ мешавад, ки ҳамчун ҷузъи он амал мекунад [ 12,с 26].

Худшиносӣ ин муносибати бошууронаи шахс ба худ аст, ки дар асоси худбаҳодиҳии ин муносибат ва танзими амалу рафтор ифода меёбад. Худшиносӣ се ҷузъи асосиро дар бар мегирад: худшиносӣ, худбаҳодиҳӣ, худтанзимкунӣ [7].

**он/вай** бешубҳа маънои релятивӣ, яъне грамматикӣ мебошад, омехта карда шудааст. Дуруст аст, ки маънои реша ҳам маънои грамматикӣ шуда метавонад. Вале барои дурусттар шарҳ додан ва равшантар гаштани масъала бояд, ки тафовути маънои реша ва аффиксҳо муайян карда шавад. Ҷонишинҳо бошанд, ба қавли муаллифони анъанавӣ, чун аффикс аз ҷиҳати маъно аз калимаҳои ғайриҷонишинӣ фарқ надоранд. Масалан, **ман, ту – ашон** чун аффикс аз ҷиҳати маъно гуё исм мешаванд. Вале ин таълимоти грамматикии анъанавӣ, ки дар он грамматикаҳои мактабӣ низ инъикос ёфта буд, аз тарафи олим ва забоншиноси машҳури рус Александр Матвеевич Пешковский (1878 – 1933) танқид ва маҳкум карда шуд.

Таснифоти додашуда аз таснифотҳои дигар ба куллӣ тафовут дорад, вале ҳолатҳои дигар низ вуҷуд доранд. Як қатор хусусиятҳое мавҷуданд, ки ҷонишинҳоро аз дигар калимаҳо ҷудо мекунанд. Дар забони англисӣ байни ин ду ҳолат фарқият мавҷуд аст: **he - him, they - them** ва байни шаклҳои изофӣ ва ғайриизофӣ: my - mine; фарқият дар ҷинс низ вуҷуд дорад: he - she (монанд ба who - what); ташаккули нодуруст дар калимаҳои шумораи ҷамъ he, she - they, that - those; калимаҳои таркибӣ ба монанди **somebody, something,** ки аз сифатҳои маъмулӣ нестанд ва ғайра. Ба гуфтаи И.П. Иванова, В.В. Бурлакова, Г.Г. Почепцов, гуногунии категорияҳои морфологӣ ва функсияҳои синтаксисӣ сабаби ихтилоф байни забоншиносон дар масъалаи таъкид кардани ҷонишиниҳо ҳамчун як қисми хоси нутқ ба ҳисоб меравад. Дар асоси маводи забонҳои гуногуни аврупоӣ назарияе ба миён гузошта шуд, ки қонунияти тақсимоти ҷонишинҳоро ҳамчун як қисми нутқ рад мекунад. Муаллифони грамматикаи забонҳои гуногун, аз ҷумла русӣ ва англисӣ, талош кардаанд, ки ҷонишинҳоро тавре паҳн кунанд, ки онҳо қисми категорияҳои сифат ва исмро ташкил диҳанд. Барои ин асосҳо мавҷуд буданд: ҷонишинҳо бояд дар матн ба ҷойи яке аз ин ду ҳиссаи нутқ бояд истифода шаванд. Категорияи морфологии шумора, ки он ҷо мавҷуд аст, аз категорияҳои шумораи исм танҳо дар шакли ифода фарқ мекунад, на аз ҷиҳати мазмун. Категорияи синтаксисӣ бо вазифаҳои исм ва сифат рост меояд. Аммо, бо чунин тақсимоти ҷонишинҳо ба ҷузъҳои исмии нутқ, вижагии ҷонишинҳо аз байн меравад, хусусияти хоси онҳо набудани собиткунии ашёи доимӣ мебошад; ин хусусият ҳамаи зеркатегорияҳои гуногунҷинсро фаро гирифта, онҳоро ба як қисми нутқ муттаҳид мекунад. Хусусиятҳо ва вазифаҳои онҳо бо ҳам ва бо дигар қисматҳои нутқ монанд мешаванд, ки ин ғайримантиқӣ аст.

Дар идомаи таҳлили ин масъала илова кардан лозим аст, ки О.Эсперсен ба чунин нуқтаи назар пайравӣ мекунад. Вай тасдиқ мекунад, ки истилоҳи "ҷонишин" баъзан маҳдуд аст (одатан дар навиштаҳои муаллифони фаронсавӣ, инчунин дар "Муоширати Кумитаи муштарак оид ба истилоҳот") танҳо ба он калимаҳое, ки мувофиқи вазифаашон калимаҳои асосӣ ба ҳисоб меравад; my-ро онҳо "сифати соҳибӣ" мешуморанд, ва at this бо this book якҷоя "сифати нишондиҳанда" аст. Аммо, ҳеҷ сабабе барои ҷудо кардани my ва mine ва ҳатто бадтар аз он his, дар ҷумлаи «His cap was new" “Кулоҳи ӯ нав буд” ё ин ки this дар ҷумлаи “This book is old” "Ин китоб кӯҳна аст" ва “This is an old book” "Ин як китоби кӯҳна аст" ва ба шакли "ҳиссаҳои нутқ" мансуб кардани ҳамон як шакл, аз ин бештар, зеро сифатҳо бояд ҳамон зерсинфҳоро (соҳибӣ, ишоратӣ), ки дар ҷонишинҳо мавҷуданд, фарқ кунанд. Он ба ҷонишинҳо зарфҳои ба истилоҳ номбаршуда**: then "пас", there "онҷо", when "вақте", where "куҷо", whence "аз куҷо**" ва ғ, ки як қатор хусусиятҳои хоси ҷонишини худро доранд, дохил мешаванд ва аз онҳо ташаккул меёбанд (инчунин, whenever "ҳар вақте"; whoever "ҳар касе кӣ", somewhere "ҷойе") ва ғайраро аз рӯйи шаклҳо муқоиса кунед.

Ҳамин тариқ, забоншинос ба хулосае меояд, ки пасвандҳо дар забон яке аз категорияҳои пурасрортарини калимаҳо мебошанд. Маълум аст, ки дар ҳар як забон ҷонишиниҳоро ба синфҳо ва зерсинфҳои гуногун тақсим кардан мумкин аст, ки онҳо аз бисёр ҷиҳат омӯхта мешаванд. Масалан, дар забони англисӣ миқдори зерини зерсинфҳои ҷонишинҳо мавҷуданд, ки аз рӯйи мундариҷаи луғавӣ, шаклҳои морфологӣ ва вазифаҳои синтаксисӣ фарқ мекунанд:

- “**personal pronouns”** - ҷонишинҳои шахсӣ: I - ман, he - ӯ, she - вай, it - он, we - мо, you - шумо, they - онҳо;

• “**possessive pronouns** - ҷонишиниҳо соҳибӣ: my – аз ман, his – аз вай, her -аз ӯ, its – аз он, our – аз мо, your – аз шумо, their – аз онҳо; mine - аз они ман, his - аз они вай, hers - аз они ӯ, its – аз они он, ours - аз они мо, theirs - аз они онҳо;

• “**reflexive pronouns** - ҷонишинҳои нафсӣ таъкидӣ: myself - худам, himself - худаш, herself - худаш, itself - худаш, ourselves - худамон, yourselves - худатон, themselves – худашон;

• “**reciprocal pronouns**” – ҷонишинҳои муқобил: each – ҳар як, other - дигар, one another – якдигар;

• “**demonstrative pronouns**” - ҷонишинҳои ишоратӣ: this - ин, that - он, these - инҳо, those – онҳо, such – чунин;

• “**interrogative pronouns**” - ҷонишинҳои саволӣ: who - кӣ (whom - бо кӣ,, whose - аз кӣ), which – кӣ (кадом), what - чӣ;

• “**relative pronouns**” - ҷонишинҳои нисбӣ: who - кӣ (whom - кӣ, whose - кӣ), which - кадом, that - он;

• “**conjunctive pronouns**” – ҷонишинҳои пайвасткунанда: who - кӣ (whom - кӣ, whose - кӣ), which - ки, what - чӣ;

• “**negative pronouns**” - ҷонишинои манфӣ: no - не, none - ҳеҷ кас, neither - на, no one - ҳеҷ кас, nobody - ҳеҷ кас, nothing - ҳеҷ чиз;

• “**indefinite pronouns**” - ҷонишини номуайян: some - баъзе, any - касе, somebody - касе, anybody - касе, someone - касе, anyone - касе, something - чизе, anything- чизе, one - як ва ғ.

Ҳамчунин, олимони дигари хориҷӣ ғайр аз ин зерсинфҳо боз ҷонишинҳоро ба гурӯҳҳои дигар тақсим мекунанд. Ҷонишин ҳамчун ҳиссаи мустақили нутқ предмет ва аломати онро бевосита ифода намекунад, балки ба онҳо танҳо ишорат менамояд. Ҷонишин аз дигар калимаҳои ҳиссаҳои номии нутқ аз ҷиҳати маъно ва хусусиятҳои грамматикӣ фарқ мекунад. Ҷонишин одатан бо исм, сифат ва зарфу шумора истифода бурда мешавад:

***She likes it.*** Он ба ӯ маъқул аст.

Ҷонишини ***she (вай, ӯ)*** ба шахс ишора мекунад, яъне номи шахсан Лизаро ифода меунад ва ҷонишини *it бошад, ба предмет ишора карда, исми chemistry-ро ифода мекунад.*

***The day was dull. Such days make me*** *sleepy.*

Рӯз тира буд. Чунин рӯзҳо маро хоболуд мегардонанд

Дар ин ҷумлаҳо ҷонишини **such** - *чунин ба аломати ифоданамудаи сифати dull* - *тира ишора намудааст.*

***I have some English books.*** - Ман баъзе китобҳои англисӣ дорам.

Ҷонишини ***some - баъзе, якчанд*** ба шумораи номуайяни предмет ишора менамояд.

Ба таъкиди донишмандони таърихи забони англисӣ ба ҷойи ҷонишини шахси дувум, ки ҳам ифодагари танҳо ва ҷамъ аст, дар шумораи танҳои дутогӣ, аслан, ҷонишинҳои **two** барои ифодаи шахси дувум ва **three** ифодагари пуркунандаи бевосита будааст. Намунаҳое аз ҷонишини мазкур дар шеъру суханрониҳои англисзабонон то ҳанӯз мушоҳида мешавад, дар ҳоле ки дар забони гуфториву навиштории кунунии забони англисӣ шакли you ба таври густарда ҳамчун ифодагари танҳову ҷамъи исми дутогӣ меояд [3;47с].

**АДАБИЁТ**


1. А.М. Пешковский. Русский синтаксис в научном освещении / А.М. Пешковский. - Москва, 1956.
2. Сиёев Б. Ташаккули ҷонишинҳо дар забони тоҷикӣ / Б. Сиёев. - Душанбе: «Ирфон», 2002.
3. Беляева М.А. Грамматика английского языка / М.А. Беляева. - Москва, 1977
4. Каушанская В.Л., Ковнер Р.Л. и др. Грамматика английского языка / В.Л. Каушанская, Р.Л. Ковнер. – 6−е изд. – М.: Айрис-пресс, 2008.
5. Иванова И.П., Бурлакова В.В., Почепцов Г.Г. Теоретическая грамматика современного английского языка: Учебник. / И.П. Иванова, В.В. Бурлакова, Г.Г. Почепцов. – М.: Высш. школа, 1981. – 285 с
6. Самарина Н.В. О возможности экспликации семантической характеристики неопределенного местоимения some в английских публицистических текстах // Вестник Ленинградского государственного университета им. А.С. Пушкина, – 2014. – №1. – Т. стр. 111 – 117
7. Селиверстова О.Н. Местоимения в языке и речи / О.Н. Селиверстова. − М.: Наука, 1988.
8. Jespersen 0. Essentials of English Grammar / 0. Jespersen. − Routledge, 2006.


**НАЗАРИЯҲОИ МУХТАЛИФИ ДОНИШМАНДОН ДАР АТРОФИ ҶОНИШИН**

Мақолаи мазкур назарияи донишмандони мухталифи ватанию хориҷиро роҷеъ ба ҷонишин ҷамъ овардааст. Ақидаи ҳар як донишманд дар бораи ҷонишин алоҳида дарҷ гардида, мисолҳо бо тарҷумаашон оварда шудааст. Натиҷаҳои тадқиқоти ин мақола нишон медиҳад, ки ҷонишин дар ҳама забон мавҷуд буда, донишмандон дар тадқиқотҳои худ, ки ба ҷонишин бахшида шудаанд, ақидаҳои гуногун доранд. Дар баробари ин, масъалаи муайян кардани ҷонишинҳо чун ҳиссаи нутқ аз нуқтаи назари имлӣ яке аз масъалаҳои мураккаб ва баҳсноки морфологии забонҳои ҷудогона, аз он ҷумла забони тоҷикӣ, ба шумор меравад. Ҳамчунин, олимону забоншиносоне, ки оид ба ҷонишинҳо ибрози ақида намудаанд дар мақолаи мазкур дарҷ гардидаанд.
**КАЛИДВОЖАҲО:** донишмандон, ҷонишин, ақида, тадқиқот, забон, ҳиссаи нутқ, масъала, морфологӣ, забони тоҷикӣ, забони англисӣ, олимон, забоншиносон

**РАЗЛИЧНЫЕ ТЕОРИИ УЧЕНЫХ О МЕСТОИМЕНИИ**

В данной статье обобщены теории различных отечественных и зарубежных ученых по данному вопросу. Отдельно высказывается мнение каждого ученого о преемнике и приводятся примеры с их переводами. Результаты исследования в этой статье показывают, что местоимения доступны во всех языках, и ученые имеют разные мнения в своих исследованиях, посвященных местоимениям. В то же время вопрос о выявлении местоимений как части речи с грамматической точки зрения является одним из наиболее сложных и дискуссионных морфологических вопросов некоторых языков, в том числе и таджикского. В этой статье также рассматриваются ученые и лингвисты, которые выразили свое мнение о заменителях.
**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА:** ученые, заменители, идеи, исследование, язык, часть речи, проблема, морфология, таджикский, английский, ученые, лингвисты.

**VARIOUS THEORIES OF SCHOLARS ABOUT THE PRONOUN**

This article summarizes the theories of various domestic and foreign scholars on the subject. The opinion of each scholar about the successor is expressed separately and examples are given with their translations. The results of the research in this article show that pronouns are available in all languages and scholars have different opinions in their research devoted to pronouns. At the same time, the issue of identifying pronouns as part of speech from a grammatical point of view is one of the most complex and controversial morphological issues of some languages, including Tajik. Scholars and linguists who have expressed their views on the substitutes are also covered in this article.
**KEYWORDS:** scholars, pronoun, opinion, research, language, parts of speech, problem, morphology, Tajik language, English language, scientists, linguists

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Маҳмадиев Саидхоҷа*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, магистранти курси дуюми факултети забонҳои Осиё ва Аврупо. **Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **(+992) 987608928.** Email: **said.98.said@mail.ru**

**Сведения об авторе**: ***Махмадиев Саидходжа*** – Таджикский национальный университет, магистрант второго курса факультета языков Азии и Европы. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: **(+992) 987608928**. Email: **said.98.said@mail.ru**

**Information about the author**: ***Mahmadiev Saidkhoja*** – Tajik National University, second-year master`s student of Faculty of Asian and European Languages. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. Phone: **(+992) 987608928.** Email: **said.98.said@mail.ru**

# РОҲҲОИ ИФОДАИ ҶУМЛА ДАР ЗАБОНҲОИ АНГЛИСӢ ВА ТОҶИКӢ

***Узоқова М. Ҷ.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Бояд тазаккур дод, ки ҷумла воҳиди асосии синтаксис аст. Ба ҷумла таърифоти бисёре дода шудааст, вале ҳеҷ яке онҳо қобили қабули умум нагардидааст, бо вуҷуди он, ки ҳар як соҳибзабон ба осонӣ ҷумларо ҷудо карда метавонад. Ба қавли Б. Хаймович ва Б. Роговская, гарчанде ҷумла аз калима таркиб меёбад, он на танҳо гурӯҳи калимаҳо набуда, балки як чизи яклухти таркибист, ки аз рӯйи яке аз қолабҳои мавҷудаи забон сохта мешавад.

Ҳамаи овозҳои таркиби ҷумла бо оҳанги хос ва вожа, ибора ва ҷумла муттаҳид мегардад. Маънои ҳар яке аз воҳидҳои номенативӣ дар асоси ягон қолаби муайян барои ифодаи фикр ба ҳам пайваст мегарданд. Барои муқаррар намудани мавзуъ ё равиши фикр дар нутқ системаи бузургиҳое (координатҳо) мавҷуданд, ки онҳо маҷмуи се ҷузъанд:

1) амалиёти сухан (the act of speech);

2) гӯянда ё (нависанда);

3) амри воқеъ аз нуқтаи назари гӯянда (reality);

Амалиёти сухан ҳодисаест, ки бо он воқеоти дар ҷумла изҳоршаванда аз рӯйи робита алоқамандӣ доранд. Бузургии дуюм (шахс) касест, ки бо шахси дигар ва предметҳои дар ҷумла номбаршаванда муносибат дорад. Ин бузургӣ ба воситаи флексияҳои категорияи шахс дар феъл ё ба воситаи калимаҳои навъи I, you, he, she, it, student, river ва ғайра ифода мегардад. Бузургии сеюм (далел ё амри воқеъ)- ро гӯянда аз рӯйи диди худ муқаррар мекунад, ки онро модалият меноманд. Он метавонад реалӣ ё ғайриреалӣ бошад.

Муносибат ба далел (амри воқеъ) дар грамматика ба воситаи категорияи сиғаи феъл, дигар воситаҳои лексикӣ ё лексикограмматикӣ, амсоли феълҳои модалии навъи must, may, ё калимаҳои модалӣ амсоли probably, perhaps, indeed ё оҳанги гуфтор ифода мегардад. Ин се муносибати бузургро (амалиёти сухан, шахс ва амри воқеъ) вазъияти нутк (situation of speech) гуфта хулоса кардан мумкин аст. Ин се бузургӣ категорияи синтаксисии предикативиятро ташкил медиҳанд. Ҳамин аст, ки А.И. Смирнитский ба предиктивият чунин таъриф додаст: “Предикативият на мазмуни ҷумла, балки мазмуни гуфторро ба воқеият нисбат медиҳад.” [14; 112]

Ба фикри Н.Ф. Иртениева [9; 148] воситаҳои ифодаи предикативият, ки ба ҳар як ҷумла хос аст, сохти ҷумла, таркиби лексикии он, ифодаи морфологӣ ва синтаксии мақсади гуфтор, модалият, замон ва шахс мебошад. Ҳар яке аз ин рукнҳо барои ифодаи муносибате нигаронида шудааст. Рукни якуми предикативият ин шахс буда, он ба кӣ ё ба чӣ мутааллиқ будани мазмуни ҳодисаи зикршавандаро нишон медиҳад.

**Мисол:**

The inhabitants of Cincinate are proud of their city (Ch. Dickens).

Дар ин гуфтор предмети таснифшаванда сокинони Синсиннати (the inhabitants of Cincinate) мебошад, яъне мазмуни гуфтор ба фаъолияти сокинон алоқаманд аст. Дар ҷумла "We often stop to water at a roadside inn (Ch. Dickens)” аломати предикатави (барои об дар меҳмонхонаи лаби роҳ таваққуф карданд) ба мо (we) мансуб аст.

Аз мисол бар меояд, ки рукни "шахс” дар системаи предикативият тавассути шакли мубтадо (the inhabitants ва we-дар ҷумлаҳои болои) ифода ёфтааст. Баъзан ин рукни предикативият ба воситаи шакли тасрифии феъл, яъне флексияи хабар, ифодаи худро меёбад, ки инро дар мисоли зерин мушоҳида кардан мумкин аст:

Was commited to jail a negro man says his name is Jasia (Ch. Dickens).

Дар ҷумлаи дуюм морфемаи °-s” дар феъл хабари “says” далолат ба он мекунад, ки аломати предикативӣ (ҳодисаҳои тасрифшуда) ба шахси сеюми танҳо (he) дахл дорад. Рукни дуюми предикативият, ки муносибати мазмуни гуфтор ба замон аст, тавассути шаклҳои замонии феъл вожаҳои таркибкунандаи замон ва ҳатто ба воситаи ҷумлаи пайрав ифода ёфта метавонад.

Мисол:

1) An hour passed in unbroken silence.,(E. Voynich).

2) Really shan't want anything (Ibid).

3) We drank the muddy eater of this river while we were upon it (Ch.Dickens).

4) The sun trikes upon our heads at this open window (Ibid).

5) Edgar and Miriam are coming to tea tomorrow (Lawrance).

Дар ҷумлаҳои 1) 2) ва 4) мансубияти ҳаводиси зикршуда ба замон тавассути шаклҳои замонии феъл ифода шуда бошад, дар ҷумлаҳои 3) ва 5) ин таносуб ба воситаи ҷумлаи пайрави замон (ҷумлаи сеюм) ва ҳоли замон (дар ҷумлаи панҷум) қайд шудааст. Рукни сеюм предикативият, ки он воқеӣ будан ё набудани ҳодисаи зикршударо нишон медиҳад, тавассути шаклҳои сигаи феъл, калимаҳои модалӣ, феълҳои модалӣ, ҳиссачаҳои гуногун ва аз ҳама беш бо оҳанги гуфтори одам ифода меёбад.

**Мисол:**

1) The front- door bell rang sharply (E. Voynicy).

2) If only one like birds! (J. Galsworthy).

3) The snow may be deep in the valley (Th. Hardy).

4) Hannah was evidently fond of talking (Ch. Bronte).

Дар ҷумлаи якум мазмуни гуфтор амри вокеъаро акс менамояд, ки ин тавассути шакли феъли (сигаи хабари) зикр гардидааст. Дар ҷумлаи дуюм маилу хоҳиши ғаиривокеъи бо

шакли феъли (субъективи) ифода ёфтааст.

Мусаллам аст, ки дар асоси ҳамгиронии семантикию синтаксисии ду аъзои ҳамнисбат – хабар (аломати протсессуалӣ) ва мубтадо (дорандаи аломати протсессуалӣ) ташаккул меёбад. Ин ду ҷузъ таҳкурсии созмонии ҷумла маҳсуб мешаванд. Дар грамматика онҳоро дар ҳамбастагӣ гурӯҳи предикативӣ меноманд. Ин ду аъзои ҷумла ифодагари категорияи синтаксисии предикативият мебошад. Прекадивият муносибати мазмуни гуфторро ба шахс, замон ва модалият мефаҳмонад, яъне он аз се рукн иборат аст. Ин се рукни прекадивият дар якҷоягӣ ҳастии ҷумларро таъмин менамояд. Оҳанги гуфтор низ дар ин ҷода мавқеи калон дорад. Он ба прекадивият чун ширеш хизмат мекунад. Саволе ба миён меояд, ки оё ҳар сеи ин рукн дар ҷумла ҳамеша зоҳиран ифодаи худро меёфта бошад? Маводи амалии забони англисӣ шаҳодат медиҳад, ки гоҳҳо дар ҷумла нишондиҳандаи рукни аввали прекадивият (шахс) зоҳиран ифода намегардад. Мисол: 1) Another blow on the cheek! (E. Voinich). 2) Warm weather! (Ch. Dickens). 3) To turn to Boston (Ch. Dickens). Дар ҷумлаҳои овардашуда ҳамзамон дар рукни шахс ва ҳам рукни замонро бе восита пайдо кардан амрест маҳол. Бо вуҷуди он истисно кардани категорияи предикативият нашояд, зеро ваъзияту риштаи гуфтор (контекст) ва оҳанги махсусе, ки аз рафти нақл бар меояд, ки ҳам замони воқеъшавии ҳаводиси зикршуда ва ҳам ба кӣ ё ба чӣ мансуб будани мазмуни гуфторро равшан менамояд. Чунин ҷумлаҳоро одатан ҷумлаҳои яктаркиба меноманд, ки аз байни онҳо ҷумлаҳои унвонӣ мавқеи хоса доранд: 1) Half past one. He had begun on the last bar (E.Voyich). 2) Public opinion! Hear the public opinon of the free South. Public opinion has made this law (Ch. Dickens). Аз ду ҷумлаи унвонии болои “Half past one” ва “Public opinion” маълум нест, ки мафҳумҳои зикршудаи номинативӣ вазифаи кадом аъзои ҷумларо адо мекарда бошад.

Аз тафсилоти фикре, ки дар мисоли дуюм изҳор шудааст, бармеояд, ки мафҳуми мураккаби “public opinion” ҳам вазифаи пуркунанда ва ҳам вазифаи мубтадоро адо мекардааст. Ҳамин аст, ки дар ин навъ ҷумларо дар хусуси мавҷудияти мубтадо ё хабар сухан намеронанд. Дар онҳо мавҷудияти танҳо як сараъзо, ки амиқан номгирӣ намеёбад, бояд эътироф карда шавад. Ҷумлаҳои унвониро аз ҷумлаҳои эллиптикӣ бояд фарқ кард, ки дар бораи онҳо андаке поёнтар сухан хоҳем кард [2; 34].

Дар хусуси ҷумлаҳои навъи “Just come out or the light here a minute (E. Voyich) ва Don't worry about the snack (A. Thomson)” дар англисишиносӣ ду ақида мавҷуд аст:

1) О. Есперсен, Г. Кёрм ва дескриптивистони муосиру як гурӯҳ забоншиносони шуравӣ инхел ҷумлаҳоро дутаркиба меноманд. Ба ақидаи онҳо мубтадо аз вазъияти нутқ фаҳмида мешавад, бо вуҷуди он ки он зоҳиран дар ҷумла вуҷуд надоранд, яъне он дар назар дошта мешавад. Азбаски мурочиат ба мусоҳиб нигаронида шудааст, мубтадо бояд ҷонишини “you “ (шумо) бошад;

2) Профессор Б.А. Илиш ва як гуруҳ муалифон инчунин М. Василевская таъкид мекунад, ки ҷумлаҳои амрӣ ба қатори ҷумлаҳои яктаркиба дохил мешавад, зеро “you” ё мухотаб, ки баъзан дар чунин ҷумлаҳо истифода мешаванд, мубтадо нест.

Дар ҳолати бевосита истифода шудани мухотаб он вазифаи муҳорибавӣ дорад, ин ҳам бошад ҷалб кардани диққати мусоҳиб аст.

“Don't laugh at me, Tom,”- said Maggie in a passionate tone (Eliot). “You, get out of here! Go on! Get out!” (Eliot).

Аз ин хотир аксари англисшиносон ба як таркиба будани ҷумлаҳои амрӣ бештар майл мекунанд.

Ҳамин тавр, аз лиҳози мавҷуд будан ё набудани сараъзоҳо, ки таҳкурсии созмонии ҷумларо ташкил мекунад, ҷумлаҳоро ба яктаркиба ва дутаркиба ҷудо мекунад. Дар ҷумлаҳои дутаркиба ҳар ду сараъзои ҷумла (мубтадо ва хабар) ҳозир мешаванд:

The Cuckoos were still calling (J. Galsworthy).

Can you swim firth? (Ibid).

Дар ҷумлаҳои яктаркиба яке аз сараъзоҳои ҷумла ҳозир нест. Another ring, very determined this time (J. Priestley).

A footstep on the stairs, and now the door was slowly opened. (Ch.Dickens).

Come to my arms and never more.

Dehard but dwell forever hete; (William Blake).

Чи ҷумлаҳои яктаркиба ва чи гуфторҳои дутаркиба метавонанд тафсилӣ ва

ғайритафсилӣ шаванд. Дар ҷумлаҳои тафсилӣ бағайр аз сараъзо аъзои пайрав низ ҳозир аст.

A sydden silence of fell on the sight of bluebells under the large trees! (J.Galsworthy), бале дар ҷумлаҳои ғайритафсилӣ аъзоҳои пайрав ба назар намерасад:

She laughed (J. Priestley). “How is your wife” - “thanks”, Soams coldly, “well enough” (J. Galsworthy).

Комилияти созмонии ҷумла низ яке аз масъалаҳои баҳсноки сохти грамматики забони англисӣ мебошад.

Бояд зикр кард, ки пуррагии созмони ҷумла на ҳамеша мавҷудияти ду саръзо маҳдуд мегардонад. Аз рӯйи назариёти мактаби дескриптивии Амрико дар хусуси таркиҳои бевосита (Immediate constituents) аъзоҳои пайрави ҷумла ду сараъзоро шарҳ дода, дар атрофи онҳо муттаҳид мешавад ва бо ин восита ҳар яке аз онҳо таркибҳои бевоситаро ташкил мекунад.

## АДАБИЁТ


1. Адмони В.Г. Основы теории грамматики / В.Г. Адмони. - Л.: Наука, -1964.
2. Апресян Ю.Д. Перформативы в грамматике и словаре. //Изв. Ан. ССОР Серия литературы и языка. -1986. - N3. - С. 208-228.
3. Афанасьева О.В., Реэвецова М.Д. и др. Практикум по орав-нительной типологии / О.В. Апресян., М.Д. Реэвецова и др. -М.: Просвещение. - 1989.
4. Ахманова О.С. Словарь лингвистических терминов / О.С. Ахманова. - М.: Советская энциклопедия, 1966.
5. Балли Ш. Общая лингвистика и вопросы французского языка / Ш. Балли. - М.: Изд-во иностр. лит., 1961.
6. Бархударов Л. С. Структура простого предложения современного английского языка / Л.С. Бархударов. - М.: Высшая юкола, 1966.
7. Бархударов Л.С., Штелинг Д.А. Грамматика английского языка / Л.С. Бархударов. -М.: Высшая школа, 1963.
8. Бабаханова С. Побудительные предложения в современном английском языке: Автореф. дис. на соиск. уч. степ, канд. филол. наук. - Тбилиси, 1983.
9. Бабайцева В.В. Русский язык. Синтаксис и пунктуация. -М.: Просвещение, 1979. -269 с.ю. Белошапкова В.м. Современный русский язык. -м.: Высшая школа, 1989.
10. Беляева Е.И. Функционально-оемантичеокое поле модальности в английском и русском языках. -Воронеж: Изд-во Воронежского ун-та, 1986.


## РОҲҲОИ ИФОДАИ ҶУМЛА ДАР ЗАБОНҲОИ АНГЛИСӢ ВА ТОҶИКӢ


Ин мақола ба мавзуи роҳҳои ифодаи ҷумлаҳо бо забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ бахшида шудааст. Вақтҳои охир диққати муҳаққиқонро ҷумлаҳои амрӣ ба худ ҷалб мекунанд, ки аз ҷиҳати хусусиятҳои маъноӣ ва прагматикии худ ба вазъияти коммуникативӣ хеле зич алоқамандand, зеро шарҳи дурусти ҷумлаҳои амрӣ бештар ба шароит ва хусусиятҳои гуногуни амали коммуникативӣ вобаста аст. Хусусан, ҷумлаҳои императивӣ барои типологияи функсионалӣ ҷолибанд: ин, аввалан, бо он шарҳ дода мешавад, ки онҳо қариб дар ҳамаи забонҳо пешниҳод шудаанд, дуюм, бо маънои хеле равшан доштани онҳо, сеюм, бо он шарҳ медиҳад, ки онҳо дорои хусусияти хоси гуногунии расмиянд. Хулоса, муҳаққиқон нишон медиҳанд, ки ҷумлаҳо дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ чӣ гуна ташаккул ва инкишоф ёфтаанд.



**КАЛИДВОЖАҲО:** ибораҳои ҷумла, таваҷҷуҳи муҳаққиқон, хосиятҳои семантикӣ-прагматикӣ, ҷумлаҳои амрӣ, хусусиятҳои гуногун.


## СПОСОБЫ ВЫРАЖЕНИЯ ПРЕДЛОЖЕНИЙ В АНГЛИЙСКОМ И ТАДЖИКСКОМ ЯЗЫКАХ


Эта статья посвящена теме способы выражения предложений в английском и таджикском языках. В последнее время внимание исследователей привлекают императивные предложения, которые по своим семантико-прагматическим свойствам очень тесно связаны с коммуникативной ситуацией, поскольку от условий и разнообразных характеристик коммуникативного акта в большей мере зависит адекватная интерпретация повелительных предложений. Особенно интересны повелительные предложения для функциональной типологии: это объясняется, во-первых, тем, что они представлены практически во всех языках, во-вторых, тем, что они обладают достаточно ясной семантикой, и в - третьих, тем, что им присуще формальное разнообразие. В заключение исследователи показывают, как формировались и развивались предложений в таджикском и английском языках.



**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА:** выражения предложений, внимание исследователей, семантико-прагматическим свойствам, императивные предложения, разнообразных характеристик.


## THE WAYS OF EXPRESSING SENTENCES IN ENGLISH AND TAJIK LANGUAGES


This article is devoted to the ways of expressing sentences in English and Tajik. Recently, the attention of researchers has been attracted by imperative sentences, which, by their semantic and pragmatic properties, are very closely related to the communicative situation, since the adequate interpretation of imperative sentences largely depends on the conditions and various characteristics of the communicative act. Imperative sentences for functional typology are especially interesting: this

is explained, firstly, by the fact that they are presented in almost all languages, and secondly, by the fact that they have a fairly clear semantics, and thirdly, the fact that formal variety is pre-existent to them. In conclusion, the researchers show how sentences were formed and developed in Tajik and English.

**KEYWORDS:** sentence expressions, attention of researchers, semantic-pragmatic properties, imperative sentences, various characteristics..

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Узоқова Мавзуна Ҷамшедовна*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, магистранти курси дуюми факултети забонҳои Осиё ва Аврупо. **Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **(+992)770770280.** E-mail: **mavzuna_1609@mail.ru.**

**Сведения об авторе**: ***Узокова Мавзуна Джамшедовна*** – Таджикский национальный университет, магистрант второго курса факультета языков Азии и Европы. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: **(+992)770770280.** E-mail: **mavzuna_1609@mail.ru.**

**Information about the author**: ***Uzoqova Mavzuna Jamshedovna*** – Tajik National University, second-year master`s student of Faculty of Asian and European Languages. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. Phone: **(+992)770770280.** E-mail: **mavzuna_1609@mail.ru.**

# ТЕМА ОДИНОЧЕСТВА В ПОЭТИЧЕСКИХ ТЕКСТАХ ДМИТРИЯ МЕРЕЖКОВСКОГО (НА ПРИМЕРЕ СТИХОТВОРЕНИЯ «ОДИНОЧЕСТВО В ЛЮБВИ»)

***Давлатбекова М.***
**Таджикский национальный университет**

Тема одиночества является отражением общих идей русского декаданса, который появился на рубеже 19-20 веков.

Особенностью русского декаданса является воплощением не только мотива утраты веры, но и кризиса гуманизма вообще.

Декадентство внешне выражалось в преобладании настроения отчаяния, бессилия, усталости, разочарования. В основе развития декаданса лежит система определённых течений, культуры и искусства. К основным представителям русского декаданса относили символистов старшего поколение таких, как С. Бальмонт, Коневской, Ф. Сологуб, Мережковский, З.Гиппиус, а также ранний Брюсов.

Одним из наиболее ярких представителей русского символизма является Дмитрий Мережковский. Достаточно противоречивая личность. Конечно, творчество поэта как старшего символиста, на поэзию которого повлияли идеи декаданса является, с одной стороны, типичным достоянием художественной мысли русского символизма: в его творчестве воплотились самобытные темы, проблемы и мотивы, которые являются именно доказательством уникальности его поэтического мастерства. С другой стороны, в творчестве поэта нашли свое отражение такие извечные темы, как тема любви, жизни и смерти, рока или судьбы, тема идеалистического прошлого, тема иллюзорного будущего, тема трагического настоящего. Одною главной особенностью творчества поэта стало то, что эти темы соединяются в органичном единство его поэтических шедевров. Примером такого органичного соединения является, например, стихотворение «Одиночество в любви».

Данное стихотворение посвящено человеческим чувствам, любви, ведь в понимании поэта любовь - это вечный поединок, в котором идёт борьба за свободу. И тот, кто выходит из него победителем, получает в награду одиночество. Для некоторых поэтов одиночество является синонимом отсутствия любви. Именно это чувство даёт возможность человеку в полной мере ощутить себя счастливым. Когда любовь уходит, в душе поселяется пустота. И даже если тот, кто ещё недавно был самым близким и родным человеком, по-прежнему находится рядом, его уже не существует в твоём мире, наполненном печалью и тоской. «Я жил один, один умру», - пишет поэт, утверждая, что только смерть может научить людей жить без оглядки -открыто и по-настоящему.

Стихотворение начинается с парцеллированного безличного предложения:

Темнеет. В городе чужом
Друг против друга мы сидим,
В холодном сумраке ночном,
Страдаем оба и молчим. (3,10)

Уже в первой строфе находят своё выражения традиционные для русского декаданса пессимистические мотивы, связанные с проблемой трагической обреченности прекрасного чувства двух возлюбленных. Именно эти мотивы навевают ощущение печали, скорби, какой-то глубокой тоски по утраченному былому прекрасному чувству. Обращают на себя внимание экспрессивно-окрашенные глаголы «страдаем, молчим сидим», использование, которых даёт читателям ощущение застоя, отсутствие развития. У читателя возникает ощущение, как будто бы ничего не происходит, будто действие замирает в одном моменте существования, причём бесполезного существования, которое больше ничем не наполнено:

И оба поняли давно,
Что речь бессильна и мертва:
Чем сердце бедное полно,
Того не выразят слова. (3,10)

Эта строфа отличается тем, что в ней используются краткие прилагательные, которые ещё больше усиливают это ощущение разорванности, расчлененности бытия без объекта его обожания, и доказательством этой мысли, связаной с реализацией ещё одной проблемы - проблемы сложности выражения непростой диалектики чувств в словесной оболочке, становится следующие строки:

Не виноват никто ни в чём:
Кто гордость победить не мог,
Тот, кто будет вечно одинок,
Кто любит должен быть рабом. (3,10)

В этой строфе также раскрывается ещё одна проблема, причём классическая для всего творчества поэта- проблема одиночества в любовных отношениях. Когда человек, будучи одержимым даже прекрасным высоким чувством, становится его рабом, если он любит по-настоящему, потому что в этой слепоте своих чувств он полностью теряет ощущение себя в пространстве бытия:

Стремясь к блаженству и добру,
Влача томительное дни,
Мы все - одни, всегда - одни:
Я жил один, один умру. (3,10)

Это строфа является очень интересной и по форме, и по содержанию. С одной стороны, мотив трагического бытия усиливается характерным экспрессивно-окрашенным эпитетом «томительные», наличием старославянизмов высокой стилистической окраски «блаженству и добру», с другой стороны, это высокая лексика противопоставлена другим лексическим единицам: «один-один». Этот лексический повтор связан именно с противостоянием человека и общества, которому нет дела до высоких эмоций, проживаемых человеком, который трагически страдает в своем любовном чувстве. Это ощущение одиночества и внутреннего трагизма усиливается наличием повторения «мы все - одни, всегда - одни».

В следующем четверостишии поэт показывает ключевой образ русского символизма и русского декаданса: это образ смерти. Первые две темы вынесены в название стихотворения «Одиночество в любви» - тема одиночества и тема любви, и в это органичное единство вплетается ещё тема смерти, которая становится неким судьёй в этом сложном процессе:

Любить научит смерть одна
Всё то, к чему возврата нет. (3,10)

И торжеством этого образа, который зачастую управляет человеческой жизнью, мотивов звучат следующие строки, которые резонирует с этим тезисом:

Умолкнет гордость и вражда,
Забуду всё, что терплю,
И безнадёжно полюблю,
Тебя утратив навсегда. (3,10)

В этой строфе обращает на себя внимания использование метонимии «умолкнет гордость и вражда», когда общие признаки чувства переносятся на качества характера самих людей: «гордость и вражда». Это внутренние амбиции и гордость самих людей, которые управляют человеческим бытием и мешают людям становиться по-настоящему счастливыми.

Последняя строфа является реализацией кольцевого композиционного оформления в тексте, поэтому начинается с того же парцеллированного безличного предложения, что и первая строфа:

Темнеет. Скоро будет ночь
Друг против друга мы сидим,
Никто не может нам помочь, -
Страдаем оба и молчим. (3,10)

Практически полный лексический повтор, конструкции первой строки свидетельствует о том, что этот процесс бесконечен и надежды на какое-то разрешение этой ситуации практически нет, что в этом трагизме существования двух влюблённых, которые обречены на муки вселенского размаха, нет никого, кто мог бы помочь им вывести этот процесс на другой уровень, и всё это подводит нас к утверждению мысли о том, что все испытания в любви, в том числе и трагические, влюблённые должны прожить именно так, как им было суждено, и свыше, с достоинством выдержав это испытание, не потерять самих себя!

**ЛИТЕРАТУРА**


1. Андрущенко Е.А., Фризман Л.Г. Критик, эстетик, художник // Д.С. Мережковский. Эстетика и критика / Е.А. Андрущенко, Л.Г. Фризман. - М., Харьков. 2004.
2. Гаспаров М., И. Корецкая //Русская поэзия серебряного века. 1890–1917. Антология. Ред. Москва: Наука, 2003.
3. Мережковский Д.С.//Новые стихотворения / Д.С. Мережковский. -1891-1895.
4. Зобнин Ю.В. //Дмитрий Мережковский: жизнь и деяния / Ю.В. Зобнин. - Москва. – Молодая гвардия. 2008.
5. Мережковский Д. С. Пятая // Мережковский Д. С. Стихотворения и поэмы. СПб., 2000. С. 643.
6. Холиков А. Дмитрий Мережковский: Из жизни до эмиграции: 1865–1919 / А. Холиков. - СПб.: Алетейя, 2008.
7. Чураков Д.О. Эстетика русского декаданса на рубеже XIX–XX вв. Ранний Мережковский и другие. Москва: МПГУ,2007.


**МАВЗУИ ТАНҲОӢ ДАР МАТНҲОИ ШЕЪРИИ ДМИТРИЙ МЕРЕЖКОВСКИЙ (ДАР МИСОЛИ ШЕЪРИ “ТАНҲОӢ ДАР ИШҚ”)**


Дар ин мақола феноменологияи эҷодиёти Дмитрий Мережковский дар робита бо татбиқи чунин мавзуъҳо ба монанди танҳоӣ, ҳаёт ва марг, ишқ ва тарс, тартибот ва бесарусомонӣ, сарнавишт баррасӣ мешавад. Илова бар ин, дар ин мақола таҳлили ғоявию бадеии шеъри «Танҳоӣ дар ишқ» оварда шудааст, ки тасвири мавзуъ, проблема ва ғояҳои асосии эҷодиёти рамзшиносони рус дар охири асри XIX ва ибтидои асри XX мебошад.



**КАЛИДВОЖАҲО:** рамзӣ, декаденсия, лирикаи Д.Мережковский, образҳои асосӣ рамзҳо, мавзуи ишқ, мавзуи танҳоӣ, мавзуи ҳаёту мамот, таҳлили идеявию бадеии матн.


**ТЕМА ОДИНОЧЕСТВА В ПОЭТИЧЕСКИХ ТЕКСТАХ ДМИТРИЯ МЕРЕЖКОВСКОГО (НА ПРИМЕРЕ СТИХОТВОРЕНИЯ «ОДИНОЧЕСТВО В ЛЮБВИ»)**

В данной статье рассмотрена феноменология творчества Дмитрия Мережковского применительно к реализации в его лирике таких тем, как тема одиночества, жизни и смерти, любви и страха, порядка и хаоса, судьбы. Кроме того, в данной статье представлен идейно-художественный анализ стихотворения «Одиночество в любви», которое является иллюстрацией ключевых тем, проблем и идей творчества русских символистов конца 19-начала 20 века.

**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА:** символизм, декаданс, лирика Д.Мережковского, основные образы символы, тема одиночества, тема жизни и смерти, идейно-художественный анализ текста.

**THE THEME OF LONELINESS IN THE POETIC TEXTS OF DMITRY MEREZHKOVSKY (ON THE EXAMPLE OF THE POEM "LONELINESS IN LOVE")**

This article discusses the phenomenology of Dmitry Merezhkovsky's creativity in relation to the implementation in his lyrics of such themes as the theme of loneliness, life and death, love and fear, order and chaos, fate. In addition, this article presents an ideological and artistic analysis of the poem "Loneliness in Love", which is an illustration of the key themes, problems and ideas of the work of Russian symbolists of the late 19th and early 20th centuries.

**KEYWORDS:** symbolism, decadence, D. Merezhkovsky's lyrics, the main images are symbols, the theme of loneliness, the theme of life and death, ideological and artistic analysis of the text.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Давлатбекова Мунзила*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, магистранти курси дуюми факултети филологияи рус. **Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **000066910.**

**Сведения об авторе:** ***Давлатбекова Мунзила***– Таджикский национальный университет, магистрант второго курса факультета русской филологии. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: **000066910.**

**Information about the author:** ***Davlatbekova Munzila*** - Tajik National University, second-year master`s student of Faculty of Russian Philology. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. Phone: **000066910.**

## РЕКЛАМАИ ИНТЕРНЕТӢ: НАМУД ВА ВАЗИФАҲОИ ОН

***Некқадамова О.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

“Барои он ки реклама муассир бошад, онро дидан, хондан, фаҳмидан, бовар кардан ва амал кардан лозим аст”.
Д. Старч

Реклама падидаи муосир буда, ба шарофати он таблиғи мол, кор ва ё хизматрасонӣ амалӣ карда мешавад. Он иттилоотест, ки дар ҳама шакл ва бо истифода аз ҳама гуна воситаҳо, ба доираи номуайяни одамон ҷиҳати ҷалби таваҷҷуҳ ба объект, ташаккули симои он ва нигоҳ доштани таваҷҷуҳ ба он нигаронида шудааст.

Ҷаҳони муосирро бе реклама тасаввур кардан имкон надорад. Он моро дар хона, вақте ки ба тамошои телевизион ё гӯш кардани радио машғулем, дар кӯчаҳо дар шакли овезаву баннерҳо, рӯзномаву маҷаллаҳо, ҳатто китобҳо ва интернет иҳота кардаанд. Шакли аз ҳама фарогиру серъистеъмол ва қулайу муфиди тарғиби молу хизматрасонӣ ин рекламаи интернетӣ аст, ки вақтҳои охир хеле маъмул ва серистеъмол гаштааст. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 августи соли 2003 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи реклама” қабул гардид, ки муносибатҳои соҳаи рекламаро (ба истисноии рекламаи сиёсӣ) ба танзим медарорад. Қонуни мазкур онро аз рақобати бевиҷдонона ҳифз менамояд ва рекламаи номуносиберо, ки метавонад истифодабарандагонро ба иштибоҳ андозад ё ба саломатии онҳо, молу мулки шахсони воқеӣ, тарзи ҳаёт, шаъну шараф ё эътибори корӣ ва ҳуқуқии шахсони мазкур зарар расонад, инчунин ба манфиати ҷамъиятӣ, принсипҳои башардӯстӣ ва ахлоқӣ таҳдид кунад, пешгирӣ ва манъ менамояд.

“Реклама, бар хилофи асарҳои санъат, объекти ҳайрат нест - он воситаи хеле мушаххаси тиҷорат аст. Вазифаи асосии реклама чун қоида, ҷалб ва нигоҳ доштани таваҷҷуҳи шумораи бештари одамони муайян, мусоидат намудан ба қабули қарори харид мебошад. Танҳо рекламаи босалоҳият ва муассир метавонад чунин вазифаро иҷро кунад”.

Интернет ва таблиғоти интернетӣ муҳимтарин кашфиёти инсоният дар замони муосир мебошанд. Бартарии асосии он дар муқоиса бо дигар усулҳои таблиғотӣ дар он аст, ки Интернет як муҳити виртуалӣ мебошад, ки тамоми маълумотро дар бораи қариб ҳама намудҳои фаъолияти инсон, дар бораи шавқу ҳавас ва маҳфилҳои онҳо гирд овардааст. Бинобар ин, Интернет дар рӯйхати интиқолдиҳандагони иттилоот ҷойи аввалро ишғол намуда, телевизион, радио ва рӯзномаву маҷаллаҳоро иваз мекунад. Интернет воситаи аз ҳама камхарҷтарин барои реклама мебошад.

«Дар аксари мавридҳо таблиғ дар Интернет хусусияти думарҳилагӣ дорад. Аввалин роҳи таъсир рекламаи беруна буда, истифодабаранда тавассути он аз сайти нашири веб тамос мегирад. Шакли маъмултарини таблиғи берунӣ дар Интернет рекламаи баннерӣ мебошад, гарчанде ки он навъи ягона нест. Рекламаро метавон дар шакли блокҳои матнӣ, баннерҳои rich-media (Flash, Java, Html, Cgi), намоишҳои рекламавӣ (interstitials), мини-сайтҳо, коллажҳо ҷойгир кард. Инчунин, реклама тавассути системаҳои ҷустуҷӯйӣ ва директорияҳо, реклама дар феҳристҳои почтавӣ, нашрияҳо дар сайтҳои ахборро дар бар мегирад. Истиноди дуюми реклама вебсайт аст, яъне он чизе, ки корбар пас аз дастрасиву корбарӣ бо реклама ба даст меорад.

Истифодабаранда метавонад тавассути баннерҳои таблиғотӣ ба вебсайти таблиғкунанда ворид шавад, ё баннер метавонад кушода шавад ва ба мини - сайт табдил ёбад. Ҳангоми истифодаи технологияи Cgi, Java ё Flash, корбар метавонад ба саволҳо ҷавоб диҳад ё ба рӯйхати почтаи электронӣ обуна шавад. Дар ҳар кадоме аз ин мавридҳо амали корбар бевосита аз вокуниш ба таблиғоти ғайрифаъол (пайванди аввал) сурат гирифта, намоиши пайванди дуюми таблиғотӣ (сайт) бо хоҳиш ва таҳти назорати худи корбар сурат мегирад».

Рекламаи интернетӣ ду роҳи таблиғ дорад. Қадами аввал ин рекламаи беруна мебошад, ки дар васоити таблиғотӣ ҷойгир карда мешавад. Намудҳои ин реклама аз баннерҳо, блокҳои матнӣ ва мини - сайтҳо иборатанд.

Воситаи дуюм, ин таблиғест, ки дорои истинод аст, яъне пас аз пахш кардани сарлавҳа ё тасвир, корбар рост ба вебсайти таблиғкунанда ворид мешавад. Реклама дар Интернет дорои хусусиятҳо ва бартариятҳои муассир аз қабили қобилияти фавран таҳлил ва танзим кардани паёмҳои таблиғотӣ, фикру мулоҳизаҳои истеъмолкунандагонро саривақт фаҳмидан буда, кори таблиғкунанда осон ва нарх нисбатан паст мебошад.

Рекламадиҳанда метавонад ба рекламае, ки аллакай ҷойгир шудааст, зуд тағйирот ворид кунад, зеро фурӯшанда метавонад, аксуламал ва амали корбаронро пайгирӣ кунад, ин фарқияти асосии реклама дар захираҳои интернетӣ аз дигар намудҳои реклама мебошад.

Намудҳои асосии рекламаи интернетӣ инҳо мебошанд:

1. Рекламаи намоишӣ – ҷойгиркунии маводи рекламаи матнӣ ва графикӣ дар сайтҳое, ки платформаи таблиғотӣ мебошанд. Он ба реклама дар расонаҳои чопӣ хеле монанд аст. Бо вуҷуди ин, мавҷудияти пайванд дар баннер, имкони тасвири аниматсионӣ ва имкони занг задан аз баннер ба телефони мобилӣ, таъсири таблиғоти намоиширо васеъ мекунад. Аксари таблиғоти намоишӣ таблиғоти баннерӣ мебошанд.

2. Рекламаи матнӣ – ҷойгиркунии маводи рекламаи матнӣ ва графикӣ дар сомонаҳои матнӣ. Хидмати таблиғот мукотибаи байни маводи таблиғотӣ ва платформаҳои контекстӣ барои ҷойгир кардани реклама дар сайтҳои мувофиқ, маъмул ва шабеҳро ташкил медиҳад.

3. Рекламаи ҷустуҷӯйӣ – ҷойгиркунии маводи рекламаи матнӣ ва графикӣ дар паҳлӯи натиҷаҳои ҷустуҷӯ дар сайтҳо ё сайтҳои шарикони системаи ҷустуҷӯйӣ, ки ба корбар вазифаи ҷустуҷӯйиро пешниҳод мекунанд. Аксар вақт, паёмҳои таблиғӣ, ки маҳсулот ё хидмати мушаххасро таблиғ мекунанд, пас аз дархости ҷустуҷӯйи ӯ ба корбар нишон дода мешаванд. Рекламаи ҷустуҷӯйӣ баъзан дар шакли матн пайдо мешавад.

4. Рекламаи гео -контекстӣ – рекламае, ки аз ҷойгиршавии корбар вобаста аст, яъне реклама дар веб-харитаҳо. Пас аз ҷустуҷӯйи чизе бо истифода аз геолокатсия, ба корбар рекламаҳои шабеҳ ё дигар намуди мол, кор ва ё хизматрасониҳо пешниҳод карда мешавад, аммо дар ҳамон шаҳр ё минтақае, ки дархости аввалия дода шудааст.

5. Рекламаи вирусӣ як навъи маводи рекламавӣ мебошад, ки паҳнкунандагони он худи аудиторияи ҳадафӣ мебошанд. Дар он ҷое, ки як корбар паём ё нашрияи дигарро

мефиристад, дар он ҷо маъракаи таблиғотӣ вуҷуд дорад, аммо он ҳамчун маслиҳат ё амсоли он амал мекунад, ки эътимоднок аст.

6. Реклама дар шабакаҳои иҷтимоӣ роҳи муосир ва муассири паҳн кардани реклама мебошад. Он тавассути SMM (Маркетинг дар шабакаҳои иҷтимоӣ) ва ҳадафгирӣ паҳн карда мешавад, шартан метавон гуфт, ки шабакаҳои иҷтимоӣ ҳамчун платформаи таблиғотӣ ба аудиторияи мушаххас нигаронидашуда амал мекунанд.

7. Продакт-плейсмент – рекламаи пинҳонӣ, ки гӯё мундариҷаи бетарафона дорад. Аксар вақт дар филмҳо, сериалҳо, барномаҳои телевизионӣ, филмҳои тасвирӣ ва ғайра истифода мешаванд, ки дар он бренд пинҳон аст. Агар мо дар бораи онлайн-реклама сухан ронем, пас ин усул аксар вақт дар бозиҳои онлайнӣ пайдо мешавад, ки дар он бренд ё давра ба давра ба чашм мерасад ё як қисми худи бозӣ аст. Маълумот дар бораи маҳсулоте, ки аксар вақт ба чашм мерасад, метавонад ба имиҷи бренд таъсири мусбат расонад.

8. Дигар намудҳои таблиғ дар Интернет, одатан, аз хусусиятҳои шабакаҳои медиавӣ ва ҷустуҷӯӣ иборатанд ё тамоми хусусиятҳои таблиғоти интернетиро дар худ муттаҳид мекунанд.

Реклама дар Интернет бартариҳои худро дорад, ки аз инҳо иборатанд:

– аҳаммияти иттилоот;
– паҳнкунии босуръати иттилоот;
– бароҳатии ташкили маъракаи таблиғотӣ;
– қобилияти ҷалби аудитория ба намоиши маводи таблиғотӣ;
– шаффофияти омор;
– таҳлили амиқи аудиторияи мақсаднок;
– хароҷоти кам.

Аксар вақт, вазифаҳои зерини таъсири рекламавӣ ҷудо карда мешаванд:

1. Хабар додан. Хусусияти асосии ин вазифа шинос кардани истеъмолкунанда бо бренд мебошад. Реклама ба он нигаронида шудааст, ки корбарро шавқманд созад, ба нотакрор будани ин маҳсулот ва зарурати он боварӣ бахшад, то истеъмолкунанда хоҳиши харидории маҳсулотро дошта бошад. Маълумот бояд ҳам аз ҷиҳати мазмун ва ҳам аз ҷиҳати шакл дақиқ, мувофиқ, боэътимод ва ҷолиб бошад.

2. Бовар кунонидан. Боварӣ бояд ба далелҳое асос ёбад, ки дар муроҷиат ба муштарӣ оварда шудаанд. Ҳангоми иҷрои ин вазифа се гурӯҳи далелҳо истифода мешаванд:

- далелҳо дар асоси ҳақиқатҳои раднашаванда ва таҷрибаи шахсии шахсоне, ки боварӣ доранд;
- далелҳои мусбат ба манфиати маҳсулот;
- маълумоти манфие, ки харидорро аз мушкилот ва хатарҳо огоҳ мекунад, агар ӯ маҳсулотро рад кунад ва онро нахарад.

Асосноккунӣ ба ду намуди асосӣ тақсим мешавад: мантиқӣ ва равонӣ. Мантиқӣ мушкилотеро нишон медиҳад, ки барои шахс шинос хоҳад буд, ки боиси эътимоди корбар мегардад ва пас аз он таблиғкунанда фавран роҳи ҳалли ин мушкилотро пешниҳод мекунад. Усули равонӣ ба мувофиқат бо ақидаҳо, манфиатҳо ва эҳсосоти одамон асос ёфтааст. Рекламае, ки бо ин намуд асоснок карда мешавад, аксар вақт аз почтаи электронӣ истифода мешавад, ки корбарро ба зарурати маҳсулот ё хидмати таблиғшуда бовар мекунонад.

3. Пешниҳод. Вазифаи пешниҳод азхудкунии маълумот ва дарк кардани зарурати ба даст овардани бренди мушаххас мебошад. Пешниҳод ба корбар имкон медиҳад, ки ба ширкати эълоншуда эътимод кунад. Реклама ду намуди пешниҳодро истифода мебарад: бо ёрии манбаи бонуфузи иттилоот, яъне бренди маъруф, ширкати маъруф, шахси маъруф ва тавассути шиносоӣ, ки ба воситаи ҳарду намуд ба зершуури истифодабаранда таъсир расонида мешавад.

4. Ҳавасмандкунӣ. Ҳавасмандкунӣ вазифаи муҳимтарини реклама мебошад, зеро он вокуниши фавриро ба реклама ва дар ниҳоят хариди маҳсулотро ба вуҷуд меорад. Ҳавасмандкунӣ бо ҷанбаҳои зерини реклама амалӣ карда мешавад: шиор, муроҷиат, даъват. Маҳз онҳо истеъмолкунандаро "маҷбур" мекунанд, ки дар бораи зарурати маҳсулот ё хидмати таблиғшуда фикр ва дар оянда онро харидорӣ кунанд.

5. Аудиторияи мақсаднок. Дар симои ҳар як ширкат аудиторияи мақсаднок нақши калон мебозад. Аудиторияи маъракаи таблиғотӣ бояд ба омӯзиши аудиторияи Интернет,

хусусиятҳои истеъмолкунандагони эҳтимолӣ ва манфиатҳои онҳо асос ёбад. Донистани аудиторияи умумии як ширкати мушаххас дар эҷод ва татбиқи иттилооти таблиғотӣ хеле осонтар аст. Илова бар ин, бо донистани аудиторияи мақсаднок, ба манфиатҳо ва дархостҳои он мувофиқ намудани мол, кор ва ё хизматрасонӣ осонтар аст.

Бисёре аз муҳаққиқон мегӯянд, ки ҳадафҳои асосии маъракаи таблиғоти иттилоот, ҷалб ва ҳавасмандкунӣ мебошанд, аммо дар рекламаи интернетӣ ҳамаи хусусиятҳои дар боло зикршуда дар он нақши муҳим доранд.

«Дар ҳама гуна реклама ҳамеша дар бораи маҳсулоти пешниҳодшуда «хуб» гуфта мешавад ва ҳеҷ гоҳ «бад» намегӯянд. Реклама ҳамеша баҳодиҳии молҳо, хизматрасониҳо, одамон, созмонҳо ва ғайраҳо мебошад ва ин баҳогузорӣ ҳамеша мусбат арзёбӣ мегардад. Дар навбати худ, технологияи истеҳсоли реклама, ғояҳои эҷодӣ, усулҳои таъсир танҳо нақши ёрирасонро мебозанд ва бо мурури замон тағйир ёфта, бо дархости таблиғкунанда интихоб карда мешаванд. Барои ҷалби таваҷҷуҳи харидор, таблиғгар метавонад тасвирҳои гуногун, ҳатто ҳайратовар, матнҳо, ҳуруфҳои аслӣ, комбинатсияи ғайристандартии рангҳо ё шаклҳои геометриро истифода барад. Таблиғкунанда метавонад эҳтимолияти ҷалби харидорро бо хаёл, таъсири мураккаби оптикӣ, тарҳи техникӣ, ба монанди чароғҳои неон дурахшанда ва ҳатто, бо як чизи ғайриоддӣ татбиқ кунад.

Бо вуҷуди ин, моҳияти психологии таблиғ ҳеҷ гоҳ тағйир намеёбад. Вай одатан ҳамеша баҳодиҳии мусбат ё пӯшида боқӣ мемонад.

Ин арзёбиро метавон дар шаклҳои гуногун (нақшаи телевизионӣ, мақола, эълон дар рӯзнома, плакат дар девори бино ё изҳорот аз минбар) таҷассум кард, аммо новобаста аз ин шакл, реклама ҳамеша ба маҳсулот ва харидори он танҳо баҳои мусбат медиҳад. Новобаста аз он ки ин арзёбӣ боэътимод хоҳад буд ё не, танҳо аз хосиятҳои таблиғшуда вобаста аст».

Ҳамин тариқ, метавон гуфт, ки Интернет барои баҳодиҳии бозори худ аз ҳисоби омори аз ҷониби шумораи зиёди серверҳо ҷамъоваришуда имкониятҳои васеъ фароҳам меорад. Фаъолияти таблиғотӣ дар Интернет аз рӯйи вазифаҳои худ аз дигар намудҳои реклама фарқ намекунад, аммо шабакаи умумиҷаҳонии Интернет ба шарофати намудҳо ва хусусиятҳои худ имкониятҳои нави эҷод ва паҳн кардани таблиғро фароҳам меорад ва инчунин, фарогирии васеи аудиторияи истеъмолкунандаро бо дараҷаи хеле баланди қобилияти харидорӣ таъмин менамояд.

## АДАБИЁТ


1. Агеев, А.В. и др. «Рекламодатели. Теория и практика рекламной деятельности». Подготовка электронной публикации и общая редакция: «Индустрия рекламы». – Реҷаи дастрасӣ: http://adindustry.ru/doc/1136. – (санаи муроҷиат: 25.03.2022)
2. Антипов К.В. «Основы рекламы» / К.В. Антипов. – М.: Дашков и К°, 2008.
3. Бобоев У. PR чиро ифода мекунад? / У. Бобоев. // Замони муосир ва журналистика. – Душанбе: Сино, 2011.
4. Винарская Л.С. Информационная структура рекламного текста: автореф. дисс. … канд. филол. наук. - М., 2006.
5. Головлева Е.Л. «Основы рекламы» / Е.Л. Головлева. – Москва, 2003.
6. Усмонов И. К. Печать и международная пропаганда / И. К. Усмонов. - Душанбе: Дониш, 1990.
7. Лебедев-Любимов А.Н. «Психология рекламы» / А.Н. Лебедев-Любимов. – СПб.: Питер, 2002.
8. Муқимов М. Матбуоти муосир ҳамчун як намуди бизнес / М. Муқимов // Паёми ДМТ. – № 4/1 (159). – Душанбе: Сино, 2015. – С. 256-260.
9. Морозова И.Г. Средства воздействия в рекламе // Маркетинг. -2012. - № 10. - С. 5-12.
10. Назайкин А.Н. Рекламный текст в современных СМИ: Практич. Пособие / А.Н. Назайкин. - М.: Академия, 2012.


## РЕКЛАМАИ ИНТЕРНЕТӢ: НАМУД ВА ВАЗИФАҲОИ ОН


Реклама, ин иттилоотест, ки бо ҳар роҳу восита тарғиб ва паҳн карда шуда, барои ҷалби таваҷҷуҳи доираи васеи одамон ба объекти реклама нигаронида шудааст. Реклама намуди хеле мураккаби муошират аст, ки бо ёрии вазифаҳо ва стратегияҳои муайян амалӣ карда шуда, ба таъсир расонидан ва эҷоди афкори ҷамъиятӣ нигаронида шудааст. Имрӯз реклама ҳамчун раванди иртибот байни истеҳсолкунанда ва истеъмолкунанда, инчунин миёнарав – байни эҷодкунандаи реклама ва паҳнкунандаи он баррасӣ мешавад. Муҳимтарин хусусияти раванди муошират мубодилаи иттилоот, инчунин мавҷудияти фикру мулоҳизаҳо мебошад. Барои татбиқи ин равандҳо Интернет фаъолона истифода мешавад, зеро он як заминаи беҳтарин барои паҳн кардани иттилооти таблиғотӣ ва инчунин барои мулоқот бо истеъмолкунанда мебошад.



**КАЛИДВОЖАҲО**: реклама, интернет, таблиғот, пайванд, шабакаҳои иҷтимоӣ, муҳаққиқон, иттилоот, хизматрасонӣ, одамон, аудитория.

**ИНТЕРНЕТ-РЕКЛАМА: ЕЕ ВИДЫ И ФУНКЦИИ**

Реклама – это информация, продвигаемая и распространяемая любыми способами, направленная на привлечение внимания широкого круга лиц к объекту рекламы. Реклама – очень сложный вид коммуникации, реализуемый с помощью определенных задач и стратегий, направленных на воздействие и создание общественного мнения. Сегодня реклама рассматривается как процесс общения между производителем и потребителем, а также как посредник - между создателем рекламы и её распространителем. Важнейшей особенностью коммуникативного процесса является обмен информацией, а также наличие обратной связи. Для реализации этих процессов активно используется Интернет, поскольку он является идеальной основой для распространения рекламной информации, а также для встречи с потребителями. Информационные ресурсы в сети Интернет оказывают большое влияние на рекламно-маркетинговую деятельность, являющуюся одним из важных элементов создания и продвижения бренда.

**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА:** реклама, интернет, ссылка, социальные сети, исследователи, информация, услуги, люди, аудитория.

**INTERNET ADVERTISING: ITS TYPES AND FUNCTIONS**

Advertising is information that is promoted and disseminated by any means, aimed at attracting the attention of a wide range of people to the object of advertising. Advertising is a very complex type of communication, implemented with the help of certain tasks and strategies, aimed at influencing and creating public opinion. Nowadays advertising is considered as a process of communication between the producer and the consumer, as well as an intermediary - between the creator of the advertisement and its distributor. The most important feature of the communication process is the exchange of information, as well as the availability of feedback. To implement these processes, the Internet is actively used, because it is an ideal basis for the dissemination of advertising information, as well as for meeting with consumers. It should be said that information resources on the Internet have a great impact on advertising and marketing activities, which are one of the important elements of creating and promoting a brand.

**KEYWORDS:** advertising, internet, link, social networks, researchers, information, services, people, audience.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Неккадамова Оламбегим*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, магистранти факултети журналистика. **Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **(+992) 501051299.** E-mail: **Olambegim_99@mail.ru**

**Сведения об авторе:** ***Неккадамова Оламбегим*** – Таджикский национальный университет, магистрант факультета журналистики. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: **(+992) 501051299.** E-mail: **Olambegim_99@mail.ru**

**Information about the author:** ***Nekqadamova Olambegim*** – Tajik National University, master's student of the Faculty of Journalism. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. Phone: **(+992) 501051299.** E-mail: **Olambegim_99@mail.ru**

# ХУСУСИЯТҲОИ ИСТИЛОҲОТИ СИЁСӢ-ИҶТИМОИИ ЗАБОНИ АНГЛИСӢ ВА ТОҶИКӢ

***Абдуллоева Г.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Самт ва афзоиши таваҷҷуҳ ба таҳлил ва тафсири воҳидҳои луғавию грамматикӣ бо мақсади муайян кардани хусусиятҳои изоморфӣ ва алломорфӣ дар системаи таҳқиқоти муқоисашавандаи забонҳо нақши муҳимро мебозад. Тадқиқот дар назарияи тарҷумаи муқоисавӣ, забоншиносии типологӣ ва муқоисавӣ-таърихӣ ба дараҷае ба ҳам вобастагӣ доранд, ки муваффақияти таҳқиқотро дар соҳаи типология, таҳқиқоти муқоисавӣ ва муқоисавӣ - забоншиносӣ тасаввур кардан душвор аст. Аҳаммияти мавзӯи интихобшуда дар он аст, ки реалияҳои ҷамъиятӣ-сиёсии забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ дар лингво-маданият ва ҷанбаҳои тарҷума то ҳол мавриди таҳқиқоти махсус қарор нагирифтаанд.

Матнҳо барои тарҷума аз рӯйи жанрҳо, услубҳо ва функсияҳо хеле гуногунанд. Аз ин рӯ, барои тарҷумон донистани кадом навъи матн муҳим аст. Намудҳои матнҳо равиш ва талаботро барои тарҷума муайян мекунанд, ба интихоби техникаи тарҷума таъсир мерасонанд ва дараҷаи баробарии байни тарҷума ва нусхаи аслиро муайян мекунанд. Ҳадафҳо ва вазифаҳои тарҷумон вобаста ба тарҷумаи ӯ гуногун мебошанд: шеър ё роман, мақолаи илмӣ ё маълумоти рӯзнома, ҳуҷҷат ё дастури техникӣ. Ва намунаҳои интиқоли тарҷумаи ҳар як жанр тафовути худро доранд [1, 89].

Дар айни замон, тарҷумаи матнҳои сиёсӣ яке аз намудҳои серталаби тарҷума мебошад, ки ба рушди босуръати ҳамкориҳои байналмилалӣ дар соҳаҳои гуногун, дигаргуниҳои фаъоли иҷтимоӣ ва афзоиши аҳаммияти рӯйдодҳои сиёсии ҷаҳон вобаста аст. Дар шароити муосир, тарҷумаи матнҳои сиёсӣ ҳамчун воситаи таблиғот ва абзори мубoризаи идеологӣ баромад намуда, аҳаммияти махсус пайдо мекунад. Ҳаҷми матнҳои чопшудаи ҳарсолаи сиёсӣ, ки ба шунавандагони хориҷӣ (англисзабон) нигаронида шудаанд, хеле калон аст ва бо афзоиши муносибатҳои байналмилалӣ афзоиш меёбад [2, 136]. Дар ин ҷо, баромадҳои ходимони давлатӣ, ҳизбӣ ва ҷамъиятӣ; нашрияҳои ташкилотҳои байналмилалӣ, давлатӣ ва ҷамъиятӣ; мақолаҳо дар бораи мубориза барои сулҳ, коҳиш ва маҳдуд кардани силоҳ, ҳаракати миллӣ-озодихоҳӣ ва муносибатҳои иқтисодӣ нашр мешаванд.

Матнҳои сиёсӣ асосан нашрияҳо дар рӯзномаҳо, маҷаллаҳо ва Интернет мебошанд, ки ба сиёсат ва иқтисод бахшида шудаанд. Онҳо дорои иттилооти гуногун мебошанд, ки тавассути каналҳои коммуникатсияи оммавӣ мегузаранд [3, 54]. Вазифаи асосии онҳо муоширaт мебошад. Ин матнҳо метавонанд яктарафа ва барои таъсири муайян ба коркарди афкори ҷамъият ҳисоб карда шаванд. Аммо, вазифаи паём барои онҳо вазифаи асосӣ боқӣ мемонад, ки типологияи матнро ташкил медиҳад.

Одатан, ин навъи матн бо истифодаи миқдори зиёди калимаҳои шинос, ибораҳои стереотипӣ, муҳрҳои рӯзнома, истилоҳот ва мафҳумҳои сиёсӣ ва реалияҳои иҷтимоӣ тавсиф карда мешавад. Дар баъзе нашрияҳо калимаҳои арзёбии аз ҷониби журналистон ихтироъшуда, яъне калимаҳо ва ибораҳои лаҳҷавӣ ва гуфтугӯйӣ боз истифода мешаванд.

Тарҷумаи матнҳои сиёсӣ, ба монанди тарҷума, дар маҷмуъ, нақши хеле муҳим ва ивазнашаванда дорад [4, 72]. Ниёзи калон ба тарҷумонҳо аз густариши минбаъдаи робитаҳои байналмилалӣ, мубодилаи афкор дар соҳаи фарҳанг, варзиш, сайёҳӣ, баргузории форумҳо, вохӯриҳо ва гуфтушунидҳои мухталифи байналмилалӣ, ба истисноӣ намояндагии ягон кишвар дар созмонҳои сершумори байналмилалӣ, давлатӣ ва ғайриҳукуматӣ ба миён омадааст.

Матнҳои иҷтимоӣ-сиёсӣ ва публитсистӣ объекти тарҷумаи иҷтимоӣ-сиёсӣ (умумӣ) мебошанд. Барои ин гуна матнҳо, хусусияти характернок асоси таблиғотӣ ё ташвиқотӣ мебошад. Аз ин хулоса баровардан мумкин аст, ки чунин матнҳо бояд аз ҷиҳати эмотсионалӣ равшан ва аз истилоҳоти профилӣ бой бошанд [5, 33]. Тарҷумонҳое, ки онҳоро тарҷума мекунанд, бояд ба сохтани матн муносибати эҷодӣ дошта бошанд, истилоҳоти махсусро дарк кунанд ва тавонанд матни баровардашударо на танҳо хонданӣ, балки фаромӯшнашаванда гардонанд. Ин навъи тарҷума хусусиятҳои тарҷумаи бадеӣ ва тарҷумаи махсусро дар бар мегирад.

Дар амалия ба тарҷумон баъзан на танҳо иҷрои тарҷума, балки коркарди худи матн низ зарур мешавад. Дар таҳқиқоти олимони муосир ақидае вуҷуд дорад, ки вақте матн на танҳо тарҷума мешавад, балки дар тули роҳ коркард карда мешавад, ин далели тарҷума нест, балки бештар ба далели миёнаравии забонӣ шабеҳ аст [6, 47].

Дар забоншиносии тоҷик масъалаҳои таҳқиқоти муқоисавӣ саҳми чунин олимон, ба мисли Л.Успенская, И.Б.Мошеев, М.Б.Шаҳобова М.Т.Джабборова, Р.А.Самадова, П. Ҷамшедов ва дигарон ба чашм намоён аст. Равшанӣ дар асарҳо масъалаҳои назариявии реалия, дар шакли пора-пора оварда шудаанд, ки дар фаъолияти олимон ва тарҷумонҳои касбии тоҷик, ба монанди Э.Муллокандов, Ҳ.Аҳрорӣ, С.Собир ва дигарон метавон мушоҳида кард. Саволҳои оид ба реалияи русӣ дар муқоиса бо забони тоҷикиро олимони зерин Л.В.Ашмарина, Н.Х. Маҷидова, Г.Каримова ва дар робита бо омӯзиши муқоисавӣ, инчунин методикаи таълими забони русӣ дар аудиторияи миллӣ баррасӣ намуданд. Дар вақтҳои охир, бисёр корҳои илмӣ оид ба омӯзиши бахшҳои гуногуни забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ ба таври муқоисавӣ анҷом дода шудаанд, аммо дар онҳо масъалаҳои омӯзиши муқоисавӣ бо луғати иҷтимоӣ-сиёсӣ бо тарҷумаи англисӣ аз нуқтаи назари гӯяндаи забони тоҷикӣ дар шартҳои идоракунӣ ба назар гирифта нашудаанд.

Ҳангоми тарҷума, навъҳои гуногуни коркарди матн, вобаста аз вазифаҳои маъноӣ, фарқ карда мешаванд. Дар раванди коркарди матн услуби матн, мураккабии пешниҳоди иттилоот, бойии иттилоотӣ метавонад ба ин ҳама таъсир расонад. Пеш аз ҳама, коркарди матн ба сатҳи салоҳияти хонанда мутобиқ кардани матн аст, ин маънои онро дорад, ки

матне, ки хонандаи ниҳоӣ мустақилона, бидуни машварат ва кумаки беруна метавонад онро дарк кунад.

Тарҷумаи матнҳои сиёсӣ душвор аст ва аз тарҷумон на танҳо дониши аълои забон, балки дониши истисноии истилоҳоти сиёсӣ ва аз ҳама муҳим, дарки хусусиятҳои фарҳангии ҳам забони ҳадаф ва ҳам забони аслиро талаб мекунад [7, 115]. Тарҷумаҳо аксар вақт назар ба нусхаи аслӣ муфассалтар мешаванд, гарчанде ки тарҷумаҳои баъзе матнҳо, ки пурра аз ибораҳои стереотипӣ иборатанд, тақрибан бо нусхаи асл шабеҳ мебошанд.

Яке аз мушкилоте, ки як тарҷумони навкор дучор меояд, ин қобилияти «дидан» - и мушкилоти тарҷума ва қобилияти муқовимат бо васвасаи калимаҳои аслӣ бо калимаҳои забони мақсаднок мебошад. Л.С. Бархударов тарҷумаи луғатро ҳамчун тарҷума дар сатҳи пасттар аз оне, ки дар ин ҳолат зарур аст, ба қалам додааст [8, 186].

Ба асоси назариявии таҳқиқот олимони хориҷӣ (Питер Нюмарк, Дуглас Робинсон, Милдред Л. Ларсон, Э. Нида) ва забоншиносони рус дар луғати ғайримуодил (Г.В. Шатков, Г.В. Чернов, Л.Н.Соболев, Я.И Ретскер, И.И. Ревзин,Г.Д.Томахин ва дигарон), аз ҷониби забоншиносони фарҳанг (Э.М. Верешагин, В.Н. Костомаров, С.Г. Тер-Минасова ва ғ.), оид ба забоншиносии муқоисавӣ (А.И.Смирниский, В.Д. Аракин, В.Г. Гак, В.Н.Ярсева, I. Г. Кошева, В. Н. Комиссаров ва дигарон), назария ва амалияи тарҷума луғати ғайримуодил (А.В. Федоров, Р.К. Миняр-Белоручев, С. Влахов ва С. Флорин, А.О. Иванов, А.К. Гатилова ва дигарон), ба забони тоҷикӣ (И.Б. Мошеев, М.Б.Шакобова, Р.А. Самадова, М.Т. Ҷабборова, П. Ҷамшедов, Ҳ.Маҷидов, Б. Камолиддинов ва дигарон) хизмат кардаанд.

Ҳамчун манбаъҳои асосии мавод омӯзиши луғатҳои тафсирии англисӣ ва тоҷикӣ мебошанд (чоп ва электронӣ), луғатҳои истинодӣ, англисӣ-тоҷикӣ ва тоҷикӣ-англисӣ луғатҳои дузабона, асарҳои публитсистии мардум, соҳаи сиёсӣ, тарҷумаҳои англисӣ ва тоҷикии онҳо, инчунин, барои тасвири мукаммали хусусиятҳои интиқоли воҳидҳои луғавӣ дар забонҳои мавриди баррасӣ, тарҷумаҳои русии баъзе асарҳои илмӣ-публитсистӣ ва таърихӣ дар мавзуъҳои сиёсӣ ва асарҳои бадеӣ истифода мешаванд.

Чи тавре ки маълум аст, тарҷумаи матни сиёсӣ, ба мисли ҳар матн, дар якчанд сатҳҳо амалӣ карда мешавад: дар сатҳи калима, ибора, ҷумла ва дар сатҳи воҳидҳои супрафразалӣ. Ҳар як сатҳ бо вазифаҳои гуногуни тарҷумаи мураккабии гуногун тавсиф карда мешавад. Ғайр аз ин, ба ҳар як сатҳ "воҳидҳои вобастагии стандартӣ ба контекст ва воҳидҳои вобастагии ғайристандартӣ" дохил мешаванд [9, 50]. Тарҷумаи воҳидҳои навъи якум душвор нест, зеро он дар сатҳи мувофиқатҳои луғавӣ ва грамматикӣ сурат мегирад. "Воҳидҳое, ки вобастагии ғайристандартӣ доранд, технологияи махсуси тарҷумаро талаб мекунанд" [9,50]. Инро омилҳои забонӣ (сохтор ва вазифаҳои гуногуни ин воҳидҳо дар ду забон), инчунин омилҳои экстралингвистӣ (таҷрибаи инфиродии муаллифи матни манбаъ, тарҷумон ва ретсептор, тафовути фарҳангӣ ва равонӣ) шарҳ медиҳанд. Дар маҷмуъ, аз худ кардани маҳорати тарҷумаи матни сиёсӣ, донистани принсипҳои умумии фаъолияти тарҷумонӣ, ҷанбаҳои лингвистӣ ва экстралингвистии он, инчунин жанр ва хусусиятҳои услубии маводи тарҷумашаванда талаб карда мешавад.

Хусусияти тарҷумаи матнҳои сиёсӣ ин доштани дониши ҳатмии амиқи тарҷумон на танҳо доир ба забоншиносӣ, балки сиёсатшиносӣ, ҳуқуқшиносӣ ва таърих мебошад.

Дар фарқият аз забони бетарафи матнҳои илмӣ техники, забони мақолаҳои рӯзнома бештар пуртаъсир аст, ки онро ба забони адабиёти бадеӣ наздик месозад. Мо метавонем дар он фарқиятҳои образнок, маҷоз, ибораҳои рехта, кисматҳои ҳаҷвӣ, писханд, тамасхур ва ғайраро вохӯрем.

Агар асоси лексикии матни илмӣ - техникӣ истилоҳоти техникӣ ба ҳисоб равад, матни рӯзнома аз истилоҳоти махсусе бой мебошад, ки бо ҳаёти сиёсию давлатӣ алоқаманд аст; мо метавонем дар ин ҷо номҳои ҳизбҳои сиёсӣ, корхонаҳои давлатӣ, ташкилотҳои ҷамъиятӣ, истилоҳоте, ки бо фаъолияти онҳо алоқаманд ҳастанд, ба монанди: House of Commons - Палатаи обшинаҳо, Security Council - Шурои Амният, term of office - муҳлати ваколат.

Барои матни рӯзнома дар умум хислатҳои махсуси зерин хос мебошанд: а) Истифодаи зуд - зуди пайвастагиҳои фразеологӣ, ки дорои хосияти гуё ки муҳрҳои нутқӣ мебошанд, мисол: on the occasion of - ба муносибати, by the decision of - бо қарори, in reply to – дар ҷавоб ба, in a statement of -дар асоси аризаи, with reference to - ба муносибати, аз

сабаби, to draw the conclusion - ба хулосае омадан, to attach the importance – аҳаммият додан, to take into account - ба назар гирифтан.б) Истифодаи таркибҳои намуди “феъл + that" ҳангоми баён намудани нутқи бегона, шарҳ додани аризаи коркунони сиёсӣ ва ғ. Мисол: The paper argues that, this decision will seriously handicap the country's economy.Рӯзнома мепиндорад, ки ин қарор ба иқтисодиёти давлат зарари ҷиддимерасонад.

в) Истифодаи пайвастагиҳои фразеологии намуди "феъл + исм", мисол:to have a discussion ба ҷойи to discuss, to give support ба чои to support, to give recognition ба ҷойи to recognize.

г) Истифодаи неологизмҳо, ки бо ёрии баъзе суффиксҳои сермаҳсул ташкил ёфтаанд, мисол: -ism (Bevinism), -ist (Gaullist), -ite (Glasgovite), -ize (to atomize), -ation (marshallization); ва префиксҳо: anti- (anti – American compaign), pro- (pro - Arab movement), inter- (inter - European relations).ғ) Истифодаи васеи ҷумлаҳои бешахс ҳамчун қисми аввали маълумот, ба мисли: It is generally believed that... - ба эътикоди умум...; It is officially announced that...- расман маълум медоранд, ки...; It is rumored that...- овоза аст, ки...; It is reported that...- хабар медиҳанд, ки...; It is suggested that...- ният доранд, ки... ё дар назар дошта шудаааст, ки....д) Истифодаи зиёди кӯтоҳкунӣ, мисол: MP = Member of Parliament; TUC = Trades Union Congress; TV = Television.

**АДАБИЁТ**


1. Швейцер, А. Д. Современная социолингвистика: теория, проблемы, методы [Текст] / А. Д. Швейцер. – М.: Наука, 1976.
2. Бутов, В. Н. Пути и способы обогащения общественно-политической лексики и фразеология английского языка конца XX столетия: дис. ...канд. филол. наук: 10.02.04 [Текст] / Бутов Вячеслав Николаевич. – Запорожье, 2002.
3. Маник, С. А. Общественно-политическая лексика (оценочный аспект) в словарях различных типов: дис. ... канд. филол. наук: 10.02.04 [Текст] / Маник Светлана Андреевна. – Иваново, 2001.
4. Ошеева, Ю. В. Политическая лексика и фразеология русского языка (1985-2000 гг.): автореф. ... канд. филол. наук: 10.02.01[Текст] / Ошеева Юлия Владимировна. – Уфа, 2004.
5. Акимова, А. С. Способы образования якутской общественно-политической терминологической лексики (на материале словарей и периодической печати): дис....канд. филол. наук: 10.02.20 [Текст] / Акимова Александра Спартаковна. – Якутск, 2013.
6. Верещагин Е.М., Костомаров В.Г. Язык и культура: Лингвострановедение в преподавании русского языка как иностранного. М.: Русский язык, 1983.
7. Ошеева, Ю. В. Политическая лексика и фразеология русского языка (1985-2000 гг.): автореф. ... канд. филол. наук: 10.02.01[Текст] / Ошеева Юлия Владимировна. – Уфа, 2004.
8. Бархударов, Л. С. Язык и перевод: Вопросы общей и частной теории перевода / Л. С. Бархударов. 3-е изд. - М.: ЛКИ, 2010.
9. Анисимова, А. Г. Методология перевода англоязычных терминов гуманитарных и общественно-политических наук: дис. …д-ра филол. наук: 10.02.04, 10.02.20 [Текст] / Анисимова Александра Григорьевна. – М., 2010.
10. Анисимова, А. Г. Методология перевода англоязычных терминов гуманитарных и общественно-политических наук: дис. …д-ра филол. наук: 10.02.04, 10.02.20 [Текст] / Анисимова Александра Григорьевна. – М., 2010.
11. [https://www. multitran.ru].
12. [http://schooled.ru/49nglish/1500topic/6.html].
13. [https://www.merriam-webster.com/dictionary/policy.].
14. [http://www.differencebetween.net/]


## ХУСУСИЯТҲОИ ИСТИЛОҲОТИ СИЁСӢ-ИҶТИМОИИ ЗАБОНИ АНГЛИСӢ ВА ТОҶИКӢ


Хусусияти мавзуи интихобгардида дар он зоҳир мегардад, ки реалияҳои ҷамъиятӣ-сиёсии забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ дар лингво-маданият ва ҷанбаҳои тарҷума то ҳол мавриди омӯзиши махсус қарор нагирифтаанд. Имрӯзҳо, тарҷумаи матнҳои сиёсӣ яке аз намудҳои серталаби тарҷума мебошад, ки ба рушди босуръати ҳамкориҳои байналмилалӣ дар соҳаҳои гуногун, дигаргуниҳои фаъоли иҷтимоӣ ва афзоиши аҳаммияти рӯйдодҳои сиёсии ҷаҳон вобаста аст.



**КАЛИДВОЖАҲО:** истилоҳот, истилоҳоти сиёсӣ,сиёсӣ – иҷтимоӣ, истилоҳоти-техникӣ ва ғайра.


## ХАРАКТЕРИСТИКА ПОЛИТИЧЕСКИХ-СОЦИАЛЬНЫХ ТЕРМИНОВ АНГЛИЙСКОГО И ТАДЖИКСКОГО ЯЗЫКОВ


Своеобразие выбранной темы проявляется в том, что социально-политические реалии английского и таджикского языков в лингвокультурологическом и переводческом аспектах еще не подвергались специальному изучению. На сегодняшний день перевод политических текстов является одним из самых востребованных видов

перевода, что обусловлено стремительным развитием международного сотрудничества в различных сферах, активными общественными изменениями, возрастающей значимостью мировых политических событий.

**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА:** термины, политические термины, политико-социальные термины, технические термины и др.

**CHARACTERISTICS OF POLITICAL AND SOCIAL TERMS OF THE ENGLISH AND TAJIK LANGUAGES**

The originality of the chosen topic is manifested in the fact that the socio-political realities of the English and Tajik languages in the linguo-culturological and translation aspects have not yet been subjected to special study. Today, the translation of political texts is one of the most popular types of translation, which is due to the rapid development of international cooperation in various fields, active social changes, and the growing importance of world political events.

**KEYWORDS:** terms, political terms, political and social terms, technical terms, etc.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Абдуллоева Гулноза*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, магистранти курси дуюми факултети забонҳои Осиё ва Аврупо. **Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **+992933775794.** Email: **abdulloevagulnoza94@gmail.com**

**Сведения об авторе**: ***Абдуллоева Гулноза*** – Таджикский национальный университет, магистрант второго курса факультета языков Азии и Европы. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: **+992933775794**. Email: **abdulloevagulnoza94@gmail.com**

**Information about the author**: ***Abdulloeva Gulnoza*** – Tajik National University, second-year master`s student of Faculty of Asian and European Languages. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. Phone: **+992933775794.** Email: **abdulloevagulnoza94@gmail.com**

# ТАЪСИРИ АФФИКСҲОИ ИНТЕРНЕТ БА ИНКИШОФИ НЕЛОГИЗМҲОИ КОМПЮТЕР ВА ТАЪРИФҲОИ НАВ

***Бегахмадова Ф. А.***
***Донишгоҳи миллии Тоҷикистон***

Олимон якчанд роҳҳои фароҳам овардани шароити ТИ-ро муайян мекунанд. Усулҳои асосӣ инҳоянд: семантикӣ (аз нав дида баромадани калимаҳои адабии умумӣ), морфологӣ (истифодаи аффиксҳои гуногун) ва синтаксисӣ. Илова бар ин, бисёр олимон усулҳои омехта ва усулҳои эҷоди истилоҳоти гибридиро фарқ мекунанд.

Мутобиқи сохтори морфемикии калима неологизмҳо инҳоянд: сохташуда, сохтанашуда, мураккаб ва аббревиатура. Мувофиқи сохти синтаксисӣ онҳо: ду-ҷузъа, сеҷузъа, чор-ҷузъа ва ғ. мешаванд.

Ба ғайр аз ин, ҳангоми эҷоди неологизмҳо ба ғайр аз воситаҳои забони худ, аксар вақт гирифтани истилоҳот аз дигар забонҳоро мушоҳида кардан мумкин аст:

1) Неологизмҳои яккалимагӣ, ки бо роҳи аффиксӣ (сунъӣ) ё тафаккури маҷозӣ дар дида баромадани калимаи маъмулӣ (ғайрисунъӣ) сохта шудаанд. Усули аффикс якчанд категорияро дар бар мегирад: суффиксаксия, префиксаксия ва категорияи префикс-суффиксиалӣ.

Тадқиқот нишон дод, ки сермаҳсултарин усули калимасозӣ усули суффиксиалӣ (пасвандӣ) мебошад, пас аз он усули префиксиалӣ (пешвандӣ) ва усули префикс-суффиксиалӣ (пешо-пасвандӣ) меистанд. Пасвандҳои сермаҳсултарин дар ташаккули неологизмҳо дар системаи технологияи компютерӣ инҳоянд:

***- ing:*** *clock multiplying* (афзоиши басомади соатии протсессор);

*PC health monitoring* (мониторинги ҳолати компютери шахсӣ);

*phishing* (қаллобӣ дар интернет бо мақсади дуздии маълумоти шахсӣ);

*mangling* (таҳрири номи функсия, рамзкушоӣ);

***- er (-or)***: *Automatic Photo Feeder* (фидеркунандаи худкори акс);

***- able (-ible)***: *installable client driver* (драйвери насбшаванда);

*addressable memory* (хотираи адресшаванда);

*portable* (сайёр).***- y:*** *blocky filtering* (филтри блок); *cyberbunny* («cyberprofan» - як ҳаводори компютер, ки ба шуруъкунандагон маслиҳати "фоида" медиҳад).***- less:*** *Connectionless Service* (хизматрасонӣ бидуни ташкили пайвастшавӣ). ***-ity:*** *Fibre Connectivity*

(интерфейси баландсуръат барои пайваст кардани фреймҳо ба дастгоҳҳои нигаҳдорӣ); *compatibility* (мутобиқат, мувофиқат); *entity* (муассиса, модул); *blogebrity* (блогнависи машҳур).

Пешвандҳои самаранoктарин инҳоянд:

***Multi:*** *multimedia* (маҷмуи таҷҳизоте, ки ба компютер имкон медиҳад бо матн, графика, иттилооти садоӣ ва видеоӣ кор кунад);

*multisegment cascade* (каскади чандсегментӣ).

***inter***: *interpacket gap* (фосилаи байнипакетӣ).

***sub***: *subnet* (зершабакаи); *subsystem* (зерсистема).***non-:*** *non-volatile* (хотираи ғайримуқаррарӣ); *non-source routed* (тақсимоти чаҳорчӯба).

***re:*** *reconfiguration* (таҷдиди сохтори меъмории система).

***anti:*** *anti-boot virus protection* (системаи зидди вирус).

***pre:*** *pre-modded* (идоме, ки аз ҷониби шахси сеюм тағир дода шудааст, на истеҳсолкунанда).

***per:*** *per-port ring selection* (қобилияти пайваст кардани истгоҳе, ки ба порт бо ягон ҳалқа пайваст аст).

***de:*** *defragmentation* (дефрагментация).

***un:*** *unbundling* («ҷудо кардан» (нархгузории алоҳидаи сахтафзор, нармафзор ва хидматҳо).

*The Government viewed recent incidents of* ***cyberhacking*** *in Singapore as a highly serious matter.* "Ҳукумат ҳодисаҳои киберхакерӣ дар Сингапурро як мушкили хеле ҷиддӣ медонад."

Аз мисолҳои дар боло овардашуда дида мешавад, ки ин пасвандҳоро сермаҳсултарин шуморидан мумкин аст: *-ing* и *-er (or* ва аз байни пешвандҳо бошад *multi-* и *inter* мебошанд.

2) Калимагузорӣ низ яке аз роҳҳои маъмултарини ташаккули неологизмҳои зерзабони технологияи компютерӣ мебошад. Он на танҳо дар забони англисӣ, балки дар бисёр забонҳои дигар хеле васеъ паҳн шудааст. Калимагузорӣ ин гузориши калимаҳои алоҳидаи мустақил мебошанд. Қисмҳои гуногуни нутқ метавонанд ҳамчун ҷузъҳои ин навъи неологизмҳо амал кунанд, аммо фаъолтаринашон асоси исм ва сифат мебошанд.

Дар байни моделҳои маъмултарини таркиб инҳоянд: N + N; Adj Prep.+H; V+ омодагӣ; Prep+N; N+ ; V+V:

*dark pattern* (сайти интернетӣ, ки корбаронро бо роҳи қаллобӣ ҷалб мекунад);

*IHunch* (дар ҷойҳои ҷамъиятӣ ба смартфони ягон кас нигоҳ кардан);

*p-hacking* (манипуляцияҳои компютерӣ барои ҳисоб кардани натиҷаи дақиқ анҷом дода мешаванд);

*Google dorking* (бо истифода аз ҷустуҷӯйи махсуси Google барои дарёфти маълумоти махфӣ дар сервери Интернет);

*memberwise copy* (нусхаи узвӣ);

*memberwise copy* (узви фазои ном);

*southbridge* (кӯпруки ҷанубӣ);

*high-definition DVD* (DVD-и баландсифат);

*fatal-error bit* (бити хато (ноком));

*bootup screen* (экранҳои пурборшаванда);

*ring-on* (занги даромад);

*uplink* (пайвастшавӣ ба магистралӣ);

*fault-tolerant* «ба айб тобовар» (ба нокомиҳо ҳассос нест);

*flicker-free* "flicker-free" (дар бораи дисплей);

*while-loop* "халқа бо шарти давомдор".

Дар байни калимаҳои таҳлилшуда калимаҳое низ ҳастанд, ки бо роҳи калимасозии пурра (якҷоя шудани ду ва зиёда калимаи пурра) ва дуюм (якҷоя шудани ду ё зиёда решаи калима) сохта шудаанд.

*An* ***emoticon*** *is a pictorial representation of a facial expression using punctuation marks, numbers and letters, usually written to express a person's feelings or mood.* Эмотикон тасвири тасвирии ифодаи чеҳра бо истифода аз аломатҳои пунктуатсия, рақамҳо ва ҳарфҳо мебошад, ки одатан барои ифодаи эҳсосот ё руҳияи шахс навишта мешаванд.

3) Конверсия. Ҳодисаи конверсия дар забон хеле пештар ба вуҷуд омадааст ва як роҳи маъмули калимасозист.

*boot* (қисмати диски сахт, ки дорои маълумоти (система) барои боркунӣ (борбор (v) боркунӣ)); *cancel* (н) (бекор кардан (v) амалро бекор кардан); *flame* (v) (ҳар мавзуъро дар форум бо хушунат муҳокима кардан (шуълаи (н) аланга, нури равшан, оташинӣ, ҳавас, оташ, баҳси хеле ҷолиби ҳама гуна масъала дар шабака, одатан бо номаи касе оғоз мешавад); *spam* (v) (фиристодани паёмҳои таблиғотии дахолатнопазир (спам (n) паёмҳои номатлуб ба шумораи зиёди одамон фиристода мешавад).

Ихтисорот аз сабаби он, ки ҷомеаи муосир кӯшиш мекунад, ки забонро оқилона созад ва кӯшишҳои нутқиро камтар намояд. Тадқиқотҳои зерзабони соҳаи компютер нишон медиҳанд, ки ин зерфарҳанги илмӣ миқдори зиёди ихтисоротҳоро дар бар мегирад.

## АДАБИЁТ


1. Антрушина Г. Б. Лексикология английского языка. English lexicjlogy: учебник и практикум для академического бакалавриата / Г. Б. Антрушина, О. В. Афанасьева, Н. Н. Морозова. -8-е изд., перераб. и доп. -М.: Издательство Юрайт, 2016.
2. Арнольд И.В. Лексикология современного английского языка: учеб. пособие. – 2-е изд., перераб. / И.В. Арнольд. – М.: ФЛИНТА: Наука, 2012.
3. Брагина А.А: «Неологизмы в русском языке» / А.А. Брагина. - М.: 2003
4. Виноградов В.В. Об основном словарном фонде и его словообразующей роли в истории языка / В.В. Виноградов. - М.:1977.
5. Виноградова Н. В. Компьютерный сленг и литературный язык: проблемы конкуренции // Исследования по славянским языкам. Корейская ассоциация славистов. М., 2006.
6. Гак В. Г. Сопоставительная лексикология: На материале французского и русского языков. – 2-е изд. – М.: УРСС, 2010.


## ТАЪСИРИ АФФИКСҲОИ ИНТЕРНЕТ БА ИНКИШОФИ НЕЛОГИЗМҲОИ КОМПЮТЕР ВА ТАЪРИФҲОИ НАВ


Дар ин мақола масъалаи таъсири аффиксҳо ба Интернет ба рушди неологизмҳои компютерӣ ва таърифҳои нав дар забони англисии муосир баррасӣ мешавад. Тавре муаллиф қайд мекунад, ҳар як забон миқдори зиёди ибораҳои гуногунро дар бар мегирад, ки хусусияти сохтори грамматикӣ ва фонетикии забонро инъикос мекунанд. Чунин ибораҳо барои дар асоси маводҳо бевосита омӯхтани характери миллии забон ва халқ шароит фароҳам меоваранд, ки ин ҳангоми аз як забон ба забони дигар тарҷума кардани асарҳои бадеӣ аҳаммияти калон дорад.



**КАЛИДВОЖАҲО:** таъсирот, аффиксҳо, интернет, рушд, неологизмҳои компютерӣ ва таърифҳои нав, илмию техникӣ, пешрафт, мавқеъ, неологизм, забони англисӣ.


## ВЛИЯНИЕ АФФИКСОВ В ИНТЕРНЕТЕ НА РАЗВИТИЕ КОМПЬЮТЕРНЫХ НЕОЛОГИЗМОВ И НОВЫХ ОПРЕДЕЛЕНИЙ


В данной статье рассматривается вопрос о влияние аффиксов в интернете на развитие компьютерных неологизмов и новых определений в современном английском языке. Как отмечает автор, в состав каждого языка входит большое количество различных фраз и выражений, отражающих особенности грамматической и фонетической структуры языка. Такие выражения создают условия для непосредственного изучения национального характера языка и народа на основе конкретных материалов, что имеет большое значение при переводе произведений искусства с одного языка на другой.



**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА:** влияния, аффиксы, интернет, развития, компьютерных неологизмов и новых определений, научно-технический, прогресс, позиция, неологизм, современном английском языке.


## INFLUENCE OF INTERNET AFFIXES ON THE DEVELOPMENT OF COMPUTER NEOLOGISMS AND NEW DEFINITIONS


This article discusses the influence of Internet affixes on the development of computer neologisms and new definitions in modern English. As the author notes, each language includes a large number of different phrases and expressions that reflect the features of the grammatical and phonetic structure of the language. Such expressions create conditions for the direct study of the national character of the language and people on the basis of specific materials, which is of great importance when translating works of art from one language to another.



**KEYWORDS:** influences, affixes, internet, development, computer neologisms and new definitions, scientific and technical, progress, position, neologism, modern English.



**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Бегахмадова Фотима Абдурахимовна*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, магистранти факултети забонҳои Осиё ва Аврупо. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **(+992). 980030380.**

**Сведения об авторе:** ***Бегахмадова Фотима Абдурахимовна*** - Таджикский национальный университет, магистрант факультета языков Азиии и Европы. **Адрес**:734025, Республика Таджикистан г. Душанбе проспект Рудакї 17. Телефон: **(+992). 980030380.**

**Information about the author:** ***Begahmadova Fotima Abdurahimovna*** - Tajik National University, master`s student of Faculty of Asian and European languages. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan Dushanbe Rudaki Avenue 17. Phone: **(+992). 980030380.**

## ИФОДАИ ЭҲСОСОТ ДАР ЭВФЕМИЗМҲОИ ЛУҒАВӢ

***Юсупова Ш. Ҳ.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Ба луғати ифодакунандаи мафҳуму оҳангҳои шоирона калимаву ифодаҳое, ки маъноҳои нарму лутфомезро ифода мекунанд, наздикии бештаре доранд. Чунин калимаҳо, ки бо номи эвфемизмҳо ёд мешаванд, аз бобати ифодаи эҳсосот дар байни гурӯҳи калимаҳои услуби баланд ба мақоми махсус соҳиб мешаванд. Истифодаи онҳо нутқро муассир гардонида, диққати хонанда ва ё шунавандаро ба худ ҷалб менамоянд. «Дар ҷомеаи мутамаддин меъёрҳои муайяни ахлоқӣ вуҷуд доранд, ки мутобиқи онҳо номбар кардани номи аслии баъзе ашё ва мафҳумҳои дағал манъ аст» [5,27]. Чунин анъанаи истифодабарии калимаҳо таъсири худро дер ё зуд ба забони асарҳои бадеӣ низ мерасонад, зеро асари бадеӣ инъикосгари расму русум, анъана ва тарзи зиндагии халқ аст. Эвфемизм «ҳодиса, воқеа, предметро, ки маънои қабеҳ дошта, ба забон гирифтани он аз рӯйи одоб нест ба тарзи дигар, бо маънои нисбатан сабуктар, дар маънои қобили қабул гуфтан аст» [4, 49].

Ба ин маънӣ эвфемизмҳо, пеш аз ҳама, бар ивази калимаҳои ифодагари мафҳумҳои одӣ ё воқеӣ ба кор бурда мешаванд. Мисол, калимаҳои **даргузаштан** ва **вафот кардан** бар ивази калимаи оддии **мурдан** истифода бурда мешавад. Калимаи **мурдан** доираи васеи истеъмолӣ дорад. Он ҳам дар мавриди талафи ҳайвонҳо, паррандаҳо, одамон, умуман, тамоми махлуқоти рӯйи заминӣ ба кор бурда мешавад, аммо калимаҳои нарму гӯшнавози **даргузаштан** ва **вафот кардан** танҳо нисбат ба одамон дар истеъмоланд:

Эй дареғо дард, Нуъмон **даргузашт**,
Беғараз, бекина инсон **даргузашт**.
Умри кӯтоҳаш чунон кӯтоҳ буд,
Гӯиё барқи дурахшон **даргузашт**

Зиндагӣ-да, Вайсуф **даргузаштанд**, **раҳматӣ** шуданд (С. Раҳимзоди Афардӣ, Доғҳои офтоб, 82). Пас аз **вафоти** падараш бори гарони рӯзгор ба сари Саидпаҳлавон афтод (Ҷ. Икромӣ, Дувоздаҳ дарвозаи Бухоро, 53).

Калимаҳои нарму гӯшнавози дар ифодаи мафҳумҳои маргу мурда истеъмолшаванда дар забони адабии муосири тоҷик хеле зиёданд, ки дар бештари онҳо оҳангҳои ҳузну шафқат ё лутфу марҳамат эҳсос мешавад. Чунончи, **раҳматӣ** ба маънои *«фавтида»,* **ҳалокат** *«марг»,* **марҳум** *«шахси фавтида»*, **қазо** *«фавт»,* **дафн** *«гӯронидан»,* **оромгоҳ** *«қабр, гӯр»* ва монанди инҳо:

Магар ҳамин марди хирадманд, ҳамин ходими маъруфу машҳури идораи корҳои дохилии республика рафиқ Ҳамроҳ Олимӣ набуд, ки бо **раҳматӣ** модари пирашон аз як гиребон сар бароварда, Иброҳимҷонро зӯран ба хеши худашон хонадор кардаанд (Ф. Муҳаммадиев, Палатаи кунҷакӣ, 109). Ивон амак қариби пешин хабар овард, ки зани **марҳум** ҳамроҳи падараш ва директори институти тадқиқотие, ки ӯ кор мекардааст, ба Душанбе расидааст (Ф. Муҳаммадиев, Палатаи кунҷакӣ, 167). **Ҳалокати** шавҳар, чанд соли машаққатноки бевазанӣ, ҳар саге, ҳатто сангу кулӯхе дар паи озори ӯ буд (Ф. Муҳаммадиев, Палатаи кунҷакӣ, 353). Аз рӯйи одат аҳли хонаводаи Тоҳир фардои рӯзи **дафн** саҳари ба оромгоҳаш ба ёдоварӣ омада палангро дар он ҷо диданд(Ҷ. Икромӣ, Ҳамида, 47).

Калимаҳои бо ҳам муродифи **нотоб** ва **дардманд** шомили як услуб буда, умумиистеъмоланд, аммо аз нигоҳи ифодаи тобишҳои маъноӣ аз ҳам фарқ мекунанд.

Дуруст аст, ки ҳарду ба ҷойи калимаҳои **касал** ва **бемор** истифода мешаванд, аммо мавридҳои истеъмолии гуногунро доранд. Калимаи **нотоб** маънои *«бемории сабуки зуд сиҳатшаванда»*-ро дошта, дар он ифодаи эҳтиром дида мешавад. Дар калимаи **дардманд** бошад, оҳанги лутфу марҳамат мушоҳида мешавад ва маънояш *«бемории нисбатан сабуктари дер сиҳатшаванда ва ё умуман сиҳатнашаванда»* аст. Ф. Муҳаммадиев дар як маврид ин ду калимаро хеле мувофиқ истифода бурдааст:

Он чизеро, ки аз сар гузаронида, **нотоб** шуда будед, таҳти назорати табиб нақл мекунед (Ф. Муҳаммадиев, Палатаи кунҷакӣ, 46). Шахси **дардманд** ба тарзе ки бояду шояд. дар ҳаракат набудааст, яъне ба кори ҷисмонӣ машғул набудааст (Ф. Муҳаммадиев, Палатаи кунҷакӣ, 40).

Эвфемизмҳои луғавӣ бештар дар ивази калимаҳои ифодагари мафҳумҳои дағал ба кор бурда мешаванд. Дар ин гурӯҳи калимаҳо бештар ифодаи эҳтиром нисбат ба шахси шунаванда таҷассум ёфтааст. Калимаҳои нарму гӯшнавози муродифии **дуҷон, ҳомила**, **обистан** ба маънои *«бугӯз»* аз ҳамин қабиланд:

-Чаро аз хоҷагии Шариф касе нест?

-Вай каси мерафтагӣ надорад.

-Занаш чӣ?

-**Дуҷон** аст. (Ӯрун Кӯҳзод, Роҳи ағба, 37).

Насруллохон модари ӯро дар вақти **ҳомила** буданаш талоқ карда, ба амлокдори худ Аббосӣ дода буд (С. Улуғзода, Восеъ, 156). Духтараш аз кадом як зинокори нокас **обистан** шудааст (С. Улуғзода, Ривояти суғдӣ, 25).

Калимаҳои **поҷома** ва **лозимӣ** *«эзори занона»*, **сабукпо** *«фоҳиша»,* **бордор** *«бугӯз»,* **халоҷо** *«ҳоҷатхона»* низ номи мафҳумҳои дағалро иваз кардаанд:

Мард ҳар гоҳ аз зан мепурсад, ки берун меравам чӣ бипӯшам оқибат ба дили зан зад, ки ба ӯ **поҷомаашро** дароз кард (Баҳманёр, Шоҳаншоҳ, 253). Онҳо сару либоси ӯро нав намуданд; аз карбоси ғафс ду куртаю **лозимӣ** дӯхтанду як чоруқи пӯстиговӣ ҳам хариданд (Р. Ҷалил, Шӯроб, 12). Ниҳоят, рӯзе Ҳамроҳака ба модар гуфт, ки бадгашт, бадахлоқ, мешавад, бо занҳои **сабукпо** робита пайдо карда, ба таъсири ҷавонони сиёсӣ афтодааст (Ф. Муҳаммадиев, палатаи кунҷакӣ, 29). Инчунин, барои ифодаи маънои буғуз барои ҳайвонот вожаи **бордор намудан** истифода мешавад. Ният доштанд, ки ин баҳор бори аввал онро **бордор** кунанд (С. Улуғзода, Восеъ, 30). Дилтанг шуд ва хеста ба **халоҷо** рафт ва аз он тараф дастони тарашро бо рӯймолча поккунон омад ва дар баробари онҳо рост истод (Ӯрун Кӯҳзод, Ҳайҷо, 498).

Дар баъзе калимаҳои ифодагари мафҳумҳои нарм хоксорӣ низ ифода шудааст. Калимаҳои **камина** ва **банда**, ки ба ҷойи калимаи умумиистеъмоли **ман** дар истифодаанд, тобишҳои фурӯтаниву хоксориро дар бар гирифтаанд. Ҳарчанд калимаи **ман** аз рӯйи ифодаи маъно дағал нест, аммо истифодаи бемавриди он оҳанги кибр ва мағруриро ба миён оварда метавонад, аз ин хотир гӯянда баъзан калимаи **каминаро** истифода мекунад ва ё дар ҷойи дигар калимаи **бандаро** ба кор мебарад:

Медонед, ки **каминаи** шумо, ки ҳоло гӯё фармонбардоратон шуда гаштааст, фардо кӣ шуданаш мумкин? (Ҷ. Икромӣ, Дувоздаҳ дарвозаи Бухоро, 298). Инро донед, ки **каминаи** шумо чандон хушку холӣ ва беҳиссу идрок ҳам не! (Ҷ. Икромӣ, Дувоздаҳ дарвозаи Бухоро, 301). Вазифаи ҷонии **банда** ҳисобу китоб аст (Сипеҳри Ҳасанзод, Бозгашти аспи даҳмарда, 135).

Дуруст аст, ки калимаи **қишлоқӣ** дар «Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ» *«деҳотӣ, сокини деҳ»* маънидод шудааст. Аммо имрӯзҳо дар забони халқ ин калима то андозае таҳқирро ифода мекунад. Бо мафҳуми **қишлоқӣ** мардум *«қафомондагӣ, аз оламу одам то андозае бехабар будан»*-ро мефаҳманд. Аз ҳамин хотир нависандае ба ҷойи калимаи **қишлоқӣ** вожаи **рустоиро** дар асараш истифода бурдааст, ки дар ин маврид дар калимаи **рустоӣ** оҳанги хоксорӣ мушоҳида мешавад:

Пас ин бӯи ҳам ошнову ҳам ноошно аз куҷо бар димоғам нишаста бошад? Ҳо, ёфтам. Бӯйи тани бошандагони шаҳр аст, ки бар димоғи кӯдакони **рустоӣ** аз бӯйи гул ҳам форамтар мерасад ( Б. Абдураҳмон, Дунёи сабзи ишқ, 12).

**АДАБИЁТ**

1. Влахов С. Флорин С. Непереводимое в переводе. – 2-е изд., испр. и доп. / С. Влахов, С. Флорин. – Москва: Высш. шк., 1986.
2. Камолиддинов Б. Муродифоти синтаксисӣ ва ҳусни баён / Б. Камолиддинов. – Душанбе: Маориф,1985. – 136 с.
3. Камолова Г. Воҳидҳои луғавии забони адабӣ дар «Маҷмӯъ-ат-таворих» // Армуғон. - Ҷилди 2. –Душанбе: Дониш, 1971.
4. Маҷидов Ҳ. Оид ба баъзе майлонҳои номатлуб дар забони адабии муосири тоҷик // Оинаи забон. – Душанбе, 2003.
5. Турсунов Ф.М. Лексико-семантический анализ и особенности перевода пословиц и поговорок произведений Ф. Мухаммадиева / Ф.М. Турсунов. – Душанбе, 2006. – 135.
6 Фёдоров А. В. Основы общей теории перевода: (Лингвист. пробл.) – 4-е изд. перераб. и доп., - Высш. шк. 1983.
7. Маҷидов Ҳ. Санъати нигориш ва интихоби калима // Маърифат. – 2002. –№1-2. – С. 33-36.
8. Ҳакимова Мавзуна Маҳмудҷоновна// Диссертация- Лексико-сравнительный анализ эвфемизмов в таджикском и английском языках(Душанбе-2016).

**ИФОДАИ ЭҲСОСОТ ДАР ЭВФЕМИЗМҲОИ *ЛУҒАВӢ***

Дар ин мақола масъалаи хусусиятҳои забонии эвфемизмҳо баррасӣ мешавад. Он ба таҳлили лексикӣ ва муқоисавии эвфемизмҳо дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ бахшида шудааст. Тавре муаллиф қайд мекунад, ҳар як забон миқдори зиёди ибораҳои гуногунро дар бар мегирад, ки хусусияти сохти грамматикӣ ва фонетикии эвфемизмҳоро инъикос мекунанд.

**КАЛИДВОЖАҲО:** ифода, эҳсос, эвфемизмҳои лексикӣ, хусусиятҳо, эвфемизмҳо, хусусиятҳои грамматикӣ ва фонетикӣ, тоҷикӣ ва англисӣ.

**ВЫРАЖЕНИЕ ЭМОЦИЙ В ЛЕКСИЧЕСКЫХ ЭФЕМИЗМАХ**

В данной статье рассматривается вопрос о языковых характеристиках эвфемизмов. Она посвящена лексико-сопоставительному анализу эвфемизмов в таджикском и английском языках. Как отмечает автор, каждый язык включает в себя большое количество различных словосочетаний и выражений, отражающих особенности грамматического и фонетического строя эвфемизмов.

**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА:** выражение, эмоция, лексические эвфемизмы, характеристики, эвфемизмы, особенности грамматического и фонетического строя, таджикский и английский языки.

**EXPRESSION OF EMOTIONS IN LEXICAL EUPHEMISMS**

This article discusses the question of the linguistic characteristics of euphemisms. It is devoted to the lexico-comparative analysis of euphemisms in Tajik and English. As the author notes, each language includes a large number of different phrases and expressions that reflect the features of the grammatical and phonetic structure of the euphemisms.

**KEYWORDS:** expression, emotion, lexical euphemisms, characteristics, euphemisms, features of the grammatical and phonetic structure, Tajik and English.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Юсупова Шахноза Ҳошимовна*** **–** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, магистранти факултети забонҳои Осиё ва Аврупо. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **905400034.**

**Сведения об авторе:** ***Юсупова Шахноза Хошимовна*** **–** Таджикский национальный университет, магистр факультета языков Азии и Европы. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: **905400034.**

**Information about the author:** ***Yusupova Shakhnoza Khoshimovna*** **–** Tajik National University, master`s student of the Faculty of Asian and European Languages. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. Phone: **905400034.**

# СУБСТАНТИВАТСИЯИ МАСДАР ВА ХУСУСИЯТҲОИ ХОСИ ОН ДАР ЗАБОНҲОИ АНГЛИСӢ ВА ТОҶИКӢ

***Расулӣ Ф.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Шаклҳои тасрифнашавандаи феъл амалан дар ҳамаи дастурҳои таълимии грамматикаи назариявӣ ва амалӣ ба забони англисии муосир бахшидашуда муоина карда мешавад, зеро шаклҳои тасрифшаванда ва тасрифнашавандаи феъл ба ҳама маълум мебошанд. Худи истилоҳи «шаклҳои тасрифнашавандаи феъл» аз он шаҳодат медиҳад, ки

ба таркиби феъл чунин маълумотҳои гуногун оид ба феъл дохил мешаванд, ки аз доираи категорияҳои оддии феълӣ берун мешаванд.

Дар забони англисӣ шаклҳои тасрифнашавандаи феъл метавонанд номҳои гуногун дошта бошанд: «non-finite» (Каушанская В.Л., Качалова К.Н.), «verbals» (Иванова И.П.), «verbids» (Б.С. Хаймович, Б.И. Роговская); Л.С. Бархударов онҳоро «шаклҳои ғайрипредикативии феъл», ном бурда, А. Смирницкий истилоҳи «шаклҳои махсуси феъл»-ро истифода мебарад. Истилоҳи якум ба «неличные» -и забони русӣ мувофиқат мекунад, дутои дигараш аз ҷиҳати забоншиносӣ на он қадар дуруст мебошанд, ҳарчанд истилоҳи «verbals» васеъ истифода мешавад, аммо «verbids» истифодаи васеи худро наёфт, шояд аз сабаби бегона будани суффикси он дар забони англисӣ буд [5, 137].

Ба ақидаи тадқиқотчиён таҳлили шаклҳои тасрифнашавандаи феъл, забони англисии муосирро аз нуқтаи назари хусусиятҳои умумӣ ифода мекунад, ки яке аз хусусиятҳои хосашон вусъат ёфтани таркиби шаклҳои тасрифнашавандаи феъл мебошад. Шаклҳои тасрифнашавандаи феъл ҳам хусусиятҳои феълӣ ва ҳам номиро доро мебошанд [Жигадло 1956: 141]. Ба шаклҳои тасрифнашавандаи феъл инҳо мансубанд: масдар (the Infinitive), герундия (the Gerund) ва сифати феълӣ (the Participle).

Муносибати категорияҳои байни ҳиссаҳои нутқ ҳам дар забони тоҷикӣ ва ҳам дар забони англисӣ тавассути гузаштани як ҳиссаи нутқ ба дигараш, то имруз давом дорад ва таърихи дурударозе дорад. Чунин робита аксар вақт дар исмҳо ва феълҳо мушоҳида мешавад, масалан: ***баромад (исм) - баромадан (феъл), дид (исм) - дидан (феъл), бӯса (исм) – бӯсидан (феъл)*** ва ғ. Дар забони англисӣ ***a glove*** *(гул)* - исм → ***to glove*** *(гул кардан) - феъл;* ***a jacket*** *(жакет, куртка) – исм →* ***to jacket*** *(куртка, жакетро пӯшидан) - феъл;* ***a head*** *(сар, калла) – исм →* ***to head*** *(сарварӣ кардан) – феъл* ва ғайраҳо.

Бояд гуфт, ки вожаҳое, ки ба категорияи исм гузаштаанд, маънои иловагӣ пайдо намуда, парадигмаи синтаксисии худро низ дигар мекунанд. Дар забони тоҷикӣ бештар асосҳои феъл, шакли номуайяни феъл (инфинитив), сифатҳои феълӣ субстантиватсия мешаванд.

М.Қосимова чунин менависад, ки шакли номуайяни феъл (инфинитив) ҳамчун сифати феълӣ дар забони тоҷикӣ аст, ки яке аз шаклҳои тасрифнашавандаи феъл буда, хусусиятҳои феъл ва исмро доро аст [Қосимова 2003: 96].

Мо ба андешаи Ш.Муҳаммадиев ва М. Қосимова, ки масдарро пеш аз ҳама ба гурӯҳи тасрифнашавандаи феъл мансуб медонанд, пайравӣ намуда, чунин меҳисобем, ки феълҳое, ки дар нутқ хусусиятҳои грамматикӣ пайдо мекунанд, субстантиватсия мешаванд [Мухаммадиев 2009: 112].

Бо суффикси ***-ҳо*** масдар (инфинитив) номи амали ҷамъро месозад, ки онҳо аксар вақт дар контекст муайян карда мешаванд: ***давиданҳо, париданҳо, шукуфтанҳо*** ва ғайраҳо.

Дар забони тоҷикӣ ин шакли феъл ба мисли асоси замони ҳозираи феъл, масдар ё сифати феълӣ ҳамчун исм хизмат мекунад. Ҳамчун исм он номи ашё, амал, ҳолат ва мафҳумҳои абстрактиро ифода менамояд. Масалан, феълҳои ***дид*** ва ***нишастро*** мегирем.

а) ***дид*** - асоси замони гузаштаи феъл аз "***дидан***" буда, ҳангоми субстантиватсия шудан маънои «***нуқтаи назар, ақида***»-ро пайдо мекунад;

б) ***нишаст*** – асоси замони гузаштаи феъл аз "***нишастан"*** буда, ҳангоми субстантиватсия шудан маънои "***маҷлис; нишаст, курсӣ***"-ро мегирад.

Асоси замони гузаштаи феъл бо асосҳои дигари феълӣ ҳамроҳ шуда, исмҳои ҷуфтӣ ташкил медиҳад: ***киштукор, додугирифт, рафтуомад, шинухез.***

*Акаам бо ман дар як ҷо хобида буд, ман ба* ***гуфтугузори*** *падару модар бо диққат гӯш медодам ва гумон доштам, ки ӯро хоби сахт рабудааст.* [Айнӣ 1990: 21].

*My brother and I slept together, and as I was listening carefully to the* ***conversation*** *I thought that he was fast asleep.* [Perry 1998: 45].

Масдарҳои субстантиватсияшуда метавонанд хусусиятҳои феълии худро гум кунанд ва мисли исм истифода карда шаванд, дар ин ҳолат онҳо ашёҳои мушаххасро ифода мекунанд ва шумораи ҷамъро ташкил медиҳанд. Маънои амал дар ин гуна исмҳо истифода намегардад.

Масдар бинобар мавқеи мобайниаш дар байни категорияи феъл ва категорияи исм, озодона субстантиватсия мешавад ва мазмуни он дар луғат инъикос меёбад. Чун қоида, ин

чун ҳодисаи транспозитсия маълум аст, зеро шакли субстантивизатсияшуда аз рӯйи қоида шакли грамматикиро, ки ба исмҳо хосанд, мегирад [Телегин, 1992, 124].

Ба ғайр аз ин забоншинос Л. Телегин дар забони англисӣ гурӯҳи феълҳое тасниф кард, ки бештар субстантиватсия мешаванд:

***1) феълҳои ифодакунандаи амали одамон ва ашёҳо***: drink (нӯшидан), eat (хӯрдан);

***2) феълҳои ҳаракат***: go (рафтан), run (давидан);

***3) феълҳои муошират:*** speak (гуфтан, сухан кардан), talk (гап задан);

***4) феълҳои ифодакунандаи садо ва рӯшноӣ***: ring (занг задан), crash (шикастан);

***5) феълҳои ҳолат***: sleep (хоб кардан), hurry (шитоб кардан);

***6) феълҳои ҳиссиёт***: hug (оғӯш кардан), kiss (бӯса);

***7) феълҳои дарк***: feel (эҳсос кардан), watch (тамошо кардан, мушоҳида кардан);

***8) феълҳои хоҳишмандӣ***: like (дӯст доштан), wish (орзу кардан, хоҳиш кардан);

***9) феълҳои фаъолияти равонӣ***: hope (умед кардан), think (фикр кардан) [Телегин, 1992, 126].

Аломатҳои субстантивӣ дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ ба тафовути забонҳои муқоисашаванда дар соҳаи масдар ишора мекунанд. Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки дар сохти ҷумлаи забони англисӣ тартиби калимаро ба назар нагирифта, масдарро аз шакли тасрифии феъл фарқ кардан номумкин аст.

Муқоиса кунед:

*Ман дар **давидан** аз ӯ чобуктар будаам* [Айнӣ 1990: 361].

*It turned out I was **running** faster than he* [Perry 1998: 380].

*Агар шогирд танҳо ба **омӯхтани** ҳунари устои худ қаноат мекард, дар дунё ҳеҷ ҳунар пеш намерафт* [Айнӣ 1990: 58].

*"If a pupil were content **to learn** only from his master, no craft on earth would make any progress"* [Perry 1998: 77].

Аз муқоисаи мисолҳои тоҷикӣ ва англисӣ ҳаммаъноии шакли масдар бо шакли феъли шахси англисӣ ва ҳаммаъно набудани шакли масдар бо шакли феъли шахси забони тоҷикӣ маълум мешавад [Гиясова 1998: 238]. Мисолҳои тоҷикӣ шоҳиди онанд, ки бархилофи забони англисӣ ин ҷо масдарро аз рӯйи шакл метавон ба осонӣ аз шакли шахси феъл фарқ кард: ***давид – давидан, омӯхт - омӯхтан***. Инҳоро ба асос гирифта, масдари англисӣ аломатҳои феълӣ ва субстантивии худро на дар асоси шакл, балки дар асоси вазифаи синтаксисӣ дар ҷумла нишон медиҳад.

... Ман баъд аз ***куштани*** оташи ҷомаам барои хубтар ва осудатар тамошо кардани тарфбозӣ дар дӯкони писари Назруллобои ҳалвогар - Файзибой ҷойгир шудам [Айнӣ 1990: 115].

After I'd ***extinguished*** the flames on my coat, I picked a spot in the stall of Fay?j-boi, the son of Nazrullo-boi the confectioner, so as to be able to watch the fireworks show more comfortably [Perry 1998: 134].

Ин дафъа таппончаи мо накафида матлаб ҳосил шуд ва бо ***паррондани*** вай паррандаҳо парида мерафтанд [Айнӣ 1990: 153].

... and this time he achieved the desired result - our pistol went off without ***bursting***, and the birds were put to flight [Perry 1998: 172].

Ман бо ***шунидани*** он ғазал дар он суруд, бе он ки овозе барорам, дарун-дарун гириста дили мусибатманзили худро қадаре холӣ кардам... [Айнӣ 1990: 156-157].

***Listening*** to that poem in that setting, without even singing it aloud, I was able to weep inwardly and to some degree unburden my distressed heart [Perry 1998: 176].

Дар ҷумлаҳои болоӣ ***куштан - extinguished, паррондан - bursting, шунидан - listening*** [Мамадназаров 2015], [ФТЗТ 2008], масдар буда дар натиҷаи субстантиватсия шудан ба категорияи исм гузаштаанд.

Агар шакли ибтидоии феъл мустақилона ҷои хабарро гирад, он гоҳ вай на масдар, шакли тасрифии феъл аст. Аммо вақте ки шакли ибтидоӣ ҷойи хабарро мегирад, вай шакли масдар бе ҳиссачаи «***to***» мебошад. Бинобар ин, метавон хулоса баровард, ки аломатҳои субстантивии масдари англисӣ дар вазифаҳои синтаксисии он маълум мешаванд.

Europol, the organization ***to be established*** for the coordination of police work in all the countries of the European Union [18].

Европол созмонест, ки барои ҳамоҳангсозии кори полис дар тамоми кишварҳои Иттиҳоди Аврупо ***таъсис ёфтааст*** [18].

We need a director who can measure and describe what we know to be true [18].

Ба мо роҳбаре лозим аст, ки ба таври муфассал он чиро аллакай маълум аст шарҳ дода, тасвир карда тавонад [18].

Гурӯҳи махсуси исмҳои субстантиватсияшуда исмҳои сершуморе мебошанд, ки аз феълҳо бо пасоянд сохта шудаанд. Намунаҳои чунин шаклҳо инҳоянд: ***take off - парвоз кардан – take off - парвоз; fall out - афтодан – fall out - афтиши пасмондаҳои радиоактивӣ; walk out - баромада рафтан – walk out - корпартоӣ.***

Бо ибораҳое, ки инфинитив метавонад субстантиватсия карда шавад, забоншинос Ш.Рустамов розӣ нест. Ба андешаи ӯ, «андешае, ки мувофиқи он дар забони тоҷикӣ масдар исм, яъне субстантиватсия мешавад, ба фикри мо то андозае дуруст нест» [Рустамов, 1981, 189].

Масдар нишондиҳандаи номи амал мешавад, бинобар ин ҳамаи категорияҳои грамматикии исмро мегирад. Забоншиноси дигар Ш.Муҳамадиев таъкид мекунад, ки «масдар ҳамаи категорияҳои исмро қабул мекунад, бо пешоянду пасояндҳо, бандаки изофӣ, пасвандҳои исмӣ, шумораҳои миқдорӣ, ҷонишинҳои ишоратӣ омада метавонад” [Муҳамадиев 2009, 111]. Ба ғайр аз ин забоншинос Ш.Муҳамадиев чунин нуқтаи назар дорад, ки инфинитивҳо шаклҳои тасрифнашавандаи феъл буда, хусусиятҳои морфологии исмро соҳиб шуда метавонанд ва ба категорияи исмҳо мегузаранд [Муҳамадиев 2009, 20].

Дар забони тоҷикӣ тамоман ҳолати дигар ба назар мерасад, яъне шакли худи масдар бо морфемаи «**-ан**», вазифаҳои вай дар ҷумла, инчунин баъзе аломатҳои дигари берунӣ аз он шаҳодат медиҳанд, ки шакли калимаи мазкур ҳамчун масдар амал карда истодааст, на ҳамчун шакли шахси феъл. Дар ин мақолаи худ мо кӯшиш ба харҷ медиҳем, ки аломатҳои субстантивии масдарро дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ мавриди таҳлил қарор диҳем. Таҳлилро аз вазифаи синтаксисии масдар дар ин забонҳо шурӯъ мекунем, зеро ин аломат дар вазифаҳои синтаксиси он аёнтар аст.

Масдар дар ҳарду забон метавонад ба вазифаи мубтадо ояд. Дар ин вазифа, масдари (инфинитиви) англисӣ ҳамеша бо ҳиссачаи ***“to”*** истифода мешавад, ки муодили тоҷикии он анҷомаи ***«-ан»*** аст. Мисол:

Бинобар ин ман он вақтҳо ҳеҷ гуна бозиро намедонистам. [Айнӣ 2010: 35].

So ***to keep*** me honest, I was never given the chance to carry legitimate paraphernalia for games ... [Perry 1998: 239].

Дар ин мисол мавҷуд будани аломати исм дар шакли калимаи ***to keep*** ҷонишинҳои саволии «***Чӣ***?» и «***What*?»** хабар медиҳад, вале дар варианти тоҷикии он масдар вуҷуд надорад. Маълум аст, ки «***Чӣ***?» и тоҷикӣ ва «***What***?» - и англисӣ ҷонишинҳои саволӣ мебошанд, ки исм дар забонҳои муқоисашаванда ба онҳо ҷавоб мешаванд. Масдари англисӣ метавонад ҳамчунин ба вазифаи синтаксисии мубтадои мураккаб, ки дар забони тоҷикӣ вуҷуд надорад, биёяд.

*Henry was heard* ***to talk*** *some nonsense. -* ***Шунидан*** *мумкин буд, ки Ҳенри суханони бемаънӣ мегуфт.*

Дар забони англисӣ чунин навъи ҷумлаҳоеро вохурдан мумкин аст, ки мубтадо хабаре дорад, ки бо шакли мафъули феъл ифода ёфтааст ва амали бо чунин феъл-хабар ифодаёфтаро мубтадо иҷро намекунад. Баръакс, мубтадо ба предмете ишора мекунад, ки зери таъсири амали беруна қарор дорад [Гиясова 2014: 239].

Пас аз чунин хабар масдаре меояд, ки ҳаракат ва ҳолати мубтадоро ифода мекунад. Азбаски ҳар ҳаракат ва ҳолат аз предмете, ки ба он тааллуқ дорад ҷудонашаванда ҳаст, то масдари мазкур якҷоя бо мубтадо аз рӯйи қоидаи грамматикӣ бояд як аъзои ҷумла ҳисобида шаванд. Бинобар ин, масдар ва калима-мубтадо як аъзои ҷумларо ташкил медиҳанд ва ин аъзо мубтадои мураккаб ном дорад.

He ***was said to work*** at Google. – ***Мегӯянд***, ки ӯ дар ширкати Google ***кор мекунад***.

***You are supposed*** to work with clients. - Шумо ***бояд*** бо мизоҷон ***кор кунед***.

**It is said you write poems. - Мегӯянд, ки шумо шеър менависед.**

Масдари англисӣ ва тоҷикӣ ҳамчун исм метавонад ба вазифаи синтаксисии пуркунанда биёяд:

*Бой баъд аз* ***гуфтани*** *ин гапҳо духтарашро оварда ба он ятим нишон додааст* [Айнӣ 1990: 41].

*With this, he brought out his five-year-old daughter and showed her to the orphan* [Perry 1998: 62].

*Падарам бо* ***шунидани*** *ин сухани тагоиям аз шодӣ гуё қад-қад мепарад ва ба назарам чунон менамуд, ки дар ҷои нишастагиаш, гуё, қадаш ба тарафи осмон баланд шуда рафта ...* [Айнӣ 1990: 71].

*On* ***hearing*** *this news from my uncle, Father seemed to shoot up from where he sat until he was ten feet tall, his head held sky-high and his chest thrown forward, as if the joy that this news obviously produced could not be contained within his heart, and his chest was seeking to expand in order to accommodate it* [Perry 1998: 92].

*Баъд аз* ***рафтани*** *он одам, ман ба пеши падар рафтам ва мехостам дар пеши ӯ як дуруғи худро иқрор кунам* [Айнӣ 1990: 130].

*After the man* ***had left****, I went to see my father with the intention of confessing another lie I had told* [Perry 1998: 150].

Дар мисоли аввали англисӣ масдари "***to work***" ба саволи "***What was he said?***" ҷавоб мешавад ва масдари ***to work*** муайян мекунад. Барои ҳамин масдари мазкур дар вазифаи пуркунанда амал мекунад. Дар мисоли англисии дуюм масдари "***to work***" ба саволи исм ҷавоб мешавад. Аломатҳои субстантивии масдар дар забони англисӣ ва тоҷикӣ ба саволи исм "***What are you supposed?***" феъли "***to work***"-ро тағийр медиҳад. Аз ин рӯ масдари "***to work***" дар вазифаи синтаксисии пуркунандаи бевосита мебарояд.

Дар забони англисӣ боз як навъи пуркунанда мавҷуд аст, ки "***Complex Object***" (пуркунандаи мураккаб) ном дорад. Вай бо масдар ва исм ё ҷонишин ифода меёбад. Ин навъи пуркунандаро дар ҳолате вомехурем, ки пас аз феъл исм дар шакли падежи умумӣ ё ҷонишини шахсӣ дар шакли падежи соҳибӣ меояд. Ин намуди исм (ҷонишин) вазифаи пуркунандаи феъл-исми пешинаро иҷро мекунад. Пас аз ин пуркунанда масдар ё ибораи масдарӣ меояд. Бо вуҷуди ин масдари мазкур ба ҳаракат ё ҳолати предмете, ки исм (ҷонишин), ки вазифаи синтаксисии пуркунандаро иҷро мекунад, ишора мекунад. Аз ин лиҳоз ибораи исм (ҷонишин) бо масдар ҳамчун як аъзои ҷумла – пуркунандаи мураккаб бояд дида баромада шавад. Масалан:

I saw ***him enter*** the house. - Ман дидам, ки ӯ ба хона даромад.

Have you heard ***her play*** the violin? - Оё шумо шунидаед, ки вай скрипка менавохт?

Дар мисоли якум калимаи "***him***" (ҷонишини шахсӣ "***he***" дар падежи соҳибӣ) дар вазифаи синтаксисии пуркунанда баромад мекунад. Масдари пас аз он омада "***to enter***" ба амали ин шахс (***he - him***) ишора мекунад, барои ҳамин номи ин амал (***to enter***) бояд бо "***him***" якҷоя ҳамчун як аъзои ҷумла – пуркунандаи мураккаб таҳлил карда шавад. Тарҷумаи ҷумлаи мазкур ба забони тоҷикӣ гувоҳи он аст, ки калимаи "***him***" (ӯро) бо калимаи ***«ӯ»*** тарҷума шудааст, на ба вазифаи пуркунанда, балки ба вазифаи мубтадо омадааст. Масдари "***to enter***" ба шакли феъли шахси «***даромад***», ки вазифаи хабарро адо мекунад, мувофиқ меояд. Аз ин бар меояд, ки таркиби масдарии англисӣ (Objective Infinitive Construction, ё Accusative with the Infinitive) -"***him enter***" ба тоҷикӣ ҳамчун ҷумлаи пайрави пуркунанда - ***«ӯ ба хона даромад»*** ифода меёбад.

Дар мисоли дуюм "***her play***" низ ҳамчун пуркунандаи мураккаб таҳлил карда мешавад, зеро дар ин сохт "***her***" қисмати асосии таркиби мазкур мебошад ва чун пуркунанда амал мекунад. Таркиби синтаксисии мазкур ба забони тоҷикӣ «***менавохт***» тарҷума мешавад, дар тафовут ба ҷумлаи аввала иҷрокунандаи амал «***менавохт***», вуҷуд надорад. Вайро метавон ё аз матни пешина ё аз тасрифи феъл-хабари «***скрипка менавохт***» барқарор кард. Пас, ин ҷо низ таркиби масдарии забони англисӣ "***her play***" ба забони тоҷикӣ на ба воситаи пуркунандаи мураккаб, балки бо ёрии ҷумлаи пайрави пуркунанда «***вай скрипка менавохт***» ифода меёбад.

Аз ин гуфтаҳо метавон хулоса баровард, ки масдари англисӣ чун калима бо аломати субстантивӣ метавонад ба вазифаи синтаксисии на танҳо пуркунандаи сода (бавосита ва бевосита), балки пуркунандаи мураккаб биёяд, ки дар забони тоҷикӣ вуҷуд надорад.

Масдари тоҷикӣ, ҳамчун исм метавонад ба вазифаи синтаксисии ҳолҳои навъи гуногун биёянд. Масдари тоҷикӣ метавонад бо худ пешоянд дошта бошанд, ки ин аз мавҷуд будани аломати субстантивии он гувоҳ медиҳад. Ин гуна хусусият ба масдари англисӣ бегона аст, вале он бе пешоянд метавонад ба вазифаи синтаксисии ҳоли мақсад биёяд.

Чанд мисолҳоро дар забонҳои муқоисашаванда муқоиса мекунем:

1. *Ӯ баъд аз чой нӯшидан изҳори розигӣ карда, бо онҳо ба дарс рафт* [Айнӣ 1990, 155].

2. *Миршаб бо шунидани ин хабар «вой, мурдам» гӯён пуштнокӣ меафтад* [Айнӣ 1990, 33].

3. - *Бо хондани ин ариза ин хонахароб (амир) моро рухсат намедиҳад* [Айнӣ 1990, 43].

…**she was going to the station with him, to drive the car back** [Galsworthy, p.98] [Гиясова 2014: 239-242].

Дар мисоли якум масдари ***«чой нӯшидан»*** якҷоя бо пешоянди таркибии ***«баъд аз»*** монанди исм ба вазифаи ҳоли замон омадааст. Дар мисоли дуюм масдари «шунидан» бо пешоянди ***«бо»*** ба вазифаи синтаксисии ҳоли мақсад омадааст. Дар мисоли сеюм масдари ***«хондан»*** якҷоя бо пешоянди ***«бо»*** ҳамчун ҳоли сабаб амал мекунад. Ин таркибҳои пешояндии забони тоҷикӣ дар забони англисӣ ба герундий бо пешоянд мувофиқат мекунанд: ***баъд аз чой нӯшидан - after having tea, бо шунидани ин хабар - by hearing this news, бо хондани ин ариза - on reading this statement.***

Дар мисоли чорум масдари англисии "***to drive***" якҷоя бо ҷавобҳои худ ба вазифаи ҳоли мақсад омадааст. Бархилофи забони тоҷикӣ, дар ин вазифа масдар бе ягон пешоянд меояд. Баръакс, ҳангоми тарҷумаи масдари мазкури англисӣ дар вазифаи ҳоли мақсад, пеш аз масдари тоҷикӣ бояд пешоянди ***«барои»*** ё ***«бо мақсади»*** истифода бурда шавад: ***to drive the car back*** - барои автомашинаро баргардонда овардан.

Дар забони тоҷикии муосир аломатҳои субстантивии масдарро на танҳо вазифаи синтаксисии он, балки баъзе хусусиятҳои морфологӣ, ки ба исми забони тоҷикӣ хос аст, нишон медиҳад. Ба ин аломатҳои морфологӣ, чӣ хеле ки дар «Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик» қайд шудааст, дохил мешаванд: мавҷудияти шакли шумора, истифодаи ҷонишинҳои соҳибии безада ё бо бандаки изофии «**-и**» ё якҷоя бо пешоянд [Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик 1985, 240-241]. Мисли исм, масдари тоҷикӣ бо ду шакли шумора маҳдуд аст: рафтан-рафтанҳо, гуфтан-гуфтанҳо.

*Аз шукуфтанҳои гулҳои баҳор,*
*Аз давиданҳои оби чашмасор,*
*Аз вазишҳои насими маргзор,*
*Аз фурӯзонии меҳри рӯзгор,*
*Мо ба дил меҳри Ватан мепарварем.*
*Дар тараннум сози нав меоварем.* [Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик 1985, 140]

Дар ин ҷо масдарҳои «***шукуфтан***» ва «***давидан***» дар шакли шумораи ҷамъ «***шукуфтанҳо***», «***давиданҳо***» ба ҳаракатҳои бисёр ишора накарда, балки ба бисёрмаротибаи он, ки маънои шакли шумораи ҷамъи исмҳои абстрактро мефаҳмонад, ишора мекунад. Шакли шумораи танҳо ба якмаротибагӣ ё ба номуайянии миқдори ҳаракат ишора мекунад.

Азбаски дар забони англисӣ масдар категорияи шумора надорад, шакли шумораи ҷамъи масдари тоҷикиро, ки бо ёрии исми феълии забони англисӣ дар шакли шумораи ҷамъ ё аломати масдар дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ – исми аз феъл бо ёрии конверсия сохташуда ифода кардан лозим меояд. Умуман, дар забони англисӣ калимаи "***flourish***" ҳаст, ки ҳамчун феъли «шукуфтан» ва ҳамчун исми «шукуфоӣ» амал мекунад. Аз ин рӯ, калимаи сохтаи «шукуфтанҳо»-ро лозим аст, ки чун "***flourishes***" тарҷума кард. Дар фарҳанги англисӣ-тоҷикии А. Мамадназаров калимаи "***flourish***" чунин шарҳ дода шудааст:

***flourish*** n 1) гул-гулшукуфӣ, равнақ, нашъунамо, муваффақият; 2) хушнависӣ, ороиш, нақшунигор; 3) ҷилва, ҷавлон, алвонҷдиҳӣ; 4) ҷунбишу ҳаракат, такон; 2. v 1) шукуфтан, гул додан, гул кардан, шукуфон будан / шудан; 2) рушд кардан, нашъунамо кардан, пешрафт кардан, равнақ гирифтан, шукуфтан, ба авҷ расидан: These plants flourish in damp climate. Ин гиёҳҳо дар обу ҳавои намнок нашъунамо мекунанд. 3) ҷавлон додан, алвонҷ додан,

такон додан (даст, шамшер ва ғ. дар ҳаво): She ran out of the room flourishing a newspaper. Аз хона давида баромада ӯ рӯзномаро алвонҷ медод.

flourishing a 1) гул-гулшукуфтаситода, гулкардаситода, шукуфон, солим; 2) равнақёфтаистода, пешрафткардаистода [Мамадназаров 2008, 335].

Калимаи англисии "***run***" метавонад ҳамчун феъл «***давидан***» ё ҳамчун исм «***дав***» амал кунад. Калимаи сохтаи тоҷикиии «***давиданҳо***» -ро метавон ҳамчун "***a series of running***", тарҷума кард, ки "***running***" герундий мебошад. Масдари тоҷикӣ монанди исм метавонад пас аз худ пасванди ҷонишини соҳибиро кунад: ***хондан-ам, хондан-ат, хондан-аш, хондан-амон, хондан-ашон.*** Ин гуна калимаҳои сохтаи тоҷикӣ ба забони англисӣ бо ёрии герундий якҷоя бо ҷонишини соҳибӣ тарҷума мешаванд: ***хонданам*** – **my reading**, ***хонданат***- **your reading**, ***хонданаш*** - **his (her) reading.**

Аломати дигари субстантивии масдари тоҷикӣ дар он аст, ки он бо ибораи худ бо ёрии бандаки изофии «**-и**», ки барои барқарор кардани алоқа миёни исм бо дигар калимаҳо хизмат мекунад, алоқаманд мешавад. Масалан: хондани китоб, гуфтани ҳикоя, кофтани замин. Ин гуна ибораҳоро бо масдари забони тоҷикӣ ба забони англисӣ бо ёрии герундий бо исм тарҷума кардан лозим меояд. **reading the book, telling the story, digging the soil (ground**). Аммо вақте ки масдари тоҷикӣ маънои субстантивии худро каме суст мекунад, ҳаммаънои он ҷойи худро пеш аз масдар гирифта ба он бо ёрии бандаки изофӣ пайваст мешавад. Дар ин ҳолат масдари тоҷикӣ ба масдари англисӣ мувофиқат мекунад. Масалан: *китоб хондан* - **to read a book**, *ҳикоя гуфтан* - **to tell a story**, *замин кофтан* - **to dig the soil (ground**).

Аломати дигари субстантиватсияи масдари тоҷикӣ имконияти истифодаи он бо пешояндҳои гуногун ба мисли исмро дорад:

1. *Ман дар давидан аз ӯ ҷобуктар будам* [Айнӣ 1990, 154]

2. *Иброҳим баъд аз омаданаш аз сафари ҳаҷ, ҳақиқатан, ҳам гӯшагир шуд* [Айнӣ 1990, 173].

Таркибҳои пешояндии тоҷикӣ бо масдар ба забони англисӣ бо ёрии герундий бо пешоянд ифода меёбанд. Дар ин ҷо ***«дар давидан»-"in running"*** ва таркиби ***«баъд аз омаданаш»*** ба "***after his coming***"-и англисӣ мувофиқат мекунад. Боз як аломати субстантивии масдари тоҷикӣ дар он аст, ки он дар вазифаи пуркунандаи бевосита метавонад бо пасоянди ***«- ро»***, ки одатан бояд ба исм ё ҷонишини субстантивӣ якҷоя шавад, истифода бурда мешавад. Масалан:

*Вақте ки махдум нон оварданро ба ман фармуд, ман мисли пештара дута нон харида, яктоашро ба укаам дода, дигарашро бурда бо «махдумҷон» мехӯрдагӣ шудам* [Гиясова 2014: 245].

Дар чунин ҳолатҳо масдари тоҷикӣ бо пасоянди «***-ро***» ба забони англисӣ бояд тавассути герундий ё исм ифода ёбад: «нон оварданро» ба "***bringing bread***" ё ибораи масдарии "***to bring bread***" мувофиқат мекунад.

Ва билохира, масдари тоҷикро ба мисли исм метавонад сифат, шумора ё калимаҳои дигар ҳиссаҳои нутқ муайян кунад. Масалан:

1. *Ман ба ду хез задан дар сари зина ба ӯ расида ҳарду паҳлӯ ба паҳлӯ аз зина фаромадем* [Айнӣ 1990, 211].

2. *Ин ҳодиса ба ман бисьёр таъсир кард ва ман дар дили худ гуфтам, ки баногоҳ нобуд гардидани одам мумкин будааст, дар ин сурат пулҷамъкунӣ чӣ даркорӣ дорад, хуш хӯрда, хуш пӯшида, хуш гузаронидан беҳтар аст* [Айнӣ 1990, 31].

Ҳамин тариқ, масдар дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ дар қатори хусусияти феълӣ як қатор хусусиятҳои исмӣ низ дорад. Пеш аз ҳама аломатҳои субстантивии масдари ин забонҳо дар вазифаҳои синтаксисии онҳо зоҳир мешаванд. Он ба мисли исм метавонад ба вазифаи мубтадо, пуркунанда ва қисмати номии хабари таркибии номӣ биёяд. Масдари тоҷикӣ метавонад инчунин ба вазифаи ҳол бо пешоянд биёяд, ки ба масдари забони англисӣ хос аст.

**АДАБИЁТ**

1. Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик. - Душанбе: Дониш, 1985.

2. Жигадло В. Н. Современный английский язык [Текст]: Теоретический курс грамматики : Учебник для спец. языковых высш. учебн. заведений / В. Н. Жигадло, И. П. Иванова, Л. Л. Иофик. - Москва: Изд-во лит. на иностр. яз, 1956.
3. Қосимова Н. М. Таърихи забони адабии тоҷик (асрҳои IX-X) / Н.М. Қосимова. - Душанбе, 2003. – 490 с.
4. Мухамадиев Ш. Субстантивация в таджикском литературном языке. Автореф. канд. дисс., 2009. – 24 с.
5. Пособие по морфологии английского языка (с упражнениями) [Текст]: [Для ин-тов и фак. иностр. яз.]. - Москва: Высш. школа, 1974.
6. Рустамов, Ш. Исм / Ш. Рустамов. – Душанбе: Дониш, 1981.
7. Телегин Л.А. Безаффиксиальная транспозиция и её влияние на процессе деривации в современном английском языке: дис. … док. фил. наук: 10.02.04 / Л.А. Телегин. – Самарканд, 1992.
8. Капранов, В.А. Толковый словарь таджикского языка в 2-х тт. I том. А – О- М.: Советская Энциклопедия, 1969. – 951с.
9. Мамадназаров А. Фарҳанги англисӣ-тоҷикӣ [Матн] // А. Мамадназаров. – Душанбе, ЭР-граф, 2015.
10. Мюллер В. К. Полный англо-русский русско-английский словарь. 300 000 слов и выражений. [Текст] // В.К. Мюллер. – М.: Эксмо, 2013. – (Библиотека словарей Мюллера).
11. Таджикско-русский словарь. Институт персидско-таджикского словаря. [Текст]. – Душанбе, Пайванд, 2006.
12. Фарҳанги забони тоҷикӣ. Ҷ.1. – М.: СЭ. 1969.
13. Фарҳанги забони тоҷикӣ.Ҷ.2. – М.: СЭ. 1969..
14. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ. Ҷ.1. – Душанбе, 2008.
15. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ. Ҷ.2. – Душанбе, 2008.
16. Фарҳанги тоҷикӣ-русӣ. [Матн].–Душанбе, Пажӯҳишгоҳи фарҳанги форсӣ-тоҷикӣ, 2006.
17. Гиясова С.Г., Усмонов К.У. Субстантивные признаки инфинитива в английском и таджикском языках. http://vestnik.tj›hum_dok/2014…ghiyasova…usmanov_ku.pdf
18. Reverso Context. Available at: http://context.reverso.net/translation/
19. Айнӣ С. Ёддоштҳо, қисмҳои 1, 2. [Матн] // С. Айнӣ. – Душанбе: Адиб, 1990.
20. Perry J., Rachel L. The sands of Oxus (Reminiscences). [Text] // J. Perry., L. Rachel. – California: Mazda publisher, Costa Mesa, 1998.
21. Айнӣ С. “Мактаби кӯҳна”. Повест, Душанбе, 2010.
22. S. Aini. The Old School / S. Aini: translated by John R. Perry; the Sands of Oxus. – USA: Mazda publishers, 1998.

## СУБСТАНТИВАТСИЯИ МАСДАР ВА ХУСУСИЯТҲОИ ХОСИ ОН ДАР ЗАБОНҲОИ АНГЛИСӢ ВА ТОҶИКӢ

Шаклҳои тасрифнашавандаи феъл ҳам хусусиятҳои феълӣ ва ҳам номиро доро мебошанд. Ба шаклҳои тасрифнашавандаи феъл инҳо мансубанд: масдар (the Infinitive), герундия (the Gerund) ва сифати феълӣ (the Participle). Дар забони тоҷикӣ ин шаклҳои феъл ба мисли асоси замони ҳозираи феъл, масдар ё сифати феълӣ ҳамчун исм хизмат мекунад. Ҳамчун исм он номи ашё, амал, ҳолат ва мафҳумҳои абстрактиро ифода менамояд. Ҳам дар забони тоҷикӣ ва ҳам дар забони англисӣ тавассути гузаштани як ҳиссаи нутқ ба дигараш, ки чунин робита аксар вақт дар исмҳо ва феълҳо мушоҳида мешавад, ҳодисаи муқаррарист ва боиси пайдо шудани калимаҳои нав мегарданд. Масдарҳо дар ҷумлаҳо ҳамчун исм истифода мешаванд.

**КАЛИДВОЖАҲО:** феъл, шаклҳои тасрифнашавандаи феъл, масдар, субстантиватсия, исм, забони тоҷикӣ, забони англисӣ.

## СУБСТАНТИВАЦИЯ ИНФИНИТИВА И ЕГО ОСОБЕННОСТИ НА АНГЛИЙСКОМ И ТАДЖИКСКОМ ЯЗЫКАХ

Неличные формы глагола имеют как глагольные, так и именные характеристики. Инфинитив, герундий и причастие относятся к неличным формам глагола. В таджикском языке эти формы глагола, как основа настоящего времени глагола, инфинитив или причастие служат как существительное. Как существительное, оно представляет собой название объекта, действия, состояния и абстрактного понятия. Как в таджикском языке, так и в английском языке наблюдается переход одной части речи в другую, такая связь часто встречается у существительных и глаголов, который является нормальным явлением и приводит к образованию новых слов. Инфинитив используется как существительное в предложениях.

**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА:** глагол, неопределенные формы глагола, инфинитив, субстантивация, существительное, таджикский язык, английский язык.

## SUBSTANTIVATION OF THE INFINITIVE AND ITS FEATURES IN ENGLISH AND TAJIK

The non-finite forms of the verb have both verbal and nominal characteristics. The infinitive, gerund, and participle are non-finite forms of the verb. In Tajik, these forms of the verb, as the stem of the Present Tenses of the verb, the Infinitive or the Participle, serve as a noun. As a noun, it is the name of an object, action, state, and abstract concept. Both in the Tajik language and in English, there is a transition from one part of speech to another, such a connection is often found in nouns and verbs, which is a normal phenomenon and leads to the formation of new words. The Infinitive is used as a noun in sentences.

**KEYWORDS:** verb, indefinite forms of the verb, infinitive, substantiation, noun, Tajik language, English language.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Расулӣ Фарзона*** **–** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, магистранти факултети забонҳои Осиё ва Аврупо. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **938387555.**

**Сведения об авторе:** ***Расули Фарзона*** **–** Таджикский национальный университет, магистр факультета языков Азии и Европы. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: **938387555.**

**Information about the author:** ***Rasuli Farzona*** **–** Tajik National University, master`s student of the Faculty of Asian and European Languages. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. Phone: **938387555.**

# ТАҲЛИЛИ СОХТОРИИ ПЕШОЯНДҲОИ НОМИИ ИЗОФИИ ТОҶИКӢ ВА РОҲҲОИ ТАРҶУМАИ ОНҲО БА ЗАБОНИ АНГЛИСӢ

***Нуралиева Ш.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Забон воситаи асосии муоширати байни одамон буда, шаклиривоҷёфта ва олии забони миллӣ, нишонаи худшиносии халқ ва муаррифгари фарҳангу тамаддуни он аст. Забони модарии халқи тоҷик, ки забони тоҷикӣ аст, таърихи сеҳазорсоларо тай намудааст, ки дорои калимаҳо, ибораву таркибҳои зиёде аст ва рӯз то рӯз таркиби луғавии он бою ғанӣ шуда истодааст. Солҳои охир нуфузи забони англисӣ нисбат ба дигар забонҳои дунё бештару баландтар гардидааст. Забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ аз як оилаи забонҳои ҳиндуаврупоӣ буда, инчунин мувофиқати фонетикии овозҳоро доранд. Ин монандӣ дар шакли калима ва ё дар талаффузи он дар сохти ҷумла аён мегардад. Дар солҳои охир дар забоншиносӣ таваҷҷуҳи махсус ба омӯзиши ҳиссаҳои нутқ равона карда шудааст. Дар ин раванд таваҷҷуҳ ба пешояндҳо низ хеле назаррас аст. Пешояндҳо ҳамчун воситаи ифодаи муносибати грамматикӣ ва семантикӣ миёни аъзоҳои ҷумла яке аз мавқеъҳои асосиро доро мебошад. Пешояндҳо дар ҷумла бо маъниҳои гуногун ифода меёбанд. Пешояндҳо калимаҳои ёридиҳанда мебошанд, ки бо исм, ҷонишин ва дигар ҳиссаҳои исмшудаи нутқ омада, муносибатҳои синтаксисии онҳоро бо дигар калимаҳо ифода менамоянд. Онҳо дар ибора ва ҷумла муносибатҳои масоҳа, замон, сабаб, мақсад, соҳибият, тарз, муқоисаю монандӣ, объект ва ғайраро нишон медиҳанд. Пешояндҳо на фақат муносибатҳои байни феълу ҳиссаҳои номии нутқ, инчунин муносибати байни худи ҳиссаҳои номиро низ ифода мекунанд: ду рӯз пеш аз ид, порае аз ҳар борае, чанд варақе аз дафтари хотира, якчанд сол муқаддам, ба сараш сарбанди фаранҷӣ, қаламу дафтар дар даст, гуфтугузорҳои пур аз шавқ, мулоқот бо донишҷӯён ва ғайра. Пешоянд муносибати синтаксисиро вобаста ба маънои ибора ё ҷумла равшантар нишон медиҳад. Дар баъзе ибораҳо калимаҳо бо ду воситаи грамматикӣ алоқа пайдо мекунанд. Моҳияти грамматикӣ ва мафҳуми пешоянду пасояндҳо ба маънои луғавии ҳиссаҳои номию феъл ва ба мазмуни умумии ҷумла ё ибора зич вобаста аст. Ин ҳодиса дар ифодаи сермаъноии як пешоянд равшан дида мешавад: Аз худи саҳари барвақт тӯпҳо ба ғурриш даромаданд. Пешоянду пасояндҳо чун воситаҳои грамматикие, ки муносибати байни калимаҳои тобеъкунанда ва тобеъшавандаро ифода мекунанд, бар хилофи калимаҳои мустақилмаъно алоқаи синтаксисии дутарафаро ба амал меоваранд, яъне худи пешоянд ҳам ба калимаи асоси ва ҳам ба калимаи тобеъшаванда вобастагӣ дорад .

Дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ пешояндҳо хеле серистеъмоланд. Пешояндҳои забони адабии ҳозираи тоҷик аз рӯйи сохти морфологиашон ба гурӯҳҳои зерин тақсим мешаванд:

**1.** пешояндҳои аслии содда: аз, ба, **бар, бо, дар, то,** *бе,* **ҷуз;**

**2.**пешояндҳои аслии таркибӣ: **то ба,** ҷуз аз, **ба** ҷуз. Ба пешояндҳои аслии сода пешоянди **барои** низ дохил мешавад. Ин пешоянд мисли пешояндҳои номӣ ба худ бандакҷонишин ва баъзе суффиксҳои хоси ҳиссахои номии нутқро кабул карда метавонад, чунончи: **бароям, барояшон, бароят, бароякат** ва ғайра. Вале бар хилофи пешояндҳои **номӣ «барои»** маънои луғавӣ надорад ва мустақилона кор фармуда намешавад;

**3.**пешояндҳои номии изофии сода: **пеши,** назди, рӯйи, болои, **паси, ғайри** ва амсоли инҳо;

**4.**пешояндҳои номии изофии таркибӣ: **ба пеши, аз пеши, дар назди, аз рӯйи, дар бораи, аз ғайри** ва ғайра;

**5.**пешояндҳои номии изофии такрор: **лаб-лаби, пеш-пеши, рӯ-рӯйи** ва ғайра;

**6.**пешояндҳои номии ғайриизофӣ: **пеш аз, баъд аз, пас аз, ғайр аз, берун аз, назар ба, нисбат ба, дойр ба, роҷеъ ба, ба ғайр аз** ва ғайра.

Чи тавре ки дар боло зикр намудем, пешояндҳои номии изофӣ ба ду гурӯҳ ҷудо мешаванд: а) пешояндҳои номии изофӣ; б) пешояндҳои номии таркибии изофӣ. Азбаски дар забони ҳозираи тоҷик ин ду гурӯҳи пешояндҳо баробар истеъмол мешаванд, ҳар ду гурӯҳро якҷоя дида баромадан мумкин аст. Дар пешояндҳои таркибӣ маънои грамматикии пешоянди аслӣ бо маънои луғавии пешоянди номӣ зич вобаста мебошад, пешоянди номӣ маънои пешоянди аслиро аниқтар ва пурратар менамояд. Чунончи, пешоянди аслии **ба** мафҳуми умумӣ ва абстрактии равона кардани амалеро ба сӯйи (самте, тарафе) ифода менамояд, агар ин пешоянд бо пешоянди номӣ пайваст шавад, баъд маълум мегардад, ки амал ба кадом самт ва ё нуқтаи предмет равона карда шуд, яъне пешоянди номӣ мафҳуми умумии пешоянди аслиро мушаххас мегардонад. Масалан, таркибҳои зеринро муқоиса кунед: ***ба рӯйи об, ба зери об, ба даруни об, ба пеши об.*** Аз тарафи дигар, дар дохили таркиб пешояндҳои аслӣ маънои пешояндҳои таркибиро равшан мекунанд. Масалан, нисбат ба таркиби ***зери замин*** таркибҳои бо пешояндҳои аслӣ сохташудаи ***ба зери замин, аз зери замин, дар зери замин*** равшантар ва аниқтар мебошанд. Бинобар ин, дар забони адабии ҳозира бештар пешояндҳои номии таркибӣ истеъмол мешаванд ва умуман доираи истифодаи пешояндҳои таркибӣ васеътар шуда истодааст. Ба қатори пешояндҳои номӣ бештар исмҳо ва зарфҳои дорои мафҳуми масоҳатӣ ва замонӣ дохил мешаванд. Масалан, зарфҳои ***ақиб, боло, баъд, байн, берун, дарун, пеш, тараф, сӯй, таг, гирд, назд, қариб, зер, миён*** ва ғайра, инчунин исмҳои намуди ***паҳлӯ, бар, рӯ, даст, пушт, сар, лаб*** ва ғайра; як қатор исмҳое, ки мафҳуми масоҳатӣ ё замонӣ надоранд, вале бо маънои луғавии худ муносибатҳои гуногуни ғайримасоҳатӣ – *ҳамроҳӣ, монандӣ, сабаб, мақсад, мувофиқат, мухолифат* ва ғайраро ифода мекунанд, ҳамчун пешояндҳои номӣ низ кор фармуда мешаванд: ***восита, роҳ, муносибат, бора, сабаб, боис, баробар, иваз, бадалҳамроҳ*** ва ҳоказо.

Ба ғайр аз исмҳо ва зарфҳои сода ба пешояндҳо низ исмҳои мураккабу таркибӣ дохил мешаванд: Масалан, ***гирду пеш – дар гирду пеши, рӯ ба рӯ – дар рӯ ба рӯйи, гирду канор – дар гирду канори.*** Ин пешояндҳо як қисми гурӯҳи пешояндҳои номии таркибӣ мебошанд.

Пешояндҳои номие, ки дорои маънои масоҳа мебошанд, дар натиҷаи инкишофи пай дар пайи забон маъноҳои нави ғайримасоҳа пайдо мекунанд. Чунончи, пешоянди номии таркибии ***аз болои…*** якчанд маъноро ифода мекунанд:

А) воқеъ гардидани предмете ва ё амале болои предмете ва ё ҷойе; б) равона шудани амале аз болои предмет ба поён; в) воқеъ гардидани амале ба боло ва ё ба дарозии предмете ва ё ҷойе, ки ҳамаашон маъноҳои масоҳатианд. Тарҷумаи ин навъи пешояндҳо дар забони англисӣ бо роҳҳои гуногун ифода меёбанд.

Мисолҳо: ***Аз болои асп*** афтода монд; ~ He fell off the horse.

Роҳи оҳан аз болои кӯпрук мегузарад. ~ Railway crossed over the bridge.

Б) сабаби воқеъ гардидани ягон амал ва ё ҳолате: Падарам зуд ва шитобкорона баргашта омад ва маро бардошта **бар болои** деворчае гузошт ва гуфт. ~ My father quickly came back, took me and put me **on** a law wall and said… [1,саҳ6].

Маъно ва кор фармудани пешояндҳои номӣ бо семантикаи феъл, исме, ки ҳамроҳи пешоянд омадааст ва инчунин бо маънои луғавии пешоянд вобаста аст. Чунончи, пешояндҳои ***рӯйи…, дар рӯйи…, ба рӯйи…*** муносибатҳои масоҳатиро ифода намуда, одатан бо исмҳое, ки мафҳуми сатҳро ифода мекунанд, меоянд. Масалан, ***рӯйи об…, дар рӯйи замин…,*** ва ё пешояндҳои ***даруни…, ба даруни…*** бо исмҳое, ки ҷой ва ё предмети аз ҳар тараф маҳдудбударо нишон медиҳанд, кор фармуда мешавад. Масалан, ***даруни*** *қалъа,* ***ба даруни*** *сандуқ.* Пешояндҳои ***сӯйи…, ба сӯйи…*** ва ё ***тарафи…, ба тарафи…*** одатан бо феълҳое кор фармуда мешаванд, ки ҳаракат ва ё равона шудани ягон амалеро ба чизе ё ба касе ифода мекунанд. Пешояндхои номбаршуда дар аксар холатхо ба пешоянди **on** мувофик меояд: ***дар рӯйи…, ба рӯйи…, дар рӯйи замин…, = on: On the ground, on the river, on the water… ё даруни, ба даруни ба пешоянди in ва into мувофикат мекунанд.*** Пешояндхои ***сӯйи…, ба сӯйи…*** ва ё ***тарафи…, ба тарафи ба пешоянди самти to мувофик омада метавонанд.***

Қисми бештарини калимаҳои мустақилмаъное, ки ба вазифаи пешоянд кор бурда мешаванд, дорои маънои масоҳатӣ буда, муносибатҳои масоҳатӣ ва замониро, ки ба ҳамдигар алоқаманд мебошанд, ифода мекунанд. Ба тарзи инкишофи минбаъда пешояндҳои номие, ки сӯй, сатҳу канор, макону замон, ибтидо ва интиҳои амалро мефаҳмонанд, маъноҳои дигари ғайримасоҳатӣ, яъне сабаб, мақсад, шабоҳат, ҳамроҳӣ, воситаи иҷро, тарзи амал ва ғайраро пайдо мекунанд:

А) Пешояндҳои номие, ки асосан муносибатҳои масоҳатиро ифода мекунанд:

**Пеши…** ҳам бо пешояндҳои ***ба, дар, аз*** кор фармуда мешавад ва ба сӯйи касе ё предмете равона будани амалро мефаҳмонад: Агарчи ҷарроҳро **пеши бемор** баровардан мумкин нашуд, **беморро пеши ҷарроҳ** фуровароданд. As it was impossible to take out the surgeon **to a sick man**, they moved down the sick man **to the surgeon** [1, саҳ. 14].

Б) нисбат доштани ягон амал ва ё вазъияте ба предмет ва ҳодисае: Ман дар пеши бибихалифа дар мактаби занона Ҳофиз чанд ҷузъ аз Бедил ва чанд ҷузъ аз ғазалиёти Соиб хонда, дар даҳсолагӣ мактабро тамом карда баромадам. [1,саҳ 18 ]~ I learnt Hofiz, before bibikhalifa and some Bedil's and some parts of Soib's gazelles and at the age of ten I finished school and left there.

Пешоянди ***ба пеши…*** равона шудани амалро ба сӯйи ба наздики предмет мефаҳмонад:

– Ҳеҷ касро **ба пеши ман** нагузор, – гуфтанд– Don't let anybody to me, he said. [1,саҳ.8]

Бозор бо ин гуна муҳокимаҳои хирадмандона ором гирифт ва дасту рӯйи худро бо оби сарди Дарғам шуста **ба пеши рафиқони худ** боз омад Bozor calmed down with this kind of wise discussions and washed his hands and face with Dargam's cold water and came back to his friends. [1,саҳ.19] -

Ба қатори пешояндҳои номӣ бештар исмҳо ва зарфҳои дорои мафҳуми масоҳатӣ ва замонӣ дохил мешаванд. Масалан, зарфҳои ***ақиб, боло, баъд, байн, берун, дарун, пеш, тараф, сӯй, таг, гирд, назд, қариб, зер, миён*** ва ғайра, инчунин исмҳои намуди ***паҳлӯ, бар, рӯ, даст, пушт, сар, лаб*** ва ғайра; як қатор исмҳое, ки мафҳуми масоҳатӣ ё замонӣ надоранд, вале бо маънои луғавии худ муносибатҳои гуногуни ғайримасоҳатӣ – ҳамроҳӣ, монандӣ, сабаб, мақсад, мувофиқат, мухолифат ва ғайраро ифода мекунанд, ҳамчун пешояндҳои номӣ низ кор фармуда мешаванд: ***восита, роҳ, муносибат, бора, сабаб, боис, баробар, иваз, бадалҳамроҳ*** ва ҳоказо.

Пешоянди изофии ***дар пеши…*** ба воқеъ гардидани предмет ва ё амал дар наздикии касе ва ё предмете ва ё қисми пешу ҷойе ишора мекунад: ***Дар пеши ин хона*** *суфаи баланде ҳам буд* [1,саҳ.35]– There was a suffa ***in front of*** this house. ***Дар пеши ин тӯдаҳои одамони бехонумонгардида*** порчапалосҳо, кӯрпа-болиштҳо ва дегу табақҳо ҳам менамуданд [1,саҳ 36 ]. – Before of this homeless crowd of people there were palas-shreds, blankets, pots and plates. **Дар пеши дарвоза** амакаш моро пешвоз гирифт [1,саҳ.34 ]. – His uncle met us **at the gate**. Чи тавре ки аз тарҷумаи ҷумлаҳо бармеояд, пешоянди изофии «дар пеши» дар забони англисӣ бо пешояндҳои ***in front of, before ва at*** ифода ёфтаанд.

Пешоянди ***аз пеши…*** гузаштани амале ва ё предметеро аз наздикии ягон ҷойе ва ё предмете нишон медиҳад: Мо аз **пеши бинои зебои Банки давлатӣ** гузашта, ба Академияи фанҳои республика рафтем. ~ We **passed by** the beautiful State Bank and went to Republic Academy of Sciences.

Пешоянди ***болои…*** предмете касе ва ё ҷойеро нишон медиҳад, ки дар болои он ягон предмете, касе ва ё чизе вуқӯъ дорад, инчунин равона кардани амалеро ба болои предмете ва ё ҷойе мефаҳмонад: … **болои ин айвонча** як болохонаи айвончадор буд [1,саҳ 33 ]. There was a little mansard **on** this porch.

Пешояндҳои ***дар болои, ба болои, бар болои, аз болои*** маънои аслии луғавии худро нигоҳ дошта, тобишҳои ҳархелаи масоҳагии вобаста ба маъноҳои пешояндҳои аслие, ки бо ҳамроҳии онҳо меоянд, ба худ мегиранд. ***Ба болои абрӯйи*** **чапаш** як холи сиёҳи калон дошт. ~ She had a big black mole on her left eyebrow. Ҳашарчиён ***ба болои хоктӯдае*** баромаданд [1,саҳ. 32 ]. ~ The workers **went up on** the mound.

Ҳамин тавр, аз грамматикаи забони англисӣ ва дигар адабиётҳои доир ба грамматикаи ин забон бахшидашуда чунин мушоҳида кардем, ки пешояндҳо дар ҷумлаҳои ин забон одатан пеш аз калимаи ба он тааллуқдошта меоянд. Муносибати аъзоҳои ҷумла

бо ёрии пешояндҳо ифода меёбад, бинобар ин ба дуруст кор фармуда шудан ва тарҷумаи ҳар як пешоянд эътибори махсус додан лозим аст.


**АДАБИЁТ**

1. Айни С. Ёддоштҳо. Қисми 1 / С. Айнӣ. - 2009.
2. Рустамов Ш. Калимасозии исм дар забони адабии тоҷик / Ш. Рустамов. - Душанбе, 1972.
3. Рустамов Ш. Забон ва замон / Ш. Рустамов. - Душанбе, 1981.
4. Мамадназаров А. Фарҳанги англисӣ – тоҷикӣ / А. Мамадназаров. – Душанбе: Матбуот. 2007..
5. Рустамов Ш., Раззоқов Г. Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик / Ш. Рустамов, Г. Раззоқов. – Душанбе.



**ТАҲЛИЛИ СОХТОРИИ ПЕШОЯНДҲОИ НОМИИ ИЗОФИИ ТОҶИКӢ ВА РОҲҲОИ ТАРҶУМАИ ОНҲО БА ЗАБОНИ АНГЛИСӢ**

Пешояндҳо яке аз ҳиссаҳои нутқ дар забони тоҷикӣ ба шумор рафта, таҳлил ва омӯзиши амиқу муҳимро талаб мекунанд. Мақолаи мазкур ба яке аз шохаҳои муҳимми илми забоншиносӣ бахшида шудааст. Сарфи назар аз шумораҳои зиёди мақолаҳои илмӣ, ки ба забону забоншиносӣ, аз ҷумла ба пешояндҳои номии изофӣ бахшида шудааст, таваҷҷуҳ ба ин мавзуи тадқиқот кам намешавад. Аз ин рӯ, мо ҳам ба ин мавзуъ рӯ оварда, назаре ба қоидаҳои пешояндҳои забони модарӣ андухта ва рушди забони тоҷикиро дар муқоиса бо забони англисӣ мисолҳоро аз "Ёддоштҳо"-и Садриддин Айни таҳлил намудем.

**КАЛИДВОЖАҲО:** пешояндҳо, пешояндҳои номӣ изофӣ, вазифаи марфалогӣ, лексикӣ, калима, забоншиносӣ, тоҷикӣ, англисӣ.



**СТРУКТУРНЫЙ АНАЛИЗ ПРЕФИКСОВ ТАДЖИКСКИХ СУЩЕСТВИТЕЛЬНЫХ И СПОСОБОВ ИХ ПЕРЕВОДА НА АНГЛИЙСКИЙ ЯЗЫК**

Предлоги являются одной из частей речи в таджикском языке и требуют глубокого анализа и изучения. Данная статья посвящена одной из важных отраслей лингвистической науки. Несмотря на большое количество научных статей, посвященных языку и языкознанию, в том числе дополнительным именным префиксам, внимание к этой теме исследования не уменьшается. Поэтому мы обратились к этой теме и рассмотрели правила префиксов родного языка и проанализировали развитие таджикского языка в сравнении с английским языком на примерах из «Ёддоштњо» Садриддина Айни.

**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА:** префиксы, дополнительные именные префиксы, морфологическая функция, лексика, слово, языкознание, таджикский язык, английский язык.



**STRUCTURAL ANALYSIS OF TAJIK NOUNS PREFIXES AND WAYS OF THEIR TRANSLATION INTO ENGLISH**

Prepositions are one of the parts of speech in the Tajik language and require deep analysis and study. This article is devoted to one of the important branches of linguistic science. Despite the large number of scientific articles devoted to language and linguistics, including additional nominal prefixes, attention to this research topic does not decrease. Therefore, we turned to this topic and examined the rules of native language prefixes and analyzed the development of the Tajik language in comparison with the English language using examples from Sadriddin Aini's «Yoddoshtho».

**KEYWORDS:** prefixes, additional nominal prefixes, morphological function, vocabulary, word, linguistics, Tajik language, English language.



**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Нуралиева Ш.*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, магистранти курси дуюми кафедраи забони англисӣ ва типологияи муқоисавӣ. **Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17.

**Сведения об авторе:** ***Нуралиева Ш.*** – Таджикский национальный университет, магистр второго курса кафедры английского языка и сравнительной типологии. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 17.

**Information about the author**: ***Nuralieva Sh.***– Tajik National University, second-year master`s student of the Department of English language and comparative typology. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17.


# САРЧАШМА ВА ПАЙДОИШИ МАФҲУМИ ИСТИЛОҲ ВА ИСТИЛОҲШИНОСӢ


***Розиқова Ш.***

**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**


Донистани худи шахс ва муҳити ӯ ба интихоби истилоҳоти мувофиқ вобаста аст, ки мо бо омодагӣ ва бидуни аҳаммияти махсус ба моҳияти онҳо машғулем.

Донишмандони гуногуни соҳаи забоншиносӣ сарчашмаи пайдоиш ва мазмуну мафҳумҳои ***“истилоҳ” ва “истилоҳшиносӣ”*** (термин ва терми-нология), ё ин ки ***“истилоҳнигорӣ”***-ро бо шаклҳои зайл шарҳ дода, пешниҳоди хонанда мегардонанд.

Истилоҳ (термин) вожаи лотинии ***“terminus”*** буда, маънои ***“маҳдудият”, “ниҳоӣ”, “сарҳад”*** ва ***“худмуайянкунӣ”***-ро дорад ва дар асоси соҳаи муайяни касбӣ қабул карда шудааст ва дар шароити махсус истифода мешавад. Истилоҳҳо калимаҳое ба шумор меравал, ки мафҳумҳои соҳаи муайяни донишҳои касбиро дар бар мегиранд. Истилоҳот ҳамчун маҷмуи истилоҳҳо бахши алоҳидаи ҳама гуна забони миллӣ мебошад, ки бо фаъолияти касбӣ алоқамандии зич дорад. Истилоҳоти ҳар як соҳаи илм, техника, технология, истеҳсолот системаҳои муайяни худро ташкил мекунанд, ки пеш аз ҳама, аз ҷониби робитаҳои консептуалии донишҳои касбӣ бо майли баён кардани ин робита тавассути забон муайян карда мешаванд [6,365].

Нишонаи падидаи истилоҳ (термин) дар асоси таърифи фалсафию гносеологии (маърифатшиносӣ) он мавҷуд буда, таъкид менамояд, ки бо ёрии истилоҳот дар шакли моддӣ натиҷаҳои донишҳо собит мешаванд; истилоҳот натиҷаҳои донишҳоро дар соҳаҳои махсус (илм, истеҳсолот, иқтисод ва ғайра) муқаррар мекунанд. Инчунин, истилоҳот мисли дигар воситаҳои рамзӣ донишҳои мавҷударо мустаҳкам намуда, мафҳумҳо ва категорияҳоро ифода мекунанд. Истилоҳ узви системаи таҳлилии истилоҳшиносии вобаста ба соҳаи илм ва истеҳсолот мебошад ва мундариҷаи консептуалии он дар асоси система муайян карда мешавад. Ҳар як истилоҳ муайянкунандаи таърифи худ (таърифи дақиқ) бо як қатор шартҳои дигар дар ҳамон соҳа мебошад. Истилоҳот ба фарқ аз калимаҳои "маъмул", одатан дар дохили майдони истилоҳоти худ якранганд; як калима метавонад истилоҳи соҳаҳои гуногуни дониш бошад, аммо ин полисемия ба шумор нарафта, балки омонимия аст (масалан, истилоҳи мавҷ дар радиотехника ва оптика). Истилоҳҳо ба луғоти умумӣ низ мухолифанд, зеро онҳо бо мафҳуми муайяни илмӣ алоқаманд буда, натиҷаҳои таҳқиқоти илмӣ ва фаҳмиши назариявии онҳоро инъикос мекунанд [5,7].

Дар натиҷаи инкишофи истилоҳоти даркшавандаю зеҳнӣ мафҳуми зерини истилоҳ ба вуҷуд меояд: “Истилоҳ падидаи динамикӣ буда, дар ҷараёни шинохт (дарк), гузариш аз мафҳум – категорияи равонӣ ба мафҳуми лафзӣ, бо назария, мафҳуми мушаххаси алоқаманд, ки ин ё он соҳаи дониш ва фаъолиятро дарк мекунад, ба вуҷуд омада, ташаккул меёбад ва амиқтар мешавад”.

Истилоҳ метавонад ҳар гуна калимае бошад, ки ба он таърифи возеҳ дода шудааст, ки мафҳуми номбаршударо муайян мекунад ва доираи консепсияро қатъиян маҳдуд карда, хусусияти ҷудогонагии вожаи мазкурро аз маънои одии калимаи омонимии луғати умумӣ таъмин мекунад. Калимаи сохташуда низ метавонад ба истилоҳ табдил ёбад.

Дар забони тоҷикӣ истилоҳот дар соҳаҳои гуногуни илм таҳти забонҳои арабӣ, русӣ, англисӣ ва фаронсавӣ фаъолият мекунад.

Вожаеро, ки мо дар забони тоҷикӣ ҳамчун ***“истилоҳ”*** медонем, мафҳуми арабӣ аст. Решаи он феъли ***салаҳа/ салуҳа*** мебошад, ки аз он вожаҳои гуногун ҳамчун: ***ислоҳ, солеҳ, сулҳ, салоҳ, салоҳият, масолеҳ, мусталаҳ, муслеҳ, маслиҳат*** ва монанди инҳо ба вуҷуд омадаанд. Вожаи истилоҳ низ бо вожаҳои зикршуда ҳамреша аст ва аз он байн бо вожаи мусталаҳ ё гунаи ҷамъи он - мусталаҳот ҳаммаъно аст. Истилоҳ дар луғатҳо дар ду маънӣ шарҳ ёфтааст. Масалан, дар “Фарҳанги забони тоҷикӣ” айнан бо чунин маъниҳо оварда шудааст: 1) бо ҳам сулҳ кардан, оштӣ кардан; 2) калима ё иборае, ки хоси мардум (мас. аҳли як касб) аст ё дар байни онҳо маънои махсусе пайдо кардааст; 3) калимае, ки дар соҳаи илму фан барои ифодаи маънои махсуси ғайриаслӣ қабул шудааст, термин, ибораҳои махсус, калимаҳои сохта ва ғайра [8,28].

Ҳамин тавр, истилоҳ вожаҳову ибораҳои махсусе мебошанд, ки дар ягон риштаи илмӣ ё соҳаву касб ба кор гирифта мешаванд ё ба таври дигар истилоҳ вожаҳову ибораҳои махсуси илмӣ - соҳавӣ мебошанд.

Истилоҳот дар мафҳуми дақиқтар ва мухтасар илмест, ки лексикаи махсусро аз нуқтаи назари типология, пайдоиш, шакл, мазмун (маъно) ва фаъолияти он, инчунин истифода, ба тартиб даровардан ва сохтани он меомӯзад [9, 35].

Ҳамин тавр, таҳти системаи истилоҳот маҷмуи мураттабшудаи истилоҳотро дар назар дорем, ки муносибатҳои собит байни онҳоро инъикос намуда, муносибати байни мафҳумҳоеро, ки аз онҷо ин истилоҳот асос ёфтаанд, инъикос менамояд.

Таърифи истилоҳ дар бораи объекти номбаршуда тасаввуроти умумӣ медиҳад, ки метавонад ҳам сохтори равонии мушаххас ва ҳам моддӣ ва ҳам абстрактӣ бошад ва ҳамзамон номуайянии имконпазирро, ки ба калимаи якхелаи забони умумӣ хос аст, бартараф кунад. Таъриф бояд бо он чизе, ки муайян мекунад, мутаносиб бошад. Набояд доираи номусоид дошта бошад ва дар ҷойе, ки таърифи мусбӣ имконпазир аст, манфӣ истифода гардад. Дар соҳаҳои нави дониш, пеш аз ҷустуҷӯйи истилоҳи куллан мувофиқи як калима, ба ҷойи он, шарҳу таърифи мухтасарро истифода бурд, то ин ки оммаи истифодабарандагон аз гуногунмаънӣ будани калимаи мазкур дар иштибоҳ ё дудилагӣ наафтад.

Бо рушди босуръати баъзе соҳаҳои илм ё техника инъикоси фаъоли дастовардҳои онҳо тавассути васоити ахбори омма, гузариши истилоҳҳои алоҳида аз истифодаи махсус ба умумӣ табдил меёбанд. Махсусан, дар айни замон, ки рушди босуръати илму технология дар сатҳи баланд аст, истилоҳҳо мафҳуми дақиқи илмиро сарфи назар карда, доираи истифодаи худро васеъ мекунанд. Дар истифодаи махсус, ки дар система ҷойи мувофиқро ишғол мекунад, истилоҳҳо худашон боқӣ мемонанд.

Ҳамин тариқ, мо метавонем ***“истилоҳ”***-ро ҳамчун калимаи махсусе муайян кунем, ки ба ифодаи як мафҳум ё номбарии ашё майл намуда, дар шароити муайян истифода мешавад.

Аз нигоҳи илмӣ мактаби истилоҳоти русӣ равишҳои мантиқӣ, забонӣ ва фалсафиро бо тамоюли муайян ба бартарии самти фалсафӣ мепайвандад. Дар ин ҷо соҳаи предмет бо таваҷҷуҳи муайян ба шакли забонӣ ва тақсимоти истилоҳот дар матн омехта шудааст.

Дар заминаи равиши функсионалӣ-забоншиносии истилоҳот, ки истилоҳро ҳамчун калима ё ибора дар вазифаи махсус меҳисобад, масъалаи мураккабе ба миён меояд: истилоҳ калима (яъне воҳиди луғавӣ) аст ё танҳо вазифаи калима? Оё истилоҳот дар системаи луғавии забон як қабати алоҳидаро ташкил медиҳанд?

Дар Тоҷикистони мо аз замони пайдо шудани матнҳои хаттии илмӣ ва канонизатсияшуда анъанаи устувори таваҷҷуҳ ба калимаҳои махсус вуҷуд дорад. Аммо ба ҳар ҳол, ин анъана аз доираи тарҷума ва амалияи лексикографӣ берун нарафтааст. Дар баробари ин ҷолиби диққат аст, ки мураттибони луғатҳои махсус ва мутарҷимони асарҳои илмӣ ба истилоҳот хамчун вожаҳои басо мушаххас муносибат карда, аммо кӯшиш накардаанд, ки ба моҳияти назариявии истилоҳ ворид шаванд. Чуноне ки ба мо маълум аст, илми истилоҳшиносии тоҷик низ аксаран тавъам ба пажуҳишгарон ва олимони илми забоншиносии рус мебошад, чунки ҳарчанд сарчашмаи истилоҳоти мо ба замонҳои қадим, баъд аз давраи ҳуҷуми арабҳо рост ояд, давраи авҷи он решаҳои худро аз замони Иттиҳоди Шуравӣ мегирад. Возеҳ аст, ки қисми зиёди истилоҳоти тоҷик мансуб ба забонҳои арабӣ ва русӣ мебошад [7,94].

Дар таърифҳои истилоҳ бештар як хусусияти муҳим (масалан, робита бо мафҳуми илмӣ, мувофиқат ва ғайра) ошкор мешавад. “Истилоҳ воҳиди иттилоотии забони табиист”. Истилоҳ интиқолдиҳандаи дақиқи иттилоот дар бораи мафҳуми илмӣ мебошад. Марҳилаи мустақили таърихи истилоҳоти русиро фаъолияти истилоҳоти Эрнест Карлович Дрезен ташкил медиҳад. Дрезен яке аз олимонест, ки пояи илми истилоҳшиносиро гузошта, дар пажӯҳиши истилоҳот роҳҳои нав кушод ва хусусиятҳои навро ошкор намуд. Мақолаҳо ва монографияҳои Э. Дрезен, ки дар солҳои 1932—1936 нашр кардааст, ба масъалаҳои истилоҳот ва таҳлили китоби В. Вюстер “Танзими забони байналмилалӣ дар илми муҳандисӣ ва махсусан дар электротехника” мебошад, ки дар он ӯ оид ба проблемаҳои асосии истилоҳот ва усулҳои стандартизатсия (мутавозинсозӣ) ва ба ин навъ масъалаҳои дигарро ба миён гузоштааст ва ба таҳлилу ҳалли онҳо камар бастааст [3,52].

Таҳлили консепсияҳо ва назарияҳои Вюстер хусусиятҳои асосии фарқкунандаро қайд намуда:,

- зарурати муайян намудани воситаҳои стандартизатсия;
- назорати дақиқи таҳияи (нақшагирӣ, ягонасозӣ, стандартизатсия) истилоҳот;
- афзалияти шакли байналмилалии тамға [3,57].

Бе истилоҳот ва номенклатураҳои хуб таҳияшуда ва системавӣ, пешрафти илм ғайриимкон аст. Дар кори истилоҳот якчанд марҳиларо фарқ мекунанд:

Истилоҳоти мафҳумҳои илм ва техникаро мутахассисони соҳа дар якҷоягӣ бо мантиқ ва забоншиносон анҷом медиҳанд. Ҳамзамон, системаҳои истилоҳоти соҳаҳои алоҳидаи дониш сохта мешаванд ва воҳидҳои луғавии мувофиқтарин барои истинод ба онҳо интихоб карда мешаванд.

Ба эътидол овардани истифодаи истилоҳҳои дар забон мавҷудбуда ва таҳияи тавсияҳо барои эҷоди истилоҳҳои нав барои ҳар як соҳаи дониш аз ҷониби мутахассисони соҳавӣ якҷоя бо забоншиносон иҷро карда мешавад.

Дар марҳилаи аввали татбиқнамоӣ ҳама истифодаи калимаҳои мавҷуда сабт карда мешаванд. Аз онҳо аз ҳама мувофиқ, босалоҳият, системавӣ, татбиқшаванда интихоб карда мешаванд ва дар асоси онҳо ташаккули минбаъдаи калимаҳоро фароҳам меоранд [2,64].

Дар марҳилаи дуюм, истилоҳшинос ба сохтани истилоҳҳои нав аз рӯйи моделҳои мавҷуда оғоз намуда, систематикӣ будани онҳо, осонии ворид шудан ба забони илмро месанҷад. Агар чунин шартҳо тибқи қонун қабул карда шаванд, онҳо барои истифодаи умумӣ дар ҳуҷҷатҳои расмӣ ҳатман тавсия дода мешаванд. Барои ба ҳолати кунунии илм мутобиқ кардани истилоҳҳои мавҷуда, таҷдиди муназзами системаҳои истилоҳот ба таври муназзам сурат мегирад. Истилоҳҳое, ки барои истифодаи расмӣ тавсия дода намешаванд, дар забони касбӣ боқӣ мемонанд, ки дар он ҳама гуна деформатсияҳо дучор гашта метавонанд [2, 64].

Солҳои зиёд назарияи истилоҳот рушди ҷиддиро ба даст наовардааст, зеро дар ин соҳа танқид комилан иҷозат дода нашудааст. Он барои ҳама гуна фанҳои нақшаи рушд тавассути муқоисаи ақидаҳо ва асарҳои асосии назариётчиёни номдор маъмул набуд. Танҳо дар оғози асрҳои XX–XXI олимон ба ин масъала диққати нав доданд.

Гузашта аз ин, ба фарқ аз давраи қаблӣ, вақте ки олимон танҳо ба мавзуи дар ҳар як соҳаи мушаххаси дониш татбиқшаванда таваҷҷуҳ доштанд, бори аввал истилоҳот ҳамчун як фанни алоҳида баррасӣ карда шуд.

Таҷрибаи чандинсолаи истилоҳшиносони аврупоӣ нишон дод, ки агар калимаҳои миллӣ қабул карда шаванд, калимаҳои байналмилалиро ба ҳеҷ ваҷҳ ҷорӣ кардан лозим нест. Агар барои истинод ба ягон мафҳум истилоҳҳои гуногун истифода шаванд, сабаби ин бояд қайд карда шавад. Шояд дар ин ҷо падидаҳои гуногун вуҷуд дошта бошанд. Он гоҳ ҳарду истилоҳ нигоҳ дошта мешаванд ва ҳама таърифи хос қабул менамоянд.[1, 25]

Эҷоди луғатҳои истилоҳоти соҳавӣ: тарҷумаҳои якзабона, тарҷумаи дузабона, ки истилоҳоти эквивалентиро барои ду забон муқаррар мекунанд, дар илми забоншиносӣ ва истилоҳнигорӣ шарти муҳим ба ҳисоб мераванд. Массаи асосии чунин луғатҳо аз рӯйи принсипи систематикӣ сохта шуда, иерархияҳои мафҳумҳоро дар муносибати онҳо бо ҳамдигар инъикос мекунанд. Ташкили алифбои мавод нақши тобеъро мебозад. Аз ин рӯ, сохтани луғати истилоҳоти бисёрзабона хеле душвор аст.

Стандартикунонии системаҳои истилоҳот дар сатҳҳои миллӣ ва байналмилалӣ аз он ҷиҳат зарур аст, ки ҳаҷми мафҳумҳое, ки бо калимаҳои ба назар якхела таъин шудаанд, бо забонҳои гуногун яксон буда наметавонанд. Стандартизатсияи байналмилалӣ бефоида аст, агар он пеш аз стандартизатсияи бодиққат гузаронидашудаи миллӣ сурат нагирад. Гузашта аз ин, хусусияти асосии забон ба шумор нарафта, балки таносуби мафҳумҳои ин илм мебошад.

Қабули стандарти байналмилалӣ маънои рад кардани системаҳои анъанавии миллӣ, аз ҷумла мафҳумҳои анъанавии аз ҷониби намояндагони мактабҳои ватанӣ таҳияшударо надорад. Стандартизатсияи байналмилалӣ пеш аз ҳама маънои муайян кардани таърифҳои дақиқ ва мувофиқати якхелаи истилоҳот ва номҳои ватанӣ ва хориҷиро дорад.

Стандартизатсия маънои мундариҷаи ягонаи истилоҳ ё мафҳумеро дорад, ки ба забонҳои тоҷикӣ, англисӣ ва дигар забонҳо стандартизатсия шудааст. Истилоҳоте, ки бо забонҳои хориҷӣ сохта шудаанд, танҳо ба забонҳои дигар, ба монанди системаҳо, танҳо дар сурате гирифта мешаванд, ки агар ин соҳа барои ин забон нав бошад (масалан, "гелминтология" дар забон: қисми асосии истилоҳҳои ин илм аз забони англисӣ аст) [2, 45].

Дар инҷо саволе ба миён меояд, ки чӣ боиси пайдоиши истилоҳ мегардад? Пайдоиши мафҳуми нав боиси пайдоиши истилоҳи нав мегардад. Дар "Луғати энсиклопедии забонӣ"

истилоҳ ҳамчун "калима ё иборае, ки мафҳуми соҳаи махсуси дониш ё фаъолиятро ифода мекунад" (Луғати энсиклопедии илми забоншиносӣ, сармуҳаррир В.Н. Ярсева, М., 1990, с. 508) истилоҳро фарқияти байни ифодаи лафзӣ ва мафҳум шарҳ додааст. Ӯ ҳамзамон қисмати аввали онҳоро ***"шакл"***-и истилоҳот, дуюмашро ***"мазмуни маъноӣ"*** ё ***"семантика"*** номидааст. Илова бар ин, шакли сирф, ки онро ***"шакли беруна"*** сатҳи (берунӣ) меномем, мазмуни маънои унсурҳои алоҳидаи истилоҳе, ки аз онҳо таркиб ёфтаанд, онро ***"шакли дарунӣ ё ботинӣ"*** -и истилоҳ ном бурдааст. Маънои унсурҳои гуногун аз истилоҳ хеле фарқ мекунад. Муҳимтаринаш мазмуни маъноии истилоҳ, яъне мафҳумест, ки худи истилоҳ барои ифодаи он офарида шудааст. Дар ин хусус, аввалан, зарурати мавҷудияти худи мафҳум, дуюм дараҷаи дурустии он ва саввум, қатъияти он нақш мебозад [14,335].

Дар айни замон, дар истилоҳот як қатор самтҳои мустақили таҳқиқот мавҷуданд. Пеш аз ҳама, истилоҳоти назариявиро, ки намунаҳои рушд ва истифодаи луғати махсус ва истилоҳоти амалии ба он асосёфтаро олимони илми забоншиносӣ таҳти баррасӣ қарор медиҳанд ва қайд кардан мумкин аст, ки принсипҳо ва тавсияҳои амалӣ оид ба рафъи камбудиҳои истилоҳот ва истилоҳшиносӣ, тавсиф, арзебӣ, таҳрир, фармоиш, эҷод, тарҷума ва истифодаи онҳоро дар бар мегирад.

Истилоҳоти умумӣ хосиятҳои умумӣ, мушкилот ва равандҳои дар лексикаи махсус ба амал омадаро меомӯзад, дар ҳоле ки истилоҳоти хусусӣ ё соҳавӣ лексикаи махсус ва мафҳумҳои соҳаҳои муайяни дониши забонҳои мушаххасро меомӯзад. Истилоҳоти типологӣ бо таҳқиқи муқоисавии хусусиятҳои истилоҳоти алоҳида бо мақсади муқаррар намудани хосиятҳои умумии истилоҳот ва хусусиятҳои истилоҳоти алоҳида вобаста ба хусусияти соҳаҳои дониши инъикоскунандаи онҳо машғул буда, истилоҳоти муқоисавӣ хосият ва хусусиятҳои умумии истилоҳот, лексикаи махсуси забонҳои гуногун, масалан, русӣ ва англисӣ, омӯзиши масъалаҳои марбут ба маънои (семантикаи) лексемаҳои махсус, тағйирёбии маъно ва ҳама гуна ҳодисаҳои маъноӣ — полисемия, омонимия, синонимия, антонимия, гипонимия ва ғайра. Истилоҳоти ономасиологӣ шаклҳои сохтории лексемаҳои махсус, равандҳои номгузории мафҳумҳои махсус ва интихоби шаклҳои оптималии номҳоро меомӯзад [13, 84].

Истилоҳоти таърихӣ таърихи истилоҳотро меомӯзад, то тамоюлҳои ташаккул ва рушди онҳоро ошкор кунад ва бо назардошти онҳо тавсияҳои дурустро барои ташкили онҳо пешниҳод кунад. Дар айни замон, дар асоси натиҷаҳои ин самти таҳқиқот, фанни мустақили забоншиносӣ — антрополингвистика ба вуҷуд омадааст. Истилоҳоти функсионалӣ бо омӯзиши функсияҳои муосири истилоҳ дар матнҳо ва ҳолатҳои гуногуни муоширати касбӣ ва тайёр кардани мутахассисон, инчунин хусусиятҳои истифодаи истилоҳҳо дар нутқ ва системаҳои компютерӣ алоқаманд аст.

Дар айни замон, як қатор самтҳои нав ташаккул меёбанд, ки дар байни онҳо истилоҳоти маърифатӣ ё эпистемологӣ, ки ба таҳқиқи нақши истилоҳот дар шинохти илмӣ ва тафаккур бахшида шудаанд, бояд махсусан қайд карда шаванд.

Ҳамчун бахшҳои мустақили истилоҳот назарияи истилоҳоти матнро низ метавон баррасӣ кард - назарияе, ки дар пайванди истилоҳот ва назарияи матни хусусӣ қарор дорад ва ба типологияи матнҳои дорои истилоҳот, таҳлили истилоҳоти матн ва таҳлили матнии истилоҳот, инчунин, таърихи истилоҳот - як бахши истилоҳот, ки ба таърихи ташаккул ва такмили ашё, усул ва сохтори истилоҳот, мавқеи он дар низоми илмҳо, ташаккули назария ва принсипҳои он, инчунин мактабҳои алоҳидаи истилоҳот машғул аст [11,12].

Дар инҷо бояд ба як масъалаи муҳим таваҷҷуҳи хеле амиқ дод. Истилоҳшиносӣ бо истилоҳнигорӣ - илм дар бораи тартиб додани луғатҳо ва вожаҳои махсус зич алоқаманданд. Як қатор мутахассисон ҳатто истилоҳнигориро ҳамчун бахши истилоҳшиносӣ мешуморанд. Бисёри аз мушкилоте, ки истилоҳшиносон омӯхтаанд, дар амалияи таҳияи луғатҳои махсус ба вуҷуд омадаанд ва ҳалли ин мушкилот ба усулҳои таҳияи луғатҳо таъсир мерасонад. Дар айни замон, омӯзиши ягон соҳаи луғати махсус бо истилоҳот пайваста алоқаманд аст, зеро натиҷаҳои кор оид ба муайян кардан, таҳқиқ кардан ва ба тартиб даровардани истилоҳот одатан дар шакли луғат таҳия карда мешаванд.

Дар инҷо боз як ҳолати дигар ва хеле муҳимро рӯ ба рӯ мешавем, ки он ***"пеш-истилоҳ"*** ном дорад. Пеш-истилоҳҳо лексемаҳои махсус мебошанд, ки ҳамчун истилоҳ барои номгузории мафҳумҳои нав ташаккулёфта истифода мешаванд, аммо ба талаботи асосии

истилоҳ ҷавобгӯ нестанд. Масалан, ***"бо-дав"***, ки мафҳуми ***"фавран"*** ё ***"зуд"*** ё ин ки ***"торнигор"*** ва ғайраҳо. Пеш-истилоҳҳо одатан инҳоянд: (а) гардиши тавсифӣ-ибораи номинативии калимавӣ, ки барои номгузории мафҳум истифода мешавад ва имкон медиҳад, ки моҳияти он дақиқ тавсиф карда шавад, аммо ба талаботи кӯтоҳӣ ҷавобгӯ набошад; (б) ибораи созанда; (в) комбинатсияи дорои гардиши иштироккунанда. Пеш-истилоҳҳо ҳамчун истилоҳ барои номгузории мафҳумҳои нав истифода мешаванд, ки барои онҳо фавран истилоҳҳои мувофиқ пайдо карда намешаванд ва онҳо дар ҳоле ба миён меоянд, ки як калима аз забони хориҷӣ ба забони асл ворид мегардад ва ёфтани эквиваленти мувофиқ душвор аст. Пеш-истилоҳҳоро бо хусусияти муваққатӣ, ноустувории шакл, риоя накардани талаботи кӯтоҳ ва қабул, аксар вақт набудани бетарафии стилистиро фарқ мекунанд. Дар аксари ҳолатҳо, пеш-истилоҳҳо бо мурури замон иваз карда мешаванд. Дар баъзе ҳолатҳо, иваз кардани пеш-истилоҳҳо бо воҳиди лексикӣ, ки ба талаботи истилоҳот бештар мувофиқ аст, тул мекашад ва пеш-истилоҳҳо дар луғати махсус мустаҳкам шуда, хусусияти устувор пайдо мекунанд [11,116].

Масъалаи дигар, ин зарурияти консепсия вобаста ба номукаммалии системаҳои консептуалии соҳаҳои гуногуни дониш ба миён меояд. Дар натиҷаи инкишофи онҳо садҳо мафҳумҳои нав ба вуҷуд меоянд, ки бо ҳам вуҷуд доранд, ба ҳам мепайванданд, ки баъзеи онҳо шояд амалан синоним, баъзеашон носаҳеҳ ва ҳатто табиатан нодуруст бошанд. Мафҳумҳое, ки бо тартиби муқаррарӣ ҷойгир шудаанд, имкон медиҳанд, ки дар байни онҳо чизҳои зарурӣ муайян карда шуда, онҳо аз унсурҳои куҳнашуда, параллелӣ ва вайронкунанда ҷудо карда шаванд. Дурустии консепсия ҳамчун маҳдудияти дақиқи ҳаҷм ва итминони пурраи мундариҷа муайян карда мешавад ва таснифи возеҳи консептуалӣ метавонад ин талаботро таъмин кунад. Масалан, аз рӯйи принсипи насл-намуд сохта мешаванд, он ба тавсифи пурраи ҷойгоҳи ин мафҳум дар системаи намояндагии ягон соҳа кумак мекунад ва онро аз наздикони ба маънои он алоқаманд фарқ мекунад. Аммо, набояд фаромӯш кард, ки "истилоҳҳо" ба рушд, тағйирот дар ҳаҷм ва мундариҷаи худ дучор меоянд, яъне онҳо ба қонунҳои умумии тағйирёбии функсионалии маънои калимаҳо итоат мекунанд [11,124].

Объекти тартиб дар истилоҳот, яъне маҷмуи истилоҳоти табиатан ташаккулёфтаи соҳаи муайяни дониш ё порчаи он мебошад. Истилоҳот ба низом дароварда мешавад, баъд таҳлил карда мешавад, ки дар он норасоиҳо ва усулҳои бартараф намудани онҳо ошкор карда мешаванд ва ниҳоят мутавозин карда мешаванд. Натиҷаи ин кор дар шакли системаи истилоҳот - маҷмуи мураттабшудаи истилоҳот бо муносибатҳои собит байни онҳо оварда шудааст, ки муносибати байни мафҳумҳоеро, ки ин истилоҳот номидаанд, инъикос мекунанд [10, 72].

*Таҳлили истилоҳот, ки бо мақсади муайян кардани камбудиҳои он гузаронида мешавад.* Аввал таҳлили семантикӣ гузаронида мешавад, ки ба мо имкон медиҳад, ки фарқиятҳои гуногуни маъноҳои истилоҳотро аз мундариҷаи мафҳумҳои онҳо муайян кунем ва мафҳумҳоеро, ки номҳои истилоҳӣ надоранд, муайян кунем. Сипас таҳлили этимологӣ имкон медиҳад, ки роҳҳо ва моделҳои муассиртарини ташаккули истилоҳоти додашуда муайян карда шаванд, шаклҳои номуваффақи истилоҳот муайян карда шаванд ва роҳҳои такмил ё иваз кардани онҳо муайян карда шаванд. Таҳлили функсионалӣ имкон медиҳад, ки хусусиятҳои фаъолият, истифодаи истилоҳот муқаррар карда шаванд. Бояд қайд кард, ки дар ҳама ҳолатҳо таҳлили гузаронидашуда бояд ба назар гирифтани тамоюлҳои мавҷудаи рушди ин истилоҳот ва хусусиятҳои зуҳуроти ин тамоюлҳоро дар бар гирад, ки одатан таҳлили диахронӣ гузаронида мешавад.

Дар марҳилаи навбатӣ истилоҳҳо ба эътидол оварда мешаванд. Меъёр дар забоншиносӣ ба маҷмуи қоидаҳое дахл дорад, ки аз амалияи нутқ гирифта шудаанд ва ҳадафи танзими фаъолияти нутқи гӯяндагони ин забонро дар худ доранд. Мувофиқи ин, ба эътидол овардани истилоҳот интихоби мутахассисони таҷрибаи нутқ барои вариантҳои қулай ва дақиқ ва қоидаҳои таълим ва истифодаи истилоҳот ва тасдиқи чунин вариантҳо ҳамчун афзалият мебошад. Ҳамин тавр, дар як қатор истилоҳот тағйироти аз ҷониби мутахассисон қабулшуда дар гӯйиш (таҳлили ултрасадоӣ — рентгенография, эпилепсия, полифония), калимасозӣ (пеш аз инфаркт — прединфаркт) мавҷуданд, калимаҳои лаҳҷавӣ ва гуфтугӯӣ истифода мешаванд [4, 38].

Дар адабиёти илмии муосир миқдори зиёди таърифҳои истилоҳи ***“терминология”***-ро метавон пайдо кард, ки равишҳои гуногуни омӯзиши он ва афзоиши таваҷҷуҳ ба ин масъаларо нишон медиҳад.

Истилоҳот як бахши мухтори луғати забони миллиро ташкил медиҳад, ки бо забони адабӣ умумияти кам дорад.

Хуллас, пайдоиши мафҳумҳо ва истилоҳоти нав раванди табиист, ки фаъолияти фаъоли инсонро ҳамроҳӣ мекунад ва бо калимаҳои нав бой шудани захираи луғавии забон пайваста ба амал меояд. Тамоми дигаргуниҳое, ки дар ҳаёти ҷамъиятӣ ба амал меоянд, дар забон инъикос меёбанд. Аз ин лиҳоз қабулу пазириши истилоҳҳои нав ногузиранд.

**АДАБИЁТ**


1. Бархударов С.Г. Актуальные задачи лексикографии в области терминов // Проблема определений терминов в словарях разных типов. / С.Г. Бархударов. –Ленинград, 1976.
2. Гринев С. В. Введение в терминоведение / с.в. Гринев. — М., Изд-во МГУ, 1993.
3. Даниленко В.П. Русская терминология. Опыт лингвистического описания / В.П. Даниленко. - М.: Наука, 1977.
4. Дешериев Ю.Д. Проблемы универсализации (интернационализации) терминологии. / Ю.Д. Дешериев. // Проблемы разработки и упорядочения терминологии в Академиях наук союзных республик.– Москва,1983.– С. 112 – 121
5. Калонтаров Я.И. Масъалаҳои терминологияи тоҷикии илмӣ ва ҷамъиятӣ-сиёсӣ. //Мактаби совети, 1952, №7.
6. Кондаков Н.И. Логический словарь/ Н.И. Кондаков М., 1975. 594с. Философский энциклопедический словарь. М., 1983.
7. Муҳаммадиев М.Принсипҳои асосии калимасозии забони тоҷикӣ. /М.Муҳаммадиев. / Масъалаҳои забони тоҷикӣ. - Душанбе. Ирфон,1967. – ФЗТ с.
8. Мирзо Ҳасани Султон. Ташаккул ва такомули истилоҳоти илмии форсӣ-тоҷикӣ / Мирзо Ҳасан Султон. - Душанбе: Дониш, 2008.
9. Назарзода С. Ташаккули истилоҳоти иҷтимоӣ-сиёсии забони тоҷикӣ дар садаи XX / С. Назарзода. - Душанбе: Дониш.
10. Нуров П.Г. Истилоҳ ва истилоҳсозӣ дар забони илмии тоҷикӣ / П.Г. Нуров. - Душанбе: Дониш, 2006.
11. Нуров П.Г. Истилоҳот ва забон//Адаб, 2003. №1. с.16-18.
12. Нуров П. Истилоҳ ва истилоҳсозӣ дар забони илмии тоҷикӣ (бо замимаи Фарҳанги мухтасари истилоҳоти физика) / П.Г. Нуров. - Душанбе, 2006.
13. Саидов Х. А. Дипломатическая терминология в таджикском и английском языках: автореф. Дисс... док. филол. наук -Душанбе, 2013.
14. Ярсева В.Н. Луғати энсиклопедии илми забоншиносӣ / В.Н. Ярсева. М., 1990.


**САРЧАШМА ВА ПАЙДОИШИ МАФҲУМИ ИСТИЛОҲ ВА ИСТИЛОҲШИНОСӢ**


Истилоҳшиносӣ яке аз самтҳои муҳимми илми забоншиносӣ ба шумор рафта, таҳлил ва омӯзиши амиқро талаб менамояд. Мақолаи мазкур ба яке аз шохаҳои илми забоншиносӣ - истилоҳшиносӣ ва сарчашмаҳои пайдоиши ин мафҳум бахшида шудааст. Сарфи назар аз шумораи зиёди мақолаҳои илмӣ, ки ба истилоҳу истилоҳшиносӣ бахшида шудаанд, таваҷҷуҳ ба ин мавзуи тадқиқот кам намешавад. Аз ин рӯ, мо ҳам ба ин мавзуъ рӯ оварда, дар мақола оид ба сарчашмаҳои пайдоиши истилоҳ ва истилоҳшиносӣ назарияҳои мухталифи забоншиносону донишмандони ин соҳаро ҷамъоварӣ карда, таҳлил намудем.



**КАЛИДВОЖАҲО:** истилоҳ, истилоҳшиносӣ, истилоҳ-калимаҳо, истилоҳ-иборахо, забоншиносӣ, луғатшиносӣ.


**ИСТОЧНИК И ПРОИСХОЖДЕНИЕ ПОНЯТИИ ТЕРМИНА И ТЕРМИНОЛОГИИ**


Терминология является одним из важнейших разделов языкознания и требует глубокого анализа и изучения. Данная статья посвящена одному из разделов языкознания - терминологии и источникам происхождения этого понятия. Несмотря на значительное количество научных работ, посвященных терминам и терминологиям, интерес к данному предмету исследования не угасает. Поэтому в статье мы затронули этот вопрос и проанализировали различные теории лингвистов и учёных в этой области на термин и терминологию.



**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА**: термин, терминология, термины-слова, термины-словосочетания, языкознание, лексикология.


**SOURCES AND THE ORIGIN OF YHE TERM AND TERMINOLOGY**


Terminology is an essential part of linguistics and requires deep analysis and study. This article is devoted to one of the branches of linguistics - terminology and the sources of the origin of this concept. Despite a considerable amount of scientific works on terms and terminology, interest in the subject is not diminishing. Therefore, in the article we touched upon this issue and analyzed various theories of linguists and scientists in this field, on the term and terminology.



**KEYWORDS*:*** term, terminology, one-word terms, terminological collocations, linguistics, lexicology.

**Маълумот дар бораи муаллиф*:* *Розиқова Шаҳноза*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, магистранти курси дуюми кафедраи забони англисӣ ва типологияи муқоисавӣ. **Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **(+992)554447760**. E-mail: **rozikovasahnoza@gmail.com.**

**Сведения об авторе:** ***Розикова Шахноза*** – Таджикский национальный университет, магистр второго курса кафедры английского языка и сравнительной типологии ТНУ. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: **(+992)554447760**. E-mail: **rozikovasahnoza@gmail.com.**

**Information about the author**: ***Roziqova Shahnoza*** – Tajik National University, second-year master`s student of the Department of English language and comparative typology. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. Phone: **(+992)554447760**. E-mail: **rozikovasahnoza@gmail.com.**

# ТАЪРИХИ ТАШАККУЛ ВА ИНКИШОФИ ИСТИЛОҲОТИ ҶАМЪИЯТӢ – СИЁСӢ ДАР ЗАБОНИ АНГЛИСӢ ВА ТОҶИКӢ

***Абдурахмоновна О.С.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Истилоҳшиносӣ як соҳаи илми забоншиносӣ буда, вазифаи он ба таври аниқтару дақиқтар ва равшантар баён намудани мафҳуми мавриди назар (истилоҳшуда) мебошад. Истилоҳшиносӣ ба таври умум дар забоншиносии ҷаҳонӣ як шохаи махсусан ҷавон буда, ташаккул ва инкишофи худро дар охири солҳои 20-уми асри пешин дар Итиҳоди Шуравӣ дар забони русӣ гирифтааст.

Забоншинос А. Д. Хаютин тахмин мекунад, ки шояд вожаи *terminus* дар лотинии асрҳои миёна ба худ маъниҳои "таъин" ифода пайдо намуд ва маҳз зери ҳамин мафҳум яъне вожаи terminus дар фаронсавии қадим вожаи terme ба маънои «калима» падид омад. Донишмандоне мисли О. Блок, В. Фон Вартбург ва П. Роберт ин фикрро таъкид ва тасдиқ мекунанд. А. Д. Хаютин бо истинод аз муаллифони луғати бузурги Оксфорд дар забони англисӣ бо ҳамин роҳ ба вуҷуд омадани вожаи «term»-ро ба маънии истилоҳ таъкид кардааст.

Истилоҳот ҳамон вақт илм маҳсуб мешавад, ки агар калима ва ибораҳо ифодагари ҳамон шакли мафҳум бошанд ва дар ҳамон соҳа моҳияти масъала равшан гардад [Суперанская ,11].

«Ҳар як забон дар тули таърихи хеш тағйир меёбад. Махсусан, ин ба забони лотинӣ тааллуқ дорад, ки рушди он ба масоҳати зиёди кишварҳо ба хусус дар кишварҳои Аврупои марказӣ ва ғарбӣ дар тули асрҳои зиёд забони илмӣ маҳсуб меёфт ва забони лотинӣ ҳамчун роҳбаладди истилоҳоти юнонӣ буд" [Суперанская ,137].

Дар ҳаёти инсоният дар муносибатҳои байниҳамдигарии одамон раванду ҳодисаҳои зиёде ба вуқуъ мепайванданд, ки бо ёрии калимаҳои (истилоҳоти) махсус маъно ва мафҳуми онҳо шарҳ дода мешавад. Махсусан, он мафҳуму категорияҳое, ки ифодагари маънои умумӣ ва хосияти илмию соҳавӣ доранд ва ба назар душвору нофаҳмо менамоянд.

Ба масъалаҳои истилоҳшиносӣ ва истилоҳсозӣ М. Шакурӣ ба таври ҷиддӣ солҳои 60-ум машғул мешавад. Нуқтаи оғози онро ба гумони мо бояд аз соли 1964 ҳисоб кард. Шашуми октябри ҳамон сол ӯ дар Конференсияи умумии забоншиносони ҷумҳурӣ дар мавзуи «Чанд мулоҳиза оид ба терминологияи тоҷикӣ» баромад мекунад ва баъди он пайваста мақолаҳои ӯ дар ин бора чоп мешаванд.

Солҳои 90-ум ва махсусан баъди соҳибистиқлол гаштани Тоҷикистон, ки сарварии Кумитаи истилоҳоти таҷдидшудаи назди АИ Ҷумҳурии Тоҷикистон ба души эшон гузошта мешавад, таваҷҷуҳи ӯ ба ин масъала бештар гардида, истилоҳсозӣ дар эҷодиёташ мавқеи муҳимро ишғол мекунад. Акнун дар китоби дигари худ «Забони мо - ҳастии мост» (138.) фасли алоҳидаеро ба «Истилоҳот ва маданияти сухан» бахшида, андешаҳои худро перомуни имлои истилоҳоти «советӣ-интернатсионалистӣ», принсипҳои тарҷума кардани баъзе истилоҳоти «ҷамъиятию сиёсӣ», шаклҳои номатлуби истилоҳсозӣ бо суффиксҳои «-кунӣ», «-шавӣ», истифодаи таҷрибаи гузаштагон ва ғайра баён мекунад. Дар китоби дигари худ М. Шакурӣй «Хуросон аст ин ҷо» боз ба масъалаи истилоҳсозӣ рӯй оварда, дар як фасли он ба номи «Истилоҳот ва забони миллӣ» муфассалтар дастовардҳо ва масъалаҳои

ҳалталаби ин риштаро мавриди баррасӣ қарор медиҳад. Муаллиф дар ин гуфтор омӯзиши ҷараёни истилоҳсозии забони муосири тоҷикӣ ва таҳқиқи ҳамаҷонибаи онро аз дидгоҳи нав таъкид менамояд.

Доктор Н. Шарофов аз ҷумлаи насли дуюми забоншиносони тоҷик мебошад, ки ибтидои солҳои 60-ум по ба майдони илм гузошт ва аз ҳамон оғоз фаъолияти илмии худро ба мутолиа ва баррасии масъалаҳои гуногуни вожашиносӣ ва истилоҳсозии забони муосири тоҷикӣ бахшид. Нахустин мақолаи ӯ соли 1960 бо номи «Дар бораи инкишофи терминологияи илмӣ-техникии тоҷик» чоп мешавад ва сипас тайи солҳои 1970-1986 натиҷаи баррасиҳои худро дар се рисола ва мақолаҳои гуногун ба аҳли илму дониш ва мутахассисон тақдим мекунад. Аз он ҷумла, муҳимтарин асаре, ки бевосита ба масъалаи мавриди баҳс дахл дорад, китоби охирини ӯ «Пути развития лексики современного таджикского литературного языка» («Роҳҳои инкишофи лексикаи забони адабии муосири тоҷик») мебошад. Муаллиф боби алоҳидаеро бо номи «Место терминологии в развитии словарного состава таджикского языка» («Мақоми истилоҳот дар инкишофи таркиби луғавии забони тоҷикӣ» (320. 78-112) ба вожагузинии даврони нави забони тоҷикӣ бахшида, дар он вобаста ба аҳдофи кори мазкур ба таври умум роҷеъ ба истилоҳоти иҷтимоиву сиёсии забони тоҷикӣ, нуфузи вожагони риштаҳои дигари илму техника дар ин соҳа, ғанӣ шудани он аз ҳисоби луғатҳои русӣ- интернатсионалӣ ва муфассалтар дар хусуси ташаккули истилоҳоти ҳарбӣ баҳс мекунад.

Дар андак муддат муҳаққиқони боистеъдоди ҷавон ва донандагони хуби забонҳо, ба монанди С. Сулаймонов, Мирзо Ҳасани Султон, А. Байзоев ва дигарон роҷеъ ба истилоҳсозони давраҳои пеш, аз ҷумла Абурайҳони Берунӣ, Ибни Сино, Носири Хусрав ва дигарон рисолаҳои илмӣ ва китобу мақолаҳои арзишманде навиштанд. Бидуни шак нигоришҳои боло манобеи мустанаде барои мутахассисон ва истилоҳсозон хоҳанд шуд.

Истилоҳсозии забони муосири тоҷикӣ, проблемаҳо ва дурнамои он борҳо хориҷ аз Тоҷикистон дар Маскав ва шаҳрҳои дигар дар машвара ва конференсияҳои бахшида ба вазъи истилоҳсозӣ дар ҷумҳуриҳои собиқ Иттиҳоди Шуравӣ муҳокима ва баррасӣ шудаанд ва чунон ки дар ҷараёни кор хоҳем дид, дар танзим ва таҳияи усулҳои истилоҳшиносӣ забоншиносони маъруфи он давра иштирок ва саҳм гирифтаанд. Яке аз муҳимтарин коре, ки дар ин замина таълиф шудааст, китобе ба номи «Развитие терминологии на языках союзных республик СССР» («Инкишофи истилоҳот дар забонҳои ҷамоҳири ИҶШС» мебошад.

Ин китоб зери назари ҳайати таҳририя иборат аз академик Г. В. Степанов, докторҳои илми филология В. П. Даниленко ва К. М. Мусоев соли 1986 дар Маскав чоп шуд. Дар он роҷеъ ба оғози фаъолияти истилоҳсозӣ дар ҷумҳуриҳои миллӣ, роҳҳо ва мушкилоти ташаккул, коркарди усулҳои умумӣ, манобеъ ва мақомоти истилоҳшиносӣ ва соири мушкилоти ин соха дар даврони шуравӣ, аз ҷумла як силсила маълумоти муфид доир ба ҷараёни истилоҳофаринӣ дар забони тоҷикӣ дарҷ гардидааст.

Бояд хотирнишон кард, ки масъала ва мушкилоти истилоҳсозӣ, аз чумла принсипҳои илмии ташаккули истилоҳоти нави иҷтимоиву сиёсии забони тоҷикӣ ва форсӣ дар қарни XX умумиятҳо ва шабоҳатҳои зиёде бо ҳам доранд.

Аз оғози қарни XX ба таври ғайрирасмӣ ва аз ибтидои солҳои 30-юми асри гузашта ба сурати созмонёфта забоншиносони эронӣ ба омӯзиш ва баррасии ин мавзуъ пардохта, дастаи дигаре ба таври амалӣ машғули вожагузинӣ ва истилоҳсозӣ барои мафҳумҳои нави илмӣ-техникӣ ва иҷтимоиву сиёсӣ гардиданд.

**АДАБИЁТ**


1. Комиссаров В. Н. Теория перевода (лингвистические аспекты): Учеб. для ин-тов и фак. иностр. яз. / В.Н, Комиссаров. - М.: Высшая школа, 1990. .
2. Мирзо Ҳасани Султон. Истилоҳотшиносӣ ва истилоҳнигории тоҷикӣ / Мирзо Ҳасани Султон. – Душанбе. Эр - граф 2019.
3. Назарзода Сайфиддин. Истилоҳоти забони тоҷикӣ: таърих, гароиш ва дурнамо / Назарзода Сайфиддин. - Душанбе, 2014.
3. Суперанская А.В, Подольская Н.В, Василева Н.В. «Общая Терминология» / А.В. Суперанская, Н.В. Подольская, Н.В. Василева. - Москва. И-во. ЛКИ 2008.

4. Чанышева З.З. Особенности номинации аббревиатур в общественно-политическом тексте / Н.В. Чанышева. - Москва, 1979.
5. Хаютин А.Д. Термин,терминология, номенклатура / А.Д. Хаютин. - Москва, 1979.
6. Шарофов Н. Калимахои русӣ – интернатсионалӣ дар забони адабии тоҷик / Н. Шарофов. – Душанбе. Эр - граф 2019.

**ТАЪРИХИ ТАШАККУЛ ВА ИНКИШОФИ ИСТИЛОҲОТИ ҶАМЪИЯТӢ-СИЁСӢ ДАР ЗАБОНИ ТОҶИКӢ ВА АНГЛИСӢ**

Ин мақола ба яке аз муҳимтарин ва ҷолибтарин мавзуъҳои истилоҳоти иҷтимоӣ-сиёсӣ дар забони тоҷикӣ ва инглисии муосир бахшида шудааст. Дар забоншиносии тоҷик омӯзиши муқоисавии истилоҳоти иҷтимоъию сиёсӣ таърихи дуру дароз ва хушбахтона надорад. То хол касе ташаббус нишон надодааст, ки истилоҳоти ҷамъиятию сиёсӣ дар кори алоҳида омухта шавад. Мақола дар сатҳи зарурӣ омода шудааст, ки аз моҳирона истифода бурдани муаллиф аз адабиёти илмӣ ва истилоҳоти ҷамъиятию сиёсии ҳарду забон шаҳодат медиҳад. Хулоса, муҳаққиқон нишон медиҳанд, ки истилоҳоти нави иҷтимоию сиёсӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ чӣ тавр ташаккул ва инкишоф ёфтаанд.

**КАЛИДВОЖАҲО:** истилоҳоти иҷтимоӣ-сиёсӣ, таҳқиқи муқоисавии типологӣ, ташаккул ва инкишофи истилоҳот, ҷанбаҳои муҳимми истилоҳоти сиёсӣ.

**ИСТОРИЯ ФОРМИРОВАНИЯ И РАЗВИТИЯ СОЦИАЛЬНО-ПОЛИТИЧЕСКИХ ТЕРМИНОВ НА ТАДЖИКСКОМ И АНГЛИЙСКОМ ЯЗЫКАХ**

Эта статья посвящена одной из самых важных и интересных тем общественно-политической терминологии в современном таджикском и английском языках. В таджикском языкознании сравнительное изучение социально-политических терминов не имеет долгой и счастливой истории. Пока никто не взял на себя инициативу изучить социально-политические термины в отдельной работе. Статья подготовлена на необходимом уровне, что свидетельствует об умелом использовании автором научной литературы и общественно-политических терминов обоих языков. В заключение исследователи показывают, как формировались и развивались новые общественно-политические термины в таджикском и английском языках.

**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА:** социально-политические термины, сравнительно-типологическое исследование, формирование и развитие терминов, важные аспекты политических терминов.

**THE PROCESS OF FORMATION AND DEVELOPMENT OF NEW SOCIAL AND POLITICAL TERMS IN TAJIK AND ENGLISH LANGUAGES**

This article is devoted to one of the most important and interesting topics of socio-political terminology in modern Tajik and English languages. In Tajik linguistics, the comparative study of socio-political terms does not have a long and blessed history. So far no one has taken the initiative to study socio-political terms in a separate work. This article has been prepared to the required level, which shows that the author has skillfully used the scientific literature and socio-political terms of both languages. In conclusion, researchers show, how new socio-political terms in the Tajik and English languages were formed and developed.

**KEYWORDS:** socio-political terms, comparative-typological research, formation and development of terms, important aspects of political terms.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Абдурахмоновна Омина Собирҷоновна*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, магистранти курси дуюми факултети забонҳои Осиё ва Аврупо. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **(+992)905400034**. E-mail:**-bakhakhush@mail.ru.**

**Сведения об авторе:** ***Абдурахмоновна Омина Собирджоновна*** - Таджикский национальный университет, магистрант второго курса факультета языков Азии и Европы. **Адрес**:734025, Республика Таджикистан г. Душанбе проспект Рудакї 17. Телефон: **(+992)933988045**. E-mail: **-bakhakhush @ mail.ru.**

**Information about the author:** ***Abdurahmonova Omina Sobirjonovna***. - Tajik National University, second-year master`s student of Faculty of Asian and European languages. Address: 734025, Republic of Tajikistan Dushanbe Rudaki Avenue 17. Phone: **(+992)933988045.** E-mail: **-bakhakhush @ mail.ru.**

# ҶАҲОН РӮ БА РӮЙИ МУШКИЛОТИ ГЛОБАЛӢ (ДАР МИСОЛИ ҚАЗИЯИ АФҒОНИСТОН)

***Шарифова П.А.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Ҷумҳурии Исломии Афғонистон дар қисми ҷанубу ғарбии Осиёи Марказӣ ҷой гирифта, дар самти шимол бо Туркманистон ва ҷумҳуриҳои Ӯзбекистону Тоҷикистон, дар ғарб бо Ҷумҳурии Исломии Эрон, дар ҷануб бо Ҷумҳурии Исломии Покистон ва Ҳиндустон, дар шимолу шарқ бо Ҷумҳурии Мардумии Чин ҳамсарҳад мебошад. Дарозии

умумии ҳудуди сарҳад 5529 км аст. Пойтахти Афғонистон шаҳри Кобул мебошад. Афғонистон мамлакати сермиллат буда, дар он беш аз 20 миллату халқият зиндагӣ мекунанд.

Бухрони Афғонистон аз масъалаҳои печидаи замони муосир буда, дар саросари олам барои дарку баррасӣ ва ҷустуҷӯйи роҳҳои ҳалли он ҳамасола даҳҳо нишасту мулоқот ва маҳфилу конфронс баргузор мешаванд. Яке аз сабабҳои асосии сар задани буҳрон дар Афғонистон мавқеи геостратегии он ва рақобати кишварҳои абарқудрат барои таъмини манфиатҳои хеш дар минтақаи Осиё тавассути ҳудуди ин кишвар ба шумор меравад.

Мавриди зикр аст, ки имрӯзҳо масъалаи эҳтимолияти хатари ноамнӣ ба минтақа аз вазъи сиёсии тезутунди Афғонистон ҷой дорад. Дар маҷмуъ, он яке аз маъалаҳои муҳимми печидаи нигаронкунанда буда, дар сархати хабару гузориши расонаҳои ҷаҳон ва ҳамоишҳои байналмилалӣ қарор дорад. Масъалаи бухрони Афғонистон бисёр печида ва васеътар аз ҳудуди ҷуғрофииии Афғонистон мебошад, ки дар асл он ҷо бархӯрди манфиатҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, идеологии амниятӣ ва қавмии баъзе қудратҳои минтақавию байналмилалӣ ва созмонҳои байналмилалӣ дар ҷараён аст. Буҳрони Афғонистонро метавон яке аз мушкилоти глобалӣ номид.

Дар зери мафҳуми "мушкилоти глобалӣ" ҷиҳатҳои мубрами ҳаётии одамон фаҳмида мешавад, ки кулли аҳолии курраи заминро фаро мегирад: ҳолати экологӣ, нигоҳ доштани сулҳ, аз байн бурдани бемориҳои хавфнок, таъмини аҳолии курраи замин бо озуқа, ба танзим даровардани таваллуди кӯдакон, аз байн бурдани ақибмонии минтақаҳо, таъмини захираҳо, хушкшавии баҳрҳои ҷаҳонӣ, истифода кардани фазои кайҳонӣ, нигоҳ доштани маданияти умумиҷаҳонӣ ва анаъанаҳои ахлоқии инсоният ва дигар масоили шабеҳ ба ин. Аксари масъалаҳои глобалӣ, ба монанди масъалаҳои ҷанг ва сулҳ, гуруснагӣ, бемориҳои оммавӣ, ҷиҳатҳои фарққунандаи инкишофи баъзе мамлакатҳо ва минтақаҳои сайёра решаи чуқури таърихӣ доранд.

Вазъи Афғонистон низ дар ҳоли ҳозир ба шумули масъалаҳои глобалӣ дохил мешавад ва аҳволи кунунии он кулли ҷомеаи ҷаҳонро нигарон кардааст. Барои собити ин гуфтаҳо инъикос ва баррасии вазъи ҳозираи Афғонистонро дар саҳифаҳои матбуоти Тоҷикистон, бавижа ҳафтаномаи хусусии "Тоҷикистон" ва рӯзномаи "Имрӯз News" дида мебароем. Дар ин ду нашрия вазъият, аслан, тавассути хабар, гузориш мақола ва мусоҳиба инъикосу баррасӣ гардидааст. Муҳимтарин василаи инъикос - хабар ва воситаи баррасӣ мақолаҳои таҳлилӣ мебошанд. Барои мисол якчанд хабари нашрияҳои болозикрро таҳлил менамоем.

Ҳодисаҳое, ки дар соли 2021 дар Афғонистон ба вуқуъ пайвастанд, нишон доданд, ки ин қазия, дақиқтараш фоҷеаи миллӣ ва минтақавӣ низ аз доираи маҳдуди худ берун рафта, ба як навъ мушкилоти глобалии сол табдил ёфт. Ин равандро доктори илми фалсафа, профессор Зиёӣ Хуршед Махшулзода дар якчанд омили асосӣ муайян намудааст:

"1. Аз қаламрави Афғонистон берун шудани неруҳои ҳарбии эътилофи кишварҳои ғарбӣ ва бе назорати зарурӣ боқӣ мондани аслиҳа ва муҳиммоти сершумори муосири ҷангӣ;

2. Иҷро нагардидани шартҳои асосии созишномаҳои имзошуда байни тарафҳои даргир оид ба ташкили идоракунии фарогири давлат;

3. Сар задани мушкилоти гуманитарӣ, махсусан гендерӣ дар Афғонистон ва зиёдшавии шумораи гурезаҳо ва муҳоҷирон аз ин кишвар;

4. Бо таърихи ҷиддӣ ба қазияи Афғонистон таваҷҷуҳ намудани давлатҳои тавонманди олам ва созмонҳои байналмилалии дахлдор ва ғайра" [3:6].

Мутаассифона, вазъи кунунӣ дар Афғонистон то ҳол имкон намедиҳад, ки раванди ҳалли ин мушкилот идорашаванда ё пешгӯишаванда ҳисобида шавад. Аз ин рӯ, низоъ ва даргириҳо дар қолабҳои гуногун идома доранд. Гуфтан бамаврид аст, ки даргириҳои давлати ҳамсоякишвар, на танҳо ба мардуми он, балки ба тамоми минтақа зарари худро мерасонад, аз ҷумла Тоҷикистон.

Санаи 22-23-юми феврали соли 2023 дар рӯзномаи "Имрӯз News" маводе бо номи "Афғонистон-бомбаи дар ҳоли таркиш" интишор гардид. Матлаби мазкур аз ҷониби таҳлилгари сиёсӣ У. Сайдалиев ба табъ расидааст. Номбурда масъалаҳои роҷеъ ба Афғонистони имрӯзаро, ки таҳти ҳукумати толибӣ қарор дорад, таҳлил намуда, қайд кардааст, ки "айни ҳол вазъияти Афғонистон ғайриоддӣ ва нигаронкунанда аст" [4:8].

Бояд қайд кард, ки дар ҳукумати Толибон масъалаи поймолшавии ҳуқуқи занон бисёр ба назар мерасад. Дар санаи 3 марти соли 2023 дар рӯзномаи "Имрӯз News" матлабе бознашр гардидааст, ки аз шурӯи инқилоби занон дар Кобул дарак медиҳад. Дар матлаби мазкур омадааст, ки аа гузориши хабаргузории Афғонистон, Khaama Press, як гурӯҳ аз занони афғон рӯзи шанбеи 25 феврал аз оғози инқилоби занон дар Кобул хабар доданд, ки ҳадафаш мубориза барои ҳуқуқҳои одии башар ва занон дар Афғонистон аст. Ба гуфтаи яке аз созмондиҳандагон Дони Сафӣ, ҳадафи ин ҷунбиш "ҳимояи ҳуқуқҳои бунёдии шаҳрвандон, бахусус занон аст, зеро дастрасӣ ба ҳуқуқҳои бунёдӣ як талаботи ҷиддӣ барои шаҳрвандон аст". "Мо ин маъракаро барои мубориза бо беадолатӣ ва нобаробарӣ алайҳи занон оғоз кардем",- гуфт ӯ ба телевизиони Аму [2:7].

Аз замони дубора ба қудрат расидани Толибон дар Афғонистон дар соли 2021, бо ташаббуси раҳбарияти Толибон, духтарон ва занони афғон аз дастрасӣ ба мактаб, кор ва ҷойҳои ҷамъиятӣ маҳрум шудаанд.

Қобили зикр аст, ки баъди ба қудрат расидани Толибон дар Афғонистон кишту истеҳсоли афюн дар ин кишвар ба маротиб афзудааст. Санаи 2 – юми ноябри соли 2022 ҳафтаномаи "Тоҷикистон" хабареро таҳти унвони "Афғонистон ба балои нав печид" нашр кард. Дар хабар гуфта мешавад, ки дар Афғонистон афзоиши бошиддати маводи мухаддир сабт шуда, даромад аз кишти он қариб се баробар зиёд шудааст. "Ба гузориши Идораи мубориза бо маводи мухаддир ва ҷиноёти СММ, дар ин замон парвариши афюн дар Афғонистон нисбат ба соли гузашта 32% афзуда, ба 233 ҳазор гектар расидааст. Ба гуфтаи ин дафтар, даромади кишоварзони афғон аз фурӯши ин мавод аз 425 миллион доллар дар соли 2021 то ба 1,4 миллиард доллар дар соли 2022 афзоиш ёфтааст" [1:4].

Имрӯз, ки ҷомеаи ҷаҳон дар баҳри пурталотуми раванди ҷаҳонишавӣ ғарқ мебошад, нақши журналистика хеле муассир ба чашм мерасад. Равандҳои сиёсии ҷаҳони муосир торафт мураккаб ва печида гардида, ба вазъи сиёсии минтақа ва кишварҳо таъсири худро мерасонад. Афғонистони ҳамсоякишвар муддати 40 сол мешавад, ки дар гирдоби низову ноамниҳо гирифтор аст. Дар ин муддат муноқишаҳои дохилӣ ва дахолати берунӣ бухронро амиқтар намудааст. Хориҷ шудани нерӯҳои Амрико ва ба қудрат расидани "Толибон", нобоварии ҷомеаи байналмилалӣ ба ҳукуматдории "Толибон" ва ҷорӣ намудани таҳримҳо вазъи иҷтимоӣ-иқтисодии мардуми мазлуми Афғонистонро мушкил намуда, метавонад дар ояндаи наздик гуруснагии сартосариро дар ин кишвар ба вуҷуд орад. Чунон ки дар рафти пажӯҳиш ва таҳлили матлабҳо дидем, аҳволи Афғонистон имрӯз барои ҳама сокинони сайёра нигаронкунанда арзёбӣ мегардад. Гурӯҳу созмонҳои террористие, ки дар дохили кишвар фаъолият доранд, пайваста куштору таркиш ва ҳамлаҳои хунин ба идораҳои давлатиро ташкил менамоянд.

Бо дарназардошти аҳаммияти қазия ВАО-и кишвари мо низ ин масъаларо пайгирӣ ва баррасӣ намуданд, ки он дар шакл ва қолабҳои гуногуни жанри журналистӣ пешниҳоди хонандагон гардидааст. Дар умум, жанр дар журналистика қолабест, ки нигоштаҳои рӯзномагиро ба шакл медаророрад. Таносуби мавзӯъ, мундариҷа ва шаклро ба ҳам оварда, ба матни эҷодшуда симо мебахшад. Маҳорати журналист ва касбияти ӯ дар риояи мавзуъ, мазмун ва шакл, яъне риояи мутаносибияти мазмуни пешниҳодкунандааш бо қолаби ҳамон мазмунро ифодакардааш зоҳир мегардад. Аз ин рӯ, ҳама матлабҳои нашрия дар шакли жанрҳои гуногун рӯйи чоп омадаанд. Миёни жанрҳои публитсистӣ табсира, мақола ва хабар бештар мавқеъ дорад, яъне аксари маводи ба хонанда пешниҳодшуда, дар шакли шарҳу тавзеҳ ва хабару мақола оварда шудаанд. Шарҳҳо бештар аз тарафи кормандон ва коршиносону мутахассисони соҳаанд. Дар нигоштаҳо ҷузъҳои ҳунарӣ бисёр хуб ба назар мерасанд, ки он аз дониши амиқи муаллифон дар бораи паҳлуҳои масъалаи интихобшуда гувоҳӣ медиҳад.

Дар таҳлили мавзуъҳои ҳафтаномаи "Тоҷикистон" ба хулосае омадем, ки нашрия бештар аз жанри хабар дар инъикоси вазъи Афғонистон истифода мекунад ва қисмати зиёди онҳо аз манбаъҳои ВАО-и хориҷӣ гирифта шудаанд. Маводи таҳлилӣ - тавзеҳотӣ дар ҳафтанома мавқеи дувумдараҷаро касб намудаанд.

Рӯзномаи Имрӯз News дар самти инъикоси вазъи Афғонистон пайваста матлабу андешаҳои гуногуни коршиносону мутахассисонро ба табъ расонидааст, ки барои хонанда даричаи наверо баҳри бештар огаҳ гаштан аз қазия мекушояд.

Дар умум, бояд қайд кард, ки нашрияҳои “Тоҷикистон” ва Имрӯз News, ки инъикосгари рӯйдоду воқеаҳои баамаломадаи кишвар, минтақа ва ҷаҳон ба шумор мераванд, дар баробари дигар ВАО бо хабару гузориш ва мақолаву таҳлилҳои пайвастаи худ моро сари вақт аз ҳолати имрӯзаи Афғонистон огоҳ месозанд.

**АДАБИЁТ**


1) Журналистика ва масъалаҳои низоми нави ҷаҳон (маҷмӯи мақолаҳо). – Душанбе, 2004.
2) Зокиров Г. Сиёсатшиносӣ / Г. Зокиров. – Душанбе, 2011.
3) Зокиров Г. Геополитика / Г. Зокиров. – Душанбе, 2009.
4) Усмонов И. Журналистика, қисми 1 / И.Усмонов. – Душанбе, 2011.
5) 15)Усмонов И. Журналистика, қисми 4 / – И. Усмонов. – Душанбе, 2011.
6) Ҷовид М. Мавқеъгирии журналистони Тоҷикистон дар инъикоси масоили байналхалқӣ/М.Ҷовид//Журналистикаи байналхалқӣ II. (Маҷмӯаи мақолаҳо). – Душанбе, 2009.
7) Шарифов А. Масоили мубрами шарқи муосир / А. Шарифов. – Душанбе, 2016.
8) Афғонистон ба балои нав печид //Тоҷикистон . – 2022. –2 ноябр. – №44(1503).
9) Занони афғон дар Кобул ба инқилоби занон шурӯъ карданд// Имрӯз news. – 2023. –3 март. – №30(2619).
10) Махшулзода З.Х. Инсоният дар рӯ ба рӯи мушкилоти глобалӣ ва ҷустуҷӯи роҳи ҳалли онҳо/ З. Махшулзода // Имрӯз news. – 2021. –9 декабр. – №166(2386).
11) Сайдалиев У. Афғонистон – бомбаи дар ҳоли таркиш / Сайдалиев У. // Имрӯз news. – 2023. –22-23 феврал. – №25-26(2614-2615).


**ҶАҲОН РӮ БА РӮИ МУШКИЛОТИ ГЛОБАЛӢ (ДАР МИСОЛИ ҚАЗИЯИ АФҒОНИСТОН)**


Дар ҷаҳони муосир инсоният дар рӯ ба рӯйи мушкилоти глобалие қарор дорад, ки ба ҳама давлатҳо ва сокинони онҳо таъсири бевосита мерасонанд. Мушкилоти глобалӣ масъалаҳое мебошанд, ки тамоми ҷаҳонро фаро мегиранд ва дар дохили давлатҳои алоҳида ҳал нашавандаанд. Вазъи Афғонистон низ дар ҳоли ҳозир ба шумули масъалаҳои глобалӣ дохил мешавад ва аҳволи кунунии он кулли ҷомеаи ҷаҳонро нигарон кардааст. Барои собити ин гуфтаҳо инъикос ва баррасии вазъи ҳозираи Афғонистонро дар саҳифаҳои матбуоти Тоҷикистон, ба вижа ҳафтаномаи хусусии “Тоҷикистон” ва рӯзномаи “Имрӯз News” дида баромадем.



**КАЛИДВОЖАҲО:** мушкилоти глобалӣ, Афғонистон, толибон, терроризм, ноамнӣ, маводи мухаддир, ҳуқуқи занон, ҷомеаи ҷаҳонӣ, таҳлил, жанр.


**ГЛОБАЛЬНЫЕ ВЫЗОВЫ СОВРЕМЕННОМУ МИРУ (НА ПРИМЕРЕ АФГАНИСТАНА)**


В современном мире человечество сталкивается с глобальными проблемами, которые непосредственно оказывают влияние целым государств и их население. Глобальные проблемы охватывают вес мир и невозможно их решить внутри отдельно взятого государства. Проблема Афганистана также является глобальной, в связи с чем она вызывает обеспокоенность всего человечества. В доказательство вышесказанному мы рассмотрели материалы, посвященные проблематики Афганистана на страницах честных изданий «Тоҷикистон» и «Имрӯз News».



**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА:** Глобальные проблемы, Афганистан, Талибан, терроризм, наркотические вещества, права женщин, мировое сообщество, анализ, жанр.


**THE WORLD IS FACING GLOBAL PROBLEMS (IN THE CASE OF AFGHANISTAN)**


In the modern world, humanity is facing global problems that have a direct impact on all countries and their residents. Global problems are issues that cover the whole world and cannot be solved within individual countries. The situation in Afghanistan is currently included in global issues, and its current situation worries the entire world community. In order to prove these statements, we reviewed the coverage and review of the current situation in Afghanistan in the pages of the Tajik press, in particular, the private weekly newspaper "Tajikiston" and the newspaper "Imruz News".



**KEYWORDS:** Global problems, Afghanistan, Taliban, terrorism, insecurity, drugs, women's rights, world community, analysis, genre.



**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Шарифова Парвона Акрамовна*** **–** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, магистранти курси дуюми факултети журналистика. **Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **(+992) 111173700**. E-mail: **parvona.sharifova@inbox.ru**

**Сведения об авторе:** ***Шарифова Парвона Акрамовна*** – Таджикский национальный университет, магистрант второго курса факультета журналистики. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: **(+992) 111173900.** E-mail: **parvona.sharifova@inbox.ru**

**Information about the author:** ***Sharifova Parvona Akramovna***– Tajik National University, second-year master`s student of Faculty of Journalism. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. Phone: **(+992) 111173900.** E-mail: **parvona.sharifova@inbox.ru**

# ИҚТИСОД – ЭКОНОМИКА

## МАФҲУМ, МОҲИЯТ ВА МУНДАРИҶАИ ИҚТИСОДИИ АУТСОРСИНГ

***Алимов А.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Аз нигоҳи иқтисодӣ аутсорсинг як василаест, ки ба мо имкон медиҳад то самаранок тақсим кардани захираҳои дохилӣ, берунӣ ва инчунин маблағҳои корхонаро барои ҳалли бомуваффақияти ҳадафҳо ва вазифаҳои тиҷоратӣ дар шароити номуайянии муҳити фаъолият омӯзем.

Умуман, агар таҳаввулоти назариявиро ҷамъбаст кунем, мафҳуми истилоҳи аутсорсингро ҳамчун як роҳи ташкили тиҷорат метавон баррасӣ кард, ки гузариш ба функсияи тиҷорати шахсони сеюм, ки қаблан дар доираи корхонаи фармоишгар иҷро карда мешавад, дар бар мегирад. Дар асоси ин тавсиф, бояд равшан кард, ки чӣ гуна аутсорсинг аз дигар намудҳои муносибатҳои байни пудратчиён фарқ мекунад:

1. Вазифаи тиҷоратие, ки ба ҷониби контрагенти берунӣ (дохилӣ дар вақти инсорсинг) дода мешавад, бояд ба мизоҷони корхона тааллуқ дошта бошад. Яъне, агар корхонаи фармоишгар оид ба ҷалби аутсорсинг қарор қабул накунад, он гоҳ худ функсияи баррасишавандаро иҷро мекунад. Масалан, ба корхона хизматрасонии ҳуқуқӣ метавонад аз ҷониби зерсохтори худ (бахши дигари тиҷоратӣ) ё аз ҷониби корхонаи сеюм расонида шавад. Инчунин, баҳисобгирии муҳосибӣ метавонад аз тарафи худи корхона ё шояд ба аутсорсинг гузаронида шавад. Ҳарду вазифа тибқи қонунгузории амалкунанда ба фармоишгар тааллуқ дорад. Аз ин рӯ, агар ташкилоти дигар дар пешбурди хизматрасонии ҳуқуқӣ ва баҳисобгирӣ ҷалб шуда бошад, бо он муносибатҳои шартномавӣ аутсорсинг барқарор мекунад. Дар ин вақт, бояд қайд кард, ки кадом шартнома байни корхона - фармоишгар ва аутсорсер баста мешавад, аҳаммияти аввалиндараҷа надорад. Дар ин ҳолат, принсипи бартарияти мундариҷаи иқтисодӣ нисбат ба шакли ҳуқуқӣ татбиқ карда мешавад. Масалан, агар корхонаи фармоишгар дастгоҳҳо истеҳсол кунад ва мурватҳое, ки бо онҳо мошинаҳоро васл мекунад ба ӯ фоидае наорад, вай истеҳсоли онро ба як корхонаи дигар метавонад тибқи тахассусаш ба шартнома аутсорсинг диҳад. Вале аз муносибати онҳо аутсорисинг камтар нахоҳад шуд, зеро ки ҳадафи ниҳоии истеҳсоли мошин - дар дасти корхонаи фармоишгар хоҳад буд. Аутсорсинг ин усули ташкили тиҷорат аст ва танҳо дар навбати дуввум, агар он панҷум набошад, шакли муносибатҳои шартномавӣ мебошад. Дар асоси ин, муҳим аст, ки худи корхона бидонад, ки кадом намуди шартнома баста шудааст - шартномае, ки моҳияти иқтисодии он шартнома аст, яъне кореро пардохт кунад, ки таҳти назорати фармоишгар кор мекунад ё шартномае, ки аслан аутсорсинг дорад, ба контрагент оид ба функсияи тиҷоратиаш мегузарад.

Бо назардошти гуфтаҳои дар боло зикршуда, бояд қайд кард, ки аутсорсинг, ба ақидаи аксари коршиносон, як шакли хизматрасонӣ мебошад. Аз ин рӯ мафҳуми "хизмати аутсорсингӣ" ё "хизмати аутсорсинг" ба миён меояд. Инчунин иҷрои шартнома, масалан, як шакли кор аст. Аз ин рӯ, бояд муайян карда шавад, ки дар байни кор ва хизматрасонӣ фарқият ҳаст ё не.

Корҳо - як намуди фаъолиятҳоест, ки дар он иҷрои худи кор натиҷаи асосии фаъолият ба ҳисоб меравад ва вобаста аз ҳаҷми кор ва давомнокии иҷрои он пардохт карда мешавад.

Хизматҳо - як намуди фаъолият, корҳое мебошанд, ки дар давоми он онҳо маҳсулоти нави моддӣ-маводии қаблан мавҷуднабуда эҷод мешаванд, аммо сифати маҳсулоти мавҷудаи эҷодшуда тағйир меёбад. Ин манфиатҳо на дар шакли ашё пешкаш мешаванд, балки дар шакли фаъолият мебошанд. Ҳамин тавр, худи хизматрасонӣ натиҷаи дилхоҳро ба вуҷуд меорад.

Бояд қайд кард, ки мафҳуми "аутсорсинг" бояд бо истилоҳи дигари маълум - зерпудратчӣ иваз карда нашавад. Тафовут дар он аст, ки ҳангоми аутсорсинги корхона - фармоишгар аутсорсингро ба идоракунии лоиҳа пурра вогузор мекунад ва танҳо натиҷаи ниҳоиро ба даст меорад, зерпудратчӣ - фармоишгар на танҳо натиҷаро мегирад, балки тамоми корҳои иҷрокунандаро мустақилона идора мекунад. Яъне, ҳангоми аутсорсинг, хатарҳои лоиҳа аз ҷониби аутсорсер ба дӯш гирифта мешаванд ва ҳангоми субконтрактинг, корҳои фаръии қарордод дар байни пудратчӣ ва фармоишгар тақсим карда мешаванд. Ихтилофи мафҳумҳо ба иваз шудани моҳияти ҳизматрасониҳо оварда мерасонад ва дар натиҷа аз ҷониби корхона - фармоишгар шартномаи хатарнок бо иҷрокунандаи хизматҳо ба имзо расонида мешавад.

Бо вуҷуди ин, мафҳумҳое мавҷуданд, ки ба аутсорсинг наздиканд: ауттаскинг - интиқол додани вазифаҳои алоҳидаи созмон ба корхонаи беруна, ва аутплейсмент - хориҷ кардани кормандон берун аз корхонаи - фармоишгар (ин истилоҳ метавонад ҳама маъниҳоро дошта бошад, ҳатто то аз кор озод кардан).

Дар замони ҳозира ду намуди асосии дастрас намудани хизматҳои аутсорсинг мавҷуд мебошад:

• аутсорсинги дискретӣ, вақте рӯй медиҳад, ки корҳои иҷрокунандагони таъминкунандаи берунаро дар доираи лоиҳа барои хизматҳои якдафъаина ҷалб мекунад ва нияти истифодаи онро баъди ба итмом расидани кор дар доираи ин лоиҳа надорад. Бояд қайд кард, ки ин истилоҳ ба мафҳуми шартномаи пудратӣ наздиктар аст ва дар ҷомеаи соҳибкории ватанӣ бештар маъмул аст. Дар ин ҷо, ба фикри мо, нақши муҳимро ҷузъи равонӣ мебозад. Соҳибкорон боэҳтиёткорона корхонаҳои сеюмро ба равандҳои тиҷории худ пайваста ҷалб кунанд, зеро ин гуна иштирок дастрасӣ ба иттилооти махфиро ба таври автоматикӣ дар назар дорад, ки дар марҳилаи кунунии рушди тиҷорат барои бисёриҳо хатарнок ва нооқилона менамояд. Сарфи назар аз имкони бастани шартномаҳои махфӣ дар баробари созишномаи аутсорсинг ё ворид кардани бандҳои дахлдор ба матни созишнома корхонаҳо боварӣ доранд, ки бастани шартномаҳои меҳнатӣ бо шумораи кофии мутахассисон бехатартар аст. Аслан, ин рафтор то андозае аз нуқтаи назари имконияти назорати мутахассисон асоснок мебошад. Коргароне, ки маош мегиранд, аз корхонаи - фармоишгар бештар вообастагӣ доранд, на аз корхонаи беруна.

Ба ҳар ҳол, "маҷрои махфият" на танҳо дар соҳаи хизматрасонии аутсорсинг ба қайд гирифта мешавад, балки дар консалтинг низ назаррас аст. Ба саволҳои худ аз мушовирон дар ҳоле метавонед посух гиред, ки агар Шумо аввалан ба мутахассисон дар бораи фаъолияти хоҷагидориатон маълумот диҳед. Дар назар посухе дошта мешавад, ки Шумо онро метавонед истифода баред, на ҷавоби назариявӣ. Бо вуҷуди ин, бисёр корхонаҳо дар атрофи равандҳои тиҷорати худ ин қадар "ваҳм" эҷод мекунанд, ки дар аввал мушовирон вақти зиёдеро барои ёфтани "чистон" сарф кунанд ва танҳо баъд аз ин метавонанд ба кор шуруъ кунанд. Лутфан таваҷҷуҳ намоед, ки фармоишгар тибқи шартномаи иттилоотӣ ва хизматрасониҳои машваратӣ, соатҳои кории иҷрокунандаро пардохт мекунад. Бинобар ин, қарордоде бо шартҳои хуб навишташуда, ки махфиятро таъмин мекунанд, зудтар, осонтар ва арзонтар мебошад.

Худи аутсорсинг - вақте ки корхона - фармоишгар равандҳои соҳибкории ғайрисоҳавиро ба идоракунии корхонаи дигар вогузор мекунад ва кӯшишҳои худро ба фаъолияти асосӣ равона мекунад. Аммо, бояд қайд кард, ки вақтҳои охир дар натиҷаи таҳияи схемаҳои шабакавии ташкилотии тиҷорат, ин мафҳум тавсия ёфт. Ҳоло ба хизматрасониҳои берунӣ на танҳо хизматрасонӣ ба равандҳои соҳибкорӣ, балки функсияҳои соҳавии корхонаро ба идоракунии берунӣ медиҳанд, масалан, рушди корхона ё ташкили як раванди дигари тиҷоратро ба зиммаи худ гузоранд, ки қаблан аз ҷониби ин корхона истифода намешуд. Ин тарзи ташкили тиҷорат низ ном гирифт.

*Аутсорсинг аз рӯйи ҳудудиятҳои технологӣ (аутсорсинги истеҳсолӣ).* Тафовути асосии байни ин усули ташкили соҳибкорӣ ва усули истифодаи аутсорсинги дискретӣ дар ҳаҷми функсияҳои соҳибкорӣ интиқол мешуда (равандҳои бизнес) мебошад. Аутсорсинги дискретӣ аслан аз як кори яккарата иборат аст, моҳиятан худи аутсорсинг ҳамкориҳои дарозмуддатро дарбар мегирад. Масалан, навиштани барнома ва интиқоли он ба

фармоишгар, дар шароити муайяни дар боло тавсифшуда аутсорсинги дискретӣ, вале навиштан ва хизматрасонии минбаъдаи ин барнома худ аутсорсинг мебошад.


**АДАБИЁТ**

1 Абчук, В.А. Риски в бизнесе, менеджменте и маркетинге / В.А. Абчук. (/116.: Изд-во Михайлова В.А., 2006. 476 с.
2 Аверченков, В.И. Инновационный менеджмент: учебное пособие / В.И. Аверченков. М.: Флинта: МПСИ, 2008. - 280 с.
3 Аксенов, Е. Аутсорсинг: 10 заповедей и 21 инструмент / Е. Аксенов, И. Альтшулер. Москва: Питер, 2009. - 464 с.
4 Актуальные вопросы бухгалтерского аутсорсинга. -http://www.outsort.ru/category/autsorsing-za-i-protiv.html. Дата просмотра 20 ноября 2011 г.
5 Альгин, А.П. Риск в предпринимательстве / А.П. Альгин. СПб, 1992. -215 с.



**МАФҲУМ, МОҲИЯТ ВА МУНДАРИҶАИ ИҚТИСОДИИ АУТСОРСИНГ**

Мақолаи мазкур ба мавзуи мафҳум, моҳият ва мундариҷаи иқтисодии аутсорсинг бахшида шудааст. Муаллиф қайд кардааст, ки аз нигоҳи иктисодӣ аутсорсинг як василаест, ки ба мо имкон медиҳад то самаранок тақсим кардани захираҳои дохилӣ, берунӣ ва инчунин маблағҳои корхонаро барои ҳалли бомуваффақияти ҳадафҳо ва вазифаҳои тиҷоратӣ дар шароити номуайянии муҳити фаъолият омӯзем.



**КАЛИДВОЖАҲО**: аутсорсинг, васила, захираи дохилӣ, иқтисодӣ, тиҷоратӣ.



**ЗНАЧЕНИЕ, СУЩНОСТЬ И ЭКОНОМИЧЕСКОЕ СОДЕРЖАНИЕ АУТСОРСИНГА**

Данная статья посвящена понятию, сущности и экономическому содержанию аутсорсинга. Автор отметил, что с экономической точки зрения аутсорсинг представляет собой инструмент, позволяющий научиться эффективно распределять внутренние и внешние ресурсы, а также средства компании, успешно решать бизнес-цели и задачи в условиях неопределенности операционной среды.



**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА:** аутсорсинг, ресурс, внутренний ресурс, экономический, коммерческий.



**SIGNIFICANCE, ESSENCE AND ECONOMIC CONTENT OF OUTSOURCING**

This article is devoted to the concept, essence and economic content of outsourcing. The author noted that from an economic point of view, outsourcing is a tool that allows you to learn how to effectively distribute internal and external resources, as well as company funds, successfully solve business goals and objectives in an uncertain operating environment.



**KEYWORDS:** outsourcing, resource, internal resource, economic, commercial.



**Маълумот дар бораи муаллиф**: ***Алимов Амирҷон*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, магистранти курси дуюми факултети баҳисобгирӣ ва иқтисоди рақамӣ. **Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17.

**Сведения об авторе:** ***Алимов Амиржон*** **–** Таджикский национальный университет, магистрант 2 курса факультета учета и цифровой экономики**. Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 17.

**Information about the author:** ***Alimov Amirjon*** **-** Tajik National University, 2-nd year master`s student of the Faculty of Accounting and Digital Economy. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17.


## НИЗОМИ БУҶЕТӢ ВА МАВҚЕИ ОН ДАР НИЗОМИ МОЛИЯВИИ МАМЛАКАТ


***Раҳимова Л.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**


Низоми буҷетӣ яке аз ниҳоди асосии низоми молиявӣ ба ҳисоб меравад. Дар тули ҳазорсолаҳои мавҷудияти давлат захираҳои молиявие, ки ба низоми буҷет ворид мегарданд, мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва маҳаллиро бо иҷрои вазифаҳои ба зимаашон буда таъмин месозанд. Буҷет ин оинаи давлат, инъикоскунандаи ҳолати иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва сиёсӣ мебошад.

Ташкили буҷети давлатӣ ва низоми буҷетии байни зинаҳои ба ҳам алоқаманд, асосҳои ҳуқуқии вазифаронии буҷетҳо, ки ба низоми буҷетӣ мансуб мебошанд, сохтор ва таркиби буҷетҳо, тартиби ташаккул ва истифодаи маблағҳои буҷетиро дастгоҳи буҷетӣ муайян менамояд. Дар баъзе адабиёт дастгоҳи буҷетӣ ҳамчун сохти буҷетӣ низ маънидод шудааст.

Қисми таркибии дастгоҳи буҷетиро низоми буҷетӣ ташкил медиҳад. Дастгоҳи буҷетӣ принсипҳои ташкилии сохтани низоми буҷет, сохтори он, муносибати буҷетҳои ба он алоқаманд мебошад. Дастгоҳи буҷетиро дастгоҳи давлатӣ муайян мекунад.

Қисми асосии дастгоҳи буҷетии Ҷумҳурии Тоҷикистонро ғайр аз принсипҳои низоми буҷетӣ ва таснифи буҷетӣ, инчунин низоми буҷетӣ ташкил менамояд.

Низоми буҷетӣ звенои асосии низоми молиявии давлат ва қисми муҳимми дастгоҳи буҷетӣ ба шумор меравад.

Низоми буҷети давлатӣ - маҷмуи буҷетҳои давлат, мақомоти маъмурӣ - ҳудудӣ, муассисаҳои давлатӣ ва инчунин фондҳое, ки дар муносибатҳои буҷетӣ мустақил мебошанд, ба ҳисоб мераванд.

Дар давлатҳои унитарӣ низоми буҷети давлатӣ аз ду зина иборат мебошад: буҷети ҷумҳуриявӣ ва буҷетҳои маҳаллӣ. Дар давлатҳои федералӣ - се сатҳ: буҷети федералӣ, буҷетҳои аъзои федератсия ва буҷетҳои маҳаллӣ.

Низоми буҷет маҷмуи буҷетҳои давлат, воҳидҳои маъмурию ҳудудӣ, муассисаҳо ва фондҳои мустақили буҷетӣ мебошад, ки ба муносибатҳои иқтисодӣ, сохтори давлатӣ ва меъёрҳои ҳуқуқӣ асос ёфтааст. Асоси сохтори буҷетро шакли идоракунии давлат, санадҳои асосии қонунгузории амалкунанда, нақши буҷа дар таҷдиди иҷтимоӣ ва равандҳои иҷтимоӣ муайян мекунанд.

Ҳама давлатҳо дорои низомҳои мушаххаси (махсуси) буҷетӣ мебошанд, ки бо ташкили дигари ин низомҳо хосанд.

Асосҳои сохтори буҷети Ҷумҳурии Тоҷикистонро Конститутсияи кишвар ва сохтори давлатии онро ҳамчун ҷумҳурии ягона муайян мекунад.

Низоми буҷавии давраи ИҶШС ба се принсип асос ёфта буд: марказикунонии демократӣ, сиёсати миллӣ ва ваҳдат. Ҳар як буҷети тобеъ қисми ҷудонашавандаи буҷети воҳиди маъмурию ҳудудӣ буда, аз он вобастагии қатъӣ дошт. Бартарии марказикунонӣ дар он буд, ки маблағҳои асосии буҷа дар буҷаи Иттиҳод мутамарказ карда шуда буданд, дар ҳоле ки мақомоти ҷумҳуриявӣ ва маҳаллӣ ба ҳуқуқҳои онҳо маҳдудиятҳои назаррас доштанд ва дар масъалаҳои андозбандӣ, тақсимот ва истифодаи маблағҳои буҷавии худ мустақил набуданд.

Бо пошхурии ИҶШС тағйироти принсипиалӣ дар низоми буҷетии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо шуруи гузаштан ба муносибати бозорӣ ба миён омад. Соли 2002 аввалин маротиба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи молияи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон” қабул карда шуд, ки ба таҳкими минбаъдаи идораи молияи давлатӣ шароити заруриро фароҳам овард.

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи молияи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон” соли 2011 аз нав қабул гардид, ки давраи нави ташаккули низоми буҷетии Ҷумҳурии Тоҷикистонро замина гузошт. Дар ҳуҷҷати мазкур мафҳумҳои асосӣ дар соҳаи буҷет оварда шуда, принсипҳои нави сохти буҷетии мамлакат муайян мегардад.

Мутобиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи молияи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон” низоми буҷетии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ду сатҳ иборат мебошад:




*Расми 1.* **Низоми буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Дар солҳои охир ислоҳоти молиявӣ дар марҳилаи нави густариши худ қарор гирифт. Шуруъ аз соли 2007 ба буҷети давлатӣ лоиҳаҳои инвеститсионӣ, қарзҳои давлатӣ, грантҳо ва маблағҳои махсуси ташкилотҳои буҷетӣ якҷоя карда шуда, ҳаҷми умумии буҷети давлатӣ сол аз сол рӯ ба зиёдшавӣ овард. Аз ин рӯ вазифаи хазинадорӣ ҳам дигаргун шуд. Зарурат ба миён омад, ки ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи хазинадорӣ" тағйироту илова ворид карда шаванд. Азбаски тағйироту иловаҳо зиёда аз 50 фоизи матни Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хазинадорӣ» - ро, ки дар соли 2001 қабул шуда буд, ташкил медоданд, 18 июни соли 2008 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи хазинадорӣ" дар таҳрири нав қабул карда шуд.

Сиёсати буҷетии мамлакат – қисми асосии таркибии сиёсати молиявии давлатӣ мебошад, чунки он шарт ва принсипҳои ташкили муносибатҳои молиявиро ҳангоми ташаккули даромади заминавии буҷетҳо, дар раванди амалисозии хароҷоти буҷетӣ, ҳангоми ташкили муносибатҳои байнибуҷетӣ муайян менамояд. Сиёсати буҷетӣ ба андозаи захираҳои марказонидашудаи молиявии давлатӣ таъсир мерасонад, на танҳо сохтори ҷории хароҷоти буҷетӣ, балки дурнамои истифодаи захираҳои буҷетиро барои рушди иқтисодиёт ва соҳаи иҷтимоӣ муайян менамояд. Асоси сиёсати буҷетиро самти стратегии сиёсати иқтисодӣ ва иҷтимоии давлат ташкил медиҳад. Таҳияи сиёсати буҷетии ба инкишоф сафарбаргардида дар ҷойи холӣ ба вуҷуд наомадааст ва аз нигоҳи таърихӣ роҳи на он кадар дуру дарозро тай кардааст. Дар муддати кутоҳтарин сохтори молиявию буҷетии амалкунанда ба куллӣ тағйир дода шуд, ки сатҳи самаранокии маблағгузории буҷетиро то ба дараҷаи назаррас баланд бардошт. Муносибатҳои буҷетии дар солҳои соҳибистиқлолӣ бамиёномада дар асоси муносибатҳои тақсимотию азнавтақсимотӣ фаъолияти хешро ба роҳ монда бошанд ҳам, вазифаи асосиашон ба бартараф кардани номутаносибии дар байни соҳаҳои истеҳсолию ғайриистеҳсолӣ, таркиби дохилии хар як соҳаи иқтисодиёт, ҳавзаҳои фаъолияти ҷамъиятӣ байни минтақаҳою ноҳияҳо ва сатҳҳои гуногуни идораи мақомоти давлатию ғайридавлатӣ аз як тараф нигаронида шуда бошад, аз тарафи дигар ба ҳалли проблемаҳои иҷтимоӣ, яъне кам кардани сатҳи камбизоатии зиёд ва дарёфти захираҳои зарурии молиявӣ дар асоси афзоиши самаранокии фаъолияти соҳаҳои иқтисодиёт мебошад.

Дар роҳи ҳалли масъалаҳои ҷойдошта на танҳо навҷорисозии соҳавиро истифода кардан зарур гардид, балки сатҳу самараи фаъолияти идораи мақомоти давлатиро аз як тараф ба талаботҳои стандартҳои байналхалқӣ ба мувофиқа овардан зарур гардида, аз тарафи дигар тарзу усули идораи молиявиро роҷеъ ба ташкил, тақсим ва самаранокона истифодабарии захираҳои молиявиро ба талаботи стандартҳо ба мувофиқа овардан ҳатмӣ гардид. Пеш аз ҳама бояд кайд намуд, ки хароҷоти буҷети давлатӣ ба иҷроиши вазифаҳои давлат вобаста мебошад. Бо ёрии тақсими хароҷоти буҷети давлатӣ муттаҳидшавии захираҳои молиявӣ ба амал бароварда мешавад, ки онро барои ҳалли вазифаҳои аввалиндараҷаи давлат ба монанди молиякунонии хароҷоти соҳаҳои маориф, тандурустӣ,

комплекси сузишворию энергетикӣ, таъмини молиявии уҳдадории иҷтимоии давлат истифода карда мешавад.

Самтҳои муҳимми хароҷоти буҷети давлатӣ дар давраҳои дуру наздик ба принсипҳои сиёсати иҷтимоӣ такя менамояд, ки сиёсати имрӯзаи хароҷоти буҷети давлатии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон низ ба сиёсати иҷтимоӣ равона карда шудааст, чунончи дар соли 2018 зиёда аз 50%-и хароҷоти буҷети давлатӣ ба соҳаи иҷтимоии мамлакат сафарбар карда шуд.

Сиёсати давлатӣ оид ба хароҷоти буҷети давлатӣ дар самти иҷтимоӣ чунин мебошанд:

- Афзоиши сифати зисти иҷтимоии аҳолӣ, нафақа, кумакпулиҳо ва таъмини устувории низоми буҷети давлатӣ;
- паст кардани сатҳи фақр ва камбизоатӣ бо воситаи кумакпулиҳои иҷтимоии давлатӣ;
- нигаҳ доштани имтиёзҳо барои иштирокчиён ва маъюбони Ҷанги Бузурги Ватанӣ, иштирокчиёни ҷанги Афғонистон ва садамаи Чернобил;
- кумак барои кӯдакон (кӯдакони бепарастор, маъюб ва ғайра);
- баланд бардоштани музди меҳнати воқеии омӯзгорон, табибон ва дигар кормандони давлатӣ;
- таъмини хароҷоти ҷории моддии ташкилоти буҷетӣ мувофиқи меъёрҳои пешбинишуда;
- барои сармоягузории зарурии давлатӣ дар соҳаи иҷтимоӣ ва дигар хароҷоти иҷтимоӣ.

## АДАБИЁТ


1. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи молияи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон” Қонуни амалкунанда. Санаи қабул: 2011.// Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 2011.
2. Давлатшоев О.Х. Совершенствование механизма бюджетно-налогового регулирования экономики // Вестник Таджикского национального университета. №2/4(114). - Душанбе, 2013. - С. 26-30.
3. Улугходжаева Х.Р., Давлатшоев О.Х. Государственное регулирование межбюджетных отношений. //Вестник Таджикского национального университета. – Душанбе, 2015,-№2(190), С.6-10.


## НИЗОМИ БУҶЕТӢ ВА МАВҚЕИ ОН ДАР НИЗОМИ МОЛИЯВИИ МАМЛАКАТ


Дар мақола моҳияти низоми буҷетӣ дар низоми молиявии мамлакат шарҳ дода шуда, самтҳои сиёсати давлатӣ оид ба хароҷоти давлатӣ оварда шудаанд. Ташкили буҷети давлатӣ ва низоми буҷетии байни зинаҳои ба ҳам алоқаманд, асосҳои ҳуқуқии вазифаронии буҷетҳо, ки ба низоми буҷетӣ мансуб мебошанд, сохтор ва таркиби буҷетҳо, тартиби ташаккул ва истифодаи маблағҳои буҷетиро дастгоҳи буҷетӣ муайян менамояд. Дар баъзе адабиёт дастгоҳи буҷетӣ ҳамчун сохти буҷетӣ низ маънидод шудааст. Бо ёрии тақсими хароҷоти буҷети давлатӣ муттаҳидшавии захираҳои молиявӣ ба амал бароварда мешавад, ки онро барои ҳалли вазифаҳои аввалиндараҷаи давлат ба монанди молиякунонии хароҷоти соҳаҳои маориф, тандурустӣ, комплекси сузишворию энергетикӣ, таъмини молиявии уҳдадории иҷтимоии давлат истифода карда мешавад. Самтҳои муҳимми хароҷоти буҷети давлатӣ дар давраҳои дуру наздик ба принсипҳои сиёсати ичтимоӣ такя менамояд, ки сиёсати имрӯзаи хароҷоти буҷетӣ давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон низ ба сиёсати иҷтимоӣ равона карда шудааст.



**КАЛИДВОЖАҲО:** буҷети давлатӣ, низоми буҷетӣ, сохти буҷетӣ, муносибатҳои байнибуҷетӣ, хароҷоти буҷетӣ.


## БЮДЖЕТНАЯ СИСТЕМА И ЕЕ РОЛЬ В ФИНАНСОВОЙ СИСТЕМЕ СТРАНЫ


В статье освещается суть бюджетной системы в финансовой системе страны, приводятся направления государственной политики по государственным расходам. Организация государственного бюджета и взаимосвязанной бюджетной системы, правовые основы исполнения бюджетных ассигнований, структура и состав бюджета, а также порядок формирования и использования бюджетных средств определяются бюджетным устройством. При распределении расходов государственного бюджета консолидация финансовых ресурсов будет использоваться для решения приоритетных задач государства, таких как финансирование образования, здравоохранения, топливно-энергетического комплекса, финансовое обеспечение государственных социальных обязательств. Основные направления расходования государственного бюджета основаны на принципах социальной политики.



**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА:** государственный бюджет, бюджетная система, бюджетная устройство, межбюджетные отношения, бюджетные расходы.


## THE BUDGET SYSTEM AND ITS ROLE IN THE COUNTRY'S FINANCIAL SYSTEM

The article highlights the essence of the budget system in the financial system of the country, the directions of state policy on public spending are given. The organization of the state budget and the interconnected budget system, the legal basis for the execution of budget allocations, the structure and composition of the budget, as well as the procedure for the formation and use of budgetary funds are determined by the budget structure. When distributing state budget expenditures, the consolidation of financial resources will be used to solve the priority tasks of the state, such as financing education, healthcare, the fuel and energy complex, and financial support for state social obligations. The main directions of spending the state budget are based on the principles of social policy.
**KEYWORDS:** state budget, budgetary system, budgetary structure, interbudgetary relations, budget expenditures.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Раҳимова Лола*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, магистранти курси 2-юми кафедраи идоракунии молияи давлатӣ. **Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. E-mail: **safaroov002@Icloud.com.** Телефон: **(+992) 938860112.**

**Сведения об авторе:** ***Рахимова Лола*** – Таджикский национальный университет, магистрант 2-го курса кафедры управления государственными финансами. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 17. E-mail**: safaroov002@Icloud.com**. Телефон**: (+992) 938860112.**

**Information about the author:** ***Rahimova Lola*** **–** Tajik National University, second-year master's student of the Department of Public Finance Management. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. E-mail: **safaroov002@Icloud.com.** Phone: **(+992) 938860112.**

## ТАЛАБОТ БАРОИ ТАШКИЛ ВА ФАЪОЛИЯТИ НИЗОМИ ПАРДОХТӢ

***Забуров З.З.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Низомҳои пардохт яке аз унсурҳои муҳимми иқтисодиёт ва низоми молиявии мамлакат буда, саривақт амалӣ намудани пардохту ҳисоббаробаркуниҳоро байни субъектҳои хоҷагидорӣ аз рӯйи уҳдадориҳое, ки дар раванди фаъолияти иқтисодӣ ба вуҷуд меоянд, таъмин менамоянд. Солҳои охир бо баробари афзудани шумора ва ҳаҷми пардохтҳо бо истифодаи технологияҳои иттилоотии муосир, аҳамияти низомҳои пардохт низ зиёд гардид. Айни замон таъсири низомҳои пардохт ба соҳаи бонкӣ ва иқтисодиёти воқеӣ дар муқоиса бо солҳои пешин хеле зиёд гардидааст. Бинобар ин, Бонки миллии Тоҷикистон ба фаъолияти самаранок ва мунтазами низоми пардохт манфиатдор мебошад, зеро ин ба вазифаҳои асосии Бонки миллии Тоҷикистон, яъне таъмини суботи молиявӣ ва боварии аҳли ҷомеа ба пули миллӣ алоқаманд мебошанд.

Имрӯз аз касе пушида нест, ки як қисми аҳолии ҷумҳурии мо дар ҳолати камбизоатӣ умр ба сар мебарад ва барои дарёфт намудани воситаҳои пулӣ дар муҳоҷирати меҳнатӣ мебошанд. Аз ин рӯ, ҳангоми фиристодани воситаҳои пулӣ бевосита аз хизматҳои низоми пардохту бонк истифода мебаранд. Шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ бо воситаи низоми пардохту бонк низ ҳисоббаробаркуниҳои худро бо контрагентҳо амалӣ менамоянд. Мақсадҳои асосии назорати низоми пардохт, ки аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон амалӣ мегардад, мусоидат намудан ба фаъолияти боэътимод, бехатар ва самараноки низоми пардохт, инчунин рушди минбаъдаи он бо роҳҳои зерин мебошад:

- муайян намудани сиёсати рушди низоми пардохт ва инфрасохтори ба он алоқаманд;
- муқаррар намудани талаботи ҳадди ақал барои эътимоднокӣ ва бехатарӣ;
- баҳо додани бехатарӣ, устуворӣ ва самаранокии фаъолият, ки бо дарназардошти онҳо низоми пардохт вазифаҳои асосии худро иҷро намуда, хавфҳои ба фаъолияташ вобастаро идора менамояд.

Бо низоми пардохти солим таъмин намудани аҳолӣ дар шароити таваррум аҳамияти муҳимро мебозад. Сиёсати бонкҳо дар соҳаи пардохт пеш аз ҳама ба густариши ислоҳоти иқтисодӣ нигоҳдории қобилияти харидории асъори миллӣ пешгирӣ намудани таваррум ва дастгирии корхонаҳо равона гардидааст. Таъмини боэътимоди ташкилотҳои қарзӣ бо мақсади роҳ надодан ба буҳрони низоми бонкӣ босамар гузаронидани сиёсати пулӣ – қарзии Бонки миллии Тоҷикистон заминаи муҳим мебошад.

Иқтисодиёти муосири ҳар як мамлакат шабакаи муносибатҳои мураккаби сершохаи субъектҳои хоҷагидории худ, инчунин, бо дигар мамлакатҳоро ифода мекунад. Асоси ин

муносибатҳо ҳисоббаробаркуниҳо ва пардохтҳо мебошанд, ки дар ҷараёни он талабот ва ӯҳдадориҳои тарафайн қонеъ гардонида мешаванд. Бо ёрии селаи пули нақдӣ ва ғайринақдӣ – гардиши пул чун маҷмуи ҳамаи пардохтҳо фурӯши маҳсулоти умумӣ, тақсимкунӣ, азнавтақсимкунӣ ва истифодаи даромади миллӣ таъмин карда мешавад.

Мутаносибан равандҳои иқтисодӣ дар хоҷагии миллӣ бо гардиши ғайринақдӣ амалӣ мешаванд. Дар даҳсолаи охири асри XX вобаста аз фаъолшавии бозорҳои молиявӣ назари иқтисодчиён ба ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ тамоман дигар шуд. Дар иқтисодиёт мафҳуми нави асосӣ ***«низоми пардохт»*** ба миён омад, ки он қисмати асосии низоми молиявии мамлакат буда, низоми пардохтии кишвар ба ҳисоб меравад.

**Низоми пардохт -** низоми бо ҳам алоқаманди технологияҳо, тартиб, қоида, воситаҳои пардохт ва низоми интиқоли маблағ, ки муомилоти пулро таъмин мекунад. Фаъолияти низоми пардохт ва муносибатҳои тарафайни иштирокдорони он бо санадҳои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳуҷҷатҳои меъёрии Бонки миллии Тоҷикистон ва шартномаҳои мувофиқи тарафайн ба танзим дароварда мешаванд.

Вазифаи асосии низоми пардохт амалӣ кардани интиқоли маблағҳои пулӣ байни ташкилотҳои қарзӣ мебошад, ки тавассути суратҳисобҳои муросилотии дар Бонки миллии Тоҷикистон кушодашуда сурат мегирад.

Яке аз мақсадҳои асосии Бонки миллии Тоҷикистон мусоидат ба фаъолияти самаранок ва мунтазами низоми пардохт мебошад. Мувофиқи Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон", "Дар бораи фаъолияти бонкӣ" ва дигар санадҳои меъёрии Бонки миллии Тоҷикистон, самтҳои асосии пешрафти тараққиёти низоми пардохти Ҷумҳурии Тоҷикистонро муайян намуда, қоида, навъ, мӯҳлат ва стандартҳоро барои гузаронидани ҳисоббаробаркуниҳои нақдӣ ва ғайринақдӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар менамояд.

Низоми пардохтӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи хизматрасониҳои пардохтӣ ва низоми Пардохтӣ", ки 24 феврали соли 2017 таҳти №1397 қабул шудааст, ташкил карда шудааст ва дар асоси он фаъолият мебарад. Қонуни мазкур асосҳои ҳуқуқию ташкилии фаъолияти низоми пардохтӣ ва тартиби пешниҳод намудани хизматрасониҳои пардохтиро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян намуда, ба фароҳам овардани шароити мусоид барои рушди низоми пардохтӣ равона карда шудааст.

Қоидаҳои низоми пардохтӣ барои омма дастрас мебошанд, ба истиснои маълумоте, ки дастрасӣ ба он маҳдуд аст. Иштирокчиёни низоми пардохтӣ ӯҳдадоранд ҳамаи қоидаҳои низоми пардохтиро иҷро намоянд. Оператори низоми пардохтӣ метавонад ба таври яктарафа ба қоидаҳои низоми пардохтӣ тағйирот ворид намояд, ба шарте ки мӯҳлати ворид намудани тағйиротро на камтар аз ду моҳ аз рӯзи огоҳ намудани иштирокчиёни низоми пардохтӣ муқаррар намояд. Қоидаҳои низоми пардохтии Бонки миллии Тоҷикистон бо санадҳои меъёрии ҳуқуқии Бонки миллии Тоҷикистон дар асоси қонун муайян карда мешаванд. Қоидаҳои низоми пардохтӣ, ки дар доираи онҳо аз рӯйи амалиёти дар бозори муташаккил гузаронидашуда маблағ интиқол мегардад, аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон муқаррар карда мешаванд.

Шахсони ҳуқуқии зерин метавонанд ба шарти ба қоидаҳои низоми пардохтӣ ҳамроҳ шуданашон тибқи тартиби дар қоидаҳои низоми пардохтӣ муқарраргардида иштирокчии низоми пардохтӣ гарданд:

- таҳвилгари хизматрасониҳои пардохтӣ;
- иштирокчиёни касбии бозори коғазҳои қиматнок, инчунин шахсони ҳуқуқие, ки иштирокчиёни бозори муташаккил мебошанд;
- Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Қоидаҳои низоми пардохтӣ иштироки мустақимро пешбинӣ менамоянд ва метавонанд иштироки ғайримустақимро дар низоми пардохтӣ, инчунин намудҳои гуногуни иштироки мустақим ва ғайримустақимро дар низоми пардохтӣ пешбинӣ намоянд.

Иштироки мустақим дар низоми пардохтӣ талаб мекунад, ки дар маркази ҳисоббаробаркунӣ суратҳисоби бонкии ташкилоте, ки иштирокчии мустақим мегардад, бо мақсади анҷом додани ҳисоббаробаркунӣ бо иштирокчиёни дигари низоми пардохтӣ кушода шавад.

Иштироки ғайримустақим дар низоми пардохтӣ талаб мекунад, ки ба иштирокчии ғайримустақим аз ҷониби иштирокчии мустақими низоми пардохтӣ, ки таҳвилгари хизматрасониҳои пардохтӣ мебошад, бо мақсади анҷом додани ҳисоббаробаркунӣ бо иштирокчиёни дигари низоми пардохтӣ суратҳисоби бонкӣ кушода шавад.

Муносибатҳои байни иштирокчиёни мустақим ва ғайримустақим бо қоидаҳои низоми пардохтӣ ва шартномаҳои бастшуда танзим мегарданд. Таҳвилгарони хизматрасониҳои пардохтӣ ҳуқуқ надоранд дар низоми пардохтие, ки оператори он иҷозатномаи Бонки миллии Тоҷикистонро доро намебошад, иштирок намоянд. Бонки миллии Тоҷикистон гурӯҳҳои зерини низоми пардохтии аҳамиятнокро муайян менамояд:

- низоми пардохтии ниҳоят муҳим;
- низоми пардохтии аз нигоҳи иҷтимоӣ муҳим.

Агар Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ё Бонки миллии Тоҷикистон ба таври мустақим ё ғайримустақим дар идоракунии низоми пардохтӣ ва операторони хизматрасониҳои инфрасохтори пардохтӣ иштирок намоянд, он гоҳ низоми пардохтӣ миллӣ дониста мешавад ва ҳамаи бонкҳо, аз ҷумла бонкҳои исломӣ – резидентҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон иштирокчии он бояд бошанд.

Клиринги пардохтӣ дар низоми пардохтӣ аз ҷониби оператори хизматрасониҳои инфрасохтори пардохтӣ, ки хизматрасониҳои клиринги пардохтиро пешниҳод менамояд, бо роҳҳои зерин амалӣ мегардад:

- анҷом додани расмиёти барои иҷро қабул намудани фармоишҳои иштирокчиёни низоми пардохтӣ, аз ҷумла санҷиши мутобиқати фармоишҳои иштирокчиёни низоми пардохтӣ ба талаботи муқарраршуда, муайян кардани кифоягии маблағҳои пулӣ барои иҷро намудани фармоишҳои иштирокчиёни низоми пардохтӣ ва муайян кардани мавқеи клиринги пардохтӣ;
- ба маркази ҳисоббаробаркунӣ барои иҷро супурдани фармоишҳои қабулшудаи иштирокчиёни низоми пардохтӣ;
- ба иштирокчиёни низоми пардохтӣ фиристодани огоҳиномаҳо (тасдиқномаҳо) барои иҷро қабул намудани фармоишҳои иштирокчиёни низоми пардохтӣ, инчунин ирсоли огоҳиномаҳо (тасдиқномаҳо) дар бораи иҷро шудани фармоишҳои иштирокчиёни низоми пардохтӣ.

Мавқеи клиринги пардохтии иштирокчии низоми пардохтӣ метавонад ба таври маҷмуӣ ва ё холис муайян карда шавад. Мавқеи клиринги пардохтӣ ба таври маҷмуӣ ба андозаи маблағи фармоиши алоҳидаи иштирокчии низоми пардохтӣ ё маблағи умумии фармоишҳои иштирокчиёни низоми пардохтӣ, ки аз рӯйи онҳо иштирокчии низоми пардохтӣ пардохткунанда ё маблағгиранда мебошад, муайян карда мешавад. Мавқеи клиринги пардохтӣ ба таври холис аз рӯйи андозаи фарқияти байни маблағи умумии фармоишҳои иҷрошавандаи иштирокчиёни низоми пардохтӣ, ки аз рӯйи онҳо иштирокчии низоми пардохтӣ пардохткунанда мебошад ва маблағи умумии фармоишҳои иштирокчиёни низоми пардохтӣ, ки аз рӯйи онҳо иштирокчии низоми пардохтӣ маблағгиранда мебошад, муайян карда мешавад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2022 шумораи кортҳои пардохтии бонкии ба муомилот баровардашуда 5,1 млн. ададро ташкил дода, нисбат ба соли гузашта 45,5 фоиз зиёд гадидааст. Теъдоди умумии ҳамёнҳои электронии ташкилотҳои қарзӣ ба 6,3 млн. адад баробар шуда, нисбат ба ҳамин давраи соли қаблӣ 2,8 млн. адад (79,1 фоиз) афзоиш ёфтааст.

Барои хизматрасонии дорандагони кортҳои пардохтӣ то 31 декабри соли 2022 дар ҷумҳурӣ аз ҷониби 21 ташкилоти қарзии ватанӣ дар маҷмуъ 1724 банкомат ва 6004 терминалҳои электронӣ насб карда шудаанд. Дар муқоиса ба ҳамин давраи соли 2021 шумораи банкоматҳо 312 адад ва шумораи терминали электронӣ 1126 адад зиёд шудааст. Аз ҳаҷми умумии терминалҳои электронӣ дар нуктаҳои пешниҳоди пули нақд 2132 адад ва дар муассисаҳои савдо ва хизматрасонии кишвар 3872 адад рост меояд.

То шуруи соли 2023 дар муассисаҳои савдо ва хизматрасонии Ҷумҳурии Тоҷикистон 17433 адад QR-рамз мавриди истифода қарор дода шудааст, ки нишондиҳандаи мазкур нисбат ба ҳамин давраи соли қаблӣ 6397 адад (58,0 фоиз) зиёд аст.

Дар соли 2022 дар муассисаҳои савдою хизматрасонии Ҷумҳурии Тоҷикистон тавассути воситаҳои электронии пардохтӣ (кортҳои пардохтӣ ва ҳамёнҳои электронӣ) 33,4

млн. амалиётҳои ғайринақдии пардохти молу хизматрасониҳо ба маблағи 8,2 млрд. сомонӣ анҷом дода шудаанд, ки нисбат ба соли 2021 аз рӯйи шумора 46,3 фоиз ва аз рӯйи ҳаҷми амалиёти гузаронидашуда 2,3 маротиба афзоиш ёфтаанд.

Бонки миллии Тоҷикистон аз болои низоми пардохтии Ҷумҳурии Тоҷикистон назорат мебарад. Мақсади асосии назорати низоми пардохтӣ – мусоидат ба фаъолияти босамару мунтазами низоми пардохтии Ҷумҳурии

Тоҷикистон мебошад.

Ҳамин тавр, Бонки миллии Тоҷикистон фаъолияти худро баҳри таъмини устувории қурби пули миллӣ, баланд бардоштани қобилияти пардохтпазирии ташкилотҳои қарзӣ ва эътимоди аҳолӣ ба низоми бонкӣ, инчунин таъмини фаъолияти босуботу бехатари низоми пардохт, равона намудааст.

## АДАБИЁТ


1. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон", аз 28. 06. 2011. № 722.
2. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи хизматрасониҳои пардохтӣ ва низоми пардохтӣ", 24 феврали соли 2017, №1397.
3. Балабанов И.Т. Банки и банковское дело / И.Т. Балабанов. – М.: Проспект, 2003.
4. Шариф Раҳимзода. «Муомилоти пулӣ ва қарз» / Шариф Раҳимзода. –Душанбе: "Эрграф", 2018.


## ТАЛАБОТ БАРОИ ТАШКИЛ ВА ФАЪОЛИЯТИ НИЗОМИ ПАРДОХТӢ


Дар мақола масъалаҳои ташкил ва фаъолияти низоми пардохтӣ оварда шудаанд. Ба вуҷуд овардани низоми пардохтӣ мунтазам дар Тоҷикистон аз аҳаммияти муҳим бархӯрдор буда, яке аз масъалаҳои марказии ислоҳоти иқтисодӣ дар давраи гузариш ба ҳисоб меравад. Аҳаммияти пардохтҳои ғайринақдӣ дар шароити буҳрони молиявӣ дар он зоҳир мегардад, ки муомилоти ҳисоббаробаркуниҳо байни субъектҳои хоҷагидор бо харҷи камтарин гузаронида мешавад. Дигар аз аҳаммияти пардохтҳои ғайринақдӣ дар он аст, ки раванди додугирифт байни бонкҳо ва мизоҷон хеле сабуктар амалӣ мегардад.



**КАЛИДВОЖАҲО:** низоми пардохт, корти пардохтӣ, пардохтҳои электронӣ, пулҳои электронӣ, клиринги пардохтӣ, қоидаҳои низоми пардохтӣ.


## ТРЕБОВАНИЯ К СОЗДАНИЮ И ФУНКЦИОНИРОВАНИЮ ПЛАТЕЖНОЙ СИСТЕМЫ


В статье приводятся вопросы организации и функционирования платежной системы. Создание платежной системы в Таджикистане постоянно находится в центре внимания и является одним из центральных вопросов экономической реформы в переходный период. Значение внеоборотных платежей в условиях финансового кризиса проявляется в том случае, когда расчетные операции осуществляются между хозяйствующими субъектами с минимальными затратами. Еще одним важным аспектом безналичных платежей является то, что процесс обмена между банками и клиентами осуществляется гораздо легче.



**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА:** платежная система, платежная карта, электронные платежи, электронные деньги, платежный клиринг, правила платежной системы.


## REQUIREMENTS FOR THE CREATION AND OPERATION OF A PAYMENT SYSTEM


The article presents the issues of the organization and functioning of the payment system. The creation of a payment system in Tajikistan is constantly in the spotlight and is one of the central issues of economic reform during the transition period. The importance of non-current payments in a financial crisis is manifested in the case when settlement transactions are carried out between business entities with minimal costs. Another important aspect of non-cash payments is that the exchange process between banks and customers is much easie



**KEYWORDS:** payment system, payment card, electronic payments, electronic money, payment clearing, payment system rules.



**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Забуров Зафар Замонович*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, магистранти курси дуюм. **Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. E-mail: **zafarzamon123@mail.ru.** Телефон: **(+992)907446655.**

**Сведения об авторе:** ***Забуров Зафар Замонович*** – Таджикский национальный университет, магистрант второго курса. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 17. E-mail: **zafarzamon123@mail.ru.** Телефон: **(+992)907446655.**

**Information about the author:** ***Zaburov Zafar Zamonovich*** – Tajik National University, second-year master`s student. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. E-mail: **zafarzamon123@mail.ru.** Phone: **(+992)907446655.**

## ҶАЛБИ САРМОЯГУЗОРӢ БА РУШДИ ИҚТИСОДИЁТИ МАМЛАКАТ

***Файзуллоева Л.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Ҳукумату давлатҳои алоҳида барои ҷалби сармояи сиёсати мустақими хориҷӣ кӯшишҳои зиёд ба харҷ медиҳанд.

Мақсадҳо аввалиндараҷа дар сиёсати иқтисодии ҳар як давлат - ин пеш аз ҳама тараққиёти иқтисодиёт, баландбардории сатҳи зиндагӣ, аз ҷумла сармоягузориҳои дохилӣ ва хориҷӣ ба бо ин васила дар сиёсати иқтисодии худ паст намудани нархи молу маҳсулотҳо, хизматрасониҳои гуногун ва инчунин пеш аз ҳама дуруст нигоҳдории ҳифзи иҷтимоии аҳолии худ мебошад.

Сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ, ки бо роҳи таъсиси корхонаҳо, яъне корхонаҳои муштарак ё инчунин корхонае, ки бо пуррагӣ бо сармояи хориҷӣ фаъолият дорад, алоқаманд буда, таъсис меёбад.

Ингуна корхонаҳо дар фаъолияти худ чунин афзалиятҳо доранд:

- Ҷойи корриро ташкил менамоянд;
- Маҳсулоти бо талаботи замонаро истеҳсол менамоянд;
- Дар фаъолияти худ даромадҳо ба даст меоранд;
- Сари вақт ба буҷет андозҳо месупоранд;

Давлат дар ҷойи аввал ин даромадҳоро, ки дар шакли сармоягузорӣ ворид шудаанд, метавонад барои субсидиякунонии соҳаҳои афзалиятнок сафарбар намояд. Қайд кардан ба маврид аст, ки рушди соҳаҳои ба содиротнигаронидашуда, инчунин воридоти асъори байналмилалиро бо пуррагӣ таъмин намуда, ба мувозинати пардохт таъсири худро мерасонад. Дар давоми 13 соли сипаришуда ба рушди иқтисодиёти мамлакат 9 млрд. 865,7 млн. доллари ИМА сармояи хориҷӣ ҷалб шудааст, ки аз ин 4345,9 млрд. доллари ИМА онро бошад сармоягузории мустақими хориҷӣ, 5017,8 млрд. доллар ИМА ташкил медиҳад ва номгӯйи дигари сармоягузориҳою қарзҳо аз тарафи шахсони ҳуқуқӣ, аз ҷумла корхона, ташкилотҳо дарёфт гардида, 502 млн. доллари ИМА – ро сармоягузориҳои портфелӣ ташкил намудаанд.

**Ҷадвали 1**

**Ҷалби сармоягузориҳои хориҷӣ дар солҳои 2007-2019 ба Ҷумҳурии Тоҷикистон**

| С олҳо | Сармоягузориҳои хориҷӣ | | | | | | | | Ҳамагӣ млн доллари ИМА | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | Сармоягузории мустақим | | | Дигар намуди сармоягузориҳо | | Сармоягузориҳои портфелӣ | | | | |
| | Ҳаҷми умумии маблағ | Бо % | | Ҳаҷми умумии маблағ | Бо % | Ҳаҷми умумии маблағ | Бо % | | Ҳаҷми умумии маблағ | Бо % |
| 2007 | 388,4 | 45,1 | | 472,2 | 54,9 | | | | 860,6 | 100 |
| 2008 | 425,7 | 43,0 | | 563,6 | 57,0 | | | | 989,3 | 100 |
| 2009 | 89,4 | 23,3 | | 293,8 | 76,7 | | | | 383,2 | 100 |
| 2010 | 238,9 | 51,1 | | 228,2 | 48,9 | | | | 467,1 | 100 |
| 2011 | 161,4 | 49,5 | | 164,0 | 50,4 | 0,1 | 0,03 | | 325,5 | 100 |

| | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 2012 | 391,3 | 52,4 | | 355,0 | 47,5 | 0,1 | 0,01 | | 746,4 | 100 |
| 2013 | 341,1 | 33,7 | | 670,6 | 66,2 | 0,2 | 0,01 | | 1011,9 | 100 |
| 2014 | 377,4 | 41,5 | | 530,4 | 58,3 | 1,4 | 0,1 | | 909,2 | 100 |
| 2015 | 470,9 | 48,1 | | 506,9 | 51,9 | 0,0 | | | 977,8 | 100 |
| 2016 | 434,2 | 51,5 | | 408,4 | 48,4 | 0,1 | 0,01 | | 842,7 | 100 |
| 2017 | 354,5 | 32,2 | | 245,9 | 22,3 | 500,0 | 45,4 | | 1100,4 | 100 |
| 2018 | 326,8 | 50,7 | | 317,7 | 49,3 | 0,0 | | | 644,5 | 100 |
| 2019 | 345,9 | 57 | | 261,1 | 43,0 | 0,1 | 0,1 | | 607,1 | 100 |
| Ҷамъ | 4345,9 | 44,0 | | 5017,8 | 51,0 | 502,0 | 5,0 | | 9867,8 | 100 |

**Коркарди муаллиф дар асоси маълумотҳои сомонаии нтернетии Кумитаи сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ https://investcom.tj/tj/sarmoya/faolijati-sarmojaguzor/27-omori-sarmojaguzorii-hori.html (санаи мурочиат 28.07.2019)**

Фаъолияти кишварҳои пешқадами дунё шаҳодат аз он медиҳад, ки дар бораи ҷалби сармоягузорӣ, аз ҷумла сармоягузории хориҷӣ ва шаклҳои ҳархелаи истифодаи он аз ҷумлаи он сармоягузориҳои портфелӣ, кормандоне, ки дар бахши хусусӣ фаъолияти меҳнатӣ менамоянд, рушд дода ва инчунин барои ба бозори ҷаҳонӣ баромадани онҳоро шароити мусоид фароҳам меоварад ва барои ҷалби технологияи муосири замонавӣ шароити мусоид фароҳам меоварад.

13 – соли охир ҳаҷми умумии ҷалби сармоягузории портфелӣ дар маҷмуъ 502 млн. долари ИМА – ро нишон додааст, лекин қайд намудан лозим аст, ки то имрӯз аз ин маблағе, ки бо ҷалби сармоягузориҳои хориҷӣ ҷалб шудаанд, самаранок истифода бурда метавонем.

Аз таҷрибаи давлатҳои ҷаҳон бармеояд, ки дар шароити муҳайёкардаи ягон давлати ҷаҳон, ки гузариш ба иқтисодиёти бозоргониро пеш гирифтааст, бе ҷалби қарз ва истифодабарии самараноки захираи молиявии дар ҷаҳон буда барои рушди низоми давлатдории худ ба роҳ монда наметавонад. Сармоягузориҳои қарзӣ ҳам дар сатҳи макроиқтисодиёт ва ҳам дар сатҳи микроиқтисодиёт дар асоси муомилаи дуҷониба ва бисёрҷониба ва инчунин бо мувофиқа омадани тарафайн ва муайянкунии уҳдадориҳо ва шароитҳои дуҷониба дар самтҳои гуногун ба роҳ монда мешавад. Сармоягузориҳои қарзӣ дар шаклҳои гуногун бо мақсадҳои тараққиёти соҳаи иқтисодиёт, ҷалби маблағ барои амалӣ намудани нашаи сармоягузорӣ, дарёфти кумакҳои техникӣ ва инчунин нигоҳдории иқтисодиёт дар шакли рушди бозори молия, аз ҷумла бозори коғазҳои қиматнок дода мешавад.

Дар шароити имрӯза ин раванди қарз дар ташкилотҳои байналхалқӣ ба монанди Хазинаи байналхалқии асъор (ХБА), бонкҳои ҷаҳонӣ, БАТР дида мешавад. Таҷрибаи даҳсолаҳои охири Ҷумҳурӣ нишон дод, ки вобаста ба имтиёзҳои барои иқтисодиёти мамлакат мувофиқ (нисбат ба бонкҳои тиҷоратии ҷумҳурӣ фоизи кам, муҳлати истифодаи тулонӣ) бештари сармояи лозимаро аз тариқи ташкилотҳои молиявии дар боло зикргардида ҷалб менамоянд.

Ҳамин шаклро аввалин маротиба Ҷумҳурии Тоҷикистон аз қарзи Иттифоқи Аврупо (ба маблағи 54,5 млн. ЭКЮ) таҷриба намудааст ва нисбат ба ин сол то сол таваҷҷуҳ бештар шуда истодааст.




**Расми 1. Воридоти сармоягузории мустақими хориҷӣ дар солҳои 2007-2019. Сарчашма: Коркарди муаллиф дар асоси маълумотҳо**

Рушди сармояи мустақими хориҷӣ дар иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон – воқеияти мусоид аст. Назар ба сармояи портфелӣ ва дигар сармоягузориҳо, ки арзишҳои пулии баргардонидашаванда ва муҳлатноканд, сармояи мустақим бо инкишофи сектори ҳақиқии иқтисодиёт, технологияҳои пешқадам ва истифодаи воситаҳои муосири менеҷмент ва маркетинг алоқамандии зич доранд. Илова бар ин, сармояи мустақими хориҷӣ ба зиёд шудани қарзи хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон оварда намерасонанд. Аммо аз ҷадвали дар боло овардашуда аён аст, ки дар давоми 13 сол ҳиссаи сармоягузориҳои дигар дар маҷмуъ зиёд шуда истодааст, яъне аниқтараш ба 5017,8 млрд. доллар баробар шудааст, ки ба афзун гардидани қарзи хориҷии Тоҷикистон оварда мерасонад. Инчунин, вазни қиёсии сармояи мустақими хориҷӣ ва сармоягузориҳо дар иқтисодиёти Тоҷикистон ночиз аст.

Ба иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2007-2019 беш аз 63 мамлакати ҷаҳон сармояи мустақим гузоштааст, ки мо танҳо 11-тои онҳоро дар ҷадвал таҳлил намудаем.

**Ҷадвали 2.**

**Вазни қиёсии сармояи мустақими хориҷӣ дар иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2007-2019 (бо млрд. долл. ИМА)**

| | Давлат | Ҳаҷми маблағ | Ҳиссаи давлатҳо бо % | Сармояи ҷалбшуда ба соҳаҳо |
|---|---|---|---|---|
| | Ҷумҳурии Халқии Хитой | 2,863,5 | 29,0 | Алоқа Сохтмон хизматрасонии молиявӣ, Омӯзиши геологӣ ва истихроҷ, монтажи таҷҳизотҳои технологӣ, саноат ва дигар намуди хизмаррасониҳо |
| | Федератсияи Руссия | 1,631 | 16,5 | Сохтмон, алоқа, омӯзиши геологӣ, Хизматрасонии молиявӣ, тандурустӣ, саноат, савдо, энергетика, туризм ва дигар намуди хизмаррасониҳо |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| | ИМА | 695,1 | 7,0 | Алоқа, хизматрасонии молиявӣ, маориф, кишоварзӣ, тандурустӣ, обтаъминкунӣ, соҳилмустаҳкамкунӣ, сохтмон, омӯзиши геологӣ ва истихроҷ, саноат. |
| | Британияи Кабир | 680,2 | 6,9 | Омӯзиши геологӣ ва истихроҷ, сохтмон, хизматрасонии молиявӣ, истихроҷи ангишт, Саноат ва савдо. |
| | Қазоқистон | 569,1 | 5,8 | Хизматрасонии молиявӣ, омӯзиши геологӣ ва истихроҷ, саноат, савдо. |
| | Филиппин | 500,3 | 5,1 | Кишоварзӣ, сохтмонироҳ, хизматрасонӣ, монтажи таҷҳизотҳои технологӣ, Хизматрасонии молиявӣ, идоракунии давлатӣ, тандурустӣ, маориф |
| | Люксенбург | 307,5 | 3,1 | Хизматрасонии молиявӣ |
| | Ҷумҳурииислом ии Эрон | 281,8 | 2,9 | Саноат, сохтмон, хизматрасонии молиявӣ, савдо |
| | Озарбойҷон | 242 | 2,5 | Хизматрасонии дар бахши молиявӣ |
| 0 | Австрия | 238,0 | 2,4 | |
| 1 | Кипр | 218,9 | 2,2 | Сохтмон, туризм ва савдо |
| | Дигар давлатҳо | 611,4 | 16,6 | Таҷҳизотҳои технологӣ, Хизматрасонӣ дар соҳаи молия, саноату савдо |

**Таҳияи муаллиф**

Чуноне, ки аз ҷадвал бармеояд дар ҷойи якум Ҷумҳурии Халқии Хитой (29% аз ҳаҷми ҷалби сармояи мустақими хориҷии андӯхтшуда), Федератсияи Руссия (17,2%), ИМА (695,1 млн. долл. ё 7,0%), Британияи Кабир ва Қазоқистон бештар сармояи мустақим ба Тоҷикистон гузоштаанд. Аз байни мамлакатҳои хориҷи дур Филиппин, Ҷумҳурии Исломии Эрон, Люксембург ва инчунин Кипр дар сармоягузорӣ ба иқтисодиёти Тоҷикистон фаъолнок гардиданд. Хусусияти муҳимми воридшавии сармояи хориҷӣ ба мамлакат дар он аст, ки ба қатори сармоягузорон аз байни мамлакатҳои Осиёи Ҷанубию Шарқӣ, ба мисли Кореяи Ҷанубӣ, Таиланд, Ҳиндустон ва Филиппин дохил шуданд.

**АДАБИЁТ**


1. Проблемы и перспективы реализации экспертного потенциала Республики Таджикистан через привличение иностранных инвестиций: Монография/ Б.Г. сафаров, А.А. Солиев. -Д.: Ирфон 2006. -144с.
2. Саидмуродов Л.Х. Открытая экономика Республики Таджикистан: макроэкономическое равновесие в условиях внешнего инвестирования / Л.Х. Саидмуродов. - Душанбе, 2004.
3. 20 соли истиқлолият: сармоягузорӣ, хусусигардонӣ, соҳибкорӣ. Саидов Д.Ш., Эшонқулов А.С., Наҷмиддинов А.Ю., Раҳматбоев Ш.М. Душанбе, «Офсет», 2011. 304 с.
4. Ашуров Н., Лалбеков И., Муомилоти пулӣ, қарз ва бонк / Н. Ашуров, И. Лалбеков. - Душанбе: «Матбуот» - 2006.
5. Инвестиционное право: Учебник/ Р.Б. Бозоров. -Д.: Матбуот,2008. -480с.
6. www.gki.tj
7. www.aims.gki.tj
8. www.amcu.gki.tj


## ҶАЛБИ САРМОЯГУЗОРӢ БА РУШДИ ИҚТИСОДИЁТИ МАМЛАКАТ


Мақсадҳои аввалиндараҷа дар сиёсати иқтисодии ҳар як давлат - ин пеш аз ҳама тараққиёти иқтисодиёт, баландбардории сатҳи зиндагии аҳолии худ бо роҳи ҷалби сармоягузориҳо, аз ҷумла сармоягузориҳои дохилӣ ва хориҷӣ ва бо ин васила дар сиёсати иқтисодии худ паст намудани нархи молу маҳсулотҳо, хизматрасониҳои гуногун ва инчунин пеш аз ҳама дуруст нигоҳдории ҳифзи иҷтимоии аҳолии худ мебошад.



**КАЛИДВОЖАҲО:** сармоягузорӣ, ҷалби сармоягузорӣ, сармоягузории мустақӣм, сармоягузории портфелӣ, ҷалби технологияи муосир, рушди иқтисодиёт.

**ПРИВЛЕЧЕНИЕ ИНВЕСТИЦИЙ В ЭКОНОМИЧЕСКОЕ РАЗВИТИЕ СТРАНЫ**

Основными целями экономической политики любой страны являются, прежде всего, экономическое развитие, повышение уровня жизни ее населения за счет привлечения инвестиций, в том числе внутренних и внешних инвестиций, тем самым снижая цены на различные товары и услуги в своей экономической политике, а также Прежде всего, необходимо правильно поддерживать социальную защищенность населения.

**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА**: инвестиции, привлечение инвестиций, прямые инвестиции, портфельные инвестиции, привлечение современных технологий, экономическое развитие.

**ATTRACTING INVESTMENTS IN THE ECONOMIC DEVELOPMENT OF THE COUNTRY**

The main goals of the economic policy of any country are, first of all, economic development, raising the standard of living of its population by attracting investments, including domestic and foreign investments, thereby reducing prices for various goods and services in its economic policy, as well as First of all, it is necessary to properly maintain the social security of the population.

**KEYWORDS:** investments, attracting investments, direct investments, portfolio investments, attracting modern technologies, economic development.

**Маълумот дар бораи муаллиф**: ***Файзуллоева Лайло*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, магистранти курси дуюми ихтисоси 25010410. **Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17.

**Сведения об авторе:** ***Файзуллоева Лайло*** **–** Таджикский национальный университет, магистрант второго курса специальности 25010410. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 17.

**Information about the author:** ***Fayzulloeva Laylo*** **–** Tajik National University, second-year master`s student of specialty 25010410. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17.

# ТАШКИЛИ АУДИТ ВА МЕТОДИКАИ БАҲИСОБГИРӢ ДАР КОРХОНА

***Паймонаи Ҷ., Амирзода М.А.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Мувофиқи қонунгузорӣ, ширкатҳои аудиторӣ асосан ду намуди хизматрасониро ба мизоҷон мерасонанд: аудит ва хизматрасониҳои ба аудит алоқаманд. Ба хизматрасониҳои ба аудит алоқаманд чунин намуди хизматрасониҳо дохил мешаванд: санҷиши умумӣ, компliятсияи (таркиб) маълумоти молиявӣ ва ғайра.

Мақсади асосии гузаронидани санҷиши аудиторӣ ин баён кардани фикри аудитор дар бораи боэътимод будани ҳисоботи молиявӣ мебошад. Ҳангоми расонидани чунин хизматрасониҳо пеш аз ҳама аудитор бояд аз таҳлил ва тафтиши сиёсати баҳисогирӣ оғоз намояд. Ҳангоми гузаронидани санҷиши аудиторӣ аудитор дар асоси факту далелҳои ҷамъовардааш бояд боварӣ ҳосил намояд, ки сиёсати баҳисобгирии ташкилшуда дар корхона дар асоси қонун ва мувофиқи талаботҳои дастурамалҳои хос ташкил шудааст. Дар хулосаи аудиторӣ аудитор инро ба намуди эътимоди оқилона ташкил мекунад.

Тартиботи мувофиқшудаи аудити сиёсати баҳисобгирӣ аз тарафи аудитор ва шахси санҷишшаванда ташкил карда мешавад. Ҳангоми тартиботи мувофиқшудаи аудит, аудитор сиёсати баҳисобгирии корхонаро таҳлил ва тафтиш карда, дар ҳамин асос ҳисобот оид ба омилҳои ошкоршударо ташкил мекунад. Ба истифодабарандагони ин ҳисобот имконият дода мешавад, ки дар асоси чунин ҳисобот ва маводҳои ҷамъшуда мустақилона таҳлил карда, фикру мулоҳизаҳои худро баён намоянд.

Ҳангоми компилятсияи (таркиби) маълумоти молиявӣ, ки пеш аз ҳама ин раванди ҷамъоварӣ ва тансифбандии маълумотҳо мебошад, ки дар ин раванд маълумот табдил дода шуда, дар асоси маълумоти табдилшуда қарорҳои барои корхона манфиатовар қабул карда мешавад. Ҳамчунин, барои сармоягузор ва роҳбари корхана ҳисоботи шаффоф ташкил кара мешавад. Мақсади компилятсияи маълумоти молиявӣ аз он иборат мебошад, ки аудитор ҳангоми он донишу малакаи худро дар соҳаи баҳисобгирии муҳосибот истифода барад. Бояд қайд кунем, ки ҳамаи ин тартиботҳо барои ҳосил кардани хулосаи аудиторӣ асос шуда наметавонад. Ҳангоми компилятсияи маълумоти молиявӣ сиёсати молиявӣ таҳлил карда мешавад ва натиҷаҳои он аудит низ зарурӣ мебошад.

Фаъолияти аудиторӣ тибқи Қонуни мазкур ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ карда мешавад. Ҳамин тариқ, ин қонунгузорӣ намудҳои фаъолиятро барои ин соҳа муайян кардааст. Мувофиқи моддаи 6 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи фаъолияти аудитории ташкилоти аудиторӣ ва аудитори инфиродӣ" ба замми фаъолияти аудиторӣ, хизматрасонии зеринро аз рӯйи соҳаи фаъолияти худ анҷом дода метавонанд:

1) Таҳлил кардани ҳисоботи молиявӣ;

2) Иҷрои расмиёти мувофиқшуда;

3) Ҷамъоварӣ ва таҳлили маълумоти молиявӣ;

4) Ташкил, барқарор ва пешбурди ҳисоботи муҳосибӣ, тартиб додани ҳисоботи молиявӣ, маслиҳати муҳосибӣ;

5) Пешниҳоди хизматрасонии маслиҳати муҳосибӣ;

6) Маслиҳатҳо марбут ба андоз, ташкил, барқарор ва пешбурди баҳисобгирии андоз, тартиб додани ҳисоббаробаркуниҳои андозӣ ва эъломияҳо;

7) Автоматикунонии баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҷорӣ намудани технологияҳои иттилоотӣ, тавсияҳо оид ба автоматикунонии пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ ва тартиб додани ҳисоботи молиявӣ, таълими пешбурди автоматикунонишудаи баҳисобгирии муҳосибӣ ва тартиб додани ҳисоботи молиявӣ;

8) Таҳия ва интишори тавсия ва маводи метод оид ба пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ, тартиб додани ҳисоботи молиявӣ ва гузаронидани аудити фаъолияти молиявию хоҷагидорӣ ва банақшагирии молиявӣ, инчунин, оид ба хизматрасониҳои вобаста ба ҷодаи фаълияти худ мутобиқи стандартҳои аудит;

9) Хизматрасониҳои ҳуқукие, ки бо фаъолияти аудиторӣ алоқаманд аст.

Ҳамин тариқ барои боз ҳам баланд бардоштани сатҳу сифати аудит, бояд пеш аз ҳама методологияи аудити сиёсати баҳисобгириро дида бароем. Ҳамчунин, ширкатҳои аудиторӣ метавонанд, ки тартиби аудити сиёстаи баҳисобгириро дар доираи дигар намуди хизматрасониҳои аудиторӣ истифода баранд. Масалан, дар аудити ҳисоботи молиявӣ, тафтишҳои ӣ хизматрасониҳои ба фаълияти аудиторӣ алоқаманд ва ғайра. Гуногунии хизматрасониҳо ин пеш аз ҳама, аз супоришҳое, ки муштарӣ (клиент) медиҳад, вобаста мебошад.

Дар мафҳуми «аудит» пеш аз ҳама мо бояд аудити бизнесро фаҳмем, ки он дар худ аудити ҳисоботи молиявӣ ва фаъолиятҳои ба аудит алоқамандро якҷоя кардааст. Дар асоси ҳамин мафҳум мо метавонем, ки стратегияи корхонаро аудит гузаронем; низоми идоракунии корхонаро баҳо диҳем; тавсияҳо барои баланд бардоштани фаъолияти молиявӣ - хоҷагидорӣ диҳем, ҳамчунин сиёсати баҳисобгириро дар корхона ташкил диҳем ва онро баҳо диҳем. Аудити сиёсати баҳисобгирӣ метавонад дар алоҳидагӣ гузаронида шавад, ё ҳамчун узви як комплекси аудит бошад. Яке аз проблемаҳои асосӣ ҳангоми аудит ин талабот оид ба тарзи гузаронидани аудит ва муносибат бо шахси санҷишшаванда мебошад. Олими рус Калиничева Р.В ривоҷи методологияи аудитро дар ҳамгироии аудит бо идоракунии корпоративӣ ва таҳлили молиявӣ мебинад, ки чунин ҳамгироӣ боиси истифодабарии хулосаи аудиторӣ ҳангоми қабули қарорҳои идоракунӣ истифода мешавад. Мақсади асосии чунин тадқиқотҳо ин ташкили сиёсати баҳисобгирӣ вобаста ба хусусияти хоси соҳавии корхона мебошад.

Ба фикри олимони рус Чубарова Ю.С., Швырева О.И., объекти асосии аудит ин сисёсати баҳисобгирӣ мебошад, барои он ки нодуруст ва хато ташкил намудани сиёсати баҳисобгирӣ дар корхона боиси паст шудани сифати маълумоти муҳосибӣ мешавад. Ҳамаи мушкилотҳои ташкилкунӣ ва барпокунии сиёсати баҳисобгирӣ яке аз вазифаҳои асосии аудит мебошад, сиёсати баҳисобгирӣ сар карда аз аввали аудит то охир объекти муҳим мемонад ва барои ташкили хулосаи аудиторӣ таъсири худро мерасонад.

Асоси ҳамаи ҳисобу китоб дар корхона новобаста аз самти фаъолият ин сиёсати баҳисобгирӣ мебошад. Ин на танҳо ҳуҷҷати дарунии корхона ҳисоб мешавад, балки яке аз манбаи асоси барои ташкили маълумот оид ба муайян намудани карорҳои идоракунӣ мебошад. Сиёсати баҳисобгирӣ ин хамчун асбоб барои кам кардани харочотҳо, муайян кардани натиҷаи молиявӣ, банақшагирӣ ва истифодабарии принсипҳои СБХМ дар корхона мебошад. Ҳангоми гузаронидани аудити сиёсати баҳисобгирӣ мо бояд пеш аз ҳама

равишҳои методологии тарзи ташкили методикаи аудитро дар назар гирем, ки хосияти онҳо дар поён дарҷ шудааст.

1. Равиши муҳосибӣ. Равиши муҳосибӣ ин анъанавӣ мебошад. Мафҳуми ин равиш он аст, ки маҷмуи методикаҳо сохта мешвад. Барои санҷиши тамоми ҷанбаҳои баҳисобгирии муҳосибӣ, андозбандӣ, баҳисобгирии идоракунӣ ва ҳисобу китоб бо СБХМ, масалан аудити сиёсати баҳисобгирӣ барои мақсадҳои баҳисобгирии муҳосибӣ ва ғайра.

2. Равиши махсус. Тибқи равиши махсус маҷмуи методикаҳо сохта мешавад барои аудити сиёсати баҳисобгирии корхонаҳо ҳангоми фаъолият хусусияти хос доранд (низоми андозбандӣ, истеҳсолоти махсус ва идоракунӣ, шакли моликият, миқёси фаъолият). Масалан, методикаи тафтиши аудитории сиёсати баҳисобгирии корхонаҳои кооперативӣ, методикаи аудити сиёсати баҳисобгирии ширкатҳои холдингӣ.

3. Равиши соҳавӣ. Ҳангоми истифодаи ин равиш методикаҳо барои маҷмуи корхонаҳое, ки хусусияти хоси соҳавӣ доранд, сохта мешаванд. Ба онҳо чунин методикаҳои аудити сиёсати баҳисобгирӣ дохил мешаванд: ширкатҳои хариду савдо, хоҷагии қишлоқ, ташкилотҳои сохтмонӣ, бонкхо, ширкатҳои суғуртавӣ, институтҳои сармоягузорӣ ва ғайра. Дар ин методикаҳо хусусиятҳои хоси ҳар як соҳа ҳангоми сохтани сиёсати баҳисобгирӣ ба назар гирифта мешавад.

Ҳангоми омӯзиши ин низом асосан методикаи диалектикӣ истифода мешавад, ки дар доираи он ду равиш истифода мешавад: индуктивӣ ва дедуктивӣ. Дар рафти гузаронидани аудит ҳарду равиш зарурӣ мебошанд. Хусусан, вақти омӯзиши фаъолияти молиявӣ, хочагидорӣ, баҳодиҳии низоми идоракунӣ ва ғайра. Ба сифати хусусисятҳои асосии аудити сиёсати баҳисобгирӣ дар корхона инҳо дохил мешаванд:

1. Ҳангоми гузаронидани аудити комплексӣ дар корхона, аудити сиёсати баҳисобгирӣ дар нақша ва барномаи аудит дар мадди аввал меистад.

2. Ҳангоми гузаронидани аудити сиёсати баҳисобгирӣ аудитор, пеш аз ҳама ба қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи баҳисобгирии муҳосибӣ ва талаботҳои СБҲМ такя мекунад.

3. Ҳамчунин корхонаҳо метавонанд дар асоси қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон стандартҳои даруни корхонаро ташкил диҳанд, вобаста ба хусусияти хоси соҳавӣ, соҳаи фаъолият.

4. Бояд дар назар гирем, ки ҳангоми аудити сиёсати баҳисобгирӣ дар корхонаҳо яке аз омилҳои муҳим ин хусусияти хоси соҳавӣ мебошад, ки он ба тарзи ташкили баҳисобгирии муҳосибӣ таъсир мерасонад.

5. Ҳастанд ҳолатҳое, ки субъекти хоҷагидорӣ ба якчанд намуди фаъолият машғул мешавад, ин нозукӣ бояд дар сиёсати баҳисобгирӣ дарҷ ёфта бошад ва аудитор дар рафти аудит инро бояд ба инобат гирад.

6. Раванди аудити сиёсати баҳисобгирӣ, пеш аз ҳама аз он вобаста аст, ки ширкати аудиторӣ кадом намуди хизматрасониро мерасонад, чунки айни замон дар таҷриба мафҳуми аудит ҳамчун васеъ ва маҳдуд фаҳмида мешавад.

Аудит дар мафҳуми маҳдуд ин аудити як қисми ҳисобот мебошад, масалан аудити ҳисоботи молиявӣ, аудити як қисми ҳисобот, ки дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти аудиторӣ” дарҷ ёфтааст.

## АДАБИЁТ


1. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ», аз 25 марти соли 2011 таҳти №702.
2. Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 17 сентябри соли 2012.
3. Нақшаи ҳисобҳои баҳисобгирии муҳосибии фаъолияти молиявӣ-ҳоҷагии субъектҳои ҳоҷагидорӣ ва нишондоди методӣ оиди татбиқи нақшаи ҳисобҳои баҳисобгирии муҳосибии фаъолияти молиявӣ-ҳоҷагии субъектҳои ҳоҷагидорӣ, бо Фармоиши Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз «27» майи соли 2011 № 41.
4. Нидлз Б. и др. Принципы бухгалтерского учета (пер. с англ. / Под ред. Я. В. Соколова). 2-е изд. / Б. Нидлз и друге. – М: Финансы и статистика. 2013..
5. Энтони Р., Рис Дж. Учет: Ситуации и примеры / Р. Энтони, Дж. Рис. – М.: Финансы и статистика, 2014.


## ТАШКИЛИ АУДИТ ВА МЕТОДИКАИ БАҲИСОБГИРӢ ДАР КОРХОНА

Дар мақолаи мазкур мавзуи ташкилкунии аудит ва методикаи баҳисобгирӣ дар корхона мавриди тадқиқ қарор гирифтааст. Муаллиф дар мақола оид ба хусусиятҳои асосии аудити сиёсати баҳисобгирӣ дар корхона, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи фаъолияти аудиторӣ” ва дигар мавзуъҳои ба он марбут маълумот додааст.
**КАЛИДВОЖАҲО:** мавзуъ, аудит, баҳисобгирӣ, ширкатҳои суғуртавӣ, институтҳои сармоягузорӣ.

**ОРГАНИЗАЦИЯ АУДИТА И МЕТОДА ВЕДЕНИЯ БУХГАЛТЕРСКОГО УЧЕТА НА ПРЕДПРИЯТИИ**

В данной статье исследуется вопрос организации аудита и метода ведения бухгалтерского учета на предприятии. В статье автор предоставил информацию об основных особенностях учетной политики аудита на предприятии, Законе Республики Таджикистан «Об аудиторской деятельности» и других сопутствующих темах.
**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА:** предмет, аудит, бухгалтерский учет, страховые компании, инвестиционные институты.

**ORGANIZATION OF AUDIT AND METHOD OF ACCOUNTING AT THE ENTERPRISE**

This article examines the issue of organizing an audit and the method of accounting in an enterprise. In the article, the author provided information about the main features of the audit accounting policy at the enterprise, the Law of the Republic of Tajikistan "On Auditing" and other related topics.
**KEYWORDS:** subject, audit, accounting, insurance companies, investment institutions.

**Маълумот дар бораи муаллифон:** ***Паймонаи Ҷ.*** **–** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, магистранти факултети баҳисобгирӣ ва иқтисоди рақамӣ. **Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17.
***Амирзода М.А.*** **–** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, магистранти факултети баҳисобгирӣ ва иқтисоди рақамӣ. **Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17.

**Сведения об авторах:** ***Паймонаи Дж.*** – Таджикский национальный университет, магистрант факультета учета и цифровой экономики. **Адрес:** 734 025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 17.
***Амирзода М.А.*** – Таджикский национальный университет, магистрант факультета учета и цифровой экономики. **Адрес:** 734 025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 17.

**Information about the authors:** ***Paymonai J.*** **–** Tajik National University, second-year master`s student of Faculty of Accounting and Digital Economy. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17.
***Amirzoda M.A.*** - Tajik National University, second-year master`s student of Faculty of Accounting and Digital Economy. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17.

# СИЁСАТИ БУҶЕТӢ ДАР ДАВРАИ ГУЗАРИШ БА ИҚТИСОДИ БОЗОРӢ

***Абдуллоев А. Х., Маҳмадалиев С.Ҷ.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Тараққиёти иқтисодиёт дар ҳамаи марҳилаҳо ва мамлакатҳо бештар аз матонат ва иродаи қавии субъектҳои асосии дар ҷамъият амалкунанда – одамон, корхонаҳо ва давлат вобастагӣ дорад. Ба тақдири ҷараёни иқтисодиёт онҳо таъсири муайяне мерасонанд ва ҳангоми якхела будани шароит таъсири ҳар кадоме метавонад дар миқёсҳои гуногун бошад. Вале дар байни онҳо имкониятҳои давлат аз ҳама васеътаранд, чунки давлат бо органҳои ҳокимияти давлатӣ метавонад иқтисодиётро дар ҷамъият ташкил, танзим ва ҳавасманд гардонад. Дар марҳилаи муайяни таърихи тараққиёти иқтисодиёти кишвар давлат мақсаду манфиатҳои худро муқаррар менамояд, барои татбиқ намудани вазифаҳои стратегии тараққиёти иҷтимоию иқтисодӣ роҳи муайянкарда ва корҳои амалии худро мегузаронад. Ҳамаи инҳо бо назардошти ҳолатҳои мавҷуда ва тамоили пешбинишуда сиёсати молиявии коркардаи худро пеш мебаранд.

Сиёсати молиявӣ қисми таркибии сиёсати иқтисодии давлат мебошад. Ба сиёсати молиявӣ сиёсати давлат дар соҳаи буҷет, андоз пул, қарз, нарх ва гумрук дохил мешаванд. Сиёсати молиявии давлат як роҳи дахолати давлат ба ҳаёти иқтисодии ҷамъият аст. Мақсаду вазифаҳои сиёсати молиявии давлат дар ҳар мамлакат вобаста аз ситемаи ҷамъиятию сиёсии дар вай мавҷудбуда аз сатҳи ба дастовардаи вай дар тараққиёти иҷтимоию иқтисодӣ аз анъанаҳои таърихию миллии вай муайян карда мешавад. Ҳозир дар адабиёти илмӣ мамлакатҳоро ба чунин системаҳо ҷудо мекунанд:

якум, бо идоракунии мутамарказ, яъне бо иқтисодиёти маъмурию амрдиҳӣ;
дуюм, бо иқтисодиёти бозории мутараққӣ;
сеюм, бо иқтисодиёти тараққикардаистода;
чорум бо иқтисодиёти давраҳои гузариш.

Тадқиқотҳо нишон медиҳанд, ки дахолати давлат ба ҳаёти молиявии мамлакатҳои бо иқтисодиёти бозории мутараққӣ хеле кам аст ва ҳатто бисёр масъалаҳои муносибатҳои молиявӣ ҳалли худро бо ёрии механизмҳои бозорӣ меёбанд. Вале дар мамлакатҳои бо иқтисодиёти мутамарказ ва муносибатҳои бозоргонии суст тараққикарда дахолати давлат ба муносибатҳои молиявӣ хеле зиёд аст.

Дар мамлакатҳои бо иқтисодиёти гузариш буда нақши давлат дар ҳаёти молиявӣ аҳаммияти махсус дорад. Дар ин давра дар назди давлат вазифаҳои гуногун меистанд – аз муътадилгардонии макроиқтисодӣ то барпо намудани муҳити нави институтсионалӣ ва бозсозии сохторӣ. Бинобар ин, мақсади сиёсати молиявии давлат дар чунин мамлакатҳо муътадил гардонидани ҳолати молиявии иқтисодиёти гузариш, ҷоннок ва таъмин намудани рушду сатҳи зарурии болоравии вазъи молиявии иқтисодиёти давраи гузариш мебошад. Бисёр тадқиқотчиён қайд мекунанд, ки дар роҳи татбиқи амалии воситаҳои гузаронидани сиёсати молиявии давлат муносибатҳои гуногун ҷой доранд. Дар байни онҳо ҷойи муҳимро инҳо ишғол менамоянд: фишангҳои буҷетӣ, ставкаҳои андоз, гардиши пул, муқаррар намудани нархҳои ҳудудӣ ва намудҳои муайяни молҳо ва хизматрасониҳо, муносибатҳои кредитӣ ва ғ. Ҳамаи ин воситаҳо дар амалияи воқеӣ ё ҳар кадоме дар алоҳидагӣ ва ё якчандто дар якҷоягӣ истифода бурда мешаванд. Вобаста ба ин воситаҳои аз ҳама паҳнгаштаи сиёсати молиявӣ инҳоянд:

- механизмҳои сиёсати андозу буҷетӣ (ё фишангҳои сиёсати фискалӣ), ки ба инҳо дохил мешаванд: андозҳо, ба вуҷуд овардани буҷети давлатӣ, хароҷоти давлат аз буҷет, трансфертҳо, мувофиқи мақсаду мароми гузошта ва барои муваффақ шудан ба онҳо давлат андоза ва таъиноти гардиши пулро тағйир медиҳад;

- механизмҳои сиёсати пулию кредитӣ (ё фишангҳои сиёсати монетарӣ), ки ба инҳо дохил мешаванд: массаи умумӣ ва дастрасии пул, кредит ставкаи фоизи қарз (ставкаи баҳисобгирифтаи Бонки миллии Тоҷикистон, ҳиссаи захиравӣ ва дигар нормативҳои мутамарказона муқаррар гардида).

Гуфтаҳои боло ва умуман адабиёт оид ба иқтисодиёти гузариш нишон медиҳанд, ки асосан ду роҳи гузаронидани сиёсати молиявӣ дар давраи гузаштан ба иқтисодиёти бозоргонӣ ҷой доранд: сиёсати фискалӣ (ё сиёсати андозу буҷетӣ) ва сиёсати монетарӣ (сиёсати пулию кредитӣ).

Ҳангоми амалӣ намудани сиёсати фискалӣ дар рафти гузаронидани дигаргунсозиҳои бозории молиявӣ нақши асосиро давлат мебозад. Ислоҳоти бозории муносибатҳои молиявӣ бо роҳи оҳиста - оҳиста, пай дар пай мегузарад. Дар натиҷа рафти дигаргунсозиҳои молиявӣ муътадил ҷараён гирифта, ба паст шудани истеҳсолот ва сатҳи зиндагии одамон роҳ дода намешавад. Дар инҷо давлат фишангҳои сиёсати фискалии буҷет, андоз, хароҷоти давлатӣ, трансфертҳо нархро барои таъсир расонидан ба маҷмуи талабот ва таклифот ва ба ҳамин вобаста вазъи умумии иқтисодиёт, муътадил гардонидани ҳолати иқтисодӣ, гузаронидани чораҳои зиддифазавӣ, дастгирӣ намудани устувории молиявӣ, муомилоти пул, беҳтар истифода карда тавонистани имкониятҳои истеҳсолию иқтисодӣ ва илмию техникиро истифода мебаранд. Роҳи дуюми гузаронидани сиёсати молиявӣ сиёсати монетарӣ мебошад. Вай дар давраи гузариш ба иқтисодиёти бозорӣ ба вуҷуд овардани муносибатҳои бозоргонӣ, гузаронидани сиёсати зиддифазавӣ, зиддиинфлятсиониро дар натиҷаи дар як лаҳза амалӣ намудани либераликунонии нарх, тез кам кардани хароҷоти давлатӣ ва соҳиб шудани буҷети бекасрро дар назар дорад.

Мақсади сиёсати монетарӣ ҳамчун сиёсати фискалӣ муътадилгардонии иқтисодиёт, баланд бардоштани устуворӣ ва самаранокии фаъолияти системаи хоҷагидорӣ, баромадан аз бухронҳо, таъмини шуғли аҳолӣ ва рушди иқтисодиёт мебошад. Вале фарқи вай аз сиёсати фискалӣ дар он аст, ки сиёсати монетарӣ ҷонибдори назарияи бозори либералӣ, тез шикастани системаи амрдиҳӣ ва ба иқтисодиёт дахолат накардани давлат ё ба қадри имкон то ба ҳадди минималӣ овардани нақши давлат дар иқтисодиёт

мебошад. Монетаристон ҳисоб мекунанд, ки бозор ин шакли самараноктарини фаъоляити иқтисодӣ аст, ки ба худташкилӣ қудрат дорад ва дигаргунсозиҳои бозории давраи гузариш бояд бо иштироки минималии давлат гузарад. Дар марҳилаи аввали давраи гузариш ба иқтисодиёти бозорӣ барои бисёр мамлакатҳо одатан шароитҳо ҷой надоранд, ки давлат оҳиста - оҳиста дигаргунсозиҳои бозориро гузаронад. Паст шудани иқтисодиёти давраи гузариш, тез шудани инфлятсия, то дараҷае бенизом шудани гардиши пул дар баробари аз байн рафтани органҳои кӯҳнаи идоракунии давлатӣ ва ҳанӯз қувват нагирифтани механизмҳои нави идоракунӣ ҳалли масъалаҳои давраи гузаришро душвор мегардонад. Бинобар ин, барои давлат имконияти истифода бурдани механизмҳои сиёсати фискалӣ барои оҳиста - оҳиста дигар намудани системаи хоҷагидории мамлакат бо роҳи иқтисодиёти бозорӣ бисёр душвор мегардад. Чунин ваъият бисёр мамлакатҳоро маҷбур месозад, ки дар марҳилаи аввали давраи гузариш ба иқтисодиёти бозорӣ баъзе механизмҳои сиёсати монетариро истифода баранд, гарчанде воситаҳо ва фишангҳои сиёсати монетарӣ барои шароитҳои ҷамъияти баъдииндустриалӣ, яъне давраи ахборотӣ мувофиқанд. Масалан, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои аввали давраи гузариш душвориҳои муайяне ба монанди ҷанги шаҳрвандӣ, канда шудани алоқаи иқтисодӣ бо давлатҳои собиқ Иттиҳоди Шуравӣ ва дигар мамлакатҳои ҷаҳон, паст рафтани истеҳсолот, баланд шудани нарх, вайрон шудани системаи муомилоти пул ҷой доштанд. Барои баромадан аз ин вазъияти душвори ҷойдошта Ҳукумати кишвар дар баробари истифода намудани механизмҳои сиёсати фискалӣ барои амалӣ намудани баъзе механизмҳои сиёсати монетарӣ - либераликунонии нарх ва савдо чораҳои зарурири дида баромад. Дар натиҷаи татбиқ шудани ин чорабиниҳо масъалаҳои асосии ҷорӣ намудани муносибатҳои бозоргонӣ ҳалли худро ёфтанд ва вазифаҳои муҳим фаровонии бозори молҳои истеъмолӣ, пеш аз ҳама, молҳои аввалиндараҷаи зиндагӣ иҷро гардид. Дар натиҷаи ин гуфтан мумкин аст, ки камчинии молҳои асосии истеъмолӣ ҷой надорад ва дар ин соҳа истеъмолкунандагон интихоби муайяни худро доранд. Ҳамин тариқ, дар шароити иқтисодиёти давраи гузариш ба бозор зарурияти дар якҷоягӣ дониста истифода бурда тавонистани механизму воситаҳои ҳам сиёсати фискалӣ ва ҳам сиёсати монетарӣ пайдо мешавад. Бо назардошти ин дар паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қайд шудааст: «Дар амалӣ гардонидани сиёсати пулию асъорӣ, қабл аз ҳама ҳамоҳанг сохтани он бо сиёсати андозу буҷет нақши калон бозид».

Дар айни замон бояд қайд кард, ки ба вуҷуд омадани сиёсати фискалӣ ва сиёсати монетарӣ характери таърихӣ доранд. Пайдо шудани сиёсати монетарӣ баъди сиёсати фискалӣ маънои инкор намудани сиёсати фискалиро надорад. Ин маҳсули замони нав аст, ки ҳамчун зарурияти таърихӣ механизмҳои сиёсати амалкунандаро ба механизмҳои пешқадаму прогрессивӣ иваз менамояд. Чунин вазъият ба туфайли ба вуҷуд омадани талабот, эҳтиёҷот ва истеъмолот нав пайдо мешавад. Вале ҳар ҷараён ва ҳодисаи нав дар қаъри кӯҳнаву пешина ба вуҷуд меоянд ва яку якбора бо пуррагӣ ҳамаи унсурҳои куҳнаро партофта наметавонад. Бинобар ин, дар марҳилаи гузариш ба иқтисодиёти бозорӣ баъзе пайдарҳамиҳои трансформатсионӣ ва дар як вакт ба таври комплексӣ истифодаи ҳам ину ҳам он ҷой дошта метавонад. Мисоли бараълои ин муносибат Ҷумҳурии Халқии Хитой шуда метавонад. Дар Хитой муносибатҳои бозоргониро дар он ҷойе, ки имкон аст, ҳавасманд мегардонанд ва дахолати давлатиро дар он ҷойе, ки зарур меҳисобанд, нигоҳ медоранд. Дар натиҷаи чунин сиёсат дар давраи гузариш ба онҳо муяссар шуд, ки ислоҳоти иқтисодиро бо суръати тези рушди иқтисодиёти мамлакаташон омезиш диҳанд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳозир дигаргунсозиҳои бозории иқтисодиёти мамлакатро, аз ҷумла муносибатҳои молиявиро дар алоқамандии зич бо институтҳои молиявии байналхалқӣ гузаронида истодааст. Мувофиқи талаботи ин институтҳо воситаҳои сиёсати пулию кредитӣ, яъне сиёсати монетарӣ бояд асосан амалӣ гарданд. Дар моддаи якуми Сарқонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин омадааст: «Тоҷикистон давлати иҷтимоӣ буда, барои ҳар як инсон шароити зиндагии арзанда ва инкишофи озодонаро фароҳам меорад». Бинобар ин, дар ҳаёт татбиқ намудани ин талаботи конститутсионӣ дар баробари истифода намудани механизму воситаҳои сиёсати монетарӣ дар тараққиёти

иқтисодиёти бозорӣ механизму воситаҳои сиёсати андозу буҷетӣ, яъне сиёсати фискалӣ низ истифода бурда мешавад. Вобаста ба ин дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомали Раҳмон ба Маҷлиси Олии Тоҷикистон таъкид карда шудааст: «Инкишофи минбаъдаи иқтисодиёти бозорӣ ба татбиқи дурусти сиёсати андозу буҷет вобаста аст».

Гуфтаҳои боло шаҳодати онанд, ки дар давраи гузариш ба иқтисодиёти бозорӣ сиёсати молиявӣ дар шакли соф сиёсати фискалӣ ва ё дар шакли соф сиёсати монетарӣ вуҷуд дошта наметавонад. Мувофиқи хусусиятҳои хоси талаботи давраи гузариш онҳо дар якҷоягӣ ба таври комплексӣ истифода мешаванд.

Дар шароити имрӯза, мо камбудӣ ва ноқисиҳои зиёдеро дар сиёсати моливӣ бештар ҳис мекунем, ки онҳо ҳалли роҳи инкишофи иҷтимоию иқтисодии мамалакат мегарданд. Онҳо бештар дар характери эҷодӣ надоштани сиёсати молиявӣ, ки вобаста ба дигаргунсозиҳои иқтисодӣ ба вуҷуд омадаанд, аз уҳдаи ҳалли масъалаҳои дар хоҷагии халқ ҷойдошта баромада натавонистан, набудани барномаҳои стратегии молиявӣ оид ба гузаронидани чорабиниҳои асоснок, чорабиниҳое, ки ба ҳалли масъалаҳои яклазагӣ равона карда нашудаанд), канда шудани алоқаҳои молиявии хоҷагии халқ, махсусан ҳалли масоили иҷтимоӣ, (гарчанде он ба болоравии сатҳи зиндагии халқ нигаронида шуда бошанд ҳам) ва ғайра зоҳир мегардад. Аз ин нуқтаи назар, барои дар амал татбиқ намудани сиёсати молиявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон консепсияи сиёсати молиявиеро кор карда баромадан лозим аст, ки он сатҳи зиндагии халқро беҳтар карда, самаранокии хоҷагии халқро баланд бардошта тавонад.

Бояд тазаккур дод, ки сиёсати молиявии Тоҷикистон ҳанӯз самт ва равиши муайян надорад. Ба ин мақсад, сиёсати молиявии Тоҷикистон ба ташкили комплекси ягонаи хоҷагии халқи Тоҷикистон, васеъ гардонидани тақсими ҷамъиятии меҳнат, ҳимояи оила ва гурӯҳҳои камбизоат ва баҳодиҳӣ ба фаъолияти иқтисодии корхонаҳои хоҷагии халқ бояд нигаронида шуда бошад. Асоси барномаи иҷтимоиро шароити эҷодӣ ба меҳнат муайян менамояд. Сиёсати ҳозираи молиявӣ бояд дар асоси истифодаи шаклҳои гуногуни моликият асос ёфта, вазъи ҳозира ва стратегияи ояндаи молиявиро амиқ кор карда бояд ва ба рафъи бухронҳои иқтисодӣ нигаронида шавад.

Касри буҷа шаҳодати буҳрон аст. Беқурбшавии пул, зиёдшавии қарзи дохилӣ ва берунии давлат, зиёд будани корхонаҳо ва хоҷагиҳои бар зарар коркунанда, хароҷоти зиёди ғайриистеҳсолӣ дар ҳоҷагии халқ ҷойдошта, ҳамчун нуқсон талаб менамоянд, ки барнома ва чорабиниҳои махсус оид ба нисбати рафъи муаммоҳои ҷойдошта андешида шаванд.

## АДАБИЁТ


1. Ҳасанов А.Р., Миразизов А.Ҳ. Содиқов Р.Ҳ. «Молия ва Қарз» / А.Р. Ҳасанов, А.Ҳ. Миразизов, Р.Ҳ. Содиқов. - Душанбе-2010.
2. Бабич А.М., Павлова Л.Н. Финансы. Денежное обращение. Кредит / А.М. Бабич, Л.П. Павлова. - Юнити. Москва 2003.
3. Еви Боди., Роберт.К.М., Финансы / Еви Боди, К.М, Роберт. - Санкт-Петербург-2003.
4. Оймаҳмадов Г.Н., Молия / Г.Н. Оймаҳмадов. - Душанбе: Нодир-2005.
5. Раҳимова А.М. Откритая экономика: прблеми и перспективи // Экономика Таджикистана: стратегия развития, 2004, №4.


## СИЁСАТИ БУҶЕТӢ ДАР ДАВРАИ ГУЗАРИШ БА ИҚТИСОДИ БОЗОРӢ


Дар марҳилаи муайяни таърихӣ тараққиёти иқтисодиёти кишвар давлат мақсаду манфиатҳои худро муқаррар менамояд, барои татбиқ намудани вазифаҳои стратегии тараққиёти иҷтимоию иқтисодӣ роҳи муайянкарда ва корҳои амалии худро мегузаронад. Ҳамаи инҳо бо назардошти ҳолатҳои мавҷуда ва тамоили пешбинишуда сиёсати молиявии коркардаи худро пеш мебаранд. Сиёсати молиявӣ қисми таркибии сиёсати иқтисодии давлат мебошад. Ба сиёсати молиявӣ сиёсати давлат дар соҳаи буҷет андоз пул, қарз, нарх ва гумрук дохил мешаванд.



**КАЛИДВОЖАҲО**: Сиёсати молиявӣ, сиёсати буҷетӣ, сиёсати андозӣ, сиёсати гумрукӣ, сиёсати андозӣ, касри буҷет, даромадҳои буҷетӣ.


## БЮДЖЕТНАЯ ПОЛИТИКА В ПЕРИОД ПЕРЕХОДА К РЫНОЧНОЙ ЭКОНОМИКЕ


На определенном историческом этапе экономического развития страны государство устанавливает ее цели и интересы, определяет пути реализации стратегических задач социально-экономического развития, осуществляет свою практическую деятельность. Все они проводят свою финансовую политику с учетом текущей

ситуации и ожидаемой тенденции. Финансовая политика является составной частью экономической политики государства. Финансовая политика включает государственную политику в области бюджета, налоговых денег, кредита, цен и таможенных пошлин.

**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА:** финансовая политика, бюджетная политика, налоговая политика, таможенная политика, налоговая политика, дефицит бюджета, доходы бюджета.

**BUDGET POLICY DURING THE TRANSITION TO A MARKET ECONOMY**

At a certain historical stage of the country's economic development, the state sets its goals and interests, determines the ways of implementing the strategic tasks of socio-economic development, and carries out its practical activities. All of them carry out their financial policies taking into account the current situation and the expected trend. Financial policy is an integral part of the economic policy of the state. Financial policy includes state policy in the field of budget, tax money, credit, prices and customs duties.

**KEYWORDS:** financial policy, budget policy, tax policy, customs policy, tax policy, budget deficit, budget revenues.

**Маълумот дар бораи муаллифон:** ***Абдуллоев Абдурасул Халифаевич*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, н.и. иқтисодӣ, дотсенти кафедраи молия ва суғурта. **Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17.
***Маҳмадалиев Саидҷон Ҷаҳонгирович*** **–** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, магистранти курси дуюми ихтисоси 25010410. **Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17.

**Сведение об авторах:** ***Абдуллоев Абдурасул Халифаевич*** – Таджикский национальный университет, к.э.н., доцент кафедры финансов и страхования **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 17.
***Махмадалиев Саиджон Джахонгирович*** – Таджикский нациoнльный университет, магистрант специальности 25010410. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 17.

**Information about the authors**: ***Abdulloev Abdurasul Khalifaevich*** – Tajik National University, c.e.s., Associate Professor of the Department of Finance and Insurance. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17.
***Mahmadaliyev Saijon Jahongirovich*** – Tajik National Unoversity, second-year master's student of specialty 25010410. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17.

# ҲУҚУҚ – ПРАВО

## ЧОРАҲОИ ПЕШГИРИИ ҶИНОЯТҲО ДАР СОҲАИ АНДОЗ

*Абдуллоев И.Н.*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Маълум аст, ки барои инкишофу пешрафти давлат маблағи зиёд ё буҷаи махсус лозим мебошад. Буҷети давлатӣ иқтидори иқтисодии давлатро ташкил карда, боиси дар амал татбиқ шудани вазифа ва функсияҳои он мегардад. Одатан дар шароити имрӯза қисми зиёди маблағҳои буҷаи давлат аз ҳисоби андоз ё дигар пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷет ба даст оварда мешаванд. Асосҳои танзимӣ-ҳуқуқии андозҳо ва пардохтҳоро қонунгузории соҳавӣ муқаррар кардааст. Дар баробари дигар унсурҳои асосии мубориза бо ҷиноятҳои саркашӣ аз супоридани андозҳо ва ё пардохтҳо, инчунин ошкор ва тафтиши онҳо чораи пешгирӣ бар зидди ин ҷиноятҳо маҳсуб меёбад [6; с.172].

Чораҳои пешгирии саркашӣ аз супоридани андозҳо ва ё пардохтҳо дар ҳар давру замон пурзуртар карда мешаванд [3; с.190]. Давлат барои решакан кардани он бо тамоми қувваи худ мубориза мебарад. Зеро ки пардохтҳои андозӣ манбаи асосии ғанишавии буҷети давлат мебошад ва тавассути ҷамъоварии андоз давлат функсияҳои молиявию иқтисодӣ ва ҳатто иҷтимоии худро амалӣ мегардонад. Зиёд шудани сатҳи ҷиноятҳои андозӣ боиси косташавии хазинаи давлат мегардад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон роҳҳои асосии мубориза бо ин падидаи номатлуб зиёданд. Яке аз роҳҳои анъанавии паст кардани сатҳи саркашӣ аз супоридани андозҳо – ин такмили қонунгузорӣ ва пурзӯр намудани назорат аз болои риояи он мебошад. Аммо нисбати ҳар як чораи пешгирии давлатӣ андозсупорандагони беviҷдон пешакӣ чораҳои ҷавобдиҳӣ бар зидди давлат пайдо мекунанд ва оқибат чораҳои андешидаи давлат бенатиҷа мемонанд. Бинобар ин, солҳои охир олимони соҳаи иқтисодӣ истифодаи усулҳои институтсионалиро роҳи нисбатан беҳтари мубориза бо саркашӣ аз супоридани андозҳо баҳо медиҳанд. Усулҳои институтсионалии паст кардани сатҳи саркашӣ аз супоридани андозҳо ба ташкили чунин шартҳои фаъолияти субъектони хоҷагидорӣ дар ҷамъият равона гардидаанд, ки ҳангоми онҳо, пинҳон намудани объектҳои андозбандӣ аз лиҳози тиҷоратӣ барои ширкатҳо манфиатнок намебошад ё ин ки бо назардошти ҳар гуна имтиёзҳои бо обрӯйи андозсупорандаи бовиҷдон алоқаманд, ширкатҳо барои пардохти андоз бевосита манфиатдор мегарданд.

Айни замон, ҷустуҷӯйи усулҳои институтсионалии мубориза бо саркашӣ аз супоридани андозҳо дар як қатор кишварҳо, аз ҷумла Тоҷикистон фаъолона ба роҳ монда шудааст. Ҳамзамон бо ин, назарияи том (ва мутаносибан – таснифот)-и ин усулҳо ташаккул наёфтааст. Усулҳои институтсионалӣ аз таҷриба маншаъ гирифта, дар бештари мавридҳо номукаммал мебошанд. Бо вуҷуди ин, самтҳои зеринро номбар кардан мумкин аст, ки дар онҳо натиҷаҳои дилхоҳ ба даст омадаанд [6; с.170]:

1. Ташкили шароитҳое, ки баъзе субектони муносибатҳои иқтисодиро барои назорат кардан аз болои баъзеи дигар ҳавасманд менамоянд;
2. Баланд бардоштани нақши андозҳои маҳаллӣ;
3. Ташкили имтиёзҳои тиҷоратӣ барои ширкатҳое, ки андозҳоро сари вақт ба таври пурра месупоранд;
4. Баланд бардоштани фарҳанги андозии андозсупорандагон.

Мисолҳои аз ҳама равшани ҳар як роҳҳои номбаршуда инҳо мебошанд:

1. Тайи ду-се соли охир дар давлати мо қарзи истеъмолӣ бениҳоят рушд карда истодааст. Аҳолӣ бори аввал аст, ки имконияти "тибқи нақшаи хоси кишварҳои тараққикарда зиндагӣ кунанд – имрӯз неъматҳоро истифода баранд, вале ҳаққи онҳоро дертар пардохт намоянд" пайдо намудаанд. Аммо, ба сифати шарти ҳатмии ҳама гуна қарз пардохтпазирии қарзгир баромад мекунад. Барои кормандони давлатӣ ё кормандони

дигаре, ки дар асоси шартномаи меҳнатӣ кор мекунанд ба сифати тасдиқи пардохтпазирӣ музди меҳнати онҳо баромад мекунад, ки онро бо маълумотномаи дахлдор аз ҷойи кор тасдиқ намудан мумкин аст. Бо инкишофи қарздиҳии истеъмолӣ корманд аз иштирокчии ғайрифаъоли найрангҳои корфармо доир ба саркашӣ аз супоридани андозҳо ба назоратчии ихтиёрии корхонае, ки дар он кор мекунад, табдил меёбад [3; с.192]. Воқеан ҳам, то замоне, ки корманд ба гирифтани қарз эҳтиёҷ надорад, ӯ барои пардохт гардидани як қисми маоши худ ба таври ғайрирасмӣ «дар дохили лифофа» розӣ мешавад ва ба ин васила дар саркашӣ аз супоридани андозҳо шарик мегардад. Вале, ҳамин ки корманд ба гирифтани қарз эҳтиёҷ пайдо мекунад, ӯ барои «дар коғази сафед» нишон додани тамоми музди меҳнаташ манфиатдор мешавад».

Ба иҷрои чунин функсияи назоратӣ аз болои супоридани андозҳо аз тарафи корфармо, кормандро инчунин дигар механизм низ водор менамояд. Музди меҳнати корманд ҳамчун объект барои ҳисоби пардохтҳои дигари ҳатмӣ низ хизмат менамояд. Нявобаста аз он, ки пардохтҳо имрӯз аз рӯйи пардохтҳои нафақавӣ анҷом дода мешаванд, вале нафақа баъди чандин солҳо пардохт мегардад. Кам аст инсонҳое, ки бо маблағҳои барои давраи пиронсолӣ ғункардаи худ фахр мекунанд. Бинобар ин, давлат ба сифати кафили шароити арзандаи зиндагӣ ҳангоми пиронсолӣ баромад мекунад. Пардохтҳои андозӣ ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ аз рӯйи он даромадҳои кормандон, ки таҳти андозбандии ягонаи иҷтимоӣ қарор доранд, ҳисоб карда мешавад. Яъне, объекти андозбандӣ аз рӯйи андози ягонаи иҷтимоиро пинҳон сохта, ба ин васила ташкилот маблағҳоро барои ҳисоби пардохтҳои нафақавӣ ба фонди нафақавии кормандони худ ихтисор мекунад ва андозаи нафақаи ояндаи онҳоро кам менамояд. Пардохтҳо аз рӯйи суғуртаи нафақавӣ маблағи андози ягонаи иҷтимоиро, ки ба буҷети давлат гузаронида мешавад, кам мекунанд, ки ҳамчунин сабаби нишон додани тамоми маблағи музди меҳнати кормандон бо ташаббуси худи ширкат мегардад. Комилан яқин аст, ки инкишофи қарзи истеъмолӣ ва ташкили низоми пардохтҳои таъминоти нафақавӣ дар оянда ба ташаккули шиддати методҳои институтсионалӣ нисбати ширкатҳо дар самти даст кашидан аз нақшаҳои «сиёҳи» пардохти музди меҳнат оварда мерасонад. Мисоли дигари шаклҳои имконпазири «худидоракунӣ» дар соҳаи муносибатҳои меҳнатӣ – ин муқаррар намудани дараҷаи воқеии музди меҳнати ҳадди ақал мебошад. Вақте ки музди меҳнати ҳадди ақал аз воҳиди шартӣ ба нишондиҳандае, ки арзиши воқеии ҳаётро инъикос менамояд, табдил меёбад, дар ҳуҷҷатҳои идоравӣ кам нишон додани андозаи музди меҳнат (ва пардохт накардани андозҳо) ғайриимкон мегардад. Ба ғайр аз шахсони дар пардохти пурраи андозҳо манфиатдор, дар дохили корхона ҳамчунин «нозирон»-и берунӣ – сармоягузорони эҳтимолӣ мавҷуданд [7; с.39].

Айни замон барои Тоҷикистон тарзи мубрами ҷалби сармоягузор – ташкили корхонаҳои муштарак дар намуди ҷамъияти саҳомӣ бо иштироки шарикони хориҷӣ (сармоягузорон) ба ҳисоб меравад. Дар ин маврид, ҳамчун қоида, ташаббускор ретсипиент мегардад, ки талош менамояд барои сармоягузори эҳтимолӣ ҷолиби таваҷҷуҳ бошад.

Дар қабули лоиҳаи сармоягузорӣ муваффақият бисёртар аз дараҷаи қонеъгардонии талаботи сармоягузори хориҷӣ вобастагӣ дорад. Дар ин ҳолат, пеш аз марҳилаи таҳияи лоиҳа метавонад марҳилаи омодасозии пешниҳодҳои сармоягузорӣ ҷой дошта бошад. Дар ин ҳуҷҷат маълумоти муфассал дар бораи сармоягузорон, натиҷаҳои фаъолияти онҳо дар гузашта, хусусияти маҳсулоти истеҳсолшаванда, стратегия ва тактикаи муносибат дар бозор ва як қатор маълумотҳои дигар дохил карда мешаванд.

Таҳлили лоиҳаи сармоягузорӣ иҷроиши тиҷоратӣ, техникӣ, молиявӣ, иқтисодӣ ва институтсионалии лоиҳаро фаро мегирад. Таҳлили молиявии фаъолияти гузаштаи корхона ва ҳолати кунунии он, маъмулан бо мақсади мушаххас намудани коэффитсиентҳои асосии молиявӣ, ки бозоргирӣ, пардохтпазирӣ, фоиданокии корхона ва самаранокии менеҷменти онро инъикос менамояд, гузаронида мешаванд. Дар ин маврид, нишон додани ҳисоботи дурусти молиявии корхона барои солҳои гузашта ва муқоиса намудани нишондиҳандаҳои асосӣ аз рӯйи солҳо бениҳоят муҳим мебошад. Бинобар ин, ширкати ретсипиент (шахси қабулкунандаи паёмакҳои муайян) барои ҷалби сармоягузор маҳз ба лоиҳаи худ бояд нишондиҳандаҳоеро, ки дар ҳисоботи андоз пешбинӣ мешаванд, кам нишон надиҳад ва ӯ дар инъикос намудани фоидаи воқеӣ ҳавасманд мебошад.

Ҳангоми барқарор намудани ҳамкорӣ бо корхонаҳои хориҷӣ эътибори ширкат омили муҳимми муваффақият на танҳо дар соҳаи сармоягузорӣ, балки инчунин дар дигар намудҳои муносибатҳои дарозмуддати иқтисодӣ ба ҳисоб меравад. Масалан, одатан обрӯ ва эътибор ба имкониятҳои ширкат оид ба расонидани молу маҳсулот барои ташкилоти бузурги трансмиллӣ гардидан таъсир мерасонад. Дар робита ба нигоҳдории нуфузи ширкат ҳатто фаъолияти офшорӣ ба тағйирот дучор гардид. Айни замон ба ҷойи ширкатҳои офшорӣ бояд фирмаҳои «офшорӣ» кушода шаванд, яъне ширкатҳое, ки дар минтақаи дорои эътибори оливу бенуқсони андозӣ ба қайд гирифта шудаанд.

2. Вақтҳои охир ҷараёни мутамарказкунонӣ дар низоми буҷетии давлат пурзӯр гардидааст. Тайи солҳои охир даромадҳои буҷетҳои маҳаллӣ қариб аз чор як ҳисса коҳиш ёфтааст; ҳиссаи даромадҳои худӣ, ки ба он, воридот аз ҳисоби андозҳо аз молу мулк, андоз аз фурӯш, андозҳои маҳаллӣ (аз ҷумла андози замин) дохил мешаванд ва даромадҳои ғайриандозӣ, дар соли 2020 18,7%-ро ташкил медод [7; с.29].

Барои ба пардохти андозҳо ҳавасманд гардонидани ташкилотҳо, баръакс, бояд ҷойи супоридани андозҳо бо ҷойи истифодаи онҳо наздик карда шавад. Яъне ҳиссаи сармояи маҳаллӣ дар буҷети ҷумҳуриявӣ зиёд карда шавад, инчунин ҳисобот дар хусуси истифодаи мақсадноки даромадҳои гирифташуда нашр гардад. Масалан, агар ягон ноҳия аз ҳолати садамаовари роҳҳо ё дигар харобиҳо ранҷ кашад, ташкилотҳои маҳаллӣ нисбати зарурати пардохти андозҳо, ки ба беҳтарсозии инфраструктураи нақлиёт равона гардидаанд, бо фаҳмидагирӣ рафтор мекунанд. Хароҷотҳое, ки барои анҷом додани онҳо дар буҷетҳои маҳаллӣ маблағ намерасад, метавонад анҷом додани онҳо ба корхонаҳои маҳаллӣ пешниҳод карда шуда, беҳтарсозии муҳити иҷтимоӣ ва сатҳи андозбандӣ дар алоқамандӣ қарор дода шаванд. Нишондиҳандаи суботу некуаҳволиро аз рӯйи фоизи бемориҳо, сатҳи ҷинояткориҳо, сатҳи маълумотнокӣ, ҳолати муҳити иҷтимоӣ ва ғайра муайян кардан мумкин аст. Хуб мешуд, ки ин ҳолат нисбати ташкилотҳои тиҷоратии дар Тоҷикистон фаъолиятдошта бо истифода аз чораҳои ҳавасмандгардонӣ ё методҳои дигари институтсионалӣ татбиқ карда мешуд. Мутаассифона, имрӯзҳо ширкатҳои давлати мо бо роҳҳои маҷбурӣ, сар задани омилҳои коррупсионӣ, истифодаи ғайриқонунии имтиёзҳои андозӣ ва дигар роҳҳо, ки ба саркашӣ аз супоридани андозҳо оварда мерасонад ба ин корҳо ҷалб карда мешаванд.

3. Ҷудо кардани андозсупорандагон ба бевиҷдон ва бовиҷдон ва дар ин замина барои охирин ташкил намудани шароитҳои мусоид, тайи солҳои охир дар бештари кишварҳо яке аз ҳадафҳои асосии муносибати мутақобилаи мақомоти андоз ва андозсупорандагонро ташкил медиҳад. Дар Тоҷикистон озмоишҳои ба ин монанд қариб ки ба назар намерасад. Каму беш ин ҳолатҳо дар соҳаи муносибатҳои гумрукӣ гузаронида мешаванд. Фирмаҳои дорои эътибори олӣ ҳуқуқи истифода аз «долони сабз (зелёный коридор)», яъне ҳуқуқи «эъломиякунонӣ»-и фаврӣ ва бемамониятро ба даст меоранд. Манфиати тиҷоратӣ аз тезонидани гузаштани расмиёти гумрукӣ, дар ин маврид, маъмулан нисбат ба манфиате, ки бо роҳи ғайриқонунӣ паст кардани андозаи боҷҳои воридотӣ (масалан, тавассути паст кардани арзиши мол) ба даст оварда мешавад, зиёд мебошад. Бинобар ин, дар як қатор ҳолатҳо ба сифати ташаббускори чунин тарҳи муносибатҳо (пардохти бовиҷдононаи андозҳо бар ивази тартиботи имтиёзноки маъмурӣ) худи фирмаҳо баромад мекунанд.

4. Фарҳанги андозӣ аз дарки муҳимияти пардохти андозҳо барои давлат ва ҷамъият (ҳамчун қисми фарҳанги сиёсӣ) ва донистани ҳуқуқ ва уҳдадориҳои худ доир ба супоридани онҳо (ҳамчун қисми фарҳанги ҳуқуқӣ) ташаккул меёбад.

Барои ташаккули фарҳанги андозӣ дар ҷамъият бояд воситаҳои ахбори омма – телевизион, радио, нашриёти даврӣ фаъолона истифода бурда шаванд. Ҳамчунин, бояд ба фаҳмондадиҳии ҳуқуқ ва уҳдадориҳои андозсупорандагон таваҷҷуҳ зоҳир карда шавад. Барои ин, зарур дониста мешавад, ки алакай дар барномаи мактабӣ «фанҳои андозӣ» пешбинӣ карда шаванд. Вале набояд ба як «кори тарбиявӣ» маҳдуд гардид. Чораҳои ҳавасмандгардонии воқеӣ зарур мебошанд. Ба мисоли муқаррар кардани «қоидаи нонавишта», ки барои ба мақомоти олии ҳокимияти давлатӣ роҳ ёфтани шахсони дорои эътибори пасти андозӣ мамониат мегузорад [2; с.218].

Кормандони мақомоти андоз аз тарафи худ бояд дарк намоянд, ки андозсупоранда шарики давлат мебошад ва маҳз бо маблағҳои андозсупоранда давлат сиёсати худро амалӣ

менамояд ва соҳаи иҷтимоиро нигоҳ медорад. Кормандони мақомоти андоз бояд бо проблемаҳои андозсупорандагони бовиҷдон бо эҳтиром муносибат намоянд. Андозсупорандагони бовиҷдони калон бошад, шояд мақоми имтиёзноки махсусро сазовор бошанд. Чунин ба назар мерасад, ки усулҳои институтсионалии номбаршуда акнун нав тавлид мешаванд, вале дар оянда онҳо метавонанд ба беҳтаршавии вазъият бо саркашӣ аз андозҳо нисбат ба усулҳои маъмулӣ ба таври амиқтар таъсир расонанд. Проблема аз бисёр ҷиҳат тавассути назорате ҳал мегардад, ки аз ҷониби кормандони корхона ва дигар субъектони муносибатҳои иқтисодӣ аз болои пардохти андозҳои корхона анҷом дода мешавад, ба ибораи дигар, вақте ки шахсони манфиатдори берунӣ ва дохилӣ амалан ноҷуриҳои қонунгузории давлатро ислоҳ менамоянд. Муҳим он аст, ки давлат нозири берунии чунин ҷараёнҳо набошад, балки он институтҳои бозориеро, ки назорати мутақобилаи субъектони иқтисодиётро бар ивази пардохти бовиҷдононаи андозҳо ҳавасманд мегардонанд, фаъолона дастгирӣ намояд. Тавре ба назар мерасад, яке аз ҳадафҳои муҳимтарини ислоҳоти нафақавии ба наздикӣ анҷомшуда маҳз ҳавасманд гардонидани чунин назорат мебошад. Давлат бояд қарздиҳии истеъмолӣ, ипотека ва дигар намудҳои амалиёти тиҷоратиро, ки ҳангоми ба онҳо ҷалб гардидан субъектони иқтисодиёт дар ифшо намудани даромадҳои воқеии худ манфиатдор мебошанд, дастгирӣ намояд.

Зиёд гардидани нақши андозҳои маҳаллӣ проблемаи асоснокӣ ва мақсаднокии пардохти андозро аз байн мебарад ва аз лиҳози тиҷоратӣ ҷолиби таваҷҷуҳ шудани минтақаро, ки барои ин ширкат сахт манфиатдор мебошад, дар алоқамандии бевосита бо андозбандии фирма қарор медиҳад. Дар ин сурат, андозҳо дигар дар назари ширкат ҳамчун «маблағҳои гумшуда» наменамояд ва фоидаи пардохти онҳо аён мегардад. Ҳамзамон, дар сатҳи «поёни»-и идоракунии давлатӣ проблемаи самаранокӣ осонтар ҳал карда мешавад. Чунончӣ, хароҷотҳои ғайриоқилонаро, масалан, дар шаҳраку ноҳия ошкор ва бартараф кардан нисбат ба буҷети ҷумҳуриявӣ осонтар мебошад.

Дар ин ҳол, ҳамчун тафовути нақши андозҳои ҷумҳуриявӣ ва маҳаллӣ ва мутаносибан ҷавобгарӣ барои саркашӣ аз супоридани онҳо, ду ҷанбаро ҷудо намудан мумкин аст, якум, андози ҷумҳуриявӣ, ба андешаи муаллифи кори мазкур, гарчанде ба сифати нишондиҳандаи «қудрати» давлат, самаранокии баланди идоракунӣ хизмат намояд, вале аз ҳимояи дахлдор бархурдор намебошад. Ҳамин тавр, дар хусуси зарурати пурзӯр намудани ҷазо барои саркашӣ аз ин категорияи андозҳо хулоса баровардан мумкин аст. Дар ин маврид, андозҳои «маҳаллӣ» бо назардошти таъсири як қатор омилҳо, ки ба шумули онҳо инчунин мавҷудияти воситаи маъмурии нисбатан пурзӯр дохил мешавад, нисбатан «ғуншаванда» мебошанд. Омилҳои маънавии саркаширо тавассути баланд бардоштани фарҳанги андозӣ, истифодаи маблағҳои бадастомадаи андозӣ дар ташкили неъматҳои иҷтимоие, ки ба андозсупорандагон наздик мебошанд ва дар шакли ҳуҷҷатӣ тасдиқ намудани истифодаи мақсадноки маблағҳои ҷамъгардидаи андоз бартараф кардан мумкин аст [2; с.216]. Таҷрибаи дигар кишварҳо аз он шаҳодат медиҳад, ки тағйир додани муносибати ҷамъиятӣ нисбати андозҳо дар ҳалли проблемаи саркашӣ аз онҳо кумак ва мусоидати зиёд мекунад. Вақте ки шаҳрвандон ва корхонаҳо аз қобилияти фиреб додани мақомоти андоз ифтихор мекунанд - ин як масъала, вале, вақте ки онҳо ҳадди ақал аз эътирофи ҳуқуқвайронкунии худ шарм медоранд - ин тамоман масъалаи дигар мебошад. Ҳамчун омили «доғдоркунандаи обрӯ ва эътибор» қабул кардани ҳуқуқвайронкуниҳои андозӣ, аз бисёр ҷиҳат бавуҷудоии онҳоро пешгирӣ мекунад.

Ҳамчунин, мувофиқи мақсад мебошад, ки давлат андозсупорандагонро дар нигоҳ доштани эътибори андозии онҳо дастгирӣ намояд. Тақсим кардани супоришҳои давлатӣ танҳо миёни андозсупорандагони бовиҷдон, содда гардонидани расмиёти пешниҳоди ҳисоботи андоз барои онҳо, манъ кардани ишғоли мансабҳои муайян барои андознасупорандагони бевиҷдон – низоми чунин чораҳо дорои чунон аҳаммияти муҳим мебошад, ки албатта сазовори таҳқиқу коркард ва роҳандозӣ мебошад.

### АДАБИЁТ

1. Саркисов К.К. Налоговые преступления (уголовно-правовые и криминологические аспекты). Дис. канд. юрид. наук. / К.К. Саркисов. – М., 2005.

2. Ларичев В.Д. «Типология налоговых преступников». Вестник Академии налоговой полиции России. Вып. 1, – М., 2003.
3. Калинина Л. А. Проблемы административной ответственности за нарушения финансового и налогового законодательства. Законодательство. № 8, 1999.
4. Николаенко С, Лиссоволик Я., Мак Фаркар Р. Специальный доклад «Теневая экономика в российских регионах». IV. – М., 1998.
5. Саркисов К.К. Криминологическая характеристика лиц, совершивших налоговые преступления. Право: теория и практика. №16. – М.: Тезарус, 2003.
6. Ларичев В.Д. «Типология налоговых преступников». Вестник Академии налоговой полиции России. Вып. 1, – М., 2003.
7. Кучеров И.И. Налоговая преступность: криминологические и уголовно - правовые проблемы: Автореф. дис. д-ра. юрид. наук. – М., 1999.

## ЧОРАҲОИ ПЕШГИРИИ ҶИНОЯТҲО ДАР СОҲАИ АНДОЗ

Мақолаи мазкур ба масъалаҳои саркашӣ аз супоридани андозҳо ва (ё) пардохтҳо, роҳҳои содиршавии он, сабаб ва шароитҳои содиршавии ин ҷиноятҳо ва чораҳои пешгирӣ оид ба ҷиноятҳо дар соҳаи андоз бахшида шудааст. Муаллиф дар ин Мақола тамоми роҳҳои асосии танзими ҳуқуқӣ ва чораҳои сифатан баланди пешгирии ҷиноятҳо дар соҳаи андозро дар Мақолаи мазкур мавриди баррасӣ қарор додааст. Самти дигаре, ки дар ин Мақола баррасӣ ва таҳлил гардидааст, ин донишҳои амалиявӣ, таҷрибаи судӣ ва дигар мақомоти ваколатдор вобаста ба ин самт, беамалии мақомоти андоз, фарҳанги ҳуқуқии андозсупорандагон, аҳаммияти назариявии чораҳои пешгирии ҷиноятҳо дар соҳаи андоз, таҳқиқоти олимон дар ин самт, бартарият ва муқоисаи онҳо ва дигар масъалаҳо мебошад. Бо дарназардошти ин вазъият чораҳои нави пешгирии ин ҷиноятҳо дар амалия ва тавсияи онҳо ба мақомоти давлатӣ баррасӣ гардидааст.

**КАЛИДВОЖАҲО:** ҷиноятҳо дар соҳаи андоз, чораҳои пешгирӣ, сабаб ва шароити ҷинояткорӣ, андоз, чораҳо, андозҳо ва (ё) пардохтҳо, ҷиноят, таҷрибаи қонунгузорӣ, шахсони ҳуқуқӣ, ташкилотҳо, чораҳои огоҳонӣ, танзими ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ.

## МЕРЫ ПРЕДОТВРАЩЕНИЯ ПРЕСТУПЛЕНИЙ В НАЛОГОВОЙ СФЕРЕ

Данная статья посвящена вопросам уклонения от уплаты налогов и (или) платежей, способам его совершения, причинам и условиям совершения этих преступлений и мерам профилактики преступлений в налоговой сфере. В данной статье автор рассмотрел все основные способы правового регулирования и качественные меры профилактики преступлений в налоговой сфере. Еще одним направлением, обсуждаемым и анализируемым в данной статье, являются практические знания, опыт судов и иных уполномоченных органов, связанных с данной сферой, бездействие налоговых органов, правовая культура налогоплательщиков, теоретическое значение мер предупреждения преступлений в налоговой сфере, исследования ученых в этой области и их преимущества и сравнения и другие вопросы. С учетом сложившейся ситуации на практике обсуждены новые меры по предотвращению этих преступлений и рекомендованы их органам государственной власти.

**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА:** преступления в налоговой сфере, меры профилактики, причины и условия совершения преступления, налог, меры, налоги и (или) платежи, преступление, законодательная практика, юридические лица, организации, меры предупреждения, уголовно-правовое регулирование.

## MEASURES TO PREVENT CRIMES IN THE TAX SPHERE

This article is devoted to the issues of tax evasion and (or) payments, methods of its commission, the reasons and conditions for the commission of these crimes and measures to prevent crimes in the tax sphere. In this article, the author examined all the main methods of legal regulation and qualitative measures for the prevention of crimes in the tax sphere. Another area discussed and analyzed in this article is practical knowledge, experience of courts and other authorized bodies related to this area, inaction of tax authorities, the legal culture of taxpayers, the theoretical significance of crime prevention measures in the tax area, research by scientists in this area and their advantages and comparisons and other issues. Taking into account the current situation in practice, new measures to prevent these crimes were discussed and recommended to their state authorities.

**KEYWORDS:** crimes in the tax sphere, prevention measures, causes and conditions for committing a crime, tax, measures, taxes and (or) payments, crime, legislative practice, legal entities, organizations, prevention measures, criminal law regulation.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Абдуллоев Исфандиёр Нодирхонович*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, магистранти факултети ҳуқуқшиносӣ. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **933878786**. E-mail: **isfandiyor_1996@mail.ru**

**Сведения об авторе:** ***Абдуллоев Исфандиёр Нодирхонович*** – Таджикский национальный университет, магистрант юридического факультета. **Адрес**: 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: **933878786.** E-mail: **isfandiyor_1996@mail.ru**

**Information about the author:** ***Abdulloev Isfandiyor Nodirkhonovich*** – Tajik National University, master`s student of Faculty of Law. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. Phone: **933878786.** E-mail: **isfandiyor_1996@mail.ru**

# МАФҲУМИ ТАМАЪҶӮЙӢ ВА МАВҚЕИ ОН ДАР СИСТЕМАИ ҶИНОЯТҲО МУҚОБИЛИ МОЛИКИЯТ

***Раҷабова Н.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯзҳои аввали истиқлолият дар ҳаёти сиёсии ҷомеаи ҷаҳонӣ фаъолона ширкат меварзад. Қабули Конститутсияи соли 1994 ва як қатор қонунҳо, ки аз як тараф ба стандартҳои байналмилалӣ мувофиқат мекунанд ва аз тарафи дигар, эътирофи тамоми санадҳои ҳуқуқии байналмилалии ҳуқуқӣ тамоюли тамоман нави рушди иҷтимоию сиёсии кишварро боз карданд. Маҳз ҳамин ҳолат муайян мекунад, ки ҳам барои сиёсати дохилӣ ва ҳам берунаи Ҷумҳурии Тоҷикистон афзалият барои пешбурд ва ҳифзи ҳуқуқҳои инсон ва озодиҳои асосӣ мебошад. Дар Тоҷикистон, ба монанди дигар ҷумҳуриҳои собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ, анъанаи эътирофи афзалият ва аҳаммияти ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон вуҷуд надошт ва ғояҳои либерал-демократӣ барои аҳолии Тоҷикистони шуравӣ бегона буданд.

Бо шарофати соҳибихтиёрии сиёсӣ ва истиқлолият, Тоҷикистон заминаи қонунгузории худро дар тамоми соҳаҳои фаъолияти инсонӣ, аз ҷумла дар самти таъмин ва ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон таъсис дода, имконияти робитаи мустақим бо кишварҳое, ки дар рушди демократӣ таҷриба доранд, истифода мебарад.

Вазифаи ҳама гуна ҷомеаи муосир ҳифзи моликиятро аз сӯиқасдҳои ғайриқонунии навъҳои гуногун дар бар мегирад. Ҳалли ин мушкилот на танҳо тавассути ворид кардани қонунгузории амалкунанда кафолати дахлнопазирии ҳама гуна шакли моликият, балки бо роҳи ба даст овардани санадҳои ғайриқонунӣ мусодираи молу мулки ашхоси дигаронро ба гурӯҳи ҷиноятҳо ба даст меояд.

Аз рӯйи табиати худ, хоҳиши аз худ кардан ва доштан ҳамеша ба инсон хос буд. Ҷиноятҳо бар зидди молу мулке, ки одамон аз замонҳои қадим содир кардаанд, қисми зиёде аз амалҳои ҷиноӣ буданд. Ин ҳолат дар ҷаҳони муосир, вақте нақши арзишҳои моддӣ дар ҳаёти инсонҳо боло рафтааст, бетағйир мондааст. Ғайр аз он, шумораи ҷиноятҳо нисбат ба моликият бемайлон меафзояд ва проблемаи ҷиноятҳо нисбат ба моликият рӯз аз рӯз муҳимтар мегардад.

Дар бораи ин С.А. Солодовников қайд менамояд, ки мисли дигар амалҳо, ҷиноят нисбати молу мулк падидаи доимист. То он даме, ки худи молу мулк вуҷуд дошта бошад, ин ҷиноятҳо вуҷуд хоҳанд дошт. Мақомоти ҳифзи ҳуқуқ бояд афзоиши ҷиноятҳои зидди молумулкиро пешгирӣ кунанд.

Қаблан дар мамлакати мо баъзе намудҳои ҷиноятҳои молу мулкӣ, ки хеле кам содир карда шудаанд, дар солҳои охир васеъ паҳн гашта истодаанд. Яке аз ҷиноятҳои маъмултарин, тамаъҷӯӣ мебошад. Зарурияти таҳқиқоти ҳамаҷониба ва муназзами он аз он иборат аст, ки тамаъҷӯйӣ чунин муайян карда мешавад: ҷинояти ғаразнок; ҷинояти бо роҳи зӯроварӣ содир шуда бо роҳи маҷбуркунӣ.

Аломатҳои "зӯроварӣ" ва "маҷбуркунӣ" хусусияти криминологии ин ҷиноят мебошанд, “ғаразнок” ва “тасарруф” бошад – ҳуқуқи ҷиноятӣ.

Л.С. Белогриц-Котляревский таҳдиди тамаъҷӯйиро “таҳдид ба хешовандони наздик, тамаъҷӯйӣ ва маҷбур кардани уҳдадориҳо ва таҳдидҳои исрофкорона” баррасӣ мекунад .

Дар мавриди мафҳуми тамаъҷӯӣ бо андешаи А.С. Михлина розӣ шудан мумкин аст, ки ба ақидаи ӯ тамаъҷӯйӣ - талаби молу мулк, ва ё ҳуқуқ ба молу мулк ё таҳдиди паҳн кардани маълумоте, ки ба ҷабрдида ё хешовандони ӯ мехоҳанд онҳоро ниҳон доранд ё дигар маълумоте, ки ба ҳуқуқҳо ё манфиатҳои қонунии ҷабрдида ё хешовандони ӯ таҳдид мерасонад ва ё несту нобуд кардан, вайрон кардани молу мулки каси дигар ё истифодаи зӯроварӣ мебошад.

Қайд кардан ба маврид аст, ки қонунгузории ҷиноятии ИҶШС дар баробари дуздӣ, роҳзанӣ, ғоратгарӣ тамаъҷӯйиро низ ба гурӯҳи ҷиноятҳо ба муқобили моликият мансуб донистааст. Аксари муаллифони китобҳои дарсӣ, ин масъаларо ба назар гирифта, дар

китобҳои худ тамаъҷӯйиро бо истифодаи зӯроварии ҷисмонӣ ё таҳдиди чунин зӯроварӣ алоқаманд медонанд.

Бояд қайд кард, ки дар моддаи 95 Кодекси ҷиноятии ҶШС Тоҷикистон аз соли 1961 ду таркиби тамаъҷӯйӣ муайян карда шуда буд:

1. Талаби моликияти давлатӣ;
2. Талаби моликияти ҷамъиятӣ.

Бояд қайд кард, ки бо Фармони Раёсати Шурои Олии ҶШС Тоҷикистон аз 30 декабри соли 1982, тағйирот ба моддаи 95 ва 160 Кодекси ҷиноятии ҶШС Тоҷикистон соли 1935 ва 1961 ворид карда шуда буд. Мутобиқи ин тағйирот, тамаъҷӯйӣ ҳамчун талаби додани молу мулки шахсии шаҳрвандон ё ҳуқуқи моликият ё анҷом додани ҳама гуна амалҳои дорои хусусияти молу мулкӣ дар зери таҳдиди зӯроварӣ нисбати шахсияти ҷабрдида ё хешовандони ӯ, фош кардани маълумотҳои бадномкунанда дар бораи онҳо ё маълумоте, ки ҷабрдида мехоҳад ниҳон дорад, ё несту нобуд кардани молу мулки онҳо муайян карда шуд.

Рушди қонунгузории ҷиноятӣ (1991-1998) дар ҶТ хусусиятҳои худро дошт. Бо назардошти дигаргуниҳо дар ҳар як давраи рушди қонуни ҷиноятӣ, ки дар ҷомеа ба амал меоянд, хусусиятҳои он бо вазифаҳое, ки дар назди он гузошта мешаванд, муайян карда мешаванд. Тағйирот дар самти иҷтимоию иқтисодии дар Ҷумҳурии Тоҷикистон пас аз ба даст овардани истиқлолият рухдода ба ин ҳолат ва динамикаи ҷинояткорӣ таъсир расониданд. Шаклҳои хатарноки тамаъҷӯйӣ паҳн шуданд, шумораи парвандаҳои содир кардани ин намуди ҷиноят якбора зиёд шуд. Дар робита ба ин, матни Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 январи соли 1992 «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон» пешбинӣ шудааст.

Мутобиқи қисми 1 мод. 250 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон тамаъҷӯйӣ гуфта ин «Тасарруф бо роҳи тамаъҷӯйӣ, яъне талаби додани амволи ғайр ё ҳуқуқ ба амвлол ё содир намудани дигар кирдорҳои дорои хусусияти амволӣ бо таҳдиди ифшои маълумотҳои беобрӯкунанда (бадномкунанда) нисбати ҷабрдида ё наздикони ӯ, ошкор кардани чунин маълумотҳо оид ба ҳолатҳое, ки вай мехоҳад онро ниҳон дорад, ҳамчунин бо таҳдиди истифодаи зӯроварӣ нисбат ба ӯ ё наздикони ӯ ё бо таҳдиди несту нобуд, вайрон кардани амволи ғайр". Мафҳуми тамаъҷӯӣ, ки онро қонунгузор инъикос менамояд, аз ҷониби назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ қабул карда мешавад. В.А. Владимиров қайд мекунад, ки ҷиноятҳо аз ҳисоби дуздӣ одатан ҷиноятҳоеро дар бар мегиранд, ки ба манфиати молу мулк равона шудаанд. Бояд қайд кард, ки дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ нисбати ин масъала мавқеъҳои дигар мавҷуданд.

### АДАБИЁТ


1. Емельянов В.П. Квалификация преступлений против собственности: учеб. Пособие / В.П. Емельянов. - Харьков: Рубикон, 1996.
2. Матышевский П.С. Преступления против собственности и смежные с ними преступления / П.С. Матышевский. - Киев: Юринком, 1996.
3. Модельный уголовный кодекс для государств-участников СНГ // Правоведение. - 1996. - № 1. - С. 122.
4. Раджабов К.Д. Вымогательство по уголовному законодательству зарубежных стран // Правовая жизнь. Научно-информационный журнал. – 2017. – № 3 (19). – С. 152-153.
5. Раджабов К.Д. Развитие понятия вымогательства в уголовном праве // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2017. – № 2/7. – С. 238-239.
6. Уголовный кодекс Таджикской ССР. – Душанбе, 1961.
7. Уголовный кодекс Таджикской ССР. - Сталинабад, 1935.


### МАФҲУМИ ТАМАЪҶӮЙӢ ВА МАВҚЕИ ОН ДАР СИСТЕМАИ ҶИНОЯТҲО МУҚОБИЛИ МОЛИКИЯТ


Дар мақолаи мазкур мафҳуми тамаъҷӯйӣ тибқи қонунгузории ҷиноятии Тоҷикистон таҳқиқ карда шудааст. Муаллиф дар асоси таҳқиқи мафҳуми «тамаъҷӯйӣ» тибқи қонунгузории ҷиноятии ИДМ ба хулосае омад, ки тамаъҷӯйӣ ҳамчун шакли тасарруф маҳсуб намеёбад. ИнчунинЮ дар мақола ақидаҳои олимон дар бораи мафҳуми тамаъҷуӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд.



**КАЛИДВОЖАҲО:** тамаъҷӯйӣ, ҷиноятҳо ба муқобили моликият, кодекси ҷиноятӣ, молу мулк, тасарруф, ҷиноят, моликият, қонунгузории ҷиноятӣ.

**ПОНЯТИЕ ВЫМОГАТЕЛЬСТВА И ЕГО МЕСТО В СИСТЕМЕ ПРЕСТУПЛЕНИЙ ПРОТИВ СОБСТВЕННОСТИ**

В данной статье исследуется понятие вымогательства по уголовному законодательству Таджикистана. На основе изучения понятия «вымогательство» по уголовному законодательству СНГ автор пришел к выводу, что вымогательство не считается формой хищения. Также в статье рассматриваются мнения ученых о понятии вымогательства.

**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА:** вымогательство, преступления против собственности, уголовный кодекс, имущество, растрата, преступление, имущество, уголовное законодательство.

**THE CONCEPT OF EXTORTION AND ITS POSITION IN THE SYSTEM OF CRIMES AGAINST PROPERTY**

This article examines the concept of extortion according to the criminal legislation of Tajikistan. Based on the study of the concept of "extortion" according to the criminal legislation of the CIS, the author came to the conclusion that extortion is not considered a form of embezzlement. The article also discusses the opinions of scientists about the concept of extortion.

**KEYWORDS:** extortion, crimes against property, criminal code, property, embezzlement, crime, property, criminal legislation.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Раҷабова Назира*** **-** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, магистранти курси дуюми факултети ҳуқуқшиносӣ. **Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **919411458.**

**Сведения об авторе:** ***Раджабова Назира*** **-** Таджикский национальный университет, магистрант второго курса юридического факультета. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: **919411458.**

**Information about the author:** ***Rajabova Nazira*** **-** Tajik National University, second-year master`s student of the Faculty of Law. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. Phone: **919411458.**

# ТАРЗҲОИ МУШТАҚИ БА ВУҶУД ОМАДАНИ ҲУҚУҚИ МОЛИКИЯТ

***Абдуқодирзода М.С.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Ба воситаи муштақи ба даст даровардани ҳуқуқи моликият он ҳолатҳое дохил мешаванд, ки дар он ба вуҷуд омадани ҳуқуқи моликият бо ирода ва бо хоҳиши соҳибмулки пешина ба вуҷуд омада метавонад. Дар Ҳуқуқи хусусии Рим воситаи муштақи ба даст даровардани ҳуқуқи моликият ин ҳуқуқҳоро бадасторанда аз соҳибмулк ба даст меорад. Ҳангоми бадастории муштоқ талаб карда мешавад, ки воқеан тарафи бегонакунанда ҳуқуқи моликият дошта бошад, чунки тибқи Дигестҳо ба дигар шахс бештар аз ҳукуқҳои худ дошта додани ҳукуқҳо номумкин аст.

Маҳаки ягонаи ин тарзҳои ба даст овардани ҳуқуқи моликиятро О.С. Иоффе пешниҳод кардааст: хусусияти тарзи муштақи ба даст овардан аз он иборат аст, ки ҳуқуқи моликияти бадасторанда танҳо аз иродаи соҳибмулки пешина вобаста мебошад. Ин маҳак дар адабиёт «маҳаки иродавӣ» номида шудааст.

Дар навбати худ Б.Б. Черепахин ақидаро дар бораи «маҳаки иродавӣ» мавриди танқиди илмӣ қарор дода, асоси дигари тафовутгузории тарзҳои ба даст овардани ҳуқуқи моликиятро пешниҳод кардааст, ки тибқи он барои тарзҳои муштақ маҳаки иродавиро истифода бурдан лозим нест, балки вобастагии ҳуқуқи бадасторанда аз ҳуқуқи молики пешина муҳим мебошад. Дар адабиёт маҳаки пешниҳоднамудаи Б.Б. Черепахин «маҳаки ворисии ҳуқуқӣ» номида шудааст.

Қайд кардан зарур аст, ки консепсияи пешниҳоднамудаи Б.Б. Черепахин нигоҳ доштани масъулиятро ба ашё ҳангоми гузаштани ҳуқуқи моликият ба он асоснок мекунад ва барои ҳамин консепсияи мазкур сазовори эътирофи умум мебошад. Яъне, хусусияти хоси ин воситаи бадастдарории ҳуқуқи моликият дар он аст, ки дар он ба дастдарорӣ ҳама вақт дар асоси ҳуқуққабулкунӣ, яъне дар вобастагии ҳуқуқии ҳуқуқҳои соҳибмулки нав аз соҳибмулки пешина ба амал баровarда мешавад.

Ба тарзи муштақи ба даст овардани ҳуқуқи моликият супоридани ашё дохил мешавад. Ашё аз лаҳзаи ҳақиқатан ворид шудан ба ихтиёри бадастоваранда ё шахси таъинкардаи ӯ ба бадасторанда супурдашуда ҳисоб мегардад. Агар дар лаҳзаи бастани шартнома оид ба

дур кардани ашё он дар ихтиёри бадасторанда қарор дошта бошад, аз ҳамин лаҳза ашё ба ӯ супоридашуда эътироф мегардад (м. 248 КГ ҶТ). Ғайр аз тарзҳои номбурда қонунгузории граждании тарзҳои махсуси муштақи ба даст овардани ҳуқуқи моликиятро пешбинӣ мекунад:

Дар натиҷаи таҳлили боби 12 КГ ҶТ тарзҳои зерини ба даст овардани ҳуқуқи моликиятро муштақ эътироф кардан мумкин аст:

1. Ба даст овардани ҳуқуқи моликият дар асоси шартномаи хариду фурӯш, иваз, ҳадя ё дигар аҳдҳо оид ба бегона кардани молу мулк - б. 1 қ. 2 м. 242 КГ ҶТ.

2. Ба даст овардани ҳуқуқи моликият дар сурати фавти шаҳрванд (яъне, мерос тибқи васиятнома ё қонун ба дигар шахсон мегузарад) – б. 2 қ. 2 м. 242 КГ ҶТ.Тарзҳои муштақи ба даст овардани ҳуқуқи моликият ворисии ҳуқуқиро дар муносибатҳо оид ба ашё байни молики нав ва пешина дар назар дорад.

3. Ба даст овардани ҳуқуқи моликият дар сурати азнавташкилшавии шахси ҳуқуқӣ – б.3 қ. 2 м. 242 КГ ҶТ. Ба даст даровардани ҳуқуқи моликият ба амволи шахси юридикӣ ҳангоми азнавташкилшавӣ ва ё барҳамдиҳии он. Воситаи дигари ба даст даровардани ҳуқуқи моликият ба даст даровардани ҳуқуқи моликият ба амволи шахси юридикӣ ҳангоми азнавташкилшавӣ ва ё барҳамдиҳии он мебошад. Дар ҳолати азнавташкилшавии шахси юридикӣ, ҳуқуқи моликият ба шахсони юридикӣ - ворисони онҳо мувофиқи акти супурдан ва баланси тақсимотӣ (м. 59-60 КГ ҶТ) мегузарад. Ҳангоми барҳам додани шахси юридикӣ тақдири амвол вобаста аз он ки он чи тавр дар қонунгузорӣ ва ҳуҷҷатҳои таъсиснамоии ин шахси юридикӣ ва аз асосҳои барҳамдиҳии он ҳал карда мешавад. Инчунин, ба назар гирифта мешавад, ки муассисони шахси юридикӣ ба амволи он ягон ҳуқуқ доранд ё не, агар дошта бошанд, чӣ гуна ҳуқуқҳоро доранд. Мувофиқи б. 7 м. 64 КГ ҶТ, амволи пас аз қонеъ гардондани талаботи кредиторон боқимондаи шахси юридикӣ, агар дар қонун ё ҳуҷҷатҳои таъсисии шахси юридикӣ тартиби дигар пешбинӣ нашуда бошад, ба муассисони он, ки дорои ҳуқуқи моликият ба ин амвол ё ҳуқуқи уҳдадорӣ нисбати ин шахси юридикӣ мебошанд, супурда мешаванд.

**4.Ба даст овардани ҳуқуқи моликият ҳангоми аз ҳисоби молу мулк ситонидани қарзи молик – м. 261 КГ ҶТ; . Аз ҳисоби амвол ситондани қарзи молик.** Воситаи дигари ба даст даровардани ҳуқуқи моликият - ин аз ҳисоби амвол ситондани қарзи молик мебошад. Мувофиқи м. 260 КГ қарзи соҳибмулк, агар дар қонун ва шартнома тартиби дигар пешбинӣ нашуда бошад, дар асоси қарори суд аз амволи ӯ* руёнида мешавад. Ҳуқуқи молике, ки қарзаш аз амволи ӯ рӯёнида мешавад, аз лаҳзаи ба ин амвол ҳуқуқдор гаштани шахси дигар, барҳам мехӯрад. Лекин ҳангоми нигаронидани рӯёниш ба амвол, ба номгӯйи амволи шаҳрвандон ва шахсони юридикӣ, ки ба он рӯёниш нигаронидан мумкин нест, навбати қонеъ гардондани иддао ва дигар қоидаҳое, ки бо қонунгузории граждании ва мурофиаи граждании муқаррар карда шудааст, аҳаммият додан лозим аст.

**5. Ба даст овардани ҳуқуқи моликият дар натиҷаи қатъи ҳуқуқи моликии шахс ба молу мулке, ки аз они ӯ буда наметавонад – м. 262 КГ ҶТ;** Агар дар асосҳои иҷозатдодаи қонун шахс соҳиби амволе шуда бошад, ки аз рӯйи қонун ба ӯ тааллуқ дошта наметавонад, ин амвол дар давоми як соли ҳуқуқдор гаштани ӯ ба амвол аз тасарруфи худ барорад. Ин муҳлат аз лаҳзае сар мешавад, ки асосҳои мавҷуд будани амвол дар моликияти ин шахс аз байн рафта бошад. Агар молик амволро дар давоми муҳлати муайяннамудаи қонун аз тассарруфиаш набароварда бошад, он бо назардошти хусусият ва таъиноташ бо қарори суд, ки мутобиқи аризаи дахлдори мақомоти давлатӣ бароварда шудааст, бояд ба таври маҷбурӣ фурӯхта, маблағи он ба молик дода шавад ё амвол ба моликияти давлат гузаронида, арзиши муайяннамудаи суд ба молики аввал пардохта шавад. Дар ин сурат хароҷоти аз тасарруф баровардани амвол рӯёнида мешавад.

Агар таҳти моликияти шаҳрванд ё шахси юридикӣ дар асоси иҷозати қонун амволе қарор гирад, ки барои хариданаш иҷозати махсус зарур аст, вале барои додани он ба молик рад шудааст, ин амвол мутобиқи тартиби барои амвол муқарраршуда, ки наметавонад ба молики мазкур тааллуқ дошта бошад, аз тасарруфи ӯ бароварда мешавад.

**6. Ба даст овардани ҳуқуқи моликият ҳангоми қатъи ҳуқуқи моликӣ ба молу мулки ғайриманқул бинобар гирифтани замин ва дигар захираҳои табиӣ – м. 263 КГ ҶТ.** Қатъ гаштани ҳуқуқи моликияти шахс ба амволи ғайриманқул ҳангоми гирифтани замин ва

дигар захираҳои табиӣ низ амалӣ мегардад. Ҳуқуқи моликият ба амволи ғайриманқул вобаста ба қарори мақомоти давлатӣ, ки мақсади бевоситаи гирифтани амволро аз молик надорад, аз ҷумла гирифтани замин, ки дар он хонаи молик, дигар иморату иншоот ва дарахтзор воқеъ аст, танҳо тибқи ҳолати тартиби муқаррарнамудаи асноди қонунӣ қатъ гардида, ба молик амволи баробарарзиш дода, дигар хароҷоти ӯ ҷуброн карда ё тамоми зиёне, ки вобаста ба қатъи ҳуқуқи моликиаш ба ӯ расидааст, пурра баргардонида мешавад. Қарор оид ба гирифтани қитъаи замин аз тарафи мақомоти ҳокимияти иҷроия бароварда мешавад ва он бақайдгирии давлатиро талаб мекунад. Дар бораи баровардани ин гуна қарор сохибмулк бояд на дертар аз як сол пеш аз баровардани он огоҳ карда шавад. Ҳангоми норозӣ будани молик аз қароре, ки боиси қатъи ҳуқуқи моликият мегардад, он то замони бо тартиби судӣ яктарарфа шудани баҳс татбиқ карда намешавад. Ҳангоми баррасии баҳс инчунин ҳамаи масъалаҳои пардохти товони зарари расондашуда ба молик ҳаллу фасл мегардад (м. 263 КГ ҶТ).

**7. Ба даст овардани ҳуқуқи моликият дар натиҷаи харидории сарватҳои фарҳангии бенизом нигоҳбонишуда – м. 264 КГ ҶТ.**

Харида гирифтани амволи бенизом нигаҳбонишуда бо м. 264 КГ ҶТ пешбинӣ мешавад. Ин амвол соҳибмулки худро дорад, вале ӯ ба ин амвол масъулиятона муносибат намекунад, ки боиси вайрон ва ё несту нобуд шудани амвол мегардад. Агар амвол арзиши на он қадар калон дорад ва муносибати бесоҳиб он манфиатҳои шахсони сеюмро поймол намекунад, соҳибмулк ба ягон ҷавобгарӣ кашида намешавад. Лекин агар сухан дар бораи амволе равад, ки арзиши баланди иқтисодӣ, таърихӣ, фарҳангӣ, илмӣ ё дигаррро дошта бошад, қонун наметавонад дар ин ҳолат ба вайроншавии онҳо роҳ диҳад.

Агар молики сарватҳои фарҳангие, ки мутобиқи қонун ба ҷумлаи сарватҳои хеле пурарзиш ва аз тарафи қонун ҳифзшуда дохил гардидаавд, ин сарватҳоро бенизом нигаҳбонӣ кунад ва аз ин ба онҳо хавфи нобуд шудан тахдид намояд, чунин сарватҳоро давлат бенизом нигаҳбонӣ кунад ва аз ин ба онҳо хавфи беаҳаммият шудан таҳдид намояд, чунин сарватҳоро давлат тибқи қарори суд метавонад аз ӯ харида гирад ё дар савдои оммавӣ ба фурӯш монад. Даъво оид ба харида гирифтани сарватҳои фарҳангиро мақомоти ваколатдори давлатӣ, прокурор ва ё ташкилотҳои ҷамъиятие, ки ба нигаҳдории он манфиатдоранд, дода метавонад. Ҳангоми харида гирифтани сарватҳои фарҳангӣ ба молик арзиши он ба андозаи муқаррарнамудаи созишномаи тарафҳо ва дар сурати баҳс ба андозаи муайяннамудаи суд пардохта мешавад. Ҳангоми фурӯш аз тариқи савдои оммавӣ ба фурӯш рафтани онҳо ба молик ба ҷуз хароҷоти савдои оммавӣ тамоми маблағи боқимонда пардохта мешавад.

Дар ин воситаи муштақи ба даст даровардани ҳуқуқи моликият аз нигоҳи аввал зиддият дар худи мафҳуми он ба назар мерасад. Лекин дар он ягон зиддият вуҷуд надорад. Ҳолатҳое вуҷуд дошта метавонад, ки ин ё он ашё дар моликияти шахс бо асосҳои қонун иҷозатдодашуда мавҷуд буд, вале ин асосҳо аз байн рафтаанд. Масалан, низоми ҳуқуқии ашё тағйир ёфт. Аз ашёе, ки дар муомилоти озоди гражданӣ буд, ашё ба гурӯҳи ашёҳое, ки муомилоти граждании маҳдуд аст, гузашт. Ба ин ва дигар ҳолатҳои монанд м. 262 КГ татбиқ карда мешавад.

**8. Ба даст овардани ҳуқуқи моликият дар натиҷаи хусусигардонии молу мулке, ки таҳти моликияти давлатӣ қарор дорад – қ. 3 м. 259 КГ ҶТ.** Шакли дигари воситаи муштақи ба даст даровардани ҳуқуқи моликият хусусигардонӣ мебошад, ки дар натиҷаи он амволе, ки ба ҳайати моликияти давлатӣ ва маҳаллӣ дохил мешавад, ба шаҳрвандон ва шахсони юридикӣ мегузарад. Ин гузариш метавонад ҳам музднок ва ҳам бемузд бошад. Масалан, амали қонуни ҶТ «Дар бораи хусусигардонии моликияти давлатӣ» танҳо ба ҳолатҳои ба таври музднок гузаштани (фурӯши) молумулки давлатӣ ба моликияти шаҳрвандон ва шахсони юридикӣ паҳн мешавад. Дар баробари ин, Қонуни ҶТ «Дар бораи хусусигардонии фонди манзил» пешбинӣ менамояд, ки хусусигардонии манзил ҳам бо роҳи бемузд ва ҳам бо роҳи фурӯши манзили истиқоматӣ ба моликияти шаҳрвандон ба амал бароварда мешавад (м. 1-и Қонуни зикршуда).

Қонун «Дар бораи хусусигардонии моликияти давлатӣ» воситаҳои зерини хусусигардонии моликияти давлатиро пешбинӣ менамояд:

— фурӯши амвол, инчунин саҳмияҳои ҷамъиятҳои саҳҳомӣ дар ҷараёни хусусигардонии навташкилшуда дар музойядаҳо;

— фурӯши амвол дар конкурсҳои тиҷоратӣ бо шартҳои инвеститсионӣ ва иҷтимоӣ;

— фурӯши саҳмияҳо ба коркунони ҷамъиятҳои саҳҳомии кушода, ки дар ҷараёни хусусигардонӣ барпо шудаанд;

— харида гирифтаии амволи ба иҷора гирифта;

— табдили корхонаҳои унитарӣ ба ҷамъиятҳои саҳҳомии кушода, ки дар он 100% саҳмияҳо ба моликияти давлатӣ дохил мешаванд;

— ба сифати пасандоз дохил намудани амвол ба сармояи оинномавии ҷамъиятҳои хоҷагӣ.

**9. Ба даст овардани ҳуқуқи моликият дар натиҷаи реквизитсия ва мусодираи молу мулк мебошад.** Ба воситаи муштақи ба даст даровардани ҳуқуқи моликият инчунин реквизитсия ва мусодираи молумулк дохил мешавад. Дар ҳолати офати табиӣ, садама, паҳн шудани касалиҳои сироятӣ (эпидемия), фавти ҳайвонот (эпизоотия) ва дигар ҳолатҳои фавкулода амвол тибқи қарори мақомоти ваколатдори давлатӣ метавонад аз молик мутобиқи тартиб ва шартҳои муқаррарнамудаи қонун ба манфиати ҷомеа реквизитсия карда, ба ӯ арзиши амвол пардохта шавад. Оид ба нархе, ки мувофиқи он ба молик арзиши амвол пардохта мешавад, ба суд эътироз кардан мумкин аст. Шахсе, ки амволи ӯ реквизитсия шудааст, ҳуқуқ дорад, ки баъди қатъи ҳолатҳое, ки вобаста ба он амволаш реквизитсия шуда буд, ба тариқи судӣ амволи осебнаёфтаашро талаб намояд.

Дар ҳолатҳои бо қонун пешбинишуда амволи шахс метавонад бо қарори суд ҳангоми содир кардани ҷиноят ё дигар ҳуқуқвайронкунӣ бемузд ситонда шавад, - мусодираи амвол ба вуҷуд ояд. Ҳамин тавр, дар муқоиса аз реквизитсия мусодира ҳама вақт характери бемуздро дорад ва ҳамчун санксия барои ҳуқуқвайронкунӣ истифода бурда мешавад. Кодекси ҷиноятӣ мусодираро ҳамчун чораи иловагии ҷазои ҷиноятӣ барои ҷиноятҳои вазнин ва махсусан вазнин, ки бо мақсадҳои ғаразнок содир шудааст, пешбинӣ намудааст. Он ҳама вақт аз тарафи суд дар ҳолатҳои бо Кодекси ҷиноӣ пешбинишуда татбиқ карда мешавад. Амволе, ки ба маҳкумшуда ва шахсоне дар таъминоти ӯ буда зарур бошад, мусодира намешаванд. Номгӯйи ин амвол бо қонунгузории иҷрои ҷазои ҷиноӣ пешбинӣ карда мешавад.

Дар ҳолатҳои бо қонун пешбинишуда мусодира бо тартиби маъмурӣ низ ба амал баровarда мешавад. Он ҳам ба сифати ҷавобгарии асосӣ ва ҳам ҳамчун иловагӣ татбиқ шуда метавонад.

**11. Ба даст овардани ҳуқуқи моликият дар натиҷаи милликунонӣ – м. 268 КГ ҶТ.** Яке аз воситаҳои муштақи ба даст даровардани ҳуқуқи моликият, ки дар натиҷаи ғалабаи инқилоби Октябр дар давлати мо ба вуҷуд омад - милликунонӣ, яъне ба моликияти давлатӣ дохил намудани моликияти шаҳрвандон мебошад. Мувофиқи м. 266 КГ бо роҳи милликунонӣ аз моликияти шаҳрвандон ва шахсони юридикӣ ба моликияти давлат даровардани амвол танҳо дар асоси қонунҳои мувофиқи Конститутсия қабулгардида оид ба милликунонии ин амвол ва пардохти арзшпи ин амвол ва ҷуброни дигар зиёне, ки вобаста ба миллӣ кунонидан ба молик ворид гардидааст, иҷозат дода мешавад.

**АДАБИЁТ**


1 Кодекси гражданин Ҷумҳурии Тоҷикистон (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 1999, №6, мод. 153) аз 30 июни соли 1999

2 Кодекси гражданин Ҷумҳурии Тоҷикистон (Ахбори Мачлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 1999, №12, мод. 323) аз 11 декабри соли 1999.

3 Гражданское право/Под ред. Мозолина В.П., Масляева А.И. Ч. 1. С.

4 Генкин Д.М. Право собственности в СССР. М., 1961. С. 125-126., Советское гражданское право. Т.1. / Отв. ред. И.Б. Новицкий, П.Е. Орловский. М., 1959. С. 229-130. (муаллифи боб - А.А. Каравайкин),

5 Иоффе О.С. Советское гражданское право (Курс лекций) / О.С. Иоффе. - Изд. ЛГУ, 1958.

6 Иоффе О.С. Советское гражданское право / О.С. Иоффе. - М., 1967.

7 Қурбонов Қ.Ш. Ҳуқуқи граждани қ1. (Китоби дарсӣ) / Қ.Ш. Қурбонов. - Душанбе- 2014.

8 Новицкий И.Б. Римское частное право / И.Б. Новицкий. -М., 1948. - С.80.

9 Советское гражданское право. Ч. 1: Учебное пособие / Отв.ред. В.А. Рясенцев. М., 1960.

10 Советское гражданское право. Т. 1 / Отв.ред. В.А. Рясенцев. М., 1975.

11 Советское гражданское право. Т. 1. Изд-во Саратов. ун-та, 1991. С. 237 (муаллиф – В.П. Никитина), Советское гражданское право. Ч. 1 / Под общ.ред. В.Ф. Маслова и А.А. Пушкина. Киев, 1977.

12 Суханов Е.А. Лекции о праве собственности / Е.А. Суханов. - М., 1991.

**ТАРЗҲОИ МУШТАҚИ БА ВУҶУД ОМАДАНИ ҲУҚУҚИ МОЛИКИЯТ**

Дар мақола мазмун ва мафҳуми тарзҳои муштақи ба даст овардани ҳуқуқи моликият муайян шудааст. Асосҳои алоҳидаи муштақи ба даст овардани ҳуқуқи моликият мавриди таҳқиқ қорор гирифтааст. Ба воситаи муштақи ба даст даровардани ҳуқуқи моликият он ҳолатҳое дохил мешаванд, ки дар он ба вуҷуд омадани ҳуқуқи моликият бо ирода ва бо хоҳиши соҳибмулки пешина ба вучуд омада метавонад.

**КАЛИДВОЖАҲО:** ҳуқуқи моликият, асос, тарз, пайдарпайӣ, тарзҳои муштақ.

**ОСНОВНЫЕ СПОСОБЫ ОСУЩЕСТВЛЕНИЯ ПРАВ ИМУЩЕСТВА**

В статье раскрывается содержание понятия производное приобретение права собственности. Исследуются отдельные производные основания приобретения права собственности. К способам приобретения права собственности относятся те случаи, когда право собственности может быть создано волей и желанием предыдущего собственника.

**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА:** право собственности, основание, способ, правопреемство, производные способы.

**PRINCIPAL WAYS OF ESTABLISHMENT OF PROPERTY RIGHTS**

The article discloses the content of the concept of a derivative acquisition of property rights. Individual derivatives of the basis for the acquisition of ownership are explored. The ways of acquiring the right of ownership include those cases when the right of ownership can be created by the will and desire of the previous owner.

**KEYWORDS:** property right, basis, method, succession, derivative methods

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Абдуқодирзода Муҳаммадҷон Саидмукаррам*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, магистранти курси дуюми факултети ҳуқуқшиносӣ. Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17.

**Сведения об авторе:** ***Абдукодирзода Мухаммадджон Саидмукаррам*** – Таджикский национальный университет, магистрант второго курса юридического факультета. Адрес: 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 17.

**Information about the author:** ***Abdukodirzoda Muhammadjon Saidmukarram*** – Tajik National University, second-year master`s student of Faculty of Law. Address: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17.

# МЕРОС ДАР ҲУҚУҚИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ХУСУСӢ

***Ғафуров Ҷ.А.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Ҳар як инсон ҳангоми машғул шудан ба фаъолияти соҳибкорӣ ё дигар намуди фаъолияти хоҷагидорӣ дар натиҷа соҳибмулки ин ё он моликият мегардад. Баъд аз гузаштани вақти муайян масъалаи ба кӣ ва бо кадом тартиб гузаштани моликият пайдо мешавад. Ин масъала бо зиёд шудани раванди муҳоҷират, бастани ақди никоҳ бо шаҳрвандони хориҷӣ ва васеъ шудани доираи фаъолияти соҳибкорӣ боз ҳам мураккабтар гардида, дар натиҷа моликият ва ҳуқуқи моликиятии шахсони алоҳида дар хориҷи кишвар ҷойгир шуда, зери таъсири низоми ҳуқуқии давлатҳои гуногун қарор мегиранд. Ҳуқуқи моликиятӣ аз ҷумлаи ҳуқуқҳои бунёдии ҳар шахс мебошад. Ҳуқуқи моликиятии шахс дар сурате мукаммал мегардад, ки имконияти меросгузории он мавҷуд бошад. Беҳуда нест, ки моддаи 32 Конститутсия Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқ ба моликият ва ҳуқуқ ба мерос доштани ҳар шахсро муқаррар намудааст.

Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон робитаи ногусастании ҳуқуқии байни ворисӣ ва категороияи асосии ҳуқуқӣ чун қобилияти ҳуқуқдории шахсони воқеиро муқуаррар кардааст. Як факти ҳуқуқӣ, яъне марг боиси пайдо шудани ду оқибати ҳуқуқӣ мешавад: аввал, қатъ гардидани қобилияти ҳуқуқдории шахсони воқеӣ; дуввум, оғози ворисӣ. Чи тавре ки дар қ. 2 м. 18 КГ ҶТ зикр шудааст, қобилияти ҳуқуқдории шаҳрванд аз лаҳзаи таваллуд ба миён омада, пас аз марг қатъ мегардад. Мувофиқи қ. 1 м. 1138 КГ ҶТ молу мулки шахси вафотёфта ба тариқи мерос ба шахси дигар мегузарад.

Вобаста ба муносибати кишварҳо ба масъалаи меросӣ (ворисӣ) онҳоро ба ду гурӯҳ ҷудо намудан мумкин аст:

1)Давлатҳое, ки дар онҳо меросхӯрӣ (ворисӣ) ҳамчун намуди универсалии аз як шахс ба шахси дигар гузаштани ҳуқуқ ба шумор меравад. Чунин муайянкунии меросхӯрӣ (ворисӣ) аз ҳуқуқи классикии римӣ бар меояд, ки дар он ба сифати меросхӯр идомаи шахсияти меросдиҳандаро медиданд [1]. Ба ин гурӯҳ қариб ҳамаи давлатҳои низоми кантиненталӣ шомиланд.

2)Давлатҳое, ки дар он меросхӯрӣ (ворисӣ) ҳамчун тақсим намудани моликияти шахси вафоткарда байни шахсони дар қонун ва ё васиятнома нишондодашуда фаҳмида мешавад. Чунин муносибат ба давлатҳои «низоми ҳуқукии умумидошта» хос аст.

Дар асоси консепсияи якум меросхӯр дар вақти қабули мерос дар маҷмуъ барандаи ҳуқуқ ва уҳдадориҳои меросдиҳанда мегардад ва ӯ наметавонад як қисми онро қабул қисми боқимондаашро рад намояд. Дар ин ҳолат моликияти меросӣ ҳамчун маҷмуи ҳамаи актив ва пассивҳои шахси вафоткарда ба шумор меравад. Табиати муносибатҳои меросхӯриро яке аз аввалинҳо шуда К.Ф Савини таҳқиқ карда, ба хулоса омад, ки «моликияти меросиро ҳамчун ҷузъи том бояд фаҳмид, ки асосҳои онро дар шахсияти шахси вафоткарда бояд дарёфт кард, худи ворисӣ бошад ҳамчун гузаштани универсалии ҳуқуқ баҳогузорӣ карда мешавад» [2].

Амалан қариб ҳамаи низомҳои ҳуқуқӣ ду тартиби асосии ворисро медонанд, якум дар асоси қонун, дуюм дар асоси дар шакли муайяни ифодаёфтаи иродаи меросгузор. Меросгирӣ ддар асоси қонун ҳангоми мавҷуд набудани васиятнома ба миён меояд. Он ҳам бошад бо навбат меросгирии наздикону пайвандони худи меросгузорро дар бар мегирад. Бо назардошти ин шаҳрвандоне меросхӯр ҳисобида мешаванд, ки баъди марги меросгузор дар ҳаётанд ва ё ин ки ҳангоми зинда будани меросгузор дар батни модар пайдо гардида, баъди марги ӯ зинда ба дунё омада бошанд.[3] Мутобиқи қонун меросхӯрон шахсонеанд, ки хешовандони наздики меросгузор мебошанд. Ҳангоми меросгирии қонунӣ фарзандхондшуда ва наслҳои он, аз як тараф фарзандхонда ва хешовандони ӯ, аз дигар тараф бо хешони хунӣ баробар ҳисоб карда мешавад [4].

Дигар гурӯҳи низоми меросгирӣ ин низомӣ (қаторӣ) муайян карда шудааст, ки ба Фаронса тааллуқ дорад. Ба гурӯҳи якум- фарзандони меросгузор ва камшавандаи онҳо, ба гурӯҳи дуюм - падару модари меросгузор, бародар ва хоҳарони вай ва камшавандаи охирон, ба гурӯҳи сеюм-тулуъкунандаи меросгузор, ба ғайр аз падару модари меросгузор, ба гурӯҳи чорум - ақрабои паҳлӯии меросгузор то дараҷаи хешутаборӣ ҳамчунин, ба ғайр аз бародар ва хоҳарони вай ва камшавандагони онҳо. Мавҷудияти ақаллан як хешованди гурӯҳи пешина дигар хешовандони гурӯҳи ояндаро аз меросгирӣ бартараф мекунад (м. 744 КГФ).

Дар Олмон ва Шветсария категорияи меросгирон ва бо навбатии мавқеи онҳо ба меросгирӣ бо парантелла муқаррар карда мешавад. Парантелла - гурӯҳи хешовандони хунӣ, ки аз авлоди умумӣ оғоз ёфта, то хешовандони камшавандаи вай тул мекашад. Тибқи қонунгузории Шветсария ақрабои меросдиҳанда ба се парантелла ҷудо карда шудаанд. Ба гурӯҳи якум наслҳои шахси вафоткарда ва фарзандон дар ҳиссаи баробар мерос мегиранд. Ба кашаванда онҳо моликият бо ҳуқуқи пешниҳод мегузарад. (м.457 КГШ). Ба ҳамин монанд ворисӣ дар парантеллаҳои дуюм ва сеюм, ки ба онҳо падару модари меросдиҳанда ва бобою бибии он низ шомиланд, тартиб дода мешавад (м.м 458-460 КГШ).

Қонунгузории граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон се навбати меросхӯронро нишон додааст, ки он пурра хешону пайвандони меросгузорро дар бар нагирифтааст. Ба навбати аввал мутобиқи м. 1166-и КГ ҶТ мероси қонуниро ба ҳиссаи баробар фарзандон (аз ҷумла фарзандхондашудагон), ҳамсарон ва падару модар, фарзандхондагони меросгузор ва ҳамчунин кӯдакони шахси вафоткарда, ки баъди вафоти ӯ таваллуд шудаанд, мегиранд. Наберагони меросгузор ва наслҳои онҳо бо ҳуқуқи пешниҳод мерос мегиранд. Ҳамсаре, ки ҳангоми зинда будани меросгузор ақди никоҳашон бекор гардида буд ҳуқуқ ба меросро надорад. Ҳамчунин, агар ворисе, ки аз ҷониби суд ворисӣ ношоиста эътироф гардида бошад, вай тамоман дар ягон навбат ҳуқуқ ба меросро надорад. Агар ворисони қонунии навбати аввал набошанд ва ё бошанду аз гирифтани он даст кашанд, инчунин агар ворисӣ навбати аввал ворисӣ ношоиста дониста шуда бошад, пас ворисони навбати дуюм ба гирифтани мерос даъват карда мешаванд.

Ҳуқуқи мерос яке аз институтҳои ҳуқуқи гражданӣ буда, ҳамчун маҷмуи қоидаҳое, ки муносибатҳои марбут гузаштани ҳуқуқу уҳдадорҳои шахси фавтида ба шахсони дигарро танзим мекунанд, фаҳмида мешаванд. Мерос яке аз усулҳои муҳимтарини интиқоли моликият мебошад. Байни ҳуқуқи мерос ва ҳуқуқи моликият робитаи зич вуҷуд дорад. Объекти ҳукуқи мерос танҳо он чизе буда метавонад, ки предмети ҳуқуқи моликияти хусусӣ бошад. Намудҳои мерос – мерос аз рӯйи васиятнома ва қонун. Мероси васиятнома навъи асосии мерос мебошад. Оғози аслии мероси васиятӣ ҳам дар ҳуқуқи континенталӣ ва ҳам дар ҳуқуқи умумӣ маҷмуи ду принсипи асосӣ: озодии ирода ва ҳифзи манфиатҳои оила мебошад. Қариб дар ҳама давлатҳо васиятнома ҳамчун муолмилоти яктарафа, амали иродаи васияткунанда фаҳмида мешавад. Шаклҳои васиятнома дар қонунгузории давлатҳои гуногун ба таври кулли фарқ мекунанд. Кӯшишҳо барои қисман муттаҳидсозии ҳуқуқии мерос дар Конвенсияи Гаага оид ба ихтилофҳои қонунҳо дар бораи шаклҳои васиятномаҳо аз соли 1973 сурат гирифтаанд. Аммо, ҳуқуқи мерос ба андозаи хеле зиёд ба монанди қонуни оилавӣ мебошад, бо урфу одатҳои миллӣ пешниҳод карда мешавад ва аз ин рӯ муттаҳид кардан хеле душвор аст. Муносибатҳои меросгирӣ бо васиятнома танҳо дар ҳолати мавҷудияти фактҳои юридикии зерин метавонад ҷой дошта бошад: 1) вафоти меросдиҳанда (кушодани мерос); 2) мавҷудияти васиятномаи ба таври дахлдор тартиб додашуда; 3) мавҷудияти иродаи меросгир барои қабули моликият.

**АДАБИЁТ**


1. Римское частное право. Учебник./ Под ред. проф. И.Б Новицкого и И.С. Перетерского. М., Юристь, 1997.
2. Von Savigny F. K. System des heunigtn Romishen Rechts. Bd 1.Berlin. 1840.
3. Михалева Т.Н Наследование. Юридическое-прававой справочник / Т.Н. Михалева. - Москва 2005 г. С. 89.
4. Ахбори Маҷлиси олии Ҷ.Т соли 2005, № 3 Кодекси граждаеии Ҷ.Т қисми 3. Аз 1-уми марти соли 2005. ш. Душанбе-с 2005, боби 60 мод. 1165 қ.2
5. Мусаев Р.М Наследование по завещанию: история и современность. Диссертация на соискание ученой степени кондидата юридических наук. М. 2003
6. Международное частное право (Гетман Павлова И.В, 2005)


**МЕРОС ДАР ҲУҚУҚИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ХУСУСӢ**


Дар ин мақола мероси ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ ва кишварҳои хориҷӣ, ки бо унсури хориҷӣ мураккаб шудаанд, баррасӣ карда мешавад. Дар шароити замони муосир яке аз мавзуъҳои мубрам ва баҳсбарангези ҳуқуқи хусусии байналмилалӣ, ки аз ҷониби бисер муаллифон таҳқиқ карда мешавад, мақоми ҳуқуқии ворисоне мебошад, ки қарзҳои меросхӯр, аз ҷумла уҳдадориҳои шиканҷаро қабул кардаанд. Муносибатҳои меросӣ соҳаи ҷомеаест, ки танзими ҳуқуқии он бештар бо меъерҳои ҳуқуқии дохилӣ ва миллӣ таъмин карда мешавад, зеро муносибатҳои зикршуда зери таъсири омилҳои таърихӣ, динӣ ва дигар омилҳое мебошанд, ки фарқиятҳои ҳуқуқи мусбатро ба вуҷуд меоранд.



**КАЛИДВОЖАҲО:** мерос, ҳуқуқ, моликият, шахс, давлатҳо.


**НАСЛЕДСТВО В МЕЖДУНАРОДНОМ ЧАСТНОМ ПРАВЕ**


В статье рассматривается наследство в международном частьном праве и зарубежных странах, осложненных иностранным элементом. В условиях современного времени одной из наиболее актуальной и спорной темой международном частном праве, исследуемой многими авторами, является правовой статус наследников, принявших долги наследодателя, в том числе деликтные обязательства. Традиционно под деликтными обязательствами подразумевается ответственность, возникающая вследствие причинения вреда. Наследственные отношения – это сфера общества, правовое регулирование которой в большей степени обеспечивается внутренними, национально правовыми нормами, поскольку указанные отношения находятся под влиянием исторических, религиозных и других факторов, обуславливающих различные различия в позитивном праве.



**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА**: наследие, права, собственность, лицо, государств.


**LEGACY IN PRIVATE INTERNATIONAL LAW**


The article examines inheritance in international private law and foreign countries, complicated by the foreign element. In modern times, one of the most relevant and controversial topics of private international law, studied by many authors, is the legal status of heirs who have accepted the debts of the testator, including tort obligations. Hereditary relations are a sphere of society, the legal regulation of which is largely ensured by internal, national legal norms, since these relations are influenced by historical, religious and other factors that cause various differences in positive law.



**KEYWORDS:** heritage, rights, property, person, state.



**Маълумот дар бораи муаллиф**: ***Ғафуров Ҷовид Абдуразоқович*** - Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, магистранти курси дуюми факултети ҳуқуқшиносӣ. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ,17.

**Сведения об авторе**: ***Гафуров Джовид Абдуразокович*** - Таджикский национальный университет, магистрант второго курса юридического факультета. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, город Душанбе, проспект Рудаки,17.

**Information about the author:** ***Gafurov Jovid Abdurazokovich*** **-** Tajik National University, second-year master`s student of Faculty of Law. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, Dushanbe city, Rudaki avenue, 17.

# ШАКЛҲОИ ҒАЙРИСУДИИ ҲИФЗИ ҲУҚУҚҲОИ МАДАНӢ

***Сухробзода Ҷ.С.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Шакли ғайрисудии ҳимоя амали шаҳрвандон ва ташкилотҳоро дар бар мегирад, ки аз ҷониби онҳо мустақилона бидуни мурочиат ба мақомоти давлатӣ ва дигар мақомоти ваколатдор содир карда мешаванд.

Ин шакли ҳифз ҳангоми ҳифзи ҳуқуқи маданӣ ва татбиқи чораҳои оперативӣ аз ҷониби шахси ваколатдор сурат мегирад.

Ду тартиби асосии ҳифзи ҳуқуқҳои маданӣ вуҷуд дорад. Чун қоидаи умумӣ ҳифзи ҳуқуқҳои поймолшуда ва баҳсшаванда аз ҷониби суд (қисми 1 моддаи 11 Кодекси маданӣ) сурат мегирад (ин тартибро умумӣ номидан мумкин аст).

Шакл ва усулҳои ҳифзи ҳуқуқҳои маданӣ – тадбирҳои ҳуқуқие, ки ҳуқуқҳои поймолшударо барқарор менамоянд, ки мувофиқи онҳо нисбати гунаҳкор чораи дахлдори ҷазо татбиқ карда мешавад.

Дар ҳолатҳои муқаррарнамудаи қонун ҳифзи ҳуқуқи маданӣ мумкин аст бо тартиби маъмурӣ (ҳимоятро мақомоти давлатӣ анҷом медиҳад ва ғайра) сурат гирад. Масалан, бисёр баҳсҳои вобаста ба ҳифзи ҳуқуқи моликияти зеҳниро метавон ба таври маъмурӣ баррасӣ кард (моддаи 1250 КМ).

Бо назардошти он, ки дар чунин тартиб ҳифзи ҳуқуқи маданӣ ҳамчун истисно аз қоидаи умумӣ сурат мегирад (танҳо дар ҳолатҳои пешбининамудаи қонун), онро метавон тартиби махсуси ҳифзи ҳуқуқи маданӣ номид.

Ғайр аз он, қарори бо тартиби маъмурӣ (махсус) қабулшуда метавонад ба суд шикоят карда шавад (моддаи 11 Кодекси маданӣ), яъне, истифодаи тартиби махсуси ҳифзи ҳуқуқ тартиби умумиро истисно намекунад ва қароре, ки бо тартиби махсус қабул карда шудааст, метавонад бо қарори бо тартиби умумӣ (судӣ) қабулшуда бекор ё тағйир дода шавад.

Усулҳои ҳимояи ҳуқуқҳои маданӣ ба таври мукаммал дар моддаи 11 Кодекси маданӣ оварда шудааст. Ҳуқуқҳои маданӣ метавонад бо роҳҳои дигари пешбининамудаи қонун ҳифз карда шаванд.

Ҳимояи ҳуқуқҳои маданиро аз ҷавобгарии маданӣ бояд фарқ кард [6].

Дар байни ин усулҳо чораҳои ҳифзи ҳуқуқи маданӣ ва чораҳои ҷавобгарии маданиро фарқ кардан лозим аст. Умумияти байни чораҳои муҳофизатӣ ва чораҳои масъулият дар он аст, ки яке аз шартҳои татбиқи онҳо рафтори ғайриқонунии шахс мебошад.

Тафовут дар он аст, ки масъулият вақте пайдо мешавад, ки айб вуҷуд дорад; ҳангоми ба ҷавобгарӣ кашидан рафтори ҷинояткор маҳкум карда мешавад: чораҳои масъулиятшиносӣ унсури ҷазо дошта бошанд ё дошта метавонанд.

Ҳар як тарзи ҳифз дорои хусусиятҳои хоси худ буда, тарзи мушаххаси он аз рӯйи табиати ҳуқуқиаш метавонад дар доираи ҳарду шакли ҳифз судӣ (юрисдиксионӣ) ва ғайрисудӣ (ғайриюрисдиксионӣ) ё танҳо дар доираи яке аз онҳо амалӣ гардад.

Ҳар як шахс ҳуқуқҳои худро дорад ва мақомоти масъул вазифадоранд, ки барои онҳо ҳимоя эҷод кунанд. Мафҳуми «ҳимояи ҳуқуқҳои маданӣ» маънои тадбирҳоеро дорад, ки ба таъмини ташкили муътадили ҳуқуқии ҳуқуқи инсон нигаронида шудаанд. Онҳо шакли сиёсӣ, молиявӣ ва ҳуқуқӣ доранд, ки ба фароҳам овардани шароити мусоид барои татбиқи ҳуқуқҳои субъект нигаронида шудаанд.

Бо дарназардошти чунин фаҳмиши васеи маънои ҳимоя, қонун мафҳуми ин муқарраротро дақиқтар додааст. Дар ин ҳолат, он тадбирҳои қонунгузориро дар бар

мегирад, ки ба эътирофи ҳуқуқи маданӣ ва ҳифзи манфиатҳои он нигаронида шудаанд. Барои он ки дар истилоҳот ба иштибоҳ наафтад, маънои маҳдуди «ҳифз» «ҳимояи ҳуқуқҳои маданӣ»-ро дорад.

Ҳифзи ҳуқуқҳои маданиро имкони истифодаи дастгирии ҳифзи ҳуқуқ бо мақсади барқарор намудани ҳуқуқҳои поймолшуда номидан мумкин аст. Меъёрҳои ин имкон баҳсҳоро ба вуҷуд меоранд.

Тибқи муқарраротӣ стандартӣ, ҳуқуқ ба муҳофизат ҷузъи ҷудонашавандаи ҳуқуқи маданӣ барои талаб кардан ва барқарор кардани ҳуқуқ ва озодиҳои онҳо мебошад.

Эътирофи ҳуқуқ яке аз тарзҳои ғайрисудии ҳимояи ҳуқуқҳои маданӣ ба ҳисоб рафта, оид ба масъалаи мазкур дар моддаи 11 – уми Кодекси маданӣ дарҷ гардидааст.

Эътирофи ҳуқуқ ҳамчун тарзи ҳуқуқҳои маданӣ бо тартиби юрисдиксионӣ ва ғайриюрисдиксионӣ татбиқ гардида, воситаи муҳимми бартарафсозандаи номуайяниҳо дар истифодаи ҳуқуқҳои субъективӣ ба шумор меравад. Дар муносибтҳои ҳуқуқии маданӣ ҳолатҳое воқеъ шуданаш мумкин аст, ки мавҷудияти ҳуқуқии субъективӣ мавриди баҳс қарор мегирад, инкор мешавад ё ин ки таҳдиди чунин амалҳо ҷой дорад. Мавҷудияти ҳолатҳои номбаршуда истифодаи ҳуқуқи субъективиро номумкин ё ин ки душвор мегардонад ва эътирофи ҳуқуқ ҳамчун тарзи ҳифзи ҳуқуқҳо воситаи бартарафсозандаи номуайянӣ дар муносибати байниҳамдигарии иштирокчиён (субъектҳо) ҳисобида шуда, барои муътадил татбиқ намудани ҳуқуқҳои маданӣ шароит фароҳам меоварад ва ҳангоми баҳс кардани ҳуқуқ истифода мешавад. Масалан, бо қарори суд ҳуқуқи моликият ба ашё эътироф карда мешавад;

Дар ин ҳолат, таъсир ба вайронкунанда, агар он рӯй диҳад, дар ҷойи дуюм аст.

Дар қонунгузории маданӣ худҳимоякунии ҳуқуқ чун тарзи ҳифзи ҳуқуқҳои маданӣ номбар шудааст, агарчи аз мавқеи назария он чун шакли ҳифз дониста шуда, бо тартиби ғайрисудӣ амалӣ гардонида мешавад.

Эътирофи ҳуқуқ ба сифати тарзи ҳифз тибқи тартиби судӣ сурат мегирад, зеро суд ҳамчун мақоми юрисдиксионӣ (судӣ) метавонад мавҷудият ё мавҷуд набудани ҳуқуқи мавриди баҳси шахсро тасдиқ намояд (гарчанде аз ҷониби худи ҳуқуқвайронкунанда ихтиёран эътироф намудани ҳуқуқ ҷой дошта метавонад). Эътирофи ҳуқуқ дар ҳолатҳое, ки агар ҳуқуқи субъективии мадании шахс амалан мавҷуд бошад, вале мавҷудияти онро ин ё он шахс рад намояд ва вобаста ба он баҳс ба миён омада бошад ё метавонад ба миён ояд, истифода бурда мешавад.

Мақсади барқарор намудани вазъе, ки то вайрон гардидани ҳуқуқ ҷой дошт, ба барҳам додани оқибатҳои ҳуқуқвайронкунӣ нигаронида шуда, танҳо вақте истифода мегардад, ки агар барқарор намудани ҳуқуқ дар асл имконпазир бошад. Масалан, аз соҳибии ғайриқонунии бегона талаб карда гирифтани ашё мутобиқи даъвои виндикатсионӣ (моддаи 274 Кодекси маданӣ).

Ба чораҳои худҳимоякунии ҳуқуқ ҳаракатҳои шахс дар ҳолати мудофиаи зарурӣ (м.1191 КМ) ва зарурати ниҳоӣ (м.1192 КМ), дигар чораҳое, ки шахси манфиатдор метавонад барои ҳифзи ҳуқуқҳои худ истифода намояд, дохил мешаванд.

Зарари дар ҳолати мудофиаи зарурӣ расондашуда, агар дар ин маврид баромадан аз ҳадди мудофиа сурат нагирифта бошад, ҷуброн карда намешавад (м.1191 КМ)[1].

Дар моддаи 1192. Кодекси маданӣ "Расондани зарар дар ҳолати зарурати ниҳоӣ" оварда шудааст, ки ҷузъе аз масъалаи мазкурро дар бар мегирад.

1. Зарари дар ҳолати зарурати ниҳоӣ, яъне рафъи хатари ба худи расонандаи зарар ё дигар шахс таҳдидкунанда расондашуда, агар рафъи ин таҳдид дар ҳамин ҳолат бо воситаҳои дигар имконнопазир бошад, бояд аз ҷониби шахси расонандаи зарар ҷуброн карда шавад.

2. Бо назардошти ҳолате, ки вобаста ба он чунин зарар расонда шудааст, суд метавонад уҳдадории ҷуброни зарарро ба зиммаи шахси сеюм, ки ба манфиати он расонандаи зарар амал кардааст, гузорад ё ҳам расонандаи зарар ва ҳам шахси сеюмро пурра ё қисман аз ҷуброни зарар озод кунад.

Худмуҳофизатӣ бо аломатҳои зерин тавсиф мешавад:

1) амалҳои ҳифзи ҳуқуқ аз ҷониби субъекте анҷом дода мешавад, ки ҳуқуқаш вайрон шудааст;

2) амалҳои дахлдор ба боздоштани вайронкунии давомдоштаи ҳуқуқ (ва пешгирии вайронкунии эҳтимолӣ ва на нафаҳмидани ҷазои аввал) нигаронида шудаанд;

3) дар асоси вазъияти мушаххас маълум аст, ки истифодаи тартиби умумӣ ё махсуси ҳифзи ҳуқуқ имконнопазир аст;

4) усулҳои худмудофиа бояд ба вайронкунӣ мутаносиб бошад ва аз доираи амалҳое, ки барои рафъи он заруранд, берун набарояд (моддаи 13 Кодекси маданӣ) [1].

Намунаи хеле барҷастаи худмуҳофизатӣ ин муҳофизати зарурӣ мебошад, агар аз ҳудуди он зиёд набошад (моддаи 1191 Кодекси маданӣ).

Моддаи 13. Кодекси маданӣ тамоми масъалаҳои худҳимоякунии ҳуқуқҳои маданиро пурра ва ҳамаҷониба баррасӣ намудааст.

Тафсири моддаи мазкурро дида мебароем:

Худҳимоякунии ҳуқуқҳои маданӣ иҷозат дода мешавад. Тарзҳои худҳимоякунӣ бояд бо ҳуқуқвайронкунӣ мувофиқ бошад ва аз ҳадди амалҳое, ки барои пешгирӣ заруранд, набарояд.

Дар моддаи мазкур ҳуқуқи субъектҳои муносибатҳои ҳуқуқии маданиро ба худҳимоякунии ҳуқуқи онҳо таҳким бахшида, ҳадди умумии татбиқи онро муқаррар менамояд.

Худҳимоякунӣ аз ҷониби шахси ваколатдор анҷом додани амали якҷонибаи ҳуқуқӣ ё амали воқеиро бо мақсади ҳимояи ҳуқуқҳои маданӣ дар назар дорад. Чунин амал метавонад ба пешгирии қонуншиканӣ ё рафъи оқибатҳои он то пурра барқарор намудани вазъе, ки то содир шудани қонуншиканӣ мавҷуд буд, инчунин ба таъмини дахлнопазирии ҳуқуқ, ҳангоме ки таҳдиди воқеии вайрон намудани он вуҷуд дорад, равона карда мешавад.

Амали вобаста ба худҳимоякунии ҳуқуқи вайронгардида метавонад ҳам аз ҷониби худи шахси ваколатдор ва ҳам шахсони сеюм, ки ба манфиати он ё бо супориши он амал мекунанд, анҷом дода мешавад. Масалан, молики воситаи нақлиёт метавонад ҷиҳати ҳимояи он бо қувваи худ тадбирҳо андешад ё ба ташкилоти махсусгардонидашуда, ки барои насби таҷҳизоти бонки хатар (сигнал) ва воситаҳои зидди рабудани нақлиёт машғуланд, муроҷиат намояд.

Барои қонуни эътироф кардани худҳимоякунӣ зарур аст, ки ҳангоми анҷом додани он се шарт риоя карда шавад:

1) субъект мустақилона на ҳуқуқи эҳтимолӣ, балки ҳуқуқи воқеии худро ҳифз кунад;

2) тарзҳои истифодашавандаи худҳимоякунӣ ба вайронкунӣ мутаносиб аст, яъне зараре, ки вобаста ба амалигардонии ҳуқуқ барои худҳимоякунӣ расонида шудааст, наметавонад аз зарари воқеӣ ё имконпазир, ки ба ҳуқуқвайронкунанда расонида шудааст, баръало номутаносиб бошад;

3) тарзи худҳимоякунӣ аз ҳадди амале, ки барои пешгири вайронкунӣ зарур аст, берун набошад. Шартҳои зикргардида барои ҳамаи тарзҳои худҳимоякунӣ умумӣ мебошад ва худҳимоякунӣ наметавонад қонунӣ эътироф гардад, агар он ба тарз ва хусусияти вайронкунӣ мутаносиб набошад ва зарари расонидашуда (имконпазир) нисбат ба пешгирии он бештар назаррас бошад [4].

Ҳангоми риоя накардани талаботи муқаррааргардида, ки бо мақсади худҳимоякунӣ анҷом дода мешавад, амал аз ҳадде, ки қонун муқаррар кардааст, зиёд мебошад ва метавонад ба шахсе, ки онро анҷом додааст, оқибатҳои ноҷатлуб пеш орад. Масалан, зиёне, ки дар ҳолати мудофиаи зарурӣ бо аз ҳад гузаштан расонида шудааст, бояд ҷуброн карда шавад (моддаи 1191 Кодекси маданӣ).

Нисбат ба тадбирҳои худҳимоякунӣ, ки шахси ваколатдор истифода намудааст, ба суд ё дигар мақомоти ваколатдор шикоят кардан мумкин аст, ки он кафили ҳуқуқ ба манфиатҳои қонунии субъектҳои муомилоти маданӣ мебошад ва онҳоро аз сӯиистифодаи имконпазири ҳуқуқ ба худҳимоякунӣ ҳимоя мекунад.

Усулҳои ҳимояи ҳуқуқҳои маданӣ ба таври мукаммал дар м. 11 Кодекси маданӣ. Ҳуқуқҳои маданӣ метавонанд бо роҳҳои дигари пешбининамудаи қонун ҳимоя карда шаванд.

Дар доираи шакли ғайрисудӣ тартиби умумӣ ва махсуси ҳифзи ҳуқуқҳои вайроншуда ҷудо карда мешавад. Тартиби умумӣ бо тартиби судӣ ҳифз намудани ҳуқуқҳои маданӣ ва манфиатҳои қонуниро пешбинӣ менамояд.

Ба мафҳуми «худмудофиа» ду равиши асосӣ вуҷуд дорад.

Яке аз онҳо, ки онро В.П.Грибанов [5] пешниҳод намудааст, ки худҳимояи ҳуқуқи маданӣ аз ҷониби шахси ваколатдор содир намудани амали воқеие, ки ба ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои шахсии худ ё молу мулкӣ, манфиатҳо ва ҳуқуқҳои шахсони дигар ва давлат нигаронида шудааст, иборат аст.

Бо ин фаҳмиш, худмуҳофизатӣ амалҳои воқеии молик ё дигар соҳиби қонуниро дар бар мегирад, ки ба ҳифзи амвол нигаронида шудаанд, инчунин амалҳои шабеҳе, ки дар ҳолати мудофиаи зарурӣ ва дар шароити зарурати ниҳоӣ анҷом дода мешаванд.

Бо чунин бархурд амалҳои ҳуқуқие, ки шахси ваколатдор бидуни муроҷиат барои ҳифзи ҳуқуқ ба мақомоти ваколатдори давлатӣ татбиқ менамояд, ба мафҳуми «худдифоъ» дохил намешаванд ва гурӯҳи мустақили тадбирҳои ҳифзиро ташкил медиҳанд.

Дар адабиёт ин гурӯҳро чораҳои таъсири оперативӣ ба вайронкунандаи ҳуқуқҳои маданӣ меноманд. Масалан, яктарафа рад кардани шартномаи вайронкардаи тарафи дигар, ба таъхир андохтани иҷозати мол то анҷом додани тамоми пардохтҳо ва ғайра.

Усули дуюмро Ю Г.Басин [7], ки дар адабиёти шуравӣ яке аз аввалинҳо шуда консепсияи худмуҳофизати ҳуқуқи маданиро ба миён гузоштааст ва ба ин мафҳум на танҳо амалиёти характери фактӣ доранд, балки санадҳои ҳуқуқие, ки шахси ваколатдор яктарафа бо максади ба амал баровардани ҳуқуқҳои маданиро дарбар мегирад. ҳифз ё барқарор намудани ҳуқуқи субъективии вайроншуда (масалан, карзҳои мустақим аз ҳисоб баровардан, даст кашидани харидор аз маҳсулот ва ғайра). Бо ин равиш тадбирҳои худмудофиа дар аксари мавридҳо муҷозоти оперативӣ ва дар ҳолатҳои истисноӣ масъулияти молумулкиро дар бар мегиранд.

Ин равиш дар Кодекси граждании Ҷумҳурии Қазоқистон муқаррар карда шудааст. Дар моддаи 9-и Кодекси гражданӣ бевосита муқаррар карда шудааст: «Дар ҳолатҳои махсус пешбининамудаи санадҳои қонунгузорӣ ҳифзи ҳуқуқҳои гражданӣ бо амалҳои бевоситаи воқеӣ ё ҳуқуқии шахсе, ки ҳуқуқаш поймол шудааст (худдифоъ) метавонад сурат гирад» [3].

Дар Қазоқистон консепсияи муомилоти номукаммал таҳия нашудааст.

Қонунгузории Русия дар қатори роҳҳои ҳифзи ҳуқуқҳои маданӣ худмуҳофизатро дар бар мегирад (моддаи 12-и Кодекси граждании Федератсияи Русия), дар ҳоле ки ин дар Кодекси граждании Ҷумҳурии Қазоқистон нест [2].

Моҳияти мавҷудияти бароҳати ҳуқуқи инсон эътироф ва ҳифзи онҳост. Қонунгузории Федератсияи Русия муқаррар кардааст, ки ҳуқуқи инсон тавассути қонун ҳифз карда мешавад.

Ба андешаи ман, худмудофиаро ҳамчун воситаи ҳифзи ҳуқуқи маданӣ шуморидан дуруст нест. Худмуҳофизатӣ як шакли мудофиа ва тартиби ғайриҳуқуқии ҳифзи ҳуқуқҳои маданӣ мебошад.

Чизи дигар он аст, ки баъзе усулҳои муҳофизатро ба таври ғайриҳуқуқӣ, дар шакли худмудофиа ба амал баровардан мумкин аст.

Инҳо пеш аз ҳама амалҳои воқеӣ (дар ҳолати муҳофизати зарурӣ ва зарурати шадид) ва баъзе амалҳои ҳуқуқӣ (санксияҳои оперативӣ, ки метавонанд мустақилона, бе маҷбуркунии давлат амалӣ карда шаванд – аз ҷумла, якҷониба даст кашидан аз шартнома, нигоҳ доштан ва ғайра) мебошанд.

Муносибати байни мафҳумҳои «ҳимояи ҳуқуқи маданӣ », «санксия» ва «масъулият».

Ба назари ман, баҳс дар бораи робитаи мафҳумҳои «санксия» ва «масъулият», ки дар адабиёт васеъ паҳн шудааст, то андозае баҳси истилоҳот аст. Муаллифон мазмуни гуногунро ба як мафҳум гузошта, истилоҳи «санксия»-ро ба ин ё он маъно мефаҳманд, ки ин истилоҳро дар он истифода бурдан мумкин аст. Бинобар ин, ба ҳалли дурусти масъала истифодаи якхелаи истилоҳот мусоидат мекард.

Дар ҳуқуқи маданӣ дуруст мебуд, ки истилоҳи «санксия» ба он маъное, ки дар назарияи умумӣ ба кор бурда мешавад, яъне, унсури меъёрро, ки оқибатҳои ҳуқуқии вайрон кардани онро нишон медиҳад ва худи ин окибатҳоро муайян мекунанд.

Мувофиқи ин ҷазо дар ҳуқуқи маданӣ бояд ҳамчун натиҷаи ҳуқуқие фаҳмида шавад, ки меъёр ҳангоми вайрон кардани ҳуқуқҳои маданӣ муқаррар менамояд ё иҷозат медиҳад.

Дар мавриди таносуби байни мафҳумҳои «санксия» ва «масъулият» бошад, пас «масъулият»-ро бояд як навъи ҷазо баррасӣ кард.

Ҳимояи ҳуқуқи маданӣ мафҳуми васеътарин буда, тамоми чораҳои пешбининамудаи қонунро дар бар мегирад, ки ба таъмини дахлнопазирии ҳуқуқ ва рафъи оқибатҳои вайронкунӣ нигаронида шудаанд.

Дигар тарзҳои ҳимояи ҳуқуқҳои маданӣ, ки дар моддаи 11 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон зикр нагардидаанд, вале қонун иҷозат додааст, дар муқаррароти умумӣ оид ба уҳдадориҳо ва дар падидаҳои алоҳидаи ҳуқуқи уҳдадорӣ пешбинӣ шудаанд.

Дар адабиёти ҳуқуқӣ тарзи ҳимоя ва ҳифзи ҳуқуқҳои маданӣ вобаста ба тартиби татбиқи онҳо метавонад ба се гурӯҳ тақсим карда шавад:

1) онҳое, ки танҳо аз ҷониби суд ва дар баъзе ҳолатҳо аз ҷониби дигар мақомоти ваколатдори давлатӣ истифода бурда мешаванд, ки зарурати ба онҳо муроҷиат намуданро дар хусуси ҳифз ва ҳимоя тавассути усули мушаххас дар назар дорад (эътирофи ҳуқуқ), барқарор намудани вазъе, ки то вайрон кардани ҳуқуқ мавҷуд буд, пешгирии амале, ки ҳуқуқро вайрон мекунад ва ғайра);

2) онҳое, ки аз ҷониби иштирокчиёни муносибатҳои ҳуқуқӣ мустақиман истифода бурда мешаванд (худҳимоякунӣ, қатъи муносибатҳои ҳуқуқӣ бо роҳи яктарафа рад намудани иҷрои уҳдадорӣ, агар чунин имконият тибқи қонун ё шартнома пешбинӣ шуда бошад ва ғайра);

Международное таможенное сотрудничество принадлежит к вышеназванным видам международного сотрудничества, так как связано с движением товаров и транспортных средств через таможенную границу. Осуществление государствами сотрудничества в данной сфере носит объективный характер и важно согласовывать свои действия по регулированию процессов перемещения товаров и транспортных средств через государственные (таможенные) границы. Таможенные отношения связаны с международным перемещением товаров и транспортных средств, а, следовательно, существует необходимость взаимодействия государств данным вопросам, а также укрепления и глубокого развития международного сотрудничества этой сферы. Международное таможенное сотрудничество – это важное направление международного сотрудничества государств и международных организаций в целом, заключающееся в совместной координации их усилий в сфере общественных отношений, связанных с обеспечением таможенными органами порядка и правил перемещения лицами через таможенные границы государств товаров и транспортных средств. Значимость и важность международного сотрудничества в данной сфере человеческой деятельности заключаются в возрастающем объеме международных двусторонних и многосторонних соглашений в деятельности Всемирной

торговой организации (далее ВТО) и других международных организаций, сфера деятельности которых связана с таможенным делом.

Основу международного сотрудничества в сфере осуществления перевозок через таможенные границы государств составляют международные соглашения в этой сфере. Основными принципами и целями вынесения государствами-участниками таможенных отношений совместных решений, принятых в форме международных актов, являются:

1. определение направлений таможенного сотрудничества;
2. унификация нормативно-правовых актов, установление единых правил таможенного оформления;
3. установление согласованных видов, методов и форм таможенного контроля;
4. унификация таможенных льгот;
5. недопущение дискриминации при установлении таможенных тарифов;
6. создание таможенных союзов и организаций;
7. вопросы оказания правовой помощи и сотрудничества между государствами.

В соответствии со статьей 1 Таможенного кодекса Республики Таджикистан (ТК), таможенного дело в Республики Таджикистан составляют таможенная политика Республики Таджикистан, а также порядок и условия перемещения через таможенную границу и Республики Таджикистан товаров и транспортных средств, взимания таможенных платежей, таможенного оформления, таможенный контроль и другие средства проведения таможенной политики в жизнь. Основными принципами таможенного дела Республики Таджикистан являются единство таможенной политики, единство таможенной территории, единство таможенного законодательства, единство тарифного регулирования. В данном понятии таможенного дела, по существу, приведены наиболее весомые по значимости функции таможенного дела, которые сложились в результате длительного периода деятельности таможенных органов. Однако, в процессе изучения Таможенного кодекса Республики Таджикистан мы убеждаемся в том, что изложенное в нем понятие таможенного дела не в полной мере охватывает тот широкий спектр задач, с которыми сталкиваются таможенные органы Республики Таджикистан в своей повседневной деятельности. Таможенное дело в Республике Таджикистан объединяет сложный комплекс неординарных мероприятий, в ходе применения которых, они, взаимно дополняя друг друга, решают весьма сложные задачи. К составным частям комплекса структуры таможенного деда, логично было бы отнести также таможенную статистику, ведение системы товарной номенклатуры внешнеэкономической деятельности, борьбу с контрабандой и иными преступлениями в сфере таможенного дела, нарушениями таможенных правил и, ежедневно применяемую систему таможенных режимов.

8. Стержнем составных частей структуры таможенного дела является таможенная политика. К примеру, не зная целей и задач таможенной политики на современном этапе, охватывающих такие важные моменты, как защита экономического суверенитета и экономической безопасности, защита внутреннего рынка, стимулирование развития национальной экономики, невозможно обеспечить эффективное использование таких элементов таможенного дела, как таможенное оформление, таможенный контроль и процедуры, связанные с перемещением товаров транспортных средств через таможенную границу. Таможенным службам при Правительстве Республики Таджикистан, в целях эффективного применения каждого из этих блоков, подготовлены соответствующие положения и инструкции, на которых мы подробно остановимся в последующих главах книги. В таможенном кодексе Республики Таджикистан, с учетом требований времени и норм международных стандартов, таможенные органы дополнительно наделены полномочиями органов дознания. Осуществляя дознание по различным правонарушениям в сфере таможенного дела (контрабанда, уклонение от уплаты таможенных платежей, незаконные валютные операции), в пределах своей компетенции Таможенный службоы при Правительстве Республики Таджикистан полномочен возбуждать уловное дело, производить неотложные следственные действия по установлению и закреплению следов преступления и обнаружению лиц, его совершивших. Кроме того, в раздел V гл55 стр 445-446Таможенного кодекса Республики Таджикистан включена глава 29 «Валютный контроль таможенными органами Республики Таджикистан», в соответствии с

которой Таможенная служба при Правительстве Республики Таджикистан является органом валютного контроля. Из содержания статей данной главы вытекает, что валютный контроль является составной частью таможенного дела и впредь, таможенные органы, в переделах своей компетенции, должны осуществлять контроль над валютными операциями, связанными с перемещением через указанную границу товаров и транспортных средств, за перемещением лицами через таможенную границу Республики Таджикистан за исключением периметров свободных таможенных зон и ценных бумаг в валюте Республики Таджикистан, ценных бумаг в валюте Республики Таджикистан , валютных ценностей.

**ЛИТЕРАТУРА**

1. Бекяшев К.А., Моисеев Е.Г. Международное таможенное право: учеб. 2-е изд. / К.А. Бекяшев. - М.: Проспект, 2009.
2. Борисов К.Г. Международное таможенное право / К.Г. Борисов. - М.: Юристъ, 2007.
3. // Московский журнал международного права, 2004. № 1. С. 8-12.
4. Халипов С.В. Таможенное право: учеб. 4-е изд. / С.В. Халипов. - М.: Высшее образование, 2009.
5. Чмель Г.Н. Малая таможенная энциклопедия / Г.Н. Чмель. - СПб.: Питер, 2004.
6.Раджабов С.А. Международное право / С.А. Раджабов. - Душанбе, 2009. 7.Международное право. Под редакцией Ш.М. Менглиева – Душанбе, 2010. – С.65.

## МОҲИЯТ ВА ХУСУСИЯТҲОИ ҲАМКОРИИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ГУМРУКӢ

Ҳадафи мақола муайян намудани хусусиятҳои ҳамкориҳои байналмилалии гумрукии Тоҷикистон дар солҳои охир мебошад. Дар мақола шаклҳо ва омилҳои асосии рушди ҳамкории зичи Тоҷикистон ва ҷомеаи ҷаҳонӣ дар фаъолияти иқтисодии хориҷӣ ошкор карда шудаанд. Дар тадқиқот маълумотҳои оморӣ, ки гардиши савдои хориҷии Тоҷикистонро бо кишварҳои хориҷи наздик ва дур тавсиф мекунанд, таҳлил карда шудаанд.

**КАЛИДВОЖАҲО:** гумрук, ҳамкории байналмилалии гумрукӣ, гардиши савдои хориҷӣ, савдои хориҷӣ ва муносибатҳои гумрукӣ.

## СУЩНОСТЬ И ОСОБЕННОСТИ МЕЖДУНАРОДНОГО ТАМОЖЕННОГО СОТРУДНИЧЕСТВА

Целью статьи является выявление особенностей международного таможенного сотрудничества Таджикистан в последние годы. В статье раскрываются основные формы и факторы, способствующие развитию более тесного сотрудничества Таджикистан и международного сообщества по внешнеэкономической деятельности. В исследовании анализируются статистические данные, характеризующие внешнеторговый оборот Таджикистан со странами ближнего и дальнего зарубежья.

**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА:** таможенное дело, международное таможенное сотрудничество, внешнеторговый оборот, внешнеторговые и таможенные связи.

## ESSENCE AND FEATURES OF INTERNATIONAL CUSTOMS COOPERATION

The purpose of the article is to identify the features of the international customs cooperation of Tajikistan in recent years. The article reveals the main forms and factors contributing to the development of closer cooperation between Tajikistan and the international community in foreign economic activity. The study analyzes statistical data characterizing the foreign trade turnover of Tajikistan with the countries of near and far abroad.

**KEYWORDS**: customs, international customs cooperation, foreign trade turnover, foreign trade and customs relations.

**Маълумот дар бораи муаллифон**: ***Қодиров Некруз*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, н.и.ҳ., дотсент. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17.
***Турдизода Парисо Ҷӯрабек*** – Донишгоҳи миллии Точикистон, магистранти курси дуюми факултети ҳуқуқшиносӣ. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **903205500.** E-mail: **turdizodapariso@gmail.com**

**Сведения об авторах**: ***Кодиров Некруз*** – Таджикский национальный университет, к.ю.н, доцент. **Адрес**: 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 17.
***Турдизода Парисо Джурабек*** – Таджикский национальный университет, магистрант второго курса юридического факультета. **Адрес**: 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: **903205500.** E-mail**: turdizodapariso@gmail.com**
**Information about the authors:** ***Kodirov Nekruz*** – Tajik National University, c.l.s., Associate Professor. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17.
***Turdizoda Pariso Jurabek*** – Tajik National University, second-year master`s student of Faculty of Law. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. Phone: **903205500.** E-mail: **turdizodapariso@gmail.com**

## СУДИ КОНСТИТУТСИОНИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР НИЗОМИ СУДИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

*Асозода В.А.*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Низоми кунунии сиёсӣ ва ҳуқуқии Тоҷикистон, ки Конститутсияи кишвар муқаррар кардааст, эҷоди чунин шаклу механизмҳои татбиқи арзишҳои демократиро, ки муассир ва воқеан татбиқшаванда мебуд, ҷамъбаст менамояд. Яке аз онҳо Суди конститутсионӣ мебошад. Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун мақомоти назорати конститутсионӣ вазифадор аст, ки устувории татбиқи арзишҳои демократиро дар кишвар таъмин намояд.

Ба ин муносибат К.Н. Холиқов қайд мекунад: «Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз муҳимтарин ниҳодҳои сиёсӣ ва ҳуқуқӣ мебошад, ки дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз соли 1994 ифода ёфтааст. Бо таъсиси он дар низоми мақомоти ҳифзи ҳуқуқи кишвар ба мақомоти ҳокимияти давлатие рӯйи кор омад, ки мақому мақсади махсус дорад» ба вуҷуд омад. Дигар олимони ватанӣ бо ӯ розӣ ҳастанд.

Аҳаммияти мавқеи Суди конститутсиониро дар хифзи меъёрҳои конститутсионӣ муҳаққиқони хориҷӣ низ қайд мекунанд. Дар ин бобат Н.В. Витрук таъкид мекунад, ки «воситаи мушаххаси ҳифзи Конститутсия назорати конститутсионӣ ҳамчун вазифаи мушаххаси мақомоти салоҳиятдори давлатӣ оид ба таъмини волоият ва қувваи олии ҳуқуқии конститутсия дар низоми сарчашмаҳои (шаклҳои) ҳуқуқ мебошад. Ин мавқеъро дастгирӣ карда, А. Клишас қайд мекунад, ки «суди конститутсионӣ волоияти ҳуқуқии меъёрҳои Конститутсияро дар низоми санадҳои ҳуқуқӣ таъмин намуда, бо ҳамин тариқ татбиқи устувори муқаррароти конститутсионӣ аз ҷониби ҳамаи субъектҳои ҳуқуқи конститутсиониро таъмин менамояд».

Ташаккули ғоя ва рушди назорати конститутсионии судӣ таърихи тулонӣ дорад. Роҷеъ ба мавқеи мақомоти махсуси назорати конститутсионӣ, дар низоми тақсимоти қудратҳо ва онро ҳатто дар дастурҳои конститутсионии кишварҳои гуногун низ надодаанд. Як қатор конститутсияҳо (дар боби судӣ ё адолати судӣ) суди конститутсиониро ба низоми судӣ дохил мекунанд, масалан, дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мустақиман нишон дода шудааст, ки Суди конститутсионӣ ҷузъи низоми судии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад (моддаи 84) ва Конститутсияи Русия нишон медиҳад, ки мурофиаи конститутсионӣ як шакли татбиқи ҳокимияти судӣ мебошад (моддаи 118), ё дар конститутсия (Олмон) дар ин бора дарҷ нашудааст. Дар конститутсияҳои як қатор мамлакатҳо (Италия, Испания, Молдавия, Польша ва ғайра), ки мақоми махсуси органҳои назорати конститутсиониро дар механизми хокимияти давлатӣ нишон медиҳанд, барои онҳо бобҳои алоҳида ҷудо кардаанд.

Назорати конститутсионии судӣ ҳамчун як намуди махсуси назорати конститутсионӣ, ки тавассути мурофиаи судии конститутсионӣ амалӣ карда мешавад, дар таърихи давлатдории тоҷикон институти нав ба ҳисоб меравад. Он ба шарофати гузариш ба бунёди ҷомеаи озоди шаҳрвандӣ, волоияти қонун, сохти конститутсионии демократӣ дар Тоҷикистон дар ибтидои солҳои 90-уми садаи 20 ба вуҷуд омадааст.

Сарнавишти адолати конститутсионӣ дар Тоҷикистон осон набуд. Дар Тоҷҷикистон чун дар дигар ҷумҳуриҳои иттифоқии собиқ СССР (то таъсиси Кумитаи назорати конститутсионӣ) ягон органи махсуси назорати конститутсионӣ (назорат) вуҷуд надошт.

Тоҷикистони муосир наметавонад аз таҷрибаи ҷаҳонӣ ва доктрина дар бораи салоҳияти конститутсионӣ таъсир накунад. Аслан, Ҷумҳурии Тоҷикистон модели аврупоиро пазируфт, ҳарчанд тарафдорони модели амрикоӣ кам нестанд. То замони таъсиси Суди конститутсионӣ дар Тоҷикистон (инчунин дар ҷумҳуриҳои собиқ Иттиҳоди Шуравӣ) аз ҷониби илм на модели назариявӣ ва на консептуалии адолати судии конститутсионӣ таҳия нашуда буд.

Ташкил ва фаъолияти Суди конститутсионӣ бо муқаррароти меъёрии қонуни асосии кишвар ва қонуни конститутсионӣ танзим карда мешавад, ки дар он гуфта мешавад, ки «Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон мақомоти мустақили ҳокимияти судӣ оид

ба назорати конститутсионӣ мебошад». Ин меъёрро таҳлил намуда, К.Н. Холиқов нишон медиҳад, ки «Хусусияти хоси ин меъёр дар он аст, ки дар он Суди конститутсионӣ ҳамчун мақомоти ҳокимияти судӣ оид ба ҳифзи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон бидуни истинод ба калимаи «олӣ» муайян шудааст.

Дуюм: Суди конститутсионӣ мақомоти махсуси ҳифзи Конститутсия мебошад. Ин вазифаи махсуси ҳуқуқӣ, ҳадаф ва тамоми зуҳуроти худро зоҳир мекунад, ки ин ниҳодро аз дигарон фарқ мекунад. Дар ин замина дар адабиёти ҳуқуқӣ мавқеъҳо баён шудаанд, ки «қонунгузории кишварҳо, аз ҷумла мақомоти татбиқи адолати конститутсионӣ дар низоми судӣ ба онҳо нисбат ба дигар судҳо мустақилияти бунёдӣ медиҳад».

Тадқиқотчиёни ватанӣ ва хориҷӣ бо омӯхтани хусусиятҳои фарққунанда як қатор меъёрҳои асосиро муайян мекунанд. Моҳияти ин меъёрҳоро метавон ба се меъёри асосӣ коҳиш дод:

–дар воҳидҳои маъмурию ҳудудии Тоҷикистон сохторҳои тобеи Суди конститутсионӣ вуҷуд надоранд, яъне Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон шуъбаҳои ибтидоӣ надорад;

–салоҳияти Суди конститутсионӣ бевосита дар матни қонуни асосии кишвар ифода ёфтааст;

–ваколатхои Суди конститутсионӣ оид ба баррасии санадҳои судии дигар судҳо, аз ҷумла судҳои боло.

Дар заминаи масъалаи мавриди таҳқиқ мавқеи П. Блохин, О.Н. Кряжков. Муаллифони мазкур чор тафовути асосии Суди конститутсионӣ ва дигар судҳоро муайян мекунанд: - институтсионалӣ, салоҳиятдор, ташкилӣ ва сохторӣ.

Дар натиҷаи таҳқиқ хусусиятҳои зерини фарққунандаи Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар низоми судии Тоҷикистон муайян карда шуданд:

- танзими конститутсионӣ, яъне салоҳияти Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон бар хилофи дигар судҳои низоми судии кишвар дар Конститутсия муайян шудааст;

- ҳадафи институтсионалӣ, яъне ягона мақомоти судии назорати конститутсионӣ мебошад;

- салоҳият, яъне парвандаҳои тобеияти судҳои умумӣ ва судҳои иқтисодиро баррасӣ намекунад;

- сохтори ташкилӣ, яъне дар воҳидҳои маъмурию ҳудудии Тоҷикистон воҳидҳои ибтидоӣ надорад;

- таркиби сохторӣ, яъне. дорои шумораи дақиқи судяҳо, ки яке аз онҳо бояд намояндаи ВМКБ бошад;

- тартиби мурофиавӣ, яъне. фаъолияти худро бо тартиби мурофиаи судии конститутсионӣ, ки аз дигар шаклҳои мурофиаи судӣ фарқ мекунад, амалӣ менамояд;

- муошират, яъне дар доираи принсипи тақсимоти ҳокимият, ҳам бо мақомоти қонунгузорӣ ва иҷроия ва ҳам бо судҳое, ки ба низоми судии кишвар дохил мешаванд, ҳамкорӣ менамояд.

Тартиби ташкил, фаъолият, инчунин ҳайат ва сохтори мақомоти махсуси амалигардонии назорати конститутсиониро дар минтақаҳои гуногуни ҷаҳон, чун қоида, судҳо ба амал мебароранд. Истисно чанд кишвари ҷаҳон - Қазоқистон, Фаронса мебошанд, ки дар онҳо ба ҷойи Додгоҳи конститутсионӣ вазифаҳои назорати конститутсионӣ аз ҷониби Шурои конститутсионӣ амалӣ карда мешаванд. Дар баробари ин, қайд кардан лозим аст, ки ҳайат, структура ва дигар ҷиҳатҳои фаъолияти мақомотҳои махсуси назорати конститутсионӣ дар мамлакатҳои гуногун ба таври куллӣ фарқ мекунанд. Модели мушаххаси сохтори мақомоти назорати конститутсионӣ ва механизми ташкил ва фаъолияти онҳо ба самаранокии фаъолият бевосита таъсир мерасонад ва мутобиқан иҷрои вазифаҳое, ки дар назди мақомоти назорати конститутсионӣ истодаанд, аз ҳамин вобастагӣ дорад.

Таҷрибаи ҳозираи ҷаҳонӣ, ташаккули мақомотҳои назорати конститутсиониро таҳлил намуда, барои тасниф намудани ин раванд як қатор асосҳоро ҷудо кардан мумкин аст. Аввалан, вобаста ба иштироки шохаҳои ҳокимияти давлатӣ дар ин раванд усулҳои

ташаккули мақомоти назорати конститутсионӣ ба чунинҳо гурӯҳҳо тақсим мешаванд: усули парламентии ташаккул, усули президентии ташаккул, парламентӣ-президентӣ ва иштироки тамоми шохаҳои ҳокимият (парламент, президент ва суд). Ҳамин тариқ, дар чунин кишварҳо, ба монанди Маҷористон, Олмон, Полша, усули соф парламентии ташаккули онҳо истифода мешавад. Дар кишварҳое мисли Белгия, Австрия, Туркия, Кипр, аъзои мақомоти назорати конститутсионӣ танҳо аз ҷониби шохаи иҷроия таъин карда мешаванд. Дар аксари кишварҳои ҷаҳон дар ташаккули Судҳои конститутсионӣ ду ё се шохаи ҳокимияти давлатӣ, чун қоида, ҳокимияти қонунгузор ва иҷроия бевосита иштирок мекунанд. Танҳо дар баъзе давлатҳои ҷаҳон (Литва, Молдова, Италия ва Испания) дар ташкили Суди конститутсионӣ ҳамаи се шохаи ҳокимияти давлатӣ иштирок мекунанд.

Ба сифати асоси дуюми таснифот тартиби ташкили мақомоти назорати конститутсиониро фарқ кардан мумкин аст, ки он ба се намуд – таъинотӣ, интихобӣ ва гибридӣ (яъне ҳам таъин ва ҳам интихоб) ҷудо мешавад.

Низоми якум ин низоми таъиноти мустақим аст, ки ҳеҷ гуна расмиёти интихоботро дарбар намегирад. Он дар кишварҳое чун Канада, Кипр, Дания, Финландия, Фаронса, Исландия, Ирландия, Малта, Норвегия, Шветсия, Туркия истифода мешавад.

Низоми дуюм низоми интихоботӣ мебошад, ки ба принсипи қонунияти демократӣ бештар мувофиқ аст. Ба воситаи ин низоми парлумонии дар кишвар мавҷудбуда метавонад тағйирот ворид шавад. Ҳамин тариқ, дар чунин давлатҳо, ба мисли Озарбойҷон, Эстония, Маҷористон, Латвия, Лихтенштейн, Литва, Португалия, Словения, Ҷумҳурии Югославияи собиқи Македония, мақоми интихобӣ, ягона палатаи парлумон, дар Хорватия ва Лаҳистон аз ҷониби палатаи поёнии Парлумон, дар Олмон ҳарду палатаи парлумон бо навбат интихоб мешаванд ва дар Швейтсария ҷаласаи муштараки ҳарду палатаи парлумон мавҷуданд. Низоми сеюм низомест, ки бар асоси интихоби судяҳо ва низоме, ки ба таъини онҳо асос ёфтааст, ҳарчанд маъмултарин низом аст, вале дар бисёр вариантҳо ва баъзан дар шакли низоми таъиноти мустақим вуҷуд дорад. Дар баъзе низомҳои миллӣ таносуби ҷузъҳои интихобӣ метавонад ба таносуби ҷузъи таъиноти низом мувофиқат кунад, аммо одатан ҷузъи интихобӣ бартарӣ дорад (Албания, Арманистон, Белгия, Руминия, Испания). Дар низомҳои гибридӣ, мақомоти давлатӣ, ба монанди судҳо ё шуроҳои судӣ метавонанд вазифаи пешбарии судяҳоро дошта бошанд (Босния ва Ҳерсеговина, Булғористон, Гурҷистон, Италия, Украина). Дар Босния ва Ҳерсеговина салоҳияти таъини судяҳо байни ду мақомот (палатаи поёнии Парлумони Федератсияи Босния ва Ҳерсеговина ва Парлумони Ҷумҳурии Серпска) ва ҳокимияти судӣ, ки аз ҷониби Президенти Суди Аврупо оид ба инсонҳо намояндагӣ мекунанд, тақсим карда мешавад. Дар Булғористон, Гурҷистон, Итолиё салоҳиятҳои таъини судяҳо байни президент, як мақомоти махсуси ҳокимияте, ки аз ҷониби парлумон интихоб мешавад ва ҳокимияти судӣ тақсим карда мешавад. Варианти дуюм ин таъини бевоситаи судяҳо мебошад, ки бо вуҷуди ин, бояд аз ҷониби мақомоти ваколатдор тасдиқ карда шавад (Аргентина, Чехия, Ҷопон, Русия). Умуман, бархӯрд ба ин монанд аст, ки тибқи он мақоми ваколатдори интихоби судяҳо (масалан, Шурои миллии Словакия) рӯйхати номзадҳоро тартиб медиҳад, ки аз байни онҳо мақомоти давлатии ваколатдори таъини судяҳо метавонад шахсонеро барои таъини судяҳо интихоб кунад.

Дар моддаи 8 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон» пешбинӣ шудааст, ки «Раис, муовини раис ва судяҳои Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб карда мешаванд. Ҷумҳурии Тоҷикистон бо пешниҳоди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон».

Дар навбати худ А.М. Диноршоев бо омӯзиши ин масъала қайд мекунад, ки «тартиби ташкили Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон низ саволҳои зиёдеро ба миён меорад. Дар ташкили Суди конститутсионӣ иштирок накардани ҳокимияти судӣ вайронкунии принсипи тақсими қудрат аст.

Дар мавриди нақши сарвари давлат дар ташаккули мақомоти назорати конститутсионӣ дар Тоҷикистон баъзе муаллифон баъзе мулоҳизаҳои худро баён мекунанд. Ҳамин тавр, К.Н. Холиқов қайд мекунад, ки «дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррароте мавҷуд нест, ки кӣ ваколат дорад то номзадҳои худро ба судяи Суди конститутсионӣ ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намояд. Таҷрибаи

муқарраршудаи ташкили ин мақомоти конститутсионӣ нишон медиҳад, ки пешбарии номзадҳо ба вазифаи судяҳои Суди конститутсионӣ салоҳияти истисноии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Интихоб ва пешбарии номзад ба вазифаи судяи Суди конститутсионӣ бояд ба марҳилаи пешакӣ вобаста бошад, дар ҳоле ки аз ҷониби роҳбари давлат пешниҳод намудани номзад ба вазифаи судяи Суди конститутсионӣ ва тасдиқи ӯ дар палатаи болоии парламент марҳилаи минбаъда аст. Ҳарду марҳилаи ин раванд як қатор тартибҳоро дар бар мегиранд, ки иҷрои дақиқро талаб мекунанд. Ҳангоми интихоби номзадҳо ба вазифаи судяи Суди конститутсионӣ бояд аз талаботи моддаи мазкур баромад кард. Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон». Тибқи қонунгузории амалкунанда ба вазифаи судяи Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон шахсони синну соли муайян таъин карда мешаванд: на камтар аз 30 сол, на бештар аз 65 сола. Қонун инчунин талаботи таҳсилоти олии ҳуқуқшиносиро барои номзад ба вазифаи судяи Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мавҷудияти на камтар аз даҳ сол собиқаи касбии ҳуқуқшиносиро муқаррар кардааст. Илова бар ин, азбаски тамоми коргузориҳои марбут ба Додгоҳи конститутсионӣ ба забони давлатӣ сурат мегиранд, номзад бояд забони тоҷикиро дар сатҳи зарурӣ донад. Номзад, ки танҳо шаҳрвандии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дорад, метавонад барои ишғоли вазифаи судя муроҷиат намояд.

Баъдан раванди интихоби номзад ба вазифаи судяи Суди конститутсионӣ меравад. Аз рӯйи ин масъала К.Н. Холиқов қайд мекунад: «Дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мӯҳлатҳои аниқи пешбарии номзад ба мансабҳои раис, муовини раис ва судяи Суди конститутсионӣ муқаррар карда нашудааст.

Ҳангоми омӯхтани тартиби ташаккули ҳайати Суди конститутсионӣ дар кишварҳои ҷаҳон тадқиқотчиёни ватанӣ ва хориҷӣ қайд мекунанд: «дар як қатор 208 кишвари ҷаҳон ба гайр аз ҳайати асосии суд (судяҳои оддӣ) низ ҳастанд. судяҳои ғайриоддӣ (дар ҳалли як категорияи муайяни парвандаҳо иштирок мекунанд) ва судяҳои эҳтиётӣ (масалан, дар Италия Суди конститутсионӣ аз 15 судяи оддӣ ва 16 судяи ғайриоддӣ иборат аст, дар Суди конститутсионии Австрия 6 судяи эҳтиётӣ мавҷуд аст). Як қатор давлатҳо тартиберо пешбинӣ мекунанд, ки тибқи он Президенти собиқи кишвар як умр судяи Суди конститутсионӣ (Фаронса, Ӯзбекистон) мешавад”.

**АДАБИЁТ**


1. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 ноябри соли 1994 дар раъйпурсии умумихалқӣ қабул карда шуд. 26 сентябри соли 1999, 22 июни соли 2003 ва 22 майи соли 2016 бо роҳи раъйпурсии умумихалқӣ ба он тағйиру иловаҳо ворид карда шудаанд. – Душанбе, 2016.
2. Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи судҳо” // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: FRL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 20.02.2023).
3. Холиков К.Н. Конституционное судопроизводство в Республике Таджикистан / Отв. ред. С.А. Авакьян. - Душанбе: Эр-граф, 2010.
4. Диноршоев А.М., Сафаров Д.С., Хамдамова Ш.М. Процессуальные институты конституционного судопроизводства в Республике Таджикистан. / Под общей редакцией А.М. Диноршоева. - Душанбе, 2015.
5. Бондарь Н.С. Конституционный суд России: не "квазисуд", а "больше, чем суд" //Журнал конституционного правосудия. -2010. - № 3. - С. 28-34.
6. Витрук Н.В. Конституционное правосудие. Судебно-конституционное право и процесс / Н.В. Витрук. - М., 2010.
7. Клишас А.А. Конституционный контроль и конституционное правосудие зарубежных стран. Сравнительно-правовое исследование. - М., 2015. - С. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 ноябри соли 1994 дар раъйпурсии умумихалқӣ қабул карда шуд. 26 сентябри соли 1999, 22 июни соли 2003 ва 22 майи соли 2016 бо роҳи раъйпурсии умумихалқӣ ба он
8. Холиков К.Н. Конституционный суд и конституционное судопроизводство в Таджикистане / К.Н. Холиков. - Душанбе, 2014.
9. Гафуров Х.М. Правоохранительные органы. Учебн. пособ. / Х.М. Гафуров. - Душанбе, 2009.


## СУДИ КОНСТИТУТСИОНИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР НИЗОМИ СУДИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Ҳар як давлат вобаста ба шароити таърихӣ ва миллии худ ҳокимияти судиро ташкил медиҳад, ки дар маҷмуъ онҳо низоми судиро ташкил медиҳанд. Низоми судии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар моддаи 84

Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи судҳо” пешбинӣ гардидааст. Дар мақолаи мазкур мафҳуми низоми судӣ ва ҳайати низоми судӣ, аз ҷумла Суди конститутсионӣ, Суди Олӣ, Суди Олии иқтисодӣ ва ғайра таҳлил карда шуда, мавқеъ ва нақши онҳо дар низоми судӣ муайян карда шудааст.

**КАЛИДВОЖАҲО:** мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, суд, судя, ҳокимияти давлатӣ, ҳокимияти судӣ, зинаи олии судӣ, суди конститутсионӣ, салоҳияти судҳо, судҳои марҳилаи апелятсионӣ, марҳилаи кассатсионӣ, марҳилаи назоратӣ, ташкили судҳо.

**КОНСТИТУТЦИОННЫЙ СУД В СУДЕБНОЙ СИСТЕМЕ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН**

Каждое государство формирует судебную власть в зависимости от своих исторических и национальных условий, которые в целом формируют судебную систему. Судебная система Республики Таджикистан предусмотрена статьей 84 Конституции Республики Таджикистан, Конституционным законом Республики Таджикистан «О судах». В данной статье анализируется понятие судебной системы и членов судебной системы, в том числе Конституционного суда, Верховного суда, Высшего хозяйственного суда и др., и определяется их положение и роль в судебной системе.

**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА:** правоохранительные органы, суд, судья, государственная власть, судебная власть, верховный суд, конституционный суд, полномочия судов, апелляционная стадия, кассационная стадия, надзорная стадия, организация судов.

**CONSTITUTIONAL COURT IN THE JUDICIARY SYSTEM OF THE REPUBLIC OF TAJIIKISTAN**

Each state forms the judiciary depending on its historical and national conditions, which generally form the judicial system. The judicial system of the Republic of Tajikistan is provided for by Article 84 of the Constitution of the Republic of Tajikistan, the Constitutional Law of the Republic of Tajikistan "On Courts". This article analyzes the concept of the judiciary and members of the judiciary, including the Constitutional Court, the Supreme Court, the Supreme Economic Court, etc., and determines their position and role in the judiciary.

**KEYWORDS:** law enforcement agencies, court, judge, state power, judiciary, supreme court, constitutional court, powers of courts, appeal stage, cassation stage, supervisory stage, organization of courts.

**Маълумот дар бораи муаллиф**: ***Асозода Вирқовиддин Асват*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, магистранти курси дуюми факултети ҳуқуқшиносӣ. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **988003285.**

**Сведения об авторе**: ***Асозода Вирковиддин Асват*** – Таджикский национальный университет, магистр второго курса юридического факультета. **Адрес**: 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: **988003285.**

**Information about the author**: ***Asozoda Virqoviddin Asvat*** – Tajik National University, second-year master`s student of Faculty of Law. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. Phone: **988003285.**

# ЭКСПЕРТИЗАИ ТЕХНИКӢ – КРИМИНАЛИСТИКИИ ҲУҶҶАТҲО ВА НАҚШИ ОН ДАР ИСБОТКУНИИ СУДӢ

***Ҳукматуллоев М.А.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Ҳанӯз файласуфони қадим, ки аксар диалектик буданд, қайд менамуданд, ки ҷаҳони моро иҳотанамуда аз зиддиятҳо иборат аст: бе донистани сиёҳ, наметавон сафедро дарк, хушкро бе тар, ҳақиқатро бе дурӯғ. Бо мавриди истифода қарор гирифтани ҳуҷҷатҳои хаттӣ, шумори ҳуҷҷатҳои қалбакӣ низ рӯ ба афзоиш овард. Ҳамин тариқ, дар Рими Қадим сохтакории васиятномаҳо падидаи чунон маъмул шуда буд, ки ҳатто Ситсерон маҷбур шуд эътироф намояд: ҳатто шаҳрвандони бовиҷдон низ шарм намедоштанд тавассути онҳо бой гарданд. Мавҷудияти қонунҳое маълум ҳастанд, ки ҷавобгарӣ барои сохтакории васиятномаҳоро пешбинӣ менамуданд – қонунҳои аз ҷониби диктатори румӣ Сулла қабул гардида, “Маҷмуи қонунҳо” – и императори византигӣ Юстиниан (асри VI мелодӣ), ки дар он оид ба сохтакориҳо, тарзҳои мубориза бо онҳо гуфта шудааст ва диг.

Ҳуқуқшиноси рус А.А. Жижиленко дар китоби худ “Подлог документов (Сохтакории ҳуҷҷатҳо)” [3, с.7] тасвири муфассали таърихии падидаи мазкурро оварда, намунаҳои зиёди сохтакории ҳуҷҷатҳоро меоварад, ки аз ҷониби шаҳрвандони одӣ як тараф, шахсони воломақом ва пешвоёни калисо, аз ҷумла усқуфҳо (епископҳо) содир мешуданд. Сохтакорӣ (қалбакикунонии ҳуҷҷатҳо) аз қадимулайём дар Русия низ маълум аст. Ҳамин тавр, дар соли

1488 архимандрити дайри (маъбад) Чудов, княз Ухтомский ва Хомутов барои сохтакории акди тухфа аз номи бародари шоҳ Ивани III Андрей Вологородский гунаҳкор дониста шуда буданд.

Сохтакорӣ ё қалбакикунонии ҳуҷҷатҳоро дар давоми тамоми таърихи мавҷудияташон ҳамроҳӣ мекунад. Бо тағйирёбии шакл ва усулҳои тартиб додани ҳуҷҷатҳо тарзҳои сохтакории онҳо низ дигар мешаванд: аз содда то мукаммалтарин, бо истифода аз технологияҳои навтарин. Таърихи криминалистика гувоҳ аз он медиҳад, ки баъзе ҳуҷҷатҳои сохтакоришуда аз ҷиҳати сифатнокӣ, ҳатто аз асл ҳам беҳтар буданд.

Муқаррарнамоии факти сохтакории ҳуҷҷатҳо дар аксар ҳолат гузаронидани таҳқиқоти махсусро талаб менамояд, ки натиҷаи он барои тартиб додани хулосаи ниҳоӣ оид ба сохтакорӣ истифода мешаванд. Аз ин лиҳоз, масъалаҳои таҳия ва истифодаи усулҳои самараноки таҳқиқи криминалистикии ҳуҷҷатҳо, инчунин усулҳои ҳифзи ҳуҷҷатҳо аз қалбакикунонӣ ҳамеша муҳим буданд ва мубрам боқӣ мемонанд.

Дар ибтидои асрҳои миёна (то асри XVI) судҳои олмонӣ ҳаққонияти ҳуҷҷатҳоро тавассути савганди шахсоне, ки ҳуҷҷатро тартиб додаанд, шоҳидон, ҳакамон ва муҳорибаи судӣ муқаррар мекарданд. Ҳуқуқи одатии (“coutumes”) фаронсавӣ низ мавқеи асосиро ба нишондоди шоҳидон медод, на ба ҳуҷҷатҳо. Аммо дар асри XVI бо назардошти афзоиши хавфноки шумори сохтакориҳо дар Париж таҳқиқи судии ҳуҷҷатҳо мавриди истифода қарор дода шуд, ки ба он коршиносони ширкати махсусе ҷалб мешуданд, ки бо иҷозати канслер Лопитал таъсис дода шуда буд. Талаботи асосӣ ҷиҳати иҷрои вазифаи коршинос санъати хаттотӣ буд, аз ин рӯ, сатҳи таҳқиқоти ҳуҷҷатҳо ҳатто бо меъёрҳои он замон баланд набуд. Аммо, ҳатто дар он шароит ҳолатҳое қайд карда шудаанд, ки шахси донишманд маҳорати худ ва дастовардҳои илмҳои дигарро хеле бомуваффақона татбиқ мекард. Масалан, аз амалияи судии Англия дар соли 1670 ҳолате тасвир мешавад, ки яке аз аъзоёни доварон хоҳиш кард, аз иштирок дар парвандаи даъвогӣ ба миқдори 400 фунт стерлинг, ба сифати ҳакам озод карда шавад ва иҷозат дода шавад, то ба сифати шоҳид баромад намояд. Дар парванда забонхат ба миқдори маблағи зикршуда мавҷуд буд, ки ҳаққонияти онро ҷавобгар ба мунозира кашида буд. Ҳакамон дар тарзҳои навишти муқоисашаванда ягон тафовуте наёфтанд, вале аъзои доварон, ки ба сифати шоҳид баромад мекард, гувоҳӣ дод, ки ӯ замони зиёде ба савдои коғаз машғул буд ва бо навъҳои гуногуни он шинос аст. Дар коғази забонхати баҳснок аломати обӣ мавҷуд буд. Шоҳид қайд намуд, ки ин гуна коғаз хеле дертар аз санаи дар забонхат овардашуда ба фурӯш бароварда шудааст ва аз ин рӯ ин сана ба воқеият мувофиқат намекунад. Суд даъворо рад намуд.

Экспертизаи воқеан илмии ҳуҷҷатҳои шубҳанок дар нимаи дуюми асри XIX бо пайдоиши суратгирӣ ва дастовардҳои нави физикаю химия ташаккул ёфт.

Бояд қайд намуд, ки дар ин давра коршиносони рус ба ҳеҷ ваҷҳ нотавон набуданд, балки дар симои Е.Ф. Буринский илми рус бори аввал проблемаи истифодаи васеи суратгирии тадқиқотиро ҳангоми экспертизаи ҳуҷҷатҳо ба миён гузошта, инкишоф дод.

Бо вуҷуди ин, якчанд даҳсолаи дигар лозим шуд то ин намуди таҳқиқот мақоми навъи мустақили экспертизаи криминалистикии ҳуҷҷатҳоро гирад. Дар криминалистикаи ватании мо ин дар охири солҳои 40-уми асри гузашта рӯй дод, замоне ки профессор Н.В. Терзиен кори бузурги муассисаҳои криминалистикии шуравиро дар соҳаи экспертизаи ҳуҷҷатҳо ва тадқиқоти таҷрибавиро дар ин соҳа ҷамъбаст намуда, номи “экспертизаи техникӣ – криминалистикии ҳуҷҷатҳоро” пешниҳод карда, предмет ва низоми онро муайян намуд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон ба асри XXI дар шароити душвори вазъи сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии кишвар ворид шуд. Гузариш ба иқтисоди бозорӣ боиси афзоиши бесобиқаи ҷинояткорӣ, аз ҷумла дар соҳаи молия ва хоҷагидорӣ гардид, ки дар танзим ва фаъолияти онҳо ҳуҷҷатҳо нақши муҳим мебозанд. Коғазҳои қиматнок (моддаи 143 КГ ҶТ): вомбаргҳои давлатӣ, вомбаргҳо, векселҳо, чекҳо, сертификатҳои пасандозӣ ва амонатӣ, дафтарчаи амонатии бонкӣ, коносаментҳо, саҳмияҳо, коғазҳои қиматноки хусусигардонӣ, инчунин ҳуҷҷатҳое чун шиноснома, дигар намудҳои шаҳодатномаҳо, ҳуҷҷатҳои ҳарбӣ, коғазҳое, ки ҷараёни сарватҳои моддиро инъикос мекунанд, борхатҳо, суратҳисобҳо, ордерҳо, ведомостҳои пулӣ ва тақсимотӣ, дастхатҳои пулӣ ва нигоҳдорӣ, шартномаҳо, васиятномаҳо

ва диг. – ҳамаи ин санадҳои хаттӣ метавонанд объекти таҷовузҳои ҷиноӣ бошанд ва дар ин ё он ҳолатҳо объекти экспертизаи техникӣ – криминалистикии ҳуҷҷатҳо мебошанд.

Хулосаи коршиносони экспертизаи мазкур дар мурофиаҳои ҷиноятӣ, гражданӣ ва ҳакамӣ истифода мешаванд. Илова ба тадқиқоти миқдори зиёди ҳуҷҷатҳо дар амалияи криминалистӣ, ин соҳаи экспертиза ба вазифаҳои мушкил ва мураккаби тадқиқот тааллуқ дорад. Мушкилот ҳам бо гуногунии масъалаҳое, ки бояд ҳалли худро ёбанд, шумори зиёди объектҳои гуногуни тадқиқот, зарурати истифодаи дастовардҳои навтарини илмҳои табиӣ – техникӣ асоснок мешаванд, ҳам бо мураккабии усулҳои сохтакории ҳуҷҷатҳо, ки аз онҳо ҷинояткорон истифода бурда, қариб ҳеҷ гуна пайҳои шубҳанок намегузоранд.

Мақолаҳои сершумор оид ба масъалаҳои экспертизаи техникӣ – криминалистикии ҳуҷҷатҳо асосан тавсифи методикаҳои алоҳидаи омӯзиши объектҳои гуногун ё вазифаҳои гуногуне мебошанд, ки дар навбати аввал ба коршиносон равона шудаанд. Одатан, онҳо дар шакли воситаҳои таълимӣ, ки аз якчанд китобҳои алоҳида, қисмҳо, шумораҳо иборатанд ё дар шакли мақолаҳо дар маҷмуаҳои амалияи коршиносӣ, асарҳои муассисаҳои илмӣ – тадқиқотии экспертизаи судӣ ва камтар аз ин дар маҷаллаҳои умумӣ – ҳуқуқӣ нашр мешаванд. Ҳамин тариқ, аксари корҳои илмии мазкур барои донишҷӯён, аспирантҳои макотиби олии ҳуқуқӣ ва ҳуқуқшиносон дастнорас мебошанд.

Дар кори пешниҳодшуда кӯшиши умумигардонии маводҳое карда шуд, ки вазъи муосири намуди мазкури экспертизаи ҳуҷҷатҳоро тавсиф намуда, онҳоро на танҳо аз нуқтаи назари коршиносон, балки мавқеи дигар шахсоне дида мебароем, ки дар амалияи ҳуқуқии худ бояд пайваста аз намудҳои гуногуни ҳуҷҷатҳо – сарчашмаҳои далелҳо истифода баранд.

Ҳуҷҷатҳо унсури муҳимтарини ҳама гуна системаҳои иттилоотии дар ҷомеа амалкунанда мебошанд: иҷтимоӣ, иқтисодӣ, сиёсӣ, техникӣ. Намудҳои гуногуни иттилоот дар ҳуҷҷатҳои гуногун таҷассум меёбанд.

Худи иттилоот бояд ҳамчун маълумоте дониста шавад, ки объекти маърифатро тавсиф мекунанд ва метавонанд аз ҷониби субъекти идроккунанда дар ин ё он шакли инъикосшавии объекти идрокшаванда фарқгузорӣ шаванд [4, с.64]. Гарчанде худи мафҳуми “иттилоот” категорияи абстрактӣ бошад ҳам, вай ҳамеша дар шакли моддӣ – энергетикӣ, аз ҷумла, дар шакли сигналҳо зуҳур мекунад.

Дар мавриди мафҳуми ҳуҷҷат, бояд қайд кард, ки таърифҳои зиёде мавҷуданд, аз умумӣ сар карда то мушаххас. Ҳамин тавр, дар ҷомеашиносӣ ҳуҷҷатро “объекти махсус аз ҷониби инсон офаридашудае меноманд, ки барои интиқол ва нигоҳдории иттилоот пешбинӣ шудааст”. Таърифи зерини ҳуҷҷат инчунин объектҳои фарҳанги моддӣ ва маиширо дар бар мегирад, ки як навъи махсуси манбаи иттилоот мебошанд. Дар коргузорӣ ҳуҷҷат “воситаи дар шакли хаттӣ ба қайд гирифтани маълумот оид ба фактҳо, ҳодисаҳо, падидаҳои воқеияти объективӣ ва фаъолияти зеҳнии инсон” фаҳмида мешавад.

Воқеан мафҳумҳои сершумори ҳуҷҷат, ки дар адабиёт мавҷуд аст, бояд дар доираи ин таъриф маҳдуд карда шаванд, гарчанде дар забони муосир вожаи “ҳуҷҷат” маъноҳои гуногун дорад. Дар ҳуқуқшиносӣ ҳуҷҷат шакли тасдиқнамоии ҳодисаҳо ва фактҳо дар санади хаттӣ мебошад. Дар қонунгузории мурофиавӣ мафҳуми “ҳуҷҷат” ҳамчун як намуди сарчашмаи далелҳо истифода мешавад (моддаи 74 КМҶ ФР).

Аҳаммияти бештар дар адабиёти ҳуқуқӣ ба 3 хусусиятҳои ҳуҷҷат дода мешавад:

- Хусусияти маълумоти дар ҳуҷҷат мавҷудбуда;
- Таъиноти ҳуҷҷат ва муаллифии бо он алоқаманд;
- Хусусияти иҷрои хаттӣ [6, с. 664].

Шакли хаттии ҳуҷҷат маънои онро дорад, ки муҳтавои он бо истифода аз низоми мавҷудаи хаттӣ (навишт) ифода меёбад. Аммо танҳо ҳамчун санади хаттӣ фаҳмидани ҳуҷҷат доираи объектҳоеро, ки барои сабти иттилоот истифода мешаванд, хеле маҳдуд менамояд. Айни замон ҳодисаҳо ва фактҳо метавонанд на танҳо тавассути хат, балки бо дигар воситаҳои интиқоли иттилоот (масалан, тавассути сабти магнитӣ, аксбардорӣ, наворбардорӣ ва диг.) мустаҳкам гарданд, ки бо рушди илм ва техника пайваста васеъ мешаванд.

Вобаста ба ин, ҳама гуна объектҳои моддӣ, ки дар онҳо оид ба ҳолатҳои парвандаи ҷиноӣ (ё гражданӣ) иттилоот мавҷуд буда, бо ин ё он усулҳои умумиқабулгардида сабт

шудаанд, намудҳои гуногуни ҳуҷҷатҳоро ифода мекунанд. Барои тасдиқи чунин намуди фаҳмиши ҳуҷҷат метавон ба консепсияи Г.Г. Воробъев такя намуд, ки мувофиқи он ҳамагуна ҳомили моддие, ки дар он бо дилхоҳ забон ва усул иттилоот мустаҳкам гардидааст, метавон ҳуҷҷат номид [1, саҳ 7].

Экспертизаи судии техникии ҳуҷҷатҳо бо мақсади муқаррар кардани тарзи тайёр ва ё сохтакории ҳуҷҷатҳо (шартнома, васиятнома, чиптаи маблағӣ, коғазҳои қиматнок ва монанди инҳо ва воситаҳои техникие, ки барои он истифода бурда шудаанд, барқарор кардани мазмуни ҳуҷҷатҳои зарардида, тадқиқи маводҳои ҳуҷҷатҳо (қоғазҳо, рангуборҳо ва ғайраҳо) гузаронида мешавад.

Мавзуи экспертизаи судӣ – техникии ҳуҷҷатҳоро маълумоти воқеии барои парванда аҳаммиятдошта ташкил медиҳанд, ки бо истифодаи ҳуҷҷатҳо алоқаманд буда, маълумотҳои ҳатмӣ ва маводҳои ҳуҷҷатҳо бо роҳи татбиқи донишҳои махсус ва мутобиқи тартиби дар қонун пешбининамуда муқаррар карда мешаванд.

Маълумотҳои ҳатмии ҳуҷҷатҳо (реквизитҳо) ин номгӯйи умумии матнҳои чопӣ, тасвирҳои графикӣ, навиштаҷотҳо, имзоҳо, нақшҳои муҳрҳо, муҳрҳо ва дигар аломатҳои тасдиққунанда мебошанд. Маълумотҳои ҳатмии ҳуҷҷатҳо аз рӯйи механизми инъикоси онҳо дар ҳуҷҷатҳо ба чунин гурӯҳҳо тақсим мешаванд:

- ✓ Маълумотҳои ҳатмии дастхатҳо (матнҳо, навиштаҷотҳои кӯтоҳ, имзоҳо).
- ✓ Маълумотҳои ҳатмии чопкардашуда (нақши муҳрҳо ва муҳрҳо, матнҳои чопӣ, матнҳое, ки дар принтерҳо, қуттиҳои пулӣ ва дигар дастгоҳҳои аломатчопкунанда иҷро гардидаанд, инъикоси компостерҳо (нишонагузоракҳо) ва ғайраҳо).
- ✓ Маълумотҳои ҳатмии сирешкардашуда (суратҳо, маркаҳо, тамғаҳо).

Экспертизаи маълумотҳои ҳатмии ҳуҷҷатҳо бо мақсадҳои зерин гузаронида мешаванд:

- ➢ Муайян кардани тарз ва муҳлати тайёр кардани ҳуҷҷатҳо ва қисмҳои он.
- ➢ Муқаррар кардани воқеият ва тарзи тағйирёбии мазмуни он.
- ➢ Зоҳир намудани навиштаҷотҳои камаён ва ноаён.


**АДАБИЁТ**

1. Воробьев Г.Г. Документ: информационный анализ / Г.Г. Воробьев. – М.: Наука, 1973.
2. Д.П. Поташник, Технико – криминалистическая экспертиза документов и её роль в судебном доказывании. Учебное пособие для судей, следователей, прокуроров, лиц, производящих дознание, защитников, экспертов, специалистов, студентов и аспирантов / Д.П. Поташник. – М.: ЛексЭст, 2004. Жижиленко А.А., Подлог документов. СПб, 1900.
3. Полевой Н.С., Криминалистическая кибернетика / Н.С. Полевой. – М., МГУ, 1989.
4. Терзиев Н.В., Эйсман А.А. Введение в криминалистическое исследование документов. Қисмати 1 / Н.В. Терзиев, А.А. Эйсман. - М., 1949.
5. Теория доказательств в советском уголовном процессе. Отв. Редактор Н.В. Жогин, изд. 2-е исправленное и дополненное. М.: Юридическая литература, 1973.
6. Ямоқова З.Д., Оқилов Ф., Оқилова М., Раҳматҷонов А. Экспертизаи судӣ. Васоити таълимӣ / З.Д. Ямоқова, Ф. Оқилов, М. Оқилова, А. Раҳматҷонов. - Душанбе. 2017.


**ЭКСПЕРТИЗАИ ТЕХНИКӢ – КРИМИНАЛИСТИКИИ ҲУҶҶАТҲО ВА НАҚШИ ОН ДАР ИСБОТКУНИИ СУДӢ**


Тақаллубкорӣ ё сохтакорӣ ҳуҷҷатҳоро дар тамоми таърихи мавҷудияташон ҳамроҳӣ мекунад. Бо тағйирёбии шакл ва усулҳои тартиб додани ҳуҷҷатҳо тарзҳои сохтакории онҳо низ дигар мешаванд: аз содда то мукаммалтарин, бо истифода аз технологияҳои навтарин. Муқаррарнамоии факти сохтакории ҳуҷҷатҳо дар аксар ҳолат гузаронидани таҳқиқоти махсусро талаб менамояд, ки натиҷаи он барои тартиб додани хулосаи ниҳоӣ оид ба сохтакорӣ истифода мешаванд. Кори илмии мазкур ба яке аз серталабтарин экспертизаҳо дар мурофиаҳои ҷиноятӣ, гражданӣ ва ҳакамӣ – экспертизаи техникӣ – криминалистикии ҳуҷҷатҳо ва нақши он дар исботкунии судӣ бахшида шудааст.



**КАЛИДВОЖАҲО:** криминалистика, экспертиза, экспертизаи техникӣ – криминалистикии ҳуҷҷатҳо, коршинос, сохтакорӣ, тақаллубкорӣ, сохтакории ҳуҷҷатҳо, мурофиаи ҷиноятӣ, гражданӣ, ҳакамӣ.


**ТЕХНИКО – КРИМИНАЛИСТИЧЕСКАЯ И ЭКСПЕРТИЗА ДОКУМЕНТОВ И ЕЕ РОЛЬ В КРИМИНАЛИСТИКЕ**


Подделка или фальсификация сопровождают документы на протяжении всей их истории. С изменениями формы и способов подготовки документов меняются и способы их создания: от самых простых до самых сложных, с использованием новейших технологий. Установление факта фальсификации документов в большинстве случаев требует специальных исследований, результаты которых используются для составления окончательного заключения

о фальсификации. Настоящая научная работа посвящена одной из самых востребованных экспертиз в уголовном, гражданском и арбитражном судопроизводстве - судебно-технической экспертизе документов и ее роли в криминалистике.
**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА:** криминалистика, экспертиза, технико - криминалистическая экспертиза документов, эксперт, подлог, фальсификация, фальсификация документов, уголовный, гражданский, арбитражные процессы.

**TECHNICAL - FORENSIC AND EXAMINATION OF DOCUMENTS AND ITS ROLE IN FORENSIC SCIENCE**

Forgery or falsification accompany documents throughout their history. With changes in the form and methods of preparing documents, the ways of creating them also change: from the simplest to the most complex, using the latest technologies. Establishing the fact of falsification of documents in most cases requires special studies, the results of which are used to draw up a final conclusion about falsification. This scientific work is devoted to one of the most demanded expertise in criminal, civil and arbitration proceedings - forensic technical expertise of documents and its role in forensic science.
**KEYWORDS:** Criminalistics, examination, technical - forensic examination of documents, expert, forgery, falsification, falsification of documents, criminal, civil, arbitration processes.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Ҳукматуллоев Муҳаммад Абдуҳалимович*** **–** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, магистранти курси дуюми факултети ҳуқуқшиносӣ. **Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **919035686**. E – mail: **hikmatullozodamuhammad97@gmail.com**

**Сведения об авторе:** ***Хукматуллоев Мухаммад Абдухалимович*** **–** Таджикский национальный университет, магистрант второго курса юридического факультета. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: **919035686.** E – mail: **hikmatullozodamuhammad97@gmail.com**

**Information about the author:** ***Hukmatulloev Muhammad Abduhalimovich*** **–** Tajik National University, second-year master`s student of faculty of Law. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. Phone: **919035686**. E – mail: **hikmatullozodamuhammad97@gmail.com**

# МАФҲУМ, МОҲИЯТ ВА СОҲАҲОИ АФЗАЛИЯТНОКИ АМНИЯТИ ИҚТИСОДӢ

***Ғаниев Х.Ш.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Амнияти иқтисодӣ соҳаи мушаххаси фаъолияти иҷтимоӣ, истеҳсолӣ, мубодила ва истеъмоли молҳои моддиро дар зуҳурот ва ҳама гуна ҷанбаҳо фаро мегирад. Амнияти иқтисодӣ соҳаи мураккаб ва фарохи муносибатҳо буда, ҳатто бо дигар соҳаҳо алоқамандӣ дорад. Мафҳуми амнияти иқтисодӣ вобаста ба фаррохӣ ва мураккаб будан аз ҷониби бештари олимони дохил ва хориҷӣ таҳқиқ ва пешбарӣ карда шуда аст. **Амнияти иқтисодӣ -** ҳолати амнияти низоми иқтисодии давлат, ки сатҳи кофии мавҷудияти иҷтимоӣ, сиёсӣ ва мудофиавӣ, рушди прогрессивии давлат (иттиҳоди давлатҳо), дахлнопазирии манфиатҳои иқтисодии он (умумиятии онҳо) нисбат ба таҳдидҳои эҳтимолии хориҷӣ ва дохилӣ мебошад.

**Амнияти иқтисодӣ -** чунин ҳолати иқтисодиет, ки дар он ҳимояи кафолатноки манфиатҳои миллӣ, рушди ҳамоҳангсозӣ ва аз ҷиҳати иҷтимоӣ самарабахши кишвар, иқтидори кофии иқтисодӣ ва мудофиавӣ бо рушди равандҳои дохилӣ ва хориҷӣ ба шумор меравад.

**Амнияти иқтисодӣ** на танҳо ҳифзи манфиатҳои миллӣ, балки омодагӣ ва қобилияти ниҳодҳои ҳокимият барои эҷоди механизмҳои татбиқ ва ҳифзи манфиатҳои миллии рушди иқтисоди ватанӣ, нигоҳ доштани суботи иҷтимоию сиёсии ҷомеа мебошад. Дар баробари мафҳум ва фаҳмишоти назариявии амнияти иқтисодӣ, инчунин дар қонунгузории баъзе давлатҳо мафҳуми расмии амнияти иқтисодӣ дарҷ мешавад. Аз ҷумла, дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мафҳуми расмии он мустаҳкам мешавад. Дар моддаи 1 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи амният" аз 28 июни соли 2011, № 721 пешбинӣ мешавад, ки **амнияти иқтисодӣ** – вазъи муҳофизатии иқтисодиёти миллӣ аз шароит, раванд ва омилҳои дохиливу беруние, ки рушди устувор ва истиқлолияти иқтисодиро зери хатар мегузоранд. Дар баробари мафҳуми амнияти иқтисодӣ, дар Қонуни болозикр мафҳумҳои худи амният, амнияти ҳарбӣ, экологӣ, иттилоотӣ, ҷамъиятӣ ва д. оварда шудааст. Аз ҷумла:

– **амнияти озуқаворӣ** – ҳолати муҳофизатии иқтисодиёти давлат мебошад, ки аз ҳисоби истеҳсолоти дохилӣ бехатарии озуқаворӣи кишвар таъмин гардида, дастёбии воқеӣ, ки барои ҳаёти солиму фаъол ва рушди демографии ҳамаи аҳолӣ зарур аст, кафолат дода мешавад.

– **амнияти ҷамъиятӣ** – ҳифзи ҳуқуқӣ-сиёсӣ, маънавӣ-ахлоқӣ ва иҷтимоии ҳаёт, саломатӣ ва некуаҳволии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин арзишҳои ҷамъият аз хатар ва таҳдидҳои имконпазире, ки ба онҳо зарар расонида метавонанд.

– **амнияти ҳарбӣ** – ҳолати муҳофизатии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз таҳдидҳои воқеӣ ва эҳтимолии хусусияти ҳарбидошта ба соҳибистиқлолӣ ва тамомияти арзии мамлакат.

– **амнияти экологӣ** – ҳолати муҳофизатии манфиатҳои ҳаётан муҳимми инсон ва шаҳрванд, ҷамъият ва давлат аз таҳдидҳое, ки дар натиҷаи таъсири антропогенӣ ва дигар таъсиррасониҳо ба муҳити зист ба вуҷуд меоянд.

– **амнияти иттилоотӣ** – ҳолати муҳофизатии манбаъҳои давлатии иттилоотӣ, инчунин ҳуқуқи инсон ва шаҳрванд, манфиатҳои ҷамъият дар соҳаи иттилоот.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон 4 – ҳадафи стратегии мамлакат қайд шудааст:

- Таъмини истиқлолияти энергетикӣ;
- Раҳоӣ аз бунбасти коммуникатсионӣ;
- Саноатикунонии босуръати мамлакат;
- Таъмини амнияти озуқаворӣ (таъмини амнияти иқтисодӣ).

Дар баробари дигар стратегияҳои муҳимми давлат амнияти иқтисодӣ низ бевосита дарҷ гаштааст. Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки амнияти иқтисодӣ соҳаи афзалиятноки давлат ба ҳисоб рафта, бе ин соҳа давлат рушд намекунад.

Мувофиқи сатҳҳои баррасии масъалаи амнияти иқтисодӣ ва аз ҷумла сатҳҳои татбиқи манфиатҳои иқтисодӣ ва таҳдиду хатарҳои пайдошуда бояд шаклҳои зуҳуроти он таҳлил карда шаванд, ки ҷудо мешаванд ба:

1. амнияти байналмилалии иқтисодӣ.
2. амнияти миллии иқтисодӣ.
3. амнияти иқтисодии давлат.
4. амнияти иқтисодии шахс.

Чунин мавқеи амнияти иқтисодӣ дар низоми умумии амният бо он вобаста аст, ки қонеъ гардонидани эҳтиёҷоти асосӣ ва муҳимми иқтисодӣ ба раванди фаъолият ва рушди ҳам иқтисоди ҷаҳонӣ, ҳам иқтисодиёти кишварҳои алоҳида, фаъолгардонии фаъолияти иқтисодии гурӯҳҳои ҷамъиятӣ ва элитаҳо, инчунин фаъолияти ҳаёти шахси алоҳида-истеҳсолкунанда, субъекти фаъолияти иқтисодӣ таъсир мерасонад. Инчунин, амнияти иқтисодӣ моҳиятан ҳолати муҳофизат кардани манфиатҳои ҳаётан муҳимми иқтисодӣ аз таҳдидҳои беруна ва дохилӣ мебошад. Таҳдидҳои иқтисодӣ мухолифати муътадилии фаъолияти иқтисодиёт ба рушдро дар назар дорад. Бахри бартараф намудани таҳдидҳои иқтисодӣ амнияти дохилӣ ва берунӣ ҷорӣ карда мешавад.

**– амнияти берунӣ –** ҳолати муҳофизатии манфиатҳои миллии давлат аз таҳдидҳое, ки аз ҷониби давлатҳо, ташкилотҳо ва шаҳрвандони хориҷӣ бармеоянд.

**–амнияти дохилӣ –** ҳолати муҳофизатии манфиатҳои ҳаётан муҳимми шахсият, ҷамъият ва давлат аз таҳдидҳои дохилӣ.

Амнияти иқтисодӣ бо қарор ва амалҳои мақомоти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, ташкилотҳо, новобаста аз шакли ташкилию ҳуқуқиашон, шахсони мансабдор ва шаҳрвандон, ки барои иҷрои корҳои зерин равона карда шудаанд, таъмин мегардад:

- таъмини истиқлолияти иқтисодии Тоҷикистон;
- роҳ надодан ба бунбасти иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз низоми иқтисодиёти ҷаҳонӣ;
- нигоҳдорӣ ва таҳкими асосҳои захираҳои энергетикии иқтисодиёти мамлакат;
- то дараҷаи ниҳоӣ паст кардани сатҳи осебпазирии иқтисодиёти мамлакат, ки бо таъсири омилҳои эҳтимолии манфии дар муҳити геополитикии давлат бавуҷудоянда алоқаманд аст;

- таъмини ҳамкории самаранок бо сохторҳои молиявии ватанию байналмилалӣ, бартарияти равона намудани захираҳои қарзии дохилию хориҷӣ ва имкониятҳои сармоягузорӣ барои барқарор кардан ва рушди иқтисодиёти ватанӣ;

- баланд набардоштани сатҳи имконпазири касри буҷети давлатӣ ва устувор гардонидани қисми даромади он;

- роҳ надодан ба истифодаи ғайримақсадноки маблағҳои буҷет ва захираҳои давлатӣ;

- роҳ надодан ба номувозинатии хатарноки рушди иҷтимоию иқтисодии минтақаҳои кишвар ва аз байн бурдани он;

- зиёд кардани ҳиссаи молистеҳолкунандагон дар иқтисодиёти кишвар бо шарти ҳавасмандгардонии рақобат ва маҳдудсозии фаъолияти инҳисорӣ;

Давлат бо мақсади ҳимояи манфиатҳои миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла барои нигоҳ доштан ва таҳким бахшидани неруи саноатӣ бо риояи кафолатҳое, ки ба сармоягузорони хориҷӣ медиҳад, аз болои вазъ ва истифодаи объектҳои иқтисодиёти мамлакат, ки онҳоро ташкилотҳои хориҷӣ ва муштараки хориҷию ватанӣ идора мекунанд ё молики онҳо мебошанд, назорат мекунад. Талаботҳо оид ба таъмини амнияти иқтисодӣ ҳатман дар мавриди имзо кардани қарордодҳо оид ба истифодаи захираҳои стратегии мамлакат, иҷрои ин қарордодҳо ва назорати иҷрои онҳо ба назар гирифта мешаванд.

Ба қабули қарор ва иҷрои амалҳое, ки хилофи манфиатҳои ташаккулёбӣ ва фаъолияти мунтазами сохторҳои зерин мебошанд, роҳ дода намешавад:

- фазои бозории Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар доираи он гардиши озодонаи захираҳои меҳнатӣ, молиявӣ ва дигар захираҳо амалӣ мегардад.

- низоми ягона ва мустақили молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла муомилоти асъори миллӣ дар тамоми ҳудуди кишвар.

- низоми ягона ва мустақили коммуникатсионӣ ва энергетикии мамлакат.

Соҳаҳои афзалиятноки амнияти иқтисодӣ инҳоянд:

1. Саноатӣ;
2. Молиявӣ;
3. Озуқаворӣ;
4. Истеҳсолӣ;
5. Иқтисоди хориҷӣ;
6. Инфрасохторӣ ва д.

Амнияти саноатӣ – яке аз соҳаҳои афзалиятноки амнияти иқтисодӣ буда, пешрафти давлатҳо аз ҳамин соҳа вобастагӣ дорад. Саноат соҳаи муҳимтарини истеҳсолоти моддист, ки истихроҷ, коркарди сарватҳои табиӣ ва маҳсулоти хоҷагии қишлоқро дарбар гирифта, тамоми соҳаҳои иқтисодиро бо воситаҳои истеҳсолот таъмин мекунад. Амнияти саноатӣ дар тараққиёти қувваҳои истеҳсолкунанда мавқеи асосӣ дорад. Соҳаҳои муҳимтарини амнияти саноатӣ: энергетика, мошинсозӣ, саноати сабук, саноати химия, саноати чубу тахта, саноати масолеҳи бинокорӣ, саноати асбобсозӣ мебошад.

Амнияти молиявӣ - чунин ҳолати системаи молиявиро мефаҳмонад, ки дар он фаъолияти муътадили системаи робитаҳо ва муносибатҳо ҳам байни субъектҳои иқтисодии миллӣ ва ҳам бо бозори ҷаҳонӣ таъмин карда мешавад. Таъмини амнияти молиявӣ дар давлатҳое, ки ташкилоти бозории иқтисодиёт доранд, тавассути татбиқи сиёсати буҷетӣ, андозӣ ва пулӣ, инчунин тавассути сиёсати танзими асъор, ки дар маҷмуъ вазъи соҳаи молиявӣ ва шароити фаъолияти бахши воқеии иқтисодро муайян мекунанд, амалӣ карда мешавад. Манфиатҳои ҳаётан муҳимми амнияти молиявӣ дар сатҳи давлатӣ ба ду гурӯҳи калони ба ҳам алоқаманд тақсим мешаванд: манфиатҳои дохилӣ ва хориҷӣ. Манфиатҳои молиявии дохилидавлатӣ инҳоянд:

- суръати муътадил ва устувори таваррум;

- устувории низоми пулию қарзӣ;

- устувории низоми буҷетӣ ва андоз;

- устувории қурби асъори воҳиди пулии миллӣ нисбат ба асъори конвертатсияшаванда;

- самти инфрасохтори молиявӣ ба хизматрасонӣ ба бахши истеҳсолӣ.

Ба манфиатҳои молиявии хориҷӣ инҳо дохил мешаванд:

- кам кардани қарзи хориҷии кишвар;

- ноил шудан ба конвертатсияи қурби маблағ дар бозори ҷаҳонии молиявӣ;

- баланд бардоштани эътимоди ташкилотҳои байналмилалии молиявӣ ба иқтисодиёти ҷумҳурӣ дар самти хавфҳои сармоягузорӣ ва молиявӣ, ки набудани табъиз ва дастрасии баробар ба захираҳои байналмилалии қарзиро таъмин мекунанд;

- нигоҳ доштани сатҳи самараноки маблағ:

- афзоиши дороиҳои асъории низоми бонкӣ.

Дар чунин шароит, таъмини амнияти молиявӣ бевосита аз фароҳам овардани шароити қонунии муқарраршудаи фаъолияти хоҷагидорӣ, назорати мақомоти давлатӣ, аз ҷумла мақомоти ҳифзи ҳуқуқ барои риояи меъёрҳо ва қоидаҳои муқарраршудаи фаъолияти хоҷагидорӣ вобаста аст. Чунин муқаррарот зарурати муайян кардани вазифаҳо ва салоҳияти ҳар як субъекти амнияти молиявиро муайян мекунад.

Амнияти озуқаворӣ - чунин ҳолати комплекси агросаноатиро меноманд, ки дар он татбиқи манфиатҳои ҳаётан муҳим баҳри қонеъ кардани ниёзҳои шахс ва ҷомеа ба маҳсулоти барои ҳаёт зарурӣ таъмин карда мешавад. Амнияти озуқаворӣ хусусияти муҳимтарини сифатии низоми иқтисодиест, ки шароити муътадили фаъолияти аҳолӣ, таъмини устувори захираҳои хоҷагии қишлоқ ва тамоми хоҷагии халқ, инчунин татбиқи пайвасти манфиатҳои миллӣ ва давлатиро муайян менамояд. Бояд қайд кард, ки масъалаҳои рушди кишоварзӣ ва таъминоти амнияти озуқаворӣ на танҳо барои ҷумҳурӣ, балки барои ҷомеаи байналмилалӣ низ афзалият доранд. Татбиқи манфиатҳои ҳаётан муҳим дар соҳаи таъмини амнияти озуқаворӣи ҷумҳурӣ дар шароити муосир аҳаммияти махсус дода мешавад. Чунин манфиатҳо инҳоянд:

1. таъмини максималии молҳои озуқаворӣи худи аҳолии ҷумҳурӣ;
2. муайян ва ноил шудан ба квотаҳои оптималии истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ бо дигар давлатҳо;
3. баробарии мубодила бо дигар соҳаҳои иқтисодиёти халқии ҷумҳурӣ;
4. паст шудани иқтидори энергетикӣ ва моддии истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ;
5. баланд бардоштани сатҳи технологии истеҳсоли маҳсулоти хӯрокворӣ;
6. тағйир додани муносибатҳои замин дар принсипҳои рушди шаклҳои гуногуни моликият;
7. рушди инфрасохтори муосири бозори комплекси агросаноатӣ;
8. нигоҳ доштани заминҳои мавҷуда ва барқарор кардани заминҳои гумшудаи кишоварзӣ;
9. афзоиши назарраси сармоягузории давлатӣ ва хусусӣ.

Дар соҳаи амнияти озуқаворӣ мушкилоти гиреҳи иқтисодиёт, тамоюлҳои воқеии рушди истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ ва хӯрокворӣ, бозори озуқаворӣ, тағйирёбии дараҷаи вобастагии он ба бозори ҷаҳонӣ, вазъи иҷтимоӣ, қобилияти пардохтпазирӣ дар маҷмӯъ ва истеъмолкунандагон дар минтақаҳои гуногун ба ҳам меоянд. Омилҳои муҳимтарини ба амнияти озуқаворӣи кишвар таҳдид мекунанд, чунинанд:

- заминаи ҳуқуқии зуд-зуд тағйирёбанда, ки фаъолияти иқтисодии ташкилотҳоро ба танзим медарорад;

- набудани механизми самараноки нархгузорӣ;

- пур кардани бозори озуқаворӣ бо молҳои воридотӣ, монеъ шудани истеҳсолкунандагони ватанӣ дар муҳити бозор;

- сатҳи пасти талабот ба молҳои ватанӣ;

- номутобиқатӣ байни суръати болоравии нархи молҳо (хизматрасониҳо) ва даромади аҳолӣ, афзоиши бекорӣ;

- сатҳи пасти навовариҳо дар соҳаи истеҳсолоти моддӣ ва махсусан дар ташкилотҳои саноати хӯрокворӣ ва коркард;

- пиршавии маънавӣ ва ҷисмонии таҷҳизоти мавҷуда, вазни ночизи хоси таҳаввулоти куллан нав ва "ноу-хау", набудани механизми ҳавасмандгардонии пайдоиши навовариҳо;

- рушди сусти инфрасохтори бозор;

- самаранокии нокифояи комплексҳои савдо ва бозор аз сабаби назорати сусти фаъолияти онҳо;

- хусусигардонии бесамари амволи давлатӣ;

- самаранокии пасти сиёсати пулию қарзӣ, андоз ва гумрук;

- набудани принсипҳои возеҳ ва усулҳои самараноки банақшагирӣ ва пешгӯии стратегӣ дар шароити муносибатҳои бозорӣ;

- набудани баҳисобгирии дақиқ ва назорати истифодаи захираҳо ва омилҳои истеҳсолот аз ҷониби субъектҳои хоҷагидории соҳаҳои гуногун;

- набудани ҳисоботи боэътимод дар бораи фаъолияти онҳо;

- заминаи заифи иттилоотӣ, ки имкон намедиҳад, ки захираҳо ва имкониятҳои сохторҳои гуногуни иқтисодиёт дуруст арзебӣ карда шаванд.

Амнияти истеҳсолӣ – ҳимояи манфиатҳои иқтисодӣ (субъекти хоҷагидорӣ, ҷомеа ва давлат) дар соҳаи истеҳсолӣ, яъне дар раванди истеҳсоли молҳо ва хидматҳои моддӣ аз таҳдидҳои эҳтимолӣ ба шумор меравад. Мутаносибан, ҳадафи таъмини амнияти истеҳсолӣ фароҳам овардани шароит барои устувории фаъолияти сохторҳои истеҳсолӣ (соҳаҳо, корхонаҳо, ширкатҳо) ва истеҳсоли маҳсулоти рақобатпазир бо истифодаи самараноки тамоми захираҳои мавҷуда мебошад. Ҳамаи муҳаққиқон масъалаҳои амнияти иқтисодиро бечунучаро эътироф мекунанд, ки амнияти истеҳсолӣ ҷузъи асосии амнияти иқтисодии кишвар дар маҷмуъ мебошад. Бо ин розӣ шудан мумкин аст, бо як фарзия-ҳангоми таъмини амнияти иқтисодӣ, соҳаи дигар метавонад барои ҳар як кишвар дар ин ё он давра аҳаммияти муҳимтар пайдо кунад. Манфиатҳои ҳаётан муҳим барои ҳар як давлат дар соҳаи истеҳсолот, пеш аз ҳама, инҳоянд:

- рақобатпазирии баланди маҳсулоти истеҳсолшуда дар бозорҳои дохилӣ ва хориҷӣ;

- афзоиши ҳаҷми маҳсулот ва суръати истеҳсолот;

- сатҳи баланди технология ва сифати маҳсулот, даромаднокии истеҳсолот;

- таъмини истеҳсоли захираҳо;

- аз нав тақсим кардани захираҳо аз истеҳсолоти бесамар ба истеҳсолоте, ки ин захираҳо бо самаранокии бештар истифода мешаванд;

- таъмини технологияҳои навин дар истеҳсолот;

- мутобиқати сохтори маҳсулоти истеҳсолшуда ба талабот.

Амнияти инфрасохтор - ҳолати фаъолияти муназзами системаест, ки маҷмуи шароитҳоро барои рушди иқтисодиёти миллӣ фароҳам меорад, ки дар он татбиқи устувор ва самарабахши раванди такрористеҳсоли иҷтимоӣ таъмин карда мешавад.

Амнияти инфрасохтор соҳаҳо ва бахшҳои комплекси иқтисодиро дарбар мегирад, ки дар раванди такрористеҳсолкунӣ нақши ёрирасон ва хидматрасониро иҷро мекунанд ва бо дигар унсурҳои сохтории системаи иқтисодии кишвар робитаҳои хеле мураккаб ва бисёрзина доранд. Дар шароити рушди босуръати қувваҳои истеҳсолӣ, пешрафти илмию техникӣ ва иттилоотӣ-технологӣ афзоиши таъсири онҳо ба рушди устувор ва бехатари иқтисодиёт ба назар мерасад.

Ҳадафи таъмини амнияти инфрасохторӣ эҷоди кафолатҳо барои хизматрасониҳои инфрасохторӣ ва бехатарии маҳсулоти интиқолшаванда ба истеъмолкунандагон, инчунин таъмини заминаҳои зарурии инфрасохторӣ барои фаъолияти устувори системаи иқтисодии кишвар дар шароити таҳдидҳои дохилӣ ва хориҷӣ ба манфиатҳои ҳаётан муҳимми иқтисодӣ мебошад.

Дар амалияи ҷаҳонӣ мафҳуми "инфрасохтор" одатан буриши зерини соҳаро дар бар мегирад: электроэнергетика, газ, об, нақлиёт алоқа, савдо, молия (дар қисми инфрасохтор), суғурта, ва амалиёти амволи ғайриманқул.

Манфиатҳои ҳаётан муҳимми давлатӣ дар соҳаи инфрасохтор инҳоянд:

- баланд бардоштани сатҳи технологии маҷмааи инфрасохторӣ;

- рушди пешқадами инфрасохтор дар муқоиса бо бахш ва соҳаҳои системаи иқтисодии ҷумҳурӣ;

- камшавии назарраси шиддатнокии захиравии фаъолияти инфрасохтор;

- такмили сохтори маҷмааи инфрасохторӣ, рушди пешқадами инфрасохтори бозор, инчунин нақлиёт ва алоқа бо назардошти хусусияти кушоди иқтисодиёт;

- ташкили захираҳои иловагии иқтидорҳои маҷмааи инфрасохторӣ.

Дар маҷмуъ, соҳаҳои афзалиятноки амнияти иқтисодӣ зиёд буда, таҳлили муфассали онҳо дар ҳамин муқаррарот имконнопазир мебошад.

**АДАБИЁТ**

1 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи амният” аз 28 июни соли 2011, № 721
2 Маҷмӯи мафҳумҳо ва истилоҳҳои асосӣ, ки ҳангоми ҳамкорӣ дар Доираи шӯрои роҳбарони мақомоти амният ва хадамоти махсуси ИДМ истифода мешаванд. Москва 1999. 500 Саҳ.
3 Асосҳои амнияти иқтисодӣ. (Давлат, минтақа, корхона ва шахсият)// зери роҳбарии Е.А. Олейникова.- Москва. 1997. 438 Саҳ.
4 Амнияти иқтисодӣ. Истеҳсолот – Молия-Бонкҳо // Зери роҳбарии Сенчагова В. К. - М.: ҶСП "Финстатинформ". 1998. 578.

**МАФҲУМ, МОҲИЯТ ВА СОҲАҲОИ АФЗАЛИЯТНОКИ АМНИЯТИ ИҚТИСОДӢ**

Амнияти иқтисодӣ яке аз соҳаҳои афзалиятноки амният буда, рушди давлат ва иқтисоди он аз он сарчашма мегирад. Амнияти иқтисодӣ соҳаи мураккаб буда, ҳатто бо дигар соҳаҳо алоқамандӣ дорад. Соҳаи иқтисодиро бе амнияти иқтисодӣ тасаввур намудан номумкин мебошад. Амнияти иқтисодӣ вазъи муҳофизатии иқтисодиёти миллӣ аз таҳдидҳои иқтисодиёти дохиливу берунӣ мебошад. Мақолаи илмии мазкур дар маҷмуъ ба яке аз серталабтарин соҳаи амният, сиёсат ва ҳуқуқ бахшида шудааст.

**КАЛИДВОЖАҲО:** амният, амнияти иқтисодӣ, амнияти давлатӣ, амнияти ҳарбӣ, амнияти ҷамъиятӣ, соҳаҳои амнияти иқтисодӣ, низоми амнияти иқтисодӣ, инфрасохтор.

**ПОНЯТИЕ, СУЩНОСТЬ И ПРИОРИТЕТНЫЕ ОБЛАСТИ ЭКОНОМИЧЕСКОЙ БЕЗОПАСНОСТИ**

Экономическая безопасность является одной из приоритетных областей безопасности, из которой происходит государственно-экономическое развитие. Экономическая безопасность-это сложная отрасль, которая даже связана с другими отраслями. Невозможно представить экономическую сферу без экономической безопасности. Экономическая безопасность-это защитное состояние национальной экономики от угроз внутренней и внешней экономики. Это научная статья посвящена одной из самых востребованных областей безопасности, политики и права в целом.

**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА:** безопасность, экономическая безопасность, государственная безопасность, военная безопасность, общественная безопасность, области экономической безопасности, система экономической безопасности, инфраструктура.

**CONCEPT, ESSENCE AND PRIORITY DIRECTIONS OF ECONOMIC SECURITY**

Economic security is one of the priority areas of security, from which economic and state development proceeds. Economic security is a complex industry that is even linked to other industries. It is impossible to imagine the economic sphere without economic security. Economic security is the state of protection of the national economy from threats to the internal and external economy. This scientific proverb is dedicated to one of the most sought-after areas of security, politics and law in general.

**KEYWORDS:** security, economic security, state security, military security, public security, areas of economic security, economic security system, infrastructure.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Ганиев Хайрулло Шеравганович*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, магистранти курси дуюми факултети ҳуқуқшиносӣ. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **+992906444437.** G – mail: **khairullo1999@gmail.com**

**Сведения об авторе:** ***Ганиев Хайрулло Шеравганович*** – Таджикский национальный университет, магистрант юридического факультета. **Адрес**: 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: **+992906444437.** G – mail: **khairullo1999@gmail.com**

**Information about the author:** ***Ghaniev Khairullo Sheravganovich*** – Tajik National University, master`s student of Faculty of Law. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. Телефон: **+992906444437.** G – mail: **khairullo1999@gmail.com**

# ПОНЯТИЕ МЕЖДУНАРОДНОГО ГУМАНИТАРНОГО ПРАВА

***Саломов И.И., Аминова В.С.***
**Таджикский национальный университет**

В системе международного права присутствует целостная совокупность норм, непосредственно связанных с защитой прав человека. Этот комплекс норм, объединённых общим предметом регулирования, представляет собой самостоятельную отрасль международного права — международное гуманитарное право. Встречаются различные названия этой отрасли международного права: “право вооруженных конфликтов”, “законы и обычаи войны”, “международное гуманитарное право”.

Наиболее удачным для обозначения совокупности норм, касающихся международно-правовой защиты права человека, представляется термин "международное гуманитарное право".

Это понятие не является новым, оно уже давно используется в международно-правовой терминологии, однако ранее под международным гуманитарным правом понимался комплекс норм, относящихся к защите жертв вооруженных конфликтов (как синоним употреблялся еще термин "женевское право" – в смысле Женевских конвенций о защите жертв войны 1949 г.).

Сам термин "международное гуманитарное право" появился сравнительно недавно – в 50-е годы XX столетия. Он был предложен известным швейцарским юристом Жаном Пикте и получил широкое распространение. Ранее в документах ООН по вопросам ведения военных действий употреблялся термин "право вооруженных конфликтов".

В 1974 - 1977 гг. предложенный Ж. Пикте термин вошел в официальное название Женевской дипломатической конференции по вопросу о подтверждении и развитии международного гуманитарного права, применяемого в период вооруженных конфликтов.

Таким образом, международное гуманитарное право – предоставляет собой совокупность норм, определяющих единые для международного сообщества стандарты прав и свобод человека (группы лиц, коллектива), устанавливающих обязательства государств по закреплению, обеспечению и охране этих прав и свобод и предоставляющих индивидам юридические возможности реализации и защиты признаваемых за ними прав и свобод.

Специфика международного гуманитарного права – участниками его нормативных отношений, носителями прав и обязанностей являются как государства, так индивиды (однако характер этих прав и обязанностей у индивидов и государств принципиально различный). Сам термин "права человека" появился в конце XVIII в., во времена Великой французской и Американской революций.

В современном международном праве довольно популярной является концепция "трех поколений прав человека", разработанная в середине 70-х гг. XX в. чешским юристом К. Васаком.

Первое поколение прав человека – это "право на свободу", т.е. политические и гражданские права, сформулированные в революционном законодательстве Франции и США XVIII в. Эти права принадлежат отдельной человеческой личности и выражают противопоставление государства и индивида.

Реализация права на свободу предполагает политику воздержания: государство должно воздерживаться от каких-либо действий, посягающих на гражданские и политические права личности.

Второе поколение прав человека – "право доверия" или право на равенство, т.е. экономические, социальные и культурные права, комплекс которых сформировался после революции 1917 г.

В России и после Второй мировой войны. Право на равенство принадлежит индивиду, но имеет характер верительного права (права доверия), поскольку для его реализации государство обязано выполнять определенные действия.

Третье поколение прав человека –"право солидарности", которое сформировалось в середине 60-х гг. XX в. и связано с процессом деколонизации. Право солидарности принадлежит не столько индивиду, сколько коллективу – народу, нации.

Реализация этого права нуждается в согласованных действиях всего общества в целом: физических и юридических лиц, общественных и международных объединений, государств, всего мирового сообщества, всех наций и народов. Отдельное государство не способно реализовать это право.

Три поколения прав человека представляют собой комплекс прав и свобод человека, прав нации и народ.

В настоящее время в доктрине выделяют четвертое поколение прав человека, основу которого составляют право на информацию и право на индивидуальность. Право на информацию - это комплексное право включающее в себя основные элементы всех других прав человека (свободу совести, слова и мысли, право на безопасность). Кроме того,

каждый человек имеет право знать свои права, те. приобретать знания в области соблюдения и защиты прав человека путем получения информации по данной тематике.

**ЛИТЕРАТУРА**
1 Международное право: учебник/ отв.ред. Г.В.Игнатенко и О.И. Тиунов - 6-ое изд., перераб. и доп. – М.:Норма: ИНФРА-М, 2013 - 7752 с.
2 Международное право / А.Н. Вылегжанина - 2-е издание. Издательство Юрайт, 2012. - 904 с.
3 Международное право: учебник для бакалавров / И.В. Гетьман-Павлова. 2-е изд., перераб. и доп. – М.: Издательство Юрайт, 2013. - 709 с.

**МАФҲУМИ ҲУҚУҚИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ИНСОНДӮСТӢ**

Дар мақолаи мазкур мавзуи мафҳуми ҳуқуқи байналмилалии инсондӯстӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Муаллиф қайд кардааст, ки дар системаи ҳуқуқи байналмилалӣ маҷмуи таркибии меъёрҳое мавҷуданд, ки бевосита ба ҳифзи ҳуқуқи инсон алоқаманданд. Ин маҷмуи меъёрҳо, ки бо субъекти умумии танзим муттаҳид гардидаанд, як соҳаи мустақили ҳуқуқи байналмилалӣ - ҳуқуқи байналмилалии башардӯстона мебошад.

**КАЛИДВОЖАҲО:** ҳуқуқи байналхалқӣ, ҳуқуқи байналхалқии башардӯстӣ, ҳуқуқ ба озодӣ, ҳуқуқи инсон.

**ПОНЯТИЕ МЕЖДУНАРОДНОГО ГУМАНИТАРНОГО ПРАВА**

В данной статье рассматривается предмет понятия международного гуманитарного права. Автор отмечает, что международно-правовая система обладает исчерпывающим набором норм, которые имеют непосредственное отношение к защите прав человека. Эта совокупность норм, объединенная общим предметом регулирования, составляет самостоятельную область международного права - международное гуманитарное право.

**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА**: международное право, международное гуманитарное право, право на свободу, права человека.

**THE CONCEPT OF INTERNATIONAL HUMANITARIAN LAW**

This article discusses the subject of the concept of international humanitarian law. The author notes that the international legal system has an exhaustive set of norms that are directly related to the protection of human rights. This set of norms, united by a common subject of regulation, constitutes an independent area of international law - international humanitarian law.

**KEYWORDS:** international law, international humanitarian law, right to freedom, human rights.

**Маълумот дар бораи муаллифон:** ***Саломов Исроил*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқ, дотсенти кафедраи ҳуқуқи байналмилалии факултети ҳуқуқшиносӣ. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **+992 208798081.**
***Аминова Васфиябону*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, магистранти курси дуюми факултети ҳуқуқшиносӣ. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. **Телефон: +992 208798081.**

**Сведения об авторах:** ***Саломов Исроил*** **–** Таджикский национальный университет, кандидат юридических наук, доцент кафедры международного права юридического факультета. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: **+992 208798081.**
***Аминова Васфиябону*** – Таджикский национальный университет, магистрант второго курса юридического факультета. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: **+992 208798081.**

**Information about the authors:** ***Salomov Isroil*** – Tajik National University, Candidate of Law Sciences, Associate Professor of the Department of International Law of the Faculty of Law. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. Phone: **+992 208798081.**
***Aminova Vasfiyabonu*** **–** Tajik Nationl University, second-year master`s student of Faculty of Law. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. Phone: **+992 208798081.**

# АЛОҚАМАНДИИ ТАРКИБИ ҶИНОЯТИ СОҲИБКОРИИ ҒАЙРИҚОНУНӢ ВА САРКАШӢ АЗ СУПОРИДАНИ АНДОЗ ВА ПАРДОХТҲО

***Амонова Г.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Фаъолияти соҳибкорӣ – ин фаъолияти мустақили ба таваккали худ амалишавандаи шахсони ба чунин сифат бо тартиби муқарраркардаи қонун ба қайд гирифташудае

мебошад, ки барои мунтазам ба даст даровардани фоида аз истифодаи молу мулк, фурӯши мол, иҷрои кор ё расонидани хизмат равона карда шудааст.

Соҳибкории ғайриқонунӣ дар он зоҳир меёбад, ки шахс қоидаи муқарраршударо ба эътибор нагирифта, фаъолиятро ба амал мебарорад, ки ҳангоми вуҷуд доштани бақайдгирӣ, иҷозати махсус (литсензия) ё ҳангоми риоя намудани шарти литсензиякунонӣ метавонад ҳамчун фаъолияти сохибкорӣ эътироф гардад ва ҳамин тариқ, аз тартиботи муқарраршудаи назорат саркашӣ менамояд.

Баробари инкишофи қонунгузории ҷиноятӣ дар Тоҷикистон проблемаҳои зиёд дар амалияи тафтишӣ ҷой доранд, ки танзими худро наёфтаанд. Яке аз масъалаҳое, ки дар амалияи тафтишӣ ба миён омадааст, проблемаҳо оид ба бандубасти ҷинояти соҳибкории ғайриқонунӣ ва саркашӣ аз супоридани андоз мебошад, ки то ба ҳол ба таври бояду шояд танзим нашудааст.

Дар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ баъзан меъёрҳое ҷой доранд, ки бо ҳамдигар мухолифанд. Дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ вобаста ба ҳалли ин проблемаи ҷойдошта се нуқтаи назар ҷой дорад.

Гурӯҳи якуми олимон-ҳуқуқшиносон, ба монанди Д.Е. Волженкина, А.Э. Жалинский, В.М. Кудрятсев ба он ақидаанд, ки бандубасти ҷинояти соҳибкории ғайриқонунӣ, ки бидуни бақайдгириро дар назар дорад, аз тарафи шахсон дар як вақт бо ҷинояти саркашӣ аз пардохти андоз содир мешавад [2; 241]. Ин гурӯҳи олимон бо он ақидаи худро асоснок мекунанд, ки саркашӣ аз супоридани андоз ва соҳибкории ғайриқонунӣ бо қасди ягона содир мешаванд, яъне бидуни бақайдгирии давлатӣ амалӣ карда мешаванд. Тарафдорони ин ақида дуруст қайд кардаанд, вале ногуфта намонад, ки ин ҷо ақидаи дигаре низ мавҷуд аст, ки мутобиқи он ҷинояти саркашӣ аз супоридани андоз бо роҳи дидаю дониста ба асноди муҳосибавӣ (бухгалтерӣ) ё деклоратсияи андоз дохил намудани маълумоти таҳрифшуда оид ба даромад ва хароҷот ё бо роҳи дигар пинҳон доштани объектҳои дигари андозбандишаванда мебошад. Ин ҷо суиқасд ба ҷиноят бо мақсади насупоридани андоз равона карда шудааст, аммо дар соҳибкории ғайриқонунӣ ин ангеза дида намешавад. Пас, аз ин бармеояд, ки дар ҳолати зикршуда зарурат дар бандубасти ин гуна ҷиноятҳо чун маҷмуи ҷиноятҳо ба вуҷуд меояд.

Муаллифони тафсири моддаҳои 258, 292 ва 293 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон (Нодиров Фозилбек ва Раҳимзода Р.Ҳ.) чунин ақида доранд, ки "Соҳибкории ғайриқонунӣ ва саркашӣ аз супоридани андоз бо хусусияти бақайдгириашон ва сохтори тарафи субективии ҷиноят аз ҳамдигар фарқ мекунанд" [5; 575]. Муаллифон Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистонро аз 25 июни соли 2004, таҳти №6 ҷонибдорӣ намудаанд. Дар банди 17 - и ин Қарор омадааст, ки "ҳаракатҳои шахсе, ки бидуни бақайдгирӣ ё бе иҷозати махсус, ё ин ки бо вайрон кардани шартҳои литсензиякунонӣ, бо мақсади саркашӣ аз пардохти андоз аз даромаде, ки дар натиҷаи чунин фаъолият ба даст оварда шудааст, ба фаъолияти соҳибкорӣ машғул шудааст, дар мавриди ҷой доштани асосҳо, бояд бо маҷмуи ҷиноятҳое, ки бо қисмҳои дахлдори моддаҳои 259 ва 293 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ шудаанд, банду баст карда шаванд".

Гурӯҳи дигари муаллифон ба монанди В.В. Лунеева, И.Н. Соловева ва Э.В. Абрамова ба он ақидаанд, ки диспозитсияҳои моддаҳое, ки вобаста ба ҷинояти саркашӣ аз пардохти андоз аз шахсони воқеию ҳуқуқиро пешбинӣ мекунанд, танҳо расонидани зарар ба давлатро дар натиҷаи насупоридани андоз муқаррар месозад [4; 162]. Аммо вобаста ба соҳибкории ғайриқонунӣ ягон сухан намеравад ва ягон меъёр муқаррар нашудааст.

Қарори Пленуми Суди Олии Россия аз 18 ноябри соли 2004, таҳти №23 ба таври ҷиддӣ проблемаҳои баҳснок оид ба зарурати бандубасти иловагии соҳибкории ғайриқонунӣ бо моддаи ҷиноятҳо дар соҳаи андозро мадди назар кардааст. Дар банди 16 муқаррар карда шудааст, ки "кирдори шахсоне, ки дар фаъолияти соҳибкории ғайриқонунӣ гумонбар дониста шудаанд, андоз ё дигар пардохтҳоро аз даромадҳояшон насупоридаанд, дар натиҷаи ин фаъолият тамоми сохтори таркибии ҷинояти соҳибкории ғайриқонуниро содир кардаанд" [3]. Барои ин моликият, пул ё дигар чизҳои қимматнок, ки дар натиҷаи содиркунии ин ҷиноят ба даст оварда шудаанд, дар асоси банди 4 қисми 3 моддаи 78 КМҶ ҶТ бояд дар асоси ҳукми суд ба фоидаи давлат мусодира шаванд [1].

П.А. Зрелов., Краснов М.В. чунин қайд мекунад: “Тамоми молу мулке, ки бо роҳи содиршавии ҷиноят ба даст оварда мешаванд, бояд ба фоидаи давлат мусодира гарданд ва аз онҳо андоз ситонида нашавад” [4; 233].

Дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи муқовимат ба қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда ва маблағгузории терроризм” аз **25 марти соли 2011, таҳти №68** даромадҳои пулӣ ё дигар молу мулке, ки бо роҳи содиршавии ҷиноят ба даст оварда мешаванд, пурра танзим шудааст. Аммо дар он сухан дар бораи соҳибкории ғайриқонунӣ (моддаи 259 КҶ ҶТ) ё саркашӣ аз супоридани андоз аз шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ (моддаҳои 292-293 КҶ ҶТ) тамоман намеравад. Дар ҳолати пеш омадани зарурат метавон оид ба зарурати ин масъала ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон такя кард.

Бо зами ин содиршавии ҷиноятҳои саркашӣ аз пардохти андоз ва (ё) дигар пардохтҳо ва соҳибкории ғайриқонунӣ дар оянда бештар ба назар мерасад ва шахсони ҷиноятсодиркарда ин ҳолатҳоро қонунӣ мегардонанд, ки боиси содир кардани ҷинояти моддаи 262 КҶ ҶТ, яъне қонунигардонӣ (расмикунонӣ)-и даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда мегардад.

Насупоридани андоз хусусияти табиии шакли соҳибкориро чун ҷинояти беқайди давлатӣ ва литсензиякунониро муайян мекунад.

Ҳамчунин, ҷавобгарии ҷиноятӣ барои кирдорҳои мазкур дар сатҳи қонунгузорӣ барои он муқаррар шудааст, ки ҳолатҳои насупоридани андоз пешгирӣ карда шаванд. Зеро андоз **қисми асосии буҷети давлатро ташкил медиҳад.** Яъне, ин як навъ огоҳӣ барои шахсонест, ки аз супоридани андоз саркашӣ мекунанд.

Аз ин лиҳоз, кирдори шахсоне, ки аз супоридани андоз бо роҳи соҳибкории ғайриқонунӣ саркашӣ мекунанд, бояд бо ду модда, яъне соҳибкории ғайриқонунӣ ва саркашӣ намудан аз пардохти андозҳо бандубаст карда шавад. Агар тартиби бавуҷудоии фаъолияти соҳибкорӣ вайрон нашуда бошад ва ҷинояти саркашӣ аз супоридани андоз бо фаъолияти соҳибкории қонунӣ анҷом дода шуда бошад, пас кирдор бояд бо моддаҳои 292-293 КҶ ҶТ банду баст карда шавад.

Гурӯҳи сеюми олимон ба монанди П.А. Зрелов ва Краснов М.В. ба он ақидаанд, ки ҳангоми бандубасти ин гурӯҳи ҷиноятҳо ба қоидаҳои умумии бандубасти ҷиноят такя намудан лозим аст. Ҳамчун ҷинояти начандон вазнин барои содир кардани он бояд ҷавобгарии сабук пешниҳод карда шавад [4; 234].

Аммо моддаи 292 (саркашӣ аз супоридани андоз аз ҷониби шахси ҳуқуқӣ) Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷазои нисбатан вазнинро нисбат ба моддаи 259 пешбинӣ мекунад.

Қисми 1 моддаи 292 ҷазои маҳрум сохтан аз озодиро ба муҳлати аз се то панҷ сол пешбинӣ мекунад, моддаи 259 КҶ ҶТ бошад, ҷазоро нисбатан сабуктар (бо *маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати то се сол*) пешбинӣ мекунад.

Қисми 1 моддаи 293 КҶ ҶТ ҷазоро бо корҳои ислоҳӣ ба муҳлати то ду сол пешбинӣ мекунад, ки ин назар ба қисми 1 моддаи 259 (барои соҳибкории ғайриқонунӣ) нисбатан сабуктар мебошад.

Бинобар ин, агар зарари аз соҳибкории ғайриқонунӣ расонидашуда ба насупоридани андоз алоқаманд бошад, дар ин ҷо зарурати бандубасти маҷмуи ҷиноятҳои моддаҳои 259 ва 292 ё 293 КҶ ҶТ ба миён меояд.

Ақидаи ин гурӯҳи олимон ба муқаррароти Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи таҷрибаи судӣ оид ба парвандаҳои марбут ба соҳибкории ғайриқонунӣ” аз 25 июни соли 2004, таҳти №6 мувофиқ аст.

Дар умум ба хулоса омадан зарур аст, ки дар ҳалли масъалаи мазкур бояд аввал ба таҷрибаи судҳо назар афканем, ки онҳо бандубасти ин ҷиноятҳоро чӣ тавр ҳал кардаанд ва кадом ҳолатҳоро бештар ба назар гирифтаанд.

Ҳамон тавре ки таҳқиқот муайян мекунад, ҳамкории мақомоти тафтишӣ ва дигар сохторҳои мақомоти оперативии шуъбаҳои корҳои дохилӣ, чун қоида амали содиршударо аз рӯйи далелҳои нокофӣ тибқи муқаррароти КҶ ҶТ бандубаст мекунанд, ҳол он ки барои муайян кардани гуноҳи гумонбаршуда чораҳои пурзӯр андешидан ё маводҳо ва далелҳои зиёдро ба даст овардан лозим аст, зеро дар кирдори шахс дигар аломатҳои таркиби

ҷиноятро ошкор кардан аз эҳтимол дур нест. Ба таври намуна, кормандони Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар тафтиши ҷиноятҳо вобаста ба соҳибкории ғайриқонунӣ ё саркашӣ аз пардохти андоз дар таҷриба боз дар кирдори шахс аломатҳои таркибии ҷиноятҳо дар соҳаи иқтисодиётро ба монанди ташкил (таъсис ва азнавташкилдиҳии) ғайриқонунии шахси ҳуқуқӣ (м. 260), қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда (м. 262), ришвадиҳии тиҷоратӣ (м. 279), фиреби истеъмолкунандагон (м. 294), ҷиноятҳо муқобили ҳокимияти давлатӣ ва манфиатҳои хизмати давлатӣ (боби 30) низ бештар ошкор мекунанд. Яке аз ҳолатҳое, ки то ба ҳол мушоҳида мешавад, инкишофи ҷиноятҳои латентӣ дар соҳаи андоз ва андозбандӣ мебошад, ки гумонбаршуда ба ҳеҷ ваҷҳ бегуноҳии худро исбот карда наметавонад.

Дар асоси гуфтаҳои зикршуда ба хулоса омадан мумкин аст, ки соҳибкории ғайриқонунӣ бо саркашӣ аз пардохти андоз ё пардохтҳо бандубасти иловагиро талаб намекунад.

Бо вуҷуди ин, хулоса кардан мумкин аст, ки дар ҷинояти соҳибкории ғайриқонунӣ нишонаҳои ҷинояти саркашӣ аз супоридани андоз ё пардохтҳоро дарёфт кардан мумкин аст. Яъне ҳолатҳои аз ҷониби соҳибкори ғайриқонунӣ пурра супоридани андозҳо ё пардохтҳо ҳолатҳои нодир буда, дар амалия кам ба назар мерасанд. Зеро бунёди чунин фаъолият берун аз меъёрҳои қонун сурат гирифта, боиси содир кардани ҷиноятҳои дигар мегардад.

### АДАБИЁТ


1. Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 5 декабри 2010, таҳти №567.
2. Лопашенко Н.А. Преступления в сфере экономической деятельности: понятие, система, проблемы квалификации и наказания : дис. ... д-ра юрид. наук. - Саратов, 1997.
3. О позициях Пленума Верховного Суда РФ в вопросах толкования ответственности за незаконное предпринимательство и легализацию (анализ постановления от 18 ноября 2004 г.) // Уголовное право-2005. № 2
4. П.А. Зрелов., Краснов М.В. Налоговые преступления / Под ред. К.К. Саркисова - М.: Издательско-консультационная компания "Статус-Кво 97", 2004.
5. Тафсири Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.01.2006 сол. Нашриёти “Глобус” - Душанбе, 2006.
6. Яни П.С. Преступное предпринимательство // Законодательство. 1999. № 3. - С. 84.
7. Харламова А. А. Уголовно-правовые аспекты уклонения от уплаты налогов и (или) сборов: дис. … канд. юрид. наук : 12.00.08. — Екатеринбург, 2013.
8. А.И. Сафаров, Ш.Н. Саидов, Н.А. Қудратов. Ҷиноятҳои иқтисодӣ. Воситаи таълимӣ / А.И, Сафаров, Ш.Н. Саидов, Н.А. Қудратов. - Душанбе «Империал-Групп» 2015.
9. Ғоибов Р.Д .Ҳуқуқи ҷинояти қисми махсус. Дастури таълимӣ / Р.Д. Ғоибов. - Хуҷанд : «Ношир », 2009.


### АЛОҚАМАНДИИ ТАРКИБИ ҶИНОЯТИ СОҲИБКОРИИ ҒАЙРИҚОНУНӢ ВА САРКАШӢ АЗ СУПОРИДАНИ АНДОЗ ВА ПАРДОХТҲО


Дар мақолаи мазкур соҳибкории ғайриқонунӣ, саркашӣ аз супоридани андоз ва (ё) пардохтҳо, сохтори таркибӣ ва алоқамандии онҳо мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Проблемаҳои бандубасти ин ҷиноятҳо таҳлил карда мешавад. Диққати асосӣ ба алоқамандии таркибҳои ҷиноят дода мешавад.



**КАЛИДВОЖАҲО:** фаъолияти соҳибкорӣ, соҳибкории ғайриқонунӣ, саркашӣ аз супоридани андоз ва пардохтҳо, бандубаст, ҷиноят, шахсони ҳуқуқӣ, шахсони воқеӣ, андозсупоранда, ҷавобгарии ҷиноятӣ дар соҳаи андоз, уҳдадории андоз.


### СООТНОШЕНИЕ СОСТАВОВ ПРЕСТУПЛЕНИИ НЕЗАКОННОЕ ПРЕДПРИНИМАТЕЛЬСТВО И УКЛОНЕНИЕ ОТ УПЛАТЫ НАЛОГОВ И СБОРОВ


В данной статье рассматриваются незаконное предпринимательство, уклонение от уплаты налогов и (или) уклонение от уплаты налогов, их составная структура и взаимосвязь. Анализируются сопутствующие проблемы этих преступлений. Основное внимание уделено взаимосвязи между составами преступления.



**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА:** предпринимательское деятельность, незаконное предпринимательство, уклонение от уплаты налогов и сборов, квалификация, преступление, юридический лиц, физические лица, налогоплательщик, уголовная ответственность в сфере налогообложения, налоговая ответственность.


### CORRELATION OF CRIMES OF ILLEGAL ENTERPRISE AND AVOIDANCE OF THE PAYMENT OF TAXES FROM ORGANIZATIONS.


This article discusses illegal business, tax evasion and (or) tax evasion, their composite structure and relationship. The accompanying problems of these crimes are analyzed. The main attention is paid to the relationship between the elements of the crime.

**KEYWORDS:** business, Illegal business, tax and fees evasion, qualification, crime, legal entities, taxpayer, tax evasion, individuals, criminal liability in the field of taxation, taxpayer, tax liability.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Амонова Гулнора*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, магистранти курси дуюми факултети ҳуқуқшиносӣ. Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **(+992) 935171724.**

**Сведения об авторе:** ***Амонова Гулнора*** – Таджикский национальный университет, магистр второго курса юридического факультета. Адрес: 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: **(+992) 935171724.**

**Information about the author:** ***Amonova Gulnora*** – Tajik National University, second-year master`s student of Faculty of Law. Address: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. Phone: **(+992) 935171724.**

## ҶАВОБГАРИИ ҶИНОЯТӢ БАРОИ ФАЪОЛИЯТИ ҒАЙРИҚОНУНИИ БОНКӢ ТИБҚИ ҚОНУНГУЗОРИ ҶИНОЯТИИ ИДМ

***Маҳмадова С.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Дар тадқиқотҳои муқоисавӣ усули муқоисаи қонунгузории давлатҳои хориҷӣ таърихи куҳан дошта, онро соли 1889 Л. Оукок пешниҳод намуд ва он минбаъд дар корҳои тадқиқотии Ф. де Портал давом дода шуд. Усули таҳқиқоти муқоисавиро Л.Ж. Константинеско ҳамчун «усули тасвирӣ (тавсифӣ)» ва К. Свайгерт, Х. Кетс онро ҳамчун методи «қонунгузории муқоисавӣ ва ҳуқуқӣ» тавсиф доданд, ки он дар доираи мактаби экзегетикӣ (таълимот дар бораи маънидодкунии матнҳо) асри XIX ташаккул ёфта ва танҳо ба матни қонунгузорӣ такя менамуд, ки ба ақидаи тарафдорони ин мактаб, ба таври дахлдор баррасӣ ва маънидокунии қонунҳо метавонад ҷавоби мукаммалро вобаста ба мавзуи тадқиқшаванда пешниҳод намояд.

Лекин, баъдан дар охири асри XX, дар вақти Конгреси аввалини байналмилалии ҳуқуқшиносии муқоисавӣ, ки соли 1990 дар Париж баргузор гардид, доир ба усулҳои ҳуқуқшиносии муқоисавӣ мубоҳисаву мунозираҳои ҷолиб аз ҷониби олимон Р. Салей, Э. Юбер, Э. Ламбер сурат гирифт. Аз ҷумла, Э. Ламбер дар маърузаи худ усули муқоисаи қонунҳоро зери тозиёнаи танқид қарор дода, қайд намуд, ки «агар компаративист (шахсе, ки қонунҳоро муқоиса мекунад) танҳо ба ҷустуҷӯйи ҳалли масъала ба қонунҳо ва кодексҳои давлати хориҷӣ маҳдуд шавад, ӯ асосан зоҳирёбии ҳуқуқи куҳнаро дастрас менамояд, ки имрӯз аз истифода мондааст. Гузаронидани тадқиқот на танҳо сохти назариявии ҳар як низоми ҳуқуқро талаб менамояд, инчунин хусусияти татбиқи ҳар як низомро дар вақт ва амалия меомӯзад. Маълумотҳои муҳимми қарорҳои амалкунандаи қабулнамудаи судҳои ҳар як давлат низ дар ин маврид кифоя нестанд. Зарур аст, ки барои пешравии таҳлили муқоисавӣ–ҳуқуқӣ (компаративизм) мазмуни ҳар як қарорро бояд донист».

Ҳамин тавр, усули муқоисавӣ-ҳуқуқӣ дар илми муосири ҳуқуқшиносӣ, бахусус дар самти ҳифзи ҳуқуқӣ-ҷиноятии фаъолияти қонунии бонкӣ, пешгирии ҷиноятҳое, ки бо фаъолияти бонкӣ алоқаманданд, аҳаммияти хос дорад. Зеро, бо истифода аз таҷрибаи давлатҳои рӯ ба инкишоф, ки дар он ҷо сатҳи ҷинояткорӣ вобаста ба ҷиноятҳои иқтисодӣ дар сатҳи паст қарор дорад, метавонад қонунгузории ҷиноятӣ ва қонунҳои дигарро дар ин самт мукаммал намоем. Истифодаи усули муқоисавӣ-ҳуқуқии фаъолияти ғайриқонунии бонкӣ аҳаммияти байналмилалӣ низ дорад, зеро бештари маблағҳое, ки ба фаъолияти террористиву экстремистии дигар давлатҳо интиқол дода мешавад, маҳз тавассути бонкҳои ғайриқонунӣ сурат мегирад.

Интихоби мавзуи муқоисашаванда ин ҷавобгарии ҷиноятӣ барои фаъолияти ғайриқонунии бонкӣ дар асоси қонунгузории ҷиноятии давлатҳои аъзои ИДМ мебошад. Зеро, низоми қонунгузории кишварҳои ИДМ тавассути мақомоти қонунгузории он – Ассамблеяи байнипарлумонӣ барои ин кишварҳо қонунҳои намунавӣ коркард ва тавсия менамояд. Қонунгузории намунавӣ барои дар як фазои ҳуқуқӣ қарор гирифтани собиқ кишварҳои шуравӣ ва дуруст ба роҳ мондани ҳамкориҳо зарур аст. Гузашта аз ин, маҳз

қонунҳои намунавӣ имконият медиҳанд, ки кишварҳои ИДМ аз таҷрибаи пешрафтаи якдигар дар сатҳи ҳуқуқэҷодкунӣ самаранок истифода намуда, муносибатҳои нави ҷамъиятиро ҳаматарафа ва пурра мавриди танзими ҳуқуқӣ қарор диҳанд.

Кишварҳои ИДМ ба истиснои Ҷумҳурии Ӯзбекистон, ҳангоми омода намудани қонунгузории ҷиноятии худ муқаррароти Кодекси моделии ҷиноятӣ (минбаъд – КМҶ ИДМ) барои давлатҳои аъзои ИДМ-ро, ки 17 феврали соли 1996 аз ҷониби Ассамблеяи байнипарлумонии давлатҳои аъзои ИДМ қабул шудааст ва хусусияти тавсиявиро дорад, истифода бурдаанд. Кодекси моделӣ бояд ҳамчун асоси нисбатан ягона барои ҳамаи давлатҳои аъзои ИДМ, ҷиҳати ташаккули қонунгузории ҷиноятӣ мегардид. Шарти муқаддам ҷиҳати ягонашаклии қонунгузории миллӣ тавассути КМҶ ИДМ ба ақидаи профессор Б.В. Волженкин чунин ҳолатҳои асосӣ баромад мекунанд:

а) амалан ҳамаи давлатҳои аъзои ИДМ низоми нави афзалиятро эътироф намуда, роҳ ба сӯйи ташкили ҷомеаи демократии шаҳрвандиро дар мамлакати худ эълон намуданд, ки дар он инсон, ҳуқуқ ва озодиҳояш арзиши олӣ мебошанд;

б) низоми иқтисодии давлатҳои аъзои ИДМ ба эътирофи баробарии ҳамагуна шаклҳои моликият, озодии фаъолияти соҳибкорӣ ва дигар фаъолияти иқтисодӣ, ки қонунгузорӣ манъ накардааст, тарафдории рақобати солим асос меёбад;

в) инкишофи ҷинояткорӣ дар давлатҳои аъзои ИДМ дорои хусусиятҳо ва тамоюлҳои асосии умумӣ мебошад ва бештари шаклҳои ҷиноят хусусияти фаромиллиро касб намудаанд;

г) низоми ҳуқуқӣ-ҷиноятии давлатҳои аъзои ИДМ мушобиҳат (айният), умумияти одатҳои ҳуқуқӣ, ки ҳангоми дар як давлат дар масири якчанд даҳсолаҳо ҳастӣ намудан, ба як шакли муайян даромадааст, ҳифз намудаанд.

Дар м. 256 КМҶ ИДМ ҷавобгарии ҷиноятӣ барои фаъолияти ғайриқонунии бонкӣ муқаррар шудааст, ки мувофиқи он фаъолияти ғайриқонунии бонкӣ – ин амалӣ намудани фаъолияти бонкӣ (амалиёти бонкӣ) бидуни бақайдгирӣ ё иҷозатномаи махсус (литсензия) дар ҳолатҳое, ки чунин иҷозатнома (литсензия) ҳатмӣ мебошад ва агар ин кирдор бо ба даст овардани даромад ба миқдори калон вобаста бошад ба манфиати шаҳрванд, ташкилотҳои тиҷоратӣ ё ғайритиҷоратӣ ё давлат ба миқдори калон зарар расонида бошад.

Диспозитсияи м. 256 КМҶ ИДМ бо диспозитсияи м. 263 КҶ ҶТ, ки ҷавобгарии ҷиноятиро барои фаъолияти ғайриқонунии бонкӣ муқаррар намудааст, айнан монанд мебошад. Фарқияти асосии ин моддаҳо, пеш аз ҳама дар ҳолатҳои бандубастшавандаи ҷиноятҳо мебошад, ки он дар қ. 2 м. 263 КҶ ҶТ ҳамчун аз ҷониби гурӯҳи муташаккил, бо ба даст овардани даромад ба миқдори махсусан калон ва аз ҷониби шахсе, ки қаблан барои фаъолияти ғайриқонунии бонкӣ ё соҳибкории ғайриқонунӣ судшуда содир гардидани фаъолияти ғайриқонунии бонкӣ ифода мегардад.

Новобаста аз ҳолатҳои зикршуда Б.В. Волженкин дуруст қайд менамояд, ки қонунгузории ҷиноятии давлатҳои ИДМ дар бештар мавриид аз муқаррароти КМҶ пайравӣ намудаанд. Н.А. Қудратов дуруст қайд менамояд, ки ҳарчанд қонунгузории ҷиноятии давлатҳои аъзои ИДМ аз КМҶ пайравӣ намуда бошанд ҳам, омӯзиши алоҳидаи онҳо зарур аст. Зеро, имрӯз онҳо субъекти мустақили ҳуқуқи байналмилалӣ буда, дорои қонуни ҷиноятии худ мебошанд ва таҳлили муқоисавии онҳо метавонад барои бартараф намудани камбудиҳо ва мукаммалгардии қонуни ҷиноятии Тоҷикистон асос бошад.

Аз собиқ давлатҳои аъзои ИДМ аввалин шуда Ҷумҳурии Ӯзбекистон Кодекси ҷиноятии худро 22 сентябри соли 1994, ҳатто пеш аз КМҶ ИДМ қабул намуд ва он аз 1 апрели соли 1995 ба қувваи амал даромад. Ҷиноятҳо дар соҳаи фаъолияти бонкӣ дар Кодекси ҷиноятии Ӯзбекистон (минбаъд – КҶ Ӯзбекистон) дар бобҳои «Ҷиноятҳо ба муқобили асосҳои иқтисодӣ» ва «Ҷиноятҳо дар соҳаи фаъолияти хоҷагидорӣ», мутаносибан дар бобҳои XII ва XIII пешбинӣ шудаанд.

Таҳлили КҶ Ӯзбекистон нишон медиҳад, ки фаъолияти ғайриқонунии бонкӣ таркиби ҷинояти алоҳидаро ташкил надода, аломатҳои алоҳидаи он дар таркиби ҷиноятҳои дигар, ба монанди ғайриқонунӣ ба даст овардан ва ба муомилот баровардани сарватҳои асъорӣ (м. 177), пинҳон кардани асъори хориҷӣ (м. 178), бе иҷозатнома (литсензия) ба фаъолият машғул шудан (м. 190) пешбинӣ гардидааст. Аслан, фаъолияти бонкӣ ин фаъолияти литсензионӣ мебошад, ки аз ҷониби бонки миллии ҳар як давлат иҷозат дода мешавад.

Бинобар ин, дар м. 190 КҶ Ӯзбекистон на танҳо фаъолияти ғайриқонунии бонкӣ, инчунин дигар фаъолиятҳоеро, ки гирифтани иҷозатномаро талаб менамоянд, ҳифз менамояд.

Дар фарқият аз м. 263 КҶ ҶТ диспозитсияи қ. 1 м. 190 КҶ Ӯзбекистон ба гуруҳи таркибҳо бо преюдитсияи маъмурӣ дохил мебошад, ки барои шахсро бо ин модда ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан, ҷой доштани татбиқи ҷазои маъмурӣ барои ин кирдор дар давоми сол талаб карда мешавад.

Федератсияи Русия яке аз давлатҳои аъзои ИДМ мебошад, ки фаъолияти босамар ва бесобиқаи қонунгузориро дар самти танзими ҳуқуқии ҷиноятии фаъолияти ғайриқонунии бонкӣ дорад. Кодекси ҷиноятии ФР (минбаъд – КҶ ФР) 24 май қабул ва аз 5 июни соли 1996 ба қувваи амал даромадаст. Фаъолияти ғайриқонунии бонкӣ ҳамчун ҷинояти алоҳида дар м. 172 КҶ ФР дар фасли ҷиноятҳо дар соҳаи иқтисодиёт, боби ҷиноятҳо дар соҳаи фаъолияти иқтисодӣ пешбинӣ шудааст.

### АДАБИЁТ


1. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 ноябри соли 1994 бо тағйиру иловаҳо аз 26 сентябри соли 1999, 22 июни соли 2013 ва 22 майи соли 2016. - Душанбе: Ганҷ, 2016.
2. Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон. - Душанбе: 21.04.1998.
3. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бора фаъолияти бонкӣ». - Душанбе, 19.05.2009.
4. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон». - Душанбе с. 2011.
5. Тафсир ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] // Муҳаррири масъул Ҳ.Ҳ. Шарипов. – Душанбе: Глобус, 2006. – 880 с.
6. Модельный Уголовный кодекс для государств – участников СНГ // Правоведение. – 1996. – №1. – С.92.
7. Шарипов Т.Ш., Бахриддинов С.Э. Основные черты уголовного законодательства Республики Таджикистан и некторые проблемы его совершенствования // Новое уголовное законодательства стран СНГ и Балтии. Сб. статей. – М.: ЛексЭст, 2002.
8. Уголовный кодекс Республики Узбекистан. – Ташкент, 2018.
9. Уголовный Кодекс Российской Федерации. [Захираи электронӣ] – Манбаи дастрасӣ: URL: http:// www. consultant.ru/document/cons_doc_LAW_10699/ (санаи муроҷиат: 19. 10. 2020).


### ҶАВОБГАРИИ ҶИНОЯТӢ БАРОИ ФАЪОЛИЯТИ ҒАЙРИҚОНУНИИ БОНКӢ ТИБҚИ ҚОНУНГУЗОРИ ҶИНОЯТИИ ИДМ


Ин мақола ба таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии ҷинояти фаъолияти ғайриқонунии бонкӣ мутобиқи қонунгузории давлатҳои аъзои ИДМ бахшида шудааст. Яке аз ҷиноятҳои иқтисодӣ фаъолияти ғайриқонунии бонкӣ мебошад, ки дар моддаи 263 Кодекси ҷиноӣ пешбинӣ шудааст. Дар маколаи мазкур фаъолияти ғайриқонунии бонкӣ тибқи қонунгузории ИДМ мавриди омӯзиш қарор дода мешавад.



**КАЛИДВОЖАҲО:**фаъолияти бонкӣ, фаъолияти ғайриқонунии бонкӣ, қонунгузории давлатҳои хориҷӣ, қонунгузории давлатҳои аъзои ИДМ, кодекси моделии ИДМ.


### УГОЛОВНАЯ ОТВЕТСТВЕННОСТЬ ЗА НЕЗАКОННУЮ ДЕЯТЕЛЬНОСТЬ БАНКОВСКОЙ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ ПО УГОЛОВНОМУ ЗАКОНОДАТЕЛЬСТВУ СНГ


Данная статья посвящена сравнительно-правовому анализу преступления незаконной банковской деятельности по законодательству государств-участников СНГ. Одним из экономических преступлений является незаконная банковская деятельность, предусмотренная статьей 263 УК. В данной статье рассматривается незаконная банковская деятельность по законодательству СНГ.



**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА:** банковская деятельность, незаконная банковская деятельность, законодательство зарубежных стран, законодательство государств-участников СНГ, модельный кодекс СНГ.


### CRIMINAL LIABILITY FOR ILLEGAL ACTIVITIES OF BANKING ACTIVITIES UNDER CIS CRIMINAL LEGISLATION


This article is devoted to a comparative legal analysis of the crime of illegal banking activities under the laws of the CIS member states. One of the economic crimes is illegal banking activity, provided for in Article 263 of the Criminal Code. This article discusses illegal banking activities under the laws of the CIS.



**KEYWORDS:** banking activity, illegal banking activity, legislation of foreign countries, legislation of the CIS member states, model code of the CIS.



**Маълумот дар бораи муаллиф**: ***Маҳмадова С.С.*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, магистранти курси дуюми факултети ҳуқуқшиносӣ. **Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **987979787.**

**Сведения об авторе**: ***Махмадова С.С.*** – Таджикский национальный университет, магистрант второго курса юридического факультета. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: **987979787.**

**Information about the author**: ***Mahmadova S. S.*** – Tajik National University, second-year master`s student of Faculty of Law. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. Phone: **987979787.**

# МУНОСИБАТИ МУТАҚОБИЛАИ МАҚОМОТИ ПРОКУРАТУРА БО ИНСТИТУТҲОИ ҶОМЕАИ ШАҲРВАНДӢ ОИД БА МУСТАҲКАМ НАМУДАНИ ТАРТИБОТИ ҲУҚУҚӢ

***Кӯҷмуродова Н.Ҳ***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Ба масъалаи ташаккул ва инкишофдиҳии ҷомеаи шаҳрвандӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон солҳои охир диққати махсус дода мешавад. Роҳбарияти давлат дар доираи вазифаҳои аввалиндараҷа дар соҳаи мустаҳкам намудани қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ инкишофи ҷомеаи шаҳрвандӣ, инкишоф додани қонунгузорӣ, инчунин идоракунии давлатӣ ташаккул додани низоми мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва судиро номбар менамояд. Чунин масъала хусусан дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» аз 26 январи соли 2021 қайд гардида буд:

«Вазъи тағйирёбандаи ҷаҳони имрӯза ва хусусияти устувор пайдо намудани зуҳуроти хатарноки замони муосир, аз ҷумла терроризму экстремизм, қочоқи силоҳ, гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир, киберҷиноятҳо ва дигар ҷиноятҳои фаромиллӣ, ки башариятро ба ташвиш овардаанд, моро водор месозад, ки ба масъалаҳои таъмини амнияти кишварамон диққати аввалиндараҷа диҳем».

Сиёсати ҳуқуқии давлат боз ҳам бештар ба қишрҳои мухталифи ҷомеа равона гардиааст: ҳар гуна ҳаракат ва ҷомеаҳои касбӣ ташкил гардида истодааст, институтҳои ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон ва кӯдак, доир ба ҳимояи ҳуқуқҳои соҳибкорон, дар ҳама маҳалҳо шуроҳои ҷамъиятӣ ва қабулгоҳҳои ҷамъиятӣ оид ба ҳимояи ҳуқуқи инсон ташкил гардидааст, роҳбари давлат масъалаи ҳуқуқи инсон ва шаҳрвандро дар ҳама баромадҳои худ, паёмҳои навбатӣ ишора намуда, доир ба ҳимояи ҳуқуқҳо дар ҳама сатҳ ва аз ҷониби ҳамаи сохторҳои давлативу ҷамъиятӣ сухан меронанд.

Барои ташкили самараноки муносибати мутақобила пеш аз ҳама бояд ташаккули қонунгузории танзимкунандаи механизмҳои чунин муносибатҳои мутақобила чӣ дар сатҳи умумиҷумҳуриявӣ ва чӣ дар сатҳи маҳаллӣ ба амал бароварда шавад; асосҳои ҳуқуқӣ-конститутсионии институтҳои ҷамъияти шаҳрвандӣ мустаҳкам карда шаванд.

Нақши назаррасро дар соҳаи ишора намуда ба мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷудо карда мешавад. Тибқи нишондоди моддаи 4 Қонуни Конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти прокуратутаи Ҷумҳурии Тоҷикистон», вазифаҳои мақомоти прокуратура аз таъмини волоияти қонун, таҳкими қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ бо мақсади ҳифзи соҳибихтиёрӣ, истиқлолияти давлатӣ, тамомияти арзӣ ва дахлнопазирии ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон; ҳуқуқи иҷтимоию иқтисодӣ, сиёсӣ ва дигар ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд; асосҳои сохтори демократии ҳокимияти давлатӣ, вазъи ҳуқуқии мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, дигар мақомоти давлатӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва динӣ, ҳизбҳои сиёсӣ ва дигар сохторҳои ғайридавлатӣ иборат мебошад.

Прокуратураи Генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон прокуроронро дар роҳи баланд бардоштани самаранокии муносибати мутақобила бо институтҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, боз ҳам васеъ истифода бурдани доираи усулҳои нави чунин муносибатҳоро тавсиф медиҳад.

Кори мақомоти прокуратура доир ба муносибати мутақобила бо воситаҳои ахбори оммавӣ, ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва ҳифзи ҳуқуқи ҳизбҳои сиёсӣ ва дигар институтҳои ҷамъиятӣ дар асоси нишондоди Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи озодии виҷдон ва иттиҳодияҳои динӣ», Қонуни

Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳизбҳои сиёсӣ» ва ғайра, ки фаъолияти институтҳои ҷудогонаи ҷомеаи шаҳрвандиро ба танзим медарорад, ба роҳ монда мешавад.

Прокуратураи Генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон, прокуророни маҳалҳо муносибати мутақобилаи зич бо воситаҳои ахбори омма, ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва ҳифзи ҳуқуқ, ҳизбҳои сиёсӣ, ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон ва дигар ба роҳ монда шудааст.

Натиҷаи фаъолияти назоратӣ ба таври муфассал дар васоити ахбори омма шарҳ дода мешавад, пресс-конференсияҳо (вокунишҳо) бо роҳбарияти мақомоти прокуратура гузаронида мешавад. Ҳангоми гузаронидани санҷишҳо вохӯрӣ бо намояндагони ВАО ва ҷомеа ташкил шуда, масъалаҳои муаммовӣ ва хусусияти қонунгузории кишвар дар чунин ҳамоишҳо шарҳ дода мешавад.

Дар асоси кор доир ба баланд бардоштани маълумотнокии аҳолӣ, корҳои фаҳмондадиҳии тағйироту иловаҳо ба қонунгузорӣ, оид ба масъалаҳои мубрам гузаронида шуда, дар як зумра прокуратураҳои маҳалҳо сомонаҳои интернетии доимоамалкунанда мушоҳида мешавад. Мақомоти прокуратура ба таври фаъол бо намояндагии ҷомеаи соҳибкорон муносибати мутақобила ба роҳ мемонад.

Инчунин, яке аз самтҳои асосии фаъолияти прокуратура оид ба назорати иҷрои қонунҳо дар фаъолияти ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва ҳизбҳои сиёсӣ равона шудааст, сараввал зарур мебошад, ки ба мафҳум ва моҳияти ҳизбҳои сиёсӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таваҷҷуҳ намоем.

Ҳизб иттиҳоди мураккаби ихтиёрии одамонест, ки онҳоро умумияти манфиатҳо ҳамақида гардонида, баҳри ба даст овардани ҳокимият ё ҳеҷ набошад, дар тақсими мансабҳои давлатӣ иштирок доштан мехоҳанд. Ҳокимиятро ба он хотир ба даст даровардан мехоҳанд, ки тавассути он ҳадафҳояшонро дар ҳаёти ҷамъиятӣ амалӣ намоянд.

Пайдоиши ҳизбҳо ва итиҳодияҳои гуногун дар ҷамъият ба омилҳои муайяни иқтисодӣ, сиёсӣ, таърихӣ ва ғ. вобастаанд. Аз ҷумла бархӯрди манфиатҳои гуногун, ки аз вазъ, таркиби иҷтимоии ҷамъият ва шакли моликият бармеояд, гурӯҳи муайяни одамонеро ба ташкил намудани ташкилоти сиёсие, ки ин бархӯрдҳоро ба танзим даровардаанд, водор месозад.

Алҳол нуқтаи назари Макс Вебер (1864-1920) доир ба марҳилаҳои пайдоиши ҳизбҳои сиёсӣ аз ҷониби сиёсатшиносон қабул шудааст. Вай се марҳиларо дар ташкили ҳизбҳои сиёсии Аврупо нишон дода аст:

1. Намояндагони камшумори элитаҳои сиёсӣ аз ҳисоби гурӯҳҳои аристократӣ дар асрҳои XVI- XVII дар Аврупо ба вуҷуд омада, ҳизбҳоро ташкил намудаанд;

2. Дар асрҳои XVII- XIX як гурӯҳи аз ҷиҳати фаъолияти сиёсӣ хеле фаъоле, ки на танҳо дар сиёсат, балки дар дигар соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ иштирок доштанд дар клубҳои сиёсӣ ҷалб карда шудаанд;

3. Марҳилаи ташаккули ҳизбҳои сиёсии оммавӣ аз ташкили маҳфилҳои аристократию клубҳои сиёсӣ ва ташкили ҳизбҳои оммавӣ - сиёсӣ иборат аст.

Ҳаминро бояд ба инобат гирифт, ки ин марҳилабандӣ то андозае нисбӣ буда, танҳо ба марҳилаи инкишофи муносибатҳои иқтисодию сиёсии капитализм рост меояд.

Охирҳои асри XX дар тафаккури инсоният доир ба бисёр масъалаҳо тағйироти ҷиддӣ ворид намуда, баъзе ҷунбишҳои оммавӣ мардумро водор сохт, ки ба ҳизби сиёсӣ табдил ёфта, дар ҳаёти ҷамъият нақши назаррас гузоранд. Масалан, ҷунбиши экологӣ оҳиста - оҳиста дар тамоми олам паҳн шуда, оқибат дар бисёр давлатҳои Аврупо бо номи ҳизби «сабзҳо»-ҳо ташаккул ёфт.

*Вазифаҳои ҳизбҳои сиёсӣ.* Ҳар кадом ҳизби сиёсӣ ҳимоякунандаи манфиатҳои гурӯҳҳои муайяни иҷтимоӣ, синфӣ, миллӣ ва умумибашарианд. Онҳо манфиати кадом гурӯҳҳоеро ҳимоя намоянд, як қатор вазифаҳо доранд. Дар сиёсатшиносии муосир чунин вазифаҳои ҳизб нишон дода шудаанд: а) иҷтимоӣ; б) ғоявӣ; в) сиёсӣ; г) идоракунӣ; д) интихобкунӣ.

Вазифаҳои ҳар кадом ҳизб қабл аз ҳама аз талаботи гурӯҳҳои иҷтимоие, ки ба он шомиланд, вобастааст. Аз ин рӯ, вазифаи иҷтимоии ҳизб пеш аз ҳама манфиатҳои иҷтимоии як гурӯҳ ё гурӯҳҳои ба ҳам наздики ҷомеаро ҷамъбаст намуда, ҳамчун ифодагари онҳо онро то ба дараҷаи мақомоти роҳбарикунандаи ҳокимияти сиёсии давлат расонида, чораҳои воқеии амалӣ гардонидани онҳоро таҳия намуда, дар амалӣ гаштани онҳо бе восита иштирок менамояд.

Ҳизбҳои сиёсӣ ҳамеша кӯшиш менамоянд, ки аз ҳисоби гурӯҳҳои гуногуни иҷтимоӣ сафашонро афзуда, дар ҷамъият дастгирии бештаре пайдо намоянд. Вазифаи ғоявии ҳизб бояд чунин масъалаҳоро дар бар гирад:

1. Нақшаи умумии ба мақсадрасиро тартиб дода, барномаи сиёсӣ - иқтисодӣ ва сиёсии ҳизбиро муайян созад, яъне идеологияи ҳизбиро коркарда бароянд;

2. Тавассути воситаҳои дар ихтиёраш дошта таблиғу ташвиқ намуда, аъзоёнашро дар заминаи ғояҳои ғоявию сиёсиаш тарбия намояд. Вай бояд ҳамагуна тағйироти дар давлат ва ҷаҳон ба вуҷуд омадаро зуд аз назари таҳлил гузаронда, тибқи онҳо амал намояд. Ҳизб бояд ояндаи ҷомеаро дида тавонад.

Ҳадафи аввалину охирини ҳама ҳизбҳои сиёсӣ масъалаи ба даст овардани ҳокимияти сиёсист. Агар чунин имконият надошта бошад, кӯшиш менамояд, ки ҳеҷ набошад дар тақсими мансабҳои давлатӣ иштирок дошта бошад. Барои ин ҳизб аз байни худ намояндагони болаёқаташро ба дастгоҳи идоракунӣ пешбарӣ менамояд. Онҳо дар тарбия намудани мутахассисон низ саҳм мегузоранд.

Дар интихобот намояндагонашро пешбарӣ намуда, аз имконияти интихоботӣ бо самар истифода мекунад. Яъне, вазифаи асосии худ вазифаи сиёсиашро адо менамояд.

Яке аз вазифаҳои муҳимми дигари ҳизби сиёсӣ иштирок дар идора кардани ҳокимияти сиёсист. Ҳангоме ки ин ё он ҳизб ба сари қудрат меояд, хоҳунохоҳ ба ҳизби давлатӣ табдил ёфта, марому мақсадашро ба тамоми табақаҳои ҷамъиятӣ таъвил доданӣ мешавад. Ҳизби ба сари ҳокимият омада, фаъолияти тамоми сохторҳои давлатиро тибқи мароми хеш аз нав ташкил намуда, фаъолияти онро дигаргун сохта, тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷомеаро ба даст медарорад.

Маҳз аз фаъолияти роҳбарикунии ҳизб, гузориш ва ҳалли масъалаҳои дар ҳаёти ҷамъиятӣ амалишаванда ба обрӯю эътибори ҳизб вобаста аст.

Ҳизби сиёсие, ки дар фаъолияти сиёсию идоракуниаш тавонистааст ба дили мардум бештар роҳ ёбад, аз ҷониби интихобкунандагон дастгирии ҳамаҷониба пайдо менамояд. Яъне, вазифаи дигари ҳизб дар ҷомеа аз ҳисоби гурӯҳҳои гуногуни иҷтимоӣ доштани тарафдорон ҳангоми интихобот аст, ки ин вазифаи интихобии вайро нишон медиҳад.

*Ҳизби сиёсӣ* — чунин иттиҳодяи ҷамъиятие фаҳмида мешавад, ки вазифаи асосиаш иштирок дар ҳаёти сиёсии ҷомеа ба воситаи ташаккул додани иродаи сиёсии шаҳрвандон ва инчунин ба амал баровардани ҳокимият ба воситаи намояндагони худ мебошад. Мақсад ва вазифаҳои ҳизби сиёсӣ дар Оинннома ва Барномаи он, ки барои маълумоти умум интишор мешаванд, инъикос меёбанд.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯзҳои аввали ба даст овардани истиқлолияти сиёсӣ масъалаи ташаккули ҳизбҳои сиёсӣ ва низоми бисёрҳизбӣ идома дорад. Аз сабаби он, ки дар мамлакати мо ҷанги таҳмилӣ оғоз гардид ва фазои низоӣ ба амал омад, то як муддати муайян бухрони сиёсӣ Тоҷикистонро фаро гирифт. Бинобар ин, як қатор таҳлилгарон раванди ташаккулёбии системаи бисёрҳизбӣ ва ҳизбҳои сиёсии Тоҷикистонро ба се марҳилаи алоҳида ҷудо намудаанд:

1. Солҳои 1990-1992 – пайдоиши аввалин ҳизбҳои сиёсӣ. Дар ин давра бори аввал дар ҷумҳурӣ чунин ҳизбҳои сиёсӣ пайдо мегарданд: Ҳизби демократии Тоҷикистон, Ҳизби наҳзати исломӣ, Ҳизби меҳнати озод ва Ҳизби коммунистии Тоҷикистон;

2. Солҳои 1993-1997 – ба вуҷуд омадани ҳизбҳои сиёсии нав. Дар ин давра чунин ҳизбҳои нав пайдо мегарданд: Ҳизби таҷдиди сиёсӣ ва иқтисодии Тоҷикистон, Ҳизби ваҳдати мардумии Тоҷикистон, Ҳизби шаҳрвандию ватандӯстии «Иттиҳод», Ҳизби халқии Тоҷикистон (айни замон Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон), Ҳизби «Адолатхоҳ», Ҳизби сотсиалистии Тоҷикистон, Ҳизби тараққиёт ва адолат;

3. Солҳои 1998 то имрӯз. Марҳилаи рушду инкишофи системаи бисёрҳизбӣ, мутобиқгардонии фаъолияти ҳизбҳои сиёсӣ бо қонунгузории мамлакат ва фаъолгардонии нақши ҳизбҳои сиёсӣ дар ҷомеа.

Бояд гуфт, ки баъди имзои Созишномаи истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар ҳаёти сиёсию ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон марҳилаи нави таърихӣ оғоз гардид. 13 ноябри соли 1998 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳизбҳои сиёсӣ» қабул мегардад, ки дар он нақш ва мавқеи ҳизбҳои сиёсӣ, ҳуқуқ ва уҳдадориҳои онҳо нишон дода шуда, ба воситаи

қонуни мазкур муносибатҳои мутақобилаи ҳизбҳои сиёсӣ танзим гардида, ташаккули системаи бизёрҳизбӣ дар мамлакат таъмин карда мешавад.

Баъди қабули қонуни мазкур фаъолияти Ҳизби наҳзати исломии Тоҷикистон ва Ҳизби демократии Тоҷикистон, ки соли 1993 манъ гардида буданд, дубора иҷозат дода мешаванд. Моҳи декабри соли 1998 Ҳизби аграрии Тоҷикистон ба фаъолият оғоз менамояд, аммо дере нагузашта бинобар сабаби вайрон намудани талаботи асосии ҳизбӣ манъ карда мешавад ва танҳо соли 2005 фаъолияти он дубора иҷозат дода мешавад.

Соли 1999 Ҳизби сотсиал-демократии Тоҷикистон ба қайд гирифта мешавад ва баъди чанде фаъолияташ боз дошта шуда, баъди се соли дигар дубора фаъолияташ иҷозат дода мешавад. Инчунин, соли 2005 Ҳизби ислоҳоти иқтисодии Тоҷикистон ба қайд гирифта шуда, фаъолияташ оғоз мегардад. 29 сентябри соли 2015 Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бинобар сабаби воқеаҳои сентябрии ҳамон сол Ҳизби наҳзати исломии Тоҷикистонро ташкилоти экстремистию террористӣ эълон намуда, дар ҳудуди мамлакат фаъолияти онро манъ менамояд.

Айни замон дар фазои сиёсии мамлакат 7 ҳизби сиёсӣ мавҷуд аст, ки онҳо дар ҳаёти сиёсии мамлакат ширкат меварзанд: Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон, Ҳизби коммунистии Тоҷикистон, Ҳизби аграрии Тоҷикистон, Ҳизби ислоҳоти иқтисодии Тоҷикистон, Ҳизби сотсиал-демократии Тоҷикистон, Ҳизби сотсиалистии Тоҷикистон, Ҳизби демократии Тоҷикистон.

Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун давлати демократӣ доимо дар самти рушду инкишофи плюрализми сиёсӣ ва системаи бисёрҳизбӣ саъйю талош меварзад. Марҳила ба марҳила дар мамлакат интихоботи парлумонӣ баргузор мешавад, ки дар онҳо ҳизбҳои сиёсӣ ширкат намуда, мувофиқи овозҳои гирифтаи худ мавқеашон дар ҳаёти сиёсии мамлакат муайян мегардад. Масалан, дар интихоботи соли 2015 ҳашт ҳизби сиёсӣ ширкат варзида, танҳо чортои он ба парлумон роҳ ёфтаст. Дар интихоботи мазкур ба мисли интихоботҳои қаблӣ Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон аксари мандатҳои парлумониро соҳиб гардида, дар мамлакат ҳизби ҳоким ба шумор меравад. Ҳизбҳои аграрӣ, ислоҳоти иқтисодӣ ва сотсиалистӣ низ шумораи лозимии овозҳоро соҳиб гардида, ба парлумон роҳ ёфтанд ва оппозитсияи парлумониро ташкил медиҳанд. Ҳизбҳои боқимонда бинобар сабаби нокифоягии овозҳои лозима аз парлумон берун монда, оппозитсияи ғайрипарлумониро ташкил медиҳанд.

Ҳамчунин, 22-юми майи соли 2016 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон раъйпурсии умумихалқӣ оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Конститутсияи мамлакат баргузор гардид, ки аксари раъйдиҳандагон онро ҷонибдорӣ намуданд. Тибқи тағйироту иловаҳои воридгардида минбаъд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсиси ҳизбҳои дорои характери миллӣ ва динӣ дошта иҷозат дода намешавад.

Тибқи нишондоди моддаи 23 Қонуни Конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар доираи назораи умумӣ ваколатдор аст назорат ба иҷрои қонунҳо аз ҷониби вазоратҳо, кумитаҳои давлатӣ, идораҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомоти намояндагӣ ва иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, мақомоти идораи ҳарбӣ, мақомоти назорат, бонкҳо, корхонаҳо, муассисаҳо, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва динӣ, ҳизбҳои сиёсӣ ва иттиҳодияҳои дигар, сарфи назар аз тобеият, мансубият ва шаклҳои моликияти онҳо, аз тарафи шахсони мансабдори онҳо, инчунин ба қонунҳо мутобиқат намудани санадҳои ҳуқуқие, ки онҳо мебароранд ба амал барорад.

Пас маълум мегардад, ки фаъолияти ҳизбҳои сиёсӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ дар каламрави кишвар аз тарафи мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон назорат бурда мешавад. Илова бар ин, назорат ба риояи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд, ки арзиши олӣ эътироф гардидаанд, аз ҷониби ҳамаи сохторҳо ва шахсони мансабдори мақомоти давлатӣ, ҷамъиятӣ ва ҳизбу ҳаракатҳои мавҷуда назорат баранд. Назорати қонунӣ будани қарорҳои қабулкардаи мақомоте, ки ба баррасӣ намудани парвандаҳо оид ба ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ, парвандаҳо, маводҳо оид ба баҳсҳои иқтисодӣ барои баррасӣ дар судҳои иқтисодӣ, ба истисноӣ қарорҳои суд ваколат доранд.

**АДАБИЁТ**

1. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 ноябри соли 1994 дар раъйпурсии умумихалқӣ қабул карда шуд. 26 сентябри соли 1999, 22 июни соли 2003 ва 22 майи соли 2016 бо тариқи раъйпурсии умумихалқӣ ба он тағйиру иловаҳо ворид карда шудаанд. – www.mmk.tj (давраи муроҷиат: 14 феврали соли 2021)
2. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» аз 26 январи соли 2021 – Сомонаи расмии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикиистон www.president.tj (давраи муроҷиат: 03 феврали соли 2021).
3. Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷаноби Олӣ, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар мулоқот бо кормандони мақомоти прокуратура ба муносибати 26 - солагии мақомоти прокуратураи Тоҷикистони соҳибистиқлол. Душанбе, 13 марти соли 2018. – Сомонаи расмии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. www. President.tj. (давраи муроҷиат: 24 феврали соли 2021).
4. Қонуни Конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон» //Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2005, №7, мод. 398; с. 2006, №3, мод. 141; с. 2007, №5, мод. 350, №7, мод. 652; с. 2008, №12, қ. 1, мод. 981; с. 2009, № 5, мод. 314; с. 2011, №3, мод. 150, №6, мод. 428; с. 2012, №8, мод. 810; с. 2013, №7, мод. 497, мод. 498, №12, мод. 876; с. 2014, №3, мод. 139, №12, мод. 820; с. 2016, №3, мод. 125; Қонуни конститутсионии ҶТ аз 30.05.2017 с., №1410; 20.06.2019с., №1607; 17.12.2020., №1725.
5. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ҳизбҳои сиёсӣ” // Ахбори маҷлиси олии ҷумҳурии тоҷикистон, с. 1998, №22, мод. 300; Қонуни ҶТ аз 8.08. 2015 с., № 1209; аз 19.07.2019 с., №1643.
6. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи озодии виҷдон ва иттиҳодияҳои динӣ” //Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2009, №3, мод. 82; с. 2011, №6, мод. 450; Қонуни ҶТ аз 02.01.2018 с., №1497.
7. Искандаров З.Х. Прокуратура и государственная защита прав и свобод человека и гражданина в уголовном процессе // Государство и право. – Душанбе: 2005. № 3. – С.45 – 55.
8. Ҳисоботи Прокурори Генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи назорати риояи дақиқ ва иҷрои якхелаи қонунҳо дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2018 // Садои мардум №17-18 (3654-3655) 18.02.2019.
9. Рахмон Ю.А. Назорати прокурорӣ. Китоби дарсӣ / Ю.А. Раҳмон. – Душанбе: Ирфон, 2019.

## МУНОСИБАТИ МУТАҚОБИЛАИ МАҚОМОТИ ПРОКУРАТУРА БО ИНСТИТУТҲОИ ҶОМЕАИ ШАҲРВАНДӢ ОИД БА МУСТАҲКАМ НАМУДАНИ ТАРТИБОТИ ҲУҚУҚӢ

Дар мақолаи мазкур назорати умумии прокурорӣ ва муносибати мутақобилаи мақомоти прокуратура оид ба масъалаи ташаккул ва инкишофдиҳии ҷомеаи шаҳрвандӣ, аз ҷумла институтҳои ҷудогонаи он ҳизбҳои сиёсӣ ва иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст.

**КАЛИДВОЖАҲО:** назорати умумии прокурорӣ, иҷрои якхелаи қонунҳо, ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, таъмини қонуният, иттиҳодияҳои ҷамъитӣ, ҳизбҳои сиёсӣ, сохторҳои ғайридавлатӣ.

## ВЗАИМООТНОШЕНИЯ ПРОКУРАТУРЫ И ИНСТИТУТОВ ГРАЖДАНСКОГО ОБЩЕСТВА ПО УКРЕПЛЕНИЮ ПРАВОПОРЯДКА

В статье рассматривается генеральный прокурорский контроль и взаимоотношения органов прокуратуры по вопросу формирования и развития гражданского общества, в том числе отдельных институтов политических партий и общественных объединений.

**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА:** генеральный прокурорский надзор, единообразное исполнение законов, защита прав и свобод человека и гражданина, обеспечение законности, общественные объединения, политические партии, общественные организации.

## MUTUAL RELATIONSHIP BETWEEN THE PROSECUTOR'S OFFICE AND CIVIL SOCIETY INSTITUTIONS ON THE STRENGTHENING OF THE LEGAL ORDER

In this article, the general prosecutor's control and the mutual relationship of the prosecutor's office on the issue of formation and development of the civil society, including the separate institutes of political parties and public associations are discussed.

**KEYWORDS:** general prosecutorial supervision, uniform implementation of laws, protection of rights and freedoms of man and citizen, ensuring legality, public associations, political parties, non-governmental organizations.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Кӯҷмуродова Наргис Ҳикматуллоевна*** **–** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, магистранти курси дуюми факултети ҳуқуқшиносӣ. **Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **(992) 926360411.**

**Сведения об авторе:** ***Куджмуродова Наргис Хикматуллоевна*** **–** Таджикский национальный университет, магистрант второго курса юридического факультета. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: **(992) 926360411.**

**Information about the author:** ***Kujmurodova Nargis Khikmatulloevna*** **–** Tajik National University, second-year master`s student of Faculty of Law. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. Phone: **(992) 926360411.**

# ТАВСИФИ УМУМИИ ШАРИКӢ ДАР ҶИНОЯТ

*Худойдодов Н.*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Татбиқи иқдомҳои пайгиронаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҷиҳати амалисозии ислоҳот дар низоми ҳуқуқӣ, бахусус дар самти мубориза бар зидди ҷинояткорӣ то ин вақт самараи хуб дода, барои таъмини рушди устувори иҷтимоӣ дар кишвар фазои мусоид фароҳам овард. Шуруъ аз солҳои аввали Истиқлолияти давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади амалисозии ислоҳот як силсила қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии муайянкунанда ва танзимкунандаи муносибатҳои ҷамъиятӣ қабул карда шуданд.

Ислоҳоти солҳои охири кишвар, аз он ҷумла ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ яке аз шохаҳои муҳимми қонунгузорӣ, яъне қонунгузории ҷиноятиро дар канор нагузошт. Сабаби асосии тағйиротҳо дар қонгузории амалкунандаи ҷиноятӣ воридгардида, пеш аз ҳама, ин навсозии мазмун ва моҳияти муносибатҳои ҷамъиятии таҳти ҳимояи қонунгузории ҷиноятӣ қарордошта ва мукаммалгардонии ҳимояи қонунии онҳо мебошад.

Афзалият додан ва диққати махсуси давлат ба арзишҳои иҷтимоӣ талаб менамоянд, ки ҳифзи қонунии мутобиқ ба муқобили рафторҳои зиддиҷтимоӣ ба роҳ монда шавад. Дар ин самт пеш аз ҳама ҳифзи арзишҳои бо қонуни ҷиноятӣ муайянгардида ва мубориза бар зидди ҷинояткорӣ ҷойи намоёнро ишғол менамояд.

Дар марҳилаи муосири рушди ҷомеаи Тоҷикистон ҷазои ҷиноятӣ, ҳамчун чораи маҷбуркунии давлатӣ, воситаи асосии мубориза бар зидди ҷинояткорӣ боқӣ монда, таъминкунандаи вазифаҳои қонуни ҷиноятӣ ба шумор меравад.

Дар ин раванд, дар заминаи ақидаҳои илман асоснок ва меъёрҳои мукаммали ҳуқуқии ҷиноятӣ ҳал намудани праблемаҳои ҷавобгарии ҷиноятӣ ва таъини ҷазои ҷиноятӣ барои шарикони ҷиноят муҳим арзёбӣ мегардад. Зеро, дар сохтори ҷиноятҳои гурӯҳӣ пайваста тағйиротҳои сифатӣ ба назар расида, он ба иттиҳодшавӣ, муттаҳидшавии элементҳои криминалистӣ оварда расонида, боиси васеъшавии восита ва методҳои фаъолияти ҷинояткоронаи иштирокчиёни ҷиноятҳои гурӯҳӣ гаридидааст.

Аз ин лиҳоз, масъалаи таъини ҷазо барои шарикӣ дар ҷиноят, танзими ҳамаҷонибаи ҳуқуқӣ ва илман асоснокро танҳо ба хотири ҷазои сазовор гирифтани шарикони ҷиноят, таъмин намудани принсипи ҷавобгарии фардӣ ва гунаҳкории шарикони ҷиноят, тақозо менамояд.

Ҳамчунин, чораҳои қонуни ҷиноятӣ танҳо дар доира ва ба хотири расидан ба мақсади ҷазои ҷиноятӣ нисбат ба шарикони ҷиноятӣ ва мақсадҳои дар назди ҷазо гузошташуда мебошад, ки ин моҳияти яке аз самтҳои асосии сиёсати ҳуқуқи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шумор меравад, ки он ба равияҳои замонавии инкишофи ҷомеа асос ёфта, дар натиҷаи таҷриба ва асосноккунии илмӣ, инчунин тасаввуроти фундаменталии дурнамои наздик ва дарозмуддати давлат ва ҷомеа дар самти мазкур зарур мебошад.

Вобаста ба ин, тағйиротҳои дар оламӣ ҷиноятӣ бавуҷудомада, дар содиркунии баъзе намуди ҷиноятҳо, аз қабили терроризм, экстримизм, гардиши ғайриқонунии маводҳои мухаддир, тамаъҷӯйӣ, ҷиноятҳои иқисодӣ ва ғайра, ки дар аксар ҳолатҳо дар шарикӣ содир гардида, онҳо ҳатто ба фаъолияти ҷиноятӣ мубадал гардидаанд, ба қадри зарурӣ аҳаммияти иҷтимоии мавзуи таҳқиқоти диссертатсиониро афзун менамояд.

Масоили шарикӣ дар ҷиноят қатъи назар аз таърихи ташаккули он то айни замон ба ҳайси яке аз институти мураккаб ва баҳсталаби илми ҳуқуқи ҷиноятӣ боқӣ монда, баъзе паҳлуҳои он то ба имрӯз байни олимон мавриди муҳокимаи ҷиддӣ қарор доранд. Ҷиноятҳои дар шарикӣ содиршуда, на ҳама вақт дар як шакли мушаххас содир мегарданд. Бинобар ин, масоили муайянкунӣ, критерияи тафриқаандозии онҳо аз рӯйи нишонаҳои объективӣ ва субективӣ дар татбиқи меъёрҳои қонунгузории ҷиноятӣ баъзе мушкилот ба бор меоварад.

Аз ин лиҳоз, ба муҳиммияти иҷтимоии он нигоҳ накарда, зарурияти ташаккули роҳҳои илман асоснokкардашудаи тафриқаандозии ҷавобгарии ҷиноятӣ ва фардикунонии таъини ҷазои шарикони ҷиноят аз рӯйи қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз манфиат холӣ намебошад.

Бояд ба назар гирифт, ки содир намудани ҷиноят дар шарикӣ аз ба ҷамъият хавфнокии баланди кирдори ҷиноятӣ ва шахсияти гунаҳкорон шаҳодат медиҳад. Дақиқан риоя кардани қонунгузории ҷиноятӣ вобаста ба таъин намудани ҷазо барои шарикӣ дар ҷиноят яке аз шартҳои муҳимми муайян кардани ҷазои қонунӣ, асоснок ва одилона мебошад.

Шарикӣ дар ҷиноят ду гурӯх аломатҳоро доро аст: аломатҳои объективӣ ва аломатҳои субъективӣ.

Ба аломатҳои объективии шарикӣ дар ҷиноят дохил мешаванд:

а) иштироки ду ва зиёда ашхос дар содиркунии ҷиноят;

б) иштироки якҷоя дар содиркунии ҷиноят;

Ба аломатҳои субъективии шарикӣ дар ҷиноят дохил мешаванд:

а) иштироки якҷояи қасдона дар содир кардани ҷиноят;

б) иштироки якҷоя дар содир намудаи ҷинояти қасдона;

Иҷрокунанда шахсе эътироф мешавад, ки бевосита ҷиноятро содир намудааст ё якҷоя бо шахси дигар (ҳамиҷрокунанда) бевосита дар содир намудани он иштарок кардааст, инчунин, шахсе, ки бо роҳи истифодаи ашхоси дигаре, ки мувофиқи қонун ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида намешавад, ҷиноят содир кардааст.

Ташкилкунанда шахсе эътироф мешавад, ки ҷиноятро ташкил ё ба иҷрои он роҳбарӣ карда бошад, инчунин, шахсе, ки гурӯҳи муташаккил ё иттиҳоди ҷиноятиро (ташкилоти ҷиноятиро) таъсис дода ё ба он роҳбарӣ кардааст.

Таҳриккунанда шахсе эътироф мешавад, ки шахси дигарро бо роҳи багапдарорӣ, порадиҳӣ (харидан), таҳдид ё ба тариқи дигар ба содир кардани ҷиноят моил кардааст.

Ёрдамчӣ шахсе эътироф мешавад, ки бо маслиҳату дастур, додани маълумот, восита ё олоти содир кардани ҷиноят ё рафъи монеаҳо ба содир намудани ҷиноят мусоидат кардааст, инчунин шахсе, ки пинҳон кардани ҷинояткор, восита ё олоти содир кардани ҷиноят, осори ҷиноят ё ашёи бо роҳи ҷиноят бадастомадаро пешакӣ ваъда додааст, ҳамчунин шахсе, ки дар хусуси соҳиб шудан ё ба соҳибияти каси дигар додани чунин ашёро чунин пешакӣ ваъда додааст.

Дар КҶ махсусан қайд шудааст, ки шарикӣ танҳо дар содир намудани ҷиноятҳои қасдона ҷой дошта метавонад. Ин чунин маъно дорад, ки шарикӣ ҷой надорад дар ҳолатҳое, ки агар кирдори қасдонаи як шахс барои аз ҷониби шахси дигар содир намудани ҷинояти беэҳтиётӣ мусоидат карда бошад. Мисол, шахс яроқи бо тир пурбудаоро ба шахси дигар ҳамчун яроқи бетирбуда (холостой) пешниҳод намуда, хоҳиш мекунад, ки ба тарафи ягон шахс бо мақсади тарсонидан онро холӣ намояд. Дар сурати амалӣ гардидани чунин кирдор ва ба вуқуъ омадани марги ҷабрдида, шахси якум барои одамкушӣ ба ҷавобгарӣ кашида мешавад (ҳамчун иҷрокунандаи бавосита), шахси дуюм бошад, вобаста аз ҳолати кор, барои беэҳтиётӣ расонидани зарар ба ҷавобгарӣ кашида мешавад ва ё бо сабаби ҷой доштани тасодуф (м.31 КҶ) умуман ба ҷавобгарӣ кашида намешавад.

Дар ин қисмати модда Кодекси ҷиноятӣ намудҳои (ҳайати) пурраи шариконро дар ҷиноят муқаррар кардааст: ташкилкунанда, таҳриккунанда, ёрдамчӣ ва иҷрокунанда. Дар қисмати мазкури КҶ ҶТ тарафи объективии иҷрокунанда ҳамчун иштирокчии фаъоли шарикӣ дар ҷиноят муқаррар шудааст: а) иҷрокунанда нафаре шуда метавонад, ки бевосита ҷинояти ба нақша гирифташудаоро худаш иҷро кардааст; б) иҷрокунанда нафаре шуда метавонад, ки якҷоя бо дигарон ҷиноятро содир кардаат, ки дар ин сурат, чун ҳамиҷрокунанда баромад менамояд; в) иҷрокунанда нафаре шуда метавонад, ки ашхоси дигарро, ки субъекти ҷиноят намебошанд (ноболиғ, дорои касалии руҳӣ), дар содиркунии ҷиноят истифода бурдааст. Дар ҳолати охирон, чи хеле ки дида мешавад, шахс бевосита иҷрокунандаи ҷиноят нест ва нафароне истифода мешаванд, ки онҳоро ба ҷавобгарии ҷиноятӣ низ кашидан мумкин нест. Бинобар ин, қонунгузор ҷалбкунандаи онҳоро чун иҷрокунандаи бавосита эътироф менамояд ва ҷавобгариро дар ин намуд пешбинӣ менамояд, чунки онҳо дар дасти иҷрокунанда ҳамчун олоти ҷиноят баромад мекунанд. Дар чунин маврид, агар ба ғайри онҳо дигар иштирокчиён мавҷуд набошанд, бандубасти ҷиноят чун шарикӣ мумкин нест.

Қасди якҷоя дар натиҷаи маслиҳати шифоҳӣ (даҳонӣ) ё хаттӣ ва ҳатто бо роҳи ҳаракатҳои конклюдентӣ (ишоравӣ) ба миён меояд. Барои шарикӣ шарт нест, ки ҳамаи шахсони дар ҷиноят иштироккунанда, маслиҳати пешакӣ дошта бошанд. Мисол,

иҷрокунанда бояд донад, ки ба ӯ ақалан як нафар шахс ёрдам дода истодааст. Вале ҳар як дигар шарики ҷиноят бояд дар бораи мақсади ҷинояткоронаи иҷрокунанда маълумот дошта бошад ва бошуурона ба ӯ дар содир кардани ҷиноят кумак мерасонад.

Ташкилкунанда тибқи моддаи мазкур дар чор шакл, вобаста ба тарафи объективии кирдораш баромад менамояд: а) шахсе, ки содиршавии ҷиноятро ташкил кардааст, ба нақша гирифтааст ва нақшаҳоро (ролҳоро) байни шарикон тақсим кардааст; б) шахсе, ки содиршавии ҷиноятро роҳбарӣ кардааст, яъне, раванди содиршавии ҷиноятро дар ҳолатҳои зарурӣ, тағйири нақшаҳо, тақсими вазифаҳоро ҳангоми содиршавии ҷиноят ба уҳда дошт; в) шахсе, ки гурӯҳи муташаккил ё иттиҳоди ҷиноятӣ (ташкилотӣ ҷиноятӣ) таъсис додааст; г) шахсе, ки ба гурӯҳи муташаккил ва ё иттиҳоди ҷиноятӣ (ташкилотӣ - ҷиноятӣ) роҳбарӣ кардааст. Мумкин аст, ки онро дигаре таъсис додаст, вале айни ҳол ӯ роҳбарӣ намудааст.

Ташкилкунанда, таҳриккунанда ва ёрдамчӣ дар баробари иҷрокунанда шарикони ҷиноят эътироф мешаванд.

Ҳамчунин, шарикӣ ҷой надорад дар акси ҳол, яъне, агар кирдори беэҳтиётонаи як шахс барои аз ҷониби шахси дигар содир намудани ҷинояти қасдона мусоидат кунад.

Ба мафҳуми шарикӣ дар ҷиноят дар КҶ моддаи мустақил бахшида шудааст. Бо ин роҳ қонунгузор аҳаммияти батанзимдарории ҳуқуқии институти мазкурро дар мубориза бар зидди ҷинояткорӣ қайд мекунанд. Аз таърифи мафҳуми шарики ҷиноят, ки м.35 КҶ дода шудааст, аломатҳои зерини объективӣ ва субобъективии онро ҷудо кардан мумкин аст.

Ёрдамчӣ, вобаста ба мазмунаш ва тарзи расонидани кумак ба иҷрокунанда ду намуд мешавад: ёрдамчии ҷисмонӣ ва ёрдачии ақлонӣ (зеёнӣ). Дар ёрдамчии ҷисмонӣ ёрӣ тавассути васоити моддӣ ва кумакҳои воқеии оқибати ҷисмонидошта расонида мешавад. Мисол, ёрдамчӣ барои иҷрокунанда воситаи ҷиноят ва ё олоти ҷиноятро муҳайё менамояд ё монеаҳои ҷиноятро бартараф месозад. Дар ёрдамчии ақлонӣ (зеҳнӣ) бошад, ёрӣ дар шакли маслиҳатдиҳӣ, маълумотдиҳӣ, ваъдадиҳӣ оид ба пинҳон кардани ҷинояткор, воситаи ҷиноят, оқибатҳои ҷиноят ва ғайра ифода мегардад, ки ба содиркунии ҷиноят мусоидат мекунад. Бояд дарк кард, ки маслиҳати ёрдамчӣ аз маслиҳатҳои таҳриккунанда фарқ мекунад. Агар маслиҳати таҳриккунанда барои ҷалби субъект ба содиркунии ҷиноят равона шуда бошад ва ё мусоидат кунад, маслиҳати ёрдамчӣ ба шахсе нигаронида шудааст, ки вай аллакай мехоҳад ҷиноят содир кунад ва мақсади ёрдамчӣ кумак намудан ба он, ки ҷиноят осон ва бедушворӣ содир шавад. Дар фаъолияти ёрдамчӣ ваъдае, ки пешакӣ дода шудааст, он нақши муҳим бозӣ мекунад, на иҷроиши он. Иҷро шудан ва ё нашудани ваъда ба бандубасти ҷиноят таъсир намерасонад. Вале мумкин аст, ки ҳангоми таъини ҷазо ба инобат гирифта шавад.

Тарафи объективӣ дар шакли ҳаракати фаъол баромад менамояд. Тарафи субъективӣ – қасди бевосита, субъект шахси ҷисмонии мукаллафи ба синну соли муайян расида мебошад.

Тарафи объективии таҳриккунанда ин ҳаракатест, ки шахси дигарро ба содиркунии ҷиноят моил менамояд. Мақсади ин ҳаракат содир намудани ҷиноят аз ҷониби шахси иҷрокунанда мебошад. Ҳаракати таҳриккунанда дар багапдарорӣ, яъне, дили шахсро пур карда, зарурати содир намудани ҷиноятро чун амали ногузир дар психикаи ӯ ҷой кардан, ришва дода, ӯро ба содиркунии ҷноят моил намудан ва ё бо воситаи таҳдид иҷрокунандаро ба содиркунии ҷиноят ҳидоят намудан ифода мегардад. Аммо бояд қайд намуд, ки чунин амалиёти таҳдидкунанда маҳдуд нест, мумкин аст, ки ӯ боз аз дигар воситаҳои далолаткунӣ истифода намояд, ки ба инобат гирифтани онҳо шарт аст.

Тарафи субъективии таҳриккунанда дар қасди бевосита ифода мегардад. Ангезаи таҳриккунанда ҳангоми ба ҷавобгарӣ кашидани ӯ ба инобат гирифта намешавад.

Аз мазмуни қисми 5 моддаи мазкур бармеояд, ки ҳаракати ёрдамчӣ ба се гурӯҳи асосии ҳаракатҳо равона шудааст: а) шахсе, ки маслиҳат медиҳад, дастур медиҳад, маълумот пешниҳод менамояд, восита ё олоти ҷиноят муҳайё менамояд ва барои бартараф кардани монеъаҳо кӯшиш намуда, ба содиркунии ҷиноят мусоидат мекунад; б) шахсе, ки фаъолияти пинҳон намудани ҷинояткор, восита ва олоти ҷиноят, осори ҷиноят ва ё ашёи бо роҳи ҷиноят бадастомадаро пешакӣ ваъда медиҳад; в) шахсе, ки ваъда додаст то ашёи бо роҳи ҷиноят бадастомадаро дар ихтиёраш нигоҳ дорад ва ё ба ихтиёри шахси дигар супорад. Аломатҳои тарафи объективии ёрдамчӣ дар қонун пурра нишон дода шудааст.

Ҳаракати таҳдидкунанда одатан тарафи объективии ҷиноятро ташкил намедиҳад, зеро агар он тарафи объективии ҷиноятро ташкил кунад, он гоҳ ӯ иҷрокунанда мешавад. Бинобар ин, ҳаракатҳои таҳриккунанда танҳо бо ҷалб (моил) намудани одамон ба содир намудани ҷиноят маҳдуд мегардад, ки бо роҳҳои гуногун амалӣ мегардад, мисол, бо роҳҳои таърифкунӣ, маҷбуркунӣ, ҳавасмандгардонӣ, ришвадиҳӣ, ваъдадиҳӣ ва ғайра. Дар ҳолатҳои ҷудогона ҳаракатҳои таҳриккунанда бинобар ба ҷамъият хавфнокии кирдораш чун таркиби ҷинояти ҷудогонаи хотимаёфта эътироф мешавад (мисол, м.м. 165, 166, 189, 369 КҶ).

Тарафи объективии кирдори ёрдамчӣ дар шакли ҳаракат ва ё беҳаракатӣ ифода мегардад. Тарафи субъективӣ – қасд мебошад. Субъект – шахси воқеии мукаллаф ва ба синну соли муайянрасида баромад мекунад.

## АДАБИЁТ


1. Тафсир ба Кодекси Ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе, Глобус. 2006. С.84
2. Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2028 аз 6 феврали соли 2018, таҳти №1005 // Маҳзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ВА ҶТ «Адлия». [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.adlia.tj/index_tj.fwx (санаи муроҷиат: 28.01.22).
3. Благов Е.В., Шаилов Р.Х. Особенности назначения наказания соучастникам преступления / Е.В. Благов, Р.Х. Шаилов. - Ярославль, 1993.
4. Бурчак Ф.Г. Соучастие в преступление: социальные, криминалогочеcкие и правовые проблемы / Ф.Г. Бурчак. - Киев, 1986.
5. Курс уголовного права. Том 1, 2. Общая часть. Под ред. Н.Ф. Кузнецовой и И.М. Тяжковой М., 2002.С.115
6. Тағозода А.С. Масоили таъини ҷазо барои содир намудани ҷиноят дар шарикӣ мутобиқи қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Дисертатсияи номзадӣ. Душанбе 2022.
7. Уголовное право России. Общая часть. Под ред. В.Н. Кудрявцева и А.В. Наумова. М., 1998.


## ТАВСИФИ УМУМИИ ШАРИКӢ ДАР ҶИНОЯТ


Мақолаи мазкур ба баъзе масоили табиати ҳуқуқии шарикӣ дар ҷиноят бахшида шудааст. Ҳангоми омӯхтани масоили мазкур адабиётҳои илмӣ, корҳои олимони муосир ва қонунгузории амалкунандаи ҷиноятӣ таҳлил ва омӯхта шудаанд. Масъалаҳои муайян кардани табиати ҳуқуқии шарикӣ дар ҷиноят мушкилоти зиёдро ба миён меорад, ки ба таври муфассал таҳлил гардидаанд.



**КАЛИДВОЖАҲО:** қонуни ҷиноятӣ, ҷиноят, шарикӣ дар ҷиноят, гурӯҳи ашхос, гурӯҳи муташакил, иттиҳоди ҷиноятӣ.


## ОБЩЕЕ ОПИСАНИЕ СОУЧАСТИЯ В ПРЕСТУПЛЕНИЯХ


В данной статье рассматриваются некоторые вопросы правовой природы соучастника преступления. При изучении этих вопросов были проанализированы и изучены научная литература, работы современных ученых и действующее уголовное законодательство. Вопросы определения правовой природы соучастника преступления вызывают множество проблем, которые подробно анализируются.



**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА:** уголовное закон, уголовное право, преступление, соучастник преступления, группа лиц, организованная группа, преступное сообщество.


## GENERAL DESCRIPTION OF COMPLICITY IN CRIMES


This article discusses some issues of the legal nature of an accomplice in a crime. When studying these issues, the scientific literature, the works of modern scientists and the current criminal legislation were analyzed and studied. The issues of determining the legal nature of an accomplice in a crime cause many problems, which are analyzed in detail.



**KEYWORDS:** criminal law, criminal law, crime, accomplice in crime, group of persons, organized group, criminal community.



**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Худойдодов Назришо*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, магистранти курси дуюми факултети ҳуқуқшиносӣ. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ,17. Телефон: **005-05-04-64**

**Сведения об авторе:** ***Худойдодов Назришо*** – Таджикский национальный университет, магистрант второго курса юридического факультета. **Адрес**: 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 17. Телефон: **005-05-04-64**

**Information about the author:** ***Khudoydodov Nazrisho*** – Tajik National University, second-year master`s student of the Faculty of Law. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. Phone: **005-05-04-64**

## ПАЙДОИШ ВА ИНКИШОФИ ҲЕДҲАНТИНГ (ШИРКАТИ ҲУҚУҚИИ ХИЗМАТРАСОНИИ ҲУҚУҚӢ)

***Абдуллоева Ф.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Ҳедҳантинг (Ширкати ҳуқуқии хизматрасонии ҳуқуқӣ) (аз калимаи англисии “ҳедҳантинг” (Ширкати ҳуқуқии, хизматрасонии ҳуқуқӣ) аз “head” ва "cap" + hunting "шикор" мебошад) яке аз самтҳои ҷустуҷӯ ва ҷалби кадрҳои асосӣ ва нодир ҳам аз рӯйи ихтисос ва ҳам аз нигоҳи сатҳи касбии мутахассисон мебошад. Ба онҳо дохил мешаванд сармуҳосибон, ҳуқуқшиносон, роҳбарони корхонаҳо ва мутахассисон ва аксар вақт объекти таваҷҷуҳи сарпарастон мешаванд.

Истилоҳи Ҳедҳантинг (Ширкати ҳуқуқии хизматрасонии ҳуқуқӣ ) аксар вақт ҳамчун синоними ибораи дигар ва дақиқтараш – “ҷустуҷӯйи иҷроия” фаҳмида мешавад. Танҳо Ҳедҳантинг як ибораи журналистӣ мебошад, ки дар ҳаёти ҳаррӯзаи Ғарб устуворона ҷойгир шудааст ва дар Русия он маҳз дар шакли ҷустуҷӯйи иҷроия истифода мешавад. Ҳедҳантинг ширкатест, ки дар он ба шахси мушаххас фармон дода мешавад, ки аз як ширкати мушаххас интихоб шавад, мушкилот дар он аст, ки агар шахс ба вазифа мувофиқат накунад ё намехоҳад ба кори дигар гузарад.

Муҳимияти ин равишро натиҷаҳои тадқиқоте, ки аз ҷониби Ассотсиатсияи менеҷерони Русия ва ширкати байналмилалии консалтингии Ernst Young гузаронида шудааст, тасдиқ мекунанд, ки дар он 350 нафар роҳбарони ширкатҳои ҳамаи соҳаҳои асосӣ ва минтақаҳои Россия иштирок доштанд. Таҳлили натиҷаҳои бадастомада нишон медиҳад, ки барои менеҷерони топ-менеҷерҳои Русия вазифаи аввалиндараҷаи сиёсати кадрӣ ҷалби менеҷерони баландихтисос ва мутахассисони маҳдуд мебошад. Дар Русия, аввалан, мутахассисони пурқуввати сатҳи боло талабот доранд, ки дорои потенсиали ғании синтезӣ мебошанд - на танҳо омодагии амиқи касбӣ, балки таҷрибаи васеи амалии идоракунӣ (барномасозӣ ва идоракунӣ, тавсиф ва татбиқи лоиҳа ва ғайра); дуюм, ширкатҳо махсусан ба мутахассисони сатҳи миёна, ки донишу малакаи касбии кам доранд, эҳтиёҷ доранд.

Саноати мустақими ҷустуҷӯ ва интихоб вақте ба вуҷуд омад, ки ширкатҳои консалтингии ИМА ба монанди McKinsey Company, Booz Allen Hamilton бояд одамонеро пайдо кунанд, ки стратегияҳои пешниҳодшудаи худро барои ҳалли мушкилоти ширкати муштариён иҷро кунанд.

Аввалин ширкатҳо дар ин соҳа аз ҷониби хатмкардагони McKinsey Company ва Booz Allen Hamilton таъсис дода шуданд, ки тавонистанд стандартҳои сифат ва этикаи машваратиро ба ҷустуҷӯ ва интихоби бевоситаи кадрҳои роҳбарикунанда интиқол диҳанд. Гарчанде ки чанде аз ширкатҳое, ки дар солҳои 1940 ва 1960 таъсис ёфта буданд, то асри оянда зинда монданд, панҷ пешвои соҳа дар ин давра таъсис дода шуданд.

Сидней Бойден, ки шуъбаи ҷустуҷӯйи иҷроия дар Буз Аллен Ҳэмилтонро идора мекард, аввалин дафтари Бойденро дар Ню Йорк дар соли 1946 кушод ва бори аввал ҷустуҷӯ ва интихоби мустақимро аз машварати идоракунӣ ҷудо кард. **Ҳендрик стригглес** соли 1953 аз ҷониби Гарднер Ҳендрик ва Ҷон Струглес, инчунин собиқадорони Буз Аллен Ҳэмилтон таъсис дода шудааст. Дар баҳори соли 1955 онҳо мушовир Спенсер Стюартро барои ҳамроҳ шудан ба дастаи худ киро карданд, ки пас аз як сол ширкати худро тарк карда, дар Чикаго ширкати худ Спенсер Стюартро кушоданд.

Дар соли 1969 Лестер Корн ва Рикард Ферри дар Лос-Анҷелес **Корн феррай -** ро таъсис доданд. **Русел Рейнолдс Асокиатес**, ки соли 1969 аз ҷониби Рассел Рейнолдс, бонкдор, ки аз ҶП Морган аст, таъсис ёфтааст. Бисёре аз ширкатҳои хурдтар, ба монанди Батталия Уинстон, ҳоло ҳам хеле қавӣ ҳастанд. Муассисони ин аввалин ширкатҳо принсипҳо ва стандартҳои соҳаро ба таври қатъӣ ташаккул доданд ва бо ин ё он роҳ ба ташаккули симои мушовири касбии идоракунӣ мусоидат карданд.

Аз аввал ширкатҳои ҷустуҷӯйии мустақим ноаён монданд ва таваҷҷуҳи на ҳамаро ба худ ҷалб мекарданд. Танҳо дар охири солҳои 1980 ва аввали солҳои 1990-ум рӯзноманигорон бештар ба ин соҳа пайравӣ карданд ва мушовирон дар ҳарду тарафи

Атлантика тавассуҳи тамоми ҷаҳонро ба худ ҷалб карданд. Маҳз ҳамон вақт рӯзноманигорон калимаи тезу тунд ва мафҳуми " Ҳедҳантинг"-ро пайдо карданд, ки то ҳол барои иваз кардани он мафҳуми ҷустуҷӯйи иҷроия истифода мешавад, ки талаффуз ва фаҳмидан душвортар аст .

**Таърихи пайдоиш.** Бори аввал Ҳедҳантинг дар ибтидои солҳои бистуми асри гузашта дар Иёлоти Муттаҳида истифода мешуданд. Маҳз дар ҳамин давра директорони ширкатҳо бо кумаки агентиҳои махсус барои ин кор ҷалбшуда барои худ коргаронро ҷустуҷӯ карданд. Дар солҳои 40-ум хизмати бо кор таъминкунӣ пайдо шуд. Инҳо муассисаҳое буданд, ки бори аввал дар таърих барои чунин коргароне, ки дар хидмати ҳарбӣ буда наметавонанд, ба эълони ҷойҳои холӣ шуруъ карданд. Албатта, чунин ҷойҳо барои мардон пешбинӣ шуда буданд, вале дар аксар маврид занҳо довталаб буданд. Дар нимаи солҳои 40-уми асри гузашта худи мафҳуми «шикори сар» дар Иёлоти Муттаҳида пайдо шуд. Технологияи Ҳедҳантинг дар солҳои 70-уми асри 20 ба тиҷорати хеле даромаднок табдил ёфт. Имрӯз ин гуна муассисаҳо барои хизматрасонӣ ба андозаи 30-40 фоизи маблағи маоши солонаи мутахассиси интихобкардаи онҳо музд мегиранд. Зиёда аз ин, талабот ба чунин ташкилотҳое, ки ба ҳалли проблемаҳои кадрҳо ёрӣ мерасонанд, мунтазам меафзояд. Масалан, дар ИМА зиёда аз 3500 нафар ва дар Канада зиёда аз 1350 нафар ҳастанд. Дар Русия танҳо дар авалли солҳои 90-ум бо ин масъалаҳо сару кор гирифта буд. Дар мамлакатҳо бо омадани чунин фирмаҳои хориҷӣ, монанди Николсон, Эгон Зендер, Морган Хант ва ғайра фаъолона истифода мешуд. Чанде баъд агентиҳои Русия пайдо шуданд, ки имрӯз шумораи онҳо аз панҷоҳ зиёд аст ва аксари онҳо дар Маскав ҷамъ шудаанд. Имрӯз, Ҳедҳантинг як усули ҷалбкунӣ мебошад, ки яке аз самараноктарин ва ояндадор аст, ҳарчанд он қадар маъмул нест. Воқеан, дар минтақаҳои дурдаст аз пойтахт то ҳол истифодаи он хеле маҳдуд аст.

Ҳедҳантинг як мушовирест, ки аз ҷониби ширкатҳо барои ҷалби беҳтарин одамони соҳа киро карда мешавад. Лоиҳаҳое, ки дар онҳо сарпарастон кор мекунанд, вобаста ба бозор (Русия, Беларус, ИМА ё ИА), сатҳи мавқеъ дар иерархияи корпоративӣ ва тахассуси корманди дархостшуда ба ширкатҳо 5 - 100 ҳазор доллари ИМА арзиш доранд. Дар Беларус барои лоиҳаҳое, ки аз ҷониби Ҳедҳантинг амалӣ мешаванд, ширкатҳо аз 5000 то 20000 евро пардохт мекунанд, ки 16-20% даромади солонаи топ-менеҷери ҷалбшударо ташкил медиҳад. Дар ИМА зиёда аз 3500 ва дар Канада зиёда аз 1350 чунин агентиҳо мавҷуданд.

**Ҳедҳантинг (Ширкати ҳуқуқии, хизматрасонии ҳуқуқи)** (яке аз абзорҳои ҷалбкунӣ мебошад, ки иртиботи мустақим бо мутахассисони манфиатдор ва "браконьер"-и онҳоро барои ширкати муштарӣ дар назар дорад, яъне баъзе маълумотҳо дар аввал маълуманд, масалан, ширкате, ки мутахассиси манфиатдор дар он кор карда метавонад, вазифае, ки ӯ метавонад ишғол кунад, ном ва ғайра.

### АДАБИЁТ


1. Беленко П. В. «Хедхантинг — принципы и технологии» / П.В. Беленко. - ИД Питер, 2005.
2. Беленко Павел «Поиск, оценка и мотивация топ-персонала. Технологии Executive Search и Headhunting». Москва, из-во КЮГ, 2011.
3. Беленко П. Хедхантер — это сваха для вашей компании //Служба кадров и персонал, 2005, № 9.
4. Баранова Г. В. Рекрутинг — это ежедневный тренинг // Управление персоналом. 2005. № 11. С. 6—15.
5. Батуркина О. Как победить в «битве за головами»? // Кадровый менеджмент. 2005. № 1. С. 12—15.
6. Конституция Российской Федерации (принята всенародным голосованием 12.12.1993) (с учетом поправок, внесенных Законами РФ о поправках к Конституции РФ от 30.12.2008 N 6-ФКЗ, от 30.12.2008 N 7-ФКЗ, от 05.02.2014 N 2-ФКЗ, от 21.07.2014 N 11-ФКЗ) // Собрание законодательства РФ, 04.08.2014, N 31, ст. 4398.


### ПАЙДОИШ ВА ИНКИШОФИ ҲЕДҲАНТИНГ (ШИРКАТИ ҲУҚУҚИИ ХИЗМАТРАСОНИИ ҲУҚУҚӢ)


Муҳиммияти ин равишро натиҷаҳои тадқиқоте, ки аз ҷониби Ассотсиатсияи менеҷерони Русия ва ширкати байналмилалии консалтингии Ernst Young гузаронида шудааст, тасдиқ мекунанд. Таҳлили натиҷаҳои бадастомада нишон медиҳад, ки барои менеҷерони топ-менеҷерҳои Русия вазифаи аввалиндараҷаи сиёсати кадрӣ ҷалби менеҷерони баландихтисос ва мутахассисони маҳдуд мебошад.



**КАЛИДВОЖАҲО:** ширкати ҳуқуқӣ, хизматрасонии ҳуқуқӣ, (ҳелдҳантинг), ширкат, корхона, аутсорсинг, танзимнамой.


### ПРОИСХОЖДЕНИЕ И РАЗВИТИЕ ХЕДХАНТИНГА (ЮРИДИЧЕСКАЯ КОМПАНИЯ)

Важность такого подхода подтверждают результаты исследования, проведенного Ассоциацией менеджеров России и международной консалтинговой фирмой Ernst Young. Анализ полученных результатов показывает, что для топ-менеджеров России первостепенной задачей кадровой политики является привлечение высококвалифицированных управленцев и ограниченных специалистов.
**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА:** юридическая фирма, юридические услуги, (handhunting), компания, предприятие, аутсорсинг, регулирование.

**ORIGIN AND DEVELOPMENT OF HEADHUNTING (LAW COMPANY)**

The importance of this approach is confirmed by the results of a study conducted by the Association of Managers of Russia and the international consulting firm Ernst Young. An analysis of the results obtained shows that for top managers in Russia, the primary task of personnel policy is to attract highly qualified managers and limited specialists.
**KEYWORDS:** law firm, legal services, (handhunting), company, enterprise, outsourcing, regulation.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Абдуллоева Фарангис*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, магистранти курси дуюми факултети ҳуқуқшиносӣ. **Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **559889888.**

**Сведения об авторе**: ***Абдуллоева Фарангис*** – Таджикский национальный университет, магистрант второго курса юридического факультета. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: **559889888.**

**Information about the author:** ***Abdulloeva Farangis*** **–** Tajik National University, second-year master`s student of Faculty of Law. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. Phone: **559889888.**

# ТАНЗИМИ ҲУҚУҚИ РАҚОБАТ ВА ИНҲИСОР ДАР ФАЪОЛИЯТИ СОҲИБКОРӢ

***Бобобеков И.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Фаъолияти инҳисорӣ - дар бозорҳои мол аз мавқеи ҳукмфармоии худ суиистифода кардани субъекти хоҷагидор (гурӯҳи шахсон), бастани созишнома ё иҷрои амалҳои мувофиқашудае, ки бо қонунгузории зиддиинҳисорӣ манъ карда шудаанд. Ба субъектони фаъолияти инҳисорӣ дохил мешаванд:

- субъектони хоҷагидор;
- гурӯҳи шахсон;
- мақомоти ҳокимияти давлатӣ;
- мақомоти худидоракунии маҳаллӣ.

Рақобат – мусобиқаи озоди субъектҳои хоҷагидор, ки дар он амали мустақилонаи ҳар яки онҳо, имконияти таъсиррасонии яктарафаи ҳар кадоми онҳоро ба шароитҳои умумии муомилоти мол дар бозори мол (кор, хизматрасонӣ)-и дахлдор самаранок маҳдуд менамояд;

Таснифи фаъолияти инҳисорӣ ба намудҳо одатан вобаста ба шумораи иштирокчиёни ин фаъолият ва хусусиятҳои сифатии он амалӣ карда мешавад. Вобаста ба ин дар амалия фаъолияти зиддирақобатии фардӣ ва созишнома (коллективӣ) - ро аз ҳам ҷудо мекунанд.

Фаъолияти инфиродии инҳисорӣ дар истифодабарии ҳолати ҳукумфармоии худ аз ҷониби субъекти хоҷагидор дар бозор ифода мегардад. Одатан барои ин амал шартнома истифода бурда мешавад.

Фаъолияти колективии инҳисорӣ – фаъолияти ташкилию хоҷагидорӣ аст, ки мақсадаш таъсис додани сохторҳои гуногуни инҳисории ҳукумфармо дар бозор мебошад. Яке аз шаклҳои он созишномаҳои дорои хислати маҳдудсозӣ мебошад. Дар ин маврид маслиҳати пешакии субъектон барои муқаррар намудани нарх, таъсири бевосита ба рушди нарх, муомилоти иттилоот ва ғайра аст.

Фаъолияти инҳисории субъектҳои хоҷагидор - амали (беамалии) субъекти хоҷагидор (гурӯҳи шахсон), ки боиси роҳ надодан, маҳдуд сохтан, барҳам додани рақобат ва (ё) халалдор намудани манфиати дигар субъекти хоҷагидор (гурӯҳи шахсон) ё шахсони воқеӣ гаштаанд ё мегарданд, манъ аст, аз ҷумла чунин амал (беамалӣ):

-аз муомилот гирифтани молҳо, ки мақсад ва натиҷааш ташкил ё дастгирӣ намудани камчинӣ дар бозор ё баланд бардоштани нарх мебошад;

-ба зиммаи аҳли шартнома бор кардани талаботе, ки барояш муфид нест ва ба мавзуи шартнома (беасос додани воситаҳои молиявӣ, амволи дигар, ҳуқуқи амволӣ, қуваи корӣ, ризоияти бастани шартнома фақат бо шарти ба он илова кардани муқаррарот оид ба молҳое, ки аҳли шартнома, аз ҷумла истеъмолкунанда, ба онҳо ҳавасманд нест ва ғайра) дахл надорад;

-ба шартнома дохил намудани шартҳои табъизӣ, ки аҳли шартномаро нисбат ба дигар субъектҳои хоҷагидор дар вазъияти нобаробар мегузорад;

-монеият кардан ба субъектҳои хоҷагидори дигар ҳангоми дохил шудан ба бозор (баромадан аз бозор);

-вайрон кардани қоидаи нархгузорӣ, ки дар асоси санади меъёрӣ муқаррар шудааст;

-муқаррар ва дастгирӣ кардани нархҳои баланди (пасти) инҳисорӣ;

-ба харидорони ҳамон як мол муқаррар намудани нархҳои (тарифҳои) гуногуне, ки аз нигоҳи иқтисодӣ, техникӣ ва ғайра беасос мебошанд;

-фароҳам овардани шароити табъизӣ (дискриминатсионӣ);

-беасос кам ё қатъ кардани истеҳсоли молҳое, ки ба онҳо истеъмолкунандагон талабот доранд ва ё онҳоро фармудаанд агар имконияти безарар истеҳсол кардани онҳо мавҷуд бошад;

-беасос даст кашидан аз бастани шартнома бо харидорони (супоришдиҳандагони) алоҳида, агар имконияти истеҳсол ва таҳвили моли дахлдор мавҷуд бошад.

Ба субъектҳои хоҷагидоре, ки дар бозори як мол (молҳои баҳамивазшаванда) амал мекунанд, бастани шартномаҳо, аҳдҳои дигар, созишномаҳо (минбаъд - созишномаҳо) ё анҷом додани амали мувофиқашуда манъ аст, ки боиси натиҷаҳои зайл мегарданд ё хоҳанд гашт:

-муқаррар намудани (дастгирии) нархҳо (тарифҳо), тахфиф, изофапулӣ (иловапулӣ), нархҳои иловашуда, хароҷот, фоида ё ҳама гуна амалҳои дигар;

-баланд бардоштан, паст кардан ё тағйир надодани нарх дар музоядаҳо ва савдо;

-дар хусуси муштарак ворид гардидан ба бозор, баромадан аз бозор, тақсими бозор тибқи аломатҳои ҳудудӣ, оид ба ҳаҷми фурӯш ё харид мутобиқи навъҳои молҳои фурӯхташаванда ё вобаста ба доираи фурӯшандаҳо ё харидорон (фармоишгарон);

-маҳдуд сохтани ҳуқуқи ворид шудан ба бозор ё аз он бартараф намудани дигар субъектҳои хоҷагидор ба сифати фурӯшандагони моли муайян ё харидорони (фармоишгарони) он;

-маҳдуд сохтани истифодаи иттилоот ё аз иттилооти ҳолати бозор маҳрум намудани субъектҳои хоҷагидор;

-шартнома набастан бо фурӯшандагон ё харидорони (фармоишгарони) муайян;

-ба зиммаи аҳли шартнома вогузоштани талаботе, ки барояш судманд ва ба мавзуи шартнома алоқаманд намебошад (талаби беасоси додани воситаҳои молиявӣ, амволи дигар, ҳуқуқҳои амволӣ, ризоияти бастани шартнома танҳо бо шарти ба он ворид кардани муқаррарот оид ба молҳое, ки аҳли шартнома ба онҳо ҳавасманд нест ва ғайра);

-барои харидорони ҳамон як мол муқаррар намудани нархҳои (тарифҳои) гуногуне, ки аз нигоҳи иқтисодӣ, техникӣ ва ғайра беасос мебошанд;

-ихтисор ё қатъ кардани истеҳсоли молҳое, ки ба онҳо эҳтиёҷ ё фармоиш вуҷуд дорад, ҳангоми мавҷудияти имконияти истеҳсоли безарари онҳо;

-муҳайё сохтани шароит барои узвият (иштирок) дар иттиҳодияҳои касбӣ ва дигар иттиҳодияҳо, ки метавонад боиси роҳ надодан, маҳдуд сохтан ё бартараф намудани рақобат гардад.

Ба субъектҳои хоҷагидор, ки дар бозори як мол амал мекунанд, бастани созишномаҳо ё анҷом додани амали мувофиқашуда, ки дар натиҷаи он роҳ надодан, маҳдуд сохтан, бартараф намудани рақобат ё халалдор кардани манфиатҳои дигар субъектҳои хочагидор ҷой доранд ё ҷой дошта метавонанд, манъ аст. Ба субъектҳои хоҷагидори дар бозорҳои моли дахлдор байни худ рақобат надоштае, ки мол (молҳои ҳамдигарро ивазкунанда) мегиранд (харидорони имконпазир) ва мол фароҳам меоваранд (фурӯшандагони имконпазир) бастани созишномаҳо ё анҷом додани амали мувофиқашуда манъ аст, агар дар

натиҷаи бастани чунин созишнома ё анҷом додани амали мувофиқашуда роҳ надодан, маҳдуд сохтан ё бартараф намудани рақобат ҷой дошта бошанд ё ҷой дошта тавонад. Ба иттиҳодияҳои шахсони ҳуқуқӣ (иттифоқҳо, ассотсиатсияҳо), субъектҳои хоҷагидор амалӣ гардонидани ҳамоҳангсозии фаъолияти соҳибкории шахсони ҳуқуқӣ, ки дар натиҷаашон рақобат маҳдуд гаштааст ё метавонад маҳдуд гардад, манъ аст. Вайрон кардани талаботи зикршуда барои бо даъвои мақомоти давлатии зиддиинҳисорӣ ва бо тартиби судӣ барҳам додани иттиҳодияҳои шахсони ҳуқуқӣ (иттифоқҳо, ассотсиатсияҳо), субъектҳои хоҷагидор, ки фаъолияти соҳибкориро ҳамоҳанг месозад, асос мегардад.

Фаъолияти инҳисории мақомоти давлатӣ ва мақомоти худидораи маҳалӣ - ба мақомоти ҳокимияти давлатӣ, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот қабул намудани санад ё ба анҷом расонидани амалҳое, ки мустақилияти субъектҳои хоҷагидорро маҳдуд месозанд, шароити табъизӣ ё баръакс, имконияти мусоидро барои фаъолияти субъектҳои хоҷагидори алоҳида фароҳам меоранд, агар ин санад ва амалиёт боиси роҳ надодан, бартараф намудан ва маҳдудшавии рақобат, халалдор намудани манфиатҳои субъектҳои хоҷагидор ё шаҳрвандон гарданд, манъ аст. Аз ҷумла, ин амалҳо манъ карда мешаванд:

-беасос ҷорӣ намудани маҳдудкунӣ ба таъсиси субъектҳои хоҷагидори нав дар ягон соҳаи фаъолият, инчунин муқаррар намудани монеа барои амалӣ намудани шаклҳои алоҳидаи фаъолият ё истеҳсоли намудҳои муайяни молҳо, ғайр аз ҳолатҳое, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар намудааст;

-муқаррар намудани монеа ба хариду фурӯши мол аз як минтақа ба минтақаи дигар ё бо роҳи маҳдуд намудани ҳуқуқи субъектҳои хоҷагидор барои хариду фурӯши молҳо;

-ба субъектҳои хоҷагидор додани дастур дар бораи дар навбати аввал ба доираи муайяни харидорон (супоришдиҳандагон) таҳвил намудани молҳо (корҳо, хизматрасонӣ) ё бастани шартномаҳо бе назардошти афзалиятҳое, ки қонунгузорӣ ё дигар санади меъёрии Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар кардааст;

-беасос ба як ё якчанд субъектҳои хоҷагидор додани имтиёзҳо, ки онҳоро дар бозори мол нисбат ба дигар субъектҳои хоҷагидор дар ҳолати афзалиятнок мегузорад;

-барои харидорони молҳо (корҳо, хизматрасонӣ) вобаста ба интихоби субъектҳои хоҷагидоре, ки онҳоро истеҳсол (иҷро, пешниҳод) мекунанд, ба истиснои ҳолатҳои ҷойгиронии молҳо, ки қонунгузорӣ муайян кардааст, маҳдудият муқаррар менамояд.

Қарорҳои мақомоти ҳокимияти давлатӣ, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот оид ба масъалаҳои таъсис, азнавташкилкунӣ ва барҳамдиҳӣ бо тартиби муқарраргардида (дар ҳолатҳое, ки дар қонунгузории зиддиинҳисорӣ пешбинӣ шудаанд), инчунин додани имтиёз ба субъекти хоҷагидори алоҳида бо мақомоти давлатии зиддиинҳисорӣ мувофиқа карда мешавад, агар дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дигар амал пешбинӣ нашуда бошад.

Муттаҳидшавии шахсони ҳуқуқӣ ва мақомоти ҳокимияти давлатӣ бо мақсади инҳисор намудани истеҳсолот ё фурӯши молҳо, ба мақомоти мавҷудаи ҳокимияти давлатӣ додани салоҳиятҳое, ки иҷрои онҳо боиси маҳдудкунии рақобат мегардад, инчунин якҷоя кардани вазифаҳои мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва субъектҳои хоҷагидор, ба зиммаи субъектҳои хоҷагидор вогузоштани вазифа ва ҳуқуқҳои мақомоти назорати давлатӣ манъ аст, ба истиснои ҳолатҳое, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар кардааст. Дар ҳама гуна шакл бастани созишнома ё анҷом додани амали мувофиқашудаи мақомоти ҳокимияти давлатӣ, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот ва ташкилотҳои ваколатдори мақомоти зикршуда байни худ ё байни онҳо ва субъекти хоҷагидор, ки дар натиҷаи он роҳ надодан, маҳдуд сохтан ё бартараф намудани рақобат ё халалдор кардани манфиатҳои субъектҳои хоҷагидор ҷой дорад ё ҷой дошта метавонад, манъ аст. Аз ҷумла, бастани созишнома ё анҷом додани амали мувофиқашуда, ки боиси натиҷаҳои зайл гардидааст ё мегардад, манъ аст:

-баланд бардоштан, паст кардан ё тағйир надодани нархҳо (тарифҳо);

-беасос муқаррар намудани сатҳи тағйирёбандаи нархҳо барои харидорони гуногуне, ки ҳамон як молро ба даст меоранд;

-тақсим кардани бозор аз рӯйи принсипи ҳудудӣ, ҳаҷми фурӯш ё харид, номгӯи молҳои фурӯш ё аз рӯйи доираи фурӯшандагон ё харидорон (фармоишгарон);

-маҳдуд сохтани дастрасии бозор ё аз он дур сохтани субъектҳои хоҷагидор.

Ҳангоми гузаронидани озмун барои ҷойгиронии фармоишҳо ҷиҳати молрасонӣ, иҷрои корҳо ва хизматрасонӣ барои эҳтиёҷоти давлатӣ ба амалиёти зерин иҷозат дода намешавад:

-фароҳам овардани шароити афзалиятноки ширкат дар озмун, аз ҷумла дастрас намудани иттилооти махфӣ, кам кардани музди пардохт барои иштироккунандагони алоҳидаи озмун;

-дар озмун иштирок кардани созмондиҳандагон (фармоишгарон) ва кормандони созмондиҳандагони озмунҳо ё шахсоне, ки бо корманди созмондиҳандаи озмун шомили як гурӯҳи шахсон мебошад, инчунин шахсони ҳуқуқие, ки дар онҳо корманди созмондиҳандаи озмун ҳуқуқ дорад беш аз бист фоизи шумораи умумии овозҳои марбути саҳмҳои овоздор ё ташкилкунандаи саҳми оинномавӣ ё сармояи ҷамъшавандаи ҳиссаи шахси ҳуқуқиро ихтиёрдорӣ намояд;

-аз ҷониби созмондиҳандаи озмун амалӣ кардани фаъолияти ҳамоҳангсозии иштирокдорони он, ки дар натиҷа маҳдудияти рақобат байни иштироккунандагони озмун ё маҳдуд сохтани манфиати иштироккунандагони он ҷой доранд, ё ҷой дошта метавонанд;

-вайрон намудани тартиби муайян кардани ғолиб (ғолибон);

-беасос маҳдуд сохтани дастрасии ширкат дар озмун.

Вайронкунии қоидаҳои муқаррарнамудаи моддаи мазкур барои аз ҷониби суд беэътибор донистани озмун, аз ҷумла тибқи даъвои мақомоти давлатии зиддиинҳисорӣ асос шуда метавонад. Таҳти мафҳуми ёрии давлатӣ ва маҳаллӣ барои мақсадҳои Қонуни мазкур аз ҷониби мақомоти ҳокимияти давлатӣ, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, инчунин ташкилотҳои ваколатдори мақомоти зикргардида фароҳам овардани имтиёзҳои инфиродӣ ва (ё) бартарият ба як ё якчанд субъектҳои хоҷагидор фаҳмида мешавад. Фароҳам овардани (ҷудо, тақсим намудани) маблағҳои давлатӣ ё маҳаллӣ (захираҳо, имтиёзҳои инфиродӣ ва (ё) афзалият) ба шахси алоҳида вобаста ба натиҷаҳои савдо (озмун) ва (ё) мутобиқи дигар расмиёти пешбининамудаи қонунҳо ёрии давлатӣ ё маҳаллӣ ба ҳисоб намеравад. Фароҳам овардани (ҷудо, тақсим намудани) маблағҳои давлатӣ ё маҳаллӣ (захираҳо, амвол) ба шахсони алоҳида бо мақсади рафъи оқибати офати табиӣ, садама, фалокат ва ҳолатҳои фавқулода, оқибати амалиёти низомӣ ва амалиёти зиддитеррористӣ аз фондҳои эҳтиётии мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ёрии давлатӣ ва маҳаллӣ ба ҳисоб намеравад. Ёрии давлатӣ ё маҳаллӣ, ба истиснои ёрии пешбининамудаи қонунгузорӣ танҳо бо иҷозати пешакии мақомоти давлатии зиддиинҳисорӣ метавонад фароҳам оварда шавад. Шахсе, ки ният дорад ба як ё якчанд субъектҳои хоҷагидор ёрии давлатӣ ё маҳаллӣ фароҳам оварад, ба мақомоти давлатии зиддиинҳисорӣ дар хусуси додани иҷозат барои расонидани кумак дархост фиристода, тамоми иттилооти заруриро, ки номгӯйи онро Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян менамояд, ба он замима мекунад.

Мақомоти давлатии зиддиинҳисорӣ вобаста ба дархости иҷозат додан барои ёрии давлатӣ ё маҳаллӣ яке аз қарорҳои зайлро қабул мекунад:

1. Дар хусуси қонеъ гардонидани дархост, агар ёрии давлатӣ ё маҳаллӣ боиси бартараф намудан ё роҳ надодан ба рақобат нагардад ва ба категорияҳои зерин мансуб бошад:

- ёрӣ бо мақсади гузаронидани тадқиқоти бунёдии илмӣ, ки мустақиман бо истеҳсоли маҳсулоти нав ё беҳтар намудани сифати он ё равандҳои мавҷудаи технологӣ нигаронида нашуда бошад;

- ёрӣ ба мақсади ҳимояи муҳити зист;

- ёрие, ки барои рушди фарҳанг ва ҳифзи мероси фарҳангӣ нигаронида шудааст;

- ёрӣ барои истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ.

2. Оид ба зарурати тадқиқи иловагии маводи дархост, агар мақомоти давлатии зиддиинҳисорӣ дар хусуси эҳтимоли номутобиқатии ёрӣ ба шартҳои дар банди якуми ҳамин қисм зикргардида ва зарурати дарёфт намудани иттилооти иловагӣ барои қабули қарор ҷиҳати қонеъ гардонидани дархост ё рад гардонидани он ба хулоса оянд.

3. Дар хусуси қонеъ нагардонидани дархост, агар ёрии давлатӣ ё маҳаллӣ ба шартҳои пешбининамудаи банди 1 ҳамин қисм мутобиқ набошад.

Мақомоти давлатии зиддиинҳисорӣ оид ба дархости иҷозат барои расонидани ёрии давлатӣ ё маҳаллӣ дар давоми ду моҳ аз рӯзи гирифтани ҳамаи маълумоти зарурӣ қарор қабул мекунад. Дар мавриди гузаронидани тадқиқи иловагӣ мақомоти давлатии зиддиинҳисорӣ дархосткунандаро огоҳ намуда, дар давоми як моҳ аз рӯзи гирифтани маълумоти зарурӣ доир ба дархост қарор қабул мекунад. Қарор оид ба қонеъгардонии дархост ҷиҳати расонидани ёрии давлатӣ ё маҳаллӣ метавонад дорои дастуре бошад, ки дар он барои гирандаи дастур талаботи зарурии ба шароитҳои банди 1 қисми шашуми моддаи мазкур мутобиқат кардани ёрии давлатӣ ва маҳаллӣ муқаррар гардидааст. Иҷрои дастур ҳангоми расонидани ёрӣ ҳатмӣ мебошад.

Мақомоти давлатии зиддиинҳисорӣ риояи мақсад ва шартҳои расонидани ёрии давлатӣ ва маҳаллиро, ки дар дархости иҷозати расонидани чунин ёрӣ зикр гардидааст, таҳти назорат мегирад. Тартиби расонидани ёрии давлатӣ ва маҳаллӣ, баррасии дархост оид ба ёрирасонӣ, назорати истифодаи он, бекор кардани қарори қонеъгардонии дархост оид ба расонидани ёрӣ, инчунин баргардонидани он бинобар дар қонунҳои амалкунанда ва қонунгузории буҷет танзим нагардиданаш, аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси низомномаи тасдиқнамудаи он муқаррар карда мешавад.

Мақомоти давлатии зиддиинҳисорӣ ҳуқуқ дорад дар ҳолатҳои зайл қарори қонеъгардонии дархости расонидани ёрии давлатӣ ё маҳаллиро бекор кунад ё ҷиҳати баргардонидани он амрия барорад:

-агар қарор оид ба қонеъгардонии дархости расонидани ёрии давлатӣ ё маҳаллӣ ба иттилооти нодурусте асос ёфта бошад, ки барои қабули қарор аҳамият дорад;

-аз ҷониби дархосткунанда вайрон кардани талаботи расонидани ёрии давлатӣ ё маҳаллӣ, ки мутобиқи моддаи мазкур пешбинӣ шудааст;

-номутобиқатии ёрии давлатӣ ва маҳаллӣ ба мақсад ва шартҳои фарогирифтаи дархости иҷозати расонидани ёрӣ;

-расонидани ёрии давлатӣ ё маҳаллӣ бо вайрон кардани тартиби муқаррарнамудаи Қонун.

Санадҳои (қарор, амрия, фармоиш, дастури хаттии) мақомоти ҳокимияти давлатӣ, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, инчунин мақомоти ваколатдоршуда, ки ба субъектҳои алоҳидаи хоҷагидор афзалият ва (ё) имтиёз фароҳам меоранд, бо тартиби судӣ аз рӯйи даъвои мақомоти давлатии зиддиинҳисорӣ беэътибор дониста мешаванд.

## АДАБИЁТ


1. Қонуни ҶТ “Дар бораи ҳимояи рақобат” (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2017, № 5, қ. 1, мод. 274)
2. Каримов А.К. Проблемы правового обеспечения конкурентной деятельности в Республике Таджикистан. / Отв. ред. д.ю.н., проф. Рахимов М.З., – Душанбе: ООО «Контраст», 2010.
3. Махмадшоев Ф.А. Прововое обеспечение индивидуального предпринимательства в Республике Таджикистан / Ф.А. Махмадшоев. – Душанбе: «ЭР граф», 2012.
4. Монополизм и антимонопольная политика. / Отв. ред. А. В. Барышева М., 1994.
5. Сангинов Д.Ш. Предпринимательское право Республики Таджикистан. Учебное пособие / Д.Ш. Сангинов. - Душанбе: «ЭР-граф», 2013.
6. Танзими ҳуқуқии фаъолияти соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. / д.и.х.. проф. Исмоилов Ш.М. – Душанбе: «Деваштич», 2007
7. Шонасридинов Н., Нодиров Ф.М. Ҳуқуқи соҳибкорӣ. Васоити таълимӣ. Қисми 1 / Н. Шонасридинов, Ф.М. Нодиров. - Душанбе: Прогресс, 2009.


## ТАНЗИМИ ҲУҚУҚИ РАҚОБАТ ВА ИНҲИСОР ДАР ФАЪОЛИЯТИ СОҲИБКОРӢ


Мақолаи мазкур ба яке аз масъалаҳои мубрами илми ҳуқуқи соҳибкорӣ, яъне фаъолияти инҳисорӣ бахшида шудааст. Фаъолияти инҳисорӣ - дар бозорҳои мол аз мавқеи ҳукмфармоии худ суиистифода кардани субъекти хоҷагидор (гурӯҳи шахсон), бастани созишнома ё иҷрои амалҳои мувофиқашудае, ки бо қонунгузории зиддиинҳисорӣ манъ карда шудаанд, ба ҳисоб меравад. Дар мақолаи мазкур адабиётҳои илмӣ ва қонунгузорӣ таҳлил гардида, аз тарафи муаллиф маҳакҳои таносуби он мавриди коркард қарор гирифтааст.



**КАЛИДВОЖАҲО:** фаъолияти инҳисорӣ, субъектҳои хоҷагидор, рақобат, бозори мол, мавқеъи ҳукмфармоӣ, рақобати бевиҷдонона, мусобиқаи озод.

**РЕГУЛИРОВАНИЕ ЗАКОНА КОНКУРЕНЦИИ И МОНОПОЛИИ В ПРЕДПРИНИМАТЕЛЬСКОЙ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ**

Данная статья посвящена одному из самых актуальных вопросов хозяйственного права, а именно монопольной деятельности. Монополистическая деятельность - злоупотребление доминирующим положением хозяйствующего субъекта (группы лиц), заключение договора или совершение согласованных действий, запрещенных антимонопольным законодательством, признаются злоупотреблением доминирующим положением на товарных рынках. В данной статье была проанализирована научная и законодательная литература, а автор проанализировал их соотношение.

**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА:** монополистическая деятельность, хозяйствующие субъекты, конкуренция, товарный рынок, доминирующее положение, недобросовестная конкуренция, свободная конкуренция.

**REGULATION OF THE LAW OF COMPETITION AND MONOPOLY IN BUSINESS ACTIVITIES**

This article is devoted to one of the most pressing issues of economic law, namely monopoly activity. Monopolistic activity - abuse of the dominant position of an economic entity (group of persons), the conclusion of an agreement or the performance of concerted actions prohibited by antimonopoly legislation, are recognized as abuse of a dominant position in commodity markets. In this article, scientific and legislative literature was analyzed, and the author analyzed their relationship.

**KEYWORDS:** monopolistic activity, business entities, competition, commodity market, dominant position, unfair competition, free competition.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Бобобеков Искандар*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, магистранти курси якуми факултети ҳуқуқшиносӣ. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **881000021.**

**Сведения об авторе:** ***Бобобеков Искандар*** – Таджикский национальный университет, магистрант первого курса юридического факультета. **Адрес**: 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: **881000021.**

**Information about the author:** ***Bobobekov Iskandar*** – Tajik National University, first – year master`s student of Faculty of Law. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. Phone: **881000021.**

# МАФҲУМ ВА ХУСУСИЯТҲОИ ТАРБИЯИ ҲУҚУҚӢ

***Пирова Г.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити муосир марҳилаи нави тараққиёт ва пешрафтро паси сар карда истодааст ва бо назардошти ин, муносибатҳои нави ҷамъиятӣ, пеш аз ҳама ба танзими ҳуқуқӣ ва тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандон эҳтиёҷ дорад. Аз ин ҷост, ки тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз самтҳои муҳимми сиёсати пешгирифтаи давлату ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шумор рафта, асоси бунёди ҷомеаи шаҳрвандиро ташкил медиҳад. Тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандон пеш аз ҳама, аз Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон сарчашма мегирад. Зеро бунёди давлати демокративу ҳуқуқбунёд бе ташаккули маърифату фарҳанги ҳуқуқии шаҳрвандон имконнопазир аст.

Мафҳуми тарбияи ҳуқуқӣ бисёрҷанба буда, дар маркази таваҷҷуҳи муҳаққиқони соҳаҳои гуногун қарор дорад. Ба ақидаи ҷомеашиносон, тарбияи ҳуқуқӣ як намуди фаъолияти иҷтимоӣ ва ба андешаи сиёсатшиносон, тарбияи ҳуқуқӣ як намуди таъсири идеологӣ ба шуури шахс ба ҳисоб меравад. Дар илми педагогӣ тарбия ҳамчун падидаи асосӣ ҷиҳати ташаккули тафаккур ва инкишофи шахсият фаҳмида мешавад. Дар баробари ин, мафҳуми васеъ ва маҳдуди тарбия фарқ карда мешавад. Дар мавриди аввал мафҳуми тарбия тамоми омилҳо ва шароити ҷомеаро фаро мегирад ва дар мавриди дуюм бошад тарбия, яъне, ташаккули системаи муайяни ақида ва эътиқоди шахсро дар назар дорад.

Дигар муаллифон бар он назаранд, ки тарбия ба маънои васеъ ин воситаи иҷтимоигардонии шахс буда, ба маънои маҳдуд фаъолияти тарбиявӣ мебошад. Бояд гуфт, ки дар адабиёти ҳуқуқӣ мафҳуми иҷтимоигардонии шахс якҷоя бо мафҳуми тарбияи ҳуқуқӣ ба таври васеъ истифода мешавад. Мафҳуми иҷтимоигардӣ аз калимаи лотинии socialis - ҷамъиятӣ гирифта шуда, раванди азхудкунии фард аз системаи муайяни донишҳо, меъёрҳо

ва арзишҳое мебошад, ки барои инсон ҳамчун як узви комилҳуқуқи ҷомеа муаррифӣ гардидан имконият медиҳад. Иҷтимоигардонии шахс аз як тараф раванди аз ҷиҳати иҷтимоӣ идорашавандаи мақсаднок буда, аз тарафи дигар раванди стихиявӣ, ки ба ташаккули он таъсир мерасонад, ба ҳисоб меравад.

Тарбияи ҳуқуқӣ, падидаи мураккаб ва гуногунпаҳлу буда, роҷеъ ба мафҳум ва моҳияти он нуктаҳои назари олимону муҳаққиқони гуногун истифода мешавад.

Дар адабиёти ҳуқуқии шуравӣ низ мафҳумҳои гуногуни ҳуқуқ мавриди истифода қарор мегирифтанд. Махсусан дар бештари мавридҳо, тарбияи ҳуқуқӣ ҳамчун фаъолияти муҳимми давлат ва дигар субъектони тарбия, ки бо мақсади баланд бардоштани сатҳи фаҳмиши ҳуқуқ равона шудааст, фаҳмида мешуд.

Дар баробари ин, равиши васеътаре мушоҳида карда шуд, ки дар доираи он тарбияи ҳуқуқӣ ҳамчун таъсири мунтазам ба шуур ва рафтори тамоми қишри ҷомеа фаҳмида мешуд.

Яке аз мутафаккирон И.Ф. Рябко тарбияи ҳуқуқиро ҳамчун таъсири мақсаднок ва мунтазам ба шуур ва мафкураи шахс маънидод менамояд. Мавриди зикр аст, ки мафҳуми васеъ ва маҳдуди тарбияи ҳуқуқӣ аз ҷониби олимон ба тарзи мухталиф вомехӯрад. Дар зери мафҳуми тарбияи ҳуқуқӣ ба маънои васеъ тамоми омилҳои ҳаётие, ки ба ташаккули шахсият таъсир мерасонанд ва ба маънои маҳдуд, тарбияи ҳуқуқӣ ин таъсири мақсадноки ҷомеа ба шуур, фарҳанг ва рафтори одамон мебошад.

Тарбияи ҳуқуқӣ фаъолияти мунтазами муташаккил, мақсаднок ва танзимгаштаи мақомоту муассисаҳои давлатӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, хизматчиёни давлатӣ, ҳизбҳои сиёсӣ ва шаҳрвандон мебошад, ки бо мақсади баланд бардоштани сатҳи фарҳанг ва шуури ҳуқуқии ҷомеа равона гардидааст. Аз мафҳуми зикршуда, якчанд хусусиятҳои тарбияи ҳуқуқиро ҷудо кардан мумкин аст:

**- Тарбияи ҳуқуқӣ фаъолияти мунтазам аст**. Ин маънои онро дорад, ки тарбияи ҳуқуқӣ марҳила ба марҳила дар тули ҳаёту фаъолияти инсон амалӣ карда мешавад. Мунтазамияти ин навъи фаъолият ниҳоят муҳим аст. Зеро бо тағйир ёфтани муносибатҳои ҷамъиятӣ фаъолияти давлату ҷамъият низ тағйир меёбад. Илми ҳуқуқӣ дар марҳилаҳои гуногуни таърихӣ ташаккул меёбад ва пеш меравад. Ҳамаи ин бе амалӣ гаштани принсипи мунтазамият ғайриимкон аст. Давра ба давра амалӣ гардидани тарбияи ҳуқуқӣ ба он оварда мерасонад, ки шаҳрвандон бо дарназардошти инкишофу ташаккули ҷомеа ҷиҳати пай дар пай мукаммал гардонидани донишу маърифати ҳуқуқии худ тадбирҳо андешанд.

**- Тарбияи ҳуқуқӣ фаъолияти муташаккил аст.** Муташаккил будани тарбияи ҳуқуқӣ маънои онро дорад, ки ин навъи фаъолият давра ба давра дар асоси нақша амалӣ карда мешавад. Давлат барои тарбияи тамоми қишри ҷомеа дар умум тадбирҳои судмандро амалӣ менамояд. Ҳамзамон, ҷиҳати ба тарзи алоҳида ва мушаххас ҷорӣ намудани ин ҳадаф давлат ниҳодҳои алоҳидаро муваззаф мегардонад. Вобаста ба ин, мо ҷудо карда метавонем ки имрӯз стратегия ва барномаҳо вобаста ба тарбияи ҳуқуқии ҷавонон; тарбияи ҳуқуқии занон; тарбияи ҳуқуқии маҳкумшудагон ва ғайра дар алоҳидагӣ ҷой доранд. Муташаккилона дар амал ҷорӣ намудани тарбияи ҳуқуқӣ ба он оварда мерасонад, ки ҳар як қишри алоҳидаи ҷомеа аз манбаҳои ҳуқуқӣ ба тарзи возеҳу равшан огоҳ бошанд.

**- Тарбияи ҳуқуқи фаъолияти мақсаднок аст.** Ин хусусияти тарбияи ҳуқуқӣ муҳим аст, зеро барои ноил гардидан ба натиҷаи дилхоҳ амалӣ гардонида мешавад. Мақсади тарбияи ҳуқуқӣ ин пеш аз ҳама баланд бардоштани сатҳи маърифат, шуур ва фарҳанги ҳуқуқии шаҳрвандон ба ҳисоб меравад. Дар ҷомеае, ки шаҳрвандон аз арзишҳои ҳуқуқӣ бархурдор нестанд, бунёди ҷомеаи воқеан демокративу ҳуқуқбунёд ғайриимкон аст. Давлат танҳо дар он ҳолат ба сатҳи волои тараққиёту инкишоф ноил мегардад, ки агар шаҳрвандонаш дорои шуур ва фарҳанги баланди ҳуқуқӣ бошанд. Агар амиқтар назар афканем, дар даҳсолаи охир дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барномаву стратегияҳои гуногун вобаста ба тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандон қабул карда шудааст. Барномаву стратегияҳои қабулшуда аз шаҳрвандон иҷрои пурра ва ҳаматарафаи меъёрҳои мазкурро тақозо менамояд.

**- Тарбияи ҳуқуқӣ фаъолияти танзимгашта аст.** Ин маънои онро дорад, ки давлат барои танзим ва мустаҳкам намудани ин падида меъёрҳои ҳуқуқиро қабул ва дар амал ҷорӣ менамояд. Бо мураккаб гардидани муносибатҳои ҷамъиятӣ зарурат барои қабул ва ҷорӣ намудани меъёрҳои зарурӣ рӯйи кор меояд. Дар ҷомеаи муосир як қатор қарору қонунҳое ҷой доранд, ки бевосита танзимсозандаи тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандон ба ҳисоб меравад.

Махсусан, меъёрҳои Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон танзимкунандаи тамоми соҳаҳои фаъолияти ҳаётии кишвар, аз он ҷумла тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандон мебошад. Дар нахустин моддаи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон зикр гардидааст, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон давлати соҳибихтиёр, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва ягона мебошад. Ин қабл аз ҳама чунин маъно дорад, ки дар саросари қаламрави ҷумҳурӣ тамоми муносибатҳои ҷамъиятӣ ҳатман бояд аз рӯйи меъёрҳои қонун ва қонуният сурат гирад. Қудрату тавоноии ҳар як давлат бо қонунҳо ва иҷрои ҳатмии онҳо намоён мегардад. Агар қонун риоя нагардад, эҳтиром карда нашавад, давлат ногузир рӯ ба таназзул ва нобудӣ меоварад. Бинобар ин, мо дар он сурат ба дараҷаи баланди ташаккулу тараққиёт ноил мегардем, ки тамоми сохтору ниҳодҳои қишри ҷомеа қонунҳои ҷумҳуриро бевосита риоя ва иҷро намоянд. Қонун бояд меъёри ягонаи амал ва кирдору рафтори ҳар як узви ҷомеаи мо бошад.

**- Тарбияи ҳуқуқӣ бояд аз ҷониби тамоми ниҳодҳои ҷомеа дар муттаҳидӣ амалӣ карда шавад.** Қайд кардан ба маврид аст, ки дар рафти амалӣ гардонидани тарбияи ҳуқуқӣ фаъолияти тамоми мақомотҳои давлатӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, ҳизбҳои сиёсӣ, шахсони мансабдор, хизматчиёни давлатӣ ва тамоми шаҳрвандон бояд назаррас бошад. Тарбияи ҳуқуқӣ фаъолияти сохторҳои алоҳидаи ҷомеа буда нametавонад, зеро он ба тамоми қишри ҷомеа паҳн мегардад. Аз ин рӯ, тамоми мақомоту муассисаҳои давлатиро лозим аст, ки тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандонро дар маҳаки фаъолияти рӯзмарраи худ қарор диҳанд.

**- Ҳадафи ниҳоии тарбияи ҳуқуқӣ баланд бардоштани сатҳи фарҳанг ва шуури ҳуқуқӣ ба шумор меравад.** Тарбияи ҳуқуқӣ баҳри ноил гардидан ба як ҳадафи асосӣ-ташаккули маърифати ҳуқуқӣ, равона гардидааст. Дар баробари ин метавон гуфт, ки аз баланд гардидани маърифату шуури ҳуқуқии аҳолӣ фаъолияти дигар самтҳои ҳаёти ҷамъиятӣ низ мувозеҳу созгор мегардад. Имрӯз тарбияи ҳуқуқии ҳар як қишри алоҳидаи ҷомеа, бо мақсади мушаххас амалӣ мешавад. Масалан, тарбияи ҳуқуқии донишҷӯён дар факултетҳои ҳуқуқшиносӣ бо мақсади омода намудани кадрҳои баландихтисос дар ҳамин соҳа; тарбияи ҳуқуқии занон баҳри баланд бардоштани мавқеи ҳуқуқии онҳо дар ҷомеа; тарбияи ҳуқуқии маҳкумшудагон бо мақсади ислоҳи онҳо ва ғайра равона мешавад.

**- Тарбияи ҳуқуқӣ як навъи тарбияи иҷтимоӣ ба ҳисоб меравад.** Тарбия дар умум падидаи иҷтимоӣ, фарҳангӣ, психологӣ ва педагогӣ буда, барои танзими ҳаёти инсон ва пешрафти ҷамъият хизмат менамояд. Он ҳамчун фаъолияти мақсадноки инсон барои рушди шахс ва ворид шудани инсон ба ҷараёни зиндагии воқеӣ ва бунёди ҳаёти маданӣ равона карда мешавад. Мақсади тарбия қисми таркибии мақсаду вазифаҳои давлат қарор мегирад, ки барои амалӣ намудани манфиатҳои давлат, ҷомеа ва ҳар як шаҳрванд равона карда мешавад. Давлат чунин тартибу низомро ҷорӣ мекунад, ки барои ҳаёт ва фаъолияти инсон ва тарбияи миллии шаҳрвандон мусоидат намояд. Тарбия дорои унсурҳои таркибии гуногун мебошад, аз он ҷумла: тарбияи ғоявӣ; тарбияи ватандӯстӣ; тарбияи сиёсӣ; тарбияи хештаншиносӣ; тарбияи ҳуқуқӣ; тарбияи ахлоқӣ; тарбияи маънавӣ; тарбияи зебоипарастӣ; тарбияи ҷисмонӣ ва ғайра. Тамоми унсурҳои таркибии тарбияи ҳуқуқӣ ба ҳамдигар алоқаи зич дошта якдигарро пурра мекунанд. Масалан, тарбияи ҳуқуқӣ бо тарбияи сиёсӣ ва ахлоқӣ алоқамандии зич дорад.

Бояд ба назар гирифт, ки тарбияи ҳуқуқӣ бо самтҳои мушаххаси тарбия аз он ҷумла тарбияи ғоявӣ, миллӣ, хештаншиносӣ, ватандӯстӣ, ахлоқӣ, иқтисодӣ, тоқатпазирӣ ва ғайра равобит ва алоқаи зич дорад ва куллан онҳоро дар як низом - низоми ягонаи тарбия муттаҳид месозад, ки чунин ҳолатро мо ба хусусияти маҷмуагии тарбия шабоҳат медиҳем. Вале марбут ба ҳадафҳо онҳо аз ҳамдигар фарқ мекунанд. Масалан, тарбияи ҳуқуқӣ ҳамчун яке аз шакли мустақили тарбия, пеш аз ҳама аз рӯйи шакл ва мазмун аз навъҳои дигари тарбия фарқ менамояд.

Саҳми тарбияи ҳуқуқӣ вобаста ба хусусиятҳои ташкилию усулӣ дар ташаккули яке аз шаклҳои шуури ҷамъиятӣ-шуури ҳуқуқӣ зоҳир мегардад. Хуллас, тарбияи ҳуқуқӣ ин ташаккули дарки ҳуқуқу озодиҳо ва вазифаҳои шаҳрвандон дар назди давлат ва ҷамъият мебошад. Таркиби он мувофиқи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва асноди дигари меъёрии ҳуқуқуии кишвар чунин муайян карда мешавад.

Ҳамин тариқ, зикр бояд кард, ки тарбияи ҳуқуқӣ барои ҷомеаи демократӣ ва таъмини волоияти ҳуқуқу тартибот нақши калидиро сазовор мебошад.

**АДАБИЁТ**

1 Востриков М.В. Развитие органической системы: условия, предпосылки, результат // Развитие общественных отношений социализма как целостности. Ростов н/Дону, 1989.
2 Мысляева И.Н. Человеческий фактор: политэкономический аспект. М., 1989.
3 Российская педагогическая энциклопедия. М., 1993.
4 Философский энциклопедический словарь. М.: «Советская энциклопедия», 1983.
5 Давыдов Г.П. Формирование правосознания и поведения учащихся. М., 1981.
6 Самощенко И.В., Тищенко В.В. Юридическая наука и правовое воспитание // Советская юстиция. 1973. № 23. С. 7 – 14; Козюбра Н.И. Правовое воспитание и социальная активность населения. Киев, 1973. С. 13;
7 Малеин Н.С. Юридическая ответственность и справедливость. М., 1992.
8 Рябко И.Ф. Правосознание и правовое воспитание масс в советском обществе // Ростов-на-Дону, 1969.

**МАФҲУМ ВА ХУСУСИЯТҲОИ ТАРБИЯИ ҲУҚУҚӢ**

Дар мавзуи таҳқиқшаванда, тарбияи ҳуқуқӣ ҳамчун фаъолияти муҳими давлатӣ ва ҷамъиятӣ арзёбӣ гардида, барои баланд бардоштани сатҳи фарҳанг ва шуури ҳуқуқии шаҳрвандон, риояи ҳамаҷониба қонун ва меъёрҳои ҳуқуқӣ равона карда шудааст. Давлат танҳо дар он сурат ба сатҳи баланди ташаккулу инкишоф ноил мегардад, ки агар шаҳрвандонаш тарбияи баланди ҳуқуқӣ дошта, қонун ва санадҳои дигари меъёрӣ-ҳуқуқиро пурра ва бечунучаро риоя намоянд.

**КАЛИДВОЖАҲО:** тарбия, тарбияи ҳуқуқӣ, Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳрвандон, давлат, мақомоти давлатӣ, қонун, қонуният, давлати ҳуқуқбунёд, ҷомеаи шаҳрвандӣ.

**ОПРЕДЕЛЕНИЕ И ХАРАКТЕРИСТИКА ПРАВОВОГО ВОСПИТАНИЯ**

Правовое воспитание рассматривается как важная деятельность государства и общества, направленная на повышение уровня культуры и правосознания граждан, всестороннее соблюдение законности и правовых норм. Государство достигнет высокого уровня становления и развития только в том случае, если его граждане будут иметь высокий уровень юридического образования и полностью и безоговорочно соблюдать закон и иные правовые документы.

**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА**: образование, правовое воспитание, Конституция Республики Таджикистан, граждане, государство, органы государственной власти, право, законность, правопорядок, гражданское общество.

**DEFINITION AND CHARACTERISTICS OF LEGAL EDUCATION**

Legal education is considered as an important activity of the state and society, aimed at raising the level of culture and legal consciousness of citizens, comprehensive observance of the law and legal standards. The state will achieve a high level of formation and development only if its citizens have a high level of legal education and fully and unconditionally observe the law and other legal documents.

**KEYWORDS:** Education, legal education, Constitution of the Republic of Tajikistan, citizens, state, state authorities, law, legality, rule of law, civil society.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Пирова Гулафзо*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, магистранти курси дуюми факултети ҳуқуқшиносӣ. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **(+992) 934-00-81-08**. E-mail: **pirova.gulafzo@mail.ru**

**Сведения об авторе:** ***Пирова Гулафзо*** – Таджикский национальный университет, магистрант второго курса юридического факультета. **Адрес**: 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: **(+992) 934-00-81-08.** E-mail: **pirova.gulafzo@mail.ru**

**Information about the author:** ***Pirova Gulafzo*** – Tajik National University, second-year master`s student of Faculty of Law. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. Phone: **(+992) 934-00-81-08.** E-mail: **pirova.gulafzo@mail.ru**

# АСОСҲОИ ИЛМӢ-ТАДҚИҚОТИИ ТЕХНИКӢ-КРИМИНАЛИСТИИ ҲУҶҶАТҲОИ ПЛАСТИКИИ ҲИСОББАРОБАРКУНӢ

***Расулиён А.Қ.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Мафҳуми корти пластикӣ аз нуқтаи назари криминалистӣ ин ҳуҷҷати (аз маводи полимерии пластикӣ омодашаванда, ки дар он маълумотои муайянсозандаи корт дохил ва нигоҳ дошта мешавад) аз рӯйи таъинот характеристикаи техникӣ ва аз рӯйи ташкилотҳои истеҳсолкунандаи он барои иҷрои амалҳои гуногун бо ёрии кортҳои гуногун мебошад.

Дар асоси ташхиси адабиётҳои махсус ва санадҳои ҳуқуқии замони муосир мо ба хулосае омадем, ки дар замони муосир роҳи ягонаи муайянсозии кортҳои пластикӣ ҷой

надорд. Бо мақсади боз ҳам аниқтар кардани квалификатсияи ҷинояти алоқаманд бо истифодаи кортҳои пластикӣ ва инчунин, боз ҳам дурусттар муайян намудани онҳо мафҳумҳои зерин оварда шудаанд: Ҳуҷҷат – ин маълумотҳои бо реквизит дар маводҳои доранда қайд шудаанд ва имкониятҳои айнияткунонии онро медиҳад; Ҳуҷҷати электронӣ - ҳуҷҷате, ки дар он маълумот дар шакли электронӣ - рақамӣ пешниҳод шудааст; Корти пардохткунанда – ин восита барои харид кардани молҳо ё ки истифодаи хизматрасониҳо, гирифтани пулҳои накд, ки бо воситаи эъририоф кардани шарту шароитҳои шартномаи байни эмитент ва истифодабарандаи он баста шудааст, ба амал бароварда мешавад; Корти ҳисоббаробаркунанда - восита барои баамалбарории амалиётҳо ба воситаи пуле, ки аз ҷониби дорандаи он дар эмитент ҷой дорад ва бо мувофиқаи қонунгузории ҶТ ва шартнома бо эмитент ба ҳисоб меравад. Эмитенти кортҳои бонкӣ - ташкилотҳои қарзӣ, кортҳои ғайрибонкӣ бошад, шахси ҳуқуқӣ ва ташкилоти ғайрикредитӣ мебошад.

Мафҳуми «корти пластикии бонкӣ» аз рӯйи ду ҳолат дида баромада мешавад. Аз як тараф, техникӣ - моддӣ ва аз тарафи дигар, материалӣ ва молиявӣ.

Аз ҷиҳати техникӣ шакли пластикаи росткунҷаро доро буда, дар худ маҷмуи маълумотҳои муайянро нигоҳ медорад. Аз рӯйи таркиби худ ва ҳаҷми элементи эмитентии кортҳои пластикӣ онҳо метавонанд гуногун бошанд, аз ҷумла, ташкилотҳои ғайрибонкӣ.

Бояд қайд намуд, ки аз нуқтаи назари криминалистӣ ин намуди муайянсозӣ пурра нест, зеро он мафҳуми корти пластикиро чун ҳуҷҷат, ки дорои элементҳои ҳимоявӣ мебошад, ифода намесозад.

Дар замони муосир, дар илми ҳуқуқи ватанӣ ифодаи аниқи мафҳуми корти пластикӣ чун предмет ва ё воситаи содиркунии ҷиноят вуҷуд надорад ва аз нуқтаи назари гуногун баён карда мешавад.

Ба мо сабабҳое, ки муайянсозандаи мушкилиҳои бавуҷудояндаро ташкил медҳанд, чунин гурӯҳбандӣ шудаанд:

- ҷой надоштани стандартҳои ҳатмӣ нисбати кортҳои бонкӣ (мавод, андоза, шакл, роҳҳои воридкунии реквизитҳои гуногун, тарҳ ва ғ.);
- гуногунии кортҳои пластикӣ аз рӯйи функсия ва мазмун;
- ҷой надоштани санади ягонаи меъёри ҳуқуқии ифодакунандаи мафҳуми корти пластикӣ чун ҳуҷҷат, раванди танзимкунандаи муроҷиат ва эмиссия дар муносибатҳои молӣ - пулӣ ва дигар муносибатҳои ҷамъиятӣ.

Олимони самти ҳуқуқи ҷиноятӣ ба хулосае омаданд, ки кортҳои пластикии ҳисоббаробаркунӣ дар маънои маҳдуд буда, на таҷҳизот, балки ҳуҷҷат ба ҳисоб мераванд. Аз нигоҳи баъзе аз олимон кортҳои пластикӣ коғази қиматнок ба ҳисоб намераванд, аммо аз рӯйи таркиби тасдиқкунӣ муқаррар ё бадасторий ҳуқуқи моликият ё ин ки тасдиқкунӣ ё муқарраркунии ҳамон уҳдадориҳои онро ифода мекунанд·

Дигар ақида дар он зоҳир мегардад, ки ин шакли пардохти ғайринақдӣ, ки дар худ пули оддиро иваз менамояд ва асъори ивазкунанда буда, ба коғазҳои қиматноки гуногун намуди махсус дохил мешавад ва ҳуқуқҳои молумулкии муайянро тасдиқ мекунад.

Н.А. Анчабадзе аз рӯйи ҳолати криминалистӣ корти пластикиро ба сифати воситаи тасдиқкунандаи факти ҳуқуқӣ ҷудо намуд, ки он метавонад ҳуқуқҳои муайян ва инчунин уҳдадориҳоро дошта бошад. Реквизитҳои кортҳои плстикӣ зери мафҳуми ҳуҷҷатҳои электронӣ фаҳмида мешаванд.

Аз нуқтаи назари мо чунин мувофиқа бешаку шубҳа муҳим ва дорои аҳаммияти махсус ҳангоми тафтиши ин навъи ҷиноятҳо ба мақсади қаллобӣ бо кортҳои пластикӣ мебошад.

Г.С. Панов пешниҳод мекунад, ки корти пластикӣ – ин мафҳуми умумие, ки ҳамаи намудҳои кортҳои гуногунро аз руйи таъинот, маҷмуи хизматрасониҳое, ки тавассути он расонида мешавад, имконияти техникӣ ва ташкилотҳои ба истифодадиҳандаи онро ифода мекунад.

Мубрамияти муҳимми ҳамаи кортҳои пластикӣ, новобаста аз дараҷаи мукамаллии он, ки дар он маҷмуи маълумотҳо нигоҳ дошта мешаванд, дар барномаҳои гуногуни дар МЭҲ ҷойгиркунонидашуда истифода бурда мешаванд, иборат аст. Аз ин рӯ, корти пластикӣ ҳамчун воситаи воридшавӣ ба бино, воситаи имконияти истифодабарии компютер ва ахбороти компютерӣ, шаҳодатномаи ронандагӣ ва инчунин воситаи хизматрасонии телефонӣ ва ғайра хизмат мерасонад. Дар доираи муомилоти пулӣ кортҳои пластикӣ яке аз

воситаҳои инкишофёфтаи ташкилотҳои ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ ба ҳисоб мераванд.

Аз нуқтаи назари мурофиявӣ - ҳуқуқӣ, Л.М. Карнеев мафҳуми кортҳои пластикиро чун ҳуҷҷат ифода мекунад. Ҳуҷҷат дар мурофиаи ҷиноятӣ барандаи маълумоти моддӣ ба ҳисоб меравад, ки дар он шахси мансабдор ё ин ки шаҳрвандон дар он маълумот оид ба ҳолатҳои парванда алоқаманд буда дарҷ гардидааст, онҳо дар шакли хаттӣ - расмӣ ё ки электронӣ дарҷ шудааст, ки онҳоро бо мақсади тафтиш ва ошкор кардани ҷиноят истифода мебаранд.

Фаҳмиши гуногуни кортҳои пластикӣ мавҷуд аст, аммо на яке аз онҳо мафҳуми онро пурра ифода мекунад. Аз рӯйи ҳисоботҳои корҳои илмӣ ва тадқиқотҳои ватанӣ ва хориҷӣ оид ба таҳлили масъалаҳои системаи тафтиш ва экспертӣ дар асоси нуқтаи назари ҷойдоштаи муаллиф ба шакли муайян дароварда шудааст. Корти пластикӣ аз рӯйи мавқеи криминалистӣ – ҳуҷҷати (аз маводи полимерии пластикӣ омодашуда, ки дар он ахбороти муайяни имкониятдиҳандаи муайянсозии корт дохил карда шуда ва нигоҳ дошта мешавад) гуногун аз рӯйи таъинот, характеристикаи техникӣ ва ташкилотҳои гуногуни баистифодадиҳандаи он барои ба амал баровардани амалҳои гуногун бо ёрии корт ба ҳисоб меравад.

Дар мувофиқа бо ҷумлаи болои муайянсозандаи кортҳои пластикӣ, муаллиф мафҳуми ҳуҷҷатҳои ҳисоббаробаркуниро тартиб дод. Аз рӯйи он ҳуҷҷатҳои пластикии ҳисоббаробаркунӣ - ҳуҷҷати қайди шахсӣ (аз маводи полимерӣ омодашуда, ки дар он маълумотҳои муайяни имкониятдиҳандаи муайянкунандаи ҳуҷҷатҳои пластикии ҳисобаробаркунӣ ворид ва нигоҳ дошта мешавад) истифодаи бисёркаратаи он барои харидории молу маҳсулот, гирифтани пули нақд, мубодилаи маблағ ба дигар ҳисоб, пардохти алоқаи мобилӣ, хизматрасонии комуналӣ ва дигар амалиётҳои ҳисоббарорӣ нигаронида шудааст.

Шумораи ҷиноятҳои бо истифодаи ҳуҷҷатҳои пластики ҳисоббаробаркунӣ содиршаванда ҳар сол бетағйир инкишоф ёфта истодааст. Аз ин рӯ, онҳо эътибори махсуси мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва кормандони бехатарии бонкиро талаб менамоянд.

Имрӯзҳо ҳуҷҷатҳои пластики ҳисоббаробаркунии гуногун аз ҷониби эмитентҳо баромада истодаанд, ки маҷмуи гуногуни амалиётҳоро иҷро мекунад. Дар алоқамандӣ аз вазифа ва шароити мушаххас, ки ҳалли ин вазифаҳо ба миён меояд, ба сифати ҳуҷҷатҳои пластики ҳисоббаробаркунӣ метавон ин ё он кортро интихоб намуд.

Мехоҳем қайд намоем, ки як қатор стандартҳои байналхалқии муайянсозандаи ҳалли таркиби кортҳои пластикиро чун ҳуҷҷатҳои пластикии ҳисоббаробаркунӣ, андозаҳо ва таркиби физикии пластикӣ (сифати сатҳ, тобоварии ҳароратӣ, афрузиш, тобовар ба қатъкунӣ ва тобдиҳӣ, ба ҳам таъсиррасонии электромагнитӣ, тобоварӣ ба нурҳои ултабунафш ва рентгенӣ, таркиби электростатикӣ ) вуҷуд дорад.

-180-7810 «Кортҳои айниятӣ (индентификатсионӣ) - характеристикаи физикӣ;

- 180-7811 «Кортҳои айниятӣ ( индентификатсионӣ ) - методи сабт»;

-180-7812 «Кортҳои айниятӣ ( индентификатсионӣ ) - системаи рамзгузорӣ ва раванди қайди индентификатрҳои эмитентӣ;

-180-7813 «Кортҳо айниятӣ ( индентификатсионӣ ) - кортҳо барои амалиётҳои молиявӣ;

-180-4909 «Кортҳои бонкӣ - маҷҷуи сеюм хатти магнитӣ»;

-180-7816«Кортҳои (индентификатсионӣ) - кортҳо бо микросхемаи тамосӣ.

Саволҳои таснифии ҳуҷҷатҳои пластики ҳисоббаробаркунӣ дар ҳолати криминалистӣ имрӯзҳо кушода мемонад. Гуногун намудии ҳуҷҷатҳои пластики ҳисоббаробаркунӣ аз нуқтаи назари олимони зиёд тасниф карда шудаанд. Масалан, А.В. Вавилов, И.И. Илин кортҳоро аз рӯйи маводи омодакунӣ тасниф кардаанд ба:

- қоғазӣ (картонӣ);
- пластикӣ;
- металлӣ.

Барои айнияти дорандаи корт одатан аз кортҳои қоғазӣ истифода мебаранд, ки рӯйпуш кунонида шудаанд. Онҳо дар омодакунӣ арзон ва ғайридоимӣ буда, одатан онҳоро ба сифати кортҳои сафарӣ дар намудҳои гуногуни воситаҳои автомобили мусофиркашон, иҷозатнома барои дохилшавӣ ба объектҳо ва нигоҳдорандаҳои ҳимояшаванда, ҳуҷҷатҳои

айниятӣ (бейджикҳои иштирокчиёни конфронсҳо, вохуриҳои расмӣ, ҷамъомад ва дигар баромадҳо) истифода бурда мешавад.

Рӯйпушкунонӣ (ламинатсиякунонӣ) раванди арзон ва дастрас буда, аз ин рӯ, агар ҳуҷҷатҳои пластики ҳисоббаробаркунӣ омода карда шавад, бояд бо мақсади баланд бардоштани ҳимояи онҳо аз сохтакорӣ технологияи мураккаби омодакунӣ аз пластикро истифода бурд.

Таснифи кортҳоро аз рӯйи маводи омодакунӣ таҳлил намуда, мо ба хулосае омадем, ки дар замони муосир кортҳои металлӣ амалан истифода бурда намешаванд. Онҳо аз металлҳои тунук, бо қабати содда омода карда мешаванд.

Ин ҳуҷҷатҳо истифодабарии бисёркаратаи худро дар раванди техналогияе, ки фишори зиёди механикиро дорад, истифода бурда мешавад (масалан, кортҳои телефонӣ, таксафонӣ ё кортҳо барои таввақуфгоҳҳои мошинҳо).

Ба назар мерасад, ки таснифи кортҳо аз рӯйи маводи омодакунӣ шавқовар буда, бесабаб барои техникаи криминалистӣ ҳимояи коркарди экспертизаи техникӣ - криминалистии ҳуҷҷатҳо актуалӣ ба ҳисоб намеравад.

Ҳамин тавр, ин тасниф ба ақидаи мо нопурра аст ва онро барои боз ҳам беҳтар фаҳмидани ҳуҷҷати пластики ҳисоббаробаркунӣ чун объекти тадқиқоти криминалистӣ вобаста бояд кард.

Аз нуқтаи назари Ю.В.Всяких ҳуҷҷатҳои пластики ҳисоббаробаркунӣ аз рӯйи роҳҳои сабти маълумотҳо тақсим мешаванд ба:

- сабти графикӣ;
- эмбосиронӣ;
- штрихӣ - рамзӣ;
- рамзкунонӣ дар хати магнитӣ;
- сабти лазерӣ ( кортҳои оптикӣ );
- сабти маълумотҳо дар хотираи чип ( микросхемаҳо ).

Ба ақидаи мо тасниф аз рӯйи роҳи сабти маълумот дар ҳуҷҷатҳои пластики ҳисоббаробаркунӣ пешниҳодкардаи Ю.В.Всяких пурра намебошад, дар он сабти мошинавӣ, рамзикунонии муайянкунандаи магнитӣ ва сабти омехтаро илова намудан мумкин аст.

Ҳар як элементи ба ин тасниф тааллуқдорро пурра дида мебароем.

**Сабти графикӣ** барои ба расмият даровардани реквизитҳои зерин чун нишона ё аломати молии ташкилоти омодакунандаи ҳуҷҷатҳои пластики ҳисоббаробаркунӣ, нишона ва аломати ташкилоти хизматрасонандаи эмитент, расми фонӣ ва расми ҳуҷҷатҳои пластики ҳисоббаробаркунӣ, истифодабарӣ ба сифати ҳимоя аз сохтакорӣ, муайяннамои ҳуҷҷат дар системаи локалии гардиши ҳуҷҷат истифода бурда мешавад.

**Сабти мошинӣ ( чопӣ )** - ин вақте, ки матн ба ҳуҷҷатҳои пластики ҳисоббаробаркунӣ ба воситаи муҳри ҳароратии трансферӣ ё струнӣ ворид карда шудааст. Бо ин роҳ номи ҳуҷҷатҳои пластики ҳисоббаробаркунӣ омода мекунанд ва эмитент, рақами бақайдгирӣ ва муҳлати амали он, элементҳои алоҳидаи ҳимоявӣ аз сохтакорӣ, коди эмитент, номинал (арзиши номи коғази қиматнок, пул, танга ва ғ) маълумотҳои шахсӣ оид ба дорандаи ҳуҷҷатҳои пластики ҳисоббаробаркунӣ (барои шахси ҳуқуқӣ – номгузории он, барои шахси воқеӣ ном ва насаб) ва дигар реквизитҳо ба расмият доварда мешавад.

**Эмбоссиронӣ,** яъне раванди дохил намудани маълумот ба ҳуҷҷатҳои пластики ҳисоббаробаркунӣ мебошад, ки дар шакли нақши графикӣ - релефӣ ва аломатҳои хат сабт шудааст, ки аз қисмати муқобили ҳуҷҷатҳои пластики ҳисоббаробаркунӣ ба қисмати пеши он бо ёрии лавҳа (клише) бо методи баланд фишурда бароварда мешавад. Одатан маълумоти эмбоссиронидашаванда рақам ва муҳлати амали ҳуҷҷатҳои пластики ҳисоббаробаркунӣ ном ва насаби соҳиби он мебошад. Ҳангоми омодакунӣ баъзан аз методи муҳри айниятӣ (нақши графикӣ ва аломатҳои хат, ки аз қисмати пеши ҳуҷҷатҳои пластики ҳисоббаробаркунӣ ба қисмати муқобил фишурда бароварда мешавад) истифода мебаранд. Баъд аз фишурда баровардани маълумотҳои ҳарфӣ – рақамӣ мумкин аст, ки дар типогрофӣ ( типпере ) амалан бо ҳамон ранги монохромӣ, одатан таҳти ранги тиллоӣ ва ё нуқрагӣ ороиш дода мешавад.

**Кодӣ штрихӣ** – ин сабти маълумот ба ҳуҷҷатҳои пластики ҳисоббаробаркунӣ дар намуди хатҳои (полос) штрихии сиёҳу сафеди паралелии бо баландии якхела, аммо аз рӯйи бар гуногун пешниҳодшуда мебошад. Одатан хати кодӣ бо таркиби ғайришаффоф пӯшонида шудааст ва хониши он дар нурҳои инфрасурх ба амал бароварда мешавад. Ҳуҷҷатҳои пластики ҳисоббаробаркунӣ бо штрихрамз дар омодасозӣ ба оддӣ дохил мешавад, ки ин ҳимояи сусти онҳоро аз сохтакорӣ ба миён меорад.

**Рамзбандӣ бо ёрии аломатҳои магнитӣ** бо тартиби муайяни дар сатҳи қолаб ҷойгир ё ҷорӣ кардан ба он гузаронида мешавад. Барои ҳар як ҳуҷҷатҳои пластики ҳисоббаробаркунӣ рамзбандии алгоритми шахсӣ (индувидуалӣ) (ҷойгиршавии қайди магнитӣ дар зер) истифода мешавад. Ҳуҷҷатҳои пластики ҳисоббаробаркунӣ индуктивӣ - структурӣ асосан дар системаҳои қонуни воридшавии автоматикунонидашуда истифода мешавад ва имконият медиҳад, ки ба объектҳои ҳимояшаванда ворид намояд ё ҳамчун калид ба нигоҳдорандаҳо истифода гарданд.

**Ҳуҷҷатҳои пластики ҳисоббаробаркунӣ бо хатти ферромагнитӣ** имрӯзҳо паҳншудатарин ба ҳисоб меравад ва дар муомилот зиёда аз 2 миллиард чунин корт ҷой дорад. Хусусан, онҳо дар системаи ҳисоббаробаркунӣ машҳур ҳастанд.

Таҳти методи сабти маълумот – ҳодисаи физикӣ ба ҳама маълум - магнетизми боқимонда – дар назар дошта мешавад, ки ба воситаи қобилияти маводҳои ферромагнитӣ алоҳида ба вуҷуд меоянд, фаҳмида мешавад, ки таҳти таъсири майдони магнитии зоҳирӣ ба тарзи магнитӣ нигоҳ дошта мешавад. Принсипи рамзбандии маълумотҳои дар сохтани он дар қисматҳои хатти ферромагнитӣ, таҳти таъсири дараҷаи гуногуни майдони магнитӣ ё самти муқобили мавқеи магнитӣ ифода меёбад.

**Ҳуҷҷатҳои пластики ҳисоббаробаркунӣ бо сабти лазерӣ,** инчунин кортҳои оптикӣ номида мешавад. Хусусияти фарққунандаи онҳо ғунҷоиши калони хотира мебошад. Ба онҳо метавон то 3 - 4 мегабайт маълумот сабт карда шавад. Ҳуҷҷатҳои пластики ҳисоббаробаркунӣ бо микросхема дар худ намуди нави дорандаи маълумотро ифода мекунад, чунин ҳуҷҷат метавонад на танҳо маълумотҳоро нигоҳ дорад, балки онро бо мувофиқаи яке аз намудҳои алгоритм коркард кунад. Чунин ҳуҷҷатҳои пластики ҳисоббаробаркунӣ дар як вақт смарт - корт (аз забони анг. боақл, интелектуалӣ ) ё кортҳои чипӣ (аз забони анг. чип - микросхема) низ ном доранд.

Ҳуҷҷатҳои пластики ҳисоббаробаркунӣ худи ҳамон хислати андозавиро, ки чун хатҳои ферромагнитӣ доранд, доро мебошанд. Ҳаҷми калони хотираи микросхема имконияти қайди на танҳо аломатҳои биометрӣ индентификатсионии дорандаи он (фоноскопияи овоз, имзои шахсӣ, пайи даст, тасвири рагҳои хунгарди шабакия (сичатка) - и чашм ва ғ. ва инчунин маълумотҳои иловагӣ оид ба ӯ (суроғаи ҷойи истиқомат, маълумотҳои паспортӣ, гурӯҳи хун, шаҳодатномаи ронандагӣ ва ё дигар шаҳодатнома, маълумотҳои қайди нафақавӣ, рақам ва ҳолати ҳисоби бонкӣ, ҳолати оилавӣ, ҷойи кор ё хондан ва дигар маълумотҳои шахсӣ ) - ро нигоҳ медорад.

Аз рӯйи таъинот ҳуҷҷатҳои пластики ҳисоббаробаркунӣ ҷудо мешаванд ба пардохтӣ ва омехта.

Намудҳои номбаршудаи ин таснифотро мо вобаста аз талаботи мизоҷ тақсим намудем.

**Ҳуҷҷатҳои пластики ҳисоббаробаркунӣ - пардохтӣ**. Бо ёрии он хариду фурӯш барои бадастории маҳсулот ва ё бадастории воситаи пули накд, пардохтҳое, ки мувофиқи шартҳои шартномаи байни эмитенти ҳуҷҷатҳои пластики ҳисоббаробаркунӣ ва шахси истифодабарандаи он мебошад, ба амал мебароранд. Чунин ҳуҷҷатҳо ба монанди дигар воситаҳо, восита ва предмети содиркунии ҷиноят ба ҳисоб меравaнд. Онҳоро шартан аз рӯйи асосҳои зерин тасниф кардан мумкин аст:

- бонкӣ;
- тиҷоратӣ;
- ҳамёнҳои электронӣ;
- диконтӣ.

Имрӯзҳо системаи пардохтии кредитӣ ва дебитӣ мавҷуд аст. Мувофиқи ақида, ҳамаи ҳуҷҷатҳои пластики ҳисоббаробаркунӣ бонкӣ тақсим карда мешаванд ба:

-дебитӣ;

-кредитӣ;

-дебитӣ бо дастрасии овердрайфҳо.

Инчунин, ҳуҷҷатҳои пластики ҳисоббаробаркуниро ба асосӣ ва иловагӣ тасниф намудан мумкин аст. Ҳуҷҷатҳои пластики ҳисоббаробаркунӣ асос ба ҳисоб меравад, агар, ки он аз ҷониби эмитент ба дорандаи маблағ дар ҳисоби корт дода шуда бошад.

Ҳуҷҷати пластикии ҳисобаробаркунии иловагии ҳуҷҷат аз ҷониби соҳиби ҳақиқии корт ба намояндаи он барои аз ҳамон ҳисоб истифода бурдан дода мешавад.

Вобаста аз системаи ҳисоби электронии ҳуҷҷати пластикии ҳисобаробаркунии бонкӣ тақсим мешавад, ба:

- байналхалқӣ
- миллӣ
- регионалӣ ё локалӣ

Ҳуҷҷати пластикии ҳисобаробаркунии тиҷоратиро шахсони воқеӣ барои истифодаи шахсӣ истифода мебаранд.

Ҳамёни электронӣ – ҳуҷҷати пластикии ҳисобаробаркуние, ки бо кушодани ягон намуди ҳисоб дар эмитент вобастагӣ надорад. Бо ёрии онҳо на танҳо амалиёти пардохтии ғайринақдӣ, балки нақдӣ низ ба амал бароварда мешавад. Масалан, нақдсозии пулҳои электронӣ ба оддӣ.

Ҳуҷҷати пластикии ҳисобаробаркунандаи дисконтӣ (аз забони англисӣ – тахфифӣ) имрӯзҳо яке аз намудҳои машҳури ҳуҷҷатҳои пластикӣ мебошад. Онҳоро дар марказҳои тиҷоратӣ, супермаркетҳо, дар марказҳои хизматрасонӣ самаранок истифода мебаранд.

**АДАБИЁТ**


1. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 ноябри соли 1994 дар раъйпурсии умумихалқӣ қабул карда шуд. 26 сентябри соли 1999, 22 июни соли 2003 ва 22 майи соли 2016 бо роҳи раъйпурсии умумихалқӣ ба он тағйиру иловаҳо ворид карда шудаанд. – Душанбе, 2016. – 64 с.
2. Кодекси ҷиноятии ҶТ аз 21. 05. 1998с. – №9 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 01.02.2023).
3. Кодекси Мурофиави ҷиноятии ҶТ аз 03. 12. 1999с. - № 564 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 01.02.2023).
4. Қонуни ҶТ “Дар бораи экспертизаи давлатии судӣ”аз 25 июли соли 2005.- № 102 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 01.02.2023).
5. Абдурагимова Т.И. Расследование изготовления, сбыта и использования поддельных пластиковых карт / Т.И. Абдурагимова. - М. 2001.
6. Белкин Р.С. Криминалистическая энциклопедия: Справочное пособие / Р.С. Белкин. - М.: Мегатрон. 2000.


## АСОСҲОИ ИЛМӢ-ТАДҚИҚОТИИ ТЕХНИКӢ - КРИМИНАЛИСТИИ ҲУҶҶАТҲОИ ПЛАСТИКИИ ҲИСОББАРОБАРКУНӢ


Дар замони ҳозира аз ҳар як шаш нафар дорандаи хуччатҳои пластикии ҳисоббаробаркунӣ қурбони хатогӣ ё ҷабрдидаи суйиқасди ҷиноӣ мешаванд. Солҳои охир шумораи ҷиноятҳои бо истифодаи воситаҳои ҳисоббаробаркунии замонавӣ содиршаванда зиёд шуда истодаанд. Таҳдиди нисбатан паҳншударо хатари дуздӣ, ғайриқонунӣ истифодабарӣ баъд аз гум кардан, сохтакорӣ ва қаллобӣ ҳангоми гузаронидани трансаксия ташкил медиҳад. Фаҳмиши гуногуни кортҳои пластикӣ мавҷуд аст, аммо на яке аз онҳо мафҳуми онро пурра ифода мекунанд. Корти пластикӣ аз рӯйи мавқеи криминалистӣ – ҳуҷҷати (аз маводи полимерии пластикӣ омодашуда, ки дар он ахбороти муайяни имкониятдиҳандаи муайянсозии корт дохил карда шуда ва нигоҳ дошта мешавад) гуногун аз рӯйи таъинот, характеристикаи техникӣ ва ташкилотҳои гуногуни баистифодадиҳандаи он барои ба амал баровардани амалҳои гуногун бо ёрии корт ба ҳисоб меравад. Дар мувофиқа бо ҷумлаи болоӣ муайянсозандаи кортҳои пластикӣ, метавонем, мафҳуми ҳуҷҷатҳои ҳисоббаробаркуниро чунин муайян созем. Ҳуҷҷатҳои пластикии ҳисоббаробаркунӣ - хуҷҷати қайди шахсӣ (аз маводи полимерӣ омодашуда, ки дар он маълумотҳои муайяни имкониятдиҳандаи муайянкунандаи ҳуҷҷатҳои пластикии ҳисобаробаркунӣ ворид ва нигоҳ дошта мешавад) истифодаи бисёркаратаи он барои харидории молу маҳсулот, гирифтани пули нақд, мубодилаи маблағ ба дигар ҳисоб, пардохти алоқаи мобилӣ, хизматрасонии комуналӣ ва дигар амалиётҳои ҳисоббарорӣ нигаронида шудааст.



**КАЛИДВОЖАҲО:** ҳуҷҷатҳои пластикии ҳисоббаробаркунӣ, кортҳои пластикӣ ва моҳияти онҳо, ҳуҷҷати электронӣ, корти пардохткунанда, корти ҳисоббаробаркунанда, корти пластикии бонкӣ.

**НАУЧНО-ИССЛЕДОВАТЕЛЬСКАЯ-ТЕХНИЧЕСКАЯ – СУДЕБНО - ЭКСПЕРИМЕНТАЛЬНАЯ БАЗА ПЛАСТИКОВОЙ УЧЕТНОЙ ДОКУМЕНТАЦИИ**

В настоящее время каждый шестой держатель пластиковых расчетных документов является жертвой ошибки или жертвой преступного покушения. В последние годы увеличивается количество преступлений, совершаемых с использованием современных средств учета. Наиболее распространенными угрозами являются риск кражи, неправомерного использования после потери, подделки и мошенничества с транзакциями. Существуют разные понимания пластиковых карт, но ни одно из них не выражает полностью ее смысла. Пластиковая карта по криминалистической позиции - документ (изготовленный из пластичного полимерного материала, в который включена и хранится определенная информация, позволяющая идентифицировать карту), различающийся по своему назначению, техническим характеристикам и различным организациям, использующим его для осуществления различных действий. взято с помощью карты. В соответствии с приведенным выше определением пластиковых карт можно определить понятие расчетных документов следующим образом. Пластиковые расчетные документы - персональный учетный документ (изготавливается из полимерного материала, в который вносятся и хранятся определенные данные, позволяющие идентифицировать пластиковые расчетные документы) его многократное использование для приобретения товаров и продукции, получения наличных денег, перечисления денег на другой счет, оплаты мобильная связь, коммунальные услуги и другие вычислительные операции.

**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА:** пластиковые расчетные документы, пластиковые карты и их сущность, электронный документ, платежная карта, расчетная карта, банковская пластиковая карта.

**SCIENTIFIC-RESEARCH-TECHNICAL-FORENSIC BASIS OF PLASTIC ACCOUNTING DOCUMENTS**

At the present time, every six holders of plastic settlement documents are victims of a mistake or a victim of a criminal attempt. In recent years, the number of crimes committed with the use of modern accounting tools has been increasing. The most common threats are the risk of theft, misuse after loss, forgery and transaction fraud. There are different understandings of plastic cards, but not one of them fully expresses its meaning. Plastic card according to the forensic position - a document (made of plastic polymer material, in which certain information enabling identification of the card is included and stored) different according to its purpose, technical characteristics and different organizations that use it to implement Various actions are taken with the help of the card. In accordance with the above definition of plastic cards, we can define the concept of settlement documents as follows. Plastic settlement documents - a personal registration document (made of polymer material, in which certain data enabling the identification of plastic settlement documents are entered and stored) its multiple use for purchasing goods and products, receiving cash, transferring funds to another account, paying for mobile communications , utility services and other computing operations.

**KEYWORDS:** plastic settlement documents, plastic cards and their essence, electronic document, payment card, settlement card, bank plastic card.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Расулиён Аниса Қаҳҳор*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, магистранти факултети ҳуқуқшиносӣ. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **919601063**. E-mail: **rasuliyonanisa704@gmail.com**

**Сведения об авторе:** ***Расулиён Аниса Каххор*** – Таджикский национальный университет, магистрант юридического факультета. **Адрес**: 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: **919601063.** E-mail: **rasuliyonanisa704@gmail.com**

**Information about the author:** ***Rasuliyan Anisa Qahhor*** – Tajik National University, master`s student of Faculty of Law. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. Phone: **919601063.** E-mail: **rasuliyonanisa704@gmail.com**

# ҚОНУНГУЗОРИИ АВИАТСИЯИ ГРАЖДАНИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

***Забиров З.Ш.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

“Қонунгузорӣ” худ истилоҳест, ки дорои мафҳум мебошад ва мафҳуми “қонунгузорӣ” чи гунае ки аз санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, адабиётҳои соҳавӣ, асарҳои таҳқиқотии муҳаққиқони риштаи ҳуқуқшиносӣ, фарҳанги истилоҳҳои ҳуқуқӣ, тафсирҳои ҳуқуқӣ (аз қабили тафсирҳои илмӣ, расмӣ, судӣ, легалӣ ва ё аутентикии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ) бармеояд, гуногунранг ба ҳисоб меравад. Мувофиқи моддаи 2-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ” аз 30 майи соли 2017, таҳти №1414 [7] қонунгузорӣ – санадҳои меъёрии ҳуқуқие, ки муносибатҳои ҷамъиятиро дар маҷмуъ ё дар соҳаи алоҳида танзим мекунанд, ба ҳисоб меравад. Аз мафҳуми фавқуззикр бармеояд, ки қонунгузорӣ аз маҷмуи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, аз ҷумла қонунҳо ва санадҳои меъёрии

ҳуқуқии зерқонунӣ таркиб ёфтааст, ки муносибатҳои ҷамъиятиро дар маҷмуъ (соҳаҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ, фарҳангӣ ва ҳоказо) ва ё ин ки дар соҳаи алоҳида (маориф, сайёҳӣ, бонкдорӣ, муҳити зист, ҳуқуқмуҳофизавӣ, нақлиёт, тандурустӣ ва ғайраҳо) тахти танзим қарор медиҳад. Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон аз назари ҳуқуқӣ ба намудҳои мухталиф, билҷумла қонунгузории амалкунанда ва аз эътибор соқитшуда, қонунгузории маданӣ, ҷиноятӣ, маъмурӣ, иқтисодӣ ва ҳоказо таснифбандӣ карда шудааст. Дар ин баробар низ, қонунгузории авиатсияи граждании ҳамчун намуди қонунгузорӣ мавриди таснифбандӣ қарор мегирад.

Қонунгузории авиатсияи граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон таркиби қонунгузории фазои ҳавоии Ҷумҳурии Тоҷикистонро ташкил медиҳад. Қонунгузории авиатсияи граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон аз маҷмуи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ таркиб ёфта, муносибатҳоеро, ки дар ҷараёни фаъолият дар соҳаи авиатсияи гражданӣ ба миён меоянд, ба танзим медарорад. Аз мафҳуми додашуда хусусиятҳои зерини қонунгузории авиатсияи гражданиро метавон номбар кард:

1. қонунгузории авиатсияи гражданӣ таркиби қонунгузории фазои ҳавоии Ҷумҳурии Тоҷикистонро ташкил медиҳад;
2. қонунгузории авиатсияи гражданӣ аз маҷмуи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, аз қабили қонунҳо ва санадҳои зерқонунӣ таркиб ёфтааст;
3. қонунгузории авиатсияи гражданӣ дарбаргирандаи маҷмуи санадҳои қонунгузории миллӣ ва байналмилалӣ мебошад;
4. қонунгузории авиатсияи гражданӣ муносибатҳоеро, ки дар ҷараёни истифодаи фазои ҳавоӣ, бо мақсади фаъолияти авиатсияи гражданӣ ба вуҷуд меоянд, мавриди танзим қарор медиҳад.

Қонунгузориии авиатсияи граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон асос ёфта, аз Кодекси фазои ҳавоии Ҷумҳурии Тоҷикистон, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф намудааст, иборат мебошад. Бо дарназардошти гуфтаи мазкур таркиби қонунгузории авиатсияи граждании Ҷумҳурии Тоҷикистонро бо такя ба принсипи низомнокӣ ва қувваи ҳуқуқӣ метавон аз чунин санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ иборат донист:

Нахуст, Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аст, ки меъёрҳои он мустақиман ва бевосита амал менамоянд ва қувваи олии ҳуқуқиро соҳибанд. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар моддаи 7-и худ [1, с. 3] ҳудуди Тоҷикистонро, ки дарбаргирандаи ҳудуди фазои ҳавоӣ мебошад, дахлнопазир эътироф намудааст. Тартиби истифодаи ҳудуди фазои ҳавоии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ё ворид шудани ҳавопаймоҳои гражданӣ мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба роҳ монда шудааст ва ғайриқонунӣ истифода намудан ва ё ворид шудан ба ҳудуди фазои ҳавоӣ боиси ҷавобгарии муқаррарнамудаи қонун мегардад. Инчунин, мутобиқи моддаи 13-и Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон [1, с. 5] давлат фазои ҳавоиро дар қатори замин, сарватҳои зеризаминӣ, об, олами набототу ҳайвонот ва дигар боигарии табиӣ моликияти истисноии давлат эътироф намуда, истифодаи онро ба манфиати халқ кафолат додааст.

Санадҳои ҳуқуқии байналмилалии амалкунанда дар соҳаи авиатсияи гражданӣ, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф намудааст, таркиби қонунгузории авиатсияи граждании Ҷумҳурии Тоҷикистонро ташкил медиҳанд. Маҷмуи санадҳои ҳуқуқии байналмилалии амалкунанда дар соҳаи авиатсияи гражданӣ, ки Тоҷикистон онҳоро пурра ва ё қисман эътироф намудааст [13], иборатанд аз:

- Конвенсияи авиатсияи байналмилалии гражданӣ (Конвенсияи Чикаго) аз 7 декабри соли 1944 (Тоҷикистон аз 3 сентябри соли 1993 эътироф намудааст);
- Конвенсия оид ба эътирофи байналмилалии ҳуқуқ ба нақлиёти ҳавоӣ (Конвенсияи Женева) аз 19 июни соли 1948 (Тоҷикистон аз 20 марти соли 1996 эътироф намудааст);
- Конвенсия оид ба ҷиноятҳо ва амалҳои дигаре, ки дар дохили нақлиёти ҳавоӣ содир мешаванд (Конвенсияи Токио) аз 14 сентябри соли 1963 (Тоҷикистон аз 20 марти соли 1996 эътироф намудааст);

- Конвенсия дар бораи содагардонии баъзе қоидаҳо оид ба ҳамлу нақли байналмилалӣ (Конвенсияи Варшава) аз 12 октябри соли 1929;
- Конвенсия оид ба мубориза бо ғасби ғайриқонунии ҳавопаймоҳо (Конвенсияи Гаага) аз 16 декабри соли 1970 (Тоҷикистон аз 29 феврали соли 1996 эътироф намудааст);
- Конвенсия оид ба мубориза бо амалҳои ғайриқонуние, ки бар зидди бехатарии авиатсияи гражданӣ нигаронида шудаанд (Конвенсияи Монреал) аз 23 сентябри соли 1971 (Тоҷикистон аз 29 феврали соли 1996 эътироф намудааст);
- Протокол оид ба мубориза бо амалҳои зӯроварии ғайриқонунӣ дар фурудгоҳҳое, ки ба авиатсияи байналмилалии гражданӣ хизмат мерасонанд, ки Конвенсия оид ба мубориза бо амалҳои ғайриқонуние, ки бар зидди бехатарии авиатсияи гражданӣ нигаронида шудаанд (Конвенсияи Монреал) аз 23 сентябри соли 1971-ро пурра менамояд ва 24 феврали соли 1988 қабул шудааст (Тоҷикистон аз 29 феврали соли 1996 эътироф намудааст);
- Конвенсия оид ба тамғагузории ашёҳои пластикии тарканда бо мақсади шинохтани онҳо (Конвенсияи Монреал) аз 1 марти соли 1991 (Тоҷикистон аз 18 июли соли 2006 эътироф намудааст);
- Конвенсия оид ба кафолатҳои байналмилалии таҷҳизоти ҳаракаткунанда (Конвенсияи Кейптаун) аз 16 ноябри соли 2001 (Тоҷикистон аз 31 майии соли 2011 эътироф намудааст);
- Протокол дар бораи муҷаҳҳазгардонии авиатсионӣ ба Конвенсия оид ба кафолатҳои байналмилалии таҷҳизоти ҳаракаткунанда (Конвенсияи Кейптаун) аз 16 ноябри соли 2001 (Тоҷикистон аз 31 майии соли 2011 эътироф намудааст) ва ҳоказо.

Кодекси фазои ҳавоии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 13 ноябри соли 1998, таҳти №720 иборат аз 18 боб ва 130 модда ягона санади кодификатсионӣ буда, аз маҷмуи меъёрҳои ҳуқуқие иборат аст, ки муносибатҳоро вобаста ба истифодаи фазои ҳавоии Ҷумҳурии Тоҷикистон танзим намуда, вазифаҳои он танзими ҳамлу нақли ҳавоӣ, корҳои авиатсионӣ, мудофиа ва амнияти давлат, ҳифзи манфиатҳои шаҳрвандон, бехатарии парвози ҳавопаймоҳо, амнияти авиатсионӣ ва муҳити зист мебошад. Муносибатҳое, ки қонунгузории авиатсияи гражданӣ мутобиқи Кодекси фазои ҳавоии Ҷумҳурии Тоҷикистон [2] ба танзим медарорад, иборат аз чунин гурӯҳҳои муносибатҳо мебошанд:

- ✓ муносибатҳое, ки бо фаъолият дар соҳаи авиатсияи гражданӣ дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон вобастаанд;
- ✓ муносибатҳое, ки аз парвози ҳавопаймоҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон берун аз қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон ба вуҷуд меоянд;
- ✓ муносибатҳое, ки вобаста ба парвози ҳавопаймоҳои давлатҳои хориҷӣ дар фазои ҳавоии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба вуҷуд меоянд, агар қонунҳои кишваре, ки ҳавопаймо дар он қарор дорад ё дар санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф намудааст, тартиби дигареро пешбинӣ накарда бошанд.

Кодекси фазои ҳавоии Ҷумҳурии Тоҷикистон дарбаргирандаи меъёрҳои танзимкунандаи авиатсияи давлатӣ ва авиатсияи гражданӣ бошад ҳам, қисми зиёди меъёрҳои он мансуб ба фаъолият дар соҳаи авиатсияи гражданӣ мебошад. Кодекси зикршуда [2] меъёрҳои алоҳидаро роҷеъ ба танзими давлатии фаъолият дар соҳаи авиатсияи гражданӣ [2, б.3], назорати давлатӣ ба фаъолият дар соҳаи авиатсияи гражданӣ [2, б.4], кормандони авиатсияи гражданӣ [2, б.5], ҳайати ҳавопаймоҳои гражданӣ ва ҳуқуқу уҳдадориҳои онҳо [2, б.6], бақайдгирии давлатӣ, баҳисобгирии давлатӣ ва сертификатсияи ҳавопаймоҳои гражданӣ, аэродромҳо, фурудгоҳҳо ва иншооти системаи ягонаи ташкили ҳаракати ҳавоӣ [2, б.7 ва 8], корхонаҳои авиатсионӣ [2, б.9], меъёрҳо вобаста ба парвози байналмилалии ҳавопаймоҳо [2, б.10], бехатарии авиатсионӣ [2, б.12], корҳои ҷустуҷӯйӣ ва наҷотдиҳӣ [2, б.13], масъулияти ҳамлу нақлдиҳанда, истифодабаранда ва борфиристанда [2, б.17] ва дигар меъёрҳоро, ки мансуб ба фаъолият дар соҳаи авиатсияи гражданӣ мебошанд, дар бар мегирад.

Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24 декабри соли 2022, таҳти №1918 ҳамчун санади кодификатсионӣ дорои меъёрҳои ҳуқуқие мебошад, ки доираи муайяни муносибатҳоро дар соҳаи авиатсияи гражданӣ танзим менамояд. Масалан, меъёрҳои Кодекси маданӣ, аз ҷумла принсипҳои қонунгузории маданӣ [3, м.3], меъёрҳо оид ба ашёҳои

ғайриманқул [3, м.138], муқаррароти умумии хариду фурӯш [3, б.35], муқаррароти умумӣ оид ба иҷора [3, б.39], ҳамлу нақл [3, б.44], суғурта [3, б.53], шартномаи агентӣ [3, б.56] ва ғайраҳоро номбар кардан мумкин аст, ки дар танзими муносибатҳои соҳаи авиатсияи гражданӣ, бастани шартномаву аҳдҳо ва ба роҳ мондани фаъолият оид ба хизматрасонии ҳамлу нақли мусофирон, борҳо ва бағоҷҳо мусоидат менамоянд.

Оид ба пешгирии ҷиноятҳо, ҳуқуқвайронкуниҳои маъмурӣ ва дигар амалҳои ғайриқонунӣ дар соҳаи авиатсияи гражданӣ меъёрҳои Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21 майи соли 1998, таҳти №574 ва Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22 июли соли 2013, таҳти №975 мусоидат менамоянд. Масалан, баъзе аз ҳаракат (беҳаракатӣ)-ии ба ҷамъият ва соҳаи авиатсияи гражданӣ хавфнок, аз қабили ғайриқонунӣ ҳай карда бурдан ё ғасби ҳавопаймо, киштӣ ё қатораи роҳи оҳан [4, м.184], кирдорҳои қасдона ба муқобили бехатарии ҳавопаймо ё киштӣ [4, м.184(2)], ҳаракати қасдона ба муқобили бехатарии фурудгоҳҳое, ки ба авиатсияи гражданӣ хизмат мерасонанд [4, м.184(3)], вайрон кардани қоидаҳои бехатарии ҳаракат ва истифодаи нақлиёти роҳи оҳан, ҳавоӣ ё обӣ [4, м.211], ғайриқонунӣ дар нақлиёти ҳавоӣ бо худ бурдани моддаҳои тарканда ё зуддаргиранда [4, м.215], вайрон кардани қоидаҳои парвози байналмилалӣ [4, м.218] ва ғайраро Кодекси ҷиноятӣ бо таҳдиди татбиқи ҷазо манъ намуда, барои содиркунандагони чунин ҷиноятҳо ҷавобгарӣ ва ҷазои ҷиноятиро пешбинӣ намудааст. Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ дар моддаҳои алоҳидаи худ, баъзе аз амалҳои ғайриқонунӣ, билҷумла риоя накардани қоидаҳои муҳофизат аз сӯхтор дар нақлиёти роҳи оҳан, ҳавоӣ, обӣ, автомобилӣ ва нақлиёти техникӣ [5, м.287], риоя накардани қоидаҳои бехатарии парвоз [5, м.296], риоя накардани қоидаҳои тавассути ҳавопаймо ҳамлу нақли маводи хавфнок [5, м.297], риоя накардани қоидаҳои рафтор дар ҳавопаймо [5, м.298], саркашӣ кардан аз боздиди шахсӣ, бағоҷ ва бори дастӣ [5, м.301] ва ғайраҳоро ҳамчун ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ пешбинӣ намудааст.

Кодекси замини Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 13 декабри соли 1996, таҳти №326 меъёрҳоеро дар худ таҷассум намудааст, ки ба фаъолияти авиатсияи гражданӣ мутааллиқ мебошанд. Масалан, моддаи 3-и Кодекси замин [6], ки "Фонди ягонаи давлатии замин" ном дорад, заминҳоро мутобиқи таъиноти мақсаднок гурӯҳбандӣ намудааст, ки яке аз ин гурӯҳи заминҳо – заминҳои саноат, нақлиёт, алоқа, мудофиа ва таъиноти дигар ном дорад. Тибқи моддаи 84-и кодекси мазкур [6], заминҳои нақлиёт ба заминҳои нақлиёти автомобилӣ, роҳи оҳан, обӣ ва ҳавоӣ ҷудо мешаванд. Заминҳое, ки барои нақлиёти ҳавоӣ пешбинӣ шудаанд, ин фурудгоҳҳои ҳавоӣ ва аэродромҳо ба ҳисоб мераванд.

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи сарҳади давлатӣ" аз 1 августи соли 1997, таҳти №481 низ таркиби қонунгузории авиатсияи гражданиро ташкил медиҳад. Мутобиқи моддаи 1-и Қонуни мазкур [8] сарҳади давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон хат ва сатҳи амудии аз ин хат гузарандааст, ки ҳудуди қаламрави давлатии (хушкӣ, обҳо, қаъри замин ва фазои ҳавоӣ) Ҷумҳурии Тоҷикистон, яъне ҳадди фазоии амали соҳибихтиёрии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистонро муайян менамояд. Ҳамчунин, қонуни мазкур [8] тартиби парвози ҳавопаймоҳоро аз сарҳади давлатӣ, фуруд омадан ва парвози ҳавопаймоҳо дар аэродромҳо ва фурудгоҳҳо, убури сарҳади давлатӣ аз тарафи ҳавопаймоҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳавопаймоҳои давлатҳои хориҷӣ ва ғайраҳоро ба танзим медарорад.

Қонуни дигаре, ки таркиби қонунгузории авиатсияи граждании Ҷумҳурии Тоҷикистонро ташкил медиҳад, ин Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи иҷораи молиявӣ (лизинг)" аз 22 апрели соли 2003, таҳти №9 мебошад. Мувофиқи қонуни фавқуззикр [9] ба мавзуи лизинг воситаҳои нақлиёт, аз ҷумла нақлиёти ҳавоӣ, ки бо мақсади авиатсияи гражданӣ истифода мешавад, дохил мешаванд. Яъне, меъёрҳои қонуни мазкур [9] муносибатҳоро вобаста ба лизинги ҳавопаймоҳои гражданӣ, амвол, бино, иншоот, таҷҳизот ва дигар амволи манқул ва ғайриманқуле, ки бо мақсади пешбурди фаъолияти соҳибкорӣ ва ё тиҷоратӣ дар соҳаи авиатсияи гражданӣ истифода бурда мешаванд, батанзим медароранд.

Қонунгузории авиатсияи гражданӣ ба ғайр аз кодексҳо ва қонунҳо, ҳамчунин аз санадҳои меъёрии ҳуқуқии зерқонунӣ низ таркиб ёфтааст. Санадҳои меъёрии ҳуқуқии зерқонунӣ санадҳои меъёрии ҳуқуқие мебошанд, ки дар асос ва барои иҷрои санадҳои қонунгузорӣ (кодексҳо ва қонунҳо) қабул карда мешаванд. Ба шумори санадҳои меъёрии

ҳуқуқии зерқонунӣ дар соҳаи авиатсияи гражданӣ метавон қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистонро мисол овард, аз қабили:

- *Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи Созишномаи байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Ӯзбекистон оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи истифодаи фазои ҳавоӣ ва аэродромҳо аз ҷониби ҳавопаймоҳои авиатсияи давлатӣ ҳангоми ҳолатҳои рафънопазир" аз 9 декабри соли 2021, таҳти №526;*
- *Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи тасдиқи Низомномаи комиссияи байниидоравӣ оид ба таъмини бехтарии авиатсионии авиатсияи гражданӣ" аз 23 ноябри соли 2019, таҳти 582; Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи тасдиқи Низомномаи Агентии авиатсияи гражданни назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон" аз 29 декабри соли 2017, таҳти №596;*
- *Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи Қоидаҳои ташкили хизматрасонӣ ба мусофирони хатсайрҳои байналмилалӣ дар фурудгоҳҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон" аз 27 ноябри соли 2019, таҳти №601 [14] ва қарорҳои дигари амалкунанда дар соҳаи авиатсияи гражданӣ вуҷуд доранд.*

Ба гурӯҳи санадҳои меъёрии ҳуқуқии зерқонунӣ дар соҳаи авиатсияи гражданӣ санадҳои меъёрии ҳуқуқии Вазорати нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Агентии авиатсияи гражданни назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон низ шомил мебошанд. Сабаби номбар гардидани Вазорати нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар он аст, ки то таъсис ёфтани Агентии авиатсияи гражданни назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон назорат ва танзими соҳаи авиатсияи гражданни мамлакат аз тарафи Саррёсати авиатсияи гражданни Вазорати нақлиёт ба роҳ монда шуда буд. Баъзеи санадҳои меъёрии ҳуқуқии имрӯз амалкунандаи соҳаи авиатсияи гражданӣ аз ҷониби Вазорати нақлиёт ва коммуникатсияи ҶТ қабул ва тасдиқ гардида буданд. Аз соли 2017 сар карда, назорат ва танзими соҳаи авиатсияи гражданни мамлакат бар дӯши Агентии авиатсияи гражданни назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон вогузор гардидааст. Ба санадҳои ҳуқуқии Вазорати нақлиёти ҶТ ва Агентии авиатсияи гражданни назди Ҳукумати ҶТ инҳо мисол шуда метавонанд:

- *Фармоиши Агентии авиатсияи гражданни назди Ҳукумати ҶТ "Дар бораи тасдиқ намудани Қоидаҳои гузаронидани санҷиши фаъолияти субъектони хоҷагидорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби Агентиии авиатсияи гражданни назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон" аз 18 июни соли 2019, таҳти №13;*
- *Фармоиши Вазорати нақлиёти ҶТ "Дар бораи тасдиқи Қоидаҳои умумии авиатсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Қоидаҳои ҳамлу нақли мусофирон, бағоҷҳо, борҳо ва талаботҳо дар бораи хизматрасонии мусофирон, борфиристандагон ва боргирандагон" аз 2 июни соли 2014, таҳти №90;*
- *Фармоиши Вазорати нақлиёти ҶТ "Дар бораи тасдиқи Қоидаҳои умумии авиатсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон "Талабот доир ба ҳифзи муҳити зист аз таъсири фаъолият дар соҳаи авиатсияи гражданӣ" аз 23 июни соли 2014, таҳти №111 [14] ва ғайраҳо.*

Қоидаҳои умумии авиатсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон "Қоидаҳои ҳамлу нақли мусофирон, бағоҷҳо, борҳо ва талаботҳо дар бораи хизматрасонии мусофирон, борфиристандагон ва боргирандагон" аз 2 июни соли 2014, таҳти №90, ки аз 13 боб ва 135 банд иборат буда, мувофиқи Конвенсияи авиатсияи байналмилалии гражданӣ аз соли 1944, стандартҳо ва тавсияҳои амалии Ташкилоти байналмилалии авиатсияи гражданӣ (ИКАО), Кодекси фазои ҳавоии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Конвенсия дар бораи содагардонии баъзе қоидаҳо оид ба ҳамлу нақли байналмилалӣ (Конвенсияи Варшава) аз 12 октябри соли 1929 таҳия гардидааст, ки меъёрҳои намунавиро ҷиҳати танзими тартиби ҳамлу нақли мусофирон, бағоҷ ва борҳо аз тарафи корхонаҳои авиатсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бар мегирад. Дар Қоидаи мазкур [10] тартиби ҳамлу нақли мусофирон (б.3), аз ҷумла мусофирони ноболиғ [10, б.37], имкониятașон маҳдуд [10, б.35], ҳомиладор [10, б.36], бемор [10, б.38], шахсони истирдодшаванда [10, б.51], депортшуда [10, б.48], тартиби ҳамлу нақли бағоҷҳо [10, б.5], аз қабили бағоҷи аз меъёр зиёд [10, б.63], бағоҷи дастӣ, бағоҷе, ки шароити махсусро талаб мекунад [10, б.65], ҳамлу нақли борҳо [10, б.11], аз ҷумла борҳои хатарнок [10, б.128], ҳайвонот [10, б.71] ва ғайра пешбинӣ гардидааст.

Таркиби қонунгузории авиатсияи гражданин Ҷумҳурии Тоҷикистонро на танҳо он чизе, аниқтараш он санадҳои меъёрии ҳуқуқие, ки мо дар боло номбар карда, таҳлил намудем, ташкил медиҳанд, балки таркиби қонунгузории авиатсияи гражданӣ аз низомномаҳо, дастурамалҳо ва қоидаҳои алоҳидаи дигаре, ки аз ҷониби мақомоти ваколатдори давлатии соҳаи авиатсияи гражданӣ, худи корхонаҳои авиатсионӣ ва Ташкилоти байналмилалии авиатсияи гражданӣ таҳия, қабул ва эътироф гардидаанд, иборат мебошад.

Хуллас, бо таълифи мақолаи мазкур ва таҳлилҳои ҳамаҷониба мо ба хулосае омадем, ки қонунгузории авиатсияи гражданин Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун самти алоҳидаи қонунгузорӣ чун объект мавриди таҳлил, муҳокимаву баррасӣ ва таҳқиқот қарор гирад.

**АДАБИЁТ**


1. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 ноябри соли 1994 (бо тағйиру иловаҳо аз 26 сентябри соли 1999, 22 июни соли 2003 ва 22 майи соли 2016). – Душанеб: Ганҷ, 2016. – 135 с.
2. Кодекси фазои ҳавоии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 13 ноябри соли 1998, №720.
3. Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24 декабри соли 2022, №1918.
4. Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21 майи соли 1998, №574.
5. Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22 июли соли 2013, №975.
6. Кодекси замини Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 13 декабри соли 1996, №326.
7. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ” аз 30 майи соли 2017, №1414.
8. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи Сарҳади давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон” аз 1 августи соли 1997, №481.
9. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи иҷораи молиявӣ (лизинг)” аз 22 апрели соли 2003, №9.
10. Қоидаҳои умумии авиатсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Қоидаҳои ҳамлу нақли мусофирон, бағоҷҳо, борҳо ва талаботҳо дар бораи хизматрасонии мусофирон, борфиристандагон ва боргирандагон” аз 2 июни соли 2014, тахти №90, Душанбе – 117 с.
11. Давлатзода Ш. Ш. “Мафҳуми васеъ ва маҳдуди қонунгузорӣ”. Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. 2020. №9. с. 363-367.
12. Сотиволдиев Р. Ш. “Назарияи давлат ва ҳуқуқ” / Р.Ш. Сотиволдиев. - Душанбе: “Сино”, 2018.
13. Сомонаи расмии Ташкилоти байналмилалии авиатсияи гражданӣ – www.icao.int.
14. Сомонаи расмии Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон – www.adliya.tj.


**ҚОНУНГУЗОРИИ АВИАТСИЯИ ГРАЖДАНИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**


Дар мақолаи мазкур мафҳуми қонунгузории авиатсияи гражданин Ҷумҳурии Тоҷикистон, хусусиятҳо ва таркиби он мавриди таҳлил ва шарҳу тафсир қарор гирифтааст. Воқеан, авиатсияи гражданӣ ҳамчун соҳаи фаъолу рушдёбандаи кишвар буда, муносибатҳо дар соҳаи авиатсияи гражданӣ мутобиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди танзим қарор дода мешаванд. Қонунгузории авиатсияи гражданӣ аз маҷмуи санадҳои меъёрии ҳуқуқии амалкунанда дар соҳаи авиатсияи гражданӣ таркиб ёфтааст. Муаллиф дар натиҷаи таҳлили қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба хулоса омад, ки қонунгузории авиатсияи гражданӣ чун қисми таркибии қонунгузории кишвар бояд мавриди таҳлил, баррасӣ ва таҳқиқ қарор дода шавад.



**КАЛИДВОЖАҲО:** қонунгузорӣ, қонун, авиатсияи гражданӣ, санадҳои зерқонунӣ, фазои ҳавоӣ.


**ЗАКОНОДАТЕЛЬСТВО ГРАЖДАНСКОЙ АВИАЦИИ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН**


В данной статье анализируется и объясняется понятие законодательства гражданской авиации Республики Таджикистан и его особенности и состав. Действительно, гражданская авиация является активно-развивающейся отраслью государства и отношения в сфере гражданской авиации регулируются нормативно-правовыми актами Республики Таджикистан. Законодательство гражданской авиации состоит из комплекса нормативно-правовых актов, которых считаются действующими в сфере гражданской авиации. В результате анализа законодательства Республики Таджикистан автор пришёл к выводу, что законодательство гражданской авиации, которое является составной частью законодательства Республики Таджикистан должно быть предметом анализа, рассмотрения и исследования.



**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА:** законодательство, закон, гражданская авиация, подзаконные акты, воздушное пространство.


**LEGISLATION OF CIVIL AVIATION OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN**


This article analyzes and explains the conception of legislation of civil aviation of the Republic of Tajikistan and its features and structure. Indeed, civil aviation is actively developing field and relationships in civil aviation regulates by legal acts of Tajikistan. Legislation of civil aviation includes set of legal acts which are applicable in civil aviation. As a result of analyses of legislation of the Republic of Tajikistan the author makes conclusion that legislation of civil aviation must be the subject of analyze, consideration and research.



**KEYWORDS:** legislation, law, civil aviation, by-laws, airspace.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Забиров Шохрух Фаррухович*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, магистранти курси якуми факултети ҳуқуқшиносӣ. Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **(+992) 917036665.** E-mail: **shohrukhzabirov@gmail.com**

**Сведения об авторе:** ***Забиров Шохрух Фаррухович*** – Таджикский национальный университет, магистрант первого курса юридического факультета. Адрес: 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: **(+992) 917036665.** E-mail: **shohrukhzabirov@gmail.com**

**Information about the author:** ***Zabirov Shohrukh Farrukhovich*** – Tajik National University, first-year master’s student of the Faculty of Law. Address: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. Phone: **(+992) 917036665.** E-mail: **shohrukhzabirov@gmail.com**

# БИОЛОГИЯ – БИОЛОГИЯ

**ТДУ 619: 616.98: 579.852.13-083.37**

## ТЕХНОЛОГИЯИ ОМОДАСОЗИИ ВАКСИНАҲОИ ПОЛИВАЛЕНТӢ БАР ЗИДДИ КЛОСТРИДИОЗҲО

*Хусаинова Н.Н., Артикова Н.Қ.*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Дар байни касалиҳои сироятие, ки самаранокии чорвопарвариро дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон паст мекунанд, беморении клостридиози ҳайвони хурди шохдор мавқеи махсусро ишғол мекунад. Ваксинаҳо амалан ягона роҳи боэътимоди пешгирии бемориҳои сироятӣ ба хусус клостридиозҳо ба монанди брадзоти гӯсфандон, кузоз, энтеротоксемияи анаэробӣ, энтеритҳои некротикӣ ва ғайраҳо мебошад Маълумотҳои адабиётҳои илмӣ нишон медиҳанд, ки клостридиозҳо зиёда аз 220 намудро ташкил намуда, танҳо қисми ками онҳо хусусиятҳои токсигенӣ ва патогениро доро мебошанд [1,3].

Роҳи дурусти эмин нигоҳ доштани чорво аз касалиҳои сирояткунанда, ба хусус клостридиозҳо, ин тадбирҳои умумии санитарию байторӣ ва истифодаи маводҳои махсуси профилактикӣ мебошад [4]. Ваксинагузаронӣ роҳи асосии пешгирии сироятҳои клостридиозии ҳайвонот мебошад. Бояд қайд намуд, ки самаранокии ваксинаҳои зидди бемориҳои клостридии ҳайвонот аз бисёр омилҳо ва пеш аз ҳама аз мувофиқ интихоб кардани штаммҳои аз ҷиҳати клиникӣ ва эпизоотологӣ муҳим, вобастагии калон дорад [2,6].

Асоси омодасозии ваксинаҳои зидди клостридиозӣ ба парвариши дурусти микроорганизмҳо ва экзотоксинҳои аз ҷониби бактерияҳое, ки дар шароити анаэробӣ ҳосил шудаанд, асос ёфтааст. Ҳамзамон, тарҳи мукаммали биореакторҳо, ба сифати муҳити ғизоии истифодашаванда, хатти технологӣ ва зинннаҳои истеҳсоли ваксина вобастагӣ дорад [5,7].

Ҳадафи ин тадқиқот технологияи омодасозии ваксинаи поливалентӣ дар асоси штаммҳои аз ҷиҳати клиникӣ муҳим ва пешгирии махсуси клостридиози ҳайвонот дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Таҳқиқот дар заминаи маҷмааи биотехнологии ҶДММ «АГРОВЕТ» ва Институти масоили амнияти биологӣ ва биотехнология гузаронида шудааст. Барои омодасозии ваксина дар шароити истеҳсоли штаммҳои маҳаллӣ ва истеҳсолии *C.perfringens* навъҳои B, C, D, *C.oedematiens C.sordellii*, *C.septicum*, *C.tetani*, *C.chauvoei* $R_{15}$, истифода шудаанд. Парвариши штаммҳои ваксинагӣ дар муҳити ғизоии дар асоси казеин-пептон, экстракти ҷигар ва намакҳои металҳои вазнин амалӣ гардонида шуданд.

Парвариши штаммҳои истеҳсолӣ бо риояи қоидаҳои асептикӣ зина ба зина дар алоҳидагӣ гузаронида шуданд: зинаи якум дар пробиркаҳо зери равғани фармасевтӣ дар муҳити ғизоии гушту пептонӣ, дар давоми 24-48 соат, ҳарорати парвариш $37^0$С; зинаи дуюм дар зарфшишаҳои ҳаҷмашон 0,5 мл дар муҳити ғизоии казеин-пептон ва экстракти ҷигар зери равғани вазелин дар ҳарорати 37°С ба муддати 24 соат; зинаи сеюм дар зарфшишаҳо; зинаи охирон дар биореакторҳо. Барои санҷиши морфологӣ ва тозагии штаммҳо усули микроскопӣ истифода шудааст. Консентратсияи бактерияҳои анаэробиро мувофиқи стандарти ғилзатнокии оптикии Л.А. Тарасевич муайян карда шудааст.

Парвариши саноатӣ дар биореакторҳои дорои системаҳои мукаммали назоратӣ ва танзими параметрҳои асосӣ: ҳарорати парвариш, pH-и муҳити ғизоӣ, суръати омехташавӣ дар ҳарорати $37\pm1^0$С гузаронида шудаанд. Барои фароҳам овардани муҳити анаэробӣ гази нитрогени аз ҷиҳати кимиёвӣ тозаро истифода намудем ва танзими pH-ро дар ҳудуди 6,8-7,2 бо истифодаи маҳлули 25% аммиак таъмин намудем.

Дараҷаи токсиннокии бактерияҳои парваришшударо дар мушҳои сафед муайян намудем. Ғайрифаъолсозии массаи бактерияҳоро бо истифода аз формалин анҷом додем. Токсинҳо тавассути филтратсия дар дастгоҳи ултрафилтратсияи АСФ-020 консентратсия

карда шуданд. Силсилаи таҷрибавии моноваксинҳо ва препаратҳои поливалентӣ аз токсинҳо ва бактерияҳои бо формалин ғайрифаъолшудаи клостридиум омода карда шуда, дар гели гидратокиси алюминий адсорбсия карда шуданд.

Ваксинаҳои поливалентиро бо роҳи омехта намудани ҳамаи ҷузъҳо дар таносуби санҷидашуда, бо илова намудани маҳлули 4% ГОА ҳамчун адюювант ва тиомерсал омода намудем.

Хусусиятҳои бехатарӣ, реактогенӣ ва иммуногении силсилаи таҷрибавии ваксинаи поливалентиро дар ҳайвоноти лабораторӣ: мушҳои сафеди вазнаш 16-19 грамм, хукчаҳои баҳрӣ вазнашон 320-400 грамм, харгӯшҳои вазнашон 2,3-3,2 килограмм гузаронидем.

Барои омодасозии силсилаи таҷрибавии ваксинаи поливалентӣ бар зидди сироятҳои клостридиозӣ дар ҳайвоноти кишоварзӣ, штаммҳои истеҳсолии аз ҷиҳати клинникӣ муҳимро истифода намудем. Ҳамон навъҳои штаммҳои саноатиро интихоб намудем, ки иммунитети шиддатноки муҳофизатиро дар ҳайвоноти лабораторӣ таъмин мекунанд.

Маводи парваришӣ барои парвариши саноатӣ штаммҳои истеҳсолии клостридиум дар шакли вегетативӣ ва споравӣ бо таносуби 1:10 бо консентратсияи оптикии 8-9,0×$10^9$ ҳуҷайра/$см^3$ буд. Натиҷаҳои парвариши штаммҳои клострии дар зарфшишаҳо дар ҷадвал 1 оварда шудаанд.

***Ҷадвали 1. Натиҷаҳои парвариши штаммҳои клостридий дар зарфшишаҳо***

| № | Штаммҳо | Ҳаҷми муҳити ғизоӣ, л. | Консентратсияи микроорганизмҳо |
|---|---|---|---|
| 1 | *C.perfringens тип B* | 9 | 7,5±0,01 |
| 2 | *C.perfringens тип C* | 9 | 9,3±0,5 |
| 3 | *C.perfringens тип D* | 9 | 12,5±0,2 |
| 4 | *C.sordellii* | 9 | 6,7±0,5 |
| 5 | *C.novyi, тип B* | 9 | 6,5±0,2 |
| 6 | *C.septicum* | 9 | 9,5±0,1 |
| 7 | *C.chauvoei* | 9 | 13,0±0,08 |
| 8 | *C.tetani* | 9 | 8,1±0,4 |

Эзоҳ: муддати парвариш 18-24 соат, ҳарорат 37-$38^0$C.

Парвариш дар биореакторро дар муҳити ғизоӣ дар асоси экстракти ҷигар ва казеин-пептон амалӣ намудем. Ба муҳити ғизоии дар биореактор буда ба ҳар 100 литр 10 литр бактерияҳои фаъоли парваришшуда ворид намудем. Тарзе ҳисоб намудем, ки зичии оптикии бактерияҳои клостридиум дар биореакторҳо ба 600 то 800×$10^6$ ҳуҷайра/$см^3$ баробар бошанд. Дар соати 2-4–уми парвариш ба реактор маҳлули глюкозаи 40% дар ҳаҷми ниҳоии 1,0% аз рӯйи вазни хушк илова намудем. Маҳлули глюкоза бо назардошти реаксияи фаъоли pH дар ҳудуди 6,8-7,2 ворид карда мешавад. Муҳлати парвариши бактерияҳои анаэробӣ дар биореакторҳо ба ҷамъшавии бактерияҳо ва ҳосилшавии токсинҳо вобаста буда, аз 14 то 27 соатро дар бар гирифт (ҷадвали 2).

***Ҷадвали 2. Натиҷаҳои парвариш ва консентратсияи клостридияҳо дар биореакторҳо***

| | Штаммҳо | Консентратсия, ×$10^9$ ҳуҷайра/$см^3$ | | Вақти парвариш, соат | pH пас аз анҷоми парвариш |
|---|---|---|---|---|---|
| | | Дар аввали парвариш | Пас анҷоми парвариш | | |
| | *C.perfringens тип B* | 0,7 | 9,3±0,2 | 16 | 7,18 |
| | *C.perfringens тип C* | 0,7 | 8,7±0,1 | 18 | 6,95 |
| | *C.perfringens тип D* | 0,8 | 12,5±0,3 | 24 | 7,10 |
| | *C.sordellii* | 0,8 | 10,1±0,5 | 24 | 6,82 |
| | *C.novyi, тип B* | 0,8 | 9,5±0,05 | 24 | 6,98 |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | *C.septicum* | 0,7 | 11,4±0,3 | 24 | 7,05 |
| | *C.chauvoei* | 0,7 | 14,5±0,5 | 27 | 7,14 |
| | *C.tetani* | 0,8 | 10,7±0,1 | 22 | 7,12 |

Натиҷаи парвариши штаммҳои истеҳсолӣ дар биореакторҳо нишон медиҳад, ки массаи бактериявӣ дар доираи 8,7±0,1 - 14,5±0,5×$10^9$ ҳуҷайра/$см^3$ қарор дошта, дараҷаи токсиннокии штаммҳо 2200±100 Dlm/$см^3$-ро ташкил медод.

Ғайрифаъолсозии суспензияҳои бактериявӣ бо илова кардани 0,3-0,5% формалин бо таркиби на камтар аз 36% формалдегид анҷом дода шуд. Пас аз ғайрифаъолсозии пурраи массаи бактериявӣ ва токсоидҳо дар гели гидроксиди алюминий то консентратсияи 15-20% адсорбсия карда шуданд.

Омодасозии силсилаи таҷрибавии ваксинаи поливалентӣ бо интихоби таносуби оптималии ҷузъҳо ва вояи самараноки штаммҳо мувофиқи қоидаҳои ҳатмии истеҳсолӣ ва дастурҳо оид ба назорати ваксинаҳои зидди клостридиози ҳайвонот амалӣ гардонида шуданд.

Ҳангоми омода намудани ваксинаи поливалентӣ таносуби оптималӣ ва мутавозини антигенҳо ва антитоксинҳои ба таркиби он дохилшуда интихоб карда шуданд: токсоидҳои *C.perfringens* навъи B - 15 МЕ/мл, *C.perfringens* навъи C - 20 МЕ/мл, *C.perfringens* навъи D - 30 МЕ/мл, *C.novyi* навъи B - 20 МЕ/мл, *C.tetani* - 10 МЕ/мл, инчунин бактерияҳои ғайрифаъолкардашудаи *C.sordellii* - 2,0×$10^9$ ҳуҷайраҳо/мл, *C.septicum* - 2,0×$10^9$ ҳуҷайраҳо/мл, *C.chauvoei* R15 - 2,5×$10^9$ ҳуҷайра/мл, ки 100% муҳофизати ҳайвоноти ваксинашударо таъмин мекунад.

Барои муайян кардани тозагӣ 5 зарфшиша ваксинаро истифода намудем. Аз ҳар як зарфшишаи ваксина намуна гирифта, дар ҳаҷми 0,2-0,3 $см^3$ ба муҳити ғизоии гӯшту пептонӣ, гӯшту агари ва агари Сабуро ворид намудем. Ба муддати 10 шабонарӯз назорат намудем. Дар давраи мушоҳида ҳама намунаҳо тоза боқӣ монданд.

Барои муайян кардани бехатарии силсилаи таҷрибавии ваксинаҳо омехтаи панҷ зарфшиша (ҳар кадомаш 10 $см^3$) истифода шудааст. Ваксина дар зери пӯст ба мушҳои сафед дар ҳаҷми 0,5 $см^3$, ба хукчаҳои баҳрӣ дар пушти бадан дар ҳаҷми 2,0 $см^3$ ворид карда шуданд. Ҳайвоноти ваксинашударо ба муддати 10 шабонарӯз назорат намудем. Дар давраи назоратӣ ҳамаи ҳайвонот зинда ва аз ҷиҳати клинникӣ солим боқӣ монданд. Дар тамоми давраи мушоҳида ҳеҷ гуна тағйироти хусусиятҳои умумии клиникӣ аз меъёри физиологӣ ба қайд гирифта нашудааст, ки ин аз бехатарии ваксинаҳои санҷидашуда ва мавҷуд набудани аксуламалҳои пас аз ваксинагузаронӣ шаҳодат медиҳад.

Барои муайян кардани фаъолияти иммуногении штаммҳои *C.perfringen*s навъҳои B, C, D, *C.novyi* навъи *B, C.tetani*, харгӯшҳо ва мушҳои сафедро истифода намудем. Самаранокии фаъолияти иммуногеннии штаммҳои *C.sordellii* ва *C.chauvoei* дар хугчаҳои баҳрӣ, фаъолияти *C. septicum*-ро мушҳои сафед санҷиш гузаронидем.

Натиҷаҳои ба даст омада нишон медиҳанд, ки ҳамаи штаммҳои таркиби ваксинаи поливалентӣ дар ҳайвоноти лаборатории иммунизатсияшуда, фаъолияти иммуногении 100%-ро нишон медиҳад. Дар натиҷаи таҳқиқ маълум гардид, ки силсилаи таҷрибавии ваксинаи поливалентӣ бар зидди клостридиози ҳайвоноти кишоварзӣ нисбат ба ҳамаи штаммҳои истифодашуда, безарар, бехатар ва иммуногенӣ мебошанд.

Дар натиқаи кори илмӣ - таҳқиқоти спектри паҳншавии навъҳои клостридиози гӯсфандон дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда шуд. Дар асоси микроорганизмҳои патогенҳои аз ҷиҳати этиологӣ муҳим ваксинаи поливалентӣ бар зидди клостридиози ҳайвонот омода карда шуд. Ваксинаи поливалентӣ дар таносуби оптималӣ ва мутавозини антигенҳо ва антитоксинҳо: токсоиди *C. perfringens* навъи B - 15 МЕ/мл, *C perfringens* навъи C - 20 МЕ/мл, *C.perfringens* навъи D - 30 МЕ/мл, *C.novyi* навъи B - 20 МЕ/мл, *C.tetani* - 10 МЕ/мл, инчунин бактерияҳои ғайрифаъолкардашудаи *C.sordellii* - 2,0×$10^9$ ҳуҷайраҳо/мл, *C.septicum* - 2,0×$10^9$ ҳуҷайраҳо/мл, *C.chauvoei* R15 - 2,5×$10^9$ ҳуҷайра/мл, омода карда шуд.

**АДАБИЁТ**

1. Девришов Д.А., Клостридиозы овец и их контроль / Д.А. Девришов, Ф.Х.Пулотов// Ветеринария. Москва, 2019. №5. – С. 27-30.
2. Девришов Д.А., Совместное культивирование вакцинных штаммов клостридий/ Д.А.Девришов, З.М.Бедоева, Ф.Х.Пулотов// Ветеринария, зоотехния и биотехнология Москва, 2019. №4. – С. 48-54.
3. Капустин А.В., Разработка метода контроля иммуногенной активности ассоциированной вакцины против клостридиозов крупного рогатого скота / А.В. Капустин, А.И. Лаишевцев, О.Д. Скляров, Н.С. Абросимова // RJOAS. – № 3(63), – 2017, – С. 170-175.
4. Пулотов Ф.Х., Совершенствование технологии изготовления поливалентной вакцины против клостридиозов животных / Ф.Х. Пулотов., Д.А. Девришов, И.А. Исматов // Проблемы биологии продуктивных животных. №1. 2020 - С. 34-43.
5. Пулотов Ф.Х., Совершенствование технологии изготовления поливалентной вакцины против клостридиозов животных / автореферат дисс. кандидат биологических наук. –Москва, – 2020. –19 с.
6. Скляров О.Д., Интерференция компонентов в поливалентной вакцине против клостридиозов крупного и мелкого рогатого скота / О.Д. Скляров, А.В. Капустин, А.И. Лаишевцев, А.М. Гулюкин. // Российский ветеринарный журнал. – 2017. – № 1. –С. 20-23.
7. Pulotov F.H. Development of polyvalent toxoid Clostridium perfringens against anaerobic enterotoxaemia in young cattle and small ruminants. E3S Web of Conferences/ 282, 04009, 2021

**ТЕХНОЛОГИЯИ ОМОДАСОЗИИ ВАКСИНАҲОИ ПОЛИВАЛЕНТӢ БАР ЗИДДИ КЛОСТРИДИОЗҲО**

Дар мақолаи илмӣ маълумотҳо оид ба пешгирии махсуси клостридиози ҳайвоноти кишоварзӣ дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон дарҷ гардидааст. Корҳои илмӣ - таҳқиқотӣ оид ба технологияи омодасозии ваксинаҳои поливалентӣ бар зидди клостридиозҳо дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронида шуда, дар асоси бактерияҳои анаэробии аз ҷиҳати этиологӣ муҳим ваксинаи поливалентӣ бар зидди клостридиози ҳайвонот омода карда шудааст. Ваксинаи поливалентӣ дар таносуби оптималӣ ва мутавозини антигенҳо ва антитоксинҳо самарнок ва бехатар мебошад.

**КАЛИДВОЖАҲО:** технологияи омодасозӣ, клостридиозҳо, ваксинаи поливалентӣ, бехатарӣ, иммуногеннӣ, самаранокӣ

**ТЕХНОЛОГИЯ ИЗГОТОВЛЕНИЯ ПОЛИВАЛЕНТНОЙ ВАКЦИНЫ ПРОТИВ КЛОСТРИДИОЗОВ**

В научной статье приведены сведения о специальной профилактике клостридиоза сельскохозяйственных животных в условиях Республики Таджикистан. В условиях Республики Таджикистан проведены научно-исследовательские работы по технологии приготовления поливалентных вакцин против клостридиоза, на основе этиологических важных анаэробных бактерий приготовлена поливалентная вакцина против клостридиоза животных. Поливалентная вакцина эффективна и безопасна при оптимальном и сбалансированном соотношении антигенов и антитоксинов.

**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА:** технология приготовления, клостридии, поливалентная вакцина, безопасность, иммуногенность, эффективность.

**TECHNOLOGY OF PREPARATION OF POLYVALENT VACCINE AGAINST CLOSTRIDIOSIS**

The scientific article contains information on the special prevention of clostridiosis in farm animals in the conditions of the Republic of Tajikistan. Scientific research works on the technology of preparation of polyvalent vaccines against clostridiosis were carried out in the conditions of the Republic of Tajikistan, and a polyvalent vaccine against clostridiosis of animals was prepared on the basis of etiologically important anaerobic bacteria. Polyvalent vaccine is effective and safe in optimal and balanced ratio of antigens and antitoxins.

**KEYWORDS:** preparation technology, clostridia, polyvalent vaccine, safety, immunogenicity, efficacy

**Маълумот дар бораи муаллифон:** ***Хусаинова Насиба Насимҷоновна*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, магистранти курси 2-юми факултети биология. **Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **+992 980 08 88 06.**
***Артикова Наргиса Қаҳорҷоновна*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, магистранти курси дуюми факултети биология. **Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **+992 989 19 04 83.** E-mail: **fariddun.pulotov@mail.ru**

**Сведения об авторах:** ***Хусаинова Насиба Насимжоновна*** – Таджикский национальный университет, магистрант 2 курса факультета биологии. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: **+992 980 08 88 06.**
***Артикова Наргиса Кахорджоновна*** – Таджикский национальный университет, магистрант 2 курса факультета биологии. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: **+992 989 19 04 83.** E-mail: **nargis-a.@mail.ru**

**Information about the authors:** ***Khusainova Nasiba Nasimjonovna*** - Tajik National University, 2-nd year master`s student of Faculty of Biology. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. Phone: +**992 980 08 88 06.**
***Artikova Nargisa Kahorjonovna*** - Tajik National University, 2-nd year master`s student of Faculty of Biology. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. Phone: **+992 989 19 04 83.** E-mail**: nargis-a.@mail.ru**

# АҲАММИЯТИ ХОҶАГӢ ВА ҲИФЗИ ТИПИ НАБОТОТИ НИМСАВАННА ДАР ДАРАИ ЛУЧОБ

***Назаров Ш. Ш., Гуландоми М.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Дар ҳудуди Тоҷикистон ва қисмати ҷанубии қаторкӯҳи Ҳисор аз сабаби тағйири антропогенӣ ҳолати гуногуннамудии олами наботот ва таркиби флора осеб ёфтааст. Аз ҳамин лиҳоз омӯзиши ҳолати экосистемаҳо ва компонентҳои алоҳидаи он мубрам мебошад. Яке аз минтақаҳое, ки аз ҷиҳати ботаникӣ баҳогузорӣ нашудааст, дараи Лучоб мебошад.

Флора ва набототи дараи Лучоб хело бой буда, дар он ҷо тақрибан 1200 намуди растаниҳои спорадору гулдор, аз ҷумла намудҳои гуногуни нафъовар зиёда аз 400 намуд растаниҳои ороишӣ, ғизоӣ, равғандиҳанда ва ғайра ба худ муҳити зист интихоб намудаанд.

Аз қадимулайём мардуми маҳалии дараи Лучоб барои муолиҷаи касалиҳои гуногун рустаниҳои алоҳидаро истифода мебурданд. Бо тараққиёти илм аз таркиби рустаниҳо ҷудо кардани моддаҳои заруриро мисли алкалоидҳо, глюкозидҳо, сапонинҳо, терпинҳо, флавонинҳо, фурикомарикҳо ва ғайраро бо гузашти айём ёд гирифта, дар амал омӯхтаанд. Дар асари худ Н.К. Еремина (1982) [5] дар натиҷаи тадқиқотҳои худ оилаҳои калоне, ки намудҳои шифобахш доранд, ҷудо намудааст ва маълумоти мухтасар пешниҳод намудааст.

Дар ҳудуди дараи Лучоб набототи алафӣ, ки доминанташон эфемер ва эфемероидҳо ва рустаниҳои нашъунамояшон дароз мебошанд, васеъ паҳн шудаанд. Пас аз беша, бешаи камдарахти ксерофитӣ рустаниҳои типи эфемерҳо ва эфемероидҳо аз рӯйи нақши доминантӣ дар дараи Лучоб мақоми дуюмро дорад.

Ин типи наботот дар дараи Лучоб дар баландиҳои аз 700 то 1200 м аз сатҳи баҳр паҳн шудааст. Дар дараи Лучоб, набототи алафӣ ба таркиби ҳамаи типҳо ворид мешавад ва чун набототи нимсаваннаҳои калоналаф, хӯшадор ва пасталаф муаррифӣ мешавад.

Таркиби ин типи наботот асосан аз намудҳою оилаҳои хӯшадорон-Gramineae соябонгулон - Umbeliferae ва лӯбиёгиҳо – Fabaceae ва ғайраҳо иборат мебошад. Аз рӯйи маълумотҳо ҳолати ин типи наботот дар водии дарёи Лучоб аз таъсири антропогенӣ то 30% осеб дидааст. Аз рӯйи омӯзиш муайян карда шуд, ки дар дараи Лучоб типҳои зерини нимсаванна паҳн шудааст:

**Типи нимсаваннаҳои калоналаф (*Megalo xerocoryphion medio asiaticum*).** Мафҳуми нимсаванна ба олим П.Н. Овчинников (1940), мансуб буда, ӯ дар ин мафҳум фаҳмиши наботот, тавсифи муайяни тартиби инкишофи онҳо, ки бо инкишофи саваннаҳои ҳақиқии минтақаи тропикӣ монандӣ доранд, муттаҳид мекунад. Дар флоросенотипи нимсаванна П.Н. Овчинников набототи ҷангалии пасткӯҳӣ ва наздикӯҳии ҳамвориҳо, ҷамоаҳои хӯшадорони калонпоя эфемероидӣ, ки пештар ба гунгуналафи хушки биёбон дахл доштанд (Культиасов, 1927), инчунин марғзорҳои ҳимолои (Е.П. Коровин, 1934) – форматсияҳои чатргулони баландпояи дар кӯҳҳо паҳншударо, ворид мекунад.

Умуман П.Н. Овчинников (1940, 1957) ҳамаи форматсияҳои типи эфемероидиро ба флоросенотипи нимсаванна дохил кардааст [8,9,10]. Ин мафҳум дар адабиётҳои ботаникии тадқиқотчиёни Осиёи Миёна васеъ истифода мешавад [8].

Нимсаваннаи кӯҳии баландалаф (Megaloxerocoryphion medio asiaticum) – флоросенотипи флораи субтропикии гармиаш муътадил ва кӯҳӣ, таркибаш дар асоси намудҳои баҳримиёназаминии қадим дар замони неоген пайдо шудааст, мешуморем.

Гурӯҳҳои намудҳои мезотермӣ, ксерофилӣ ва мезоксерофилии рустаниҳои алафии бисёрсолаи баландпояро (одатан аз рӯйи реҷаи инкишоф эфемероидӣ ва монокарпӣ) мутаҳид мекунад. Мавзеъҳое, ки бо ин ҷамоаҳо банд шудаанд, чарогоҳҳои мавсимӣ ва қисме аз онҳо алафдаравҷойҳоро ташкил медиҳанд [31].

Таҳқиқотҳои мо нишон доданд, ки аз ҷамоаҳои нимсаваннаҳои баландпояи кӯҳӣ дар ноҳия ба шакли форматсияҳои зерин: юған (*Prangos pabularia*), камол (*Ferula tadshikistanica, Ferula foetidissima*), фломис (*Phlomis bucharica*), чоқала (*Inula grandis*), хардумкаҳ ( *Hordeum bulbosum.*), ва ғайраҳо дида мешавад. Бисёр вақтҳо таркиби онҳо аз якчанд намуди як авлод иборат буда, баъзан ҷамоаҳои дудоминантаро низ ташкил медиҳанд. Далели равшани он

камолзорҳо мебошанд, ки дар минтақаи ареали худ форматсияи камоли азимҷусса ҳосил мекунанд. Дар дараи Лучоб пас аз камолзорҳо паҳншудатарин форматсия юғанзорҳо мебошад (*Prangos pabularia*). Ин типи наботот чарогоҳи тобистона ва алафдаравҷойҳо мебошад. Ҳолати ин типи наботот дар ин ҳудуд то 30% осеб дидааст. Дар зери тавсифи баъзе зертипҳо ва форматсия пешниҳод шудааст.

**Форматсияи камоли куҳистонӣ (*Ferula kuhistanica)***

Эдификатор – Ferula kuhistanica рустании бисёрсолаи монокарпии оилаи соябонгулҳо Apiaceae мебошад. Дар таносуб нисбат ба юғанзорҳо, ин форматсия дар дараи Лучоб бештар паҳн шудаанд. Фардҳои ҷудогона ва гурӯҳҳои фардҳои камол дар майдонҳои серсанг, қумзор бештар вомехӯранд, аммо дар ин ҷо онҳо фитосенозҳои ҷудогонаро ташкил карда наметавонанд. Ҳудуди паҳншавии он дар дараи Лучоб аз баландиҳои 1600 то 300 м (3200) мебошад. Камолзорҳо ҷамоаҳои типикӣ буда, дар бисёр мавридҳо онҳо ҷамоаҳои хурдро бо иштироки торониҳо (*Polygonum coriarium*), бо алафҳои гуногун ва буттаҳои *Rosa divina, Eremostachys lehmanniana, Potentilia kulabensis, Vicia kokanica* бо иштироки заранг, бушол, дулона ва багряник (*Acer turkestanicum, Crataegus pontica, Cercis griffithii, Lonicera numulariifolia*), аз растаниҳои яксола бомус, гандумак, зуф, (*Piptatherum pamiroalaicum, Poa relaxa, Agrostis canina, Nepeta podostachys*) ассосиатсия ташкил мекунад [8,9,10,11]. Гарчанде ҷамоаҳои камолзор каммаҳсул бошанд ҳам, вале онҳо намудҳое мебошанд, ки нишебиҳоро мустаҳакам мекунанд. Дар таркиби форматсияҳои камол гурӯҳи ассосиатсияҳои юған ва шибоғро ҷудо кардан мумкин аст: камол бо юған (*Ferula kuhistanica, Prangos pabularia*).

**Форматсияи чоқла (*Inula macrophylla)***

Эдификатор - Inula macrophylla рустании бисёрсолаи оилаи мураккабгулҳо Asteraceae мебошад. Дар тамоми водии дараи Лучоб чоқалазор аз (Inula macrophylla) порча-порча паҳн шудааст.

Чоқалазорҳо дар ноҳия бештар дар миёнакуҳ ва нишебиҳои куҳӣ дар баландиҳои аз 800 то 1600 м аз сатҳи баҳр, паҳн мешаванд. Бештар чоқалазорҳо бо катрон (Cartamnus) ва ҳатто чукрӣ (Rheum ) низ дар якҷояги дучор мешавад. Ҷамоаи мазкур фаъолона ба таркиби бешаи камдарахти ксерофили пистаю бодомзор ворид мешавад. Намудҳои асосии ҳамсафари чоқала дар ҳудуди дараи Лучоб рустаниҳои зерин: ҷави пиёзакдор - Hordeum bulbosum, бомаси мӯякчадор - Bromus oxiodon, эфемерҳо дар таркиби ҷорӯбаку – ғешазор мебошанд. Дар таркиби ҷамоаи ин типи наботот баъзе вақтҳо аккурай (*Psoralea drupacia, Linum corumbilosum*) ва ҷамоаи бомусу ғеша ва императа (Bromus oxiodon, Carex pachestylis, Imperata ) вомехӯранд. Ба ғайр аз ин дар дохили форматсия аз буттаҳо *Lonicera nummulariifolia, Cercis griffithii, Rosa divina)* ва аз дарахтҳо дулона ва шулаш (*Crataegus pontica, Cercis griffithii*) вомехӯранд. Дар ҳудуди ноҳия чоқалазорҳо боз бо ҷамоаи гуногуналафи пуш (*Artemisia turanica*), гуногуналафи эффемероидию - қиёқдор, юғану-пуш (*Artemisia persica, Prangos pabularia, Ziziphora pamiroalaica, Hypericum perforatum, Scorzonera acanthoclada*) ва ғайра дучор мешавад. Чоқла рустании давоӣ буда дар тиб барои муолиҷаи бемориҳои дил ва диққи нафас тавсия шудааст [12,13,14,15,16,17].

**Фарматсияи ҷави ёбоӣ (*Hordeum bulbosum)***

Эдификатор (*Hordeum bulbosum*) рустании бисёрсолаи оилаи хушадорҳо Poaceae (Graminceae) мебошад. Форматсияи ҷави ёбоии пиёзакдор (*Hordeum bulbosum*) дар тамоми Осиёи Миёна дар талу теппаҳо баландиҳо, васе паҳн шудааст. Дар шароити водии дарёи Лучоб ҷамоаҳои ин рустанӣ дар баландии аз 800 м то 1800 (2000) метр аз сатҳи баҳр, вомехӯранд. Онҳо дар заминҳои партови кӯҳна бештар паҳн гардидаанд. Ҷамоаи ҷави ёбоӣ - *Hordeum bulbosum* дар дараи Лучоб дар баландии 800-1600 м ба ҳайси содоминант ва кондоминант дар дохили пистазорҳо, шулашзорҳо, бодомзорҳо ва фаркзорҳо аз фарки регели назаррас аст. Порчаҳои на он қадар калони ин ҷамоа дар нимсаваннааи калоналафи саванноидӣ ва бешаи камдарахти ксерофитӣ низ мавҷуд мебошанд. Хусусияти характерноки ҷави ёбоӣ ин аст, ки дар муддати кӯтоҳ ҷамоаи васеи онҳо майдонҳои холиро дар ҷойи паҳншавии дарахту буттаҳо ҳамчун нимсаваннаҳои калоналаф ташкил менамояд.

**Типи нимсаваннаҳои эрону туронӣ - нимсаванаи пасталаф (*Xerocoryphion iranoturanicum*).** Ин типи наботот бори аввал аз тарафи Р. В. Камелин (1979) пешниҳод шуда, ҳамчун флоросенотипи алоҳида ва флораи кӯҳии субтропики, ки дар асоси флораи даврai

баҳримиёназаминии қадима аз замони неоген то пас аз постплейстосен пайдо шудааст, тавсиф карда шудааст [7].

Дар ҳудуди дараи Лучоб дар минтақаи поёнии нимсаваннаҳо бо *Carex pachystilisu, Poa bulbosa* нағз паҳн шудаанд. Дар натиҷаи таъсири антропогении наботот ва сухторҳо бисёр вақт дар ҷамоа гурӯҳҳои тозаи ин ҷамоа бо доминантии (*Carex pachystylis, Poa bulbosa)* назаррас аст. Мувофиқи тавсифи Р.В. Камелин (1979) ба ин форматсияҳо гуруҳҳои сериявӣ бо доминантии намудҳои ғешаю бомус бо (*Peganum harmala, Cousinia microcarpa, C. platylepis, Artemisia scopariiformis)* ва дигар намудҳо хос мебошанд [15].

**Типи эфиемеретум (*Ephemerocoryphion orientemediterraneum*)** [7]. Ба ин тип мувофиқи таснифоти Р.В. Камелина (1979) флоросенотипи флораи гармсер, ки дар асоси флораи мавзеи баҳримиёназамини қадим дар натиҷаи декумбатсияи гуруҳҳои гуногуни ҷамоаи ксерофилӣ шибляк ва нимсаванна дар давраи пас аз плейстосен ва антропоген пайдо шудааст.

Гурӯҳҳои сериявии мезотермӣ мезоксерофилии аз намудҳои яксола-форматсияи эфемери иборат буда дар таркибаш он намудҳои зерини *Taeniatherum crinitum, T. asperum, Hordeum spontaneum, Vulpia myuros, Aegilops triuncialis, A. squarrosa, Eremopyrum bonaepartis, E. orientate, Bromus scoparius, B. oxyodon,B. danthoniae, Anisantha tectorum, Strigosella turkestanica, S. Trichocarpa* иборат аст. Дар ин тип давраҳои сенозҳои полидоминантии гуногун вобаста ба фаслҳои сол ивазшавандаи намудҳо дар дохили онҳо дучор мешаванд.

**Эфемеретум (нимсаваннаҳои пасталаф).** Ин ҷамоа бо эфемеру-эфемероидҳои гуногуналаф, ки дар давраи зимистону-баҳор инкишоф меёбанд, нишон дода мешавад ва монанд аст [Г.Т. Сидаренко, 1993]. Одатан ин тип ҷамоаҳои мустақил дар ҳудудҳои васеъ, дараҳо, қуллаҳои кӯҳ ва дигар талҳои пасткӯҳ пайдо мекунанд [16]. Дар канораҳои қисми ҷанубии дараи Лучоб, майдонҳои васеъ бо нимсаваннаҳои пасталаф банд мебошанд, ки гуруҳи асосиашон аз ҷорӯбаку ғешаҳо иборат аст. Ҳамавақт дар дохили онҳо эфемерҳо аз ҷави харгуши, тимофеевка ва ғайра назаррас мебошанд [7,8].

Ҷамоаҳои аз ҳама бештар паҳншудаи ин зертип инҳо гурӯҳҳои *Poa bulbosa, Carex pachystylis*, бузгандум (*Aegilops triunsialuis*), лентоостникҳо (*Taniatherum asperum*), ғешаҳо (*Carex pachystilis*), вульпияҳо (*Vulpia ciliata*), ҷавдорҳо (*Poa bulbosa*) мебошанд. Доминантҳои асосии ин зертип аз қабили ғеша, ва ҷорубак дар баландиҳои 1800-2000 м аз намудҳои намидӯст ва ба хунуки тобовар иваз мешаванд. Асосан рустаниҳои инкишофу нумуашон кутоҳмудат мебошад.

Натиҷаҳои омӯзиши захираҳои наботот нишон дод, ки дар таркиби флораи типӣ набототи мазкур дар дараи Лучоб 400 намуд растании нафъовар мавҷуд аст. Аз ин миқдор аҳамияти шифоӣ дошта - 132 намуд, заҳрнок 45 - намуд, асаловар – 78 намуд, равғандиҳанда – 28 намуд, равғани эфирдиҳанда – 22 намуд ва ғизоӣ 95 намуд мебошад. Муайян гардид, ки миқдори зиёди онҳо дар хоҷагии халқ истифода мешаванд. Аз растаниҳое, ки ба сифати хӯроки чорво истифода мешавад намудҳои зерин аз қабили: хардумкаҳ, юған, ҷави ёбоӣ, бомус, нахутак, вулпия, малколмия, харҷав, юнучқаи ёбоӣ ва ғайраҳо ҳукмронӣ менамоянд. Омӯзиши ҳосилнокии таркиби набототи нимсаванна нишон дод, ки ҳар сол вобаста ба шароитҳои гидрометиорологӣ ва миқдори намноки ҳосилнокии алафзори типӣ набототи нимсаванна ва зертипҳои он гуногун аст. Ин алафзорҳо ҳамасола ба сифати чарогоҳҳои аввали баҳора ва тирамоҳию тобистона истифода карда мешавад. Аз рӯйи маълумотҳои илмии Синковский (1989) ҳосилнокии алафзори ин типи наботот аз 2 то 25 (35) с/га мебошад. Боз қайд кардан зарур аст, ки нимсаваннаҳо дар дараи Лучоб боз ба сифати алафдарав низ истифода бурда мешаванд.

Ҳамасола дар дохили ин типӣ наботот зиёда аз 10-12 ҳазор чорво мечарад ва боиси таназул ёфтани таркиби он гардидааст. барои барқарор намудани он чораҳои ҳифз ва барқарор намудани онҳо зарур аст.

Набототи дараи Лучоб низ яке аз мавзеҳои беҳтарин ба сифати чарогоҳи тобистона истифода бурда мешаванд. Дар ин ҷо 12 % чорвои калони шохдор, асп, бузу гусфанди хоҷагиҳои деҳоти ноҳияи Варзоб, чаронда мешаванд. Ин типи наботот, асосан нимсаванна минтақаҳои алафдаравҷойҳо ё чарогоҳҳо истифода бурда мешаванд.

Бештар аз ҷиҳати хоҷагӣ қиматнок таркибашон аз юғану хардума иборат мебошанд, таркиби гуногуннамудии онҳо то ба 30-40 намуд мерасад, ҳолати намудҳо муташанниҷ

шудааст. Маҳсулнокии алафзораш аз 5 то 25 с/га. Нимсаванаи пасталаф ки дар доманаи кӯҳҳо мавҷуд ҳамчун чарогоҳ тирамоҳ аввали баҳор истифода бурда мешаванд, аммо сифати хӯрокии онҳо нисбатан паст аст. Ин чарогоҳи беҳтарин барои чорвои хурд ва калони шохдор мебошанд.

Дар таркиби ин тип хусусан намудҳои қимматноки аз таркиби флора қабили; *Glycyrrhiza glabra, Hypericum perforatum, Inula helenium, Equisetum arvense, Taraxacum officinale, Urtica dioica, Tanacetum vulgare* ва ғайра дар дорухонаҳо барои аҳолӣ ба сифати даво пешниҳод шудааст. Барои тайёр намудани захираи ашиёи доруворӣ дорувори миқдори ками намудҳо ба монанди *Hypericum perforatum, Origanum tyttanthum* ва ғайра истифода бурда мешаванд.

Дар хулоса қайд карданиам, ки дар таркиби типи нимсаваннаи дараи Лучоб зиёда аз 450 намуд растаниҳо мавҷуд мебошад. Аз ин миқдор 50% растаниҳои хӯроки чорво 20% растаниҳои равғани эфирдиҳанда, 15% растаниҳои оройишӣ мебошад.

### АДАБИЁТ


1. Бабушкин, Л.Н. К вопросу агроклиматического районирования республик Средней Азии [Текст] / Л.Н.Бабушкин / /Тр. Ташкент: Гос. ун-та, нов. сер., 1961, Вып. 86, географ.науки, кн.22. – С.5-26.
2. Бурачек, А.Р. Геоморфология Южно-Таджикской депрессии [Текст] /А.Р. Бурачек // Таджикская комплексная Экспедиция 1932 г. Труды экспедиции, 1934, Вып.IV. – С.15-26.
3. Владимирова, В.Н. Типы климатов [Текст] / В.Н.Владимирова // Атлас Таджикской ССР Душанбе. – М.: ГУГК при СМ СССР, 1968. – С.53-55;
4. Гончаров, Н.Ф. Очерк растительности Центрального Таджикистана [Текст] / Н.Ф.Гончаров М.-Л., Изд-во АН СССР, 1936. – С.9-229.
5. Еремина, Н.К. Основные дикорастущие полезные растения Таджикистана [Текст] / Н.К.Еремина,- Душанбе, Изд-во «Дониш», 1983. – С.14.
6. Камелин, Р.В. Флористический анализ естественной флоры Горной Средней Азии [Текст] / Р.В. Камелин // Л., Изд-во «Наука», 1973. – С.27-344.
7. Камелин, Р.В. Кухистанский округ Горной средней Азии. Ботанико-географический анализ [Текст] / Р.В. Камелин // Ко маровские чтения. – Л., Изд-во «Наука», 1979, №XXXI. – С.17.
8. Липский, В.И. Флора Средней Азии, т.е. Русского Туркестана и ханств Бухары и Хивы [Текст] / Липский В.И. // – СПБ., 1902-1905.- Ч.1-3. – 10-300 с.
9. Нуралиев, Ю.Н. Лекарственные растения. Целебные свойства фруктов и овощей [Текст] / Ю.Н.Нуралиев // – Душанбе, Изд-во «Маориф», 1988. – С.279.
10. Овчинников, П.Н. К истории растительности юга Средней Азии [Текст] / П.Н.Овчинников // Сов, бот. 1940, №3. – С.23-48.
11. Овчинников, П.Н. Растительность. Атлас Таджикской ССР. [Текст] / П.Н.Овчинников, К.В.Станюкович – Душанбе-Москва: ГУГК при СМ СССР, 1968. – С.101-105.
12. Серебряков, И.Г., Жизненный формы высших растеный и их изучение [Текст] / И.Г. Серебряков // «Полевая геоботаника». Т. 3. – М. – Л.: Наука, 1964. – 145.210
13. Сатторов, Р.Б. Растительность Каратегинского хребта и вопросы ее картографирования на основе материалов космических съемок [Текст] / Р.Б. Сатторов // Авт. дисс. канд. биол. наук. – Душанбе, 1995. – 24 с.
14. Сафаров, Н.М. Кладовая солнца [Текст] / Н.М. Сафаров // Орбиты поиска. – Душанбе, Изд-во, Ирфон, 1988. – С.104-116.
15. Сафаров Н.М. Ландшафтно-фитоценологические особенности центрального Памиро-Алая [Текст] / Н.М.Сафаров // Вестник педагогического университета- Душанбе,-2018. №1.(1).- С.149-158.
16. Сидоренко, Г.Т. Пастбищно-геоботанические районы Таджикистана. Южно-Таджикистанский район [Текст] / Г.Т.Сидоренко // Пастбища и сенокосы Таджикистана. – Душанбе, Изд-во «Дониш», 1977. – С.242-245.
17. Станюкович, К.В. Растительность [Текст] / К.В. Станюкович // Таджикистана –Природа природные ресурсы, 1982. – С.258-434.
18. Хоҷиматов, М. Дикорастущие лекарственные растения Таджикистана [Текст] / М. Хоҷиматов // Душанбе, Маориф, 1989. – С.288-290.
19. Кароматуллои К. Анализ флоры бассейна реки Ширкент [Текст] / К. Курбонали, Р.Б. Сатторов // “Кишоварз”. Душанбе – 2019. - №1(81).- С. 54-57.
20. Кароматуллои Қ. Растаниҳои нафъовари дараи Ширкент [Текст] / К. Қурбонали // “Илм ва фановарӣ”. Душанбе – 2019. - №1. - С. 115-119.


### АҲАММИЯТИ ХОҶАГӢ ВА ҲИФЗИ ТИПИ НАБОТОТИ НИМСАВАННА ДАР ДАРАИ ЛУЧОБ


Дар мақолаи мазкур натиҷаи таҳлили муаллифон ва ташхиси адабиётҳои илмӣ оид ба аҳаммияти хоҷагӣ ва ҳифзи типи набототи нимсаванна дар дараи Лучоб маълумотҳо пешниҳод гардидааст. Натиҷаҳои омӯзиши захираҳои наботот нишон дод, ки дар таркиби флораи типӣ набототи мазкур дар дараи Лучоб 400 намуд растании нафъовар мавҷуд аст. Аз ин миқдор аҳамияти шифоӣ дошта - 132 намуд, заҳрнок 45 - намуд, асаловар

– 78 намуд, равғандиҳанда – 28 намуд, равғани эфирдиҳанда – 22 намуд ва ғизоӣ 95 намуд мебошад. Муайян гардид, ки миқдори зиёди онҳо дар хоҷагии халқ истифода мешаванд.
**КАЛИДВОЖАҲО:** нимсаванна, форматсия, ассотсиатсия, эфемер, эфемероид.

**ХОЗЯЙСТВЕННОЕ ЗНАЧЕНИЕ И ОХРАНА ПОЛУСАВАННЫХ ТИПОВ РАСТИТЕЛЬНОСТИ ДОЛИНЫ ЛУЧОБ**

В данной статье представлены результаты анализа авторов и оценки научной литературы по хозяйственному значению и охране полусаванных типов растительности долины Лучоб. Результаты изучения растительных ресурсов показали, что в составе типичной флоры этого растения Лучобской долины насчитывается 400 видов полезных растений. Из них 132 вида имеют лечебное значение, 45 ядовитых, 78 медоносных, 28 масличных, 22 эфиромасличных, 95 съедобных. Установлено, что большое их количество используется в народном хозяйстве.
**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА:** полусаванны, формация, ассоциация, эфемериды, эфемероиды.

**ECONOMIC SIGNIFICANCE AND PROTECTION OF SEMI-SAVED VEGETATION TYPES IN THE LUCHOB VALLEY**

This article presents the results of the authors' analysis and assessment of scientific literature on the economic importance and protection of semi-savanna vegetation types in the Luchob valley. The results of the study of plant resources showed that the typical flora of this plant in the Luchobskaya Valley includes 400 species of useful plants. Of these, 132 species have medicinal value, 45 poisonous, 78 honey, 28 oil, 22 essential oil, 95 edible. It has been established that a large number of them are used in the national economy.
**KEYWORDS:** semi-savannas, formation, association, ephemerides, ephemeroids.

**Маълумот дар бораи муаллифон:** ***Назаров Шухрат Шералиевич*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, Ph.D. **Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **981014464.**
***Гуландоми Маҷид* -** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, магистранти курси дуюми факултети биология. **Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **501003637, 904449497.**

**Сведения об авторах:** ***Назаров Шухрат Шералиевич*** – Таджикский национальный университет, Ph.D. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: **981014464.**
***Гуландоми Маджид*** – Таджикский национальный университет, магистрант второго курса факультета биологии. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: **501003637, 904449497.**

**Information about the authors:** ***Nazarov Shuhrat Sheralievich*** – Tajik National University, Ph.D. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. Phone: **981014464.**
***Gulandomi Majid*** – Tajik National University, second-year master`s student of Faculty of Biology. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. Phone: **501003637, 904449497.**

# МАТЕМАТИКА ВА ФИЗИКА – МАТЕМАТИКА И ФИЗИКА

## СОХТАНИ АСОСҲОИ ҲИСОБИ ОПЕРАТСИОНИИ НАВ

*Зарифзода С.Қ., Каримов Ю.*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Ҳангоми омӯзиши муодилаҳои дифференсиалии таназзулёбанда, зарурати омӯзиши муодилаҳои дифференсиалии оддии таназзулёбанда ба вуҷуд меояд. Яке аз муодилаҳои дифференсиалии оддии таназзулёбандаи классикӣ ин муодилаи Эйлер

$$x^n y^{(n)}(x) + A_0 x^{n-1} y^{(n-1)}(x) + \cdots + A_{n-1} x y'(x) + A_n y(x) = f(x), (1)$$

мебошад, ки он бо осонӣ бо ёрии оператори дифференсиалии $D_1 = x\frac{d}{dx}$ сохта мешавад. Маълум аст, ки оператори $D_1$ умумигардонии оператори дифференсиалии оддии $D_0 = \frac{d}{dx}$ мебошад. Дар солҳои охир ҳам дар адабиётҳои хориҷӣ ва ҳам дар адабиётҳои ватанӣ диққати махсус ба тадқиқи модификатсия ва умумигардониҳои гуногуни муодилаи (1) равона карда шудааст. Аз адабиётҳои гуногуни ба ин соҳа бахшидашуда, танҳо иқтибосҳои зеринро меорем [1]-[18].

Яке аз роҳҳои умумигардонии муодилаи (1) ин бо ёрии оператори дунуқтагии $D_x^{11} = x(1-x)\frac{d}{dx}$ амалӣ карда мешавад.

Қайд менамоем, ки дар инкишофи назарияи муодилаҳои дифференсиалии оддӣ бо операторҳои дифференсиалии $D_x^{11}$ ва $D_x^{\alpha}$ саҳми арзандаи худро олими тоҷик Н. Раҷабов гузоштааст. Ба сифати натиҷаҳои муҳимми илмии Н. Раҷабов, ки ба ин самт бахшида шудааст, тадқиқотҳои оид ба муодилаҳои дифференсиалии оддии таназзулёбанда ва системаи чунин муодилаҳо бадастовардаи ӯро дохил намудан мумкин аст [2]-[12]. Махсусан синфи нави муодилаҳои интегралӣ бо ядроҳои махсусияташон баландро, ки Н. Раҷабов дохил намудааст, ҷудо намудан мумкин аст. Инчунин, ӯ дар корҳои якҷояаш бо Л.Н. Раҷабова муодилаҳои интегралии дученака ва дар баъзе мавридҳо бисёрченака бо ядроҳои махсус ва махсусияташон баландро, дохил намуда, тадқиқ намудаанд. Дар асоси методи дохилнамудаи онҳо барои омӯзиши муодилаҳои интегралии ядроҳояшон махсус, имконияти омӯзиши синфи нави муодилаҳои интегро-дифференсиалӣ, дар корҳои Зарифзода С.Қ. [15]-[18] ба вуҷуд омад.

**Сохтани асосҳои ҳисоби оператсионӣ барои оператори дифференсиалии $D_x^{11}$.** Яке аз методҳои муосири тадқиқи муодилаҳои дифференсиалӣ, интегралӣ ва интегро-дифференсиалӣ ин методи табдилоти интегралӣ мебошад.

Тадқиқотҳои гузаронидашуда нишон медиҳанд, ки барои оператори дифференсиалии $D_x^{11} = x(1-x)\frac{d}{dx}$, ки махсусияти дараҷаи якумро дар ду нуқтаҳои $x = 0$ ва $x = 1$ дорад, табдилоти интегралии мувофиқ то замони муосир дар намуди пурра сохта нашудааст ва бинобар ин масъалаҳои зиёд аз соҳаи муодилаҳои дифференсиалӣ ва интегралии бо ин оператор алоқаманд низ тадқиқ карда нашудаанд. Асосҳои табдилоти интегралии нав, ки ба оператори дифференсиалии $D_x^{11}$ мувофиқ меояд, дар ин кор месозем.

**Таърифи 1.** *$S_{11}$ – табдилоти интегралии дутарафаи функсияи тағйирёбандааш ҳақиқии $f(x)$ гуфта, функсияи тағйирёбандааш комплексии $S_{11}(p)$ – ро меноманд, ки аз рӯйи формулаи*

$$S_{11}(p) = \int_0^1 \left(\frac{x}{1-x}\right)^p f(x) \frac{dx}{x(1-x)}, (1)$$

*муайян карда мешавад..*

**Таърифи 2.** *$S_{11}$ – табдилоти интегралии баръакси функсияи тағйирёбандааш комплексии $S_{11}(p)$ гуфта, функсияи тағйирёбандааш ҳақиқии $f(x)$ – ро меноманд, ки аз рӯйи формулаи*

$$f(x)=\frac{1}{2\pi i}\int\limits_{\gamma-i\infty}^{\gamma+i\infty}\left(\frac{x}{1-x}\right)^{-p}S_{11}(p)dp \quad (2)$$

*муайян карда мешавад.*

Барои ифодаи $\mathrm{S}_{11}$ – табдилоти интегралии функсияи $f(x)$ дар оянда навишти кӯтоҳи зеринро истифода мебарем:

$$S_{11}(p)=\mathrm{S}_{11}\{f(x)\}=\mathrm{S}_{11}[f(x)](p).$$

Бо осонӣ нишон додан мумкин аст, ки агар функсияи $f(x)$ шарти

$$|f(x)|\le\begin{cases}c_1\left(\frac{x}{1-x}\right)^{-\alpha}, \text{агар } x\in\left(0,\frac{1}{2}\right),\\ c_2\left(\frac{x}{1-x}\right)^{-\beta}, \text{агар } x\in\left(\frac{1}{2},1\right).\end{cases} \quad (3)$$

-ро намояд, пас интеграл дар тарафи рости (1) мутлақ наздикшаванда мешавад.

$S_{11}$ – табдилоти интегралиро дар намуди суммаи ду табдилотҳо – табдилотҳои чап ва рост тасвир намудан мумкин аст, яъне

$$F(p)=F^{+}(p)+F^{-}(p),$$

ё ин ки

$$\mathrm{S}_{11}[f(x)](p)=\mathrm{S}_{11}^{-}[f(x)](p)+\mathrm{S}_{11}^{+}[f(x)](p),$$

ки дар ин ҷо

$$\mathrm{S}_{11}^{-}[f(x)](p)=\int\limits_{0}^{\frac{1}{2}}\left(\frac{x}{1-x}\right)^{p}f(x)\frac{dx}{x(1-x)} \quad (4)$$

ва

$$\mathrm{S}_{11}^{+}[f(x)](p)=\int\limits_{\frac{1}{2}}^{1}\left(\frac{x}{1-x}\right)^{p}f(x)\frac{dx}{x(1-x)}. \quad (5)$$

Дар ин маврид, агар сухан дар бораи $\mathrm{S}_{11}^{-}$ – табдилоти интегралии чаппаи функсияи $f(x)$ равад, пас ба назар гирифта мешавад, ки ин функсия шарти зеринро қаноат менамояд

$$|f(x)|\le\begin{cases}c_1\left(\frac{x}{1-x}\right)^{-\alpha}, \text{агар } x\in\left(0,\frac{1}{2}\right),\\ 0, \text{агар } x\notin\left(0,\frac{1}{2}\right),\end{cases} \quad (6)$$

ва агар сухан дар бораи $\mathrm{S}_{11}^{+}$ – табдилоти интегралии ростаи функсияи $f(x)$ равад, пас ин функсия шарти зеринро қаноат менамояд

$$|f(x)| \le \begin{cases} 0, \text{агар } x \notin \left(\frac{1}{2}, 1\right), \\ c_2 \left(\frac{x}{1-x}\right)^{-\beta}, \text{агар } x \in \left(\frac{1}{2}, 1\right). \end{cases} \quad (7)$$

**Хосият ва теоремаҳои асосии $S_{11}^{-}$ – табдилоти интегралии чаппа.** Фарз мекунем, ки дар баёни ояндаамон функсияи $f(x)$ ҳамеша шарти (6) – ро бо нишондиҳандаи $\alpha$ қаноат менамояд. Хосиятҳои асосии $S_{11}^{-}$-табдилоти интегралиро дар намуди теоремаҳои зерин меорем:

**Теоремаи 1. (Хосияти хаттинокӣ).** *Агар $f_1(x) := S_{11}^{1,-}(p), f_2(x) := S_{11}^{2,-}(p)$, пас барои ихтиёрӣ $a, b \in R$ дорем:*

$$af_1(x) \pm bf_2(x) := aS_{11}^{1,-}(p) \pm bS_{11}^{2,-}(p),$$

*ки дар ин ҷо $Re\, p = \gamma > max\{\alpha_0^1, \alpha_0^2\}, \alpha_0^1, \alpha_0^2$ - нишондиҳандаҳои дараҷаи афзоиши функсияҳои $f_1(x)$ ва $f_2(x)$ дар интервали $\left(0, \frac{1}{2}\right)$ мебошанд.*

**Теоремаи 2. (Теоремаи монандӣ).** *Агар $f(x) := S_{11}^{-}(p)$ ва $a > 0$, бошад, пас ҳангоми $Re\, \frac{p}{a} > \alpha$ будан формулаи зерин ҷой дорад*

$$f(ax) := \frac{1}{a} S_{11}^{-}\left(\frac{p}{a}\right).$$

**Теоремаи 3. (Теоремаи омехташавӣ).** *Агар $f(x) := S_{11}^{-}$ ва $a$ – адади ихтиёрии ҳақиқӣ ё комплексӣ бошад, пас*

$$\left(\frac{x}{1-x}\right)^{-a} f(x) := S_{11}^{-}(p-a),$$

*ҳангоми $Re(p-a) > \alpha$ мешавад.*

**Теоремаи 4. (Теоремаи дифференсиаронидани асл).** *Агар $f(x) := S_{11}^{-}(p)$ ва $D_x^{11} f(x)$ – асл бошад, пас*

$$D_x^{11} f(x) := -pS_{11}^{-}(p) + f\left(\frac{1}{2}\right)$$

мешавад.

**Теоремаи 5. (Теорема дар бораи интегронидани асл).** *Агар $f(x) := S_{11}^{-}(p)$ ва $Re\, p > \alpha >$ 0 бошад, пас*

$$\int_x^{\frac{1}{2}} f(t) \frac{dt}{t(1-t)} := \frac{S_{11}^{-}(p)}{p}.$$

**Теоремаи 6. (Теорема дар бораи дифференсиаронидани инъикос).** *Агар $f(x) := S_{11}^{-}(p)$ бошад, пас*

$$\ln \frac{x}{1-x} f(x) := \frac{d}{dp} S_{11}^{-}(p).$$

**Таърифи 3.** *Тобхурии мураккаби чапи ду функсияҳои $f_1^*\left(\frac{x}{1-x}\right)$ ва $f_2^*\left(\frac{x}{1-x}\right)$ гуфта, функсияи $h^*\left(\frac{x}{1-x}\right)$ – ро меноманд, ки аз рӯйи баробарии зерин муайян карда мешавад*

$$h^*\left(\frac{x}{1-x}\right)=\int_x^{\frac{1}{2}} f_1^*\left(\frac{t}{1-t}\right)f_2^*\left(\frac{x}{1-x}\cdot\frac{1-t}{t}\right)\frac{dt}{t(1-t)}=$$

$$=\int_x^{\frac{1}{2}} f_1^*\left(\frac{x}{1-x}\cdot\frac{1-t}{t}\right)f_2^*\left(\frac{t}{1-t}\right)\frac{dt}{t(1-t)}$$

*ва онро чунин ишорат мекунанд* $(f_1^* * f_2^*)^-\left(\frac{x}{1-x}\right)$.

**Теоремаи 7. (Теорема дар бораи тобхурии мураккаб).** *Агар* $f_1^*\left(\frac{x}{1-x}\right):=S_{11}^{1,-}(p)$ *ва* $f_2^*\left(\frac{x}{1-x}\right):=S_{11}^{2,-}(p)$ *бошад, пас*

$$h^*\left(\frac{x}{1-x}\right)=\int_x^{\frac{1}{2}} f_1^*\left(\frac{t}{1-t}\right)f_2^*\left(\frac{x}{1-x}\cdot\frac{1-t}{t}\right)\frac{dt}{t(1-t)}:=S_{11}^{1,-}(p)S_{11}^{2,-}(p)$$

*мешавад, ки дар ин ҷо* $Rep=\gamma>max\{\alpha_0^1,\alpha_0^2\}$ *мешавад.*

**Теоремаи 8.** *Агар* $f_1^*\left(\frac{x}{1-x}\right):=S_{11}^{1,-}(p)$ *ва* $f_2^*\left(\frac{x}{1-x}\right):=S_{11}^{2,-}(p)$ *бошад, пас* $S_{11}^{-}$*- табдилоти баръакс аз ҳосили зарби оддии функсияҳои* $S_{11}^{1,-}(p)$ *ва* $S_{11}^{2,-}(p)$ *дар фазои инъикосҳо ба тобхурии мураккаби функсия-аслҳои ин функсияҳо дар фазои аслҳо баробар аст, яъне*

$$(S_{11}^{-})^{-1}\{S_{11}^{1,-}(p)S_{11}^{2,-}(p)\}=(S_{11}^{-})^{-1}[S_{11}^{1,-}(p)S_{11}^{2,-}(p)]\left(\frac{x}{1-x}\right)==(f_1^* * f_2^*)^-\left(\frac{x}{1-x}\right),$$

*ки дар ин ҷо* $\mathrm{Re}p=\gamma>\max\{\alpha_0^1,\alpha_0^2\}$ *мебошад.*

**Теоремаи 9.** *Агар* $f_1^*\left(\frac{x}{1-x}\right):=S_{11}^{1,-}(p)$ *ва* $f_2^*\left(\frac{x}{1-x}\right):=S_{11}^{2,-}(p)$*, пас*

$$f_1^*\left(\frac{x}{1-x}\right)f_2^*\left(\frac{x}{1-x}\right):=\left(S_{11}^{1,-} * S_{11}^{2,-}\right)(p),$$

*мешавад, ки дар ин ҷо* $\mathrm{Re}(p-r)=\max\{\alpha_0^1,\alpha_0^2\}$ *аст.*

**Теоремаи 10.** *Агари* $f_1(x):=S_{11}^{1,-}(P)$ *ва* $f_2(x):=S_{11}^{2,-}(P)$ *бошад, пас*

$$H(p)=(S_{11}^1 * S_{11}^2)(p):=f_1(x)\cdot f_2(x).$$

## АДАБИЁТ


1. Михайлов Л.Г. Об одном способе исследования систем обыкновенных дифференциальных уравнений с сингулярными точками [Текст] // ДАН России. – 1994. – Т. 336, №1. – С. 21-23.
2. Раджабов Н. Интегральные представления и граничные задачи для некоторых дифференциальных уравнений с сингулярной линией или сингулярными поверхностями [Текст] / Н. Раджабов. – Душанбе. – 1985.
3. Раджабов Н. К теории линейных эллиптических систем второго порядка, для которых вся граница является сингулярной линией [Текст] / N. Rajabov // Математический вестник (Third international symposium-complex analysis and applications). Herceg-Novi, Yugoslavia. – 40(1988). – pp. 301-307.
4. Раджабова Л.Н. Некоторые случаи для одного класса линейных уравнений третьего порядка с сингулярной точкой [Текст] / Л.Н. Раджабова // ДАН Республики Таджикистан. – Душанбе. – 1999. – Т. 17, №4. – С. 41 – 49.

Репин О.А. Краевые задачи со смещением для уравнений гиперболического и смешанного типов [Текст] / О.А. Репин. –Самара. – 1992.

5. Раджабов Н. К теории обыкновенных дифференциальных уравнений со сверхсингулярной точкой [Текст] / Н. Раджабов, В.В. Шевчук // ДАН Тадж. ССР. – 1989. – Т. 32, №8. – С. 506-510.
6. Раджабов Н. К теории одного класса системы двух обыкновенных дифференциальных уравнений первого порядка с одной сингулярной точкой [Текст] / Н. Раджабов, С.С. Ходжаев // Международная конференция «Дифференциальные уравнения с сингулярными коэффициентами». – Душанбе. – 1996. – С. 74.
7. Rajabov N. Higher ordinary differential equation with super-singular points [Текст] / N. Rajabov // Abstract ISAAC Congress. University of Delaware. – New York, USA. – 1997.
8. Rajabov N. Linear conjugate boundary value problems for the first order ordinary system of linear differential equation with singular and super-singular coefficients [Текст] / N. Rajabov // Proceeding of the Second ISAAC Congress. Kluwer Academic Publishing. – 2000. – pp. 175-183.
9. Раджабов Н. Интегральные уравнения типа Вольтера с фиксированными граничными и внутренними сингулярными ядрами и их приложения [Текст] / Н. Раджабов. –Душанбе. – 2007. – 222 с.

10. Раджабов Н. Интегральные представления многообразия решений для одного класса обобщённого интегрального уравнения Вольтерра с двумя граничными сингулярными точками [Текст] / Н. Раджабов, С. Саидов // Доклады АН РТ. – 2015. – Т. 58, №4. –с.267-272.
11. Раджабова Л.Н. Исследование одного класса двумерного интегрального уравнения с фиксированными сингулярными ядрами, связанное с гиперболическими уравнением [Текст] / Н. Раджабов, Л.Н. Раджабова // ДАН России. – 2003. – Т. 391, №1. – С. 20 – 22.
12. Раджабова Л.Н. К теории одного класса двумерного немодельного интегрального уравнения Вольтеровского типа со сверхсингулярными граничными линиями в ядрах [Текст] / Н. Раджабов, Л.Н. Раджабова // ДАН России. – 2005. – Т. 400, №5. – С. 602-605.
13. Усманов З.Д. К задаче сопряжения обобщенных аналитических функций с неподвижной особой точкой [Текст] / З.Д. Усманов // ДАН Тадж. ССР. – 1972. – Т. XV, №6. – С. 13-17.
14. Weinstein A. Discontinuous integrals and generalized theory of potential [Текст] / A. Weinstein // Trans. Am. Math. Soc. – 1948. – 63, № 2. – pp. 342–354.
Carroll R.W. Singular and Degenerate Cauchy Problems [Текст] / R.W. Carroll, R.E. Showalter. – Academic Press, New York, San Francisco, London. – 1976. – 333p.
15. Зарипов С.К. Об одном классе модельного интегро-дифференциального уравнения с одной сингулярной точкой в ядре [Текст] / С.К. Зарипов //Вестник Таджикского национального университета. – 2015. – №1/4 (168). – С. 54-57.
16. Зарипов С.К. Исследование устойчивости решения одного класса линейного дифференциального уравнения второго порядка с сингулярным коэффициентом [Текст] / С.К. Зарипов //Вестник Таджикского национального университета. – 2015. – №1/4 (168). – С. 28-36.
17. Zarifzoda S.K. Mellin Transform and Integro-Differential Equations with Logarithmic Singularity in the Kernel [Текст] / T. K. Yuldashev, S.K. Zarifzoda // Lobachevskii Journal of Mathematics. – 2020. – Vol. 41, No. 9. – pp. 1910–1917.
18. Зарипов С.К. Об одном классе немодельного интегро-дифференциального уравнения первого порядка с одной сингулярной точкой в ядре [Текст] / С.К. Зарипов // Материалы республиканской научной конференции «Неклассические дифференциальные и интегральные уравнения и их приложения» посвященной 3000-летию Гиссара и 50-летию механико-математического факультета (25-26 сентября 2015г.). – Душанбе. – 2015. – С. 36-39.

## СОХТАНИ АСОСҲОИ ҲИСОБИ ОПЕРАТСИОНИИ НАВ

Дар ин мақола асосҳои ҳисоби оператсионии нав барои оператори дифференсиалии ду нуқтаи махсус доштаи $D_x^{11}$ сохта шудааст. Мафҳуми $S_{11}$ – табдилоти интегралӣ дохил карда шуда, хосиятҳои асосии ин табдилоти интегралӣ омӯхта шудааст.

**КАЛИДВОЖАҲО:** Табдилоти интегралӣ, оператори дифференсиалии махсус, теоремаҳои асосии ҳисоби оператсионӣ.

## ПОСТРОЕНИЕ ОСНОВ НОВОГО ОПЕРАЦИОННОГО ИСЧИСЛЕНИЯ

В этой статье построена основ нового операционного исчисления для особого двухточечного дифференциального оператора $D_x^{11}$. Введено понятия $S_{11}$ – интегрального преобразования и изучена основные свойства этого интигрального преобразования.

**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА.** Интегральное преобразование, особый дифференциальный оператор, основные теоремы операционного исчисления.

## CONSTRUCTION OF THE FOUNDATIONS OF A NEW OPERATIONAL CALCULUS

In this article, the foundations of a new operational calculus for a special two-pointed differential operator $D_x^{11}$ are built. The concept of $S_{11}$ - integral transformation is introduced and the main properties of this integral transformation are studied.

**KEYWORDS.** Integral transformation, special differential operator, basic theorems of operational calculus.

**Маълумот дар бораи муаллифон**: ***Зарифзода Сарвар Қаҳрамон*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои физика ва математика, дотсент, мудири кафедраи математикаи ҳисоббарорӣ ва механика. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **(+992) 985- 61- 91- 83.** E - mail: **sarvar8383@ list.ru**
***Каримов Юсуф*** **–** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, магистранти курси дуюми ихтисоси математикаи амалӣ. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **107777737.**

**Сведения об авторах:** ***Зарифзода Сарвар Кахрамон*** – Таджикский национальный университет, кандидат физико – математических наук, доцент, заведующий кафедрой вычислительной математики и механики. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: **(+992) 985- 61- 91- 83.** E - mail: **sarvar8383@ list.ru**
***Каримов Юсуф*** – Таджикский национальный университет, магистрант второго курса по специальности прикладной математики. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, просспект Рудаки, 17. Телефон: **107777737.**

**Information about the authors:** ***Zarifzoda Sarvar Kahramon*** – Tajik National University, Candidate of Physical and Mathematical Sciences, Associate Professor, Head of the Department of Computational mathematics and Mechanics. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki prospect, 17. Phone: **(+992) 985-61-91-83.** E -mail: **sarvar8383@ list.ru**
***Karimov Yusuf*** **–** Tajik National University, second-year master`s student in Applied Mathematics. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. Phone: **107777737.**

**УДК 519.85**

# УСУЛҲОИ ИНТИХОБИ ПАРАМЕТРҲО ДАР ВОБАСТАГИҲОИ ЭМПИРИКӢ

***Фахриддинов З.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

